ISSN 2413-516X

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

П А Ё М И
ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
(маҷаллаи илмӣ)

БАХШИ ФИЛОЛОГӢ

4/5 (143)

В Е С Т Н И К
ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
(научный журнал)

СЕРИЯ ФИЛОЛОГИЯ

ДУШАНБЕ: «СИНО»
2014

ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
ТАДЖИКСКИЙ НАЦИОНАЛЬНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ

МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ СОЛИ 1990 ТАЪСИС ЁФТААСТ.
НАУЧНЫЙ ЖУРНАЛ ОСНОВАН В 1990 ГОДУ.

Ҳайати таҳририя:
Редакционная коллегия:

Имомов М.С. – гл. редактор, доктор филологических наук, профессор
Сафаров Б.А. – зам. гл. редактора, кандидат юридических наук, доцент
Абдулазизов В.- зам.гл.редактора, кандидат филологических наук, доцент

Аъзои ҳайати таҳририя:
Члены редколлегии:

Кучаров А.- доктор филологических наук, профессор
Муроди М.- доктор филологических наук, профессор
Нагзибекова М. - доктор филологических наук, профессор
Ходжаев Д.- доктор филологических наук, профессор
Шарипов Х. - доктор филологических наук, профессор

Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.
Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, 2014
Вестник Таджикского национального университета, 2014

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ШОИРОНА ДАР ОСОРИ ШОИРОНИ ҒАЗАЛСАРОИ АСРҲОИ XII-XIV

М. Саломов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Воҳидҳои фразеологӣ яке аз муҳимтарин бахшҳои боғановати ҳар як забон ба шумор мераванд, ки бо тобишҳои маъноии ҷаззоб ва ифодаи нотакрору муассири худ барои соҳибони забон ва махсусан, аҳли эҷод нақши боризе доранд. Ин воҳиди маъноӣ бо хусусиятҳои вижаи худ чун манбаи бунёду пайдоиш, сохтори морфологию синтаксисӣ, ҷанбаҳои услубию фардӣ бо воҳидҳои дигари лингвистӣ умумияту робита ва фарқият дорад. Ба таъбири дигар, воҳидҳои фразеологӣ дар асоси муносибатҳои лексикию семантикии вожаҳо ва қонуниятҳои муайяни морфологию синтаксисӣ бунёд меёбанд. Вале дар натиҷаи бархӯрд бо равандҳои инкишофи таърихии ҷамъият, арзишҳои забонию фарҳангӣ низ ба тағйироту дигаргуниҳо бархӯрд менамоянд, ки муҳимтарин ҷанбаҳои он дар осори хаттию шифоҳӣ инъикоси худро меёбанд. Яъне раванди инкишофи ҷомеа ҳамеша дар воҳидҳои забонӣ таҷассум меёбад. Калима ҳамчун воҳиди луғавӣ ифодагари номи ашёву ҳодисаҳо ва ҳама гуна зуҳурот буда, тавассути он афкори ҷамъиятӣ инъикоси худро дар раванди таърих пайдо менамояд.

Албатта, агар мо ба раванди таърихии инкишофи забони башарият бо дидаи таҳқиқ назар кунем, дармеёбем, ки барои ифодаи номи ҳама гуна ашёву зуҳурот калимаҳои мавҷудаи забон камӣ мекунад. Ба таъбири дигар, ҳама гуна ашё, зуҳурот ё мафҳуме, ки дар ин ё он забон ба вуҷуд меояд, бо калимаи алоҳидае номгузорӣ намегардад. Соҳибони забон, барои он ки ба онҳо ном гузоранд, пеш аз ҳама ба захираҳои луғавии забони худ такя карда, ашёву мафҳумҳоро ном мегузоранд ва барои он ки забон ба мушкилии иқтисодӣ рӯ ба рӯ нагардад, як калимаро барои ифодаи чанд ашё ва ё зуҳуроту мафҳум корбаст менамоянд.

Ҳамчунин, калима дар забон дар баробари номгузорӣ кардан вазифаи эстетикӣ низ дорад. Яъне, агар дар забон воситаҳои баёни муассир ва ифодаҳои образноку маҷозӣ вуҷуд надошта бошанд, вазифаи таъмини муошират ва ҳолатҳои гуногуни равонии инсон ғайриимкон гардида, эҷоди осори бадеӣ ва ё гуфтори шоиронаю эҷодкорона, ки муҳимтарин паҳлӯҳои ифодаи эстетикии забон ба шумор мераванд, ғайриимкон мегардад.

Ба андешаи муҳаққиқон, инсоният дар баробари бузургтарин кашфиётҳо дар тӯли таърих ба ҷанбаи зебоишиносию зебоишинохтии забони хеш низ таваҷҷуҳи хосае зоҳир карда, барои худро аз ҷаҳолат раҳонидан тавассути забон талошҳои зиёде кардааст, ки ин анъана то имрӯз идома дорад.

Шояд, бунёди воҳидҳои фразеологӣ низ дар забон маҳз барои таъмини ҷанбаи эстетикию муассирии забон кашф гардида бошад. Зеро ин унсури луғавӣ бо вижагиҳои семантикию сохтории худ ҳам дар нутқ ва ҳам дар забон мавқеи хосае дорад.

Донишманди суханшиноси эронӣ Мирҷалолиддини Каззозӣ, ки бештар ба омӯзишу пажӯҳиши каломи бадеъ пардохтааст, дар мавриди зебоишиносии сухани порсӣ ба чунин натиҷа расидааст: «Сухансанҷон ва пажӯҳандагони адаб донишҳо ё фанҳои зебоишиносии суханро бар се бахш кардаанд ва бар се поя ниҳодаанд: 1) маонӣ; 2) баён; 3) бадеъ (ниг. ба Мирҷалолиддини Каззозӣ: 1368, 14).

Ҳар суруда ё гоҳнавиштае, ки арзиши зебоишинохтӣ дошта бошад, ба ночор мебояд ба ороёҳо ва ҳунарҳое, ки дар ин се қаламрав аз онҳо сухан меравад, ороста бошад. Ба сухани дигар, он чи дар ин се дониш ё фан ковида ва барасӣ мешавад, он мояҳо ва арзишҳое аст, ки адабро падид меоварад. Барои шинохти адаб ва канду ков дар он ба ногузир мебояд омӯзаҳои зебоишинохтиро, ки дар ин се қаламрав ғунҷида шудааст, ба кор гирифт» (Каззозӣ: 1368, 14). Мавриди зикр аст, ки воҳидҳои фразеологӣ бо хусусиятҳои лингвистию бадеие, ки доранд, дар ин се қаламрави сухани порсӣ - маонӣ, баён, бадеъ мавриди истифода қарор доранд ва дар ҳар бахше вазифаи муҳиммеро адо менамоянд.

Ҷойи тазаккур аст, ки воҳидҳои фразеологӣ дар забони назм, махсусан забони ғазал мавқеи муҳим дошта, барои ифодаи маонии муассиру нишонрас, баёну ифодаи маҷозӣ ва корбасти санъатҳои бадеӣ нақши муҳимме доранд. Бинобар ин, шоирон низ ҳангоми истифода аз ин воҳидҳо ҳамаи вижагиҳои зикргардидаро ба инобат

мегиранд. Чун шоирон бештар ба тасвири бадеию образноки ашёву ҳодисаҳо ва зуҳурот сару кор доранд, зимни эҷод аз воҳидҳои роиҷи фразеологии забон самаранок истифода мебаранд ва ҳамзамон дар заминаи онҳо воҳидҳои фразеологии ҷолибе меофаранд ва ё онҳоро бо тобишу ҷилоҳои муассире мавриди истифода қарор медиҳанд, ки чунин воҳидҳои фразеологиро воҳидҳои фразеологии шоирона номидан мумкин аст.

Азбаски дар забон мафҳуми вожаҳои шоирона роиҷ аст, ба вуҷуд омадани воҳидҳои фразеологии шоирона низ ногузир аст, зеро ифодаи семантикии воҳидҳои фразеологӣ чун калимаҳо ба маънои сода далолат мекунанд. Аввалин маротиба истилоҳи **воҳидҳои фразеологии шоирона**ро забоншиноси рус В. В.Виноградов ҳангоми таҳлили ибораҳои устувори идиостили шоиронаи А.С. Пушкин мавриди истифода қарор додааст.

Минбаъд, масъалаи мазкур таваҷҷуҳи аксари муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Дар мавриди мавқеи воҳидҳои фразеологӣ дар забони назм муаллифи рисолаи «Фразеология в поэзии Владислава Ходисевича» чунин фармудааст: Фразеологизмы в поэзии характеризуется образностью и эмотивностью. Благодаря этим свойствам фразеологизмы в художественном тексте выступают не только средством номинации, но и выполняют и другие функции.

1.Фразеологизмы обретают художественно-эстетическую направленность и создают эмоционально-окрашенных характеристик предметов, действии и признаков, формируют эмоциональный фон художественного мира поэта, выступая в роли изобразительно-выразительных средств, участвуют в создании образов.

2.Фразеологизмы выполняют когнитивную функцию и отражают авторскую концепцию действительности, так как, во-первых, они вербализуют важные концепты поэтической картины мира автора, которые являются «ключевими темами лирики» и касаются коренных аспектов бытия человека и основных его ценностей», во-вторых, поэт в соответсвии с замыслом художесвенного произведения, создает новые, индивидуально-авторские единицы окказионализмы или употребляют окозионально-преобразованные общеязыковые фразеологизмы. (www.nauka.shop.com/mog/shop/productID/43707, 11).

Зери мафҳуми воҳидҳои фразеологии шоирона маҷмӯи силсилаи вожаҳо дар сохтори ибора барои ифодаи ягон ашё ё зуҳуроте фаҳмида мешавад, ки байни ҳам алоқаи семантикӣ дошта маҷмӯи ашё ё зуҳуротро дар муносибатҳои устувору рехтаи байниҳамдигарӣ ифода менамоянд, ки дар ин муносибатҳо нақши маҷоз хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

«Связь метафоры и фразеологизма заключается в том, что в метафорах, которым присуща большая образность, характер семантической связи их компонентов приводит к тому, что значение не вытекает непосредственно из значений составляющих ее слов. Это сближает их фразеологическими единицами.

По мнению Л.Н. Рынкова, в результате ослабления собственного значения слова создается целостное образное значение всего метафорическое словосочетания, при этом именно особенностями семантических взаимоотношений между компонентами, а также устойчивостью многих метафорических словосочетаний объясняется относение их фразеологическому фонду языка художественной литературы» (www.nauka.shop.com/mog/shop/productID/43707, 14).

Ҳамин тариқ, аз баррасии андешаҳои фавқ бармеояд, ки воҳидҳои фразеологии шоирона асосан, дар заминаи маҷоз ба вуҷуд омада, барои ифодаи нотакрору образнок ва муассир дар забони осори манзум хизмат менамоянд. Бояд зикр кард, ки ин ҷиҳати воҳидҳои фразеологии шоирона барои ҳамаи аҳли эҷод, махсусан шоирон умумӣ ба шумор меравад.

Шоирон низ ҳангоми корбасти воҳидҳои фразеологии шоирона хусусиятҳои умдаи воҳидҳои фразеологиро, аз қабили устувории ҷузъҳо, муносибати маҷозӣ доштани вожаҳои таркиби воҳиди фразеологӣ, ҷудонопазир будани ҷузъҳо ва ифодаи образноку нотакрор ва муассир доштани онҳоро ба инобат гирифта, дар ин замина, воҳидҳои фразеологии шоиронаро истифода менамоянд ва ё дар заминаи ин анъана ва вижагиҳо воҳидҳои фразеологии шоирона меофаранд.

Ғазал ба ҳайси жанри лирикӣ дорои вижагиҳои хосси забонӣ буда, барои истифодаю офаридани воҳидҳои фразеологии шоирона ба шоирон имконияти бештаре фароҳам меорад. Зеро дар қолаби андак баён кардани маънии васеъ яке аз вижагиҳои хоси ин жанр ба шумор меравад ва воҳидҳои фразеологии шоирона барои инъикоси ин ҷанбаи забонии ғазал воситаи муҳимми семантикӣ ба шумор мераванд.

Мисолҳои зерин далели онанд, ки шоирон ҳангоми овардани воҳидҳои фразеологӣ бештар аз вожаҳои ҷанбаи китобидошта истифода мекунанд, зеро услуби нигориш тақозо мекунад, ки ин калимаҳо дар шеър бештар мавриди истифода қарор бигиранд. Ин хусусиятро дар байтҳои зер мушоҳида кардан мумкин аст:

Гарчи маҳҷурам, ***тан андар дарди ҳичрон*** *кай* ***диҳам****?*
Рӯзе охир ёди мо бар ёди ҷонон бигзарад. (Анварӣ, 809).

Воҳиди фразеологии **тан додан,** ки дар забон ба маънии тобеъ шудан ё ночор розӣ шуданро дорад, дар байти мазкур он дар шакли **тан андар дарди ҳичрон додан** омада**,** ҳолати равонии гӯяндаи шеърро ифода кардааст. Шоир бо овардани ин ВФ ишора бар он мекунад, ки бо вуҷуди маҳҷур будан ба дарди азияти ҳичрон тан намедиҳам, то рӯзе ҷонон аз мо ёде кунад.

Баъзан, шоирон барои риояи таносуби маъноӣ дар байтҳо воҳидҳои фразеологиеро корбаст мекунанд, ки он бо воҳиди фразеологии дигар аз ягон ҷиҳат қаробат дорад. Масалан, Анварӣ дар байт воҳиди фразеологии **доман андар пойи сабр овардан**-ро корбаст кардааст, ки он аз ҷиҳати фарогирии вожаҳо ҷанбаи шоирона дошта, дар мисраи дуюм бо овардани воҳиди фразеологии **ба бедод остин бар кардан** тақвият ёфтааст:

Доман андар пойи сабр овардаӣ,
Пас, ***ба бедод остин бар кардаӣ*** (Анварӣ, 911).

Дар ғазалиёти шоирони асрҳои XII-XIV воҳиди фразеологии **бар ях навиштан** ба гунаҳои **бар ях барнигоштан, бар ях будан (аст)** ва монанди инҳо омада, хоси забони осори бадеӣ аст. «Бар ях навиштан, ё бар ях задан - фаромӯш кардан, аз хотир маҳв кардан, ҳеҷ ангоштан, киноя аз нопойдорӣ ва бесуботӣ аст» (Мансур Сарват, 64).

Ман аз васлат фақаъ то кай кушоям, ,
Чу ту номам ***ба ях барменигорӣ?*** *(Анварӣ, 928).*

Мегудозад тобиши ҳаҷрат маро,
Бар ях аст*, эй дӯст, бунёдам ту дон (Ироқӣ, 197).*

Бар ях навишт *котиби девони оразат,*
Ҳар бӯсае, ки чашми ту моро ҳавола кард (Ҳофиз, 246)

Бо овардани баъзе воҳидҳои фразеологии шоирона адибон дар баробари ифодаи ҳолати руҳии қаҳрамони лирикӣ, тасвирҳои ҷолиберо низ ифода кардаанд. Ин тарзи баёнро дар мисолҳои зерин мушоҳида кардан мумкин аст:

Дар сояи ғам шикаст рӯзам,
Хуршед сиёҳ шуд зи сӯзам *(Хоқонӣ, 394).*

Ёди зулфат ***бурд обрӯйи сабр***
Оташи ғам гашт хоки пойи ту *(Анварӣ, 905).*

Соқӣ аз он ***оби чун оташ биёр,***
*К-****оташи дил оби рухам рехтааст*** (Хоҷу, 221).

Пуштам шикаст чарх*, ки* ***рӯям нигаҳ надошт,***
Обам бибурд даҳр, к-аз ӯ нон наёфтам (Хоқонӣ, 392).

Ишқ аз хоб як суол кард,
Чун фурӯ монд, ***аз ҷавоб гурехт*** (Мавлавӣ, 226).

Хонаи дил ишқ ба тороҷ дод,
Ақл аз ин воқеа бигрехтаст *(Хоҷу, 221).*

Баркашидам ҷомаи шодӣ зи тан
В-аз бало далқе кунун нав дӯхтам *(Анварӣ, 869).*

Доман аз чарх баркашид сухан,
То ту доман бад-ӯ наёлудӣ *(Анварӣ, 919).*

Бар дили мо ид кард андӯҳи ту *в-аз сабри мо,*
Ҳар чи фарбеҳ дид ногоҳ кушту ***қурбон тоза кард*** *(Хоқонӣ, 348).*

Бар сари айёми мо ишқаш ***кулоҳ*** *акнун* ***ниҳод****,*
Бар қади умеди мо ***меҳраш қабо акнун бурид*** *(Хоқонӣ, 357).*

Пушти пое зад хирадро рӯйи ту,
Ранги ҳастӣ дод ҷонро бӯи ту *(Хоқонӣ, 426).*

Банде зи зулф кам куну занҷири мо бисоз,
Қанде зи лаб бидузду ба мо хунбаҳо фирист *(Хоқонӣ, 332).*

Боз ***гул доман ба дасти ошиқони худ ниҳод,***
Ғунча лаб бикшоду булбулро ба боғ овоз дод *(Камол, 121).*

Барфӣ пирӣ менишинад бар сарам*,*
Ҳамчунон табъам ҷавонӣ мекунад (Саъдӣ, 446).

Эй дил, ту ҳар чи ҳастию донам, ки ин замон
Хуршедвор пардаи афлок медарӣ *(Мавлавӣ, 1100).*

Ҳамчу зар як лаҳза дар оташ биханд,
То бубинӣ бахти хандон, *эй писар (Мавлавӣ, 435).*

Эй карда ғорат манзилам, ***оташ зада обу гилам****,*
Зулфи ту ***дар ҳалқи дилам мушкин таноб андохта*** *(Хоқонӣ, 429).*

Дар забони осори шоирон як қатор воҳидҳои фразеологие оварда шудаанд, ки онҳо тавассути феъли шикастан ташаккул ёфта, маъмулан маънои камарзиш ё беэътиною беэътибор будан дар назди касе ё баҳою арзиши чизеро кам карданро ифода кардаанд, ки ҷанбаи шоиронаи онҳо хеле қавӣ аст. Масалан:

Бозори юсуфонро аз ҳусн баршикаста*,*
Дукони шакаронро як-як фароз карда (Мавлавӣ, 889).

Пеши Камол васлат ***як дам ба олам арзад****,*
Расм аст ***муштариро аввал баҳо шикастан*** *(Камол, 321).*

Орзуи мост зулфат, бишканаш,
Дар ҷаҳон ***як орзуи мо шикан*** *(Камол, 314).*

Нозуксухан ба васфи лаби ӯ шудӣ, Камол,
Тутӣ шаккар шикаст, *ки ширинкалом шуд(Камол, 160).*

Агарат деви табиат шиканад панҷаи ақл*,*
Чӣ кунад оҳуи ваҳшӣ чу шавад сайди паланг (Хоҷу, 450).

Як гурӯҳ воҳидҳои фразеологие, ки дар забони гуфтугӯйи истеъмоли васеъ доранд, дар забони осори манзум низ роҳ ёфта, ба шоирон имкон додаанд, ки андешаҳои худро дар заминаи маъноии онҳо ба таври муассир ифода намоянд. Аз ҷумла, воҳидҳои фразеологие, ки тавассути вожаи «ҷав» сурат гирифтаанд, дар забони маъмулӣ ба маънои камарзиш корбаст гардида, бо воҳиҳои фразеологие, ки тавассути вожаи «гандум» ташаккул ёфтаанд, муносибати зидмаъноӣ доранд. Масалан:

З-ин дилнавозӣ, з-ин сарфарозӣ,
З-ин ***ҷавфурӯшӣ гандумнамоӣ*** *(Убайд, 93).*

Рӯйи гандумгун намуду ҷони мо ***як ҷав фурӯхт****,*
Аз чӣ шуд ёр инчунин ***гандумнамои ҷавфурӯш*** *(Камол, 245).*

Чаро аз хирмани ҳусни ту ***як ҷав***
Намебошад насиби хӯшачинон*? (Хоҷу, 316)*

Гар з-он рухи гандумгун андак назаре ёбам,
З-ин ҷон, ки ***ҷаве арзад****, бисёр наяндешам (Хоқонӣ, 410).*

Тавре ки маълум аст, дар забони тоҷикӣ калимаҳои аслии тоҷикӣ, ки доираи васеи истеъмол доранд, дар баробари дигар категорияҳои семантикӣ дар бунёди воҳидҳои фразеологӣ низ нақши муҳимме доранд. Ин гурӯҳ вожаҳо дар ташаккули

воҳидҳои фразеологии шоирона низ хеле фаъол буда, дар заминаи воҳидҳои фразеологии маъмулии забон ташаккул меёбанд. Нақши вожаҳои **об, хок, оташ, лаб, сар, ангушт,** даст, даҳон, **гӯш, дида, ҷон, ҷигар** ва монанди инҳо дар ифодаи воҳидҳои фразеологии шоирона низ мавқеи муҳим доранд.

Дар ҷаҳон ***барнаёяд об бар об****,*
Ишқат ар об бар ҷаҳон ронад (Анварӣ, 826).

Оби чашмам кам нашуд, *чандон ки мижгон баргирифт,*
Кас ***ба парвезан чи гуна оби Ҷайҳун кам кунад?*** *(Камол, 172)*

Гарди кафши хоки пойи Мустафоро сурма соз*,*
То набошӣ рӯзи ҳашр аз ҷумлаи колуюрус (Мавлавӣ, 416).

Бандаи зулфайни ту шуд голия,
Хоки кафи пойи ту кофур бод *(Анварӣ, 794).*

Хоки даргоҳи туро сурмаи худ хоҳам кард*,*
Оре, ***аз хоки дарат ин қадарам бод рассад*** *(Анварӣ, 817).*

Ҷаҳон гуфтӣ сафоле дон, ки Хоқонист райҳонаш,
Ҷаҳонро гарчи райҳонам, туро ***хоки дарам боре*** *(Хоқонӣ, 480).*

Хоки маҷлис буд *Хоқонӣ зи бӯйи ҷуръае,*
Ҳам ба бӯйи ҷуръае ***хокаш муаттар сохтем*** *(Хоқонӣ, 400).*

Хоки он дар шав, *ки оби зиндагониш равшан аст,*
Ними ноне даррасад, то ними ҷоне дар тан аст (Мавлавӣ, 186).

Қиссаи дардам фурӯ мерехт ҳар дам мӯ ба мӯ*,*
Гар пас аз ман дӯстон ***хоки маро мебехтанд*** *(Камол, 169).*

Ба умеди он ки ҷое қадаме ниҳода бошӣ,
Ҳама некиҳои Шероз ***ба дидагон бируфтам*** *(Саъдӣ, 499).*

Ҷон зи завқи ту чу ***гурба лаби худ мелесид****,*
Ман чу ***тифлон сари ангушт газидам ҳама шаб*** *(Мавлавӣ, 157).*

Ҳикояте зи даҳонат ***ба гӯши ҷони ман омад****,*
Дигар ***насиҳати мардум ҳикоят аст ба гӯшам*** *(Саъдӣ, 513).*

Ҷу Ҳудо бувад паноҳат, чӣ хатар бувад зи роҳат?
Ба фалак расад кӯлоҳат, ки сари ҳама саронӣ *(Мавлавӣ, 1048).*

Молу ҳастӣ бохтан саҳл аст аз аввалдаст лек,
Дастхун мондан *ба поён барнатобад ҳар диле (Хоқонӣ, 452).*

Дар забони осори классикӣ ва забони муосири тоҷикӣ воҳиди фразеологии **дуд аз бинӣ//димоғ//димор баромадан** хеле маъмул буда, ба маънои ранҷидан мавриди корбаст қарор мегирад ва дорои гунаҳои зиёде низ ҳаст.

Дер омадаӣ, сафар макун зуд,
Эй мояи ҳар муроду ҳар суд!
Эй з-оташи азми рафтани ту,
Аз биниҳо баромада дуд *(Мавлавӣ, 299).*

Гар фикр кунӣ, дар ин чӣ бошад,
З-ин фикр ***димогро халал нест*** *(Камол, 94).*

Надидам аз висолаш ҳеҷ шодӣ,
Фироқи ӯ ***димор аз мо бароварда*** *(Анварӣ, 811).*

Дар ҳамин замина шоирони ғазалсаро воҳидҳои фразеологии ҷолибе сохтаанд, ки аз ҷиҳати ифодаи маъноӣ хеле муассир ва шоирона мебошанд. Масалан:

З-оташи ҳичрони ту ***дуд ба мағзам расид****,*
Ашк зи чашмам кушод, мояи ашк аст дуд (Хоқонӣ, 354).

Ҳар дам зи сӯзи ишқат Саъдӣ чунон бинолад,
*К-аз шеъри сӯзнокаш **дуд аз қалам барояд** (Саъдӣ, 462).*

*Ман ба шатранҷи гамат **қону қаҳон хоҳам бохт**,*
*Он ду рух дидаам, ин бор **равон хоҳам бохт** (Камол, 36).*

Рух гар ба хун шӯям ҳаме, об аз ҷигар ҷӯям ҳаме,
Дар ҳоли худ гӯям ҳаме, ёде бувад, к-орам туро (Анварӣ, 726).

***Дар хуни ман машав**, ки наёрӣ ба даст боз,*
*Гар **ҷӯӣ** аз замона **ба хуни ҷигар** маро.*
***Аз ҷигар хӯрдан тавба накунӣ**,*
*З-он ки **парварда ба хуни ҷигарӣ** (Хоқонӣ, 457).*

*Саъдӣ ба хуфя **хуни ҷигар хӯрд** борҳо,*
Ин бор парда аз сари асрор баргирифт (Саъдӣ, 405).

Ҳамин тариқ, аз баррасии воҳидҳои фразеологии шоирона бармеояд, ки ин гурӯҳ воҳидҳо дорои ҷанбаи хеле қавии услубию муассирӣ ва эстетикию маъноӣ буда, дар забони осори манзум ба таври возеҳ мавриди истифода қарор мегиранд. Воҳидҳои фразеологии мазкур дар мутуни осори бадеӣ, махсусан забони назм қолаби ибораю ҷумла ифода ёфта, барои қавӣ гардидани ҷанбаи образнокию муассирии он мусоидат намуда, ҳамзамон ҳунару истеъдоди ашхоси суханварро дар истифодаи эҷодкоронаи онҳо муайян мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Григорьева А.Д.Поэтическая фразеология Пушкина / А.Д. Григорьева, Н.Н. Иванова. –М: Наука, 1969. -393с.
2. Маджидов Х. Фразеологическая система современного таджикского литературного языка / Х Маджидов. – Душанбе: Деваштич, 2006.-409 с.
3. Мансур Сарват. Фарҳанги киноёт / Мансур Сарват. - Теҳрон: Сухан, 1375. -518с.
4. Мирҷалолиддин Каззозӣ. Зебоишиносии сухани порсӣ. Баён / Мирҷалолиддин Каззозӣ. -Теҳрон: Нашри марказ, Китоби мод, 1368.-204с.
5. www.nauka.shop.com/mog/shop/productID/43707.
6. Девони Анварӣ. Ширкати интишороти илмию фарҳангӣ / Теҳрон, 1376. -1172 с.
7. Девони Камоли Хуҷандӣ. Созмони чоп ва интишороти Вазорати фарҳанг ва иршоди исломӣ, 1375. -480 с.
8. Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад (машҳур ба Мавлавӣ). Куллиёти девони Шамс / Мавлоно Ҷалолиддин Муҳаммад. -Теҳрон: Маҳорат (ҷилди 1), 1374. -748 с.
9. Куллиёти Саъдӣ (тасҳеҳ ва вироиши Козими Мутлақ). -Қум: Интишороти Асва, 1385. -896 с.
10. Шайх Фахриддин Иброҳими Ҳамадонӣ (мутахаллис ба Ироқӣ). Куллиёти девон. –Теҳрон: Созмони интишороти Ҷовидон, 1367. - 447 с.
11. Хоқонии Шарвонӣ. Девон (ба эҳтимоми Ҷаҳонгир Мансур ва бо муқаддимаи устод Бадеъуззамон Фурӯзонфар). - Теҳрон: Нигоҳ, 1375. -862 с.
12. Ҳофизи Шерозӣ. Куллиёт / Ҳофизи Шерозӣ.– Душанбе: Ирфон, 1983.

ПОЭТИЧЕСКИЕ ФРАЗЕОЛОГИЗМЫ В ПОЭТИЧЕСКОМ ТВОРЧЕСТВЕ ПОЭТОВ-ЛИРИКОВ XII-XIV ВВ.

Фразеология - раздел языкознания, изучающий устойчивые сочетания в языке. Фразеологией называется также совокупность устойчивых сочетаний в языке в целом, в языке того или иного писателя,в языке отдельного художественного произведения. Поэтические фразеологизмы, являясь единицами вторичной номинации, обладают яркой оценочной, эмоционально-экспрессивной окраской. Экспрессия поэтического фразеологизма определяется степенью яркости лежащего в основе фразеологизма образа. Поэтические фразеологизмы наделены определёнными дифференциальными признаками,

Ключевые слова: фразеологические единицы, поэтические фразеологические единицы, эстетическое выражение, метафора, значение, семантика, манера изложения, язык поэтического наследия.

POETIC IDIOMS IN POETRY POETS-POETS OF THE XII-XIV CENTURIES

Phraseology - a branch of linguistics studying sustainable combinations in the language. Phraseology is also called the set of stable combinations in the language in General, in the language of a writer,in the language of individual works of art. Poetic idioms, as units of secondary nomination, have a strong evaluative, emotional and expressive colouring. Expression of the poetic idiom is determined by the degree of brightness of the underlying phraseological image. Poetic idioms have certain differential signs.

Key words: phraseological unit, poetic phraseological units, aesthetic expression, metaphor, meaning, semantics, style, language, poetic heritage..

Сведения об авторе: ***Саломов М.*** – докторант Таджикского национального университета

КОРБУРДИ ПАЙВАНДАКҲОИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МАҚСАД ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

В. Абдулазизов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар забони адабии тоҷик ҷумлаҳои пайрав бо воситаҳои гуногуни грамматикӣ ба сарҷумла тобеъ мешаванд. Пайвандакҳои тобеъкунанда, калимаҳои ҳамнисбат, мутобиқати шаклҳои феълӣ, ҷои ҷумлаи пайрав ва интонацияи тобеъ воситаҳои асосие мебошанд, ки ба воситаҳои онҳо ҷумлаи пайрави мақсад ба сарҷумла робитаи наҳвӣ пайдо мекунад.

Албатта, дар ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад мутобиқати шаклҳои феълӣ (хабари сарҷумла ва ҷумлаи пайрав) нақши муҳим дорад. Дар чунин ҷумлаҳо “хабари сарҷумла ҳамеша талаб мекунад, ки хабари ҷумлаи пайрави мақсад бо аорист(бо замони ҳозира-оянда сиғаи шартӣ- хоҳишмандӣ) ифода гардад. «Ифодаи мақсад, хоҳиш, умед, ният ва ғайра боиси он мегардад, ки амали ҷумлаи пайрав маънои иловагии замони ояндаро диҳад» [10, 117].

Мо тасмим гирифтем танҳо корбасти пайвандакҳои мақсадро дар ашъори Камоли Хуҷандӣ мавриди пажӯҳиш қарор диҳем.

Пайвандакҳои тобеъкунанда яке аз воситаҳои муҳими алоқаи ҷумлаи пайрави мақсад ба сарҷумла маҳсуб мешаванд. Ин аст, ки дар китоби дарсии соли 1936 (2) ва «Забони тоҷикӣ» барои калонсолон (1) пайвандакҳои «ки», «то ки», зикр шуда, дар синтаксиси мактабии нашри соли 1948 (6) ба ин гурӯҳ боз «то ин ки» илова гардидааст.

Муаллифони «Очерки мухтасари грамматикаи забони тоҷикӣ» (9), дар китобҳои дарсии синтаксиси забони тоҷикӣ барои мактабҳои миёна (7) ва олӣ (3) пайвандакҳои **« ки , то, то ки, барои он ки**»-ро ҳамчун воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави мақсад бо сарҷумла ислоҳ додаанд.

Омӯзишу баррасии китобҳои дарсӣ ва асарҳои илмӣ нишон медиҳад, ки баъзе пайвандакҳо **(ки, то, то ки),** ҳамаи китобҳо қайд шудаанд, вале пайвандаки **« то ин ки »** фақат дар як китоб, пайвандаки **«барои он ки»** бошад дар чанд асар ҳамчун василаи алоқаи ҷумлаи пайрави мақсад зикр гардидааст. Шодравон профессор Д.Т. Тоҷиев таъкид мекунад, ки як қатор пайвандакҳои тобеъкунандаи ҷумлаи пайрав аз назари аҳли тадқиқот берун мондааст.Ӯ дар таҳқиқоти бунёдиаш «Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик (Ҷумлаҳои пайрави ҳол)» менависад:

«Аз рӯи фактҳои зиёди забони адабии тоҷик рӯйхати пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мақсадро ин тавр нишон додан мумкин аст: **« ки, то, то ки , то ин ки, гуфта, барои он ки , барои ҳамин ки ,аз барои он ки ,бо мақсади он ки, аз баҳри он ки »** ва баъзе пайвандакҳои таркибии дигар.Баъзан пайвандаки «ки» тобишҳои маъноии гуногуни мақсадро ифода карда наметавонанд, дар он сурат лозим меояд, ки бо ёрии он ва пешоянду ишораҷонишинҳо пайвандакҳои таркибӣ сохта шаванд(барои ин ки, бо мақсади он ки…). Бояд дар хотир дошт, ки кор фармуда шудани пайвандакҳои зиёд дар доираи як ҷумлаи пайрав бо ифодаи тобишҳои мухталифи маъно ва ҷиҳатҳои услубии забон зич вобаста аст» [10,118].

Муаллифони китобҳои дарсӣ ва дастуру васоити таълимии баъдтар чопшуда [5; 8] ба ин таҳқиқоти проф. Д.Т. Тоҷиев такя карда, асосан ҳамин пайвандакҳоро зикр намуда, аз адабиёти бадеӣ мисолҳо овардаанд..

Таҳқиқи ҷумлаҳои мураккаби каломи мавзун нишон медиҳад, ки дар осори манзум теъдоди пайвандакҳои тобеъкунанда, хосатан пайвандакҳои таркибӣ маҳдуд аст. Аз ҷумла, дар ғазалиёти Камоли Хуҷандӣ теъдоди пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мақсад чандон зиёд нест. Албатта, ин вобаста ба талаботи вазну қофияи шеър сахт вобаста аст. Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ пайвандакҳои **ки, то, то ки, ки то** истифода шудаанд, ки намунаи онҳо дар мақолаи мазкур оварда мешавад.

1. Пайвандаки «ки» яке аз серистеъмолтарин пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мақсад ҳисоб мешавад. Ин пайвандак ҳам дар осори мансур ва ҳам дар осори манзум хеле зиёд кор фармуда мешавад. Дар ҷумлаҳои пайрави мақсад пайвандаки «ки» ду вазифа дорад: Ҷумлаи пайрави мақсадро ба тамоми сарҷумла тобеъ мекунад ё бар эзоҳи калимаи ҳамнисбат меояд [10,118 -119].

Аксарияти ҷумлаҳои пайраве, ки бо ин пайвандак ба сарҷумла алоқаманд шудаанд, тамоми сарҷумларо эзоҳ медиҳанд:

Хори мижгон манигар,пой бинеҳ бар сару чашм,
***Ки** зиёне нарасад аз мижа биноиро.*

(Камоли Хуҷандӣ, Девон, ҷ.1, 1983,с.46.)[*]

Қобили зикр аст, ки аксарияти ҷумлаҳои пайрави мақсаде, ки бо пайвандаки синтаксисии «ки» ба сарҷумла тобеъ шудаанд, дорои тобишҳои маънои иловагианд. Чунончи ҷумлаҳои пайрави зерин ҳамчунин дорои тобиши маънои иловагии муяйянкунандаанд:

Рӯза хӯрдему қасам ба намози ту, Камол,
***Ки** дигар дарди сари хеш ба масҷид набарем. (ҷ.2, 1985,с.141*

Ғуломи наргиси бемори дилрабои худам,
***Ки** кушта бинаду бахшоише нафармояд. (ҷ.1, 1983,с.341)*

Ҷумлаҳои пайрави зерин ҳамчунин тобишҳои маънои иловагии гуногун доранд:

Табъам чунин зи накҳати зулфи ту шуд латиф,
***К-аз** боди мушкбӯй маро дарди сар шавад. (ҷ.1, 1983,с.324)*

Сабо гирифта камоли бунафша дастовез,
***Ки** шаб ба ҳалқаи он зулфи мушкбӯ ояд. (ҷ.1, 1983,с.358)*

Ҷумлаи пайрави мақсад ба воситаи пайвандаки «ки» калимаҳои ба ҳамин пайвандак ҳамнисбатеро, ки дар дохили сарҷумла омада, маънои пайвандакро равшантар мекунанд, низ эзоҳ медиҳад.[10,48]

Тире ба чашм хӯрдаму серӣ нашуд аз он,
*Бифрист **дигаре,** ки ба чашми дигар хӯрам. (ҷ.2, 1985,с.149)*

*Дӯш таб доштаму шаб ҳама габ гарм **бад-он,***
***Ки** шавӣ ранҷаву оӣ ба аёдат бозам (ҷ. 2, 1985,с.133)*

Дар асарҳои насрӣ калимаҳои ҳамнисбати зиёде ҳамчун воситаи алоқаи наҳвии ҷумлаи пайрави мақсад ба сарҷумла хизмат мекунанд. (Аз ҷумла **барои ин, аз барои ин, барои ҳамин** ва монанди инҳо). «Аз калимаҳои ҳамнисбат ва пайвандаки **«ки»** пайвандакҳои зиёди таркибӣ ба амал омада, дар системаи пайвандакҳои ҷумлаи пайрави мақсад мавқеи махсус ишғол намудаанд. .[10,119]

Қобили зикр аст, ки дар осори манзум теъдоди калимаҳои ҳамнисбати ҷумлаи пайрави мақсад камтар ба назар мерасад. Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ танҳо калимаи ҳамнисбати **бад он** корбаст шудааст.

2.Пайвандакҳои то, то ки, ки то. Пайвандакҳои серистеъмоли дигари ҷумлаи пайрави мақсад **то, то ки, ки то**, мебошанд. Маводи забони адабии тоҷик нишон медиҳанд, ки пайвандакҳои мазкур аз бобати истеъмол фарқ мекунанд.

Забоншиноси маъруф, шодравон Д.Т. Тоҷиев хеле нозукбинона таъкид кардааст, ки «пайвандаки **«то»** яке аз пайвандакҳои қадим ва серистеъмоли ҷумлаи пайрави мақсад ҳам ҳисоб мешавад. Дар асоси он ва пайвандаки «ки» пайвандакҳои таркибии «**то ки», «то ин ки», «ки то»** ба амал омадаанд». .[10,115] Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ пайвандаки **«то»** хеле зиёд ва бамаврид истифода шудааст:

Заҳмати худ бо табиби муддаӣ хоҳам намуд,
***То** бисозад чораи дарду давои дӯстро.(ҷ. 1, 1983,с.33)*

Баъд аз ин шаб дар дарат оҳиста хоҳам нола кард,
***То** сагонатро набошад заҳмат аз афғони ман. (ҷ. 2, 1985, с.198)*

Аз пеши ман он ҷону ҷаҳонро гузаронед,
***То** хуш гузаронем ҷаҳони гузаронро (ҷ. 1, 1983,с.10.)*

Дар нагирад дамат, эй носеҳи доно ба Камол,
***То** бар оташ наниҳӣ дафтари доноиро. (ҷ.1,1983,с.46)*

Зери по аз зулфи мушкин гаҳ-гаҳе макун нигоҳ,
***То** бубинӣ аз ту мискинон басе дар хоки роҳ. (ҷ.2,1985,с.304)*

Дилро ба пеши лаъли ту қалб аст нақши ҷон,
***То** ҳамчу сикка бо ту нагӯяд ба зар сухан. (ҷ.2, 1985,с.210)*

Дар баҳои хоки пояш нестам дурре, дареғ,

[*] Минбаъд, танҳо ҷилд ва саҳифа оварда мешавад

***Ку** Фаридун, **то** дусад ганҷи гуҳар вомам диҳад (ҷ.. 1,1983, с.291)*

Маълум аст, ки пайвандаки «то» сермаъно буда, дар забони адабии тоҷик ҷумлаҳои пайрави мақсад, замон, шарт, миқдору дараҷа ва пуркунандаро ба сарҷумла мепайвандад. Фарқ дар он аст, ки ҷумлаи пайрави мақсад бо ин пайвандак одатан пас аз сарҷумла ҷой мегирад. .[10,119] Дар осори манзум ҳолатҳои дигарро низ мушоҳида кардан мумкин аст. Вобаста ба талаботи вазни шеър ва ба хотири таъкид ҷумлаи пайрави мақсад пеш аз сарҷумла ва пайвандаки **«то»** дар аввали ҷумлаи пайрав меояд.

Баррасии маводи ашъори Камоли Хуҷандӣ нишон медиҳад, ки аз 30 ҷумлаи пайрави мақсаде, ки бо пайвандаки «то» бо сарҷумла робитаи наҳвӣ пайдо кардааст, дар 15 маврид ин пайвандак дар аввали ҷумлаи пайрав ва ҷумлаи пайрав пас аз сарҷумла, дар 13 маврид пайвандак дар аввали ҷумлаи пайрав ва ҷумлаи пайрав пеш аз сарҷумла ҷойгир шудааст.

***То** шавад аз зулфи ӯ ҳуҷҷати хубӣ тамом,*
Хати мусалсал кашид бар варақа офтоб. (ҷ. 1, 1983,с.61)

***То** пай набарад кас ба сари мо зи дари халқ,*
Бархоста дар кунҷи харобот нишастем. (ҷ.2., 1985,с.304).

***То** фузун аз ошиқон бошам басе,*
Ошиқам бар ошиқони ошиқон. (мақсад) (ҷ.2, 1985,с.201)

Баъзан пайвандаки «то» дар мобайни ҷумлаи пайрав низ омада метавонад. Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ танҳо дар 2 ҷумлаи пайрави максад пайвандаки «то» дар мобайни ҷумлаи пайрав ҷой гирифтааст:

*Зери по **то** нашавад хори гамат хаста аз он*
Кардаам чун мижа дар дидаи равшан ҷояш. (ҷ. 2, 1985,с.33)

*Дилу ҷон **то** раҳанд аз банд, бикшо зулфи мушкинро,*
Ба поят мефитад охир, раҳо кун як – ду мискинро. ҷ.1,1983,с.31)

Дар забони адабии муосири тоҷик доираи истеъмоли пайвандаки сермаънои **«то ки»** хеле васеъ буда, ҳам дар нутқи гуфтугӯ ва ҳам дар нутқи китобӣ баробар кор фармуда мешавад. Вале дар осори манзум (чи дар назми муосир ва чи дар назми классикӣ) чандон серистеъмол нест, хосатан дар ашъори Камоли Хуҷандӣ:

Дилам аз зулфи бутон силсила дорад бар пой,
***То ки** аз ҳалқаи риндон бадар оред маро.(ҷ. 1,1983,с.48)*

Ҳамчу булбул мани савдоиву садгуна хурӯш,
***То ки** бошад гули рухсори ту бо ин гуна. (ҷ. 2, 1985,с.281)*

Дар осори адибони классик ва адибони муосир (бештар дар назм) пайвандаки **«ки то»** хеле серистеъмол аст. Дар ашъори Камоли Хуҷандӣ низ ин пайвандак чун воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави мақсад истифода шудааст:

*Тарафи ошики худ гир, **ки то** муддаиён*
Ҳама донанд, ки ҳақ бар тарафи ман бошад. (ҷ. 2, 1985,с.355)

Аз пайвандакҳои тобеъкунандаи таркибии **«то ин ки», «барои ин (он) ки», «аз барои ин (он) ки», «барои ҳамин (ҳамон) ки», «аз баҳри ҳамин (ҳамон) ки», «барои ин (он) ки», «бо мақсади ин (он) ки», «ба нияти ин (он) ки» « ба хотири ин (он) ки», «ба умеди ин (он) ки»** баъзеашон дар осори адибони муосир (садаи ХХ - ХХI), аз ҷумла Боқӣ Раҳимзода истифода шудаанд:

Модар – Ватан ба ноз туро парваридаст,
***Аз баҳри он ки** бошӣ ба бахташ мададрасон [10, 121].*

Ин пайвандакҳо дар ашъори Камоли Хуҷандӣ кор фармуда нашудаанд.

Бояд гуфт, дар ашъори Камоли Хуҷандӣ мисолҳое низ мавҷуданд, ки дар онҳо воситаҳои ёвари грамматикӣ дар ташаккули ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад нақши муайяне доранд.

Чунончи дар порчаи зерин феъли ёвари будан дар шакли замони ҳозира – ояндаи сиғаи шартӣ – хоҳишмандӣ (аорист, ба маънои феъли модалии шоистан – шояд), бар иловаи маънои тахмину гумон дар алоқаи грамматикии ҷумлаи пайрави мақсад бо сарҷумла нақши муайяне дорад:

Чун сияр аз лайлат-ул- меъроҷи зулфат баргузашт,
Дар мақоми қоби қавсайнам расонданд абрувонат.
*Сар ба сар дар мезанам, **бошад** дарорӣ сар ба дар,*
Ин ҳама тасдеъ аз он овардаам бар остонат. (ҷ.1., 1983,с.264)

Ҳамин тариқ, ҷумлаҳои мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави мақсад як қолаби маъмулу серистеъмоли наҳвӣ буда, дар осори Камоли Хуҷандӣ ба таври фаровон истифода шудааст. Шоири маъруфи форсу тоҷик Камоли Хуҷандӣ аз пайвандакҳои сершумори ин ҷумлаи пайрав, ки дар забони адабии муосири тоҷик мустаъмаланд, пайвандакҳои «ки», «то ки», «ки то»-ро истифода бурдааст. Аз инҳо пайвандаки «то» нисбатан серистеъмол буда, мавқеи корбурди он низ мухталиф аст. Пайвандаки синтаксисии «ки» ҳам аз ҷиҳати мавриди истифода дар ҷои дуввум аст. Аксарияти ҷумлаи пайрави мақсаде, ки бо ин пайвандак ба сарҷумла тобеъ шудаанд, дорои тобиши маънои иловагианд.

АДАБИЁТ

1. Арзуманов С.Д. Забони тоҷикӣ. Учебник таджикского языка для взрослых. -Душанбе,1951. - С. 254.
2. Беленитский А.М.ва Ҳоҷӣ – зода. Наҳви забони тоҷикӣ, Барои синфҳои 6 ва 7. - Душанбе – Самарқанд, 1936. - С.26.
3. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Китоби дарсӣ барои мактабҳои олӣ. Душанбе, 1963. - С. 146 - 147.
4. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Ҷ. 3. Д., 1989.
5. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Синтаксис. Қ.2. Китоби дарсӣ барои факултетҳои Филологияи мактабҳои олӣ. – Душанбе: Маориф, 1995.
6. Мирзоев А., Ниёзӣ Ш., Ғафуров М. Грамматикаи забони тоҷикӣ. Синтаксис. Барои мактабҳои ҳафтсола ва миёна. - Душанбе, 1948. - С. 67.
7. Ниёзмуҳаммадов Б., Ниёзӣ Ш., Каримов А. Забони тоҷикӣ. Синтаксис. Барои синфҳои 7 ва 8. - Душанбе, 1962. - С.125.
8. Норматов М. Забони адабии муосири тоҷик (Синтаксис). Васоити таълимӣ барои донишҷӯён. - Душанбе, 2011. - С. 277 - 278.
9. Расторгуева В.С. Краткий очерк грамматики таджикского языка. Приложение к таджикско-русскому словарю. -М., 1954. - С.570.
10. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои муракаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик (Ҷумлаҳои пайрави ҳол). - Душанбе, 1981. - С.115 - 125.

УПОТРЕБЛЕНИЕ СРЕДСТВ СВЯЗИ ПРИДАТОЧНОГО ПРЕДЛОЖЕНИЯ ЦЕЛИ В ТВОРЧЕСТВЕ КАМОЛА ХУДЖАНДИ

В статье рассматриваются способы употребления подчинительных союзов в сложноподчиненных предложениях с придаточными предложениями цели в творчестве известного персидско-таджикского поэта Камола Худжанди. Выявлено, что в творчестве поэта употреблены подчинительные союзы **«ки», «то», «то ки», «ки то».** Подчеркивается, что придаточные предложения цели, связанные с главным предложением посредством союза **«ки»,** имеют дополнительные смысловые значения.

Ключевые слова: придаточное предложение, средства связи, союзы, соотносительные слова.

THE USE OF MEANS OF COMMUNICATION-CLAUSE OF PURPOSE IN THE WORK KAMOLA KHUJANDI

The article discusses how the use of subordinating conjunctions in complex sentences with clauses of purpose in the work of the famous Persian-Tajik poet Kamola Khujandi. It has been found that the creativity of the poet used subordinating conjunctions "ci","to", "ki", "to ki". It is emphasized that-clause purposes related to the main clause by means of the union "ki", have additional meanings.

Key words: clause, means of communication, conjunctions, correlative words.

Сведения об авторе: ***В. Абдулазизов*** - кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета. Телефон: **919- 14-27-48**

ВИДЫ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ТЕКСТОВ И ЭТИКЕТНЫЕ СИТУАЦИИ В НИХ

М.Р. Джураева
Таджикский национальный университет

Публицистические тексты могут быть устными и письменными. Это обстоятельство влияет на отбор речевых этикетных средств: автор должен учитывать особенности человеческого восприятия информации, связанные со способом ее передачи. Рассмотрим три рода текстов средств массовой информации.

Письменный текст СМИ (газета, журнал) – это единовременный охват и обзор разного, недавно случившегося. Текст газеты предоставляет возможности увидеть окружающую реальность с разных точек зрения, лаконично и подробно, краткой строкой и целыми полосами, общим и крупным планом, в масштабах географических и топографических. «Газета молча кричит, молча взывает – всеми доступными средствами – к визуальному общению, к читательскому вниманию и соучастию (Прозоров, 2005:121).

Главным объектом внимания газеты являются события, сообщения о происшедшем, размышления над сущим и переходящим. На страницах газет и журналов рассказывается об огромном количестве разной степени сложности характеров, судеб, проблем. Газета представляет нам многообразие чем-то отмеченных, особенных событий и объяснений.

Случающиеся в процессе восприятия газеты при одновременном прослушивании радио и просмотра телевидения читательские открытия связаны не только и даже не столько с информационной новизной. Они обусловлены дополнительными смысловыми приращениями информации, совпадением или напротив, отчетливым расхождением позиции газеты с читательскими взглядами на события и явления, с читательским пониманием локальных и глобальных проблем.

Результаты исследования показывают, что в письменных текстах СМИ журналисты используют разные обращения, как новые употребительные, так и малоупотребительные. Например:

***Масъуд Саидович**, сӯҳбат бо Шумо бароям хеле гуворо аст ва ман гумон мекунам, ки дар рӯзи ҷашни мавлудатон ба дӯстон, ёрону ҳамкорон ва мухлисони эҷодиётатон боз бисёр лаҳзаҳоро аз зиндагии рангини худ қисса хоҳед кард* (газета «Адабиёт ва санъат», 29.10.09: 5)

Обращение по имени и отчеству, которое было частотным в таджикском речевом общении, преимущественно в официальных кругах и среди интеллигенции в 60-80 годы 20 века, в последнее время заметно сократилось и в данное время, к сожалению, является малоупотребительным. По нашему мнению, такая форма обращения является одной из наиболее приемлемых и умеренно вежливых формул, обеспечивающая гармонию общения и вполне заслуживающая своё возрождение в нашем речевом этикете. *Бале,* ***устод,*** *- гуфт Некқадам ва бо муҳаббати хосе ба устодаш дида дӯхт* (газета «Адабиёт ва санъат», 11.03.10: 3) Да, устод, - сказал Некқадам и с особой любовью посмотрел на своего наставника.

Дӯсти арҷманд!.. *Ҷои шодмонист, ки Шумо 60 солагии камолоти умрро дар ҳалқаи фарзандону пайвандон ва ҳамқаламони хеш таҷлил менамоед* (газета «Адабиёт ва санъат», 1.04.10: 4). Дорогой друг! Отрадно, что Вы празднуете 60-летие жизненного пути в окружении своих родных и близких.

Отрадно то, что в последнее время участилось обращение«устод» (вежливое обращение к учёному, учителю, наставнику). Это одно из новых явлений последнего десятилетия.Обращения «дӯстам» (мой друг) отдельно и в составе словосочетаний с изафетной конструкцией «дӯсти азиз», «дӯсти арҷманд», «дӯсти гиромӣ» также является одним из употребительных слов и преимуществом жанра поздравления как в письменных текстах, так и в устных.

Следует отметить, что в толковом словаре таджикского языка слово *«дӯст»*имеет не только значение «друга», а имеет ещё несколько других: рафиқи шафиқ (любящий, сочувствующий товарищ), меҳрубон (ласковый, нежный, добрый, приветливый, любезный, милосердный, обходительный), ёр (друг), ошно (друг, товарищ, знакомый) (ФЗТ).

Устному общению на радио присуща повышенная доверительность тона, особая откровенность, чувствительность. Процесс радиослушания (без утомления для глаз и при нынешней портативной радиотехнике) удобно сочетать с иными видами занятий (например, с разными видами домашней деятельности, отдыха или с вождением автомобиля). Радио охотно воспринимается и теми, кто плохо читает или слабо видит, не имея доступа к газете или телевидению. Богатыми сегодня признаются возможности радиовещания: «обладая достаточно скромным арсеналом выразительных средств, радиожурналист имеет в своем распоряжении практически неограниченное число сочетаний этих выразительных средств, позволяющих в конкретных чувственных формах воссоздать у микрофона и в эфире бесконечные по сложности факты, события и обстоятельства общественного бытия и частной жизни человека (Шерель А.А., 2000: 122). Искусство радио обладает возможностью создания определенных душевных настроений, эмоциональных состояний. Всем знаком эффект неосознаваемого, но тем не менее сильного эмоционально-экспрессивного влияния радиотекста на слушателя. Сами радиотексты существуют с уже сознательно или невольно заданной направленностью воздействия. Исследование текстов СМИ свидетельствут о том, что в наши дни на радио употребляются новые выражения приветствия и прощания. Например, форма приветствия:

Ассалому алайкум шунавандагони азизу гиромиқадр! Дар ин шом ва дар ин барнома бароятон тани сиҳат, хонаи обод ва ишқи покро дар замири якояки шумову аҳли хонадонатон хоҳонем. Дуогӯйи шумо Сайфуллои Бозор. (передача «Хонавода», радиостанция «Садои Душанбе»: 29.09.12).

Бо қалби пур аз меҳру садоқат салом арз мекунем ба тавоҷҷӯҳи ҳар яки шумо, сомеони азиз, шунавандагони гиромӣ! Инак, боз барномаи «Дунёи ҷавонӣ» танинандоз дар кошонаҳои шумо (передача «Дунёи ҷавонӣ»: радиостация «Тоҷикистон» 30.10.12).

- выражения прощания: *Хайр, шунавандагони гиромӣ! То барномаҳои оянда шуморо ба яздони пок месупорем* (передача «Армуғон» радиостанция «Тоҷикистон» 10.10.12). *Бо умеди боздиданҳо, бо умеди хонаи ободу зиндагии осудаи якояки шумо, сомеони азиз, барномаи имрӯзаро ҳусни анҷом мебахшем* (передача «Дунёи ҷавонӣ»: радиостация «Тоҷикистон» 30.10.12).

Устная коммуникация на телевидении осуществляется через экранное изображение, через движущуюся «картинку». По мнению В.В.Прозорова, словесные тексты, считываемые с телеэкрана, обладают сравнительно невысокой информативностью. Исключение – бегущая строка, но она появляется, спешит и ускользает, то есть сама становится динамичной «картинкой» (Прозоров, 2005: 121).

Согласно Костомарову В.Г. «телевидение отличается тем, что это какой-то новый язык, и не письменный, и не устный, не разговорный и не книжный, а это именно язык масс-медиа» (Костомаров). Телевидению, как никакому другому СМИ, свойственна вопросно-ответная форма общения. Энергия вопроса, его внезапность и парадоксальность, смелость и острота особенно ценятся телезрителем. В наши дни некоторые ведущие телепрограмм используют разговорные формы речи.

Таким образом, искусство радио и телевидения – это искусство, развивающееся в реальном времени и пробующее охватить разные пространства (географические, социальные, душевные и т.д.), газета, напротив осваивая – прежде всего с помощью новостного и аналитического материала – свою многополосную территорию, стремится овладеть «постоянно ускользающим от него временем». На радио и телевидении информация о событии постепенно или сразу, но улетучивается, лицо (голос) исчезает, очередной сюжет исчерпывается и завершается. В газете все находится в полном и беспрекословном распоряжении читателя.

В газете, как правило, нет единства места и действия, она даёт охват разного и с точки зрения геопространственной, и с точки зрения бесконечной смены сюжетов, но в ней есть единство времени. На радио и телевидении – единство места и действия на данный временный отрезок.

ЛИТЕРАТУРА

1. Костомаров В.Г. Языковой вкус эпохи / В.Г. Костомаров. Из наблюдения над речевой практикой масс медиа. Издание третье, испр. и доп. Спб., 1999. -320с.
2. Пахомова И.Н.Новые явления в русском речевом этикете: на материале средств массовой информации. Дисс. на соискание уч. ст. канд.фил.наук/ И.Н.Пахомова. – Москва, 2008.
3. Прозоров В.В. Коммуникативные стратегии в филологии и журналистике/ В.В. Прозоров. – Москва, 2005.
4. Формановская Н.И. Речевое взаимодействие: коммуникация и прагматика/ Н.И Формановская. – Москва, 2007.
5. Шерель А.А. Радиожурналистика/ А.А. Шерель. - Москва: Изд-во Мос-го ун-та, 2000.

ВИДЫ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ТЕКСТОВ И ЭТИКЕТНЫЕ СИТУАЦИИ В НИХ

В статье рассматриваются три рода текста средств массовой информации. Случающиеся в процессе восприятия газеты при одновременном прослушивании радио и просмотра телевидения читательские открытия связаны не только и даже не столько с информационной новизной. Они обусловлены дополнительными смысловыми приращениями информации, совпадением или напротив, отчетливым расхождением позиции газеты с читательскими взглядами на события и явления, с читательским пониманием локальных и глобальных проблем.

Ключевые слова: текст, газета, журнал, радио, телевидение, СМИ.

TYPES OF PUBLICISM TEXTS AND LABEL SITUATIONS IN THEM

There considered three text sorts of mass media in the article. Readers' discoveries occuring in the process of newspaper perceptions and the process of radio listening and tv- viewing is constrained not only and even not so much with an informative novelty. They are conditioned by the additional semantic increases of information, by a coincidence or in the contrary by distinct divergence of newspaper position with readers' opinions about events, and phenomena with the readers' understanding of local and global problems.

Key words: text, newspaper, journal, radio, tv, Mass Media.

Сведения об авторе: ***М.Р. Джураева*** - докторант Таджикского национального университета.
E-mail**:** **light_angel-65@mail.ru.** Телефон: **938-80-93-01**

НАЗАРЕ БА МУНОСИБОТИ ЗАБОНҲОИ ЭРОНИИ ҶАНУБИ ШАРҚӢ БО ЛАҲҶАҲОИ БАДАХШОНИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ

А. Мирбобоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Минтақаи Ҳиндукуши шарқӣ аз лиҳози ҳамзистии мардумони мансуб ба гурӯҳҳои миллию нажодии мухталиф ва ба корбурди забонҳои гуногун яке аз ҷолибтарин манотиқи этнолингвистӣ маҳсуб мешавад, ки дер боз мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқони бахшҳои мухталифи улуми инсонӣ қарор гирифтааст [6, 62-63]. Кӯҳистони Бадахшони Тоҷикистон, ки яке аз ҳавзаҳои этнолингвистии минтақаи Ҳиндукуши шарқӣ маҳсуб мешавад, низ чун осорхонаи зиндаи забонҳои эронӣ дар ҳамзистии забонҳои эронии шарқию ғарбӣ нақши муҳим доштааст. Намунаи ҳамзистии забонҳо дар ин ҳавза амалкарди лаҳҷаҳои бадахшонии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ, ки муҳаққиқон «лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ» унвонгузорӣ кардаанд [1, 35; 2, 43-44; 9, 3], дар минтақаи густариши забонҳои эронии шарқие мебошад, ки дар илм таҳти унвони «забонҳои помирӣ» маъруфанд.

Лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ дар ин минтақа дар асрҳои миёна ба сабаби кӯчбандиҳое, ки бар асари ҳаводиси сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ сурат гирифта буданд [5, 80-84], густариш пайдо карданд ва дар иҳотаи забонҳои помирӣ то ба имрӯз маҳфуз мондаанд. Албатта, чунин ҳамзистӣ дар таҳаввули сохтори лаҳҷаҳои мазкур бетаъсир буда наметавонист, аз ин рӯ масъалаи мазкур мавриди баррасии мақолаи ҳозир қарор гирифт. Пеш аз он ки ба муносибати забонҳои эронии шарқӣ ва лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ матраҳ гарданд, мавқеи лингвогеографии ин лаҳҷаҳоро муайян кардан лозим аст.

Лаҳҷаҳои бадахшонии тоҷикӣ аз рӯйи мавқеи лингвогеографии онҳо нисбат ба тамоми шеваҳои дигари забони тоҷикӣ фарқ мекунанд. Дар байни тамоми шеваҳои ҷанубии дигари забони тоҷикӣ ин гӯишҳо ягона лаҳҷаҳое мебошанд, ки ду омил дар ташаккули таърихии онҳо нақши худро гузоштаанд:

1. Ин лаҳҷаҳо аз тамоми шеваҳои дигари забони тоҷикӣ ҷудо буда, ба ягонтои онҳо бевосита ҳамсоягӣ надоранд.

2. Ин лаҳҷаҳо ягона лаҳҷаи тоҷикӣ мебошанд, ки атрофи онҳоро пурра забонҳои эронии шарқӣ иҳота кардаанд.

Агар ба харитаи диалектологии ин лаҳҷаҳо назар афканем, чунин ҳолати муносибати лигвогеографиро мушоҳида хоҳем кард:

Лаҳҷаҳои бадахшонии тоҷикӣ аз шарқу ҷануб бо забонҳои вахонию ишкошимӣ, аз ғарб ва шимол бо забонҳои шуғнонӣ, аз ҷануб бо забонҳои шуғнонӣ, сангличӣ, зебокӣ ва мунҷонӣ ҳамҳудуданд. Ғайр аз ин, дар гузашта муносибати тарафайни ин лаҳҷаҳоро бо лаҳҷаҳои дарии Афғонистон ва забонҳои ғайриэроние чун буришкӣ ва ховарӣ низ нашояд сарфи назар кард [6, 66]. Ин лаҳҷаҳо мустақиман набошад ҳам, аз тариқи миёнҷигарии забонҳои вахонӣ ва шуғнонӣ ба шеваҳои помирии забони қирғизӣ низ ҳамсоягӣ доранд, ки ин омил низ то андозае ба инкишофи сохтори луғавии онҳо бетаъсир будан наметавонист. Дар чунин муносибати байнизабонӣ нақши шеваҳои вахонии Чин ва ҳамчунин забони сариқулиро низ аз мадди назар дур кардан мумкин нест. Дар шароити ҳамзистии лаҳҷаҳои тоҷикии бадахшонӣ дар муҳити гуногунзабонӣ маҷмӯи ин муносибатҳо аломатҳои фарқкунандаеро дар ин лаҳҷаҳо ба вуҷуд овардаанд, ки онҳоро дар дигар шеваҳои забони тоҷикӣ пайдо намудан ғайриимкон аст.

Лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ дар адабиёти илмӣ то як андоза мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Таснифоти умумии лаҳҷа дар асарҳои Ю.И. Богорад [1; 2], А.З. Розенфелд [9; 10; 11], асари бисёрҷилдаи «Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ» [8] дода шудааст. Баъзе паҳлӯҳои илмии ин масъала дар асару мақолаҳои ҷудогонаи И. М. Стеблин-Каменский [12; 13], , А. Л. Грюнберг [4] ва дигарон ба доираи таҳқиқ кашида шудааст. Вале бояд қайд кард, ки масъалаи тадқиқи комил ва муназзами ин лаҳҷаҳо ҳанӯз ҳалли илмии худро интизор аст.

Лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикиро аз лиҳози хусусиятҳои диалектологӣ ва ҷойгиршавии онҳо ва ҳамчунин аз рӯи ҳадди таъсири ҳаммарзӣ бо забонҳои помирӣ метавон ба сурати зайл табақабандӣ кард:

1. Гурӯҳи ғарбӣ – лаҳҷаи ғоронӣ, ки бештар таҳти таъсири забони шуғнонӣ қарор гирифтааст.

2. Гурӯҳи марказӣ – гӯйишҳои тоҷикии Нуд, Яхшивол, Мулвоҷ, Сумҷин, ки таҳти таъсири забонҳои вахонию ишкошимӣ қарор дорад.

3. Гурӯҳи шарқӣ – лаҳҷаҳои тоҷикии вахонӣ, ки таҳти таъсири пурраи забони вахонӣ қарор доранд.

4. Лаҳҷаи тоҷикии Шохдара, ки таҳти таъсири забони шуғнонӣ аз байн рафтааст.

Таҳаввули таркиби лексикию сохтори фонетикию грамматикии ин лаҳҷаҳо нишонгари он аст, ки забонҳои помирӣ ба ин лаҳҷаҳо ба таври мухталиф таъсиргузор будаанд.

Муҳити амалкард ва инкишофи ин лаҳҷаҳо боиси падид омадани тағйироте дар тамоми сатҳҳои сохтори онҳо гардидаанд, ки ба василаи ин тағйирот аз соири лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ тафовут пайдо кардаанд. Дар тағйироти сохтори луғавию дастурии ин лаҳҷаҳо таъсири забонҳои зерини эронии шарқиро мушоҳида кардан мумкин аст:

1. Таъсири забони вахонӣ.
2. Таъсири забони шуғнонӣ.
3. Таъсири забони ишкошимӣ.
4. Таъсири забонҳои мунҷонию пушту.
5. Таъсири забонҳои дарӣ ва кховарию бурушаскӣ ба воситаи забонҳои помирӣ.
6. Таъсири дигар забонҳо ба воситаи забонҳои помирӣ.

Чунин таъсирро чи дар сохтори фонетикӣ ва чи дар низоми луғавию грамматикӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар сатҳи фонетикӣ забонҳои эронии шарқӣ бо ду тарз ба лаҳҷаҳои бадахшонӣ таъсир кардаанд:

а) таъсири бевосита ба сохти фонетикии лаҳҷаҳо;

б) ҳамчун воситаи таъсиргирӣ аз дигар забонҳои эронию ғайриэронӣ амал кардани он забонҳо.

Яке аз аломатҳои таъсири бевоситаи забонҳои помирӣ ба ин лаҳҷаҳо дар он аст, ки дар онҳо овозҳои ҳалқӣ ихтисор шудаанд. Дар фарқият аз дигар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ, дар ин лаҳҷаҳо овозҳои ***ҳ*** ва ***ъ*** вуҷуд надоранд. Агар овози ***ҳ*** дар аввали калима омада бошад, он ихтисор мешавад, вале чунин ихтисоршавӣ ба овозҳои баъдина бетаъсир мемонад. Масъалан, забони тоҷикӣ: *hama* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *ama*; забони тоҷикӣ: *haft* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *aft*; забони тоҷикӣ: *hašt* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *ašt*.

Овози ҳалқии [ҳ] дар гӯиши ғарбӣ (ғоронӣ) метавонад баъзан чун овози ҳалқии [ъ] талаффуз ёбад: ‘*aft*, ‘*ašt*.

Агар овози [ҳ] дар байни калима омада бошад, он одатан ихтисор шуда, садоноки баъдина дарозтар талаффуз мегардад: забони тоҷикӣ: *Mahmad* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *Māmad*; забони тоҷикӣ: *bahr* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *bār*; забони тоҷикӣ: *tahwil* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *tāwil*.

Дар охири калима овози [ҳ] низ ихтисор мегардад, вале ба овозҳои пешина дар ин маврид ягон таъсире намерасонад: забони тоҷикӣ: *nūh* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *nu*; забони тоҷикӣ: *dah* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *da*; забони тоҷикӣ: *panjoh* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *panjo*; забони тоҷикӣ: *rah* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *ra*; забони тоҷикӣ: *farah* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *fara*.

Одатан овози [ъ] дар калима ихтисор шуда, баъзан пеш аз садоноки *[i]* ба сонанти *[y]* табдил меёбад: забони тоҷикӣ: *‘ilm* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *yilm*; забони тоҷикӣ: *‘išq* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *yišq*; забони тоҷикӣ: *ta’in* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *tayin*.

Таъсири фонетикаи забонҳои помириро инчунин дар тағйироти сифатии баъзе садонокҳо низ мушоҳида кардан мумкин аст. Дар ин маврид, пеш аз ҳама, дар гӯиши ғарбӣ (ғоронӣ) вуҷуд доштани садоноки хосаи [ö]-ро, ки дар дигар шеваҳои тоҷикӣ ба назар намерасад, қайд кардан зарур аст, ки зоҳиран таҳти таъсири овози садоноки [ů]-и забони шуғнонӣ пайдо шудааст: *dödi* (падар), *törak, dumöd, böy, törik*.

Овози ноустувори [*ə*] дар гӯиши марказӣ баъзан ба [*ь*] ва дар гӯиши шарқӣ ба [*ə*] ё [*ы*] табдил меёбад, ки ин овозҳо хоси забонҳои ишкошимӣ ва вахонӣ мебошанд: лаҳҷаи шарқӣ: *qərəw,* марказӣ: *qьraw*; шарқӣ: *bыz,* марказӣ: *bьz*; шарқӣ: *bəzыrg,* марказӣ: *bьzьrg*. Дар гӯиши марказӣ ва аксаран дар гӯиши шарқӣ таҳти таъсири забонҳои вахонӣ ва ишкошимӣ овозҳои ҳамсадое ворид шудаанд, ки онҳо умуман хоси забони тоҷикӣ нестанд [***ʒ, c***]:

вожаҳои гӯишӣ	маъно
бо овози [ʒ]:	
ʒil	*тори рубоб*
Xinʒo	*номи занона: Хонзо*
ʒəqidan	*гила кардан*
ʒring	*ҷаранг*
ʒəras	*ҷарангос*
ʒəringas	*ҷарангос*
бо овози [*c*]:	
cəq	*ростистода, рост*
cələq	*сари ду по (нишаста)*
cərəmbidan	*пӯчидан*

Забони вахонӣ аз ҷумлаи забонҳои эроние ст, ки дар системаи фонетикии он овозҳои церебралӣ вуҷуд доранд. Бархе аз муҳаққиқон сабаби пайдоиши ин овозҳоро дар таъсири забонҳои ҳиндуориёӣ ё дигар забонҳои минтақа (бурушаскӣ) ҷуста [12, 38-44, 55-81], дигаре ҳамчунин ҳодисаи субстрат онро маънидод мекунанд [14, 73]. Вале бояд қайд кард, ки дар гӯиши шарқии лаҳҷаҳои бадахшонӣ пайдо шудани ин овозҳо (***ḍ, ṭ***)-ро фақат ҳамчун ҳодисаи таъсири забони вахонӣ, ки чун пуле барои вуруди вожагони ғайриэронӣ (буришкӣ ё забонҳои ҳиндуориёӣ) ба шеваҳои тоҷикӣ баромад мекунад, тавзеҳ додан лозим меояд:

вожаи гӯиши шарқии бадахшонӣ-тоҷикӣ	маъно
ḍanq	*аз ҳад зиёд, ниҳоят*
ṭox zadan	*бархӯрдан, рӯ ба рӯ омадан*
ṭax zadan	*афшондан*
ḍow	*гӯл, гаранг*
ḍangul/ ḍəngul	*пояи тамоку*
mənḍal	*девори канори суфаҳо дар хонаи суннатии бадахшонӣ*
mənḍiq	*қадпаст, пакана*
ḍamz	*варам; сахт*

Таъсири забонҳои шуғнонию вахонӣ ҳатто ба просодикаи ин лаҳҷаҳо низ таъсир кардааст. Тарзи талаффузи ҷумла, оҳангнокӣ ва кашиши овозии гӯиши ғарбӣ тарзи талаффузи шуғнонӣ ва гӯиши шарқӣ - тарзи талаффузи вахониро хотир меорад.Забонҳои эронии ҷанубии шарқӣ дар инкишофи таркиби луғавии ин шева низ таъсиргузор мебошанд, ки дар бораи вожагони иқтибоси ин забонҳо дар лаҳҷаҳои мазкур А.З. Розенфелд ишораҳои зиёде дорад (ниг.: [9; 11]). Дар ин маврид ҳамчунин метавон гартабардорӣ (калка)-ҳоро аз забонҳои помирӣ, бахусус аз забони вахонӣ, ки дар гӯиши шарқии лаҳҷаи бадахшонии тоҷикӣ роиҷ аст, хотирнишон сохт:

дар забони вахонӣ	дар лаҳҷаҳои тоҷикии бадахшонӣ
vul ktak	*buy doxtan* (бо чизи хушбӯй дуд додан)
ruxnptыk	*safedord* (ширинихое, ки дар ҷашни арӯсӣ медиҳанд)
šəyd čərmvak	*naw dərowardan* (маросими кишоварзӣ, ки ҳангоми расидани ҳосили кишт анҷом мешавад)
ruxn wocak	*safed šədan* (рӯз шудан)
ṣыw wocak	*siya šədan* (дафъ шудан)

Мавҷудияти феълҳои таркибие, ки як ҷузъи номии онҳо аз калимаҳои вахонӣ (ишкошимӣ) иборатанд, танҳо хоси гӯишҳои марказӣ ва шарқии лаҳҷаҳои бадахшонии забони тоҷикӣ мебошанд:

феълҳои таркибӣ	маъно
čəw šьdan	харошида шудан, хуншор шудан
čəx zadan	рӯи ҳам ниҳодан, чизеро ҷафс кардан
ĵrix zadan	гиреҳ задан
aw kardan	партофтан, андохтан
čəkələk zadan	лагад задан; ба сӯе афкандан
qew kardan	ҷеғ задан
cəq zadan	рост истодан; рост мондан
špaq šədan	фурӯ хамидан (дар мавриди филизот)
člap zadan	мавҷ задан; саршор шудан

Таҳти таъсири ин забонҳо дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ як қатор воҳидҳои фразеологие низ пайдо шудаанд, ки дар дигар гӯишҳои тоҷикӣ ба назар намерасанд, ки дар эроншиносӣ ҳамчун этнорегионализмҳо тафсир гаштаанд [6, 88]:

дар забони вахонӣ	дар гӯишҳои бадахшонӣ	маъно
šač dingak	*sag zadan*	*касеро ҷанг кардан*
savz vəndak	*sawz(-i kasero) bastan*	*бар мотами касе нишастан*
jəlq rəsədak	*jəlq kandan*	*лакот шудан, беҳол шудан*
sьng yundak	*sard bərdan*	*сахт хунук хӯрдан, аз хунукӣ ях кардан*

Дар системаи грамматикии лаҳҷаҳои бадахшонӣ низ таъсири муносибати байниҳамдигарии онро ба забонҳои эронии шарқӣ мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин таъсир, пеш аз ҳама, дар низоми феъл мушоҳида карда мешавад.

Дар забонҳои вахонӣ ва ишкошимӣ ҳодисаи ба постверб табдил ёфтани превербҳо маълум аст, вале ин ҳодиса дар забони тоҷикӣ маъмул нест. Аз ин рӯ, чунин ҳодисаро дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ натиҷаи таъсири ин забонҳо шумурдан иштибоҳ нест:

warxərdan 'воҳӯрдан' → *xərdəm war*
warčindan 'барчидан' → *čindəm war*
fərgaštan 'гаштан, давр задан' → *gaštəm fər*
barzadan 'барзадан' → *zadəm bar*

Дар феълҳои таркибӣ бошад, ҷузъи ёридиҳанда метавонад пеш аз ҷузъи асосӣ ояд: *yak bor borid boron, bad kard (h)awo, odamo kardan kor.*

Дар лаҳҷаҳои бадахшонӣ маҳфуз мондани ҳиссачаи саволии ***–a/-o/-yo*** низ аз таъсири забонҳои гурӯҳӣ помирӣ орӣ нест: забони адабии муосири тоҷик: *баст-мӣ?* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *bast-a?*; забони адабии муосири тоҷик: *меравад-мӣ?* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *merad-o?*; забони адабии муосири тоҷик: *омад-мӣ?* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *omad-o?*; забони адабии муосири тоҷик: *кардӣ-мӣ?* – лаҳҷаҳои бадахшонӣ: *kardi-yo?*.

Дар бораи таъсири забонҳои эронии ҷанубӣ шарқӣ ба сохтори наҳвии лаҳҷаҳои тоҷикии Бадахшон, ки бо сабаби ҳамзистии онҳо дар як муҳит ва ҳолати симбиозе, ки забонҳои мазкур дар ин муҳит аз он баҳравар гаштаанд, дар осори илмӣ ишораҳое шудааст [15, 74-83].

Хулоса, муносибати байниҳамдигарии забонҳои эронии ҷанубӣ шарқӣ ва лаҳҷаи тоҷикии бадахшонӣ сабабгори асосии пайдоиши тафовути он аз дигар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ гардидааст. Ҳамин маҷмӯи таъсироти забонҳои эронии мазкур на танҳо ба низоми луғавӣ, балки ба сохтори савтию дастурии лаҳҷаҳои бадахшонӣ як қатор тағйироти муҳим ворид намудааст, ки дар дигар лаҳҷаҳои ҷанубии забони тоҷикӣ ба назар намерасанд. Чунин вазъ шаҳодати таъсири шадиди ин забонҳо ба лаҳҷаҳои мазкур мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Богорад Ю.И. Рогские говоры таджикского языка [Текст] / Ю.А. Богорад. // Труды Института языкознания АН СССР. – М, 1956. – Т. 6. – С. 133-195.
2. Богорад Ю.И. Горонский говор таджикского языка [Текст] / Ю.А. Богорад. // Иранский сборник. К семидесятипятилетию профессора И.И. Зарубина. – М, 1963. – С. 44-59.
3. Грюнберг А.Л. Этнолингвистическая характеристика восточного Гиндукуша. Ваханский язык [Текст] / А.Л. Грюнберг, И.М. Стеблин-Каменский // Проблемы картографирования в языкознании и этнографии. – М, 1974. – С. 276-283.

4. Грюнберг А.Л. Языки восточного Гиндукуша. Ваханский язык [Текст]: монография / А.Л. Грюнберг, И.М. Стеблин-Каменский. – М: Наука, 1976. – 670 с.
5. Искандаров Б. История Памира [Текст]: монография. – Хорог: Мерос, 1995. – 186 с.
6. Мирбобоев А. Об этно-региональном аспекте изучения некоторых памирских фразеологизмов [Текст] / А. Мирбобоев // Актуальные проблемы иранской филологии: тезисы докл. VIII Всесоюзной научной конференции. – Душанбе, 1982. – С. 88.
7. Мирбобоев А. Назаре ба таҳаввули забонҳои эронии минтақаи Ҳиндукуши шарқӣ [Текст] / А. Мирбобоев // Номаи Пажӯҳишгоҳ. – 2002. – № 2. – С. 59-70.
8. Неменова Р.Л. Шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ. Фонетика ва лексика [Текст]: монография / А.Л. Неменова, Ғ. Ҷӯраев. – Душанбе: Дониш, 1980. – Т. 1. – 288 с.
9. Розенфельд А.З. Таджикские говоры Советского Бадахшана и их место среди других языков на Памире [Текст] / А.З. Розенфельд // Вестник ЛГУ. № 20. Сер. История, язык и литература. – Л: ЛГУ, 1963. – Вып. 4. – С. 107-112.
10. Розенфельд А.З. Таджикоязычное население Советского Бадахшана [Текст] / А.З. Розенфельд // Советская этнография, 1963. – № 1. – С. 118-122.
11. Розенфельд А.З. Бадахшанские говоры таджикского языка [Текст]: монография. – Л.: ЛГУ, 1971. – 147 с.
12. Стеблин-Каменский И.М. Историческая фонетика ваханского языка [Текст]: дис… канд. филолог. наук: 10.667 / Стеблин-Каменский Иван Михайлович. – М., 1971. – 249 с. –Библиогр.: с. 232-249.
13. Стеблин-Каменский И.М. Очерки по истории лексики памирских языков. Названия культурных растений [Текст]: монография. – М: Наука, 1982. – 167 с.
14. Эдельман Д.И. Проблема церебральных в восточноиранских языках [Текст] / Эдельман Д.И. // Вопросы языкознания. – 1963. – № 5. – С. 67-81.
15. Эдельман Д.И. О некоторых синтаксических конструкциях в таджикских говорах Бадахшана [Текст] / Д.И. Эдельман // Масъалаҳои забоншиносӣ (мачмӯаи мақолаҳо). – Душанбе, 1975. – № 5. – С. 74-83.

ОБ ОТНОШЕНИЯХ ЮГО-ВОСТОЧНЫХ ИРАНСКИХ ЯЗЫКОВ С БАДАХШАНСКИМИ ГОВОРАМИ ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА

Таджикский Горный Бадахшан, являющийся одним из ареалов восточно-гиндукушского этнолингвистического региона, в качестве живого музея иранских языков сыграл весьма важную роль в историческом сосуществовании восточных и западных иранских языков. Ярким примером такого языкового сосуществования в этом ареале является функционирование бадахшанских говоров южного диалекта таджикского языка на территории распространения некоторых юго-восточных иранских языков, именуемых в научном обиходе памирскими языками. В статье анализируется влияние памирских языков на развитие фонетической, лексической и грамматической структуры бадахшанских говоров таджикского языка.

Ключевые слова: этнолингвистческий регион, этнолингвистический ареал, сосуществование языков, бадахшанские говоры таджикского языка, памирские языки, горонский говор, говор Нюда, таджикско-ваханские диалекты, таджикский говор Шахдары, влияние юго-восточных иранских языков.

RELATION OF SOUTH-EASTERN IRANIAN LANGUAGE WITH BADAKHSHAN OF TAJIK LANGUAGE

Tajik Gorno Badakhshan is one of the area of Eastern Hindukush linguistic region and as the alive museum of Iranian languages had the large role in historical appearance of east and west Iranian languages. The wide sample of such linguistic existence in this areal contains the function of of Badakhshan saying of south dialects of Tajik language in the territory of spreading of some south-eastern Iranian languages, indicated in scientific sphere of Pamirian languages. In this article is analyzed the influence of Pamiri languages in the development of phonetic phonetical, lexical and grammatical structures of Badakhshan saying of Tajik language.

Key words: ethnolinguistics region, ethnolinguistics area, co-existence languages, Badakhshan dialects Tajik language, Pamir languages, dialect of Ghoron, dialect of Nud, Tajik-Wakhan dialects, Tajik dialect of Shokhdara, influence south-eastern Iranian languages.

Сведения об авторе: ***А. Мирбобоев*** **–** кандидат филологических наук, доцент кафедры истории языка Таджикского национального университета. Телефон: **935-84-65-42**

ОМИЛҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ТАКОМУЛИ ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ШЕВАҲО

Сахидод Хоркашев
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

Таркиби луғати забони тоҷикӣ, аз ҷумла лаҳҷаву шеваҳои он, маҳсули таърихи гузашта ва имрӯзаи он ба шумор рафта, бо таърихи халқи тоҷик алоқаманд мебошад, зеро ҳар як ҳодисаи таърихию фарҳангӣ, сиёсию иқтисодӣ ва динию мазҳабии халқ, ки ҳамсафари ҳаёти мардум аст дар таркиби луғат инъикос мешавад. Таркиби луғат оинаи тараққиёти таърихии забон мебошад, чунки дар он ҳам калимаҳои куҳна ва ҳам нав, ҳам унсурҳои фаъолу ҳам ғайрифаъолро дарёфтан мумкин аст. Ин тағйироту дигаргуниҳои таркиби луғат албатта ба сабабҳои муайяни забонӣ (лингвистӣ) ва ғайризабонӣ (экстралингвистӣ) алоқамандӣ дорад. Олимон сабаби

тағйирот ва бойшавии таркиби луғатро ба таври гуногун муайян кардаанд. Аз ҷумла, Левковская К.А. дар бойшавии таркиби луғати забон се сабаби асосиро қайд кардааст: 1) тариқи калимасозӣ, ки бо роҳу воситаҳои мавҷуда сурат мегирад; 2) тариқи дигар шудани маънои калимае, ки дар забон вуҷуд дорад; 3) тариқи иқтибос (Левковская 1956, 68).

Пейсиков Л.С. зимни баррасии роҳҳои асосии рушди таркиби луғавии забони форсӣ баён менамояд, ки «в лингвистике намечается два главнейших аспекта рассмотрения этого развития: социолингвистический и лингвистический» (Пейсиков, 1975, 14) ва тадқиқоташро мутобиқи ин табақабандӣ анҷом додааст. Олимони дигар дар ташаккули таркиби луғавии забон тамоми тараққиёти таркиби луғатро ба омилҳои экстралингвистӣ (Байчура, 1967), омилҳои тараққиёти дохилии забон (Мартине, 1963), сабабҳои нимлингвистӣ (ОЯ, 1970), омилҳои дохилию берунии забон (Серебренников, 1967), қонунҳои дохилӣ ва берунӣ (Кодухов, 1974) медонанд. Зимни баррасии забони немисӣ Степанова М.Д. роҳҳои тараққиёти таркиби луғавии забони мазкурро дар калимасозӣ, тағйири маънои калимаҳо, иқтибосот ва калимаҳои тақлиди овозӣ мебинад (Степанова, 1953, 41). Кубрякова Е.С. омилҳои дохилию берунии забонро чун омили асосии рушди забон дониста, менависад, ки «к внешним причинам мы относим всю совокупность необычайно разнообразных импульсов, идущих из окружающей языковой среды и связанных прежде всего с особенностями исторического развития общества, переселениями и миграциями, объединением и распадом речевых коллективов, изменением форм общения, прогрессом культуры и техники и т. п. К причинам внутреннего порядка принадлежат различные импульсы, возникающие в связи с целенаправленной тенденцией к усовершенствованию существующей системы языка.... К внутренним причинам мы относим также разнообразные тенденции, направленные на приспособление языкового механизма к физиологическим особенностям человеческого организма, тенденции, обусловленные необходимостью улучшения самого языкового механизма, тенденции, вызванные необходимостью сохранения языка в состоянии коммуникативной пригодности и т.п.» (ОЯ, 1970. 220-221). Ҷӯраев Ғ. перомуни ин масъала таваққуф намуда, изҳор менамояд, ки «дар инкишофи забон ду омили асосӣ нақши муҳим дорад: дохилӣ ва хориҷӣ (берунӣ)» ва ӯ таъсири омили берунӣ (иҷтимоъ)-ро ба омили дохилӣ, махсусан, ба таҳаввулоти низоми овозии забон ва меъёрҳои луғавӣ эҳсосшаванда медонад. Ин муҳаққиқ мавҷудияти ду гунаи омили берунӣ (иҷтимоӣ): объективӣ (хориҷ аз иродаи ҷомеа) ва субъективӣ (вобаста ба иродаи ҷомеа)-ро баррасӣ намуда, онҳоро шарҳу эзоҳ медиҳад (Ҷӯраев, 2009, 99-100).

Ақоиди донишмандони мазкур роҷеъ ба такомули луғоти забон ба сурати гуногун баён шаванд ҳам, мақсади аксарият мувофиқат мекунад. Аз ҷумла, Пейсиков Л. С. омили «социолингвистический и лингвистический», Степанова М.Д. омили «словообразование, изменение значения слова, ведущие, в конечном счете, к появлению омонимов, заимствование и ... звукоподражания», Кодухов В.И. «внутренние и внешние законы» ва Кубрякова Е.С. омилҳои «внешние и внутренние», Ҷӯраев Ғ. дохилӣ ва хориҷӣ (берунӣ) донанд ҳам, мақсадашон таҳти ду омил: берунӣ ва дохилӣ муттаҳид мешавад.

Чи тавре ки мебинем, назари олимон дар табақабандии сабабҳои рушди таркиби луғати забон якранг нест. Вале мо аз ин гуногунандешиву гуногунбаёниҳо пайрави таснифоти Кубрякова Е.С. ва олими тоҷик Ҷӯраев Ғ. мебошем, чунки он гуфтаҳо дар ҳар шакл баён шуда бошанд (сотсиолингвистӣ ва лингвистӣ, қонунҳои дохилӣ ва берунӣ ва ғ.) дар ду омили асосӣ-дохилӣ ва берунӣ қарор мегиранд. Яъне чи калимасозӣ ва чи тағйироти маънои калима натиҷаи қонуни дохилӣ ҳисоб шуда, иқтибос ва дигар ҳодисаҳои объективию субъективӣ омили берунӣ буда метавонанд.

Аз ин ҷиҳат дар рушду такомули шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ ду омили муҳим-берунӣ ва дохилӣ нақши асосӣ доранд. «Далеко не все в развитии таджикской диалектной морфологии может быть объяснено действием внутренных факторов. Многие явления порождены в ней внешними причинами, иноязычным влиянием» (Расторгуева, 1964, 129). Ин омилҳо нисбӣ буда, бо ҳам робитаии зич доранд, зеро «деление языковых законов на внешные и внутренные в известной степени условно, поскольку язык, общества и познавателная деятельност людей тесно взаимосвязаны» (Кодухов, 1974, 199). Таъсири омилҳои берунӣ дар ривоҷу равнақи таркиби луғавӣ аз омилҳои дохилӣ камтар нест.

Тавре ки маълум аст, шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ чун ҷузъи ногусастании шеваҳои забони тоҷикӣ ва яке аз сарчашмаҳои такомули луғати забони тоҷикӣ буда,

таърихи дуру дароз доранд ва ба тамоми пасту баландиҳои рӯзгор, ки ба сари забони меъёр омадааст, шарик аст[1]. Ҳодисаю воқеаҳои таърихӣ, рушди илму фарҳанг, пешрафти техника, муносибатҳои сиёсӣ, идеологияи ҳоким дар даврaҳои мухталиф, тиҷорат, ҳусни ҳамҷаворӣ ва қаробати хешутабории халқҳои гуногун омилҳои асосиеанд, ки ба таркиби луғавии шеваҳои забони тоҷикӣ, махсусан, шеваҳои таҳқиқшаванда таъсир расонидаанд. Омилҳои номбаршуда, на танҳо ба шеваҳои забони тоҷикӣ, балки барои ҳамаи забонҳои дунё хос буда, ба дунболашон иқтибосоти зиёдеро меорад, ки ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардум мансубанд. Кубрякова Е.С. барҳақ менависад, ки «ни один язык мира не развивается под стеклянным колпаком. Внешняя среда непрерывно на него воздействует и оставляет довольно ощутимые следы в самых различных его сферах. Давно было подмечено, что при контактировании двух языков один из языков может усвоить некоторые артикуляционные особенности другого языка, оказывающего на него влияние» (ОЯ, 1970. 221).

Намунаи ин шеваи ҷанубии забони тоҷикист, ки бо таъсири забони арабӣ ба мурури замон дар дастгоҳи нутқи намояндагони он тағйироте ба амал омада, ки боиси пайдо шудани овозҳои ҳалқии ع (ъайн) ва h (ح) гаштааст.

Оре, иқтибос гирифтан ногузир аст, вале ҳазми онҳо моро барои рӯй овардан ба масоили қавонини дохилии забон ҳидоят мекунад. Профессор Ғ.Ҷӯраев доир ба ин масъала дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ баррасӣ анҷом дода, муҳимтарин хусусиёти онҳоро ошкор сохта, аз ҷумла менигорад, ки «азхудкунии унсури луғавии забони дигар, чи тавре ки муҳаққиқон нишон додаанд, чор тараф дорад; 1) азхудкунии фонетикӣ; 2) графикӣ; 3) грамматикӣ ва 4) лексикӣ» (ШҶЗТ, 1981, 270). Дар ҳақиқат, зимни иқтибосот дар даврaҳои гуногуни тараққиёти забон калимаҳое иқтибос мешаванд, ки талаффузи онҳо дар забони иқтибоскунанда душвориҳо меорад, зеро баъзе аз овозҳои таркиби калимаҳои иқтибосшуда, барои ҳомилони забони иқтибоскунанда хос нестанд. Ин ҳодиса ба забони тоҷикӣ ва шеваҳои забони тоҷикӣ ҳам марбут аст, зеро аз чандин забони дунё иқтибос гирифта, барои ҳазми онҳо вақти зиёдеро сарф кардааст. Ҳазми лексемаҳо барои возеҳу равшан ва бетакаллуф баён кардани калимаҳо мусоидат мекунанд, ки соҳибони шеваҳои забони тоҷикӣ ҳам анъанаи ниёкони худро барои баёни сода, вале маънии баланд давом медиҳанд ва ин аст, ки иқтибосотро дар доираи қавонини савтиёт ва гуфтори шевагии худ истифода мебаранд. Ба ин масъала дахл намуда Кубрякова Е.С. менигорад, ки «многое здесь зависит от произносительных привычек, усвоенных носителями конкретных языков, и их артикуляционной базы, от особенностей их фонетического строя, типов структуры слога и типичных для данного языка звукосочетаний, характера ударения, мелодики речи и от других факторов» (ОЯ, 1970. 235).

Таърихи забони тоҷикӣ гувоҳ аст, ки ҳамсадоҳои қ (ق) , ъ (ع-ъайн), ҳ (ح - hои ҳуттӣ), т (ط ، ت), с (ث، ص، س), з (ظ، ض، ذ، ز) [2] ва ц (с, тс), ки бо калимаҳояшон иқтибос шудаанд, ҳомилони забони тоҷикӣ онҳоро ба савтиёти забони тоҷикӣ мутобиқ кунониданд[3]. Талаффузи калимаҳои «эълон, ъолим, ъумр, ҳамд, аҳмад, цирк» ва ғайра барои ҳамаи тоҷикон осон набуд. Ин аст, ки имрӯз калимаҳое, ки ҳарфи **ъ** (айн) доранд, бидуни он ва ҳамсодои **ҳ** (ҳои ҳуттӣ) ба «ҳои ҳавваз» иваз шуда, ба ҷои «**ц**» ҳарфҳои «с» ва «тс» истифода мешаванд. Дар талаффузи ع-ъайн, ح - hои ҳуттӣ, т (ط ، ت, с (ث، ص، س), з (ظ، ض، ذ، ز) шахсони алоҳида, ки ба омӯзиши забони арабӣ ва масоили динӣ машғуланд, дастгоҳи тазаффузашонро мувофиқ кардаанд, вале талаффузи ин ҳарфҳо барои ҳамаи тоҷикон муяссар намешавад. Бо вуҷуди ин овозҳои ع-ъайн, ح -hои ҳуттӣ ба ҳайати консонантизми лаҳҷаҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ ворид шудаанд, дар сохтани калимаҳо ва маъниофаринӣ фаъоланд ва ба қонунҳои дохилии он муросо кардаанд (Ҷӯраев, 1970). Ҳарфҳои ط ، ت бо «т», ث، ص، س бо «с», ظ، ض، ذ، ز бо «з»-и тоҷикӣ мутобиқ шуданд (доир ба ин масъала ниг.: Расторгуева, 1964; ШҶЗТ, 1981; Розенфелд, 1956; 1964; Ҷӯраев, 1975; Маҳмудов, 1978; Маҳадов, 1972 ва диг.). Ин қонун фақат ба забони тоҷикӣ хос нест, зеро «наблюдения над историей развития фонетического строя различных языков мира с достаточной убедительностью свидетельствуют так же о том, что во всех

[1] Доир ба маълумоти таърихӣ ва этнографӣ ниг.: ШҶЗТ, 1980, 8-18.
[2] Доир ба адаптатсияи ҳамсадоҳои арабӣ ва туркӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ниг.: ШҶЗТ, 1981, 270-272).
[3] Доир ба хусусиёти тағйироти овозҳои калимаҳои иқтибосии русӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ниг.: Неменова, 1980, с.217-222.

языках существуют относительно трудные для произношения звуки и сочетания звуков, от которых каждый язык стремится по возможности освободиться или превратить их в более легкие для произношения звуки и сочетания звуков» (ОЯ, 1970. 236).

Забонҳои ғайр дар баробари савтиёт ба задаи калимаҳо, сохти грамматикӣ ва луғавӣ ногузир таъсир мерасонад. «Дар натиҷаи омезиши халқҳову миллатҳо, ҳамзистӣ, шароити дузабонию чандзабонӣ (билингвизм) ва ғайра на фақат дар таркиби луғати забон калимаҳои забони дигар мақом пайдо мекунанд, балки дар ҷойе дар сохтори овозӣ ва ҳатто сарфу наҳви он ҳам тағйирот ба вуҷуд меояд» (Ҷӯраев, 2009, 100). Дар робита ба зада ҳаминро гуфтан лозим аст, ки вай бештар дар байни аҳолии шаҳрҳо таъсир дорад ва ба шеваҳо камтар роҳ меёбад. Дар мисоли забони тоҷикӣ дидан мумкин аст, ки дар шаҳрҳо намояндагони шеваҳои гуногун, зери таъсири забони русӣ на танҳо баъзе ҳамсадоҳое, ки дар забони русӣ нестанд (аз қабили қ, ҳ), балки задаи калимаҳоро дар ҷойи маъмулии худашон мондан наметавонанд ва калимаҳои Ситора, Шаҳноза, Дилоро ва ғайраро, ки зада дар ҳиҷои охир қарор дорад, дар ҳиҷои дуюм талаффуз мекунанд.

«В лингвистической литературе отмечены случаи заимствования средств связи предложений-подчинительных и сочинительных союзов» (ОЯ, 239). Ба ин маънӣ аз забони арабӣ ба забони тоҷикӣ баъзе унсурҳои грамматикӣ ворид шуда, на танҳо дар забони меъёр, балки дар саросари шеваҳо серистеъмол гаштаанд. Фаъол будани пайвандакҳои пайвасткунандаи **ва, аммо, вале, лекин** ва пасванди ҷамъбандии **-от** ки моли забони арабианд, ҷойи шакку шубҳа надорад. Ҳамчунин, аз забони арабӣ луғоте ворид шудааст, ки ба замми маънои луғавӣ дар ташаккули ҳиссаҳои ёридиҳандаи нутқ мусоидат кардаанд. Аз ҷумла, пайвандакҳои таркибӣ бо ҷузъҳои арабии **вақт, ҳангом, сурат, модом, мисл, сабаб, ҳол, дараҷа, тарз, тавр, вуҷуд, ҳадд**; тақвияти пешояндҳои таркибӣ бо ҷузъҳои арабии **назар, нисбат, доим, оид;** ҳиссачаҳо бо ҷузъҳои арабии **фақат, ҳатто, илоҳо, ҳатман**; нидоҳои **аҳсант, ҳайф, аҷаб (аҷабо) лаббай, хайрият** ва ғайра гувоҳи раднопазири маънии болоанд. Ин аст, ки шевашиносон зимни баррасиҳо ба масъалаи таъсири аносири грамматикии берунӣ ба шеваҳо бахши алоҳидаро боз карда, ба ин хусусиёт аҳамияти ҷиддӣ медиҳанд (Расторгуева, 1964; Ҷӯраев, 1975; Маҳмудов, 1978; Муруватов, 1974 ва диг.). Масалан, Расторгуева В.С. дар асари бунёдии «Опыт сравнительного изучения таджикских говоров» на танҳо шеваҳои забони тоҷикиро муқоисаю муқобала мекунад, балки дар мавридҳои зарурӣ барои равшантар нишон додани таъсири хусусиёти грамматикии забони ӯзбекӣ ба шеваҳои забони тоҷикӣ махсус таваққуф менамояд. Дар фасли «Послелоги, заимствованные из узбекского языка» роҷеъ ба ҳафт пасоянди иқтибосии ӯзбекӣ баррасӣ анҷом дода, ба хулосае меояд, ки лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ зери таъсири сахти забони ӯзбекӣ қарор доранд (Расторгуева, 1964, 118).

Дар баробари ин, пасвандҳои калимасози иқтибосӣ низ аз омили беруниест, ки дар ташаккули забон мусоидат мекунад. Аз ҷумла, муҳаққиқ Пейсиков Л. С. дар забони форсӣ мавҷуд будани ду пасванди -чӣ: -ҷі$_1$ ва -ҷі$_2$ нишон медиҳад ва бар ин аст, ки ҷі$_1$ иқтибос аз забонҳои туркӣ буда, исмҳои ифодагари касбу кор (šikarči, doroškeči (извозчик) ва -ҷі$_2$ баромади эронӣ дошта, аз топонимҳо сифати нисбӣ (tehranči, nišabúrči) месозад (Пейсиков, 1973, 179-180) ва бо ҳамин хусусиёт дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ низ мустаъмал мебошанд.

Дар лаҳҷаҳои тоҷикони атрофии Андиҷон пасвандҳои зиёди калимасози забони ӯзбекӣ ворид шудаанд, ки дар ҳаёти ҳаррӯзаашон роиҷанд. Барои мисол, пасвандҳои -чилик, -лик, -йоғ//йок//-оғ, -ли, -дош, -илинч, -аланг ва ғайра моли забони ӯзбекӣ буда, дар сохтани морфемаҳои луғавии лаҳҷаҳои тоҷикони атрофи Андиҷон истифода мешаванд (Мурватов, 1974).

Дар баъзе аз шеваҳои забони тоҷикӣ пасвандҳои иқтибосӣ якҷоя бо морфемаҳои луғавиашон гузаштаанд. Ин нуктаро муҳаққиқи лаҳҷаҳои тоҷикони ноҳияи Китоб М.Маҳмудов чунин ба қалам медиҳад: «дар лаҳҷаҳои Китоб як гурӯҳ аффиксҳое, дучор меоянд, ки якҷоя бо воҳидҳои луғавӣ аз забони ӯзбекӣ гузаштаанд. Табиист, ки ин гуна воҳидҳои луғавӣ протсесси калимасозиро дар дохили забони ӯзбекӣ аз сар гузаронидаанд» ва пасвандҳои -лик, -чилик, -иллоғ//уллоғ, -ли, -чоқ, -лама, -оқ, -луқ ва ғайраро мисол меорад (Маҳмудов, 1978, 30.). Дар радифи ин пасвандҳо унсури «-лоқ» низ оварда шуда, ӯзбекӣ маънидод мешавад, вале мутобиқи тадқиқоти Капранов В.А. ин пасванд иқтибос аз лок//лак - и забони ҳиндӣ аст (Капранов, 1983, 26), ки инро далоили забони ҳиндӣ шаҳодат медиҳанд.

Таъсири омилҳои берунӣ бо ҳамин ба анҷом намерасад. Дар баъзе забонҳо ва шеваҳо системаи падежҳои забони дигар (ҳолат, эъроб) низ таъсир мерасонад. Бо дарки амиқи ин масъала Кубрякова Е.С. баён менамояд, ки «влияние внешней среды может вызывать заметные сдвиги и в грамматическом строе языков. В области падежной системы оно может появляться в изменении количества падежей, или состава падежной системы, в особенностях значений падежей, моделях их построения, особенностях их исторического развития и т. д.» (ОЯ, 1970. 222).

Ҳарчанд ки дар забони тоҷикӣ падеж (ҳолат) ҳамчун категорияи махсуси грамматикӣ мавҷуд нест, аммо назар ба тадқиқоти Исмонов К.Б. (Исмонов, 2013) нишонаҳои он бо таъсири забони арабӣ пайдо шудаанд.

Таъсири хусусиёти грамматикии забони арабӣ ва русӣ аст, ки дар забони тоҷикӣ ва шеваҳои забони тоҷикӣ калимаҳои марбут ба чинси занона бо пасванди -а ва ё -ка ба вуҷуд омадаанд. Инро дар калимаҳои Хуршеда, Ситора, Шаҳноза, Шоҳина, комсомолка, активистка ва ғайра дидан мумкин аст.

Муассирии унсурҳои грамматикӣ омили муҳим бошанд ҳам, омили иқтибосоти луғавӣ ҷойгоҳи хос дорад. Шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ дар давоми садсолаҳо бо воқеаю ҳодисаҳои мухталифи таърихӣ, илмию фарҳангии зиёде дучор шуда, аз таъсири забонҳои дигар бархурдор гардидааст. Ин таъсир дар соҳаҳои мухталифи таркиби луғавии ин шеваҳо эҳсос гардида, имрӯз ҳам он идома дорад. Калимаҳои иқтибосии дар ин шеваҳо истифодашаванда гувоҳи онанд, ки ҳомилони он бо халқҳои ғайр муносибатҳои гуногуни ҳаётӣ доштаанд. Барҳақ нигошта мешавад, ки «... данные современных говоров нередко служат важным материалом для историка: как группировалось население в прошлом, где оно обитало, каковы были колонизационные движения, каковы были связи у разных частей данного народа между собой и с соседними народами в разные исторические эпохи - все это в той или иной степени отражается в говорах. Территориальное распределение диалектных различий представляет собой как бы отпечаток, след пройденного народом исторического пути» (ОЯ, 1970. 233).

Аз ин ҷост, ки калимаҳои иқтибосӣ марҳилаҳои гуногунро сипарӣ намуда, қисме аз онҳо, масалан калимаҳои арабӣ, ба қавли В.С.Расторгуева ба фонди умумии таркиби луғати шева дохил шудаанд (Расторгуева, 1964, 151).

Воҳидҳои луғавии иқтибосӣ ба таркиби луғати забон ё шеваи қарзгиранда ворид шуда, ба мурури замон дар фонди асосии он ҷой мегиранд ва дар калимасозию ба вуҷуд овардани низоми лексикию семантикӣ фоъол мегарданд. Тақдири бисёр калимаҳои арабӣ, ки яке аз қабатҳои қадимтарини воҳидҳои луғавии иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ ва шеваю лаҳҷаҳои он ба шумор мераванд, ба ҳамин тарз сурат гирифтааст. Махсусан, лаҳҷа калимаҳои иқтибосии арабиро мувофиқи қоидаву қонунҳои худ корбаст мекунад. Барои намуна аз «Луғати шеваҳои ҷанубӣ» чанд мисол меорем. Воҳиди луғавии **вақт** дар лаҳҷаҳои ҷанубӣ бо гунаҳои фонетикии **вах** ва **вахт** бо ду маънӣ: 1) «вақт, замон» ва 2) «барвақт, бармаҳал» истифода шуда, асоси ба вуҷуд омадани пешоянди номии **вахти** (дар вахти, дар замони), такибҳои феълии **вахт шидан** ба маънии «фурсат шудан», **вахт чоқ шидан** ба маънии «хурсанд шудан» ва ғайра шудааст (Маҳмудов, Ҷӯраев, 1997, 80).

Калимаи **мъҳточ** бо ду маънои омоними, яъне «эҳтиёҷманд, ниёзманд» ва «як навъ асбоби рӯзгор» ба қайд гирифта шудааст.

Ин намунаҳо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки калимаҳои иқтибосии арабӣ на фақат дар такмили таркиби луғаби забони адабӣ, балки дар ташаккули таккиби луғати лаҳҷа ҳам нақши муҳим доранд, ки инро мо дар бобҳову фаслҳои минбаъдаи рисола мушоҳида хоҳем кард.

Ба таркиби луғавии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ калимаҳои зиёде аз забонҳои дунё ворид шудаанд, ки онҳо барои баровардани эҳтиёҷоти соҳибони шева мусоидат намудаанд. «Дар олам забоне нест, -навиштааст Маликушшуаро Баҳор,- ки битавонад аз омехтагӣ бо забони дигар худро барканор дорад, магар забони мардуме, ки ҳаргиз бо мардуми дигар омезиш накунанд ва ин низ муҳол аст, чи ба василаи тиҷорату сафар ва муошират ва ҳатто ба василаи шунидани афсонаҳо ва ривоёти милали дигар луғоте аз он мардум дар ин нуфуз мекунанд ва ҳамаи забонҳои олам аз ин рӯ дорои луғатҳои дахил аст» (Баҳор, 2012, 134). Забони тоҷикӣ аз ин истисно нест. Доду гирифти забонҳо бо ду тарз сурат гирифта метавонад: 1) робитавӣ; 2) ғайриробитавӣ. Шароитҳои иқтибоси ғайриробитавӣ ба воқеаҳои таърихӣ, кишваркушоиҳо, интиқоли дину мазҳаб ва муносибатҳои фарҳангӣ вобаста мебошад. Иқтибоси калимаҳои арабӣ ба ҳамин тарз анҷом гирифтааст.

Шароитҳои иқтибоси робитавӣ ба муносибатҳои ҳамсоягию ҳамҷаворӣ, ҳамзистӣ, хешовандию ҳамхунӣ, робитаҳои иқтисодию фарҳангӣ алоқаманд аст.

Аз ин ҷост, ки дар таркиби луғати забони тоҷикӣ, аз ҷумла шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии он ғайри калимаҳои арабӣ воҳидҳои луғавии забонҳои дигар ҳам дучор меоянд. Ба таркиби луғати шеваҳои забони тоҷикӣ дар баробари ҳазорон вожаҳои арабӣ калимаҳои мансуб ба забони туркӣ-узбекӣ ва русӣ-байналхалқӣ ворид шудаанд, ки сохти грамматикии сайқалёфтаи шеваҳо онҳоро дар доираи меъёрҳои худ мутеъ карда, барои ниёзҳои худ истифода мебарад. Ғайр аз ин се забон боз аз забонҳои юнонию лотинӣ, ҳиндӣ, муғулӣ ва ғайра иқтибос шудааст, ки теъдоди калимаҳои камтареро фаро мегиранд ва, асосан, ба забони меъёр хосанд.

Аз рӯйи маводи зиёде, ки дар даст дорем, ба хулосае омадем, ки дар ташаккули таркиби луғавии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ калимаҳои иқтибосии забони арабӣ нақши зиёд доранд. Сабабҳои таърихии ин нақшро дар таркиби луғавии шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ профессор Ғ. Ҷӯраев ба се далел вобаста медонанд: таназзули забони форсии миёна ва ҷойи онро гирифтани забони форсии нав (1); дар муддати мадид забони дину илму маданият будани забони арабӣ (2) ва (3) ҷараён гирифтани дузабонӣ дар асрҳои VIII- IX (ШҶЗТ, 1980, 276). Ин далоил ба шеваи ҷанубии шарқӣ низ дахл мегирад. Калимаҳои арабӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардуми ин минтақа нуфуз карда, на танҳо ифодакунандаи истилоҳоти марбут ба дин, балки луғоти ба мактабу маориф, муносиботи гуногуни рӯзгордорӣ, хешутаборӣ ва ғайра мансуб мебошанд. Онҳо дар сохтани калимаҳои мураккаби гуногун чун асоси калимасозӣ истифода мешаванд. Ба мисолҳои мухтасар таваҷҷӯҳ шавад: **назар**банд (Вқ.) таъқиб; писар**ама** (Шк., Қ.) писари амма; писар**амак** (Қ., Шк.) писари амак; **арус**туй (Шк., Дарв.) тӯйи арӯсӣ; сар**ҷилав** (Вқ., Қ., Шк.) ҷилавдор; реша**шарик** (Вқ.) як авлод; сар**h**ад//сар**h**ат (Қ.) ҳудуд; кӯҳистон; **ойилавайру** (Қ.) оне, ки аз оилааш ҷудо шудааст **қад**рас (Вқ., Қ., Шк., Кҳ.) болиғ; **сағера**духтар (Вқ.) ятимдухтар; хамир**маɛлам** (Ҷк.) марҳаме, ки аз хамир тайёр мекунанд; мичақ**хийол** // мъҷақ**хийол** (Ҷк.) милачӯб, сурмачӯб; **нийоз**туй (Шк.) тӯе, ки ба шарафи бори аввал тарошидани мӯйи сари кӯдак ороста мешавад; **ҳарам**хуна (Вқ) бошишгоҳи занон; **вазбин**по// **вазмин**по (Қ.) ҳомила ва ғайра. Вожаҳои арабӣ ба ҳайси асоси калимасозии вожаҳои сохта анқариб бо ҳамаи пасвандҳои калимасози шеваҳо меоянд. Масалан, бо пасвандҳои -<u>чӯ</u> -<u>вара</u>, -<u>ӯ</u>, -<u>акӯ</u>, -<u>гар</u> вожаҳои зерини арабӣ илҳоқ шуда, калимаҳои нав сохтаанд: **мазифачӯ** (Қ.) мансабдор; **арзачӯ** (Лан.) хаткашон; **моҳоботчӯ** (Шк.) муболиғагӯй: **таһлимчӯ// таɛлимчӯ** (Шк.) хонанда, муҳассил: **ҳашарчӣ** (Вқ.) шахсони ба ҳашар даъватшуда; **накълчӯ** (Қ.) нақлкунанда**; hисобчӯ//ҳисовчӯ** (Вқ.,Қ.) муҳосиб; **ойилавара** (Вқ., Қ.) ойиладор; **зийунвара** (Вқ., Қ., Ванҷ) саръ, масруъ; **ɛайбвара** (Вқ.) айбдор; **аҷинавара** (Ванҷ., Вқ.) ҷинзада; **ɛилмвара** (Вқ.) илмдор; **валадӯ** (Fк.) валадзино; **айнакакӯ** (Вк., Қ.) айнакдор; **сафаракӯ** (Дарв.) шахси озими сафар; **ҷънозаҳакӯ** (Fк., Шк.) ҷанозахон; **халосгар** (Қ.) наҷотдеҳ; **майлисгар** (Шк.) маҷлисбоз; **табибгар** (Шк.) пизишк ва ғайра (пурратарниг.: боби сеюми ҳамин рисола). Розенфелд А.З. дар лаҳҷаи Дарвоз калимаҳои зерини арабиро меорад, ки хоси ин минтақа мебошанд: **хас** -гнездо (خص - камышевая постройка, хижина), **фърҷа**- досуг, удовольствие (فرجه -веселость, радость), **фиҷол** -сброс воды с жолоба (فجر - источать воду), **сафора**- оскудевшая земля (اصفر - беднеть), **ташниҳ** - сплетница (تشنيح - сплетня) (Розенфелд, 1956) ва дар маводи мо калимаҳои **хас, фърҷа** ва **сафора** қайд шудаанд.

Аксарияти калимаҳои иқтибосӣ дар забони тоҷикӣ ва шеваҳо бо ҳамон маъноҳое фаҳмида мешаванд, ки дар забони иқтибосдиҳанда маъмуланд. Кодухов В.И. нақши калимаҳои иқтибосиро дар ташаккули таркиби луғавӣ омили асосӣ медонад ва зимнан чунин менигорад: «заимствованию подвергается прежде всего и главным образом лексика. Более того заимствование - один из основных способов обогащения словарного состава языка. Заимствование не является механическим включением слова одного языка в другой: при заимствовании происходит изменение лексического значения, фонетики и морфологии слова. На основе заимствованных и усвоенных слов и морфем (в основном словообразовательных префиксов и суффиксов) образуются новые слова, которых нет в языке источнике (Кодухов, 1974, 190). Бо пасвандҳо ва асосҳои арабӣ ба вуҷуд омадани калимаҳои навро болотар дидем. Аммо вақти иқтибосшавӣ ба вуҷуд омадани тағйирот дар маънои луғавии калима (изменение лексического значения) тавре ки В.И. Кодухов баён менамояд, ҳукми яктарафа аст, зеро дар мисоли забони тоҷикӣ ва шеваҳои он мебинем, ки иқтибосот, асосан, бо маънои асосиашон гирифта шудаанд. Ин, ки зимни истеъмоли

дуру дароз онҳо ба тағйироти савтӣ дучор мешаванд ва ё дигар хусусиёти лексикию грамматикиро мегиранд, масъалаи дигар аст. Калима метавонад фарҳангу маданияти мардумеро муаррифӣ кунад, аз пешрафти соҳаҳои гуногуни миллате хабар диҳад, ки таърихи ҳазорсола дорад. Масалан, калимаи тоҷикии «Наврӯз», ки бо ҳамин шакл ба дигар забонҳои ғайриэронӣ иқтибос шудааст, гувоҳи ҳамин маънӣ аст.

Таъсири калимаҳои иқтибосии арабӣ дар ташаккули ҳамаи ҳиссаҳои нутқи шеваҳои забони тоҷикӣ мусоидат кардаанд, ки таҳқиқи алоҳида мехоҳад.

Тавре болотар қайд шуд, ғайр аз забони арабӣ иқтибосот аз дигар забонҳо ҳам дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дида мешавад. Аз ҷумла, аз забони ӯзбекӣ калимаҳои зиёде иқтибос шудааст, ки яке аз омилҳои асосии берунии рушди луғоти шеваҳои забони тоҷикӣ ба шумор меравад. Халқҳои форсизабону туркзабон ҳанӯз аз давраҳои тоисломӣ бо ҳам зиста (Пейсиков, 1975, 46) дар давоми садсолаҳо муносибатҳои ҳамсоягӣ ва хешутаборӣ барқарор намудаанд, «характери маданияти моддӣ, урфу одат, санъати халқӣ»-и (Ғафуров, 1998, 3) онҳо ба ҳам наздик аст, ки ин ҳолат ба забон ва шеваҳои ин миллатҳо бетаъсир намондааст (ШҶЗТ, 1981, Розенфелд, 1956, 1964). Асарҳои лексикографии классикиамон аз қабили «Чароғи ҳидоят» (Сироҷуддин, 1992), «Фарҳанги ҷаҳонгирӣ» (Рауфов, 1973), «Ғиёс-ул-луғот» (Муҳаммад, 1988), «Фарҳанги забони тоҷикӣ» (ФЗТ, 1969), «Фарҳанги форсӣ» (Муҳаммад Муин, 1375) ва ғайра, ки теъдоди онҳо зиёд аст, гувоҳи онанд, ки калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ дар забони адабиёти классикии тоҷикӣ роиҷ буданд ва имрӯз ҳам дар забони тоҷикӣ ва шеваҳои он истифода мешаванд. Пейсиков Л. С. доир ба калимаҳои туркӣ - муғулӣ маълумот дода, фарқи байни онҳоро душвор қаламдод мекунад ва ҳарчанд муносиботи мардуми форсу туркро қадим донад ҳам, воридшавии зиёди иқтибосотро аз ин забонҳо ба асрҳои XIII-XV дониста, изҳор менамояд, ки «среди тюркских заимствований имеются сотни слов, относящихся к различным областям экономики, культуры, административного устройства, быта и т.д. Особенно много слов относится к военной сфере, быту, торговле, охотничьему промислу, сельскому хозяйству, животноводству, кустарному производству и т.д. » (Пейсиков, 1975, 47). Ин муҳаққиқ дар канори дигар вожаҳо калимаи «чоруқ» (крестьянская обувь)-ро ҳам дар саҳифаи мазкур ба ҳамин гурӯҳи иқтибосот дохил мекунад, ки ба назари мо ислоҳталаб аст. Ба ин маънӣ, ки ин вожа дар шакли «чоръқ» дар шеваи ҷануби шарқӣ ва гурӯҳӣ вахиёӣ-қаротегинии шеваи ҷанубӣ мустаъмал аст. Ин гуна пойафзол аз пӯсти гӯсфанди чорӣ (чорсола) сохта мешавад ва бо пасванди -ъқ илҳоқ шуда, сохтани исми нав аз қолибҳои маъмули калимасозии забони тоҷикӣ аст. Шояд садҳо калимаи иқтибосии туркӣ-муғулие, ки ин донишманди маъруф мегӯяд, як андоза муболиға бошад, вале агар ҳақиқати ҳол ин аст, пас ин иқтибосот мутобиқи маводи мо дар шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ садҳо шудан наметавонад, ҳарчанд ин ду халқ паҳлу ба паҳлу қарнҳо бо ҳам зиндагӣ доранд. Профессор Ҳ.Маҷидов зимни баррасии масоили луғатшиносии забони тоҷикӣ ба хулосае меояд, ки «миқдори калимаҳои таркиби луғавии забонамонро вожаҳои туркиву муғулӣ ташкил медиҳанд» (Маҷидов, 2007, 108). Зимни баррасии муқоисавии шеваҳои забони тоҷикӣ В.С. Расторгуева ҳамзистии ҳалқҳо ва таъсири онро дар шева чунин қаламдод мекунад: «На севере Таджикистана и в Узбекистане, как, известно, таджики уже в течение многих столетий живут в постоянном бытовом контакте с узбеками. Таджикские кишлаки здесь чередуется с узбеками, а иногда представляются собою своеобразные островки среди сплошного узбекского населения. Нередки браки между таджиками и узбеками, смешанные таджикско-узбекские семьи. Большинство таджиков, живущих в этих местах, в той или иной степени владеет узбексиким языком, а в некоторых кишлаках, например в Риштане, Касансае, Чусте, Брич-Мулле и др., двуязычие среди таджикского населения имеет массовый характер при одинакого хорощем знании обоих языков, таджикского и узбекского» (Расторгуева, 1964, 129). Айни ҳамин гуна ҳамзистӣ ва муносибатҳои ҳасанаи мардумонро ба инобат гирифта, Е. С. Кубрякова менависад, ки «расширение общественных функций языка и темпы его развития целиком и полностью определяются различными внешними причинами. Особенно подверженными различным внешнеязыковым влиянием оказываются расположенные на смежных территориях диалекты. На границах между отдельными диалектными зонами возникают области смешанных диалектов» (ОЯ, 1970. 232).

Воридшавии калимаҳои туркӣ ба шеваҳои ҷанубӣ ва ҷанубӣ шарқӣ баробар ба вуқуъ наомадааст. Инро далоили таърихӣ нишон медиҳад. Мутобиқи маълумоти Е. А. Бертелс дар замони ҳукмронии Темур дар Осиёи Миёна Бадахшон, ки Ванҷу Дарвоз дар ҳайати он буданд, ба ӯ тобеъият намекарданд ва минтақаро шоҳони

маҳаллӣ идора менамуданд (Бертелс, 1962, 12.). Ҳукмронии шоҳони Бадахшонро дар асри XV набераи Темур Абӯсаид бо ҷангҳои сахт тавонист, ки барҳам диҳад (Абибов, 1965, 36). Ҳамин тавр, то мағлуб шудани Абӯбакр Султонмаҳмуд аз тарафи шайбониҳо охири асри XVI Бадахшон бо Ҳисор як давлат буд (Абибов, 1971, 14). Ба замми ин, мавқеи географӣ садди рафту омад ва доду гирифти байни мардумон мешуд, ки ҷараёни иқтибосоти туркиро ба минтақаҳои кӯҳистон суст мекард.

Интишори луғоти туркӣ (ӯзбекӣ ва қирғизӣ) дар ҳудуди лаҳҷаҳои шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ яксон нест. Муқоисаи мавод нишон медиҳад, ки назар ба шеваи ҷанубӣ дар шеваи ҷануби шарқӣ вожаҳои иқтибосии туркӣ камтар аст. Инро аз баррасиҳои профессор Ғ.Ҷӯраев (ШҶЗТ, 1981) доир ба шеваи ҷанубӣ ва мушоҳидаҳои мо роҷеъ ба шеваи ҷануби шарқӣ тасдиқ менамояд. А.З. Розенфелд перомуни лаҳҷаҳои Дарвозу Ванҷ тадқиқот бурда, рӯйи ин ақида аст, ки ба ин лаҳҷаҳо, асосан, иқтибосоти забонҳои помирӣ ва арабӣ хос аст (Розенфелд, 1956, 1964). Доир ба лаҳҷаҳои Дарвоз тадқиқот анҷом дода, М.Маҳадов ақидаи А.З. Розенфелдро қабул дорад (Маҳадов, 1972). Вале маводи мо нишон медиҳад, ки калимаҳои мисли **табақ**, **чатоқ, қърут, ҷурғот, қатъғ, анга, қош, қъзиқ, арқа, қълъғ, турди́, қиста, қъчоқ, қавоқ, қама, қъшлоқ, оқ (оқийан, оқ** каран**), қъшқор, қътан, буқа, қошъқ, туғай, охйоқ, туғри́, йош** ва ғайраҳо дар шеваи ҷануби шарқӣ (ва шеваи ҷанубӣ ҳам) мустаъмаланд ва барои ба вуҷуд омадани дигар лексемаҳо (масалан: қърутов, буқагов, қъзиқчӣ, арқадар(д), қиста каран ва ғ.) ҷиҳати ташаккули таркиби луғавии шева мусоидат мекунанд. Дар ин шева аксарияти калимаҳои туркӣ синоним доранд: **қарабойи́**-чойҷӯш, **қаймоқ**-рӯ-рӯй шир, **узангу**-риков//рикоб, **ката**-калун, **тийоқ**-асо//асобағал, **қош**-аврун, **милтиқ**-камун, **йош**-ҷавун, **очъқ**-рӯйи рост, **чақала**-чъп, ки аксаран дар шеваи ҷанубӣ мустаъмаланд.

Дар шеваи ҷанубӣ калимаҳои туркӣ миқдоран бештар бошад ҳам, истифодаи онҳо дар ҳудуди лаҳҷаҳои шеваҳои мазкур гуногун аст. Муҳаққиқи лексикаи шеваи ҷанубӣ профессор Ғ. Ҷӯраев ақида доранд, ки дар лаҳҷаҳои гурӯҳи қаротегинӣ назар ба гурӯҳи кӯлобии Ҳисор, вахиёӣ-қаротегинӣ ва кӯлобӣ калимаҳои иқтибосии туркӣ бештар ба назар мерасад (ШҶЗТ, 1981, 282), ки инро мушоҳидаҳои мо низ тасдиқ менамояд. Зимни маънидоди калимаҳои иқтибосӣ муайян кардани таърихи калима ва муносибати маъноии он дар шева аҳамияти калон дорад. Ин тарзи муносибат барои муайян кардани мансубияти калима ба ин ё он забон кӯмак мекунад. Муҳаққиқи лексикаи лаҳҷаи Тагнов аз зиёд набудани калимаҳои туркӣ-ӯзбекӣ дар ин лаҳҷа маълумот дода, вожаи «айда»-ро ба маънии «рондан» аз забони туркӣ-ӯзбекӣ медонад (Гадоев, 2012, 119), дар сурате ки маънии ӯзбекии он ба маънии дар шева истифодашуда ҳеҷ наздикие надорад. Ин гуна дур рафтан аз маънои мабдаъ зимни иқтибосот дида мешавад, вале калимаи «айда» на аз забони туркӣ-ӯзбекӣ, балки аз забони арабӣ омадааст ва ҳамон «ҳадя» аст, ки дар забони меъёр ҳам истифода мешавад ва «ҳадя гирифтан», «ҳадя додан» ибораҳои маъмуланд, ки дар шеваҳо ҳам мутобиқи савтиёти лаҳҷаҳо истифода мешаванд.

Калимаҳои туркӣ на танҳо дар шеваҳо, балки дар забони адабии тоҷикӣ низ ҷойгоҳи хоса доранд ва даҳҳо вожаҳое, ки дар забони меъёр роиҷанд, барои ҳомилони шеваҳои забони тоҷикӣ ҳам хусусияти умумиистеъмолӣ доранд: оқсақол (авсақол), ойлик (ойлък), қурут (қърут), қудуқ (қъдъқ), қӯтан (қътан), қош (қош, аврӯ), туғай ва ғайра, ки дар ташаккули таркиби луғавии шева саҳм доранд: **қошпарунӣ, туғайзор, ойликхър, авсақолӣ, қърутов** ва ғайра. Баъзе калимаҳои туркии хоси шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқӣ дар ташаккули воҳидҳои нави луғавӣ таъсир доранд: арқа//ҳарқан (**арқатовак**-хамёза); қъзиқ (**қъзиқчи́**-масхарабоз); тъқъз (**тъқъзйорон**-маросими овардани қалин); айғър (**айғър шидан//шийан**-ба ҷӯш омадан) ва ғайра[4].

Дар баробари калимаҳои иқтибосии арабӣ ва ӯзбекӣ калимаҳои иқтибосии русӣ-байналхалқӣ дар ташаккули шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ нақши муҳим доранд. Аввал ба шеваҳо ва баъдан ба забони адабии хаттӣ ворид шудани ин гуна калимаҳоро профессор Маҷидов Ҳ. чунин ба қалам додааст: «Ин гурӯҳи калимаҳои иқтибосӣ якбора ба забони адабии хаттӣ ворид нашудаанд. Дар ибтидо онҳо дар муҳовара-забони зиндаи мардум ба кор бурда мешуданд, баъдан тавассути асарҳои адибони ҷудогона ба забони адабии хаттӣ низ ворид шудан мегиранд (Маҷидов, 2007, 115). Маълум аст, ки ин қабати лексикаи шеваҳо таърихи чандон дуре надорад. Беш аз сад сол аст, ки мардуми мо бо халқи рус муносибатҳои

[4] Барои пурратар шинос шудан бо хусусиёти лексикии калимаҳои иқтибосии туркӣ дар шеваи ҷанубии забони тоҷикӣ ниг. ШҶЗТ, 1981, 283-289.

гуногуни сиёсию иқтисодӣ ва илмию фарҳангӣ дорад. Ин муносиботи ҳасана боиси иқтибоси калимаҳои зиёде дар шеваҳо шудааст, ки имрӯз ҳам аксаран дар забони онҳост. Дар асоси маълумоти «Луғати тафсирии калимаҳои русӣ-интернатсионалӣ» (Шарипов, 1985) то солҳои 80-уми асри гузашта миқдори ин вожаҳо дар забони тоҷикӣ ба 9 ҳазор мерасид. Тавассути забони русӣ аз дигар забонҳои байналхалқӣ вожаҳои зиёди мавриди ниёзи мардум иқтибос шудааст ва имрӯз ҳам зимни пайдо шудани технологияи компютерӣ ва электронии пешқадам ин иқтибосшавӣ давом дорад. «Маҳз ҳамин гуна воҳидҳои луғавӣ дар системаи лексикаи забони тоҷикӣ, умуман ва дар фонди луғати шеваи ҷанубӣ хусусан, яке аз манбаъҳои тағйироти ба назар намоёни миқдорӣ гаштаанд» (ШҶЗТ, 1981, 289). Қариб ҳамаи муҳаққикон ба ин ақидаанд, ки миқдори калимаҳои русӣ-байналхалқӣ назар ба вожаҳои иқтибосии туркӣ дар ҳаёти мардум серистеъмол ва бештаранд (Шарофов, 1972; Мурватов, 1974; Мақсудов, 1977; ШҶЗТ, 1981; Исмоилов, 1982), ки ин қаблан ба сиёсати давр ва имрӯз ба пешрафти илму техника ва Интернет вобаста аст. Ин қабати луғавӣ доираи чунин мавзуъҳоро фаро мегирад: калимаву истилоҳоти сиёсӣ, техника, нақлиёт, сарулибос, асбоби рӯзгор, илму маориф ва маданият, тиб, кишоварзӣ, хӯрокворӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, сиёсию маъмурӣ, иқтисод ва савдо, низомӣ, касбу кор ва корхона, ҳодисаю воқеаҳо, варзиш ва ғайра, ки ҳар гурӯҳи мавзӯӣ даҳҳо вожаро фаро мегирад (ШҶЗТ, 1981, 291-292). Ин калимаҳоро ҳомилони шеваҳо мутобиқи меъёрҳои савтии забони тоҷикӣ талаффуз менамоянд ва зимни истифода бегона будани онҳоро ҳис намекунанд. Ҳарчанд, баъд аз бозсозӣ (соли 1985), қабули «Қонуни забони Ҷумҳурии Тоҷикистон» (1989) ва Истиқлолияти давлатии ҶТ (1991) кӯшишҳои беолоиш сӯҳбат кардан сурат гирифта истода бошад ҳам, садҳо калима чун калимаҳои «фонди умумитоҷикӣ» (Расторгуева, 1964, 150) дар истифодаи ҳаррӯза қарор доранд. Аз ҷумла: **бригад** (бригадир), **дакъмит** (документ), **ремон** (ремонт), **белат** (билет), **хълеб** (хлеб), **тушка//катъшка** (картошка), **агарод** (огород), **палтум** (палто), **мошин** (машина), **адйол** (одеяло), **кимано** (либоси варзишӣ), **каратэ**, **кунфу** (навъҳои варзиш), **дъзудо** (дзюдо), **кампъйутер** (компютер) ва ғайраҳо. Калимаҳои русӣ-байналхалқӣ мисли дигар қабатҳои луғавии шеваҳо ба қонунҳои[5] дохилии шеваҳо тобеъ шуда, хусусиятҳои гуногуни лексикӣ ва грамматикӣ зоҳир мекунанд. Аз ҷумла, дар сохтани калимаҳои нав иштирок мекунанд: **картушкапарвар, тушкавара, мошинсъвор, киманопуш, хълебхърак, билетфъруш, бедакъмит, бебелат, бемошин, мошинча, палтумдор, палтумсийоҳ, ремонкън** ва ғайра.

Дар маҷмуъ, иқтибоси калимаҳо ҳамчун яке аз омилҳои берунӣ дар баробари калимаҳои аслии тоҷикӣ қадам ниҳода, барои бою рангин шудани таркиби луғавии шеваҳои ҷанубӣ ва ҷануби шарқии забони тоҷикӣ саҳми бузург дошта, дар ҳаёти ҳаррӯзаи шеваҳо чун калимаҳои худӣ гардиш карда, ба гурӯҳҳои гуногуни мавзуӣ мансубанд, ки муҳимтарини онҳо чунин аст: номи асбоби рӯзгор, номи хӯрок, либос, асбоби зебу зиннатии занон, номи ҳайвонот ва афзори онҳо, номи паранда, калимаҳои марбут ба хӯрокворӣ, хешутаборӣ, техникӣ, варзишӣ, сиёсӣ, машғулият ва ғайра, ки баррасии илмии онҳо кори савоб аст.

ИХТИСОРАҲО

ГЗАҲТ - Грамматикаи забони адабии тоҷик. -Душанбе: Маориф, 1985.
ЗАҲТ - Забони адабии ҳозираи тоҷик. -Душанбе: Маориф, 1973.
ОИЯ - Основы иранского языкознания. -М.:Наука, 1982.
ФЗТ - Фарҳанги забони тоҷикӣ. (аз асри Х то ибтидори асри ХХ): -М.: Сов. энциклопедия,1969. Ҷ. 1. 951 с. Ҷ. 2. 1904 с.
ОЯ, 1970 - Общее языкознание. -М.: «Наука». 1970.

А Д А Б И Ё Т

1. Абибов А. Шоирони асри XV Бадахшон / А.Абибов //Мактаби советӣ, 1965, №7, саҳ.36-37.
2. Абибов А. Аз таърихи адабиёти тоҷик дар Бадахшон/ А.Абибов. -Душанбе, 1971.
3. Андреев М.С. Выработка железа в долине Ванҷа (Верховья Аму-Дарьи) О-во для изуч. Таджикистана и иранских народностей за его пределами/Андреев М.С. -Ташкент, 1926. -17с.
4. Байчура У. Ш. «О некоторых факторах языкового развития»/ У. Ш. Байчура// «Проблемы языкознания». -М., 1967.
5. Баҳор Малик-уш-шуаро. Сабкшиносӣ/ Баҳор М. -Душанбе: Бухоро, 2012. -569 с.
6. Бердиев Б. Ромитские говоры таджикского языка/ Б.Бердиев. АКД. -Душанбе, 1979. -28с.
7. Бердиева Т. Лингвистические и экстралингвистические причины арабских заимствований (по материалам прессы 20-х годов)/Т. Бердиева. -Душанбе: Ирфон, 1971. -231с.

[5] Доир ба хусусиёти лексикии калимаҳои русӣ-байналхалқӣ дар шеваи ҷанубӣ ниг.: ШҶЗТ, 1981, 289-293; Ҷӯраев Ғ. Масъалаҳои рушди забон аз нигоҳи Президент. -Душанбе, 2009, саҳ.104-105; Шарофов Н.Калимаҳои русӣ-интернационалӣ дар забони адабии тоҷик. -Душанбе, 1972.

8. Бертельс А.Е. Отчет о работе Памирской экспедиции/А.Е. Бертельс// Известия АН ССР Таджикистан, отделение гуманитарных наук, изд. АН Тадж.ССР. -Душанбе, 1962, №2 (29).
9. Бухоризода А. Саргузашти калимаҳо/ А. Бухоризода. -Душанбе, 2005.- 214с.
10. Гадоев Н. Лексикаи лаҳҷаи Тагнов/Н.Гадоев. -Душанбе, 2012. -208с.
Э, ба мо тинҳӣ кучо, додар! – Матлаб бо сачоқ лабҳои тунукашро пок карда боз табассум намуд. (Ў.Ҳ.Н.С., с.27)

Ҳе-е, пиракии аблаҳ, наход надонӣ, ки бо пич-пичи беҳуда ҳеҷ кор буд намешавад (З.С.В., с.152)

8) Междометия, выражающие эмоциональную характеристику, оценку обстановки, отношение к речи говорящего. Например:

Қанд занед-е! Боз эшон ба фронт мерафтанд. (Ҳ.С.Ч.Ч., с.7)

Оҳ-ҳо, бо пулемёт овора шавӣ, бачои ту кӣ хоб мекунад? (Ҳ.С.Ч.Ч., с.71)

- О, ана ин гапи дигар, - чеҳраи Наими сартарош равшан шуд. (У.Ҳ.Н.С., с.132)

9) Междометия, выражающие значение благодарности, приветствия, прощания, встречи, поздравления (и т.п.).

- Э, монда нашавед,ҳофиз! Касби нав муборак! (Ҳ.С.Ч.Ч., с.23)

Для таджикского и английского языков характерны еще явления повторения междометий:

Ҳай-ҳай-ҳай, илоҳи дастатон дарда набинад. (Ҳ. С., КҶ, с.12)

Ўҳ-ўҳ, чизе газид, ки ақибаш лўб-лунда, миёнаш борикак. (ТС, 23.08.87)

Як бача мушташро баланд бардошта ба сари ӯ маҳкам зад, аммо худаш «воҳ-воҳ, дастакам» гўён мушташро ба даҳонаш бурда ҷои зарбхўрдаашро макида гирифт. (С. Айнӣ).

«Виж-виж!» Инаш боз чӣ садо? Ӯҳӯ, аз тиреза оруи калон даромад-ку! Даррав онро дошта, ба коса андохта монам, ки фардо ба намоиши таҷрибаҳоям даркор мешавад. (А.Б, ОД, с.13)

Таким образом, выражаемые междометиями эмоции или волеизъявления в одиночном звуке или в комплексе звуков, произносимых со своеобразной эмоциональной интонацией, указывают на характер выражаемого чувства.

Нам известно, что реализация языковых средств, соотносящихся с объективными и субъективными факторами, происходит в сфере текста. Мы рассмотрели выше авторскую интонацию и сложную сеть связанных с ней субъективно-личностных смысловых линий в субъективном плане. Нам удалось выявить, конечно, в определенной степени роль и удельнай вес субъективного фактора, который предполагает решение многих проблем, в том числе и такой важной, как установление закономерностей функционирования эмоционально-значимых единиц в речевом употреблении. Особый интерес в этой связи представляет, как показывает отрезок, проанализированный нами в данной статье, такая часть речи, как междометие.

ЛИТЕРАТУРА

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик (Фонетика, лексика ва морфология). -Душанбе, 1973. -Ҷ.I. -С. 434-439.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика, лексика ва морфология. – Душанбе, 1985. -Ҷ. I.
3. Современный русский язык/ . -Москва. 1973.

МЕЖДОМЕТИЯ, ВЫРАЖАЮЩИЕ ВОЛЕИЗЪЯВЛЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ

Междометие – это часть речи, которая выражает человеческие чувства, переживания, волю, приказания, не показывая их. По своей семантической функции в отличие от других частей речи, междометия не обладают номинативной, не называет вещей, предметов, людей и т.д., а являясь речевыми знаками, сигналами, служат для выражения лишь кратчайшей реакции человека на различные события.

Ключевые слова: чувство, радость, сожаление, воля, приказ, желание, эмоции, восхищение, жалость.

INTERJECTIONS WHICH EXPRESS EMOTIONS IN TAJIK LANGUAGE

Interjections is a special part of speech, which express the feelings of the man, Interjections are the words which use during conversations and express our emotions, desires, admirations, evils, regrets, happiness, joys, orders etc.

Key words: admirations, evils, emotions, desires, regrets, happiness, joys, orders.

Сведения об авторе: ***Ирода Турды-Аханова*** – аспирантка кафедры английского языка Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни. Телефон: **934-44-45-79**

ТАШАККУЛИ МАҶОЗ ДАР АСОСИ ТАБУ, ВУЛГАРИЗМ ВА ЭВФЕМИЗМҲО

С. Абороов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Масъалаи рӯйиши маҷозҳо дар ҳама даврaҳои ташаккули забони адабӣ аз аҳамияти хос бархурдор аст. Бахусус, ифодаҳое, ки на ба қасди тазйини лафз, балки бинобар норасоии вожагон ё риояти меъёрҳои этикӣ ба вуҷуд омадаанд.

Табу яке аз заминаҳои аввалину содатарини ифодаҳои ғайриаслӣ мебошад, ки асосан хусусияти этнографӣ дошта, бар асоси устураҳо, боварҳову таҳримҳо ба вуҷуд омадааст. Омӯзишу таҳқиқи илмии табу, вулгаризм ва эвфемизмҳо ба монанди бисёр масъалаҳои забоншиносӣ собиқаи дерин надошта, аз охирҳои қарни XIX дар Аврупо шурӯъ шудааст, ки дар ибтидо ҳамчун ҷараёни тағйири маъноии вожаҳо омӯхта мешуд ва минбаъд, солҳои 60-80-уми қарни XX ба омӯзиши ҳамаҷонибаи он Видлак С. [2. 267-285], Джаббаров Х.М. [3.], Рутер О.А. [4.] ва дигарон иқдом фармуданд.

Дар забоншиносии тоҷик низ баъзе забоншиносон, аз қабили Маҷидов Ҳ., Камолиддинов Б., Муҳаммадиев М. ва дигарон ба ҷанбаҳои гуногуни табу, вулгаризму эвфемизмҳо пажӯҳишҳое анҷом додаанд. Хушбахтона, соли 2011 дар мавзӯи «Табу ва эвфемизмҳо дар забони тоҷикӣ» [1.] аз ҷониби Акбаров А.А. рисолаи номзадӣ ҳимоя гардид, ки аввалин таҳқиқоти монографӣ бахшида ба ин мавзӯъ дар забоншиносии тоҷик маҳсуб мешавад.

Аз таърифе, ки дар «Луғати терминҳои забоншиносӣ» омадааст: «калима, ибора ё ифодае, ки гуфтанаш манъ аст ва ё дар асоси таъсири хурофот, урфу одатҳои динӣ ва ғайра маҳдуд карда шудааст…» [7. 176] табу номида мешавад. Вале бояд гуфт, ки ғайр аз табуҳои гӯишӣ (забонӣ), наҳйҳои кунишӣ (феълӣ, амалӣ) ва мамнуиятҳои фикрӣ (фикрӣ) низ мавҷуданд, ки бар асари эътиқодоти динӣ, хурофот ва боварҳо мамнӯъ ё маҳдуд гардидаанд ва онҳо хоҳу нохоҳ ба забону адабиёт таъсир мегузоранд, акс меёбанд. Дар радифи табуҳо метавон вулгаризмҳоро низ ҷой дод, ки истеъмоли онҳо бинобар риояи меъёрҳои этикӣ номатлуб дониста мешаванд.

а) таҳримотигӯшӣ (забонӣ).Мисол:

Духтари раз <u>даҳталоқ</u>, ummи хабойис магир,
Хуни ҳаром рехта нгармии бозори ӯст (72).

Дар баробари мамнӯъ будани гирифтани номи касе ё чизе дар мавориди хос ба забон овардани ифодае ба монанди калимаи «талоқ», ки ба унвони намуна зикр шуд, низ муҷоз нест. Хусусан, дар доираи хонавода, ки боиси шикастани равобити шаръӣ миёни зану шавҳар гаштанаш мумкин аст. Аз ин қабил табуҳоро дар масоили ақидатӣ, ки мунҷар ба «куфр» мегарданд, бисёранд:

Мусулмон мешавад ҳинду,агар гӯядХудоро ду …
Ба номардон набошад хиҷлат аз айбу табаҳкорӣ,
<u>Зани ғар</u> бештар ғавғо кунад ҳангоми тақсираш (196).

Ҳамчунин ифодаи «зани ғар», ки дар ин байт омадааст ва дар чандин ҷойи дигар аз ашъори Ҳоҷӣ низ ба ҳамин монанд вомехӯранд, аз назари этикӣ он қадар мақбул набуда, дар суханрониҳо ва хусусан дар ҳузури бонувон аз гуфтани ин ифода ҳазар мекунанд.

б) наҳйҳои кунишӣ (феълӣ, амалӣ). Мисол:

Зи ранги зарди мо аз дил шикастан эҳтиёте кун,
Ки <u>дар моҳь сафар ҳарчӣ шикаст орад, шикаст ояд</u> (134).

Дар ин байт шоир, дар бораи он ки агар дар моҳи сафар, ба хусус дар тезии он, яъне рӯзҳои аввалу охир, шикастаборе аз зуруфи навъи шиша ё сафол нохоста ё амдан бишканад, сабаби нохушиву бадбахтӣ мешавад, бо таъсирпазирӣ аз боварҳои мардум дили худро ба беҳтарин баён ба шиша монанд карда ва аз маъшуқ тақозои риояи ин табуро дорад, ки ин навъи ифодаи маҷозӣ истиора аст.

Ё дар ин байти шоири муосири тоҷик Бозор Собир:

Моро увол аст аз азал
хокистаре дар зери по…

низ ҳамин гунна таҳримот, ки анҷом доданаш носавобу гуноҳ ҳисоб мешавад, ба қалам дода шудааст. Маншаи ин боварҳо ба ойини зардуштӣ ва бузургдошти оташ марбут аст, ки манзури шоир низ аз ин муқаддима ҳамон аст.

в) мамнуиятҳои андешагӣ (фикрӣ). Мисол:

Эй ақлҳо зи ҳайрати дарки камоли ту
Бишкаста бол дар раҳи фикру хаёли ту (10).

Шоир дар ин байт бо зикри мазруфу иродаи зарф маҷозан калимаи «ақл»-ро зикр мекунад, ки манзур соҳибони ақлу андеша аст. Баъдан, ин маҷозро ба паранда монанд мекунад (истиораи макния), ки бол дошта ва дар роҳи фикру хаёли дарк кардани азамати мухотаб (Худо) вомондаву шикастабол ҳастанд. Яъне ин амр–андеша дар бораи зоти Худованд наҳӣ шудааст.

Ҳадис: Ибни Аббос (р) гуфтааст: Рӯзе гурӯҳе дар бораи чигунагии Худованд меандешиданд. Паёмбари Худо (с) фармуданд: «-Дар бораи офаридаҳои Худованд бияндешед, аммо дар бораи Худованд маяндешед, зеро шумо ҳаргиз наметавонед ба зоти муқаддаси Ӯ пай бибаред».

Сирус Шамисо дар ин хусус гуфтааст: «Табу дар назди милали мухталиф, ҷанбаҳои мухталиф дорад. Масалан, дар фарҳанги мо андешидан ба бархе азумур ҷоиз нест, ҳол он ки мумкин аст дар назди ақвоми дигар ҷоиз бошад. Аммо бо ин ҳама табуҳои муштараке дар афкори милали қадим дида мешавад, ки дар адабиёт, махсусан дар ҳамосаҳои куҳан мунъакис аст» [5. 91-92].

Ин таҳримот аз назари касоне, ки зери пардаи табуҳо нестанд, ғайримантиқӣ ба назар мерасанд, дар ҳоле ки барои қабила ё мардумони дигар амре табиӣ ва мусаллам пазируфта шудааст ва ҳатто ба дунболи ёфтани далоили мантиқию ақлонии он ҳам нестанд. Зимнан аксари кули табуҳо, хусусан табуҳои гӯишӣ бар асари эътиқодот ба Худо ва рӯҳҳо, анъанаву суннатҳо, хурофот, ваҳшат ва меъёрҳои этикӣ-ахлоқӣ ба вуҷуд омадаанд, сохтаву бофта шудаанд. Барои ҷойнишинии ин мамнӯиятҳои гӯишӣ эвфемизмҳо лозиманд.

1. **Эвфемизм** – ин вожаҳои ҷонишин ё муродифии ҷоиз, ки истеъмоли онҳо ба ҷойи калимаву иборoти барои гуфтан мамнӯъ ё маҳдуд (вулгаризм ё табу шуда) раво мебошад. Агар табуҳо маҳсули зеҳнҳои ҷомеаҳои авалияи ғайримаданӣ бошад, пас эвфемизм натиҷаи рушди фикриву забонии ҷомеаи мутамаддин аст, ки бар асоси меъёрҳои этикию ахлоқӣ (баръакси вулгаризмҳо) падид омадаанд. Дар зинаҳои нисбатан баланди рушди инсоният, замонҳои шаклгирии халқиятҳо ва равобити миёни мардумон, ки хурофоту фолгирӣ ҳам авҷ мегирифт, эвфемизмҳо барои шарҳу тавзеҳи муаддабонатари табуҳо ва вулгаризмҳо хизмат мекард. Масалан, марг чизе аст, ки дар ҳама давру замонҳо инсон аз он тарсандаву барҳазар будааст ва аз ба забон рондани ин вожжа эҳсоси хушӣна мекардааст. Ин буд, ки эвфемизмҳо ба вуҷуд омаданд ва ин мафҳуми мавҳумро, ки аз бурдани номаш парҳез доштанд, иваз карда, ифодаи дигари адабитару бадеитар ва хушоянде офарид.

Масалан, имрӯзҳо дар забони тоҷикӣ даҳҳо ифодаҳое ҳастанд, ки ба ҷои калимаи «мурдан» ба кор бурда мешавад: ***чашм пӯшид (баст), аз олам (ҷаҳон, дунё) рафт, дунёро тарк кард, ҷон ба ҷонофарин супурд, реҳлат кард, бандагӣ кард, сафари охират кард, аз дорулфано б адорулбақо рафт, ҷон дод, шаҳид шуд*** ва амсоли инҳо. Намунаҳои образноктару расотари ин ифодаҳо дар забони осори бадеӣ зиёдтар ба назар мерасанд. Таваҷҷуҳ кунед ба чанд аз ин намунаҳо дар ашъори Ҳофиз Ҳусайн:

Яке аз заҳрз-ин дори фано рафт,
Дигарро сар ба теғиКарбало рафт (404).
Ҳастанд асир аз гуноҳи ҳастӣ,
*То он ки ба теғи марг **гарданд ҳалок** (352).*

Ҳангомаи реҳлат *шуду асбоби сафар ҳеҷ,*
Ёрон ҳама рафтанд, на дорем хабар ҳеҷ (118).
Ҳоҷӣ, ин ҷ очанд биншинем, ***вақти реҳлат*** *аст,*
Як – ду рӯзе буд, шуд охир шуд замони зиндагӣ (303).
Кунад то корвони яъс афсӯс,
Дарои реҳлаташ *овехт ноқус(486).*
Оне ки ба маҳди ноз будӣ,
Бар маркаби чӯбияш нишонӣ*? (331)*
Тӯша бардору бикун таҳяи асбоби сафар*,*
Пай эшон ту дар ин бодия ҳам меронӣ (328).
Бас кидид ин дори фониро мақоми бебақо,
Бурд рахти истиқоматҷониби хулди барин *(339).*
Чунки он шоҳ ***қасди уқбо кард****,*
Шоҳи сониш рутба боло кард (374)

Ин дигаргӯйиҳои эвфемизмҳо дар заминаи сермаъношавии мунтазами вожаҳо ва ифодаи маҷозию киноии забон пайдомегарданд.Ҳамин тариқ, агар боварҳову хурофоту ваҳшатҳо боиси пайдоиши устураҳо ва устураҳо дигарбора сабаби ба вуҷуд омадани табуҳо гардида бошанд, эвфемизмҳо нахустин қадамҳо барои берун аз доираи маҳдудиятҳову таҳримҳои забонӣ рафтан мебошанд, ки дар ибтидо аз содатарин шабоҳатҳо ба кор гирифтааст. Ба назар мерасад, ки барои иртибот миёни намояндагони гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ, бахусус дар шароити пешрафту тараққии босуръати илму фан, захираҳои услубии нутқ ва воситаҳои эвфемистии онҳо зарурӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Акбаров А.А. Табу и эвфемизмы в таджикском языке: автореф. дис. канд. филол. наук / А.А. Акбаров– Худжанд, 2011.– 23 с.
2. Видлак С. Проблема эвфемизма на фоне теории языкового поля/ С. Видлак// Этимология. 1965: Материалы и исследования по индоевропейским языкам– М.: Наука, 1967. – С. 267-285.
3. Джаббаров Х.М. Табу и эвфемизмы в азербайджанском языке: автореф. дис. канд. филол. наук / Х.М. Джаббаров– Баку, 1972. – 36 с.
4. Рутер О.А. Табу в фольклорных поэмах М. Цветаевой / О.А. Рутер– Ростов на Дону, 2007. – 259 с.
5. СирусШамисо. Анвоиадабӣ / ШамисоСирус. – Теҳрон: Ромин, 1383. – 356 с.
6. ҲоҷӣҲусайниКангуртӣ. Куллиёт /ҲоҷӣҲусайниКангуртӣ. - Душанбе: Ирфон, 1998.– 526 с.
7. ҲусейновҲ. Луғатитерминҳоизабоншиносӣ/ Ҳ.Ҳусейнов, К.Шукурова– Душанбе: Маориф, 1983. – 256 с.

ОБРАЗОВАНИЕ МЕТАФОРЫ НА ОСНОВЕ ТАБУ, ВУЛЬГАРИЗМОВ И ЭВФЕМИЗМОВ

В данной статье рассмотрены основы появления метафоры путем табу, вульгаризмов и эвфемизмов в языке. Автор приходит к выводу о том, что метафорические выражения появились на основе иносказания, верования и суеверий.

Ключевые слова: Ходжи Хусайн, язык, слово, смысль, метафора, табу, вульгаризм, эвфемизм.

FORMATION METAPHOR ON THE BASIS OF TABOOS, VULGARISM AND EUPHEMISMS

In this article considered the basics formation of metaphor by taboos, vulgarism and euphemisms in language. Author believes that the metaphorical expression appeared on the basis of beliefs and superstition.

Key words: Hoji, Husain, language, word, meaning, metaphor, taboo, vulgarism, euphemism.

Сведения об авторе: ***С. Абороов*** - соискатель кафедры иранской филологии Таджикского национального университета. Телефон: **919-55-09-22**

МЕСТОИМЁННЫЕ НАРЕЧИЯ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ПРОСТРАНСТВЕННО-ВРЕМЁННОЙ КООРДИНАЦИИ В ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКЕ

Д. Диловаршоев
Институт гуманитарных наук им. Б.Искандарова АН РТ

Местоимённые наречия составляют особую группу в шугнанском языке. Они слагаются из локативныя предлогов и послелогов. Основы местоимённых наречий различают три степени нахождения объекта, явление и совершения действия: ближнюю, среднюю, и дальнюю. Однако нужно подчёркнуть, что в настоящее время в шугнанском языке, как и в других языках шугано-рушанской группы, они самостоятельно не употребляются.Каждая степень нахождения (удаления) имеет свои основы:

Ближняя	средняя	Дальняя
ӯд (ӯ)	ед	Ам

Эти основы в сочетании с локативными предлогами тар, на, ар, аз и послелогами –анд, -андир, -инди; - анди, -ец, -ач, -ард придают соответствующее значение. Примерно некоторые местоимённые наречия представляются в следующей таблице:

ближняя степень	средняя степень	дальняя степень
тарӯд азӯд падӯд арӯд йумандир йӯдец азӯнди (р)	таред азед падед аред йендир цумец азенди (р)	Тарам азам падам арам йумандир йамец азамандир

Особый интерес представляет группа местоимённых наречий шугнанского языка в определении пространственно-временной координации. Употребляясь в разных контекстах, они могут выражать и пространственные и временные отношения, придавая им различные оттенки значения, то есть то приближают, то отдаляют происходящие действия, процессы и явления от субъекта (говорящего). Это происходит в процессе образования новых словоформ от данных местоимённых наречий с помощью послелогов и усилительных частиц.

Часто, как лексические единицы, они составляют больше синонимические ряды, что свидетельствует не только о богатстве словарного запаса шугнанского языка, но и о детальном координировании пространственно – временных отношений и факторов в данном языке. Рассмотрим на примере двух местоимённых наречий шугнанского языка азӯд и тарӯд с тремя степенями удалённости:

азуд – азед – азам;
азӯди – азеди – азамди
азӯданд – азеданд – азаманд;
азӯдиянд – азедийанд – азамдийанд;
азӯдинди – азединди – азамдинди;
азӯда ə – азеда ə – азама ə ;
азӯданди – азеданди – азаманди;
азӯдийа ə – азедийаə – азамдийаə ;
азӯдандир – азедандир – азамандир;
азӯдийандир – азедийандир – азамандийандир;
азӯдец – азедец – азамец;
азӯдийец – азедиец - азамдиец;
азӯдач – азедач – азамач;
азӯдача ə – азедача ə – азамача ə;
азӯдачди – азедачди – азамачди;
(сюда) (туда) (туда)
тарӯд таред тарам;
тарӯди тареди тарамди;
тарӯданд тареданд тараманд;
тарӯдийанд таредийанд тарамдийанд;
тарӯдард таредард тарамард;

тарӯдийард таредийард тарамдийард;
тарӯдинди тарединди тарамдинди;
тарӯдаɵ таредаɵ тарамаɵ;
тарӯдийаɵ таредийаɵ тарамдийаɵ;
тарӯдец таредец тарамец;
тарӯдийец таредийец тарамдийец;
тарӯдаӷ таредаӷ тарамаӷ;
тарӯдиӷди таредаӷди тарамаӷди;
тарӯдаӷаɵ таредаӷаɵ тарамаӷаɵ

Непрофессиональным взглядом они кажутся тождественно идентичными, дублирующими друг друга. Но с точки зрения лингвисти особый интерес представляют именно их маломальские оттенковые различия. Рассмотрим на примерах:

1. Иу азӯданд – он отсюда родом
2. Иу азӯданди – отсюда он родом
3. Иу азӯдандир – именно отсюда он родом.

Если в первом предложении содержится примитивная информация о родовой принадлежности к данному месту (отсюда – здесь), то во втором и третьем предложениях в силу вступают указательная – конкретизирующая и усиливающая эту конкретизацию частицы в местоимённых наречии азӯданд (отсюда).

Мала вероятность оттенкового различия между местоимёнными наречиями азӯдинди и азӯдийанд, что часто приводит к их взаимозаменяемости в схожих контекстах:

1. Азӯдинди ривихтов осӯн – отсюда взлететь легко.
2. Азӯдийанд ривихтов осӯн – отсюда взлететь легко.

Но настоящие знатоки шугнанского языка (не все носители) и узкий круг специалистов утверждают, что вероятность этого различия именно в определении пространственной координации, исходя из того, что:

а). Местоимённое наречие азӯдийанд указывает ближайшую точку совершения действия внутри «самого отсюда»;

б). Имеет более утверждающий оттенок значения;

Словом, послелог – индии в местоимённом наречии азӯдинди и послелог – йанд в местоимённом наречии азӯдийанд являются не только формообразующими, но и выполняют смыслоразличительную функцию в определении пространственной координации в шугнанском языке. Не так широка сфера применения данных местоимённых наречий и образованных от них синонимических рядов в определении временной ориентации. Но многие слова этих синонимических рядов в разных контекстах определяют именно временной аспект протекания процесса, действия или явления:

1. Азеданд маш қавмдори сар сут – с этого (времени) началось наше родство:
2. Азӯндийен осоях пицц бинест – с этого (времени) потеряли лицо покоя;
3. Азӯданд тама дал – с этого (времени) вата воля;
4. Азаманд ви авол биди сут – с этого времени его состояние улучшилось;

Характерным является и сочетание антонимичных пар азӯдтаред – азам таруд: (отсюда туда – оттуда сюда):

1. Азам таруден ху зиндаги соз чуд – с тех пор обустроили свою жизнь;

Азӯд таред хувух тар ху кинет – с этого момента будьте бдительны;

Среди других лексических единиц в этом синонимическом ряду особо выделяется местоимённое наречие азудаӷ (с этой стороны) – азедаӷ (с этой стороны) – азамаӷ (с той стороны). Если местоимённое наречие азӯдаӷ (отсюда) указывает на ближайшую отправную точку процесса действия или является по отношению к говорящему (уз – я, азӯдаӷ – место, где я нахожусь), то местоимённые наречия средней степени отдалённости азедаӷ являются неопределённой пространственной ориентацией по отношению к адресанту. Оно относительно одинаково соотносится и к горизонтальному, и вертикальному расположению объектов; что схематично выглядит так:

азедаӷ (сверху)
(слева) азедаӷ адресат азедаӷ (справа)
азедаӷ (снизу)

Подобное же чётко наблюдается и в выражении пространственных отношений местоимённым наречием дальней степени азамаӷ в шугнанском языке.

К местоимённым наречиям шугнанского языка также можно отнести наречия, образованные от косвенных форм указательных местоимений единственного числ: ми, ди, ѡи, во всех трёх степенях с предлогом пис и отымённым послелогом – руйа, имеющего пространственное значение:

1. Пис ми руйа фука савз – на этой стороне все зелёное;
2. Пис ди руйа мисс хушруй – на (с) той стороне тоже красиво;
3. Пи ви руйа осӯнди тидов – той стороной легче идти;

Широкое применение находит в вышеназванной структуре и предлог тар.

Итак, местоимённые наречия шугнанского языка, выражающие пространственно – временные отношения, по своему структурнаму строению делятся на следующие группы:

1. Предлог плюс основа местоимённого наречия: тарӯд – таред – тарам;
2. Основа местоимённого наречия плюс послелог: йудец – йедец – йамец;
3. Предлог плюс основа МН. плюс послелог: азӯданд – азеданд – азаманд.

Л И Т Е Р А Т У Р А

1. Аламшоев М. Система местоимений шугнанского языка /М. Аламшоев // Душанбе, 1994.
2. Беликов В. И. К употреблению указательных местоимений в шугнанском языке / В. Беликов // Душанбе: Дониш, 1972.
3. Карамшоев Д. Баджувский диалект шугнанского языка /Д. Карамшоев // Душанбе, 1963.
4. Мирзоев Ш. Лексическая синонимия в бесписьменном языке (на материале шугнанского языка). / Ш. Мирзоев //Душанбе, 2007.
5. Юсуфбеков Ш. П. Дейктичность в языках шугнано – рушанской группы / Ш. Юсуфбеков // Москва: Азбуковник,1998.

МЕСТОИМЁННЫЕ НАРЕЧИЯ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ПРОСТРАНСТВЕННО-ВРЕМЁННОЙ КООРДИНАЦИИ В ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье автором рассмотрен вопрос о роли образующихся синонимических рядов от местоимённых наречий в конкретизации и детальном уточнении пространственно – временных отношений в бесписьменном языке (на материале шугнанского языка).

Ключевые слова: местоимённые наречия, шугнанский язык, координация, глаголь, предлоги, сочетание слов.

PRONOMINAL ADVERBS IN DEFINITION OF SPATIO-TEMPORAL COORDINATION IN SHUGNI LANGUAGE

In the given article author has considered a question on a role of formed synonymic numbers from pronominal adverbs in a concretization and detailed specification of spatio- temporal relations in unwritten language (on a material of Shugni language).

Key words: pronominal adverbs, Shugni language, coordination, verb, preposition, combination of words (collocation).

Сведения об авторе: ***Д. Диловаршоев*** **–** научный сотрудник Института гуманитарных наук им. Искандарова Б. АН РТ. Телефон: **934-54-44-62**

КАЛИМАҲОИ СОХТА ВА МУРАККАБ АЗ РЕШАИ ВОЖАҲОИ СОМАТИКӢ ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ

М. Собирова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Нишонаи фарқкунандаи истифодаи калимаҳои ифодагари узвҳои бадани инсон дар ашъори Камоли Хуҷандӣ марбут ба калимасозӣ мебошад. Шоир аз пайвастани исм бо исм, исм бо суффикс, исму сифат, исму феъл, префикс бо исм ва дигар воситаҳои морфологӣ, синтаксисӣ-морфологӣ, луғавӣ-маъноӣ калимаҳои нав месозад, ки решаи онҳо калимаи ифодагари узвҳои бадани инсон аст.

Масалан, вожаи соматикии «дил», ки аз серистеъмолтарин калимаҳо дар ашъори Камоли Хуҷандӣ мебошад, тавре ки пас аз таҳқиқи оморӣ муайян гардид, дар 1737 маврид, аз ҷумла 1459 маротиб дар алоҳидагӣ ва 278 бор дар таркиби вожаҳои сохта ва мураккаб истифода гардидааст. Калимаҳои сохта ва мураккаби аз вожаи дил сохташуда дар ашъори Камол инҳоянд:

а) калимаҳои сохта: дило (2:17), бедил (4:41), бедилтар (4:339), бедилӣ (4: 549), бедилон (4:187);

б) Калимаҳои мураккаб: бедилбарӣ (4:549), девонадилон (4:215), дилафгорон (3:574), дилафрӯз (3:494), дилафрӯзон (3:176), дилбанд (1: 372), дилбандӣ (1: 92), дилбар (3: 192), дилбарӣ (4:512), дилбарон (4: 442), дилбастагӣ (4: 486), дилгармӣ (4:

213), дилгир (4:403), дилгирӣ (4:162), дилгумкарда (4:276), дилдигаркарда (4:502), дилдор (3:233), дилдорӣ (4: 314), дилдузд (3: 95), дилдӯзӣ (1: 97), дилкаш (4: 477), дилкашӣ (4: 307), дилкушо (4: 491), дилмурда (4:339), дилнавоз (4:146), дилнавозӣ (1: 320), дилнигарон (3: 300), дилнигаронӣ (3:387), диловез (4:183), диловезӣ (1: 92), дилозорӣ (3: 526), дилозорон (4: 199), дилозурда (4:339), дилоро (4: 566), дилором (4:88), дилоромӣ (4:535), дилпазир (4:254), дилрабо (4:185), дилрабоӣ (1: 281), дилрабоён (4:260), дилсиёҳ (4:505), дилсияҳ (1:22), дилситон (3:379), дилситонон (4:364), дилсӯз (4:372), дилсӯзӣ (3:492), дилсӯхта (4:393), дилсӯхтагон (4:376), дилтанг (4:538), дилтангӣ (4:563), дилфурӯз (3:167), дилфурӯзон (4:468), дилхарош (4:588), дилхаста (1: 254), дилхоҳ (4:505), дилхун (4:558), дилчӯ (1:30), дилчӯйӣ (4:500), дилчӯён (4: 472), дилшефта (4:188), дилшиканӣ (4:576), дилшикаста (4:378), дилшикастагон (4:540), дилшод (4:187), дилшуда (4:222), дилшудагон (4: 424), зиндадил (4:522), зиндадилӣ (4:534), зиндадилон (4:467), нозукдил (4:456), нозукдилӣ (4:525), ошуфтадилӣ (4:307), пурдил (4:375), пурдилӣ (4:419), равшандил (4:408), равшандилӣ (3:209), сангдил (4:457), сангдилӣ (4:28), сангдилон (4:466), сангиндил (3:351), сангиндилӣ (4:494), сахтдилӣ (3:446), сиёҳдил (4:410), сияҳдил (3:178), софдил (4:243), сӯхтадил (3: 314), тангдил (4:535), тангдилон (4:473), хастадил (4:95), хастадилон (4:31) ва хушдил (3: 356) дар ашъори Камоли Хуҷандӣ истифода шудааст.

Вожаи соматикии «даҳон» ва синоними нисбии он «забон» дар забони гуфтугӯйӣ ва китобии тоҷикон бештар аз ҳама бо сифати «ширин» меоянд. Имрӯз агар касе хушзабон бошад, мардуми тоҷик «аз забонаш қанду аз даҳонаш асал мерезад» мегӯянд, ки натиҷа ва идомаи тарзи гуфтори қадима аст. Камоли Хуҷандӣ низ аз ин фазилати гуфтори мардуми тоҷик баҳра бардошта, калимаи мураккаберо аз пайванди «ширин» - сифат ва исм – «даҳон» ба қолаби вазни арӯз андохта, дар шеъри худ истифода бурдааст:

Бо рақибон ҳайфӣ, эй ширинданҳон,
Чун дар ангушти гадо ангуштарӣ(4:549).

Дар як байти ғазали дигари шоир аз пайванди «**чашм**» - исм бо «**дард**» - исм калимаи мураккаби «**чашмдард**» сохта шуда,бо маъниҳои:1. дарди чашм; 2. касе, ки чашмонаш дард мекунад, шахси ба дарди чашм гирифтор; истифода шудааст:

Касе, ки дӯст надорад зи ҷон надорад ҳаз,
Ки чашмдард зи ҷону ҷаҳон надорад ҳаз (4:362).

Ҳамчунин аз пайванди **«чашм» -** исм бо **«дошт» –** феъл калимаи **«чашмдошт»** ба маънои “умед ба касе доштан, умед ба кӯмак ва ҳамроҳии касе доштан, умедворӣ, хоҳишмандӣ, интизорӣ” омада:

Не пурсише, на тоби бақое, на номае,
Ин чашмдошт нест зи ёрони ҷониям (4:378).

Дар ашъори шоир калимаи мураккаби **«чашмбандӣ»** низ сохта шудааст, ки аз пайванди **«чашм» -** исм бо **«банд» –** феъл ва «**ӣ**» - пасванд бо маънии «ҷодугарӣ, соҳирӣ, сеҳрофаринӣ, сеҳрангезӣ» ба кор рафтааст:

Ғамзаи ҷодуят аз мо чанд пӯшонад назар,
Оламе кардӣ мусаххар, чашмбандӣ то ба кай?! (4:515)

Аз пайванди **тиҳӣ** – сифат ва **чашм** – исм калимаи **тиҳичашм** ба маънои гурусначашм, хасис, тангчашм:

Бо айни ато-т ям тиҳичашм
Чун чашмаи «мим»-и паҳлӯи «ям» (4:32).

Аз пайванди **танг** – сифат ва **чашм** – исм калимаи **тангчашм** ба маъноҳои зайл: 1. касе, ки чашми танг дорад, сифати касе, ки чашми хурд ва махмур дорад; 2. Маҷозан ҳарис, мумсик, хасис, зафт.

Бо манат лутф ҷуз ситам набвад,
Тангчашмӣ, туро карам набвад (II. 3, 326).

Аз пайвастани **бе** – пешванд, **чашм** – исм ва **ӣ** – пасванд калимаи **бечашмӣ** ба маънои «нобиноӣ, кӯрӣ; кӯтоҳназарӣ, каҷназарӣ»:

Ба по гузаштан аз он сун шони бечашмист,
Чу чашм нест шуморо, ба чашми ман гузаред (3: 336).

Ҳамчунин, Камоли Хуҷандӣ аз синонимҳои калимаи **чашм** низ калимаҳои нав сохтааст, ки намунае аз онҳоро тафсир медиҳем. Шоир аз пайвастани калимаи арабии **басар** бо пешванд ва пасвандҳои тоҷикӣ калимаҳои нави тоҷикӣ сохтааст. Масалан, аз пайванди **бе –** пешванди тоҷикӣ ва калимаи арабии **басар –** исм калимаи сохтаи **бебасар** ба маънои «бечашм, беназар, аъмо, нобино, кӯр»:

Аз пайванди **бе** – пешванди тоҷикӣ ва калимаи арабии **басар** – исм ва **ӣ** – пасванди тоҷикӣ калимаи **бебасарӣ** ба маънои кӯтоҳназарӣ, бехабарӣ, бечашмӣ, кӯрӣ, нобиноӣ сохта шудааст:

Зоҳид аз рӯйи ту маҳҷуру зи худ мағрур аст,
Хештанбинии ӯ бин ба чунин бебасарӣ (4:554).

Аз вожаи соматикии «даст» низ шоир як силсила калимаҳои сохтаву мураккабро истиқбол намуда, гоҳе худ низ вожаҳои нави шоирона сохтааст**,** ки намунаҳое аз онҳоро мухтасаран тавзеҳ медиҳем. а) вожаҳои сохтаи аз соматизми **даст**: **даста**(4:88)**, дастгаҳ**(4: 379)**, дастгоҳ**(4:510)**, дастор**(3:86)**.** Масалан, калимаи сохтаи **даста** аз исми **«даст»** ва пасванди калимасози **«а»** сохта шуда, маъноияш чизест, ки тамоми он ё дунболаи он ба даст гирифта шавад, мисли дастаи шамшер, дастаи табар ва ё дастаи гулу гиёҳ, қабза:

Бунафша дастае бар арғувон аст,
Гарат бар лоласунбул соябон аст (4:88).

б) ҳамчунин бо истифода аз соматизми **даст** вожаҳои мураккаби **дастбозӣ**(4:475)**, дастбурида**(4:506)**, дастбӯс** (3:129)**, дастбусӣ** (3:70)**, дастгир** (4:418)**, дасткушода** (4:502)**, дастовез** (4:340)**, дастолуда** (1:33)**, дастомӯзӣ** (4:87), **дастрас** (4:162)**, дастрасӣ** (4:311)**, даступоларзон** (1:49)**, дастфишон** (4:74), **обдаст** (4:472)**, якдаст** (4:171)**, болодаст** (1:49)**, кӯтоҳдастӣ** (4:237), **тангдастӣ** (4:463) ва **тиҳидаст** (4:96) сохта шудаанд, ки сохти онҳо дугуна аст: 1. Бо пайвастани ду ҳиссаи номӣ, масалан, аз шумораи **як** ва исми **даст** вожаи мураккаби **якдаст** сохта шудааст:

Он ки зи ҳар ранг май аз хум маро
Бодаи якдаст биёрад, сабӯст (4:171).

в) Бо пайвастани ду ё се ҳиссаи номӣ бо як ҳиссаи ёридиҳанда, масалан, вожаи мураккаби **дастбозӣ** бо пайвастани калимаҳои **даст –** исм**, боз –** асоси замони ҳозираи масдари **бохтан** ва пасванди **–ӣ** сохта шудааст:

Дастбозӣ хуш бу вад гаҳ бо ту, гаҳ бо зулфи ту,
Ин муяссар нест, илло, бо сару чон бохтан (4:475);

Вожаи мураккаби ба сухани манзум воридшудаи Камоли Хуҷандӣ **дасту по ларзон** бо пайвастани исмҳои **даст** ва **по,** пайвандаки пайвастшунандаи **-у-**ва сифати феълии **ларзон** аз масдари **ларзидан** таркиб ёфтааст:

Хулоса, Камоли Хуҷандӣ бо истифода аз соматизмҳо калимаҳои бисёри сохта ва мураккаб сохтааст, ки шарҳу тафсири маънии ҳамаи онҳо метавонад маводи як луғатномаи муфассали соматизмҳои забони тоҷикӣ бошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Камоли Хуҷандӣ. Девон: Иборат аз ду ҷилд/ ба чоп тайёр кунандагон: Ш. Ҳусейнзода, Н.Қаҳҳорова, С. Асадуллоев / Хуҷандӣ Камоли - Душанбе: Ирфон, 1983. –Ҷ. 1. - С.560.
2. Камоли Хуҷандӣ. Девон: Иборат аз дуҷилд/ ба чоптайёркунандагон: Ш. Ҳусейнзода, Н.Қаҳҳорова, С. Асадуллоев / Хуҷандӣ Камоли. - Душанбе: Ирфон, 1984. –Ҷ. 2. - С.464.
3. Камоли Хуҷандӣ. Девон (Мураттиб ва муаллифи пешгуфтору тавзеҳот С. Асадуллоев / Хуҷандӣ Камоли - Душанбе: Адиб, 1995. - 672 с. -Ҷ. 1-2. - 1290 с.
4. Камоли Хуҷандӣ. Девон (таҳияи Абдуҷаббори Суруш) / Хуҷандӣ Камоли. -Хуҷанд, 2011. - 632 с.
5. Камоли Хуҷандӣ. Девон (таҳияи К. Шидфар), иборат аз 2 ҷ. ва 4 китоб / Хуҷандӣ Камоли. - Маскав, 1975.

СЛОЖНЫЕ И СОСТАВНЫЕ СЛОВА С СОМАТИЧЕСКИМИ КОРНЯМИ В ПОЭЗИИ КАМОЛА ХУДЖАНДИ

В данной статье автором предпринята попытка анализировать морфологическую структуру сложных и составных слов с соматическими корнями в поэзии Камола Худжанди. Утверждается, что в поэзии Камола Худжанди очень часто встречаются соматизмы в составе простых, сложных и составных слов. Только количество соматизма «дил» в его поэзии доходит до 1459 раз в составе простых слов, и более 278 раз в составе сложных и составных слов, большинство из них являются продуктом художественной фантазии поэта.

Ключевые слова: соматизм, сложные слова, составные слова, синоним, соединительный союз.

COMPLEX AND COMPOUND WORDS WITH SOMATIC ROOTS IN POETRY KAMOLA KHUJANDI

In this article the author tries to analyze the morphological structure of complex and compound words with somatic roots in poetry Kamola Khujandi. It is argued that in poetry Kamola Khujandi very often there are sometime composed of simple, complex and compound words. Only the number of somatism "deal" in his poetry comes to 1459 times in the simple words, and more than 278 times in complex and compound words, most of them are the product of artistic imagination of the poet.

Key words: somatism, compound words, compound words, synonym, connecting the Union.

Сведения об авторе: ***М. Собирова*** - соискатель ХГУ им. Б.Гафурова

ТАҲЛИЛИ СИҒАИ АМРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ

С. Хуҷамқулов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Таҳлилу омӯзиши мавзӯъҳои забоншиносӣ яке аз роҳҳои бой ва ғанӣ гардонидани ҳудуди маълумотии забон ба шумор меравад. Таҳқиқи паҳлӯҳои гуногуни забон имконият медиҳад, ки онро ба дигар халқу миллатҳои гуногунзабон муаррифӣ ва онҳоро бо забони модарии хеш ошно гардонд. Яке аз усулҳои муҳим ва дар ҳоли ҳозир актуалии илми забоншиносии муосир омӯзиши муқоисавии забонҳо ба ҳисоб меравад, ки дар рушду тараққиёти забон мавқеи назаррасро ишғол менамояд.

Феъл ҳиссаи номӣ ва мустақили нутқ мебошад, ки дар системаи грамматикии ҳар як забон мураккабу мушкилтарин ҳиссаи нутқ ҳисобида мешавад. Мураккабии феъл нисбати дигар ҳиссаҳои нутқ дар он аст, ки дорои категорияҳои махсуси грамматикӣ мебошад ва ин категорияҳо хусусиятҳои морфологии онро ифода мекунанд.

Амал, ҳолат, вазъият ва муносибат бо категорияҳои грамматикии зерини феълҳо алоқамандона ифода меёбад: ***шахс, шумора, тарз, намуд, замон*** *ва* ***сиға*** [5; 172].

Сиға яке аз категорияҳои муҳим ва зарурӣ дар баёни ҷумла мебошад, ки объекти омӯзиши феъл, яъне амалро ифода намуда, воқеият доштан ва ё надоштани онро нишон медиҳад.

Сиға яке аз хусусиятҳои фарқкунандаи феъл аст. Гӯянда вуқӯъ, ҷараён ва анҷоми амалро баён карда, муносибати нисбат ба воқеият доштаи онро муайян менамояд. Муносибати амал ба воқеият сиға номида мешавад [5;204].

Тавре аз ин гуфта бармеояд вазифаи аввалии сиға агар муносибати амал ба воқеият бошад, вазифаи дигараш ифода намудани замони иҷроиши амал мебошад, ки дар якҷоягӣ бо категорияи замон инъикос меёбад ва дар шаклҳои гуногун ифода карда мешавад.

Дар забони ҳозираи тоҷикӣ 4 навъи сиғаро забоншиносон қайд намудаанд ва дар асоси ҳамин хелҳои сиға амали ҷумла баён карда мешавад: **сиғаи хабарӣ, сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ, сиғаи амрӣ** ва **сиғаи эҳтимолӣ**.

Яке аз шаклҳои сериствъмоли сиға сиғаи амрӣ мебошад, ки дар сохтори ҷумлаҳо, хусусан ҷумлаҳои амрию фармоишӣ нақши муҳимро мебозад. Ин навъи сиға бештар дар диалог (муколама)-ҳо истифода бурда мешавад, зеро дар диалог шахси гӯянда бо шахси дуюм, яъне шунаванда гуфтугӯ намуда, амру фармоиш ва ё дархосту илтимоси хешро нисбат ба ӯ иброз медорад.

Сиғаи амрӣ изҳори хоҳишу супориш, фармону таъкид ва водор кардан ба амалеро, ки нисбат ба шахси дуюм гуфта шудааст, мефаҳмонад [5;208].

Ин сиға дорои як шахс, шахси дуюм дар шаклҳои танҳо ва ҷамъ мебошад ва амали феъл низ маҳз ба ҳамин шахс равона карда мешавад.

Гарчанде баъзан, аз рӯйи маъно ва шакли ифодашавӣ аорист[1]. ба сиғаи амрӣ рост меояд, аммо шакли асосии феъли ин сиға феъли фармоиш ба шумор меравад, ки бо шакли ифодашавиаш ба гурӯҳи феълҳои замони ҳозира-оянда дохил мешавад ва дар асоси ҳамин шахси сиғаи амрӣ шахси дуюм дониста мешавад.

Дарро ***кушо****, аз ташнагӣ мурдам* [2;109].

Аммо доири миқдори шахсҳои сиғаи амрӣ андешаҳо гуногун мебошад, зеро гурӯҳе аз донишмандони соҳа шахсҳои сиғаи амриро бештар дониста, шахси сеюми танҳо ва ҷамъро низ ба ин дохил намудаанд.

Феълҳое, ки барои шудан ва ё нашудани кор ба шунаванда ва ё гоиб хитобан воқеъ мешаванд, феъли фармоиш номида мешаванд. Феъли фармоиш танҳо ду шахс дорад:

1) Шунавандаи танҳо ***рав*** *ва шунавандаи ҷамъ* ***равед****;*

2) Гоиби танҳо ***равад****, гоиби ҷамъ* ***раванд****, ҳамагӣ чаҳор шакланд.*

Шакли шахси якуми ин феъл – феъли хоҳишмандӣ ҳисоб меёбад [6;55].

Воқеан ҳам, шахси якуми ин феъл ба сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ мансуб аст, зеро шахси якум гӯянда аст ва ӯ амалро аз рӯйи хоҳиши худ иҷро мекунад.

Ман аз аҳволи онҳо як ***хабар гирам-чӣ****?* [2;112].

Дар китобҳои дастурии забони муосири тоҷикӣ шахси сеюмро аз гурӯҳи шахсҳои сиғаи амрӣ ҷудо намудаанд ва дар ҳақиқат ҳам дуруст аст, чунки шахси гӯянда ҳеҷ гоҳ наметавонад ба шахси сеюм, ки ғоиб аст, супориш диҳад ва ё аз ӯ хоҳиш намояд. Ӯ танҳо ба воситаи шахси дуюм метавонад шахси сеюмро ба иҷрои амал водор намояд.

Забоншиноси дигари тоҷик, ки дар бахшҳои гуногуни илми забоншиносӣ афкори худро иброз дошта, дар рушди забоншиносии тоҷик саҳми босазояшро гузоштааст, Сайидризо Ализодаи Самарқандӣ мебошад, ки доири феъли фармоишӣ сухан ронда, шахсҳои онро ҳозиру ғоиб номидааст.

Феъли амрӣ он аст, ки корро ба таври ҳукм расонад. Чун ***бикун, бикунед****.*

Феъли амрӣ фақат як замон «ҳозир» дорад, гузашта аз ин сиға (шакл – С.Х.)*-и мутакаллим* (гӯянда – С.Х.)*-ро ҳам надорад. Сиғаи мухотаб* (шунаванда – С.Х.)*-ро дар феъли амрӣ «сиғаи ҳозир» ва сиғаи ғоибро «сиғаи ғоиб» гӯянд, ки бо муфрад* (танҳо – С.Х.) *ва ҷамъ ҳамааш чаҳор сиға аст* [3;63].

Ҳатто баъзе донишмандони соҳа, аз ҷумла забоншиноси асри XX Фитрат шахси якуми феъли фармоишро зикр намуда, миқдори шахсҳои сиғаи амриро 3-то қайд менамояд.

Амр (фармоиш – С.Х.) *феълест, ки ифодаи фармоишро мекунад. Ин феъл замони оянда аст, бандаки замонӣ надорад. Ҳамин набудани бандаки замонӣ аломати замони ояндагии феъл мешавад. Аммо бар тартиби омадан ва наомадани бандакҳои хабарӣ аз феъли амр шаш сурат* (шакли феъл – С.Х.) *пайдо мешавад:*

ҳозир – ту навис, гир (бандаки хабарӣ надорад);
ғоиб – ӯ нависад, гирад;
гӯянда – ман нависам, гирам;
ҳозирҳо – шумо нависед, гиред;
ғоибҳо – онҳо нависанд, гиранд;
гӯяндаҳо – мо нависем, гирем [9;139].

Акнун бармегардем ба тарзи сохтори феъли фармоиш ва истифодаи он дар ҷумлаҳои сиғаи амрӣ.

Тарзи сохтори феъли фармоиш дар шахси дуюми танҳо баробар аст ба асоси замони ҳозираи феъл. Масалан, аз феъли **гирифтан-гир, рафтан-рав, гуфтан-гӯй** ва монанди инҳо шаклҳои феълӣ ба вуҷуд меояд.

Рав *додатро ба Худо* ***гӯй****!...* [2;6].

Барои сохтани феъли фармоишии шахси дуюми ҷамъ ба охири асоси замони ҳозираи феъл ё феъли фармоиши шахси дуюми танҳо пасванди **-ед** ва баъзан **-етон** илова карда мешавад: **гир-гиред-гиретон, рав-равед-раветон**, аммо барои сохтани феъли фармоишии шахси 2-юми ҷамъи феъли *гуфтан* аз шакли **гӯй** ҳамсадои **й** партофта мешавад: **гӯй-гӯед-гӯетон** ва агар навишта шавад ҳам, хатогие нахоҳад буд, зеро дар талаффузи мо овози ин ҳамсадо шунида мешавад.

– Хуб, марҳамат ***кунед****, коратонро* ***гӯед*** [1;68].

Пасванди **-етон** дар феъли фармоишии шахси дуюми ҷамъ бештар дар назм ва дар осори классикон ба чашм мерасад. Дар эҷодиёти нависандагони муосир ин тарзи феъл камистеъмол буда, аҳён-аҳён истифода бурда мешавад.

Агар мехоҳӣ, ту имшаб ба хонаи падарат ***рав*** *ё модаратро ин ҷо оварда бо ҳам* ***хобетон*** [2;163].

Ба ин кас ҳам ош ***биёретон****, охир!* [1;33].

Феълҳои таркибии исмию масдарӣ ва ҳолӣ дар шакли фармоишии сиғаи амрӣ ба воситаи феъли ёридиҳандаашон тасриф ё сохта мешаванд: **хоб рав-хоб равед-хоб раветон; дида мон-дида монед-дида монетон; хандидан гир-хандидан гиред-хандидан гиретон** ва ба мисли ҳаминҳо.

Шумо ***мулоҳиза кунед****!* [2;51]

Ба хонаводае хизмат мекунед ва аз ҷое, ки нон мехӯред, ҳаққи намакро ***пос доред****, ҳаққи намак ба ҳаққи Худо баробар аст* [2;50].

Шакли дигари феъли фармоишии сиғаи амрӣ бо иловаи пешванди **би- (бу-)** сурат мегирад, ки аслан ин шаклро ба шакли аористи феъл мансуб донистаанд забоншиносон: **бирав-биравед-бираветон, бибӯс-бибӯсед-бибӯсетон, бубар-бубаред-бубаретон**.

– ***Бирав****, аз хонаи Одина* ***хабар гир****!* [2;26]

Акнун чораи ин корро худи шумоён, калоншавандагони деҳа ҳастед, ***бубинед****…*[2;13]

Дар шакли аввалӣ иҷрои амал бо ҷиддият ва бо оҳанги амр супориш дода мешавад ва ба воситаи пешванди **би-** бошад, иҷрои амал бо оҳанги нарму навозиш садо медиҳад ва дар ин шакл бештар хоҳишу илтимос баён карда мешавад.

Баъзе феълҳо дар сиғаи амрӣ шаклҳои махсуси ифодашавиро доранд. Аз ҷумлаи феълҳои **овардан** ва **омадан** дар сиғаи амрӣ ифодаи махсусро дошта, дар шаклҳои **о-оед-оетон** ва **ор-оред-оретон** истифода бурда мешаванд. Ин шаклҳо дар забон

камистеъмол буда, бештар ба воситаи пешванди **би-** дар шаклҳои **биё-биёед-биёетон** ва **биёр-биёред-биёретон** истифода бурда мешаванд.

*Ба кӯча баромада як-ду гузарро гардиш карда **оед**, дар он вақт мефаҳмед, ки сармо ба пойи кас чи гуна таъсир мекардааст* [1;56].

*Ба ҳоли мо раҳм **оред**!* [2;65]

*– Аз дари партив **биё**!* [2;109]

Феъли **будан**, ки дар забон ба гурӯҳи феълҳои серистеъмол ва ёридиҳанда дохил мешавад, дар сиғаи амрӣ дар шаклҳои **бош-бошед-бошетон** ба кор бурда мешавад ва ин шаклҳоро дар забон аорист низ меноманд.

*Хизматгор **бошед**, лекин хизматгори содиқ **бошед**!* [2;50]

Дар назм баъзан барои пайдо намудани маънии баланд ва обу ранги шеър ва мувофиқ кунонидани вазну қофия феъли фармоишии шахси дуюми танҳо ба воситаи пешванди **ме-**, ки асосан, дар замони ҳозира-ояндаи сиғаи хабарӣ истифода мешавад, сохта мешавад: **мебош, мерав, мегӯй, мебин** ва ғайра.

Инчунин дар адабиёти классикӣ пешванди дигаре низ барои сохтани феъли фармоиш ба кор бурда шудааст, ки ин пешванди **ҳаме-** мебошад. Бо истифода аз ин пешванд иҷрои амал ба таври таъкид ва хоҳиш гуфта мешавад: **ҳамерав, ҳамебош, ҳамекун**. Ин навъи феъли фармоиш хоси назм мебошад.

Ҷумлаҳои сиғаи амрӣ аслан, бе мубтадо, яъне бе қонишинҳои шахсӣ ифода карда мешаванд ва дар матн онҳоро аз рӯйи мазмун ва оҳанги гуфтор фаҳмидан мумкин аст.

*Ба ин кас як табақ оши сергушту равған **кашед**, ба рӯяш якто нони тафтон пӯшонда **диҳед**!* [1;34]

Дар ҷумлаҳои сиғаи амрӣ калимаҳои модалии [2]. **мабодо, албатта, ҳаргиз** низ истифода бурда мешаванд, ки барои ифодаи таъкиди махсус меоянд.

*– Шумо, **албатта**, имшаб ба мо меҳмон мешавед, – гуфт* [2;104].

Ба ғайр аз ин, шаклҳои фармоишии феълҳои ***омадан* (биё, биёед)**, ***мондан* (мон, монед)**, ***гузоштан* (бигзор//бигузор)**, ***хестан* (хез, хезед)** ҳамчун ифодаи модалият низ кор фармуда мешаванд, ки иҷрои амалро ба таври фармон инъикос мекунанд.

Биёед**, шумо қарзатонро, ки ба гардани ман ҳаст, як моҳ бефоида, ба сифати қарзи ҳасана **монед,** ё ин ки тоқияҳоятонро бо нархи яклухтфурӯшӣ баҳо карда **диҳед [1;17].

Дар ҷумлаҳои саволие, ки дар сиғаи амрӣ омадаанд, ҳиссачаи **чӣ** бо шаклу услуби ифодаи худ ба кор бурда мешавад, ки дар ин тарзи ифода иҷрои амал ба тарзи хоҳишу дархост зери суол гузошта мешавад.

*– Бисёр хуб, ин тавр бошад, аз номи ман ба бой як хат **нависед-чӣ**?* [1;82].

Сиғаи амрӣ, ба ғайр аз он ки феъли бевосита дорад, ҳамчунин дорои феълҳои бавосита ҳам мебошад. Феъли бавосита ҳамон гуна феълест, ки фоил (иҷрокунанда) амалро на барои худ, балки барои нафари дигар иҷро менамояд. Ин гуна феълҳо дар сиғаи амрӣ мисли дигар феълҳо ба воситаи шахси дуюми танҳо ва ҷамъ ифода мегарданд: **хондан-хонон-хононед-хононетон, чашондан-чашон-чашонед-чашонетон** ва амсоли инҳо.

Феълҳо дар ин навъи сиға ҳам дорои шакли инкорӣ мебошанд. Шакли инкории феъли фармоиш ба воситаи пешванди **на-** сохта мешавад**: нарав, нагӯед, намонетон**.

*То саломат ёфтанат ин ҷо хонаи туст, **осуда бош** ва ҳеҷ мулоҳизаву андешаро ба худ роҳ **надеҳ**!* [2;99]

*– Модарҷон **натарс**, ман писарат Одина ҳастам* [2;72].

Дар назм ва дар забони асарҳои классикӣ шакли инкории феъли фармоиш бештар бо пешванди **ма-** истифода бурда шудааст, ки дар забони муосири тоҷикӣ камистеъмол буда, дар шеърҳо баъзан, истифода бурда мешавад: **мабош, мачӯ(й), машин** ва ғайра.

*– Бача, бисёр фарёд **макун**!* [2;67]

*Ба як порча ноне, ки Арбобат медиҳад, шукр гуфта ба ҷону дил хизмат кардан **гир**, ба ҳарфҳои беҳуда ва ҳаракатҳои нолоиқ рӯйш гарми худро сард **макун**!* [2;19]

Сиғаро дар забони фаронсавӣ **«mode»** мегӯянд ва сиғаи забони фаронсавӣ ҳам мисли забони тоҷикӣ 4 шаклро дорад ва дар вобастагӣ ба ҳамин шаклҳо ин категория таҳлил карда мешавад: **indicatif** (сиғаи хабарӣ), **conditionnel** (сиғаи шартӣ), **subjonctif** (сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ), **impératif** (сиғаи амрӣ). Ҳарчанд сиғаи эҳтимолӣ бо номи махсус дар ин забон дида намешавад, аммо сохтор ва мазмуни **conditionnel** ба сиғаи эҳтимолии забони тоҷикӣ монанд аст.

Бояд гуфт, ки сиғаи амрӣ, новобаста ба он ки дар кадом забон аст, ҳамеша дар ҷумлаҳои амру фармоиш ва хоҳишмандию илтиҷоӣ истифода бурда мешавад. Аммо

баъзе донишмандони соҳа ин сиғаро на шакли алоҳидаи сиға, балки варианти дигари ифодашавии **indicatif** медонанд. Барои исботи ин андеша се далел пешниҳод карда мешавад:

1) императив шакли махсуси феълиро надорад, вай дар шаклҳои индикатив баён карда мешавад: ***répéte!, répétons!, répétez!;***

2) императив аз индикатив танҳо аз рӯйи сохтори синтаксисӣ фарқ мекунад, яъне мавҷуд набудани мубтадо дар ҷумлаҳои сиғаи амрӣ: ***vous dites – dites!****. Ҳамчунин, иваз шудани ҷойи ҷонишинҳои наздифеълӣ дар ҷумлаҳои сиғаи амрӣ дар шакли тасдиқӣ:* ***vous le lui donnez – Donnez-le lui!***

3) императив маънои махсусро надорад, зеро водор кардан ба иҷрои амал, ки хоси ин сиға аст, бо дигар шаклҳои сиға низ баён кардан мумкин аст:

а) бо infinitif (масдар): ***ne pas pencher dehors*** *– аз берун наздик нашудан;*

b) бо indicatif (сиғаи хабарӣ):

сиғаи хабарӣ сиғаи амрӣ

tu viendras demain – ту пагоҳ меойӣ —— viens demain! – пагоҳ биё!;

с) бо subjonctif (сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ):

qu'il(s) vienne(ent)! *– бигзор вай (онҳо) ояд (оянд)!* [4;153].

Ин қабил забоншиносон ин сиғаро шакли асосии синтаксисии сиғаи хабарӣ дар ҷумлаҳои водоркунанда барои иҷрои ягон амал номидаанд.

Ж. Гийом, ки яке аз нахустин забоншиносони ҷонибдори ин ақида мебошад, **impératif**-ро «*сиғаи гуфтугӯӣ ё худ шифоҳӣ*» номидааст, на «*сиғаи забонӣ*» [4;153].

Валекин бар хилофи далелҳои дар боло овардашуда 3 назарияи дигар вуҷуд дорад, ки онҳоро инкор намуда, **impératif**-ро ҳамчун навъи алоҳидаи категорияи сиға нишон медиҳанд:

1) баъзе феълҳо дар **impératif** шакли махсусро доранд, ки аз **indicatif** фарқ мекунанд ва ба **subjonctif** шабеҳ ҳастанд: **être –** ***sois*****; avoir –** ***aie*****;**

2) якчанд феълҳо дар сиғаи амрӣ шакли хосро дошта, аз **indicatif** ва **subjonctif** фарқ мекунанд:

savoir-донистан vouloir-хостан

subjonctif: impératif: subjonctif: impératif:

que vous sachiez sachez que vous voulliez veuillez

3) дар навишт феълҳо дар **indicatif** дар шахси 2-юми танҳо пасванди **-s** қабул мекунанд, аммо дар **impératif** чунин нест: **tu parles – parle!** [4;154].

Тавре зикр намудем, ин назарияҳо собит мекунанд, ки **impératif** на варианти **indicatif**, балки навъи махсуси сиға мебошад.

Сиғаи амрии забони фаронсавӣ дорои ду шахс, ду шумора ва се шакли феълӣ мебошад: шахси дуюми танҳо ва ҷамъ (**tu, vous**) ва шахси якуми ҷамъ (**nous**): **parle!, parlez!, parlons!.**

Maintenant, vieillards honorés, ***desidez*** *ce qu'il y a à faire* [11;219].

Ин навъи сиға ду шакли замонӣ дорад: замони сода ё худ замони ҳозира (**impératif présent**) ва замони мураккаб ё замони гузашта (**impératif passé**).

Impératif présent амалеро ифода мекунад, ки иҷроишаш дар вақти гуфтани сухан талаб карда мешавад. Аксари феълҳо дар се шакли шахсии **imperatif présent** баробар ба шаклҳои феълии замони ҳозираи **indicatif** мебошанд. Вале феълҳои гурӯҳи якум ва феълҳое, ки бо **-vrir** ва **-frir** ба охир мерасанд, инчунин феълҳои **aller, cueillir** дар ин замони сиғаи амрӣ пасванди **-s**-ро, ки дар шахси дуюми танҳои **indicatif** доранд, аз даст медиҳанд:

сиғаи хабарӣ (Indicatif) сиғаи амрӣ (Impératif)

tu répétes (*ту такрор карда истодаӣ*) – répéte (*такрор кун*!);
tu vas (*ту рафта истодаӣ*) – va (*рав*!);
tu ouvres (*ту кушода истодаӣ*) – ouvre (*кушо*!);
tu cueilles (*ту ҷамъ карда истодаӣ*) – cueille (*ҷамъ кун*!)
– De quoi as-tu peur? ***Ouvre*** *la porte, puisqu'on te le dit!* [11;270].
– ***Va*** *à la maison d'Odina, et* ***informe****-toi de ce qu'il en est* [11;229].

Аммо агар дар ҷумлаҳои сиғаи амрӣ ҷонишин-зарфҳои **en** ва **y** оянду феълҳои гурӯҳи якум ва бо **-vrir** ва **-frir** тамомшаванда, инчунин феъли **aller** ва **cueillir** истифода шуда бошад, он гоҳ пасванди **-s** навишта мешавад дар шахси дуюми танҳо:

Vas-y! – ба он ҷо рав!, **parles-en!** – дар ин бора гап зан!

Impératif passé бошад, амалеро ифода мекунад, ки иҷроишаш дар ояндаи наздик пеш аз замони ояндаи дигар талаб карда мешавад. Феълҳо дар ин замони **impératif** ба воситаи феълҳои ёридиҳандаи **être** ва **avoir** дар **impératif présent** ва сифати феълии феъли асосӣ сохта мешаванд.

***Ayez pitié** de ma jeunesse...*[11;244].

Якчанд феълҳое ҳастанд, ки дар **impératif** шакли махсуси ифодашавиро доранд:

être – будан

Indicatif Subjonctif Conditionnel Impératif
Tu es que tu sois tu serais sois!
Vous etes que vous soyez vous seriez soyez!
Nous sommes que nous soyons nous serions soyons!

avoir – доштан



Indicatif Subjonctif Conditionnel Impératif
Tu as que tu aies tu aurais aie!
Vous avez que vous ayez vous auriez ayez!
Nous avons que nous ayons nous aurions ayons!

savoir – донистан

Indicatif Subjonctif Conditionnel Impératif
Tu sais que tu saches tu saurais sache!
Vous savez que vous sachiez vous sauriez sachez!
Nous savons que nous sachions nous saurions sachons!

vouloir – хостан

Indicatif Subjonctif Conditionnel Impératif
Tu veux que tu veuilles tu voudrais veuille!
Vous voulez que vous vouliez vous voudriez veuillez!
Nous voulons que nous voulions nous voudrions veuillons!

Тавре мебинем, сохтори ин феълҳо дар **impératif** шабеҳ ҳастанд ба **subjonctif**, вале тафовут низ дида мешавад дар феълҳои **savoir** ва **vouloir**. Ба воситаи феъли **vouloir** дар **impératif** амал ба таври хоҳишу эҳтиром талаб карда мешавад.

– ***Sache** que seulement après ta morte tes os recoureront la liberté. Tu peux te plaindre au seigneur Dieu lui-même...* [11;222].

***Veuillez** sur le profit de vos maîtres, **servez**-les de cœur et d'âme* [11;239].

Ҳамчунин дар шахси дуюми танҳои **impératif** ҳамсадои **-s** дар феъли **avoir** партофта мешавад, ҳол он ки дар **subjonctif** вуҷуд дорад.

Феълҳои ҷонишиндор ҳам дар **impératif** истифода бурда мешаванд. Дар ҷумлаҳои тасдиқии ин сиға ҷонишини феълӣ баъд аз феъл бо дефис (-) навишта мешаванд, ки дар ин ҳолат ҷонишини нафсӣ ба ҷонишини мустақил табдил меёбад: **se lever** (аз хоб хестан) – **leve-toi** (хез!), **levez-vous** (хезед)!, **levons-nous** (хезем)

*Maintenant, **calme-toi**, **repose-toi** et **reprends** tes esprits* [11;263].

Дар ҷумлаҳои инкории **impératif**, ки бо феъли ҷонишиндор омадааст, ҷонишин пеш аз феъл ва дар шакли ҷонишинҳои нафсӣ истифода мешаванд: **ne te leve pas!** – нахез!, **ne vous levez pas!** – нахезед!, **ne nous levons pas!** – намехезем!

Шакли инкории феълҳои **impératif** чун дигар сиғаҳо бо ёрии ҳиссачаи инкории **ne...pas** сурат мегирад.

***Ne crois pas** que je ne connais pas le chemin du juge et du khakim* [11;232].

– ***N'ayez pas peur****! cria Cho-Mirza. C'est une vieille connaissance à moi. C'est un homme bien. Il ne vous fera pas de mal* [11;271].

Ҷонишин-пуркунандаҳо дар ҷумлаҳои тасдиқии сиға баъд аз феъл бо дефис (-) навишта мешаванд, аммо дар шакли инкорӣ пеш аз феъл меоянд: **aide-le**! – ба вай кӯмак кун!, **ne l'aide pas!** – ба ӯ кӯмак накун!

Тавре маълум мешавад, қаробат ва фарқиятҳо дар ифодаи сиғаи амрии забони тоҷикӣ ва забони фаронсавӣ, ки аз ҷиҳати таснифоти забонҳо ба як оилаи забонҳо – оилаи забонҳои ҳинду аврупоӣ мансубанд, ба назар мерасад ва зимни тарҷумаи асарҳои бадеӣ ва дигар самтҳои тарҷумонӣ ин хусусиятҳоро ба назар гирифтан шарт ва боиси тарҷумаи дурусту оммафаҳм гардидани матни тарҷумашаванда мегардад.

АДАБИЁТ

1. Айнӣ С. Марги судхӯр / С.Айнӣ.-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 208 с.
2. Айнӣ С. Одина (повест) / С.Айнӣ.-Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 176 с.
3. Ализода С.С. Сарфу наҳви тоҷикӣ / С.А.Самарқандӣ. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 257 с.
4. Гак В.Г. Теоретическая грамматика французского языка / В.Г.Гак. – М.: Добросвет, 2000. – 832 с.
5. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Қисми I. Фонетика ва морфология. – Душанбе: Дониш, 1985. – 356 с.
6. Зеҳнӣ Т. Сарф / Т.Зеҳнӣ, Ҳ.Бақозода. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 257 с.
7. Хоҷаев Д. Афкори забоншиносии тоҷик дар асрҳои X-XVI / Д.Хоҷаев. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2013. – 344 с.
8. Ҳалимиён С. Феъл (куниш) / С.Ҳалимиён. – Душанбе, 2013. – 126 с.
9. Фитрат. Қоидаҳои забони тоҷикӣ / Фитрат. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010. – 257 с.
10. Riegel Martin. Grammaire méthodique du français / M.Riegel, J.C.Pellet, R.Rioul. – Presses Universitaires de France: «Quadrige», 2009. – 1107 p.
11. Aini S. La morte de l'usurier (nouvelles) / S.Aini. Traduites du tadjik et du russe par S.Borodine et V.Voinot. Les éditeurs français réunis. – 320 p.
12. Наклонение во французском языке [Электронный ресурс]. – Прил.: Справочник пользователя [Текст] / сост. Валентина, 2012. – 8 с.

ПОВЕЛИТЕЛЬНОЕ НАКЛОНЕНИЕ И ЕЁ АНАЛИЗ В ТАДЖИКСКОМ И ФРАНЦУЗСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается повелительное наклонение в таджикском и французском языках, её сходства и различия в сопоставляемых языках. Данное наклонение используется в предложениях, которые выражают приказ, поручение, желание, просьба и т.д. В современном таджикском языке есть одна форма времени, лицо в единственном и множественном числе, но французский имеет две формы времени.

Ключевые слова: наклонение, повелительное наклонение, лицо, приказ, время, действие, глагольная форма.

IMPERATIVE MOOD AND ITS ANALYSIS IN TADJIK AND FRENCH LANGUAGES

The article deals with imperative mood in Tajik and French languages. It is shown that the imperative mood forms are organised in different ways in compared languages. Tajik language has only on tense form for imperative mood while the French has two forms for it.

Key words: mood, imperative mood, person, order, tense, action, verbal form.

Сведения об авторе: ***С. Худжамкулов*** – аспирант Таджикского национального университета.
Телефон: **918-45-96-67.** E-mail: **khuroson-tj@mail.ru**

ПЕРЕХОД МЕСТОИМЕНИЙ В ИМЕНА СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ

О.П. Шарипова, Э. Киматбии
Кулябский государственный университет им.А.Рудаки

Местоимения по своему лексическому значению и грамматической структуре соотносительны с такими частями речи, как существительные, прилагательные и числительные, поэтому они не имеют ни одной какой-либо закономерности перехода в существительные. Специфика их субстантивации рассматривается по соотносительности с теми частями речи, на которые местоимения указывают и по лексико-грамматическим разрядам этой соотносительности.[1]

У обобщённо-предметных местоимений при субстантивном употреблении изменяются их семантика, а не синтаксические функции.

1.Личное местоимение *я* может выступать в значении существительного, если оно употреблено для обозначения создаваемой человеком собственной сущности, самого себя: «*Найти своё Я - вот лучшая цель всякого стремления, быть в дружбе со своим Я такова самая истинная и возвышённая дружба». (Л.Толстой)*

Субстантивное употребление местоимений *ты* и *вы* имеет место в формах обращения: «*Благодарю тебя за ты и за письмо».* (П)

«*Мы были когда-то на ты. Он попытался серединными фразами между ты и вы удержаться на ты, но я прямо дал тон на вы, и он тотчас, же подчинился». (Л.Т.)*

Данные местоимения не могут определяться прилагательными, поэтому они обычно понимаются как субстантивированные.

Субстантивно употребляется и лично указательное местоимение **Он**: «*Некто в сером, именуемый Он» (Л.А.)*

2.Синтаксические функции отрицательных местоимений аналогичны функциям личных местоимений, поэтому условием их субстантивного употребления, как и личных, является семантическое переосмысление.[2]

Местоимение никто в субстантивном употреблении имеет значение «лицо, не имеющее веса, значения в обществе, ничтожество»: *«Вот нас чистит… и за никого считает». (Гр)*

Субстантивируясь, местоимение *ничто* теряет способность изменяться по падежам:

«За *ничто* ничего не купишь». (П)

3.Неопределённые местоимения *что-то* и *кто-нибудь,* переходя в существительные, приобретают значение неопределённой предметности:

«Постарел вдруг? Подобрел? Почестнел сам перед собой? В самом деле узнал что-то глубже? Без конца могло быть этих «что-то». (С.Залагин)

4.Возвратное местоимение *себя* не субстантивируется. Однако субстантивное употребление возможно при семантическом переосмыслении:

«*В себя ли заглянешь? – там прошлого нет и следа: и радость, и муки, и все там ничтожно». (М.Лебедев)*

Обобщённо - качественные местоимения переходят в существительные тогда, когда в сочетании «обобщённо-качественное местоимение + существительное» опускается существительное, определяемое этим местоимением. Субстантивное употребление обобщенно – качественных местоимений происходит на синтаксической основе,[3] (местоимения меняют свои атрибутивные функции на синтаксические функции опущенного существительного, обычно подлежащего или дополнения).

1.Значение существительных приобретают неопределённые местоимения *какой-то, какой-нибудь, некоторый:*

1. «Еду я из Москвы со слёта. На полустанке подсаживается к нам какая-то» (Г.Никитин)

2. «И сын ответил». «А каки- нибудь не беру» (Тургенев)

*2.*Указательные местоимения в субстантивном употреблении также имеют значение лица:

1. «Снова и снова говорили рабочие делегаты с фабричными инспекторами, эти уверили, что сделают всё, и не делают ничего». (Д.А.Фурманов)

2. «Этому, тому – всем раздаёт, если задержались с уборкой или хлебозаготовками» (Нилин П.Ф.)

3.В субстантивном значении часто употребляются определённые местоимения *всякий, иной, каждый, другой,* многие:

1.*Поэзию всякий любит; нет, надо в прозе покупаться (Помяловский И.Г.)*

2.Перекресов только и делает, что внимательно выслушивает каждого. (Нилин П.Ф.)

3. И всё - таки Барыкин, рядовой, невзрачный на вид красноармеец, именно этим удивляет многих (Нилин П.Ф.)

Переходя в существительное, сам приобретает значение «*хозяин», «влиятельное лицо», «муж»:*

1. Правил домом, по-нынешнему сказали бы «основатель фирмы», а тогда просто говорили «сам» (И.С.Лесков)

2. Стол накрыт и только ждут пока придёт из палаты сам. Но сам не идёт. В голове жены рождаются подозрения и болезнь.(Р.И.Успенский)

*4.*При субстантивном употреблении притягательных местоимений в них происходят семантические сдвиги*: мой, твой,* может иметь значение *«муж», «родной», «близкий», «начальник», «должностное лицо»:*

1. Мой самый лучший из всех мужчин, которых я знала. (И.С. Вирта)

2. «Девчата, смотрите. Идёт! – воскликнул кто-то из наших» (В.А. Каверин)

3.Мы знали тогда лишь одно, наша возьмёт (Н.Е.Вирта)

Притяжательное местоимение *свой* часто употребляется субстантивно, если не указывает на принадлежность предмета субъекту речи:

Рабочие не выдавали своих. (А.И. Герцен)

Субстантивация формы *своё* может наблюдаться при опущении неодушевлённого существительного:

У него не хватало характера настоять на своём. (И.С. Лесков)

5.Отрицательное местоимение *ничей* субстантивируется только в женском роде:

Ничья ничьей – рознь (поговорка)

Он не скрывает своей радости: ведь эта ничья равна победе (К.А. Федин)

Во многих субстантивирующихся местоимениях разных разрядов произошли значительные семантические сдвиги. Однако это не говорит об устойчивом переходе этих местоимений в разряд существительных.

Функции местоимений многообразны и существенны. Непосредственно не называя предметов и понятий, они указывают на них и широко взаимодействуют с другими частями речи.

ЛИТЕРАТУРА

1. Голанов И.Г. Морфология современного русского языка. – М., «Высшая школа». -1965.
2. Ильиенко В.В. Деление местоимений на группы. – М., 1973.
3. Лукин М.Ф. Морфология современного русского языка. – М., 1973.

ПЕРЕХОД МЕСТОИМЕНИЙ В ИМЕНА СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ

В данной статье рассматривается процесс субстантивации местоимений. Специфика субстантивации местоимений рассматривается по соотносительности с теми частями, на которые указывают. В работе рассматривается лексико-грамматические разряды местоимений, например: обобщенно- предметные местоимения, которые, переходя в существительные, приобретают значение неопределенной предметности. Отмечается, что возвратное местоимение себя не субстантивируется, но в контексте возможно субстантивное при семантическом переосмыслении. Кроме того, анализируются признаки, которые приобретают местоимения при субстантивации.

Ключевые слова: специфика, субстантивации, части речи, неопределённые местоимения, притяжательное местоимение, указательные местоимения, качественные местоимения.

TRANSITION OF PRONOUNS IN NOUNS

In given article process of substantivation of pronouns is considered. Specificity of substantivation of pronouns is considered on correlative with those parts in which specify.

In work it is considered lexical and grammatical categories of pronouns, for example, generalize and subject pronouns which, passing in nouns, get value of uncertain concreteness. It is noticed, that a reflexive pronoun not substantivation, but in a context probably substantive at semantic reconsideration. Signs which get pronouns at substantivation are besides, analyzed.

Key words: Specificity, substantivations, parts of speech, uncertain pronouns, a possessive pronoun, demonstrative pronouns, qualitative pronouns.

Сведения об авторах: ***О.П. Шарипова*** **–** кандидат педагогических наук, КГУ им.А.Рудаки

Э. Киматбии **-** магистрант Кулябского государственного университета им. А.Рудаки

ИСМҲОИ СОХТА ДАР АШЪОРИ ХОҶАИ ШЕРОЗ

М. Калонова

Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Хоҷа Шамсиддин Муҳаммад Ҳофизи Шерозӣ аз ҷумлаи машҳуртарин адибону мутафаккирони оламшумули тоҷику форс аст, ки осори гаронбаҳояш кайҳо инҷониб зинатфазои ганҷинаи адабиёти ҷаҳонӣ гардида, худаш ҳамчун яке аз бузургтарин шоирони лириканавис шинохта шудааст. Ғазалҳои Хоҷа Ҳофиз аз замони зиндагияш то имрӯз диққату таваҷҷуҳи аҳли завқро на танҳо дар Эрону Тоҷикистону Афғонистон, балки дар саросари ҷаҳон ба худ ҷалб намудааст.

Дар дарозои таърихи забон ва адабиётамон дар заминаи ашъори ноби ӯ садҳо таҳқиқоти адабиётшиносӣ ба анҷом расидаанд. Аммо вижагиҳои забонии ғазалҳои ширадори Ҳофиз аз тарафи забоншиносон камтар мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд, хоса доир ба роҳҳои калимасозии шоир (аз ҷумла, дар доираи исм).

Калимасозӣ воситаи асосии бойшавии таркиби луғавии забон мебошад. Бо ин роҳ таркиби луғавӣ бо калимаҳои нав пурра мешавад. Тағйирот ва инкишофу такомули калимасозӣ мувофиқи талаботу қонунияти дохилии забон ба амал меояд.

Забон барои пурра ва бо нозукиҳояш ифода намудани фикр ва ҳаматарафа қонеъ гардонидани талаботи мубодилаи афкор аз ҳамаи воситаҳо истифода мекунад. Чунин талаботи забон барои инкишофи калимасозӣ восита ва омили муҳим мебошад. Дар калимасозии исм пешванд ва пасвандҳо мавқеи асосиро ишғол мекунанд. Пасвандҳои исмсози забони тоҷикӣ хеле бисёр ва гуногунвазифа мебошанд, аммо танҳо як пешванди **“-ҳам”** аст, ки дар забони адабии ҳозираи тоҷик дар калимасозии исм иштирок мекунад.

Пешвандҳои дигари қадимӣ бо асосҳо як шуда рафтаанд ва алҳол ҳамчун морфемаи алоҳида аз асосҳояшон ҷудо карда намешаванд. Чунончи, дар калимаҳои **овоз о-, пайкар пай-, подшоҳ под-, фармон фар**- аслан, пешванд бошанд ҳам, бо асосашон як шудаанд ва пешванду асос дар якҷоягӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷик калимаи сода ба шумор мераванд.

Забоншинос Ш. Рустамов дар асари худ “Исм” қайд мекунад, ки Ҷалилов пешванди **“ҳам”-**ро бо ҳиссачаи **“ҳам”** як шуморидааст, ки хатост. Пешванди **ҳам-** мисли ҳиссача ба калима тобиш ва ё мафҳуми иловагӣ намебахшад. Вай унсури калимасоз буда, аз калимаҳои гуногун воҳиди нави луғавӣ месозад. Масалан, аз исмҳои конкрет ва абстракти роҳ ва суҳбат исми шахси **ҳамроҳ** ва **ҳамсуҳбат** сохтааст [4,125].

Пешванди **ҳам-** бо исмҳо омада, ҳамроҳӣ, шарикат ва алоқаи тарафайни шахсҳо ва предметҳоро мефаҳмонад. Пешванди мазкур дар ашъори Ҳофиз 47 маротиба бо калимаҳои зерин омадааст: **дам, дард, раҳ, нафас, роз, висоӣ, дарс, суҳбат, даст, кор ва зону.**

Бишуй авроқ, агар **ҳамдарси** моӣ,
Ки илми ишқ дар дафтар набошад (5.212).

Дар калимаи **“ҳамнишин”** пешванди **ҳам-** аз асоси замони ҳозираи феъл, исми ифодакунандаи шахс сохтааст, мисол:

Ало, эй **ҳамнишини** дил, ки ёронат бирафт аз ёд,
Маро рӯзе мабод он дам, ки бе ёди ту биншинам (5.432).

Бо воситаи пасвандҳо сохта шудани исмҳо усули сермаҳсули калимасозии исмҳои сохта маҳсуб меёбад. Пасвандҳои исмсози зерин дар ташаккули исмҳои сохта саҳм доранд: **-гар, -гор, -бон, -ор, -вор, -а, -она, -дон, -гаҳ, -зор, -истон, -сор, -шан ва -иш.**

Пасванди –**манд** аз пасвандҳои серистеъмол ба ҳисоб меравад. Истифодаи он дар ашъори шоирони гузаштаамон ба назар мерасад. Мутаассифона, дар “Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик” (ҷилди 1) ва дастури “Забони адабии ҳозираи тоҷик”(қисми 1) барои мактабҳои олӣ дар бораи ин пасванд (- манд) маълумот ба назар намерасад [1;2]. Дар ғазалиёти Ҳофиз калимаҳои зиёде ба назар расид, ки бо иштироки ин пасванд шакл гирифтаанд, аз ҷумла дар ғазалҳои ӯ 10 маротиба бо калимаҳои зерин омадааст: **дониш, хирад, орзу, ниёз ва ҳуш.**

Мушкиле дорам, зи **донишманди** маҷлис бозпурс,
Тавбафармоён чаро худ тавба камтар мекунанд? (5,255)
Ниёзманди бало, гӯ рух аз ғубор машӯй,
Ки кимиёи мурод аст хоки кӯйи ниёз (5,320).

Аз пасвандҳои мазкур **-ӣ(-гӣ), -иш** ва **–ор** исми маънӣ месозанд, масалан:

Ҳофизо, май хӯру **риндӣ** куну хуш бош, вале
Доми тазвир макун чун дигарон Қуръонро (5,40).

Забоншинос О. Қосимов дар таҳқиқоти хеш оид ба калимасозӣ дар “Шоҳнома” дар хусуси пасванди -ӣ ибрози назар намуда, менависад, ки аксарияти забоншиносон ду пасванди -ӣ -ро нишон додаанд. Якум, ин пасванд ифодагари исмҳои номуайян

буда, бо “ё- и масдарӣ ” ном мебаранд. Дуюм, пасванди -ӣ дар бунёди сифатҳои нисбӣ иштирок карда, “ё -и нисбӣ” номида шудааст.

Таърихан пасванди ӣ шакли якум идомаи пасванди –ih- и форсии миёна буда, имрӯз шакли -ӣ ва гӣ-ро гирифтааст.

Пасванди -ӣ шакли дуюм бошад, аз пасванди –ig ,-ik сарчашма гирифта, алломорфони -ӣ, -гӣ, -вӣ маҳсуб меёбад.

Забоншинос Пейсиков ҳамчунин се алломорфони пасванди мазкурро нишон додааст, аз қабили (-ик, -авӣ, -азӣ).

Пасванди -ӣ(-гӣ) дар 601 ғазали Ҳофиз ҳамагӣ 243 маротиба дар ташаккули исмҳои сохта корбаст гардидааст [5]. Ин пасванд бо калимаҳои **маст (31маротиба), ринд (23), ошиқ (11), гадо (11), зинда (8)** омадааст. Сабаби бо калимаҳои **маст** ва **ринд** нисбатан зиёд корбаст шудани пасванди мазкурро мо дар он мебинем, ки Ҳофиз шоири сӯфимашраб буда, ин калимаҳо дар сулуки тасаввуф бо маъниҳои гуногун истифода шудаанд:

Гарчӣ бесомон намояд кори мо саҳлаш мабин,
К-андар ин кишвар **гадоҷ** рашки султонӣ бувад (5.276).

Пасванди -ӣ, /–гӣ, муштараквазифа бошанд ҳам, маводи ашъори Ҳофизи Шерозӣ баёнгари он аст, ки дар калимасозии ашъори Хоҷаи Шероз ин пасванд ва гунаи он дар калимасозҷ саҳми баробар надоштааст. Таҳлилу баррасҷ нишон дод, ки пасванди -ӣ ва гунаи он -гӣ ҳамагӣ 243 маротиба дар ғазалиёти Ҳофиз истифода шудаанд. Аз ҷумла, теъдоди калимаҳои сохта бо пасвади **-ӣ 142, -гӣ 101**-ро ташкил медиҳанд. Аз ин омор бармеояд, ки дар забони адабии тоҷикӣ новобаста ба даврaҳои таърихӣ, дар калимасозии исм бештар пасванди **–ӣ** сермаҳсултар мебошад.

Павсванди **–а** низ сермаҳсул буда, аз ҳиссаҳои гуногуни нутқ исм месозад. Дар ғазалиёти Ҳофиз ин пасванд **195** маротиба ба кор рафта, бо калимаҳои зерин омадааст: **гӯш, ном, дуд, чашм, рӯз, банд, ҳалқ ва бод.**

Аз миёни ин калимаҳо вожаи **“бода”** бештар истифода шудааст, яъне **73** маротиба. Калимаҳои **гӯша-32 маротиба, ҳалқа -17, банда -13, нома -11, рӯза -3 ва дуда -2,** Масалан:

З-он **бода**, ки дар майкадаи ишқ фурӯшанд,
Моро ду-се соғар бидеҳу гӯ: рамазон бош! (5.335)

Истифодашавии пасвандҳои исмсоз дар калимасозии ашъори Ҳофизи Шерозӣ якхел ба назар намерасад.

Дар ғазалиёти шоир бо пасвандҳои каммаҳсули –бон, -она, -сор чунин исмҳои нав шакл гирифтаанд: **–бон** (5 маротиба бо калимаҳои **боғ, дар, соя**); **-она** (14 маротиба бо калимаҳои **шоҳ, шукрона, муғ, ҷон ва маст**); пасванди **– сор** (20 маротиба бо вожаҳои **рух, хок, шарм ва шох**). Барои мисол:

Шоҳидон дар ҷилваву ман **шармсори** кисаам,
Бори ишқу муфлисӣ саъб асту мебояд кашид (5.295).

Дар ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ дар исмсозӣ пасванди **“–шан”** ба гурӯҳи пасвандҳои бемаҳсул марбут буда, танҳо дар таркиби калимаи **“гулшан”** мушоҳида гардид. Ин вожа дар ғазалиёти Ҳофиз 20 маротиба ба кор рафтааст, мисол:

Тоири **гулшани** қудсам, чӣ диҳам шарҳи фироқ,
Ки дар ин домгаҳи ҳодиса чун афтодам? (5.392)

Як гурӯҳи исмҳои сохта тавассути пешванду пасвандҳо сохта мешаванд, масалан: **ҳамшира, ҳамвисоқӣ** ва ё **ҳамзистӣ.** Дар калимаи аввал **“ҳамшира”** танҳо аз решаи шир тавассути пешванди “**ҳам-”** исми **“ҳамшир”** сохта шудааст. Сипас, ба он пасванди **–а** ҳамроҳ шуда, калима-исми нави **“ҳамшира”**-ро сохтааст. Бо ин тарз омадани калимаҳои сохта дар ғазалиёти Ҳофиз низ ба назар мерасад

Масеҳои муҷаррадро бирозад,
Ки бо хуршед созад **ҳамвисоқӣ** (5,557).

Ҳамин тариқ метавон гуфт, ки пешванду пасвандҳои мазкур дар калимасозии исмҳои сохта дар мисоли ғазалиёти Ҳофизи Шерозӣ саҳм ва мавқеи якнаво надоштаанд

А Д А Б И Ё Т

1. Забони адабии ҳозираи тоҷик. Лексикология. Фонетика. Морфология. –Душанбе: Маориф, 1982.-Ҷ.1.-462с.
2. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Фонетика ва морфология. -Душанбе: Дониш, 1985.-Ҷ.1.
3. Касимов О. Деривация в “Шахнаме” Абулӣасима Фирдавсӣ /О. Касимов. –Душанбе: Деваштич, 2006, -188с.
4. Рустамов Ш. Исм /Ш. Рустамов.–Душанбе: Дониш, 1981
5. Шерозӣ Ҳофиз. Девони ғазалиёт. Мураттиб Ҷамшед Шанбезода /Шерозӣ Ҳофиз. –Душанбе: Ирфон, 1983.

СОСТАВНЫЕ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ В ТВОРЧЕСТВЕ ХАФИЗА ШИРАЗИ

В данной статье говорится об образовании составных существительных в творчестве Хафиза Ширази. Хафиз в своём творчестве использовал большеупотребляющие, малоупотребляющие и неупотребляющие суффиксы.

Ключевые слова: творчество Хафиза Ширази, газели, словообразование, составные существительные, большеупотребляющие суффиксы, малоупотребляющие суффиксы, неупотребляющие суффиксы.

COMPOUND NOUNS IN HAFEZ SHIRAZI`S LEGACY

This article refers to the formation of compound nouns in the works of Hafez Shirazi. Hafez used in his legacy productive, less productive and nonproductive suffixes.

Key words: Hafez Shirazi`s legacy, lyrics, word building, compound nouns, productive suffixes, less productive and nonproductive suffixes;

Сведения об авторе: ***М. Калонова*** **–** аспирантка Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова

ПАЙВАНДАКҲОИ ТАРКИБИИ ХИЛОФӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ

А. Сабзаева
Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Дар алоқаманд намудани ҷумлаи пайрави хилоф ба сарҷумла мавқеи пайвандакҳои таркибсохт низ калон аст. Пайвандакҳои таркибӣ баъдтар ташаккул ёфта бошад ҳам, дар Айни замон шумора ва доираи истифодаашон назар ба пайвандаки содаи «ки» хеле васеъ аст, ҳарчанд пайвандаки содаи «ки» ҷузъи асосии ин таркибҳо ба шумор меравад. Дар бораи яке аз сабабҳои ташаккул ва инкишофи пайвандакҳои таркибӣ профессор Д.Т.Тоҷиев чунин ақида дорад: «Агар дар даврaҳои аввал пайвандакҳои сода хеле серистеъмол ва баракс, пайвандакҳои таркибӣ ҳам аз ҷиҳати миқдор ва ҳам аз бобати дараҷаи истифода хеле маҳдуд бошад, ҳоло миқдор ва теъдоди истеъмоли пайвандакҳои сода як андоза маҳдуд шудааст. Аз баски пайвандаки «ки» вазифаи синтаксисиро адо мекунад, барои равшан кардани маънои (хилофии –А.С.) он пайвандакҳои таркибии зиёд ба вуҷуд омадаанд» [4,23].

Муҳаққиқи ҷумлаҳои мураккаби тобеъи забони тоҷикӣ профессор Д.Т.Тоҷиев чун воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави хилоф ба сарҷумла пайвандакҳои «агарчанде ки (гарчанде ки)», «ҳарчанд ки», «бо вуҷуди ин ки», «бо вуҷуди он ки», «сарфи назар аз ин ки», «сарфи назар аз он ки», «қатъи назар аз ин ки», «қатъи назар аз он ки», «ба ҷои он ки», «ба ҷойи ин ки», «дар ивази ин ки», «дар ивази он ки», «бо он ки» (ҷамъ 15-то)-ро номбар кардааст [4,165], дар «Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик», ҷилди савум, ки боби ҷумлаҳои пайрави ҳол ба қалами Д.Т.Тоҷиев мутааллиқ аст, пайвандакҳои хилофӣ бо вариантҳояш 15-то номбар шудааст [1,143]. Ду пайвандаке, ки дар рисолаи Д.Тоҷиев ишора нашудаасту дар «Грамматика» ҳаст, пайвандакҳои «агар ки» ва «ар ки» мебошанд [1,143].

Зимни маводи «Ёддоштҳо»-и С.Айнӣ дар асар нуҳ пайвандаки таркибии хилофӣ истифода шудааст, ки инҳоянд: бо вуҷуди ин ки, бо вуҷуди он ки, ҳарчанде ки, ба ҷойи ин ки, ба ҷойи он ки, ба болои ин ки, бо ҳамаи ин ки, бо ин ки, дар сурате ки.

а) Пайвандаки «бо вуҷуди ин ки» хабарҳои ҷумлаи пайрави хилофе, ки бо ин пайвандак ба сарҷумла алоқаманд мегарданд, асосан ба шаклҳои гуногуни замони сиғаи хабарӣ ифода меёбанд:1) бо замони гузаштаи сода: Аммо русҳо, **бо вуҷуди ин ки** маро дар майдони ҷанг, дар ҳолате ки ман онҳоро мекуштам, **гирифтанд,** на танҳо маро накуштанд ва ғулом накарданд, балки маро табобат карда, ҳаётамро нигоҳ доштанд… 2) бо замони гузаштаи дур: Дигарон **бо вуҷуди ин ки** аз ман камтар **нӯшида будаанд** ва бангро ҳам як куллоб кашиданд, ҳама масту лояъқил (аз ақл бегона) шуда ғалтиданд. (VI,235-236); 3) бо замони гузаштан ҳикоягӣ: **Бо вуҷуди ин ки** ман одати ӯро **медонистам,** худро ба нодонӣ зада аз ӯ пурсидам (VII,302); 4) бо шакли замони гузаштаи нақлӣ:…**Бо вуҷуди ин ки** вай беҳдинӣ **шуҳрат ёфтааст**, калону хурд ӯро ҳурмат мекунанд (VII,264); 5) бо шаклҳои гуногуни хабарҳои номӣ: **Бо вуҷуди ин ки** ӯ **дузди машҳур** аст, ман аз ин нисбат ор намекунам (VII,363); **Бо вуҷуди ин ки** ҳанӯз ба соли нав 15-рӯз **буд,** гандумҳо ва ҷавҳои тирамоҳ кишташуда ва сафҳои юнучқазор чор ангушт қад кашида буданд (VI,250); Рӯйи ин шахс сабзина ва пурра буд ва бо вуҷуди ин ки синни ин касро аз шаст боло тахмин кардан мумкин буд, ба рӯяш он қадар чинҳои ҳискардашаванд ва наменамуд (VI,262); б) Пайвандаки «бо вуҷуди он ки». Ин пайвандак назар ба пайвандаки «бо вуҷуди ин ки» хеле кам истеъмол аст. Ин пайвандак дар ҳарду ҷилди «Ёддоштҳо» якборӣ, ҷамъ ду бор истифода шудааст. Хабари ҷумлаҳои пайрави ҳар ду ҷумла бо шакли замони гузаштаи феълҳои номӣ бо феъли ёридиҳандаи «будан» сурат ёфтааст: Бо вуҷуди он ки ӯ ба ман муҳтоҷ буд, ҳоло ҳам рӯфтани хонаашро ба ман мефармуд (VII,62); в) Пайвандаки «ҳар чанд ки». Ин пайвандак низ хеле кам истеъмол аст, дар ҳар ду китоби «Ёддоштҳо» яккборӣ, ҳамагӣ ду бор ба кор бурда шудаасту халос. Агар дар ҷумлаи «…Ба пирак ҳам, ҳар чанд ки ба ӯ дилаш пур буд, дар бораи забони русӣ кам гап мезад» (VI,256) хабари ҷумлаи пайрав бо воҳиди фразеологии «дилаш пур буд» дар шакли таркибии замони гузашта ифода шуда бошад, дар ҷумлаи «-Ҳар чанд ки,- гуфт Яҳёхоҷа,- ҳоло инҳо ба назари кас фарзанди одам барин намоянд ҳам, дар оянда ғул мешаванд» (VII,16) хабари ҷумла бо шакли аорист ифода ёфтааст.

Профессор Д.Тоҷиев «ҳарчанд [4,165,168] ва «ҳарчанд ки» (4.165,169)-ро ба гурӯҳи пайвандакҳои тобеъкунандаи хилофҷ дохил нашудааст, вале дар ҷойи дигар дар бораи пайвандаки «ҳар чанд ки» Сухан ронда истода менависад: Дар баъзе ҷумлаҳои мураккаби тобеъ пайвандаки «ки» меафтад ва худи ҷонишини «ҳарчанд» (на пайвандак!- А.С.) ҳам вазифаи ифодакунандаи ҳоли миқдору андоза ва ҳам вазифаи пайвандакиро адо мекунад [4,172-173].

Воқеан, пайвандаки «ҳарчанд» дар ин ҳолат дар баробари маънии хилоф доштан миқдору дараҷаро ҳам мефаҳмонад: Ҳарчанд чашм дӯхтем, моҳи навро дида натавонистем (VII.484); г) Пайвандаки «агарчанде ки» ҳамагӣ якбор дар поварақи ҷилди VI истифода шудааст: Ин пайвандак бо пайвандаки «ҳарчанд ки» муродиф аст: Масалан, «Ақоид»-хон нисбат ба «Шарҳи Мулло»-хон пешқдам ба шумор мерафт, агарчанде ки «Ақоид»-хон нисбат « Шарҳи Мулло»-хон нофаҳмотар бошад.(VI,215); ғ) Пайвандаки «ба ҷойи ин ки». Хабари ҷумлаи бо ин пайвандак ба сарҷумла алоқамандшуда чун пайвандаки «ҳарчанд» ва «ҳам» ба шакли аористи сиғаи шартӣ-хоҳишмандӣ ифода меёбад. Ман, ба ҷойи ин ки кӯдаки ба ӯ беодобӣ кардаро коҳиш кунам, он таҳқиркунандаро таҳсин карда будам (VI.184); Шайх ба ҷойи ин ки дар ҳақи он бечорагон дуою фотеҳа кунад,…пули маро хурда рафтанд- гуфт, онҳоро дуои бад мекунад (VII,136).

Ин пайвандак дар китоби якуми «Ёддоштҳо» чор маротиба ва дар китоби дуюм се бор ба кор бурда шудааст. д) Пайвандаки «ба ҷойи он ки». Ин пайвандак ҳамагӣ як бор дар ҷилди VII дар нутқи персонажи асар истифода шудааст. Хабари ҷумлаи пайрав дар он бо шакли таркиби аорист ифода ёфтааст:- Ҳайф ба шумо, тӯқсабо (амали миршаб),- гуфт,-шумо ба ҷойи ин ки фармонҳои ҷаноби олӣ ва супоришҳои маро ба амал оварда, аз шаҳр бетартибиҳоро барҳам диҳад ва дар навбати аввал одамони худатонро саришта кунед, шумо монанди галаи гургони ваҳшӣ ба сари аҳолӣ сар монда мондем (VII,349)

е) Пайвандаки «ба болои ин ки». Ин таркиб натанҳо ҳамчун воситаи алоқаи ҷумлаи пайрави хилоф ба сарҷумла, балки умуман чун пайвандак дар ягон сарчашмаи илмӣ ба қаид гирифта нашудааст. Аз рӯйи вазифа ва тобиши маънои ҷумлаи пайрав ин пайвандак бо пайвандакҳои «ба замми ин ки», «бар илова ин ки» муродиф буда, ба ҷумлаи маънои хилофӣ бо тобиши иловагӣ дода, ба пайвандаки хилофии «бо вуҷуди ин ки» ҳамвазифа мегардад, яъне бинобар мундариҷаи ҷумлаи зерин бар иловаи он ки писарон аз хешовандони худашон зан мегиранд, боз духтарони муриду мухлисонашонро ҳам ҳамхобаи худ мекунанд. Мисол: Писаронашон бошанд, ба болои ин ки аз хешовандони худашон зан мегиранд, духтарони муриду мухлисонашонро ҳам, ки назр гӯён дар қатори гову гусфандони назрӣ оварда мешаванд, ҳамхобаи худ мекунанд. (VI,380); ё) Пайвандаки «бо ҳамаи ин ки». Ин пайвандак ҳамагӣ як маротиба дар ҷилди VI асар мушоҳида гардид. Хабари ҷумлаи пайрави бо ин пайвандак ба сарҷумла алоқамандшуда дар шакли замони гузаштаи дури сиғаи хабарӣ омадааст: Бо ҳамаи ин ки ин гурги борондида «ман» будани он домоди шартиро фаҳмида буд, худро ба нодонӣ зада бо оҳанги ҳамон шодмонии сохта ҷавоб дод.(VI,389-390);ж) Пайвандаки «бо он ки». Ин пайвандак камистеъмол буда асосан ба услуби адабии китоби хос аст. Лекин ман аз корҳои «Худои Бухоро» (генерал- губернатори Туркистон) он қадар хушнуд нестам, зеро, бо он ки Худои мусулмонон ва умуман Шоҳи умумии диндорон ба «арҳамурроҳимин», (бо раҳмдилтарини раҳмдилон) будан шуҳрат дорад «Худои мамлакати мо» азламуззолимин (золимтарини золимон) шуда баромад. (VII,385-386);з) Пайвандаки «дар сурате ки». Ин пайвандакро Д.Т.Тоҷиев пайвандаки шартӣ номида, ҷумлаи зеринро мисол овардааст: Дар сурате ки ҳамин об ба гӯшти бадан паҳн шавад, азоби тоқатнопазир медиҳад (Айнӣ).

Дар ин мисол ба пайвандаки шартӣ будани пайвандаки «дар сурате ки» шубҳае нест. Пас профессор Д.Тоҷиев меафзояд: «аммо пайвандаки таркибии «дар сурате ки» сермаъност. Вай маъноҳои дигареро ҳам ифода карда метавонад» [4,160]. Баъд аз ин он кас оид ба маъниҳои сабаб, тарзи амал ва муқоиса доштани ин пайвандак мисолҳо овардааст. Бо ин гуфтаҳои профессор Д.Т.Тоҷиев мо афзудан мехоҳем, ки дар «Ёддоштҳо» ин пайвандак ҷумлаи пайрави хилофро ҳам ба сарҷумла тобеъ намудааст. Чунончи: ӯ дар сурате ки метавонист бо номи «ҷорикунандаи маданият дар байни ваҳшиён», ки ҳамеша худро ба ҳамин ном ба Дунё шиносонидан мехоҳанд, ин ваҳшонияти муллоён ва ҳукумати Бухороро манъ ва бартараф кунад, барои ба амал баровардани ин ваҳшонияти золимона роҳи «қонунӣ» ва «маданӣ» ёфта дод (VII,386).

Барои исботи фикр ҷумларо пурра таҳлил кардан лозим меояд: Сарҷумла «Ӯ барои ба амал баровардани ин ваҳшонияти золимона роҳи «қонунӣ» ва «маданӣ» ёфта «дод» буда, ҷумлаи пайрав «Ин ваҳшонияти муллоён ва Ҳукумати Бухороро манъ ва бартараф кунад» ба саволҳои «чи тарз?», «ба кадом шарт?», «ба кадом сабаб?» ҷавоб нашуда, пурра ба саволи «бар хилофи чи?» ҷавоб мешавад. Дар ин ҷумла ҷойи пайвандаки «дар сурате ки»-ро пайвандаки хилофи «бар хилофи он ки», «бо вуҷуди он ки», «ҳарчанд» озодона иваз карда метавонанд. Агар ҷумлаи пайравро бо қоидаҳои маъмули пешниҳодгардидаи забоншиносон ба ибора баргардонем, маънои хилоф доштани он боз ҳам равшантар аён мешавад: Бар хилофи (бо вуҷуди) ин ваҳшонияти муллоён ва ҳукумати Бухороро манъ ва бартараф карда тавонистанаш барои ба амал баровардани ин ваҳшонияти замона роҳи «қонунӣ» ва «маданӣ» ёфта дод.

Ҷумлаи зерин ҳам аз рӯйи сохту таркибу маънӣ ба ҷумлаи боло монанд аст: (…Дар сурате ки ману монанди ман ҳазорҳо талабагон ва меҳнаткашони бесарпаноҳ дар «истиқоматгоҳи «даруникуртагӣ» зиндагӣ мекарданд, бойҳо биноҳои сар бар фалак расидаи худро ба мардум ба тариқи «чиз- чизак» нишон дода, аз ғурур ва ифтихор завқ мекарданд (VII,564).

А Д А Б И Ё Т

1. Грамматикаи забони адабии ҳозираи тоҷик. Ҷумлаҳои мураккаб.-Душанбе:Ҷ.3. Дониш,1989.-222с.
2. Камолиддинов Б. Сухан аз баҳри дигарон гӯянд/ Б.Камолиддинов.-Душанбе, 2001.-171с
3. Рубинчик Ю.А. Сложные предложения с придаточными опредилительными в соврименном персидиском языке/ Ю.А.Рубинчик. –ИВЛ,М.; 1959.-218с.
4. Тоҷиев Д.Т. Ҷумлаҳои мураккаби тобеъ дар забони адабии ҳозираи тоҷик/ Д.Т.Тоҷиев.-Душанбе: Дониш,1981.-220с.

ПРОТИВИТЕЛЬНЫЕ СОСТАВНЫЕ СОЮЗЫ В «ВОСПОМИНАНИЯХ» САДРИДДИНА АЙНИ

Союзы — служебные слова, которые используются для связи однородных членов предложения и частей сложного предложения, а также для выражения смысловых отношений между этими синтаксическими единицами.Союзы так же, как и предлоги, не имеют самостоятельного значения. Противительные союзы выражают различные оттенки противопоставления. В данной статье автор рассматривает применение противительных составных союзов в произведении Садриддина Айни «Воспоминания».

Ключевые слова: союзы, выражение смысловых отношений, синтаксические единицы, оттенки противопоставления, противительные союзы.

ADVERSATIVE COMPOSITE UNIONS IN THE "MEMORIES" SADRIDDIN AINI

Unions are special words that are used for communication homogeneous members of the sentence and the parts of complex sentences and to Express semantic relations between syntactic edenization as prepositions, are not independent values. Adversative conjunctions Express different shades of opposition. In this article the author examines the use of adversative composite unions in the works of Sadriddin Avni "Memories"

Kev words: unions, the expression of semantic relations, syntactic units, contrasting shades, adversative conjunctions.

Сведения об авторе: ***А. Сабзаева*** **–** соискатель Курган-Тюбинского государственного университета им.Носира Хусрава

КОРБУРДИ НОМВОЖАИ (ТОПОНИМ) - И ЮМГОН ДАР ҚАСОИДИ НОСИРИ ХУСРАВ

С. Холиқназарова
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Табиист, ки дар асрҳои миёна барои ифодаи таълимоти муназзами ахлоқиву мазҳабӣ, ирфонӣ, фалсафӣ, ситоиши шоҳону паҳлавонони асотириву таърихӣ, қиссаву ривояти дорои сужетҳои хурду бузург, асосан ду қолаби бузургҳаҷми шеърӣ-маснавӣ ва қасида истифода бурда мешуданд ва шоирони зиёде, аз ҷумла Носири Хусрав дар ин қолаби шеърӣ, махсус қасида шоҳкориҳои хешро офаридааст.

Қасидаҳои шоир, ки қисмати асосии осори манзуми мавҷудаи ӯро ташкил медиҳанд, ҳаҷман калону дорои мавзӯъ ва матолиби муайян мебошанд.

Чунин ҳолатро бояд эътироф намуд, ки забони назми Носири Хусрав бисёр ғаниву рангин буда, доираи истифодаи исмҳои хос дар ашъори ӯ ниҳоят васеъ мебошанд. Исмҳои антропонимӣ ва топонимӣ як ҳиссаи бойгарии таркиби луғавии назми шоирро дар бар гирифтааст. Дар байни номҳои хоси топонимӣ номҳои реалӣ ва асотириро метавон ҷудо намуд.

Аксари топонимҳои қасидаҳои шоирро номҳои воқеии мавзеъҳо ташкил медиҳанд, ки бо ҳадафҳои гуногун кор фармуда шудаанд. Бархе аз чунин номҳо ба вазъи ҳоли худи шоир вобастагӣ дошта, гурӯҳи дигар баёнгари воқеа, ҳодиса ва муҳити таърихие мебошанд, ки рӯзгори шоир дар он муҳит сипарӣ гардидааст.

Юмгон аз ҷумлаи номҳои ҷуғрофист, ки дар осори таърихӣ ва адабии марбут ба ҳаёт ва фаъолияти Ҳаким Носири Хусрав ба кор бурда шудааст, зеро беш аз 20 соли ҳаёти худро Ҳаким ва шоири бузург дар ин ҷо гузаронидааст ва бештари осори бадеӣ ва фалсафии худро дар ин макон таълиф намудааст. Вожаи Юмгон чун номи макон дар аксари фарҳангҳо, тазкираҳо ва таърихномаҳои гузашта ҳангоме аз Носири Хусрав сухан равад, дучор мешавад.

Лозим ба ёдоварист, ки оид ба шарҳи таърихӣ-этимологии исми топонимии Юмгон профессор Н. Офаридаев мақолаи алоҳида таълиф намудааст, ки дар он таърихи пайдоиши ин ном, сохту таркиби он, муносибати он бо дигар номҳои таърихии Бадахшон, инъикоси он дар маъхазҳои хаттӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Мақолаи мо ба масъалаи вазифаҳои услубии корбурди номи хоси мазкур дар қасидаҳои Н. Хусрав бахшида мешавад.

Дар «Фарҳанги Муин» исми Юмгон чунин шарҳ ёфтааст:» номи қасабаест аз Бадахшон. Номи ин қасаба бад-он ҷиҳат, ки Носири Хусрав аз Балх ба он ҷо рафт ва ҳам дар он ҷо даргузашт, дар адабиёти форсӣ шуҳрат ёфт» [12].

Номвожаи Юмгон дар ашъори Носири Хусрав ҳангоми ифодаи андешаҳои гуногун ба кор бурда шуда, дорои вазифаи муайяни бадеӣ ва иттилоотӣ мебошад. Шоир муносибати худро дар иртибот бо ҳадафҳои бадеию ғоявӣ ва услубӣ нисбат ба ин номи хоси макон ифода кардааст, ки метавон онро ба тариқи зайл баррасӣ намуд:

1. Дар ашъори шоир топоними Юмгон хеле зиёд ба кор рафтааст, бахусус дар «Девон» дар 48 қасида дучор меояд, ки шоир зимни ёдоварӣ аз он беадолатию тазодҳои зиндагӣ ва ҳукмфармо будани ҷавру зулм ва ноороміҳои ҷомеаи замонашро таъкид мекунад [10].

Донӣ, ки чи гуна ман ба Юмгон
Танҳову заифу хору зорам? [1-571];
Ба Юмгон ман ғарибу хору танҳо,
Аз инам монда бар зону занахдон [1-531].
Гӯяд-т фалон, к-аз чунин суханҳо,
Мондаст фалони фалон ба Юмгон [1-539].

2. Аз сӯйи дигар, Носири Хусрав нисбат ба Юмгон меҳр дорад ва шукрогузории он мекунад, ки ин маконро ҷойи зист интихоб кардааст ва дар ин макон соҳиби иззату икром гардидааст:

Агар хор асту бемиқдор Юмгон,
Маро инҷо басе изз асту миқдор[1-311].
Ман ба Юмгон дар ниҳонам, илми ман пайдо, чунон-к
Феълу нафси рустанӣ пайдост ӯ дар беху ҳаб [1-76].

3. Носири Хусрав Юмгонро макони ганҷу кони илм ва сухану ҳикмат ба қалам дода, аз он сарфарозу ифтихорманд аст. Ҳадафи шоир он аст, ки аз роҳи интихобкардаи хеш пушаймон нест:

Ганҷест Худовандро ба Юмгон,
Сад бор фузунтар зи ганҷи Доро [1-94].
Кони илму сухани ҳикмат Юмгон аст,
То ман, эй марди хирадманд ба Юмгонам [1-583].

4. Шоир хору санги дараи Юмгонро ба шакару уд баробар намудааст. Бо ин роҳ шоири озодандеш ҳақ будани ақидаву назарияти хешро таъкид мекунад:

Хору санги дараи Юмгон аз тоати ту
Дар димоғу даҳани бандат уду шакар аст [1-153].

5. Лозим ба ёдоварист, ки дар таркиби чанд байт номҳои Хуросон ва Юмгон тавъам кор фармуда шудаанд. Шоир пайваста таъкид мекунад, ки ӯ аз Хуросон ба Юмгон омадааст. Носири Хусрав Хуросонро аз Юмгон беҳтар медонад ва дар ин замина ҳикмати фалсафӣ ва диниро ташреҳ медиҳад:

Набинӣ, к-аз Хуросон ман нишаста паст дар Юмгон,
Ҳамеояд сӯйи ман як ба як, ҳар ч-ам ҳамебояд [1-161].

6. Носири Хусрав зимни собит намудани назарияти хеш ифодаҳои гавҳару ҷавҳар ва кӯҳҳоро ба кор мебаради ва бад-ин тартиб, кӯҳҳои Юмгонро васф намуда, рақибони назариявии хешро маҳкум мекунад:

Кӯҳест ба ҳар кишвар аз эшон, ки аз ин халқ,
Онҳо-ш набинанд, ки на-з аҳли валоанд.
Кӯҳе, ки ба чашма зи покоби ҳаёт аст,
Нахчир бар ӯ муъмину кабкон уламоянд.
Кӯҳест ба Юмгон, ки набинанд гурӯҳе,
К-аз чашми ҳақиқат сипаси ситри шақоанд.
Кӯҳе, ки дар ӯ нури илоҳист ҷавоҳир,
Онҳо, ки ҳаме ҷавҳар ҷӯянд, куҷоянд.
Зи гавҳари боқӣ накунад ҳеҷ касе қасд,
К-аз кӯрдилӣ шефта бар дори фаноанд [1-166].

7. Дар қасидаи дигар ҳамин мазмунро тақвият дода, ҳамфикрони хешро даъват мекунад, ки аз «зиндон»-и кӯҳи Юмгон биме надошта бошанд, зеро онҳо чун ганҷҳои ниҳони ҳикмат дар умқу қаъри кӯҳҳо ғарқи илми Яздонанд:

Шав, сухангустар зи Ҳайдар, гар наяндешӣ аз он-к
Ҳамчу бар ман кӯҳи Юмгон бар ту бар зиндон кунанд [1-182].

8. Ба қавли шоир ӯ дар Юмгон дучори биму хору ҷурм гардида, дузду майхорагон аз хатар эминанд:

Ман ба Юмгон ба биму хору ба ҷурм,

Эминанд, он ки дузду майхоранд [1-218].

9. Дар Юмгон қарор доштанашро шоир бо сабру тоқат ва шукргузорӣ аз Худо баён намуда, таъкид мекунад, ки кӯҳҳо макони симу гавҳару лаъл мебошанд:

Маро гӯйӣ: «Агар донову ҳуррӣ,
Ба Юмгон чун нишастӣ, хору беёр?»
Ба зинҳори Худоям манн ба Юмгон,
Накӯ бингар, гирифторам мапиндор.
Нагӯяд кас, ки симу гавҳару лаъл,
Ба санг андар гирифторанд ночор.
Агар хор асту бемиқдор Юмгон,
Маро ин ҷо басе изз асту миқдор [1-247].

10.Носири Хусрав худро маҳбуси дараи Юмгон ҳисоб мекунад, вале аз ин маҳбас ифтихор дорад:

Мангар бад-он, ки дар дараи Юмгон
Маҳбусӣ кардаанд маҷонинам [1-445].

11. Номи Юмгон бо номҳои Чину Мочин муқобил гузошта шуда, шоир таъкид мекунад, ки дар ин макони дурафтода низ машҳурам:

Афсонаҳо ба ман бар чун бандӣ,
Гӯйӣ, ки ман ба Чину ба Мочинам.
Бар ман гузар яке, ки ба Юмгон-дар,
Машҳуртар зи Озари Барзинам [1-446].

12. Носири Хусрав аз Худо шукргузор аст, зеро ӯ дар Юмгон «бар ҷону моли шиат фармонраво» шудааст:

Шукр он Худойро, ки ба Юмгон зи фазли ӯ
Бар ҷону моли шиат фармонраво шудам [1-449].

13. Дар радифи ҳакимон Носири Хусрав бо фариштагон ҳамроз аст, ва аз «шарри дев» дар Юмгон пинҳон аст:

Ҳайкали ман дон алам фариштагонро
В-арчи ба Юмгон зи шарри дев пинҳонам [1-483].

14.Дар байте номвожаи Юмгон бо зодгоҳи шоир Қубодиён ба кор рафтааст ва насабашро ба Юмгон пайваст донистааст:

Пайваста шудам насаб ба Юмгон,
К-аз насли Қубодиён гусастам [1-488].

15. Носири Хусрав, ба иллати он ки кирдори зиштро написандидааст, Юмгонро мақому макон қарор додаст:

Ман, ки напсандам ҳаме кирдори зишт,
Ҷуз ба Юмгон кард чун ёрам мақом [1-489].

16. Шоир аз доираи дуинон ба Юмгон қарор гирифтааст:

Зиндони мӯъмин аст ҷаҳони дун,
З-он ман ҳаме қарор ба Юмгон кунам [1-500].

17. Нисбат ба Балх шоир дили худро дар Юмгон хурсанд мебинад:

Чун дилат аз Балх шуд ба Юмгон хурсанд,
Пас, чӣ Фаридун ба сӯйи ту, чӣ Фариғун [1-506].

18. Носири Хусрав замини Юмгонро маҳдуд ёфтааст ва орзуи онро дорад, ки он мисли фалак васеъ бошаду аз ситораҳои Муштариву Зӯҳра фузун бошад.

Чун банда-т Мустансири Биллоҳ бигӯяд,
Пурмуштариву Зӯҳра шавад буқъати Юмгон [1-96].

19. Шоир замини Юмгонро пурситора ёфтааст:

Чун бандаи Мустансир Биллоҳ бигӯяд,
Пурмуштариву Зӯҳра шавад буқъати Юмгон [1-573].

20. Дар Юмгон шоир худро аз суҳбати нодонон дур гирифтааст ва ӯ ин маконро зиндон ҳисоб намекунад:

Гарчи зиндони Сулаймони набӣ будаст,
Нест зиндон, бал богест маро Юмгон [1-607].
Аз шахси тира гарчи ба Юмгонӣ,
Аз қавли хуб бар сари Ҷавзоӣ [1-646].

21. Номвожаи Юмгон дар қасоид чун ҷузъи ибораҳои зерин ба кор бурда шудааст:

Кӯҳи Юмгон: чун Юмгон дар кӯҳистони Бадахшон воқеъ гардидааст ва деҳот дар доманаи кӯҳҳо ҷой гирифтааст, кӯҳҳо низ аз номи деҳот номгузорӣ шудаанд.

Шав сухангустар зи Ҳайдар, гар наяндешӣ аз он-к,
*Ҳамчу бар ман **кӯҳи Юмгон** бар ту бар зиндон кунам[1-123].*

Дараи Юмгон: бо истилоҳи ҷуғрофии дара омадани номвожаи Юмгон низ ба хусусияти табии ин макон вобастагӣ дорад:

В-он кӣ мегӯяд, ки Ҳуҷҷат гар ҳаким ҳастӣ, чаро
*Дар **дараи Юмгон** нишаста муфлису танҳостӣ? [1-260].*

Буқъати Юмгон: истилоҳи буқъат калимаи арабӣ буда, дар фарҳангҳо ба маъноӣ ***замин, қитъаи маҳдуди муайян, ҷой*** шарҳ ёфтааст.

Чун банда-т Мустансири Биллоҳ бигӯяд,
*Пурмуштариву Зӯҳра шавад **буқъати Юмгон** [1-96].*

22. Номвожаи Юмгон бо вожаи дара ҳамчун номи мураккаб низ ба кор бурда шудааст.

Бигзар, эй боди дилафрӯзи Хуросони
*Бар яке монда ба **Юмгондара** зиндонӣ [1-236].*

23.Топоними Юмгон якбора бо ду пасванд «ба» ва «дар» омадааст, ки маънии грамматикии маконiро ифода кардаанд:

Ман ба Юмгон-дар ба зиндонам аз ин девонагон,
Олим-ус-сиррӣ ту, фарёд аз ту хоҳам, ой Рабб [1-75].
Ҳайли Иблис чу бигрифт Хуросонро,
Ҷуз ба Юмгон-дар нагирифт қарор имон [1-607].

Носири Хусрав зимни корбурди исми хоси Юмгон ҳадафҳои муайяни услубӣ, ғоявӣ ва бадеиро ифода намудааст, ки дар ин мавридҳо исми хос ҷиҳати ифодаи зикри макони зист, далолат ба вазъи зиндагонии шахсӣ, ақидатӣ, василаи санъати ташбеҳ, устуворӣ дар ақида, дарки воқеият, таблиғу ташвиқи арзишҳои маънавӣ, ҷанбаҳои ғоявӣ ва бадеии қасидаҳоро тақвият медиҳад.

Топоними Юмгон чун номи таърихӣ пеш аз Носири Хусрав низ дар манбаҳои таърихӣ ва ҷуғрофӣ мавриди корбурд қарор гирифта буд. Дар манбаҳои хитоӣ ин ном дар шакли Инҷбодсзян дучор омада, дар асари ҷуғрофии асри IX –и милодӣ «Ал-масолик ва-л-мамолик» (соли таълиф 864м), ки ба қалами Асад ибни Хурдодбех тааллуқ дорад, ба сурати Юбгон, Ябгон сабт ёфтааст. Мусташриқи олмонӣ И.Маркварт онро ба Юмгони имруза нисбат медиҳад [3;2;6].

Аз назари таркиби калима номи Ямгонрро метавон ба ду ҳисса ҷудо намуд: «Ямг» ва «он». Пасванди – он муҳимтарин ҷузъи номсоз буда, дар таркиби номҳои зиёди таърихии манотиқи гуногуни эронзамин ба мушоҳида мерасад. Масалан, Хатлон, Бадахшон, Самангон, Шуғнон, Вахон, Мунҷон ва ғайра. Ҷузъи аввали ин ном «Ямг» низ чун номи деҳае дар ноҳияи Ишкошими Бадахшони Тоҷикистон маъмул аст. Вожаи «Ямг» чун номи макон дар ашъори Носири Хусрав низ ба кор бурда шудааст:

Суханам рехт об деви лаъин,
Ба Бадахшону Ҷирму Ямгу Бароз [10-103].
Ямгиён лашкари фариштаанд,
Гарчи девони палиду гаддоранд [10-474].

Бо назардошти бадалшавии таърихии овозҳо дар забонҳои роиҷ дар минтақаи Бадахшон метавон исми амокини зайлро бо исми Ямг ҳамреша донист:

1. Ямчун номи деҳаест дар ноҳияи Ишкошими Бадахшони Тоҷикистон.
2. Ёмҷ номи деҳаест дар ноҳияи Шуғнони Бадахшони Тоҷикистон.
3. Ёмтс номи деҳаест дар ноҳияи Рушони Бадахшони Тоҷикистон [6-323].

Омузиши таърихӣ-этимологии таркиби номҳои зикршуда нишон медиҳад, ки бо назардошти тағйироти овозие, ки вобаста ба хусусияти хосси инкишофи забону гӯйишҳои муосири роиҷ дар ин мантиқа ба вуҷуд омадааст, манбаи пайдоиши онҳо аз асоси қадимаи «yam»- мебошад.

Вожаи «yam»- бо номи подшоҳи мардуми асотирии Ориёӣ «yama», «yima» иртибот дорад, ки аз рӯйи «Авесто» маълум аст [7-5].

Ҳамин тариқ, водии Юмгон ва Ямгон, ки тавассути мероси Носири Хусрав дар осори таърихиву адабӣ шуҳрат пайдо намуд, ҳамчун номи таърихӣ қабл аз Носири Хусрав ҳам дар манобеи хаттӣ дучор меояд ва яке аз амокини таърихии Бадахшон маҳсуб мегардид.Таърихи пайдоиши исми Юмгон, Ямгон аз назари таърихиву этимологӣ ба давраи бостонии забонҳои эронӣ рост меояд ва марбути қабати бостонии топонимияи минтақа ба ҳисоб меравад.

Деҳае, ки имрӯз Ҳаким Носири Хусрав дар он ҷо аст, ба хотири номи ин шоир ва файласуфи маъруф номи Ҳазрати Саидро гирифтааст (Дар ин бора ниг: [8-6].

А Д А Б И Ё Т

1. Носири Хусрав. Девони Носири Хусрав / Носири Хусрав. – Душанбе: ЭР-граф, 203. -895с.
2. И. Маркварт. Эроншаҳр бар манбаи ҷуғрофиёи Мусо Ҳурнӣ / И. Маркварт. – Теҳрон, 1353. -67с.

3. Медельштам А.М. Материалы к историо-географическому обзору Памира и припамирских областей / А.М. Медельштам. – Сталинабад, 1957. -203с.
4. Оранский И.М. Введение в иранскую филологию/ И.М. Оранский. –М., 1988. -204с.
5. Основы иранского языкознания. Среднеиранские языки / под. ред.В.С. Расторгуевой. -Москва: Наука, 1981. -34с.
6. Офаридаев Н. Юмгон // Ташреҳи таърихӣ - забоншиносии ном. Носири Хусрав. Дирӯз, имрӯз, фардо / Н.Офаридаев. – Хуҷанд: Ношир, 2005. -С.321-323.
7. Стеблин Каменский И.М. Очерки по истории лексики памирских языков / И.М. Стеблин Каменский. –М., 1983.
8. Шохуморов А. Рӯзгори Носири Хусрав дар Бадахшон // Масъалаҳои филологияи Помир / А. Шохуморов. –Душанбе, 1985. -35с.
9. خلیل الله خلیلیٌ. یمگان / خ. خلیلی.- کابل – 1339
10. ناصر خسرو. دیوان / ن. خسرو // با تسحیح مهدی محقق. جلد اول. – تهران، 1353
11. آفریده یف ن. وجه تسمیهٔ نام یمکان / ن. آفریده یف // فرهنگ آریانا، 1337 رقم 4 - 6، ص. 16- 14
12. محمد مئین. فرهنگ فارسی / م. محمد. جلد 5. تهران 1375

УПОТРЕБЛЕНИЕ ТОПОНИМА ЮМГОН В КАСЫДАХ НОСИРА ХУСРАВА

Статья посвящена анализу стилистической функции географического названия Юмгон в касыдах Носира Хусрава. В местности Юмгон поэт провел 20 последних лет своей жизни и в его творчестве данная местность оставила заметный след. Название Юмгон в поэзии Носира Хусрава служит в качестве главного стилистического средства при выражении религиозно – философских и этико – нравственных мыслей.

Ключевые слова: Носир Хусрав, Юмгон, касыда, ущелья Юмгона, Афганистан, Бадахшан, гора Юмгон, географическое название

THE TOPONYM USE YUMGON IN THE KASYDAKH NOSIRI HUSRAVA

Article is devoted to the analysis of stylistic function of the place name Yumgan in the kasydakh Nosiri Husrava. Yumgon the poet brought 20 last years of the life into districts and in his creativity this the name left a noticeable trace. The name Yumgon in poetry Nosira Husrava to serve as the main stylistic means at expression is religious – philosophical and ethics – moral thoughts.

Key words: Nosiri Husrav, Yumgan, kasida, Yumgan's gorges, Afghanistan, Badakhshan, Yumgan's mountain, geographical name.

Сведения об авторе: ***С. Холикназарова*** **–** соискатель Хорогского государственного университета им.М.Назаршоева. Телефон: **938-47-95-00**

БАЪЗЕ ҶИҲАТҲОИ ИСТИФОДАИ СИНОНИМҲО ДАР ЭҶОДИЁТИ БОЗОР СОБИР

Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Миллати бузурги тоҷик дар тӯли таърихи зиёди мавҷудияташ фарзандони фарзонаеро ба миён овардааст, ки аз натиҷаи заҳмати онҳо тамоми мардуми ҷаҳон баҳравар шудаанд. Фарзандони асили миллат бори гарони маънавиёту забони кишварро бо вуҷуди мушкиливу душвориҳои таърихи бар дӯш гирифта тавонистанд. Донишмандони забоншинос низ дар таҳқиқи осори гаронбаҳои чӣ классикӣ ва чӣ муосир корҳои назаррасе ба анҷом расониданд. Дар илми забоншиносии тоҷик доир ба маҳсули эҷодии ин ё он адиб тадқиқотҳои гуногуне ба анҷом расидаанд. Асарҳои алломаҳои бузурге чун Рӯ дакӣ, Фирдавсӣ, Ибни Сино, Хайём, Низомии Ганҷавӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Саъдии Шерозӣ, Хоҷа Ҳофиз, Абдулқодири Бедил аз адабиёти классикии форсу тоҷик ва Садриддин Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Сотим Улуғзода, Ҷалол Икромӣ, Лоиқ Шералӣ ва дигарҳо аз адабиёти муосир аз тарафи олимони забоншинос таҳқиқу пажӯҳиш шудаанд. Тадқиқоти лексикологӣ доир ба паҳлӯ ҳои гуногуни забон дар асарҳои олимони шинохтаи тоҷику рус Б. Ниёзмуҳаммадов, Н. Маъсумӣ, Д. Тоҷиев, Ҳ. Каримов, М. Фозилов, М. Маҳмадиева, Р. Ғаффоров, Т. Бердиева С. Арзуманова, К. Тоҳирова, А. Каримова, В. А. Капранов Ғ. Ҷӯраев ва дигарон дида мешаванд.

Дар забон калимаҳои гуногун бо якдигар ҳаммаъно шуда истифода мешаванд. Ин гуна калимаҳоро дар илми забоншиносӣ синонимҳо ё муродифҳо меноманд. Мурод аз руйи коғаз овардани ин мақола нишон додани истифодаи синонимҳо дар эҷодиёти шоири шинохтаи халқи тоҷик устод Бозор Собир аст. Ашъори шоирро корбурди фаровони синонимхо зебою рангоранг гардонидаанд. Забони шеъри устод

дар муқоиса бо забони эҷоди дигар шоирон бо он фарқ мекунад, ки дар он унсурҳои грамматикӣ ва лингвистӣ бо бадеият ва образнокӣ чун ширу шакар мутаносиб истифода бурда шудаанд.

Бозор Собир дар ҷустуҷӯйи озодии комилтар аст, озодие, ки шоирони асил ва миллию инсонӣ мепажуҳанд. Гузашта аз ин, ӯ дар ҳамин айёми озодӣ адолат меҷӯяд. Дар ҳамин даврони рушду нумӯи сухан шеъру ҳунари асилу нобро ҷустуҷӯ менамояд ва мехоҳад чизе тоза ва ғайримуқаррарӣ бигӯяд, чизе бигӯяд, ки ба гуфтаи дигарон монанд набошад. Ӯ мехоҳад, ки шеърро аз маҳдудаи лафзу ҷумлаву ҳарфу ҳиҷо берун биёрад, шеърро, ки дорои дастовардҳои бузург дар қаламрави мавзӯ ъ ва мазмуну муҳтаво ва андешаю ормон аст, такмил бидиҳад, таҳким бибахшад ва ба асли худ, ба қаламрави асосии худ, ба қаламрави хаёл баргардонад, наздик созад.

Сухане бигӯяд, ки на танҳо андеша, балки сувари хаёл низ дар он муҳим ва аз аҳамияти аввалиндараҷа бархурдор бошад. Зеро ӯ нағз медонад, ки шеър чи сиёсӣ ва чи иҷтимоӣ бояд шеър бошад. Мавзӯъ ва муҳтавои урён ва бепироя ҳанӯз шеър нест. Шеър иборат аз ташбеҳ аст, истиора аст, киноява маҷоз аст, муболиға аст, тамсил аст, ки ҷони онро ташкил медиҳанд. Ба ҳарфи дигар, маҳз ҳамин унсури хаёл аст, ки шеър меофаринад. Ин маъниро ҳам шеършиносони пешин ва ҳам имрӯз тасдиқ ва таъйид кардаанд. Аз ин хотир, устод муқайяд ба лафзу ҷумлаву ҳарфу ҳиҷо намешавад, зеро хуб медонад, ки:

Шеър лафзу ҷумлаву ҳарфу ҳиҷо бошад агар, душвор нест,
Лек лафзу ҷумлаву ҳарфу ҳичо ашъор нест…(14, 40-41).

Ҳақ ба ҷониби шоир аст, ки танҳо истифодаи масолеҳи сохтмонии забон, яъне «лафзу ҷумлаву ҳарфу хиҷо» шеър, ё ин ки асари бадеӣ шуда наметавонанд. Аз ин лиҳоз истифодаи «ороишоти» масолеҳи сохтмонии забон, яъне маънипардозиҳо сухани одиро ба шеър ва асари ҷовидонӣ мубаддал мегардонанд. Асос ва мақсади истифодаи синонимҳо дар забон низ ҳамин аст.

Забоншиноси муосир Мирзоева Моҳира дар монографияи «Муродифоти луғавию фразеологӣ дар осори насрии Садриддин Айнӣ» доир ба масъалаҳои назариявии синонимҳо дар забоншиносии форсу тоҷик маълумоти муҳимме овардааст "Яке аз воситаҳои дақиқ ифода кардани матлаб дуруст интихоб намудан ва истифода бурдан аз силсилаи калимаҳои ҳаммаъност. Образнок ва нотакрор тасвир намудани як лавҳаи зиндагӣ, табиати зебо ва дигар ҳолатҳои ҳаёт имкон медиҳад, ки диққати хонанда ба он ҷалб гардад ва ӯ аз тарзи ифодаи марғуб баҳрае бардорад" (8,13).

Синонимҳои забони ашъори Бозор Собир аз нигоҳи мансубият ба ҳиссаҳои нутқ гуногунанд. Дар байни онҳо махсусан, силсилаи синонимҳои исмӣ гурӯҳи бештареро ташкил медиҳанд. Дар муқоиса ба дигар ҳиссаҳои нутқ сермаҳсултарини онҳо исм мебошад, ки ба худ калимаҳои синонимиро гирифтаанд. Калимаи **хаёл** ба маънии **фикр** дар байти зерин чунин нигошта шудааст:

Фикру хаёли бо туам-фикру хаёли олие,
Фикру хаёли бе туам-фикру хаёли холие (5,46).

Дар ин байт синоними ҷуфтистеъмоли **фикр ва хаёл** истифода бурда шудааст. Дар «Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ» чунин маъниҳои дигари калимаи **хаёл** омадаанд: **хаёл, андеша, гумон, мулоҳиза, хотир** (9,206). Барои такрор нашудан ва пурра гардонидани мақсад шоир ду калимаи синонимиро дар як ҷой истифода бурдааст. Мувофиқи гуфтаи М. Муҳаммадиев: "Ин калимаҳо номи протсесseанд, ки дар шахс зоҳир мегарданд ва ё шахс аз руйи ақл ва фаҳми худ оид ба масъалае дар тасаввуроти худ чунин протсессро ба амал меоварад" (8 ,206).

Ҷуфти дигари синонимии **бардаю деҳқон** чунин омадааст:

Андӯҳу умеду ғазаби бардаю деҳқон,
Чун ҳамраҳи деринаи ӯ аз пайи ӯ гашт (2, 25).

Шоир барои таъмини таносуби сухан калимаҳои «барда» ва «деҳқон»-ро ҳамчун ҳаммаъно устокорона истифода намудааст.

Синонимҳои дигари калимаи **деҳқон** : **колхозчӣ, барзгар, кашоварз** дар «Луғати мухтасари синонимҳо» омадааст. Маънии ин калима чунин шарҳ дода мешавад: маънои умумикунандаи ин калимаҳо шахси бо касби корандагӣ машғулбуда аст (9,66). Сарсилсилаи синонимии ин калимаҳо калимаи **деҳқон** аст. Калимаи **барда** бошад, дар луғати дар боло зикршуда қайд нашудааст.

Барои шарҳи ин калима ба «Фарҳанги забони тоҷикӣ» рӯ меоварем: **барда**-банди, асир; 2. канизак, ғулом (12,). Дар асрҳои гузашта калимаи **деҳқон** маънои шахси баландмартаба, воломақомро дошт. Бо гузашти асрҳо ин калима маънии пештараи худро аз даст додааст. Дар замони мо баръакс, шахси одии меҳнатии заҳматкаш, ранҷбарро деҳқон мегӯянд, кт аз рӯи ана ҳамин тобиши маъноӣ бо калимаи **барда** ҳамчун синоними чуфтистеъмол корбаст шудааст. Дар робита ба ин гуфтаҳо забоншинос М. Муҳаммадиев дуруст гуфтааст: «ҳар як калимаи синонимӣ, ба ғайр аз бо синоними худ умумияти маъноӣ доштан, хусусиятҳои ба худ хос низ доштааст. Бинобар он, синонимҳоро калимаҳои бо ҳама хусусиятҳояшон ба ҳамдигар баробар донистан нодуруст мебошад» (9, 6).

Калимаи **обила** низ ба худ синонимҳоро гирифтааст:

Ба каф ҳар обила чун пунбадона,
Ба мушти обила ояд ба хона,
Занад пундонаҳои обила неш
Ба дасти обилафарсои деҳқон (2, 28).

Дар ҷои дигар ба ҷои **обила-обича** омадааст:

Дар даҳ ангушти ту аз обича мебинам нигин,
Дидаатро сурма хоки киштзорон асту бас (2, 31)

Дар «Луғати мухтасари синонимҳо» синоними калимаи **обила- қубла** омадааст. Ин калимаҳо ба маънои умумии номи ҷароҳати ба сабаби меҳнати зиёд ё ягон сабаби дигар дар дасту пой пайдошуда синоним мешаванд. Калимаи **обила** сеистеъмол ва сермаъно аст. Ин калима бо **чечак** ва **нағзак** низ синоним шуда меояд. Калимаи **қубла** низ хусусияти сермаъноӣ дорад (9, 137). Калимаи **обича** дар ин луғат наомадааст. Ба назари мо, дар қатори синонимҳои **обила** калимаи **обича** низ дар луғат бояд ҷой дода мешуд.

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» **обила** ба маънои 1. гунбади об, қуббачаи об, ҳубоб 2. варам кардани пӯст; 3. нағзак, чечак; 4. табхола омадааст. Аз ин силсилаи синонимӣ калимахои чечак ва нағзак дар ашъори устод Бозор Собир истифода бурда нашудаанд. Лекин калимахои чечак ва нағзак аз назари мо ба калимаи обила синоним нестанд. Чечак як намуди касалӣ аст. дар соҳаи тиб онро «гул баровардан» (ба забони русӣ корь) мегӯянд. Нағзак низ доғҳои сурхе аст, ки дар пӯст мебарояд дар натиҷаи таъсири микробҳо. Аз ин натиҷа баровардан мумкин аст, ки калимаи чечак ва нағзак маъниҳои полисемии обиларо ифода карда метавонанд, на ин ки синоними он шаванд. Калимаи **қубла** арабӣ буда, дар фарҳанг ба маънои бӯса шарҳ дода шудааст ва байте аз Ҳаким Саноӣ оварда шудааст барои мисол:

Қибла аввал зи қубла бозшинос,
То бидони ту фарбеҳи з-омос. (Саноӣ).

Аз ин силсилаи синонимӣ калимаи **қубла** дар эҷодиёти шоир истифода бурда нашудааст.

Дар ҷои дигар синоними калимаи **обила – пина** омадааст:

Дар тан либоси пораву пурпина дасту по,
Аз пуштаҳо кашида ба сар банди хору хас (2, 86).

Пина – дар «Бурҳони қотеъ» чунин шарҳ дода шудааст: бар вазни **кина**; порча, ки ба кафи ҷома ва хирқа дӯзанд ва пӯсти дасту по ва аъзоро низ гӯянд, ки ба сабаби кор кардан сахт ва ситабр шуда бошад. (10, 72). Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ ба ин монанд маънидод шудааст: 1. парча, чизи порашуда; 2. васла, ямоқ; 3. пӯсти даст ва пой, ва дигар аъзо, ки аз асари кори зиёд ва зарбаву фишор сахту ғафс мешавад; обила.

Яке мушт дар корам аз кина кард,
Ки ҳамчун шутур синаам пина кард.
(Яҳёи Коши) (12, 61).

Мувофиқи гуфтаи устод Пармони Носирӣ бошад, калимаи пина аз забони адабиёти классикӣ гирифта шуда, ба забони муосир ворид гаштааст ва мо низ ба ҳамин фикр мувофиқем: яке гавҳари лафз: намоёнгари мақоми адиб дар таърихи фарҳанги миллат, аз ҷумла камият ва кайфияти алфоз дар осори ӯст. Аз ин нигоҳ, шоири каҳрамони мо мартабаи арҷмандеро соҳиб мебошад, зеро ӯ ба ҳар ду сарчашмаи забонӣ-ҳам гуфтугӯйӣ ва ҳам осори классикҳо эътиқоди самимӣ дорад. Ҳар дуро пайваста ва бо муҳаббат меомӯзад ва чун гавҳарҳои суфта ба муосирон ва наслҳои оянда пешкаш менамояд.

Ҷиҳати гувоҳ аз ҳар ду гурӯҳ бидуни тавзеҳ ва нишондоди манбаъ як муште калимот ва ибороти нигинмонанд зикр мешаванд:

Аз забони умумии форсӣ Аз лаҳҷа ё худсохт
Озин Овезгоҳ
Агорида Попархам
Ангал Пилишк
Падех Чакан, чаканпӯш
Пина Сӯзани чашм (11, 7-24).

Калимаи **пахта**, бо ибораи «тиллои сафед», ки маънои маҷозӣ дорад, дар байтҳои зерини шоир ҳамчун ҳаммаъно корбаст шудааст:

Агарчанде сафедӣ мекунад аз пахта хирманҳо,
Ба ҷойи хирмани рӯят (5, 3).
Ба саҳро дида хирманҳои тиллои сафедатро,
Агарки, эй зани точик, нагӯяд ҳар ки тиллоят (5, 3).

Бояд қайд кард, ки исмҳое, кӣ бо воҳидҳои фразеологӣ синоним шуда омадаанд, дар эҷодиёти шоир хело зиёд ба назар мерасанд. Тадқиқи мукаммали он кори алоҳидаеро талаб мекунад. Аз ҳамин сабаб мо танҳо исмҳоеро, ки бо исм синоним шуда омадаанд, мавриди таҳлил қарор додем.

Ҷуфти синонимии **шарқ-ховар** дар шеъри «Бо ту чун девор мешинам» чунин истифода шудааст:

Хобҳои шарқии моро,
Мепаронад зилзила,
Ё салавоти ҷаноза (5,59).
Мешиносад мардуми ховаршинос,
Шаҳри моро дар ду-се рӯз,
Лек гӯристони моро дар ду-се сол (5, 59).

Калимаи **ховар** дар «Бурҳони қотеъ» чунин маънидод шудааст: бар вазни **довар**; ба маънии **бохтар** аст, ки **машриқ** бошад ва ба маънии **мағриб** ҳам омадааст (10, 376). Калимаи **шарқ** ва **ховар** дар «Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ» маънидод нашудааст, дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» чунин шарҳ дода шудаанд: **шарқ** (арабӣ) тарафи офтоббаро, самти тулӯи офтоб; муқобили ғарб. **Ховар** 1) самте, ки дар он офтоб ғуруб мекунад, ғарб, мағриб; 2) самте, ки офтоб дар он тулӯ ъ мекунад, машриқ, шарқ.

Дар шеъри Бозор Собир бошад, ибораи «**хобҳои шарқӣ**» киноя аз қафомондагӣ аст. Калимаи мураккаби «**ховаршинос**» бошад, олимони соҳаи шарқшиносиро мефаҳмонад. Ин ҷо ҳарду калима **шарқ ва ховар** дар калимасозӣ фаъол мебошанд. Бо истифодаи пасванди **–ӣ** ва калимаи **шарқ** таркиби **«хобҳои шарқӣ»** сохта шудааст. Вожаи **ховаршинос** низ бо истифодаи пасванди **–ӣ** калимаи нав сохтааст: **ховаршиносӣ**. Калимаҳои **мардум** ва халқ ҳамчун ҳаммаъно дар шеъри «Депутат» чунин истифода бурда шудааст:

Мардуми Эрон қимоб аст
Ин замон аз луғати риш,
Мардуми афғон қимобӣ

То қиёмат аз товарищ (5, 12).
Як тан аз халқи кабиру
Даҳ тан аз як хонаи мо
Хизмати ҳарбӣ гирифтанд
Ин нагуфтӣ ту ба шӯро (5, 11).

Чунин тарзи истифодаи синонимҳо бо мақсади гурез аз такрор, яъне рангоранг ифода кардани фикр мебошад. Дар «Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ» синонимҳои зиёди калимаи халқ нишон дода шудааст: **омма, раият, фуқаро, одамон, табаа, қавм, фирқа, гурӯҳ, тоифа, мардум, аҳолӣ, тӯда**. Ин калимаҳо дар ифодаи маънои умумии шумораи кам ё зиёди одамони дар маҳалли муайян ва ё мамлакате истиқоматкунанда синоним мешаванд (9, 208). Дар шеърҳои боло устод Бозор Собир «хобҳои шарқӣ» гуфта киноя ба қафомондагиро кардааст. Калимаи аз ҷиҳати сохт мураккаби «ховаршинос» бошад, маънояш шарқшинос аст.

Калимаи **зиндон** дар ин байти шоир маънои маҳбасро дорад:

Сад бор сияҳнома навиштанд амирон,
Дар бастани ӯ бар қафасу кундаву зиндон (2, 24).

Дар мавриди дигар синоними ин калима маҳкама корбурд шудааст:

Зоти шумо ҳама-
Сузандаҳои ҷон,
Созандаҳои маҳкамаҳоро ҳанӯз ҳам,
Ман мешиносаму
Бар додгоҳи аҳли башар мекашам ҳанӯз (2, 16).

Дар «Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ» ин калима шарҳ ва эзоҳ дода нашудааст. Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» зиндон ба маънии ҳабсхонаи торик, маҳбас шарҳ ёфтааст(12, 452). Маҳкама бошад, дорулқазо, ҷойи ҳукмбарории қозӣ, ҳоким, волӣ шарҳ дода шудааст. Исмҳои дигаре, ки бо синонимҳояшон истифода бурда шудаанд: лона-ошиён (2.24,16), ёр-ҳабиб, маҳбуб(2. 29, 21, 22), пар-бол(2.31,24), сир-роз(2.12), замин-мазраъ(2. 32,13,15), ҷароҳат-захм, харош, тарақ, рахна(2. 60), даво-маъҷун, мӯмиё(2. 29), фарёд-ғавғо, овоз, нола(2.19, 41, 26), қаламдаст-донишманд, олим (5.63), ҳамватан-ҳамраг, ҳамгавҳар, ҳамхун (1.129), чеҳра-рӯй, симо, сурат (2. 25, 5.95), ранҷ-азоб(2.33), вуҷуд-ҳастӣ (2.33), интизор-уммедвор (2. 12).

Хулоса, забони ашъори шоир сода ва оммафаҳм буда, аз истифодаи калимаҳои синонимӣ саршоранд. Дуруст гуфтааст донишманди эронӣ Пармони Носирӣ: кори забони шеър пеши устод Бозор Собир монанди маъниофаринӣ қурбу манзалат дорад ва умри шоир дароз бод, ки ин ҷо низ тавфиқ бо ӯст! (Пармон Носири)

А Д А Б И Ё Т

1. Бозор Собир. Аз Гули хор то симхор / С. Бозор. - Москва: Интрансдорнаука, 2003.
2. Бозор Собир. Бо чамидан, бо чашидан / С.Бозор. - Душанбе: Ирфон, 1987. -203с.
3. Бозор Собир. Пайванд / С. Бозор. –Душанбе, 1972.
4. Бозор Собир. Хуни қалам / С.Бозор. -Душанбе: ҶДММ Шуҷоиен, 2008.
5. Бозор Собир. Чашми сафедор / С.Бозор. -Душанбе: Матбааи Нашриёти корхонаи иҷоравии Тоҷикистон, 1991. -98с.
6. Маҷидов Ҳ. Фразеологияи забони ҳозираи тоҷик / Ҳ. Маҷидов. –Душанбе, 1982. – 102с.
7. Маҷидов Ҳ. Забони адабии муосири тоҷик. Луғатшиносӣ / Ҳ. Маҷидов. – Душанбе: Деваштич, 2007. -Ҷ. –242 с.
8. Мирзоева Моҳира. Муродифоти луғавию фразеологӣ дар осори насрии Садриддин Айнӣ / М.Мирзоева. -Душанбе, 2013. - 270 С.
9. Муҳаммадиев М. Синонимҳо дар забони адабии ҳозираи тоҷик (ҳиссаҳои номии нутқ) / М Муҳаммадиев. –Душанбе, 1962. – 160с.
10. Муҳаммадиев М. Луғати мухтасари синонимҳои забони тоҷикӣ / М. Муҳаммадиев. – Душанбе: Маориф, 1993. –272с.
11. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Муҳаммадҳусайни Бурҳон. - Душанбе: Адиб. – 416. -С.-Ҷ.1.
12. Пармони Носирӣ. Баргузидаи ашъори устод Бозор Собир /Пармони Носирӣ.–Теҳрон, 1373.–С.7-24.
13. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – 951с. –Ҷ.1.
14. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ. – Душанбе, 2008. – 949с. –Ҷ.2.
15. Ҷамолиддин Саидзода. Бозор Собир – тасвиргари моҳир / С. Ҷамолиддин. – Душанбе: ҶДММ «Сармад-компания», 2009. -С. 40-41-69-117.

НЕКОТОРЫЕ ОСОБЕННОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ СИНОНИМОВ В ПОЭЗИИ БОЗОР СОБИРА

В статье рассматривается использование синонимов и синонимичных рядов и их некоторые стилистические особенности в поэзии знаменитого таджикского поэта Бозора Собира. В частности конкретно рассматриваются такие синонимические пары, как думать-мечтать, раб-крестьянин, мозоль-волдырь, хлопок-белое золото, восток-ориенталь, народ-национальность и тюрьма-арест.

Ключевые слова: синонимы, Бозор Собир, думать-мечтать, раб-крестьянин.

SOME FEATURES OF USING SYNONYMS IN THE POEMS OF BOZOR SOBIR

In this article the author is analyzing synonyms, the synonymous ranks and some stylish peculiarity in the poem of well-known Tajik poet Bozor Sobir.

In particular, the make out of the synonymous pairs such as how to think-dream, slavery-peasant, cotton-the white gold, east-oriental, people-nationality and prison-arrest are reviewed.

Key words: synonyms, Bozor Sobir, poem, think-dream, slavery-peasant.

Сведения об авторе: ***Шахло Абдуализода Тохириён*** - аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ. Телефон: **935-87-55-93**

БАРРАСИИ БАРХЕ АЗ ВОЖАВУ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ МАСТЧОҲ

Г. Шарифова
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Омӯзиши лаҳҷаҳои забони тоҷикӣ аз солҳои 30-юми асри XX оғоз гардида ва то ба имрӯз идома дорад. Бо вуҷуди ин, то ҳол ҷамъоварӣ ва таҳқиқи ҳамаи гӯйишҳо ба анҷом нарасидааст. Яке аз чунин лаҳҷаҳо гӯйиши болооби Зарафшон дар мисоли шеваи тоҷикони Мастчоҳ мебошад, ки тамоми паҳлӯҳои он ба таври комил мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, лексикаи ин гӯйишро ба риштаи пажӯҳиш кашида, таҳқиқотҳои баанҷомрасидаро то андозае такмил диҳем.

Лаҳҷаҳои мардуми Зарафшон, бавижа болооби он дар мисоли гӯйиши тоҷикони Мастчоҳ бисёр унсурҳои забони суғдиро ҳифз кардаанд, ки барои омӯзиши таърихи забон аҳамияти бисёр муҳим ва боарзиш доранд.

Гӯйиши тоҷикони Мастчоҳ, ки тибқи таснифот ва гурӯҳбандии гӯйишҳои забони тоҷикӣ ба гурӯҳи марказии шеваҳои забони тоҷикӣ мансуб дониста шудааст (11, 16), дар радифи гӯйишҳое қарор дорад, ки дар он вижагиҳои куҳани забони тоҷикӣ ба миқдори зиёд маҳфуз мондааст. Ин ҳолат бештар дар лексика ба мушоҳида мерасад, зеро дар таркиби луғавии лаҳҷаи мазкур таъсири аносири бегона камтар буда, асосан, вожаҳое маҳфуз мондаанд, ки решаи онҳо ба даврони хеле куҳан рафта мерасад. Дар таркиби лексикаи лаҳҷаи Мастчоҳ калимаҳои куҳани ифодакунандаи истилоҳоти кишоварзӣ - анвои гиёҳу растанӣ ҳиссаи муайянеро ташкил медиҳанд. Мавриди таъкид аст, ки чунин аносири луғавии аҳди бостон (умумиэронӣ) дар ин лаҳҷа бидуни тағйири шакл ё бо таҳаввулоти муайяни шакливу маъноӣ то ҳол дар гардиш қарор доранд. Маҳз, чунин ҳолат моро водор месозад, ки қазияи мазкурро дар заминаи маводи фактологии лаҳҷаи номбурда ба риштаи пажӯҳиш кашем. Ҳангоми таҳлили чунин вожаҳо дар ин мақола аввал, шарҳи онҳо оварда шуда, баъдан, аз сарчашмаҳо порча ва ё ҷумлае ба тариқи шоҳид, пасон аз маводи лаҳҷа мисолҳо оварда мешавад. Дар мавридҳои зарурӣ барои тақвияти андешаҳои худ аз осори адибони муосири Мастчоҳ низ, ки дар онҳо ин ё он вожаи классикии имрӯз дар забони адабӣ матрук ва ё камистеъмол кор фармуда шудааст, шоҳид оварда мешавад:

Karafs. Муҳаммад Fиёсуддин дар «Fиёс-ул-луғот» бо такя ба «Мунтахаб» ва «Латоиф» роҷеъ ба ин вожа чунин изҳори ақида мекунад: **«karafs»** -давоест монанди азвоин, бӯяш нохуш ва тез бошад ва он аҷмуди вилоятест ва аз хавоси ӯ яке ин аст, ки каждумгазида, агар бихӯрад, филҳол бимирад.» (12, ҷ. 2, 165).

Дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» низ ҳамин маънӣ таъкид шудааст ва илова бар он, аз Ҳоқонӣ шоҳид оварда шудааст:

Масоз айш, ки номардум аст табъи ҷаҳон,
Махӯр **карафс**, ки пуркаждум аст буму саро (14, ҷ. 1, 539)

Дар кӯҳистони Мастчоҳ гиёҳест маъруф ба «**karafs**», ки дар ҷойҳои сернам бирӯяд: *Рунҷ-ба да пеш-о-йи Исхайруд ҳамиққа карафс мебурод-ки. Имсол-о кам шудай, пеш-о да ҳаминҷи-ҳо карафс-и бисйор-е меруйид.*

Вожаи мавриди пажӯҳиш на танҳо дар гуфтор, балки дар осори бархе аз шоирони маҳаллӣ низ ба кор рафтааст:

Қад-қади ҷӯйборҳо борику ғафс,
Мебирӯяд ҷилва бинмуда **карафс**
(Қурбон Ҳусайнӣ, 15, 45).

Вожаи «**karafs»** дар баъзе забонҳои шарқии эронӣ, дар мисоли забони яғнобӣ ба гунаи **karafs ё karafsak** роиҷ аст, ки тафовут дар ҳамсадоҳои «с» ва «ш» аст.

Пада. Вожаи мазкур дар фарҳангномаҳо «дарахти беҳосил, ки аз он ҳезум тайёр кунанд», эзоҳ дода шудааст (9, 188; 6, ҷ. 12, 135).

Истифода шудани ин вожа дар осори Рӯдакӣ бар он далолат мекунад, ки калимаи мазкур аз унсурҳои луғавии фаъоли даврони Сомониён (ва шояд пеш аз он) маҳсуб меёфтааст:

Аз меҳри ӯ надорам беханда кому лаб,
То сарв сабз бошаду бар н-оварад пада (9, 188).

Дар кӯҳистони Мастчоҳ дарахтест бо номи **пада,** ки ҳосил надиҳад ва мардум чӯби онро барои сӯзишворӣ истифода баранд: *А кӯҳ пада задем-у бир-и аловкунӣ фуровардем. Йа хар пада а ним пирисеп гузпо-йи Дилварзиги-ҳо бабарака-ҳай.*

Зулук. Ин вожа дар забони паҳлавӣ ба гунаи «**zālūġ, zalūk**» ва ҳиндии бостон «**ĵālikā, ĵalūkā**» дучор меояд (10, 272). Муҳаммад Fиёсуддин аснои тавзеҳи вожаи зулук/зулу чунин мефармояд: «Кирме бошад дар толобҳо, ки хун мемакад; ба ҳиндӣ онро ҷунк гӯянд… ва соҳиби «Ҷаҳонгирӣ» ҳар ду лафзро (зулук/зулу - У. Ф.) ба фатҳи аввал ва замми лом ва вови маъруф (яъне залук ва залу) навишта ва дар «Бурҳон» ва «Сироҷ» низ ба фатҳи аввал ва замми лом» (12, ҷ. 1, 395).

Алии Равоқӣ бо такя ба «Сироҷ-ул-луғот» «zuluk»-ро ҳангоми шарҳи вожаи арабии **алақ** истифода кардааст: «علق алақ-кирмаки сиёҳи обӣ, ки ӯро зулук хонанд» (10, 272).

Алиакбари Деҳхудо мефармояд: «…зулу номи кирме аст, ки дар об пайдо шавад ва чун ӯро ба узве бичаспонанд, хунро бимакад ва ӯро «шулук» ва «девча» номанд» (6, ҷ. 26, 422).

Истифодаи ин вожа дар сарчашмаҳои асримиёнагӣ асосан, ба шакли **зулу** вомехӯрад:

Омад ба хеш хуни адӯшу ба сар нарафт,
Гуфтӣ, ки мӯйи ӯ чу **зулу** хун-ш бармакид
(Ибни Ямин 10, 272).

Эй хуни гулут аз **зулу** дода хабар,
Хун ояд ҳар дам аз гулӯи ту бадар
(Юсуфи Табибӣ 6, ҷ. 26, 422).

Дар лаҳҷаи тоҷикони Мастчоҳ ин вожа ба шакли **зулик** ба маънои «кирмаки обӣ, ки дар обҳои гандида ва ё ҷойи истода пайдо шавад», мустаъмал аст: *Вахти обхури иҳтийот кун, бо зулик-мулик гулу-т-ба наравад. Гоф-о-тун-а а и ҷу об натийед, инҷи-ба зулик-ай.*

Дар забони яғнобӣ ва бештари гӯйишҳо ва ё гуфтори мардум «**зулук**» ба сурати «**шулук**» ба кор меравад.

Илова бар ин, бо ин воҳиди луғавӣ дар кӯҳистони Мастчоҳ гиёҳеро ном мебаранд, ки оби ширин дошта, мардум онро меҷаббанд. Вале мо дар ҳеҷ кадоме аз луғатномаҳои мавҷуда дар ифодаи номи гиёҳ ё рустанӣ истифода шудани ин вожаро дарёфт накардем. Шояд, чунин ном гирифтани ин гиёҳ ба шабоҳати хеле зиёди самараи он ба ин навъи кирми обӣ алоқаманд бошад: *Мо а кух-и Пугут йагала зулик чиндем. Оби зулук ҳамиққа шерин-ай-ки.*

Коснӣ. Дар луғатномаҳои маъруф маънои ин калимаро «гиёҳи худрӯи талхе, ки дар тиб ба кор меравад», таъкид доштаанд (ниг.:1, 180; 14, ҷ. 1, 566; 3, ҷ. 3, 2826).

Шоирону нависандагони адабиёти классикии форсу тоҷик ин калимаро дар осори назмиву насрии худ мавриди истифода қарор додаанд: Илоҳо, агар **коснӣ** талх аст, аз бӯстон аст ва агар Абдуллоҳ муҷрим аст, аз дӯстон аст (Абдуллоҳи Ансорӣ 2, 31-36).

Куҷо тара, к-он **коснӣ** хонадаш,
Тапиш хост, к-аз мағз биншонадаш
(Фирдавсӣ 1, 180)

Ин калима зоҳиран, то охирҳои асри XIX ва аввали асри XX дар адабиёт мавриди истифода қарор доштааст: Бехи **коснии** талхро дар об хисонда, ду шаб нигоҳ доранд ва субҳ ношто биёшоманд (Илми симиё 14, ҷ. 1, 566).

Дар гӯйиши тоҷикони Мастчоҳ **коснӣ** дар ифодаи маънои «гиёҳи табобатӣ, ки таъми талх дорад», маъмул аст: *Пештар-о да Мачо духтур-пухтур а гуҷо буд, зуф-у*

алафи косни-йу ҳамин хели-йо-йа мечиндан-у касал-о-йа саҳат мекардан. Гул-и алаф-и коснӣ кабидак-ай.

Лиф. Ин вожаро Алиакбари Деҳхудо ва Муҳаммад Муин «гиёҳ» ва «кисаи собун, кисае аз порчаи собун, ки собун дар он ниҳанд ва тан шӯянд; кисаи шустушӯйии ҳаммом» эзоҳ додаанд (6, ч. 40, 384; 3, ч. 3, 3696).

Дар сарчашмаҳои куҳан ба маъноҳои фавқ истифода шудани ин калимаро дучор меоем: Ва андар кардани (гардани) ӯ расане аз **лиф** ва зани ӯ бошад, кашандаи ҳезум («Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ»-13, к. 2, 755).

Кафшгар дид марди довар тафт,
Лиф дар к…и ӯ ниҳоду бирафт
(Фароловӣ 6, ч. 40, 384).

Дар гуфтори мардуми мавзеи мавриди таҳқиқ гиёҳеро, ки ҳосили он барои шустушӯйи дегу коса ва дигар зарфҳо ба кор меравад, **лиф** мегӯянд. Инчунин аз ҳосили ин гиёҳ тасмае месозанд, ки вазифаи баркандани чиркро аз бадан дорад ва одатан, дар гармоба мавриди истифода мешавад. Аз ин рӯ, метавон ҳадс зад, ки вожаи **лиф** имрӯз низ бо гузашти рӯзгори дароз дар нутқи мардуми кӯҳистон ба ҳамон маъноҳои қадим (гиёҳ ва кисаи шустушӯйии ҳаммом) маҳфуз мондааст: *Да руй-и гузпойа-ҳо лиф бурумад-ай. И лиф-о-йа гиред бо вахт-и дег-у косашу-йи даркортун мешан. Да ҳаммум йа лиф буд, намейобам-аш.*

Мулк. Вожаи мулкро соҳибони луғатномаҳо ба тариқи худ маънидод карда бошанд ҳам, ҷавҳари ҳама шарҳҳо як мебошад: «донаест аз ҷинси мош, ки аз адас (наск) калонтар аст» (14, ч. 1, 726); «донае шабеҳ ба нахӯд ба рангҳои қаҳваранг ва сиёҳ» (10, 357).

Дар осори ниёгон корбурди ин калима ба маънии «навъе аз лубиёгӣ» ба мушоҳида мерасад: Агар тухми мош ва адас ва **мулкро** ба саргини гов олуда кунанд ва зироат кунанд, зудтар сабз шавад (Иршод—уз-зироат 10, 357).

Басо касо, ки надими ҳарираву барра аст
Ва бас кас, ки серӣ наёбад аз **мулке**
(Абулмуайяди Балхӣ 14, ч. 1, 726).

Мардуми Мастчоҳ навъе аз гиёҳро, ки ҳосилаш аз нахӯд хурдтар буда, онро истеъмол мекунанд, **мулк** мегӯянд: *Чиқа мешад, ки мулк-мо нафиристунди-йан. Пештар-о додом а Мачо мулк меовардан.*

Абдурраҳмони Мустаҷир низ дар «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» мавҷуд будани чунин гиёҳдонаро дар Мастчоҳи Кӯҳӣ қайд кардааст: Деҳқонии онҳо ҷав ва гандум ва **мулк** мебошад (7, 78). Мардуми ин ҷо деҳқон буда, ҷав ва гандум ва **мулк** мекоштаанд (7, 80).

Дар гӯйиши деҳаҳои тоҷикзабони Яғноб низ вожаи «**мушунг**»-ро ба гунаи **мулк** истифода мекунанд.

Зиришк. Ин калима дар фарҳанг «меваи як навъ дарахти хурд, ки сурх ва турш мебошад», шарҳ дода шудааст (14, ч. 1, 453).

Унсурӣ ин калимаро дар ашъори хеш мавриди истифода қарор додааст:

Рух зи дида бикошта ба сиришк
В-он сиришкаш ба ранги тоза **зиришк** (14, ч. 1, 453).

Калимаи «**зиришк**» дар лаҳҷаи тоҷикони Мастчоҳ дучори ҳодисаи тахфиф гардида, ба гунаи **зирк** (тахфифи садонок (и) ва ҳамсадои (ш) ҳиҷои дуюми вожа) дар баёни маънои «ҳосили як намуд дарахти буттагӣ, ки туршмазза мебошад», фаровон истифода мегардад. *Йагун кас Мачо рад, гум-аш йа нам зирк-мо бийорад. Ош-о-ба зирк кунед, хушхура мешан.*

Мо истифода шудани вожаи мазкурро ба маънои «туршии аз ҳад зиёд» низ дар лафзи мардуми Мастчоҳ мушоҳида намудем. Ин маъно ба ҳосили он дарахт, ки маззаи турш дорад, вобастагӣ дорад: *Ин-о туруш-и зирк умади-йан. Намедунам чӣ буд, йа нам газида будам, ки туруш-и зирк.*

Чӯбдона «меваест, ки онро санҷид гӯянд» (8, ч. 1, 359). А. Мустаҷир мӯътақид аст, ки мастчоҳиён ба ҷойи калимаи «ҷигда» вожаи «чӯбдона»-ро ба кор мебаранд: Дарахтони зардолу ва себ ва олу ва сафедори ар-ар ва ҷигда, ки «**чӯбдона**» мегӯянд ва рим аз Хайробод поён мебошад (7, 99).

Ин вожа дар гӯйиши тоҷикони Мастчоҳ ифодакунандаи номи ҳамон меваест, ки донааш амсоли чӯб аст: *Да пеш-и хун-и Қорӣ йа дарахт-и чубдуна буд, ба фикр-ам имсол-о нест, канда бошан-аш.*

Адиб С.Масрур ин вожаро дар порчаи шеърии худ чунин ба кор бурдааст:

Димоғашро зи санҷид менавозад,
Зи **чӯбдуна** Баротӣ ҷигда созад (5, 14).

Аз баррасии лексикаи анвои гиёҳу рустании лаҳҷаи тоҷикони Мастчоҳ бо забони осори даврони классикӣ маълум мегардад, ки гӯйиши мавриди таҳқиқ бахши муҳимми калимаҳои қадимро то имрӯз ҳифз намудааст, ки чунин аносири луғавӣ дар забони адабии ҳозираи тоҷикӣ аз истеъмол берун мондаанд. Қисми зиёди чунин калимаҳо дар ин лаҳҷа бо ҳамон шаклу маънои куҳани худ ҳифз гардидааст.

Дар лаҳҷаи тоҷикони Мастчоҳ ба ҷуз аз маъноҳои бунёдӣ боз тобишҳои нави маъноӣ низ пайдо кардаанд. Ба ин гурӯҳи калимаҳо вожаҳои **зулик** (навъе аз гиёҳ ва ҳамзамон номи кирми обӣ), **зирк** (маънои қадимааш-номи навъе аз гиёҳмева ва маънои наваш «туршии аз ҳад зиёд») мисол шуда метавонанд.

Дар лаҳҷаи мардуми Мастчоҳ баъзе калимаҳои асиле ҳифз шудаанд (дар мисоли «**чӯбдона**»), ки дар лаҳҷаҳои дигари забони тоҷикӣ ҳам ҷойи онҳоро вожаҳои дигар (ҷигда) гирифтааст.

Ҳамин тавр, ошноӣ бо чунин вожаҳо аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳоло ҳам гӯйиши тоҷикони мардуми кӯҳистон асолати бунёдии забони куҳанро то ба имрӯз нигоҳ доштаанд.

Ҳамин тавр, ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки гӯйиши тоҷикони мастчоҳ мисли дигар лаҳҷаҳои тоҷикони кӯҳистон бисёр унсурҳои қадимаро дар захираи луғавии худ нигоҳ доштааст. Ба ҳамин минвол калимаҳои ифодакунандаи истилоҳоти соҳаи кишоварзӣ, аз қабили пада, зулук, лиф, мулк, карафс ва ғайраро метавон мисол овард, ки дар лаҳҷаи тоҷикони Мастчоҳ то ба имрӯз мустаъмал ҳастанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Мирзоев А. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ / А.Мирзоев. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1958. -404 с.
2. Ализода И. Фарҳанги мухтасари «Шоҳнома» / И. Ализода. - Душанбе: Адиб, 1992. -492 с.
3. Ансорӣ А. Малфузот /А. Ансорӣ // Фарҳанг, 1994. -№1-3. -С. 31-36.
4. Афғонӣ А. Луғати омиёнаи форсии Афғонистон /А. Афғонӣ. –Кобул: Қавс, 1340.
5. Баротӣ О. Шаби меъроҷ / О. Баротӣ. –Хуҷанд, 2006. -45 с.
6. Деҳхудо А. Луғатнома / А. Деҳхудо. Ҷ. 12, 26, 40. -Теҳрон, 1345.
7. Муҳаммадҳусайни Бурҳон. Бурҳони қотеъ / Бурҳон Муҳаммадҳусайн. -Душанбе: Адиб, 1987. -Ҷ.1. -416 с., 2004. Ҷ. 2.-424 с.
8. Мустаҷир А. Рӯзномаи сафари Искандаркӯл / А.Мустаҷир Ҳозиркунандаи чоп ва муаллифони муқаддимаву тавзеҳот Афсаҳзод А. ва Муллоаҳмадов. М -Душанбе: Ирфон, 1989.
9. Тарҷумаи «Тафсири Табарӣ» (дар ду китоб ва ҳафт муҷаллад). Таҳия ва таълиқоти / Н. Салимов, Н. Зоҳидов, Н. Ғиёсов [ва диг.]. Китоби дуюм. -Хуҷанд: Нури маърифат, 2007. -784 с.
10. Нуров А. Фар ҳанги ашъори Рӯдакӣ / А. Нуров. –Душанбе, 1990. -368 с.
11. Ҳусайнӣ Қ. Ривояти Мастчоҳ / Қ. Ҳусайнӣ. -Душанбе: Салим, 1999. -156 с.
12. Равоқӣ А. Забони форсии фарорудӣ (тоҷикӣ) / А Равоқӣ, С Шикебо. - Теҳрон, 1373.
13. Расторгуева В.С. Опыт сравнительного изучения таджикских говоров / В.С. Расторгуева. - М., 1964.
14. Ромпурӣ, Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот / Ғиёсуддин, Муҳаммад Ромпурӣ. -Душанбе: Адиб, 1987. -480с.; Ҷ.II. -Душанбе: Адиб, 1988. -416 с.
15. Сайфиддин Мирзозода. Фарҳанги яғнобӣ-тоҷикӣ / Мирзозода Сайфиддин. – Душанбе, 2008.
16. Фарҳанги забони тоҷикӣ. -М: Советская энциклопедия, 1969. -Ҷ. 1-2.

РАССМАТРИВАНИЕ НЕКОТОРЫХ СЛОВ МАТЧИНСКОГО ДИАЛЕКТА ОТНОСИТЕЛЬНО СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ОТРАСЛИ

В данной статье рассматриваются слова матчинского диалекта, выражающие понятия, относящиеся к сельскому хозяйству. Приведенные слова сохранили свои древние формы, анализ которых может быть полезен при исследовании некоторых вопросов исторической диалектологии.

Ключевые слова: растопка, барбарис, волокно, сельдерей, пиявка, чина луговая, говоры таджиков Матчи.

EXAMINING SOME WORDS OF THE MASTCHOH DIALECT IN BRANCH RURAL - ECONOMY

In this article the words of the Mastchoh dialect expressing concepts, relating to agriculture are considered. Quoted kept the ancient forms which analysis can be useful at research of some questions of historical dialectology.

Key words: finding, barberry, fiber, celery, leech, rank meadow, dialects Tajiks Mastchoh.

Сведения об авторе: ***Г. Шарифова*** **–** соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ. Телефон: **904150989**

ТИПОЛОГИЯ ОЦЕНОЧНЫХ КАТЕГОРИЙ Ря И Тя В ФУНКЦИОНАЛЬНЫХ СФЕРАХ ИХ УПОТРЕБЛЕНИЯ

С.Н. Ёрова
Худжандский государственный университет им.Б. Гафурова

Оценочные категории являются средством связи и экспрессивизации лексики текста, признаковой актуализации отдельных его фрагментов, усиления фактора мотивированности знака на всех уровнях их словесных отношений. Все формулы толкования образуют своего рода механизмы типологического обобщения материала по семантике оценочных категорий между мотивирующим оценку объектом и признаком, обусловливающим данную оценку предметного мира.

Количественное и качественное развитие основных компонентов предметно-признаковых блоков Ря и Тя происходит не только или даже не столько за счет внутренних ресурсов, т.е. внутрикатегориального словопроизводства, сколько благодаря действию механизма деривационной взаимопроницаемости словесных знаков в рамках предметно-признаковых оценок и информаций. Наиболее интенсивную сферу деривационной взаимопроницаемости словесных знаков в вышеназванных объектах образуют модели номинализаций, которые по своему генезису и синхронным истокам в Ря и Тя связаны как с лексикой, так и с синтаксисом. Высокая продуктивность моделей номинализаций Ря и Тя позволяет говорить о функции лексем: предметный мир – существительное, а оценочные категории–прилагательные, причастия, местоимения, порядковые числительные, отношения которых с объектом оценки направлены на раскрытие деривационного взаимодействия двух частей речи – существительных и иных, выступающих в функции оценочных категорий, образующих единство базисных понятий и их признаковых значений, единство, в основе которого положены три измерения семиозиса (синтактика, семантика и функция). Они в Ря и Тя образуют цепочку фильтров (система языка, норма языка, норма прагматического уровня, языковые традиции, национальный колорит, первичная, вторичная коммуникативная ситуации и предметная ситуация). Одни и те же фильтры участвуют в интерпретации исходного (предметного) и формировании конечного (признакового) объектов. Будучи объектом первичной и вторичной коммуникативных ситуаций, предметно-признаковые отношения в Ря и Тя в то же время являются одним из факторов, формирующих эти ситуации. Процесс предметной характеристики может быть представлен как последовательное прохождение презентации словесных знаков, образующих единство предметно-признаковых отношений, через указанную цепочку фильтров, важную роль при котором (прохождении) играют импликации, основанные на референции контекста или фоновых знаниях.

Осмысливая процесс формирования предметно-признаковых сочетаний как одного из важнейших аспектов коммуникации, мы этот процесс представляем многомерным и многоаспектным, как процесс, детерминируемый множеством языковых и внеязыковых факторов. Процесс формирования предметно-признаковых оценок представляется в Ря и Тя в виде серии выборов, определяющих, во-первых, стратегию оценки предметов, а во-вторых, ее конкретное языковое воплощение в контексте, ибо он является в сопоставляемых языках объектом приложения действующих факторов, исходящих не только от всех детерминантов сектора предметно-признаковой информации, но и языковых ресурсов всего контекста.На подуровне референциальном в контекстах Ря и Тя имеют место и более сложные лексико-грамматические преобразования, затрагивающие не только синтаксическую матрицу контекста, но и его лексико-семантическое наполнение. Здесь, в частности, нередко происходят трансформации, основанные на метонимических и метафорических сдвигах:

Ря	Тя
Это в Уле не от скудности душевной, а за этим стоит огромный мир чувств и размышлений, и этот мир проявит себя с неожиданной силой, особенно если заслужить его моральное осуждение. (А.А. Фадеев).	Шодӣ панҷаи шохчаи марҷон барин сурх ва нозуки худро пеш бурда, муйҳои бузчаро мекашид ва нохунҳои чун барги ғунчаи ношукуфта нарм ва нимранги худро ба лаб ва дандонҳои вай мерасонид. (С.Айни. Ятим).

Соответствие предметного представления признаковой оценке на прагматическом уровне в Ря и Тя сводится к определенному типу трансформаций. Здесь ожидаются

добавления, опущения, случаи полного перефразирования, коммуникативная интенция вступающих в связь элементов, коммуникативный эффект, оценочная установка на объект, которые управляют другими уровнями. Этот фактор подтверждает, что формирование оценочных значений в Ря и Тя отличается многогранным характером и требует разностороннего подхода к его ключевым понятиям. Так, изложенную выше семиотическую концепцию, лежащую в основе уровневой иерархии и многоаспектности процесса создания предметно-признаковой информации и основанную на примате прагматического уровня по отношению к семантическому (компонентному и референциальному), целесообразно дополнить характеристикой функциональной типологии, основанной на выделении функциональных доминант оценочных категорий в Ря и Тя.

Базой для развертывания категорий оценок в текстовой номинации предметов, лиц, действий, признаков в Ря и Тя является особый механизм словосложения. Являясь средством актуализации предметного мира и различных признаковых свойств объектов, субъектов номинаций, данный механизм обнаруживает в контексте свою специфическую природу, а именно конструктивный характер и участвует в процессе создания словесного образа предметного мира, в котором (процессе) ярко отражается деятельностный характер словесных знаков.

Категории оценок в Ря и Тя выполняют в тексте разнообразные функции: (подлежащее – Храбрый в поле воин, сказуемое – Он был храбр, определение – Храбрый солдат был награжден за мужество и др.) будучи единицами, наделенными определенным лексическим значением (признаковая характеристика) и, являясь одновременно структурой, несущей деривационное значение, они служат средством создания предметно-признаковых отношений, осуществляя текстовые связи между словами и по линии лексической семантики, и по линии более обобщенного (деривационного) значения. При этом в Ря и Тя актуализируются различного характера связи между данными и новыми (предметом +оценкой) производными понятиями (антонимические, синонимические, градуальные). Рассмотрение действия этих механизмов в Ря и Тя обращено к трем взаимосвязанным направлениям изучения их языковой природы: 1) к аспекту функциональному; 2) аспекту лексической системы; 3) аспекту семантической практики.

Порождение категорий оценок в текстах Ря и Тя происходит в соответствии с основными функциями признаковых отношений – номинативной, конструктивной, экспрессивной, поскольку основное требование к ним – быть правильными обобщениями, касающимися наблюдаемых фактов. Именно на грани между предметным миром и детальным знанием качеств, свойств, признаков этого мира на различных уровнях их представления, образуются модели «предмет + признак». Из сказанного можно заключить, что категория оценок является субституцией объяснительной не сама по себе, а лишь с учетом специфических языковых ограничений, т.е. парадигматических и синтагматических процессов на уровне синтаксиса Ря и Тя. Отсюда категория оценок есть не что иное, как материализованная семантическая структура и система, фонологический (от понятия лексический фон), анализ которых обнаруживает специфику процесса их материализации, являющейся единственным движущим принципом в создании предметно-признаковых моделей в Ря и Тя. При этом реальный в Ря и Тя состав иерархической структуры данных моделей в каждом отдельном варианте оказывается неодинаковым.

ЛИТЕРАТУРА

1. Апресян Ю.Д. Лексическая семантика/ Ю.Д. Апресян. – М., 1974.- 277 с.
2. Апресян Ю.Д. Синтаксис и семантика в синтаксическом описании // Единицы разных уровней грамматического строя языка и их взаимодействие/ Ю.Д. Апресян. -М., 1969.- 33 с.
3. Бондарко А.В. Грамматическое значение и смысл/ А.В. Бондарко. – Л., 1978.- 175 с.
4. Богуславский И.М. Исследования по синтаксической семантике. Сферы действия логических слов/ И.М. Богуславский. – М., 1985.- 175 с.
5. Вопросы теории частей речи: На материале языков различных типов. – Л.: Наука, 1968.- 343 с.
6. Винокур Г.О. Введение в изучение филологических наук. В кн.: Проблемы структурной лингвистики/ Г.О. Винокур. - М., 1978, 1981.- 290 с.

ТИПОЛОГИЯ ОЦЕНОЧНЫХ КАТЕГОРИЙ РУССКОГО ЯЗЫКА И ТАДЖИКСКОГО ЯЗЫКА В ФУНКЦИОНАЛЬНЫХ СФЕРАХ ИХ УПОТРЕБЛЕНИЯ

В данной статье рассматриваются оценочные категории, которые являются средством связи и экспрессивизации лексики текста, оценочной актуализации отдельных его фрагментов. Все формулы толкования образуют своего рода механизмы типологического обобщения материала по семантике

оценочных категорий между мотивирующим оценку объектом и признаком, обусловливающим данную оценку предметного мира.

Категории оценок в Ря и Тя выполняют в тексте разнообразные функции (подлежащее, сказуемое, определение) будучи единицами, наделенными определенным лексическим значением и являются одновременно структурой несущей деривационное значение.

Ключевые слова: предметно-оценочные единства, структура семантического комплекса, понятийная категория, предметно-признаковая информация, взаимопроницаемость словесных знаков, принципы акцентной дифференциации.

TYPOLOGY OF QUALITATIVE CATEGORIES OF RL AND TL IN FUNCTIONAL AREAS OF THEIR USE

This article discusses the evaluation categories which are a means of communication and expresivitatea vocabulary of the text, the estimated updating its separate fragments. All formulas interpretation form a kind of mechanisms typological generalization of the material on the semantics of the evaluation categories between motivating the assessment of the object and sign contributing to the evaluation of the objective world.

Category of assessment in OC and Thee do in the text of the various functions (subject, verb, adjective) as units that are endowed with certain lexical value and are at the same time the structure of the carrier derivational value.

Kev words: subject-evaluation of unity, the semantic structure of the complex, conceptual category, subject-indicative information, vzaimoponimanii word marks, principles accent differentiation.

Сведения об авторе: ***С.Н. Ёрова*** - кандидат филологических наук, доцент, заведующая кафедрой русской и зарубежной литературы ХГУ им.Б.Гафурова. Телефон: **927-01-27-86**

МЕЖДОМЕТИЯ В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

З.И. Замонов
Таджикский национальный университет

Как в немецком, так и в таджикском языках междометия –это слова, при помощи которых выражаются различные чувства, переживания и волевые побуждения. Значения междометий тесно связаны с интонацией. Междометия не обладают номинативной функцией. Они выражают чувства человека, но не называют их. Однако они лишены значения.

По способу образования различаются:

1. Собственно – междометия или первичные междометия, представляющие собой только восклицания (Oh!, Ei!, Au!, Ach!, Pfui!, Hurra!, Juchne!, Oho!, Hm!, Brr!,). Они передаются в таджикском языке междометиями о!, ё!, ё худо!,э-э-э!, вой!.

2. Звукоподражательные междометия (Miau!,Quack!, Bauz!, Knach!, Kling!, Klang!), которые передаются в таджикском языке междометиями мияв –мияв, ку –ку, тарақ –турук, ҷиринг –ҷиринг, қур –қур и.т.п.

В таджикском языке звукоподражательные слова употребляются более широко, чем в немецком и в русском. В таджикском звукоподражания, в частности, применяются в сдвоенной форме как один из способов словообразования пичир–пичир (шепот). При возражении, протесте, изумлении, недоверии, недовольстве, досаде: э! не, гапатон нодуруст! –э, нет! ваши слова несправедливы! э! монед! –ах, оставьте вы!.

3. Производные междометия, образованные от различных частей речи (oweh!, Halt!, Still!, Zum Teufel!, Donnerweter!, los!) передаются в таджикском языке междометиями уф, эй, оббо, анна халос, салом, хайр, ҷим, чӣ қадар нағз, и.т.д.

Учащиеся знают междометия родного языка, и каких либо трудностей в усвоении этой категории слов немецкого языка они не испытывают. Работа в данном случае может носить чисто практический характер: составление предложений с употреблением междометий, отработка произношения и правописания. Таким образом, немецкий и таджикский языки имеют развернутую систему частей речи, однако степень оформленности отдельных лексико–грамматических разрядов в этих языках различна. Состав знаменательных частей речи отличается наличием предлогов в немецком языке и послелогов в таджикском, для которого в силу его агглютинативного строя характерно постпозитивное положение слова и формообразующих элементов в отношении к слову или корню слова. Эти различия имеют значение как при практическом усвоении частей речи, так и при теоретическом осмыслении их. Части речи в немецком и таджикском языках имеют общую семантическую основу и обладают многими общими грамматическими терминами адекватыми им. Благодаря этому общее значение частей речи немецкого языка и наличие у каждой из них определенных грамматических

признаков воспринимаются учащимися довольно легко. Вместе с тем при сопоставлении грамматических категорий частей речи немецкого и таджикского языков обнаруживаются и существенные различия, основными из которых являются следующие.

Одному из сопоставленных языков присуща та или иная грамматическая категория, не свойственная другому языку; многие грамматические категории частей речи одного языка, совпадая или будучи близкими по значению с соответствующими категориями другого языка, выражаются неодинаково, т.е. иными средствами; некоторые грамматические категории, присущие обоим языкам; слова той или иной части речи одного языка иногда переводятся на сопоставляемый язык словами другой части речи, та или иная грамматическая категория у отдельных частей речи, совпадая по значению, выражается в одном языке лишь одним средством и разными средствами в другом языке; широкая возможность образования той или иной грамматической формы у частей речи одного языка и лимитированность образования той же формы в другом языке; многие различия, имеющиеся между грамматическими формами частей речи немецкого и таджикского языков усугубляются вследствие общих различий в структуре немецкого и таджикского слова, а также структурных особенностей лексики у отдельных частей речи.

Все эти различия в системе частей речи немецкого и таджикского языков порождают большие трудности перед учащимися в овладении системой немецкого словоизменения, без чего невозможно овладеть навыками речи на немецком языке. Вышеизложенным определяются в методическом аспекте следующие важнейшие задачи:

а) необходимость постепенного и планомерного введения грамматических категорий частей речи и правильное сочетание практической работы с теоретическим осмыслением их в дальнейшем;

б) тщательный учет всех особенностей систем частей речи немецкого языка и опора на структурно–семантические признаки каждой грамматической категории с тем, чтобы установить рациональный порядок обучения взаимосвязанным явлениям. Постоянное внимание к наиболее сложным и трудным для учащихся явлениям немецкого языка;

в) так как лексические, морфологические и синтаксические свойства частей речи проявляются в словосочетании и предложении, всю работу по изучению частей речи основывать на систематической работе по усвоению строя словосочетания и предложения. При этом необходимо строить работу в аналитико–синтетическом плане: вычленить изучаемую часть речи из предложения или словосочетания, далее использовать ее в составе все новых и новых синтаксических конструкций, составляемых учащимися;

г) учитывая тесное взаимодействия системы словоизменении частей речи с системой их словообразования, при обучении немецкому языку вести согласованную и взаимосвязанную работу по словообразованию и словоизменению работу каждой части речи;

д) изучение частей речи в курсе средних с классов проводить с учетом того факта, что в практическом плане в V–VIII классах средних таджикских школ изучается большинство грамматических категорий немецкого языка;

е) в целях предупреждения интерферентных ошибок в устной и письменной речи учащихся всеми средствами способствовать дифференцированную явлений родного и немецкого языков, опираясь по мере необходимости на сходные явления в этих языках, делая упор на показ структурно–семантических различий между данными явлениями родного и немецкого языков;

ж) для того, чтобы облегчить учащимся осмысление непривычных явлений немецкого языка, при первоначальном ознакомлении с этими явлениями по мере необходимости и возможности привлекать факты родного языка, но в дальнейшем сосредоточить все внимание на структурно–семантических признаках изучаемого явления немецкого языка, подчеркивая отсутствие данного явления в родном языке;

з) в целях правильного понимания учащимися различных отношений, особенно пространственных выражаемых падежно–предложными формами, префиксальными глаголами и т.д., в процессе обучения частям речи широко применять наглядность;

и) поскольку обучение частям речи проводится для формирования и последовательного развития навыков немецкой речи, всю работу в этой области подкреплять упражнениями, направленными на развитие аналитико–синтетической деятельности учащихся, и повседневной речевой практикой.

ЛИТЕРАТУРА

1. Ардова В.В. Учебник немецкого языка / В.В. Ардова, Т.В. Борисова. –М.: Высшая школа, 1978.- 260с.
2. Арзуманов С.Д. Таджикско–русский словарь / С.Д. Арзуманов, А.З. Розенфельд. –М., 1954.-780с.

3. Грамматикаи забони адабии њозираи тољик. – Душанбе, 1985. – 365 с.
4. Маскальская О.И. Грамматика немецкого языка. -Теоретический курс, Москва, 1956.-325с.
5. Шенделъс Е.И. Грамматика немецкого языка. –Москва, 1952. -400с.

МЕЖДОМЕТИЯ В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье в основном рассматриваются отличия и соответствия междометий в немецком и таджикском языках, а также способы их образования в двух языках, которые при помощи междометия выражают различные чувства, переживания и волевые побуждения.

Ключевые слова: междометия, словообразование, производные, произношение, части речи, корень слова, грамматические категории, грамматические формы, словосочетания, префиксальные глаголы.

INTERJECTIONS IN GERMAN AND IN TAJIK LANGUAGES

In German and in Tajik languages interjections are words which express different kind feelings. Meanings of interjections are closely tied with intonation. Interjection express the human feelings but they didn't name them.

Key words: express, words, meaning, name, method, form, different, function, to be tied, feeling.

Сведения об авторе: ***З.И. Замонов*** – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой немецкого и французского языков ТНУ. Телефон: **(+992) 919-55-86-80**

ТАЛМЕҲОТИ МАЪНАВИИ ҚУРЪОНӢ ДАР ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ

Ҷ. Беҳронов
Донишгоҳи давлати Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Талмеҳ аз маъмултарин санъатҳои маънавии адабиёти форсу тоҷик буда, намунаҳои ин санъат ҳанӯз дар осори нахустин гӯяндагони аҳди Темуриён, Саффориён ва Сомониён ба назар мерасад ва бо итминони комил метавон гуфт, ки дар шеъри аҳди Сомонӣ ҳамчун як санъати нав ба вуҷуд наомада, собиқаи қадиме доштааст. Вале ақоиди назарии донишмандон дар бораи муайян кардани маъниву моҳияти ин санъат то қарни XIII милодӣ иброз нашудааст. Ҳатто дар асарҳои қадимтарини форсӣ оид ба илми бадеъ «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр» дар хусуси талмеҳ маълумот дода нашудааст.

Шамс Қайси Розӣ(асри XIII) бори нахуст дар асари худ «Ал муъҷам фӣ маойир ашъор-ул-аҷам» дар бораи маънии луғавӣ ва истилоҳии талмеҳ маълумот додааст ва бояд гуфт, ки аввалин маротиба ҳамчун санъати сухан ва истилоҳи он дар асараш овардааст: «Талмеҳ он аст, ки алфози андак бар маънии бисёр далолат кунад ва ламҳ ҷустани барқ бошад ва ламҳа (лаҳза, дам) як назар бувад ва чун шоир чунон созад, ки алфози андаки ӯ бар маънии бисёр далолат кунад, онро талмеҳ хонанд».

Дар асрҳои минбаъда муҳаққиқон оид ба санъати талмеҳ фикру мулоҳизаҳои худро баён сохтаанд. Атоуллоҳ Муҳаммади Ҳусайнӣ (асри XIV) дар асари худ «Бадоеъ-ус-саноеъ» дар бораи талмеҳ сухан ронда, ҷиҳатҳои мухталифи санъати талмеҳро зикр намудааст ва онро ба се навъ ҷудо мекунад, ки яке ишора ба қиссаҳои Қуръонӣ, дигаре тақвият ба шеъри нодиру машҳур ва савум, ишора ба масали машҳури халқӣ мебошад.

Пӯшида нест, ки бештарини ҷозибаҳои забон ва адабиёти форсу тоҷик аз ҷиҳати корбурд достонҳои пайғамбаронест, ки ҳам аз назари эътиқодӣ, ҳам аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва кӯшишоти мавзӯӣ мавриди таваҷҷуҳи шоирон ва нависандагони форсу тоҷик қарор гирифтаанд. Бо таваҷҷуҳ ба ин ки қабл аз ислом хонаводаҳое аз Яҳуд ва Насоро дар Мовароуннаҳр ва Хуросон зиндагӣ мекарданд ва қиссаҳои китобҳои осмонии онҳо мавриди назари мардум будааст, баъд аз зуҳури ислом ва густариши забони дарӣ низ заминаҳое фароҳам омаданд, то шоирон аз достонҳои пайғамбарон дар ашъорашон бахрабардорӣ кунанд.

Ҳаким Носири Хусрав, ки бо санъатҳои адабӣ шиносоии комиле доштааст, бевосита ба санъати талмеҳ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардааст. Истифодаи ин навъи санъати бадеӣ марбут ба ашхоси қуръонӣ ва қиссаҳои он дар ашъори шоир баръало дида мешавад. Мақсади овардани талмеҳоти қуръонӣ бесабаб набуда, балки шоир тавассути рӯзгори пайғамбарон садоқату вафодорӣ, некиву накӯкорӣ ва лутфу эҳсон нишон дода, саргузашту рӯзгори онҳоро ҳамчун намунаи зиндагӣ пешкаш менамояд.

Ин ақидаи шоирро худи Қуръон тасдиқ мекунад: «Ҳар хабаре аз ахбори пайғамбаронро бароят ҳикоят мекунем, то туро қавидил гардонем. Дар ин китоб бар ту сухани ҳақ ва барои муъминон панду насиҳат нозил шудааст». (Ояи 120 аз сураи «Ҳуд»). Чунончи, Луқмон- намунаи ҳикмат ва хештандорӣ, Қорун- намунаи сарват ва ғурур, Юсуф - намунаи вафодорӣ, зебоӣ ва парҳезу садоқат, Фиръавн - қудрат ва ғурур, Марям- намунаи покӣ ва меҳрубонӣ, қавми Лут, Од ва Самуд, намунаи

гумгаштагӣ ва саранҷомӣ, Ҳорут - намунаи сеҳру ҷодугарӣ, Иброҳим- намунаи садоқат ва вафодорӣ; Мӯсо - намунаи худопарастӣ ва худошиносӣ ва Исо намунаи ихлос ва покӣ ҳастанд.

Қисмати дигар номҳое, ки илова бар афроди муайян омадаанд, ҷанбаи тамсилӣ ҳам доранд. Монанди Абулаҳаб дар шаккокӣ, нифоқ ва куфр, Абуҷаҳл дар ситезагарӣ, лаҷҷоҷ ва куфр, Асҳоби каҳф, дар порсоӣ ва саранҷомӣ аст. Манзури шоир аз овардани қиссаҳои қуръонӣ дар ашъори худ нишон додани роҳи зиндагӣ мебошад. Чи навъе ки дар байти зерини шоир мебинем:

Вар-т орзуи лаззати ҳиссӣ биштобад,
Пеш ор зи Фурқон сухани Одаму Ҳавво.

Шоир ҳавоси панҷгонаи зоҳири инсонро дар назар дошта, мақсади ӯ аз овардани ин таъбир «лаззати ҷисмонӣ» мебошад. Ба ин муносибат таъкид мекунад, ки агар ҳавову ҳавас бар тинати ту ғалаба намояд, бияндеш, ки бо лаззати ҳиссӣ бар Одаму Ҳавво чӣ ҳодиса рӯй дода буд. Яъне инсон бояд, ҳамеша аз нафси худ боло баромада тавонад ва онро доимо мағлуб созад.

Фурқон ба маънии Қуръон аст, ки фориқ (ҷудокунанда) миёни ҳаққу ботил аст. Чунонки дар Қуръон омадааст: «Ин китобро, ки тасдиқкунандаи китобҳои пеш аз он Таврот ва Инҷил фиристод». (Ояи 3, сураи «оли Имрон»).

Истилоҳи «сухани Одаму Ҳавво» ишора аст, ба достони Одам ва Ҳавво, ки дар талаби лаззати ҳиссӣ аз дарахте, ки аз он наҳӣ шуда буданд, хӯрданд ва аз биҳишт берун шуданд. Ин байт бевосита талмеҳоти қуръонӣ буда, ба достони Одаму Ҳавво ишора мекунад: «Ва гуфтем: Эй Одам, худ ва занат дар биҳишт ҷой гиред ва ҳар чӣ хоҳед, аз меваҳои он ба хушӣ бихӯред ва ба ҷуз ин дарахт, ки ба гурӯҳи ситамгорон дароед». (сураи «Бақара», ояи 36).

Шоир дар баробари овардани талмеҳоти қуръонӣ эҳёкунандаи тамаддун ва фарҳанги миллату халқияти араб мебошад. Ӯ аз фарҳангу маданияти қадим ёдрас шуда, ба воситаи овардани талмеҳоти маънавии қуръонӣ фарҳанги қадимро ошкор месозад ва онро як ҷузви талмеҳот мешуморад. Инро мо дар байти зерин баръало ҳис менамоем:

Зинда ба сухан бояд гаштан азер-к,
Мурда ба сухан ҳамекард Масеҳо.

Ин байт ишора аст, ба қиссаи «Исо (а)», ки мувофиқи қиссаҳои қуръонӣ ӯ мурдаро зинда кардааст. Манзури шоир аз ишора кардан ба ин қисса, панд додан буда, огоҳ месозад, ки мо тавассути сухани худ ҳастии вуҷуди худро ошкор месозем, зеро ба воситаи сухан муроду мақсади шахс ҳувайдо мегардад.

Инчунин дар ин байт шоир ҳадаф ва ақидаи худро баён сохта, ба ояи қуръонӣ ишора мекунад. Чунонки дар ин ояи зерин омадааст: «Ва ба пайғамбарӣ бар бани Исроилаш фиристад, ки ман ба муъҷизае аз парвардигоратон назди шумо омадаам. Бароятон аз лой чизе чун парранда месозам ва дар он медамам, ба амри Худо паррандае шавад ва кури модарзодро ва пасгирифтаро шифо медиҳам ва ба фармони Худо мурдаро зинда мекунам...» (сураи «оли Имрон», ояи 49).

Гуфтан бамаврид аст, ки талмеҳ бойгарии мифологию асотирии адабиёт аст ва дар тағйиру такмили он низ хизмат мерасонад. Донишманди тоҷик Худоӣ Шарипов дар ин маврид қайд мекунад, ки «Дар ҳамаи даврaҳои инкишофи адабиёт талмеҳот як хел шуда наметавонад. Масалан, дар адабиёти даврaҳои аввал (асрҳои X-XI) дар шеъру адаби асотири қадимии эронӣ (тоҷикӣ) бештар истифода мешавад. Баъдҳо асотир ва нақлу ривояти арабию мусулмонӣ ва баъдан, образҳои тамсилу кирдорҳои сӯфиёна такомул ёфтаанд».

Чунин талмеҳотро мо дар шеъри форсии тоҷикӣ баръало ҳис менамоем. Аз ҷумла, дар ашъори Носири Хусрав ва ҳамзамонони ӯ бештар талмеҳоти исломӣ ва мусулмонӣ ба назар мерасанд, вале дар ашъори шоирони минбаъда, чун Ҷалолиддини Румӣ, Аттор, Саноӣ ва дигарон талмеҳоти сӯфиёна ва андешаҳои онҳоро бисёртар дидан мумкин аст. Ин албатта, ба эътиқод ва ақидаи гӯянда вобастагии калон дорад. Чи навъе ки дар ашъори Ҷалолиддини Румӣ мушоҳида менамоем:

Аз ин май ҷуръае доданд ба Мансур,
Аналҳақ мезаду бар дор шуд маст.

Байти мазкур талмеҳ аст, аз рӯзгори Мансури Ҳаллоҷ. Дар қиссаву ривоятҳо чунин аст, ки Мансури Ҳаллоҷ сухани «аналҳақ», (яъне ман ҳақам) мегуфт ва ӯро ба дор кашиданд, ки бар сари дор ҳам аналҳақ мегуфт. Шоирони давраи баъдина дар ашъори худ чунин талмеҳоти сӯфиёнаро хеле зиёд барои исботи андешаи худ ба кор мебурданд.

Чунон ки қайд карда шуд, шоирони давраи аввали адабиёт бештар дар ашъори худ талмеҳоти форсӣ ва арабӣ истифода мекарданд. Зеро дар ин замон адабиёт ва фарҳанги араб хеле роиҷ буд. Чунин талмеҳот дар ашъори Носири Хисрав хеле фаровон ба назар мерасанд. Дар ашъори ӯ низ талмеҳоти адабиро бо се қисмат ҷудо кардан мумкин аст. Аввал, ишора ба қиссаҳои қуръонӣ, ки аз рӯзгори пайғамбарон нақл мекунанд. Чи навъе ки мебинем:

Юсуф ба сабри хеш пайғамбар шуд,
Расвоӣ шитоб кард Зулайхоро.

Шоир аз қиссаҳои қуръонӣ ба пуррагӣ огоҳӣ дошта, ҳар як қиссаву ахбори қуръониро дар мавридашон дар ашъори худ ҷой медиҳад. Ин байт ишора аст, ба қиссаи комҷӯйии Зулайхо аз Юсуф ва расво шудани ӯ. Чунон ки дар Қуръон омадааст: «Ва он зан, ки Юсуф дар хонааш буд, дар пайи комҷӯйӣ аз Юсуф мебуд ва дарҳоро мебасту гуфт: «Биштоб». Гуфт: Паноҳ мебарам ба Худо, ӯ парвардигори ман аст ва маро обрӯйи некӯ дода ва ситамгорон наҷот намеёбанд». (Ояи 23 аз сураи «Юсуф»).

Магар тахти Сулаймон аст, к-аз ӯ дарё саҳаргоҳон
Набошад зи, ки Ҳомун магар бар бод ҷавлонаш.
Чунин тира чарой, эй муборак тахти рахшанда,
Ҳамон, к-аз Сулаймон бидуздиданд девонаш.

Матлаби шоир аз ишора намудан ба рӯзгори Сулаймон пайғамбар огоҳ кардани ҳокимон ва подшоҳон аз тарзи давлатдорӣ намудан аст. Шоир ҳушдор месозад, ки подшоҳӣ азалӣ набуда, балки муваққатӣ мебошад. Бинобар ин, хирадманду адолатпарвар буданро мехоҳад. Чунон ки Қуръон таъкид мекунад: «Ва ин шеваи довариро ба Сулаймон омӯхтем ва ҳамаро ҳукми илм додем ва кӯҳҳоро мутеи Довуд гардонидем, ки онҳо ва паррандагон бо ӯ тасбеҳ мегуфтанд ва ин ҳама мо кардем» (ояи 79 аз сураи «Анбиё»).

Қисмати дигари талмеҳоти шоир бештар ҷанбаи таърихӣ дошта, ӯ аз таърихи оғози ислом ва рӯзгори пайғамбар нақл мекунад. Чунонки бароямон аз таърихи ислом равшан аст, замоне ки кофирон хостанд пайғамбарро ба қатл расонанд, ӯ ба мусулмонони Макка фармон дод, ки шабона касе аз хонаҳои худ берун набароянд. Худаш шабона ба роҳ даромад, то аз дасти душманон ба ҳалокат нарасад. Дар ин сафар Абӯбакр (р), ки аз саҳобаҳои наздики пайғамбар буд, ӯро ҳамроҳӣ мекунад. Ин лаҳзаи ҳаёти пайғамбарро Носири Хусрав ҳамчун талмеҳ дар ашъори худ чунин ба қалам додаст:

Хазинадори Худоянду сирҳои Худой,
Ҳаме ба мо бирасонанд, к-аҳли асрорем.
Ба ғори сангин дар не, ба ғори дин андар
Расулро зи дили пок соҳиб-ул-ғорем (65, 136).

Шоир нисбати пайғамбарони Худо муҳаббати том дошта, онҳоро хазинадори Худо меҳисобад. Ӯ илми динро ба монанди ғор тасвир намуда, соҳибони онро пайғамбарон меҳисобад. Ба ин хотир, гӯшрас месозад, ки ба ғори дин, ки ворид гардидем, ҳамеша бояд аз қафои соҳиби ғор биравем, то домани онро аз даст надиҳем.

Шоир дар байти минбаъда аз рӯзгори пайғамбари ислом хазрати Муҳаммад (с) ёдрас шуда, қиссаи пинҳон кардани худро аз душманон дар ғор ҳамчун талмеҳ истинод меоварад: «Агар шумо ёриаш накунед, он гоҳ ки кофирон берунаш карданд, Худо ёриаш кард. Яке аз он ду, ба ҳангоме ки дар ғор буданд, ба рафиқаш мегуфт: «Андӯҳгин мабош, Худо бо мост!» Худо ба дилаш оромиш бахшид ва ба лашкарҳое, ки онро намедиданд, қувваташ дод ва каломи кофиронро паст гардонид, зеро каломи Худо болост ва Худо пирӯзманду ҳаким аст!». (ояи 40 аз сураи «Тавба»).

Шоир дар абёти зер ба байъати чаҳор нафар аз саҳобагон дар Ҳудайбия бо пайғамбар ишора мекунад. Ӯ аз бузургӣ ва манзалати аҳду паймон ёдрас шуда, рӯзи байъатро дар таърихи ислом яке аз воқеаҳои муҳимтарин меҳисобад:

Як рӯз бихондам зи Қуръон ояи байъат,
Ки Эзид ба Қуръон гуфт, ки буд дасти ман аз бар.
Он қавм, ки дар зери шаҷар байъат карданд,
Чун Ҷаъфару Миқдод, чу Салмону чу Бузар.
Гуфтам, ки кунун он шаҷару даст чигун аст,
Он даст кучо ҷӯяму он байъату маҳзар?
Гуфтанд: «Дар он ҷо на шаҷар монду на он даст,
К-он ҷамъ пароканда шуд, он даст мусаттар.
Онҳо ҳама ёрони расуланду биҳиштӣ,

Махсус бад-он байъату аз халқ мухаяр.

Ин достон дар таърихи мардуми араб хеле маъмул буда, шоир онро ҳамчун талмеҳ истифода кардааст: «Онон, ки бо ту байъат мекунанд, ҷуз ин нест, ки бо Худо байъат мекунанд. Дасти Худо болои дастҳояшон аст ва ҳар ки байъатро бишканад, ба зиёни худ шикастааст ва ҳар ки ба он байъат ки бо Худо бастааст, вафо кунад, ӯро музде некӯ диҳад» (ояи 10 аз сураи «Фатҳ»).

Яке аз хусусиятҳои ҷолиби диққати талмеҳоти ашъори шоир инчунин дар он аст, ки ӯ дар баробари ишора намудан ба қиссаву рӯзгори пайғамбарон рафтору кирдори ахлоқии онҳоро низ ҳамчун намуна барои хонанда тасвир мекунад. Мақсади асосии шоир низ аз ҳамин иборат аст. Зеро зиндагӣ ва рӯзгори пайғамбарон худ намунаи ибрат мебошад. Чунонки мебинем:

Андеша кун аз оли Броҳиму зи қурбон
В-он азми Бироҳим, ки буррад зи писар сар.
Гар кардӣ ин азм касе з-озари фикрат,
Нафрин кунаде ҳар кас бар озари бутгар.

Абёти боло аз рӯзгори Иброҳим пайғамбар, ки дар сураи «Иброҳим» ба таври муфассал баён шудааст, нақл мекунад. Шоир дар баробари ишора намудан ба рӯзгори Иброҳим пайғамбар мавзӯи садоқат ва вафодориро ба миён гузошта, мехоҳад тавассути ин қисса садоқату вафодории Иброҳим пайғамбарро нишон диҳад, ки ӯ дар садоқату вафодорӣ дар роҳи Худованд ҳатто аз ягона писари худ ҳам мегузарад. Ин абёт талмеҳ аз қиссаи Иброҳим (а) аст: «Ин озмоише ошкор буд ва ӯро ба забҳе бузург боз харидем, яъне ба ивази фарзандаш ба ӯ гӯсфанде ҳадя кардем...». (ояҳои 106-107 аз сураи «Софот»).

Гар нест абр муъҷизаи Юсуф,
Саҳро чаро чу руйи Зулайхо шуд.

Мусаллам аст, ки қиссаи Юсуф (а) дар адабиёти форсу тоҷик хеле маълум ва машҳур аст. Ҳатто шоирони бузург, монанди Ҷомӣ ва дигарон асарҳои алоҳидае ба номи ӯ номгузорӣ кардаанд. Носири Хусрав чун мубаллиғи дин ва мазҳаб дар айни баён намудани хислатҳои неки инсонӣ чун зебоии ботиниву зоҳирӣ, афву бахшиш ва садоқату меҳрубонӣ, ки сифатҳои Ҳазрати Юсуф ҳастанд, ба чунин қиссаҳои ибратбахш муроҷиат менамояд.

Байти боло ба қиссаи Ҳазрати Юсуф (а), ки аз тарафи бародаронаш ба корвони Миср фурӯхта шуд ва Зулайхо ошиқи ӯ гардид, ишора мекунад: «Касе аз мардуми Миср, ки ӯро харида буд, ба занаш гуфт: «То дар ин ҷост, гиромияш бидор, шояд ба мо нафъе бирасонад, ё ба фарзандӣ қабул кунем» ва инчунин Юсуфро дар замин ҷой додем, то ба ӯ таъбири хоб омӯзем ва Худо бар кори худ ғолиб аст, вале бештари мардум намедонанд» «ояи 21, сураи «Юсуф»).

Носири Хусрав дар абёти худ на танҳо аз рӯзгори пайғамбарон ва пешвоёни дину мазҳаб ҳарф мезанад ва ҳамчун талмеҳ иқтибос меоварад, балки аз рӯзгори шоҳони пешини Сомӣ низ ёдоварӣ кардааст. Ин ҳам як ҷанбаи талмеҳоти маънавии ашъори шоир маҳсуб мешавад. Чунонки дар байти зерин мушоҳида менамоем:

Гар фиқҳ бувад ҳиллату муҳтол фақеҳ аст,
Ҷолут сазад ҳокиму Ҳорут пайамбар.

Байти фавқ ба қиссаи Ҷолут, ки ба ӯ подшоҳӣ насиб гардида буд, ишора менамояд: «Чун бо Ҷолут ва сипоҳаш рӯ ба рӯ шуданд, гуфтанд: «Эй Парвардгори мо, бар мо сабр бидеҳу моро собитқадам гардон, ки Худо бо касонест, ки собиранд. Толут Ҷолутро бикушт ва Худо ба ӯ подшоҳиву ҳикмат дод…» (ояҳои 250-251, сураи «Бақара»).

Шоир инчунин талмеҳоти эронӣ, ки яке аз ҷанбаҳои талмеҳоти ин давра ба ҳисоб меравад, дар ашъораш ҷой медиҳад ва тавассути онҳо маданияту фарҳанги аҷамро нишон медиҳад. Шоир асосан аз рӯзгори подшоҳони мулки аҷам чун Ковусу Афросиёб, Исфандиёр, Шопур, Баҳром ва дигарон ёдрас шуда, ҳамчун талмеҳ дар ашъори худ истифода кардааст:

Дар сури ҷаҳон шудам, валекин
Бас лоғар боз гаштам аз сур.
З-ин сур басе зи ман батар рафт
Искандару Ардашеру Шопур.

Шоир дар ин байт дар боби мушкилоти зиндагии худ сухан ронда, ишора менамояд, ки ин суру савдои дунё инсонро аз асли ӯ дур месозад ва онро фирефтаи худ мегардонад. Ӯ ба худ муроҷиат мекунад, ки маро савдои ҷаҳон чунин лоғар кардааст ва монанди ман чандин инсонҳоро фирефтаи худ сохта буд. Бинобар ин, панд медиҳад, ки ҳар инсони соҳибақл набояд фирефтаи ин ҷаҳон шавад, балки

ҳамеша ҳушёр бошад, то ба доми дунё наяфтад. Бо чунин андешаҳо Носири Хусрав аз шоҳони пешин, чун Искандару Ардашеру Шопур ёдрас мешавад, ки онҳо подшоҳони номдор буданд, вале оқибат аз олам даргузаштанд ва аз онҳо танҳо ном боқӣ мондасту халос.

Носири Хусрав дар боби ҳар як масъала фикру андешаҳои худро баён менамояд ва дар охири он ҳатман аз рӯзгори пешин ё аз китоби самовии Қуръони карим истинод меоварад. Тавассути он мақсаду мароми худро ба хонанда баён месозад. Ин пеш аз ҳама ҳамбастагии ашъори ӯро бо Қуръон ва дигар китобҳои самовӣ нишон медиҳад ва баъдан, мехоҳад, ҳар як сухани худро бо санаду бурҳон баён созад, то ба хонанда таъсири бештар расонида тавонад.

Чунонки бароямон маълум гардид, Носири Хусрав ҳар як сухани худро бе санаду бурҳон намегузорад ва ҳамеша кӯшиш менамояд, ки сухани ӯ таъсирбахш бошад. Бинобар ин, бештар санъатҳои маънавӣ, чун талмеҳ, истиора, ташбеҳ, маҷоз ва дигар навъҳои санъатҳои бадеиро дар ашъори худ мавриди истифода қарор додааст.

Ҳамин тариқ, Ҳаким Носири Хусрав ҳамчун бузургтарин донандаи илми бадеъ дар баробари дигар санъатҳои бадеӣ, санъати талмеҳро дар шеъри худ бо маҳорати баланди шеърофариниаш истифода кардааст. Шоир тавассути ин санъати адабӣ ҷанбаҳои гуногуни ҳаёти инсониро тасвир намуда, махсусан ба тарбияю ахлоқ таваҷҷуҳи хосаро зоҳир намуда, ин ҷанбаи ҳаёти маънавии инсониро бештар дар ашъори худ инъикос менамояд. Ӯ бо талқину тарғиби ахлоқи ҳамидаи инсонӣ роҳҳои гуногуни санъати бадеиро истифода карда, махсусан, ба санъати талмеҳ аҳамияти бештаре додааст. Дар баробари ин, шоир бо истифода намудани талмеҳоти гуногуни сомиву эронӣ ва баъзан юнонӣ суннату тамаддун ва фарҳанги ин халқиятҳоро низ эҳё месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Атоуллоҳ Маҳмуди Ҳусайнӣ. Бадоеъ-ус-аноеъ / А. М. Ҳусайнӣ– Душанбе: Ирфон, 1974.
2. Абдулғании Барзинмеҳр. Носири Хусрав дар лобалои тазкираҳо / А. Барзимеҳр. –Покистон: Пешовар, 2005. -С.84.
3. Браун Эдуард. Тарихи адабиёти Эрон / Э. Браун (Аз Фирдавсӣ то Саъдӣ), 1737. -Ҷ 1.
4. Сафо Забеҳуллоҳ. Таърихи адабиёти Эрон / З. Сафо. -Теҳрон, 1384. –ч. 1.
5. Қуръони маҷид (тарҷума бо хати кириллӣ). -Душанбе, 2007. -С. 194.
6. Хусрав Носир. Девони ашъор / Н. Хусрав. – Душанбе, 2009. -С 19.
7. Фазлуллоҳ Рашидуддин. Ҷомеъ-ут-таворих / Р. Фазлуллоҳ // Бо тасҳеҳи Муҳаммади Равшан ва Мустафо Мӯсо. –Теҳрон: Нашри Албурз, 1374. –Ҷ. 1.
8. Хикмат Саид Иброҳим. Қуръон дар маснавӣ / С. Ҳикмат. Қисми 1-2. -Душанбе, 2007. –С. 230.
9. Шарифов Худоӣ. Сухане аз адабиёти миллӣ. / Х. Шарифов // Маҷмӯи мақолаҳо.- Душанбе, 2009. -С. 116.
10. Шамс Қайси Розӣ,. Ал мӯъҷам / Ш.Қ. Розӣ -Душанбе, 1991. – С. 311.

ССЫЛКИ НА СУРЫ КОРАНА В ПОЭЗИИ НОСИРА ХУСРАВА

В данной статье даны краткие сведения об истории использования ссылок на Суры Корана, затем автор затрагивает вопрос использования Сур Корана в поэзии Носира Хусрава. В статье приведен ряд произведений Носира Хусрава, где наблюдаются ссылки на какую-либо Суру из Корана. Наравне с семантическим анализом приведённых строк дается стилистический анализ ссылок, использованных поэтом.

Ключвые слова: Коран, Насир Хусров, диван, касыда, сура, ссылки, поэзия.

USING REFERENCES TO QURANIC SURAS IN WORKS OF NASIR KHUSRAW

The given article provides short background information about the history of using references to Quranic suras in works of Nasir Khusraw and then the author refers to the issue of using Quranic suras in Nasir Khusraw's works. The article includes certain works of Nasir Khusraw where one can notice reference to some of Quranic suras. Parallel with semantic analysis of the translated lines there is also the stylistic analysis of references used by the poet.

Key words: Nasir Khusraw, Quran using references, suras, poet, divan.

Сведения об авторе: ***Дж. Бехронов*** **–** соискатель Хорогского государственного университета им. М. Назаршоева. Телефон: **935-97-27-74**

РОЛЬ СТИЛИСТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В ОРГАНИЗАЦИИ ТЕКСТА

М.В. Зикриёева
Худжандский государственный университет им. Б.Гафурова

Стилистические приёмы параллелизма. Стилистическими средствами организации текста являются, в основном, стилистические приёмы параллелизма. Как известно, стилистический приём параллелизма используется во многих стилях и выполняет различные функции. Например, в стиле художественной литературы он озадачен выполнить художественно-эмоциональную функцию. Кроме этого параллелизм может являться средством оформления текста.

Баҳор. Аҷоиб фасл аст фасли баҳор! Олами табиат на ин ки фақат зинда шуда, аз нав ҷон мегирад, балки тароват, нур аз ҷавони пайдо мекунад. Замин бо сабзаи тару тоза пешида мегардад, дарахтон гулпӯш мешаванд, дар ҳаво буи муаттар, буи масткунанда, буи дилхушкунандае пайдо мешавад. Аз он буй ҳам одамон, ҳам хонварон ва ҳам мурғон ба хуруш меоянд, маст мешаванд. (60 калима): (Дж.Икроми).

К стилистическим средством организации кроме стилистического приёма текста можно включить еще другие средств: а) градацию; б) структурный параллелизм;

Градация. Одним из важных стилистических средств объединения предложений в сфере текста является ***градация***. ***Градация*** – это стилистический приём в художественной литературе, особенно в поэзии. Как и другие стилистические приёмы, градация служит для экспрессивно – эмоционального воздействия на читателя. Помимо такой функции градация – это вид повтора, который выполняет роль связующего компонента текста между собой.

Тағошон ба Хумор гилем хариданд, Тағошон хона харида доданд. Тағошон гӯшт хариданд. Тағошон рӯймолу курта оварданд! (Х.И,ДО,193).

Градацию создают повторы, восклицательные и вопросительные предложения, обращения. Например, в одном из приведенных ниже примеров (см.на англ.языке) именно средством выражения градации стало вопросительное предложеных.В ниже приведенном примерах на таджикском языке градационный параллелизм образеутся и постепенно усиливается, приобретает эмоционально-экспрессивный характер посредством эпифорического повтора отдельных слов, словосочетаний и целых предложений:

Баҳори дигар дар диёри ман аст,
Баҳори пур аз шаъни марду зан аст.
На танҳо табиат бувад нозанин,
На танҳо бувад сабз реи замин.
На танҳо пуробуранг дарёву руд,
На танҳо сароянд мурuон суруд,
Баҳор – Ин суруди нави меҳнат аст. (МТ,АМ,166).

Бачагӣ геё буду геё набуд,
Бачагӣ аз мо буду аз мо набуд,
Бехабар мондам, то дидам, фарсахҳо гузашт.
Бачагӣ – гулгуни зарринёли ман.
Бачагӣ – гулгуни зарринболи ман.
Ёлу болаш uарки гул аз ро[и умри мо гузашт. (Лоик)

Байорон шуд, ***баҳорон шуд***. Ба рӯи сабза борон шуд.
Гули савсан ғаторон шуд. Баҳори рафта боз омад. (Фольклор).

My first name Ahmad, my surname is Shokirov, my patronymic is Alievich. I was a pupil, now I am a school-leaver. I want to tell you about one of my best friends. My best friend is Ahad Sattorov. He is my classmate. He is a school-leaver too. We wanted to enter this faculty either, but his parents were against it. Now he has leftfor Russia. Left for Russia. He has been there a month and a half already. He wants to enter Moscow technological Institute. He often sends me letters. He writes in his letter that it usually takes him an hour to get to his Institute. He takes a Metro. He writes that he misses me much. He wants me to go to Moscow too, but my parents do not allow me to go. Now I am a permanent inhabitant of our town. (МЮ,МЗА,14).

Орзуи мо.
Орзу дорем, ки хидмат бикунем, на миннат.
Орзу дорем, ки аз ростгӯи наҳаросем ва агар тарсем, лоақал дурӯғ нагӯем.

Орзу дорем, ки соҳибмансабон аз худ гузаштану ба дигарон расиданро ёд бигиранд.

Орзу дорем, ки хидмат ба ватанро қурбони роҳати шикаму ороиши тан накунем.(У.К,ОИ,37).

Our country is Tajikistan. It is situated in the Central Asia. The area of Tajikistan is 143000 square kilometrs. Its population is about 7 millions people. In the South Tajikistan borders on Afganistan. In the East it is borders on China. In the North it is borders in Kyrgyztan. The capital of Tajikistan is Dushanbe. (Topic). МЮ,МЗА).

В следующих примерах посредством стилистического повтора образуется анафорический параллелизм:

Дар ягон давру замон ҳамсанги нон тилло ***набуд.***
Rиммати дурру гуҳар з-у заррае боло ***набуд.***
Гармбозори ҷаҳонро беш аз он коло ***набуд.***
Хисми одамро чу нон тобу тавон илло ***набуд***.
Дар забонҳо номи нон бе бисмилло ***набуд.*** (Х.,7.08.01).

Мавҷи овози туро ман ***ошиқам,***
Пардаи сози туро ман ***ошиқам,***
Тоза-тоза, нав ба нав эҷод кун,
Ҳар як эҷози туро ман ***ошиқам.*** (ОА,ЁШ,24).

Эллипсис. Эллипсис (эллипс) – пропуск какого – либо слова в одном из предложении текста подразумиваемого на основании его присутствия составить другое предложение в составе текста. Эллипсис также как другие скрепы текста, является не только средством соединения частей текста, но и стилистическим. Эллипсис еще средство выразительное, оно обычно подкрепляется особой интонацией с паузой, отмечающей опущенное, но подразумеваемое слово и порою словосочетание.

Элипсис, как объект языкознания, рассматривался различными лингвистами на материале различных языков (Дари. 1973, Махмудов,1978, Мамедов, 1981; и на материале персидского и таджикского языков (Капранов 1980, 3-20; Эгамбердиев, 1975, 154-160; Зикрияев 1986, 62-63; Олимова Х.2007).

Проведенный лингвистический анализ показал, что как в таджикском языке, так и в анлийском опускаются все члены предложения, но чаще всего главные члены, особенно сказуемое (полностью или частично). Эллипсис в обоих языках характерен особенно в разговорной речи. В таджикском языке больше всего опускаются глагольные и сказуемостные связки.

Манзилашон зимистону тобистон – дехот. Зимистон – Бароз. Тобистон – Вогад. (РА,НЧ,304).

Особенность таджикского языка в использовании эллипсиса, как средства организации текста проявляется в том, что на опущенные члены указывает частица *ҳам*, которая повторяется в каждом его компоненте: Ин таклифро ман *ҳам* ғабул кардам. Мирзо *ҳам*. Дигар донишхеён *ҳам* (СШ,56). – Это приглашение принял *и* я *и* Мирзо *и* другие студенты.

По нашему мнению такой тип предложений не следует считать простым предложением с однородными членами, а текст, состоящий из трёх отдельных эллиптических предложений. В каждом предложении упущено сказуемое – *қабул кардам (принял),* которая может восстанавливаться.

Предложения такого типа часто употребляются в устном народном творчестве, особенно в пословицах и поговорках: Модар чӣ гуна? – Духтар намуна. Арес- чӣ гуна аст? -

Додарарес намуна. (Я.К.МН,130). – Какова мать? – образец ее дочь. Брата невесты можно судить по образу невесты.

Аз булбулак – булбулак. Аз чирчирак – чирчирак. (Я.К.,МН,62). – От соловушки – соловушка. От сверчка – сверчок.

Ман- як заиф, шумо- мард. Кори мард- осон. Кори зан- мушкил. (РА,НЧ,303).

Ризо- меҳнатдӯст. Ризо- боғайрат. Ризо хоксор.(СШ. 93).

Другая особенность таджикского языка проявляется в том, что опущение глагола- связки из состава сказуемого предикативных единиц входит в норму литературного языка: Мардҳо- дар як ҳавлӣ. Занҳо- дар як ҳавлии дигар. Бачагон- дар боғча.(77,155) -Мужчины- в одном дворе.Женщины- в другом дворе.Дети- в садике.

Эллипсис и в английском языке является наглядным показателем связи компонентов текста; СФЕ,ССЦ и т.п. Например: The mutual animosities of the two parties gradually emerged into the light of public life.First came conflicts in Parliament.Then civil war.Then revolutions upon revolutions…(H.pI4).

В данном примере третье и четвёртое предложение являются эллиптическими предложениями. Значение пропущенного элемента, в данном случае сказуемого **came**, восстанавливается из второго компонента единства. Если искусственно отделить третий и четвёртый компоненты от второго, значение их не будет понятно. Таким образом, связь между этими компонентами наиболее тесная, что делает единство цельной нерасчленимой единицей. Помимо эллипсиса средством межфразовой связи служит ряд других сегментных показателей связи, «однако эллипсис выступает здесь основным и наиболее наглядным средством объединения компонентов». (Турмачева,1973,84).

Таким образом, повторы, употребляемые в составе текста, выполняют также определенную функцию: во-первых, они участвуют в организации синтаксической связи между компонентами текста, во-вторых, они являются основными способами экспрессивного выделения и подчеркивания какого-нибудь компонента основного высказывания, акцентируя внимание читателя именно на выделенном отрезке текста. Повторы предают всему высказыванию экспрессивность.

ЛИТЕРАТУРА

1. Гальперин И.Р. Текст как объект лингвистического исследования/ И.Р. Гальперин. – М.: Наука, 1983. -138с.
2. Солганик Г.Я. Синтаксическая стилистика (Сложное синтаксическое целое) / Г.Я. Солганик.– М.: Высшая школа, 1973. -214с.
3. Турмачева Н.А. О типах формальных и лексических связей в сверхфразовых единствах. Дис. канд.фил.наук / Н.А. Турмачева. -М., 1973. -160с.
4. Атомуллоева М.А. Язык и стиль научного текста: дис. канд. филол. Наук / М.А. Атомуллоева. – Душанбе, 2009. -134с.

РОЛЬ СТИЛИСТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В ОРГАНИЗАЦИИ ТЕКСТА

Статья посвящается освещению стилистических средств формирования текста, таких как стилистические приемы параллелизма, градация и эллипсис. Одним из важных стилистических средств объединения частей текста является градация. Градация служит для экспрессивно – эмоционального воздействия на читателя. Помимо такой функции она –это вид повтора, который выполняет роль связующего компонентов текста между собой.

Ключевые слова: освещение, посвящение, стилистической, формирование, текст, приём, параллелизм, градация, эллипсис, пропуск, предложение, компонент.

THE ROLE OF STYLISTIC MEANS IN THE ORGANIZATION OF THE TEXT

Article is dedicated to coverage of stylistic means formation of the text, such as stylistic devices parallelism, gradation and ellipsis. One of the important stylistic means unions parts of the text is graduation. Graduation is for expressive esotsional impact on the reader. An addition to this function it – a kind of repetition, which performs the role of a text components together. Gradation create replays exclamation and question sentences, epiforical repeat and referrals.

Key words: irradiation, dedication, stylistic, conformation, text, acceptance, parallelism, graduation, ellipsis, omission, sentence, component.

Сведения об авторе: ***М.В. Зикриеева*** - кандидат филологических наук, доцент Худжандского государственного университета им.Б.Гафурова. Телефон: **(+992) 2 55 88; (+992) 927-73-54-05, 927-04-88-82**

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ ГРУППА СЛОВ СО ЗНАЧЕНИЕМ *ХЛЕБ/НОН* В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

З. Дж. Мирзоева
Таджикский национальный университет

Слова и термины, обозначающие предметы, действия и различную качественную характеристику поля **хлеб/нон**, в таджикском и русском языках имеют древнюю историю. При изучении истории русского и таджикского народов выявляется, что хлеб и хлебобулочные изделия, как один из основных и наиболее распространенных видов еды, составляют не только предмет повседневной жизни данных народов, но и входят в непосредственную культурную среду и составляют важнейшую часть этой культуры. Многочисленные лексические единицы, связанные с номинацией хлеба и хлебобулочных изделий, их производства в таджикском и русском языках, свидетельствуют о достаточно обширной представленности данного

лексико-тематического разряда в сопоставляемых языках. С ними связаны не только отдельные слова и словосочетания, но и пословицы и поговорки, фразеологические единицы. Поэтому по уровню представленности они охватывают как лексический, так и синтаксический уровни языка. А если исходить из того, что слова данной тематической группы обладают некоторыми особенностями способов словообразования и образованы по конкретным словообразовательным типам, то они закономерно охватывают также морфологический уровень языка.

Так как концепт «хлеб» формируется в сознании русских и таджикских народов под непосредственным воздействием внелингвистических, экстралингвистических, факторов, можно утверждать, что изучение способов его реализации в системе таджикского и русского языков, проливает свет на прошлую историю данных народов, выявляет истоки формирования данной культуры, поэтому имеет лингвокультурологическую ценность.

Изучение концепта ***хлеб/нон*** **-** одного из национально и культурно значимых составляющих концептосферы русского и таджикского языков, позволяет выявить символы духовности русского и таджикского народа.

При классификации лексико-тематического поля *хлеб/нон* в сопоставляемых языках слова и сочетания слов, выражающих все понятие поля *хлеб/нон*, рассматривается как определенное семантическое поле.

Семантическое поле - это семантический разряд, класс или тип слов, объединенных на основе общей дифференциальной семы, характеризуемой особыми, типичными для всего данного поля семантическими признаками.

Категориальный дифференциальный признак и сема объединяют все лексические единицы *хлеб/нон* в одно семантическое поле. Внутри семантического поля исследуемых лексических единиц выделяется некоторая сумма семантических разрядов, так называемых микрополей, которые выявляют семантические отношения в пределах семантического поля, позволяют стратифицировать все лексические единицы по степени яркости категориального дифференциального признака и обозначить границы исследуемого семантического поля.

В языке семантическое поле *хлеб/нон* выражается лексическими единицами, образовательной основой которых выступают разные семантико-грамматические классы. Исследование семантической структуры лексических единиц поля *хлеб/нон* позволяет выделить основные семы, из которых складывается субкатегориальный дифференциальный признак концепта.

Внутри каждого из рассматриваемых микрополей выделяется несколько семантических групп на основе общих групповых сем в структуре значения слов. Каждая групповая сема содержит информацию об определенном семантическом виде слов, существующем в реальной действительности.

Лексические единицы каждой группы и подгруппы отличаются особым характером объекта, что свидетельствует об общности их семантики. Между лексическими единицами внутри групп и подгрупп устанавливаются синонимические и антонимические отношения, подтверждающие системный характер этих семантических объединений.

В системе лексических единиц поля *хлеб/нон* сопоставляемых языков выделяются многочисленные группы слов, основу тематической классификации которых составляют различные семантические признаки. Типичные микросистемы на основе тематической общности составляют лексические единицы, приводимые нами ниже на основе лексико-тематического анализа слов, составляющих сферу семантического поля концепта *хлеб/нон*, а в целом соотносящихся с обозначением или реализацией семантической потенции поля *хлеб/нон*. Нами выявлены следующие лексические единицы, выражающие семантическое поле хлеб/нон в сопоставляемых языках:

Наименование хлебных изделий в «Толковом словаре русского языка» С. И. Ожегова.	**Наименование хлебных изделий в толковом словаре таджикского языка «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ» под редакцией Сайфиддина Назарзода.**
1. батон - -а,м. 1. белый хлеб продолговатой формы. 2. пищевое изделие округлой и удлиненной формы. іі уменьш. батончик, -а, м. шоколадный б.	**1.Ванона** – к ҳ н. Нони гирдаи ғафс.
2. буханка - -и,- ж. формовой, обычно черный хлеб. іі прил.	**2. Зағора** – нон аз орди ҷ увор ӣ ё арзан.

буханочный,-ая, -ое.	
3.Дрочёна – ы,ж. большая лепешка из яиц, замешанных на молоке с крупой, мукой или тертым картофелем.	**3. Кумоч** – навъи нони дар лахча ҳ ои оташ, регги тафсон, дар таги қ ӯ р п ӯ х- ташуда.
4. калач - -а, м. пшеничный хлеб, по форме напоминающий замок с дужкой.	**4. Кулча** – нони гирдаи начандон калони тан ӯ р ӣ, ки бештар аз орди гандум бо ширу рав ғ ан мепазанд: кулчаи рав ғ ан ӣ, кулчаи ширмол, кулчаи қ андин (қ анд ӣ).
5. каравай - -я, м. большой круглый хлеб, на чужой к. рот не разевай (посл.). ii прил каравайный, -ая, -ое.	**5. Қатлама** – т.навъи нони фатирмонанд, ки хамири тунуки рав ғ андори қ абат- қ абатро дар андак рав ғ ан мепазанд; чалпаки вара қ ин.
6. Крендель - -я, мн. -и, -ей и -я, -ей, м. витое хлебное изделие, напоминающее по форме восьмерку. ii уменьш. кренделек, -лька, м. ii прил. крендельный, -ая, -ое.	**6. Қотурма** – т.гуфт. ноне, ки аз хамири норасида дар деги тафсон мепазанд.
7. Кулич - -а,м. сладкий, очень сдобный высокий белый хлеб, приготовленный к пасхе (во 2 знач.). ii уменьш. куличик, -а, м. ii прил. куличный, -ая, -ое. куличное тесто.	**7. Фатир** – ноне, ки аз хамири бемоя (хамиртуруш) пухташуда ё хамири он дуруст нарасида бошад; аз н ӯ ги хамир фатир. (зарб.).
8.пампушка - -и, ж. (разг.). оладья, пышка	**8. Чалпак** – ноне, ки аз хамири тунук рост карда дар рав ғ ан мепазанд;
9. ситник - -а (-у), м. (разг.). ситный хлеб.	**9. Нони ҷаззагин** – ноне, ки дар таркибаш ҷ азза – порча ҳ ои рав ғ ани дунба баъди бирёнро дорост.
10. баранка - -и, ж. 1. пшеничный хлебец в виде кольца из заварного крутого теста.	**10. Нони тунук** – нони па ҳ ни нозук.
11. бублик - -а, м. большая толстая баранка из некрутого теста.	**11. Чапотӣ** – нони тунук.
12. хлеб - -а, мн. хлебы, -ов и хлеба, -ов, м. i. ед. пищевой продукт, выпекаемый из муки (во 2 знач.). печеный хлеб. ржаной или черный хлеб. пшеничный или белый хлеб. ломоть хлеба. кусок хлеба (также перен.: о пропитании, пище вообще).	**12. Ширмол** – навъи нон, ки хамири онро аз орди гандуму нах ӯ ди кофта ва ширу рав ғ ан тайёр мекунанд.
13.Коврига – и,ж. То же, что каравай. прил. Коврижный, -ая, -ое.	**13. Нон** – хӯроки асосии инсон, ки аз орд хамир карда мепазанд: нони гандум ӣ, нони гарм, нони за ғ ора, нони сафед, нони сиё ҳ, нони тафтон, нони фатир, нони хонагӣ, нони хушк, нони ҷ авин, нони ширмол;
14.Рожок – 6.небольшой узкий белый хлеб в форме полукруга.	
15.Плетёнка –и,ж 2.продолговатый витой белый хлеб.	

Хлеб - 'пищевой продукт, выпекаемый из муки' -'хӯроке, ки ордро хамир карда мепазанд'- пересекается с мифологической оппозицией свой // чужой, которая манифестируется посредством оппозиций домашний (хлеб) // магазинный (хлеб). Поскольку домашний хлеб, русская печь/ таджикский танур, сделанные своими руками, являются элементами своего пространства, и оцениваются положительно, так как свидетельствуют о домовитости хозяйки. Казенный хлеб, газовая плита - элементы чужого пространства, поэтому жителями оцениваются отрицательно.

Посредством анализа поля *хлеб/нон* в «Толковом словаре русского языка» и «Толковом словаре таджикского языка» оказалось возможным проследить семантическое пересечение исследуемого поля с ключевыми концептами русской и таджикской культуры - ТРУД, СВЯТОСТЬ, ЖИЗНЬ. С одной стороны, хлеб является продуктом ежедневного

труда, с другой стороны, хлеб как основной продукт питания поддерживает жизнь, поэтому хлеб причисляется к священным предметам.

ЛИТЕРАТУРА

1.Даль В.И. Толковый словарь живого великорусского языка В.И. / Даль. -М.: 1995. -Т. 1,2,3,4. -857с.
2. Ожегова С. И. Толковый словарь русского языка / С. И. Ожегова. -М.: 1986. 793с.
3. «Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ», под редакции Сайфиддина Назарзода. Т.2. -Душанбе: 2008. 949с.
4.Алмазов, Б.А. Хлеб наш насущный / Б.А. Алмазов. -Л., 1991. 341с.
5.Барыкин, К.К. Хлеб, который мы едим / К.К. Барыкин. -М., 1983. 273с.
6.Валенцова М.М. Терминология хлебов в календарной обрядности чехов и словаков / М.М. Валенцова. Типы мотиваций // Славянское и балканское языкознание. — М.: Индрик, 1999. 354с.
7.Синячкин, В.П. Концепт ХЛЕБ в русском языке / В.П. Синячкин. Лингвокультурологические аспекты описания: автореф. дис. канд. филол. наук. -М., 2002. 298с.
8. Вахоб Ходжиев. Лепешки / Вахоб Ходжиев. Таджикская кухня. -Душанбе: «Ирфон», 1989. 65с.

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ ГРУППА СЛОВ СО ЗНАЧЕНИЕМ *ХЛЕБ/НОН* В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ

В данной статье рассматривается лексико-семантическая группа слов со значением хлеб/нон в русском и таджикском языках на основе толковых словарей. Описывается наименование хлебных изделий, проводится их лингвистический анализ в русском и таджикском языках.

Ключевые слова: хлеб**,** лексические единицы, культура, тематическая группа, классификация, лексико-тематический анализ.

THE LEXICONS-SEMANTIC GROUP OF WORDS WITH VALUE «BREAD» IN THE RUSSIAN AND TAJIK LANGUAGES

In this article is considered the lexicons-semantic group of words with value bread in the Russian and Tajik languages on the basis of explanatory dictionaries. Described the name of grain products, is carried their linguistic analysis in the Russian and Tajik languages.

Ключевые слова: хлеб**,** лексические единицы, культура, тематическая группа, классификация, лексико-тематический анализ.

Сведения об авторе: ***З. Дж. Мирзоева*** –аспирантка кафедры общего языкознания и сравнительной типологии Таджикского национального университета. Телефон **919 39 92 98**

СУХАН АЗ БОБИ МАЪНИШИНОСӢ

(С. Анварӣ ва Х. Табаров. Ҳоҷӣ Ҳусайн ва арзиши сухан. – Душанбе: Адиб, 2013, 128с.)

Д.Т. Муҳиддинова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ аз зумраи шоирони боистеъдоди нимаи дувуми асри Х1Х ва аввали асри ХХ тоҷик мебошад, ки дар замони Шӯравӣ аз доираи таҳқиқи ҳамаҷонибаи муҳаққиқони адабиёт дур монда буд, аммо баъди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бартараф гардидани сарҳадҳои мафкуравӣ ҳаёт ва осори ин мутафаккир мавриди омӯзиши ҷиддӣ қарор гирифт.

Китоби «Ҳоҷӣ Ҳусайн ва арзиши сухан» намунаи басо ҷолиби таҳқиқи суханшиносӣ ва маъниофаринии Ҳоҷӣ мебошад. Муҳаққиқон С. Анварӣ ва Х. Табаров кӯшидаанд, то мартабаи Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро ҳамчун шоир, суханвар ва луғатнигор бо далелҳои зиёд пешкаши хонанда гардонанд ва барҳақ, шахсияту чеҳраи шоирии ин суханвари беназирро равшану возеҳ таҷассум намуда, ба ҳадафашон расидаанд.

Китоб дар асоси усулҳои муқоисавӣ-таърихӣ, омӯзиши типологии жанрҳо ба сохтори осори адабӣ ва вожашиносиву вожасозӣ фароҳам омадааст. Муаллифон аз фарҳангу луғатномаҳо, дастовардҳои донишмандони ватанию бурунмарзӣ, бахусус М. Турсунзода, Н. Маъсумӣ, М. Казозӣ, Л.Н. Киселева, В.И. Миколайчик, В.А. Лившиц, Х. Шилд, С. Ҳалимов, А. Сӯфизода, М.Н. Қосимова, Д. Хоҷаев истифода намуда, осори шоирро вобаста ба мавзӯъҳои гуногун шарҳу тафсил додаанд.

Муҳаққиқон ин китобро ба нуҳ фасл, аз ҷумла фаслҳои «Зиндагиномаи мухтасари шоир», «Тааммул бар сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн», «Арзиши сухан аз нигоҳи Ҳоҷӣ Ҳусайн», «Фотеҳи маъдани ниҳон», «Ҷойгоҳи сухан дар фарохнои андешаи шоир», «Муроти меъёр дар корбурди вожаҳои муқтабас, «Сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ»» ҷудо намуда, онҳоро мувофиқи мақсади дар наздашон гузошта муфассал таҳлил кардаанд.

Муҳаққиқон барои баррасии фасли аввал асосан, ба маълумоти тарҷумаҳолии «Ашъори мунтахаби Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ», ки дар таҳияи С. Султон соли 1962 ба

нашр расида буд, такя намуда, оид ба соли таваллуд, сабаби ба таҳсил рафтан, сафари ҳаҷ, ҳаёти оилавӣ, муносибати Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ ба табақаҳои гуногуни ҷомеа ва миқдори то ҳол боқимондаи ашъори шоир маълумот дода, бамаврид таъкид намудаанд: «Пажӯҳишгарон бар ин назаранд, ки бархе аз навиштаҳои мутафаккир дар Куллиёт дарҷ наёфтаанд, яъне эҷодиёти эшон ба таҳқиқи жарфи илмӣ ниёз хоҳад дошт…» (2, 6).

Дар қисмати **«Фасле тааммул бар сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн»** муаллифон ақидаҳои мутафаккиронро оид ба ҳифзи забон, фарҳанги миллӣ ва зарурати ба ҷаҳониён муаррифӣ намудани онро оварда, дар ин соҳа хидмати шоистаи шоирону нависандагони адабиёти классикӣ, аз ҷумла Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро таъкид намудаанд. Аз ашъори Ҳоҷӣ мисолҳои зиёде овардаанд, ки ҳунари суханпардозии шоирро чӣ дар пайравӣ ба мутафаккирони адабиёти гузаштаи тоҷик ва чӣ дар эҷоди як идда калимаву ибораҳои рангин бозгӯ менамояд. Калимаҳои **моя, жарф, вом** дар ашъори саромадони сухани порсии дарӣ, чун Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосими Фирдавсӣ омадаанд, ки анъанаи онҳоро Ҳоҷӣ идома додааст:

Сар дар хатти бандаги-т будан
Шуд **моя**и ифтихор бар мо (3, 24).

* * *

Пайи рангинии ин номаи **жарф**
Давоти сина шуд лабрези шанҷарф (3, 328).

Муаллифон дар байти аввал вожаи «**моя**»-ро мисол меоранд ва онро калимаи арабӣ гуфта, чунин маънидод кардаанд: **асос, сабаб, сарват**. Дар байти дувум бошад, вожаи «**жарф**»-ро мисол меоранд ва онро калимаи арабӣ ва туркӣ шуморида, чунин маънидод кардаанд: **умқ, чуқур(ӣ).**

Дар баробари ин, муаллифон маҳорати Ҳоҷиро дар сохтани вожаҳои шаклан мураккаб низ нишон дода, қайд мекунанд, ки ин вожаҳои интихобнамудаи шоир дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дида намешавад: **нуктафармо, ғалатгир, раҳгир, арзахонӣ** ва таркибҳои **марди адабвар, дидаи ибратгар, дастгоҳи ҳиммат, арзагоҳи нома, сари қаҳр, нософии дил, умри дарози носазовор** ва монанди инҳо:

Аз ин душвортар набвад, ки бо ҳарфи хирадманде,
Шавад аблаҳнавое **нуктафармо**ву **ғалатгираш** (3, 135).

* * *

Нософии дилро набувад ҳеҷ илоҷе,
Аз санги сияҳ тирагӣ натвон зудудан (3, 186).

Муаллифон барои баррасии мавзӯи худ махсусан аз ғазалиёт, манзумаҳо, мактубҳо ва достони «Комде ва Мадан»-и Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ истифода карда, ба хулосаҳои ҷолиб омадаанд: «Шоир бо риояти қоидаи вожасозии суннатӣ калимаҳоеро эҷод намудааст, ки таркибан мураккабанд ва дар «Фарҳанги забони тоҷикӣ» корбурд надоранд… ва шояд ба далели тангии вақт буда бошад, ки мутасаддиён аз ғановати маводи луғавии забони ӯ мақулаҳои луғавии камро баргузидаанд» (2, 8).

Дар баробари ин, дар ин фасл таъкид мешавад, ки Ҳоҷӣ ба мисли ҳамзамононаш бо таъсири сабки бозгашт ё бедилӣ бояд кӯшиши эҷоди шеър менамуд, то ҳунари ӯ ҷавобгӯйи замон мегашт. Барои муассирии баёнаш шоир аз таркибҳои гуногун истифода карда, ашъорашро пурғановат гардонидааст: **сухан ба таҳи гӯш кардан, дида чор кардан, аз худ бурдан, дар сухан даромадан, гуфтор рехтан, хоб шикастан, осонӣ дидан, рафтани ҷавонӣ, интизор будан, диққат ҷалб кардан, сухан гуфтан, аз хоб нофор кардан** ва ғайра:

Сухани сарди рақибон ба **таҳи гӯш кунӣ,**
Ҳарфи моро биниҳӣ туҳмати афсона чаро? (3, 17)

* * *

Биё, мутриб, бизан сози хамӯшӣ,
Ҷавонӣ рафт, бас, беҷохурӯшӣ (3, 332).

Дар фасли **«Арзиши сухан аз нигоҳи Ҳоҷӣ Ҳусайн»** ҳунари нигорандагии Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ ҳамчун шоир, орифи асил, ки ишқи беолоиши ӯро тавассути ихлосу эътиқод ба каломи раббонӣ, ба адабиёти гузашта ва панду андарзҳои халқ, дар баробари он маҳорати вожаю таркибофаринии шоирро нишон додаанд.

Дар китоб мақоми сухани Ҳоҷиро дар қиёс ба сухангустарони бузурги гузашта тақвият дода, қурбу манзалати ҳунари суханофаринии ин мутафаккирро қайд намуда, мавзӯи ашъори шоирро чунин гурӯҳбандӣ намуданд: **дар нигаҳдошти забон, дар суди ширинсуханиву нармгӯйӣ, сухан санҷида ва бачо гуфтан, дар фоидаи гӯш кардани сухан ва аҳамияти хомӯшӣ, мазаммати пургӯйиву беҳудагӯйӣ**. Масалан, дар

мавриди **сухан санҷида гуфтан** забони Ҳоҷӣ дорои вижагиҳои хос мебошад. Қабл аз ӯ бисёр шахсиятҳое ба майдони адабиёт омада буданд, ки тарзи **гуфтори санҷида**ро васф кардаанд. Байт аз Абдулқодири Бедил:

Сухан санҷида гӯ, то дӯстро душман нагардонӣ,
Зи ҳарфи бетааммул ошно бегона мегардад (1, 13).

Ҳоҷӣ мегӯяд:

Биё мутриб, бизан дар парда гулбом,
Зи ваҳшат хотирам то гирад ором,
Ки дилро хуш кунад мавзунии тор
Чу ҳарфи мардуми **санҷидагуфтор** (6, 419).

Ё ки:

Касе мавзун набошад, нест инсон,
Сухан санҷидагӯйӣ нест осон (6, 420).

Дар бахши «**Фотеҳи маъдани ниҳон**» муаллифон басо нозукбинона ба осори шоир назар кардаанд: «Файзи сухан ва сарсарӣ нагуфтани мутафаккир нишонаи вусъату андешаву диди ӯст, ки маншааш аз як сӯ, фазлу иноятӣ бахшоиши Худованд (Файзи сухан бахшиши субҳонӣ аст, Табъи накӯ рутбаи инсонӣ аст, (6, 419) буда бошад, аз сӯйи дигар, натиҷаи пажӯҳишу таҳқиқи бардавом аст ва чун ба муҳтавои Куллиёт ворид мешавӣ, он гоҳ дармеёбӣ, ки Ҳоҷӣ аз ин ковишҳо қонеъ аст ва бо қаноатмандӣ ва тафохури шоирона мегӯяд» (2, 19):

Арши суханро бидиҳам бартарӣ,
Фарши хирадро бикунам зеварӣ (6, 423).

Дар ҳақиқат, муҳаққиқон тавонистаанд, ки дари розҳои дили шоирро кушода маҳорати суханпардозии ин шахси бузургро аз офаридаҳояш дарёбанд. Чунонки дар як байташ Ҳоҷӣ худро дар баробари дигар шоирони гузашта аҳли маънию фотеҳи маъдани ниҳон гуфта, дарёфти ҷавҳари суханро хосияти таҳқиқ гуфтааст, на тақлид:

Хосияти таҳқиқ зи тақлид наёяд,
Аз фалс нашояд, ки кунӣ кори дирамро (6, 21).

Ба ин маънӣ, таркибҳое, ки аз вожаҳои **забон, сухан, ҳарф** сохта, ба маънои маҷозӣ корбурд шудаанд, ҷолиби диққатанд: **забон ба ҳарф лағзидан, забон дар хун кашидан, забон тарҷумон кардан, ришгаи гуфтори забон бигсастан, сарфи суханварӣ кардан, ҳарф сароидан:**

Ба Худо ки шармам ояд, чу туро хитоб созам,
Ки **забон ба ҳарф лағзад**, чу ту дар сухан даронӣ (6, 301).

* * *

Забонро ришгаи гуфтор бигсаст,
Нигаҳро айнаки дидор бишкаст (6, 442).

Ҳамчунин бо вожаҳои мазкур шоир калимаҳои мураккаб, аз қабили **лакнатзабон, саризабонӣ, суханқарор, суханхон, мавзункалом, нуктафармо, ҳарфозмо, ҳарфронӣ**:

Ваю як сӯ зи алфози маонӣ,
Ману дар маърази **лукнатзабонӣ** (6, 391)**.**

* * *

Ки эй, аз хоби ғафлат бош бедор,
Ту ҳам **мавзункаломӣ**, бош дар кор (6, 422).

Дар мавриди арзиш, мақом ва нерӯи забону сухан мутафаккирони пешин вожаҳои гуногунро кор фармудаанд: **забон**ро ба **ханҷар, тир** (Фирдавсӣ), **алмос**, **дос** (Хусрави Деҳлавӣ), **камон** (Носири Хусрав), **теғ** (Ҳилолӣ), **шамшер** (Низомӣ), **тарозу, паҳлавон** (Фирдавсӣ), **аскар, дабир** (Носири Хусрав) ва ғайра монанд кардаанд. Аммо муаллифон дар ин бахш маҳорати Ҳоҷиро бо истифода намудани вожаи форсӣ-тоҷикии «**дашна**» нишон дода, ин калимаро чунин маънидод кардаанд: **корди нӯттез ва ё ханҷар:**

Забон чун **дашна**и гуфтор гирад,
Ниём аз оби ханҷар бор гирад (6, 420).

Бо ин роҳ саҳми муносиби ин мутаффакирро дар ғанӣ гардонидани захираи луғавии забони форсии тоҷикӣ нишон медиҳанд.

Устод С. Анварӣ ва Х. Табаров дар фасли «**Ҷойгоҳи сухан дар фарохнои андешаи шоир**» сарчашмаи андешаҳои аҳли илму адабро аз муҳтавои Қуръони карим ва каломи паёмбарон мешуморанд ва барои тақвияти фикри худ аз осори Абулқосими Фирдавсӣ, Насируддини Тусӣ, Носири Хусрав мисолҳо оварда, дар баробари онҳо Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро ҳамчун суханвари мумтоз, ки аз як гӯшаи диёри Хатлонзамин баромадааст, ном бурдаанд ва зимни таҳқиқ ба натиҷае

расиданд, ки Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ «дар заминаи улуми адабӣ, бахусус дар риштаи луғат, сарфу наҳв ва баён, дониши вофир доштааст» (2, 30):

Ҷуз мазҳаби худ якҷиҳатон ҳеҷ нафаҳманд,
З-алфози «Муҷастӣ»-ву зи «Занд»-у хати «Позанд» (6, 158).

Вожаҳои **Муҷастӣ, Занд, Позанд** ба бохабарии шоир аз вазъи таърихии давраҳои қадими забони модарии мо ишора мекунад. Ба ақидаи муаллифони китоб чунин мисолҳо дар ашъори Ҳоҷӣ зиёд ба назар мерасанд.

Корбурди баъзе вожаҳо ба монанди **дутор, торӣ** бошад, дар адабиёти классикӣ аз Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ оғоз шудааст, зеро вожаи **дуторро** дар таркиби луғати дуҷилдаи «Фарҳанги забони тоҷикӣ» дарёфт накардаанд. Вале вожаи **тор** дар забони форсии тоҷикӣ ва давраҳои мухталиф дар шаклҳои гуногун омада, муродифи он дар осори хаттӣ **зиҳ** буда ва **зиҳро** ба **камон** нисбат додаанд:

Чу **тор**и зулфи туам, дил зи тоб меларзад,
Ба ҳар даме ки занад **торӣ** бар **дутор** ангушт (6, 89).

Дар ин бахш муаллифон кӯшидаанд, ки аз ашъори Ҳоҷӣ силсилалуғотеро биёранд, ки онҳо офаридаҳои қаламии шоирро боз ҳам гуворотар гардонидаанд: **беҳанг, ноқабул, пурошуфт, сероҳанг, ҳамхок, бедирангӣ, ноодамӣ, ногумонӣ, гаҳин, ғаюрӣ, қудраттор, наргисистон, садафсон, тимсолвор, хандазор, ҷавина, оҳанкор, ҳурматаломат, ҳиноранг, ҳавасовора, соҳибиқбол, ҳақнамо, хазинахона, ҷонҳалок, рӯтурӯш, набзбин…**

Ҳоҷӣ дар сохтани ибороти маҷозию васфӣ низ ҳунарашро зоҳир намудааст, ки ин таркиботи эҷоднамудаи ӯро муаллифон маҳсули шоир донистаанд: **дарси ишқбозӣ, мақомоти баланд, табъи ноҳамвор:**

Муаммоест **дарси ишқхонӣ**,
Надорад ғайри ҳайрат тарҷумонӣ (6, 446).

* * *

Ҳазар аз дахли бечо дар каломи хурдабинон кун,
Мабодо, хиҷлате аз **табъи ноҳамвор** дарёбӣ (6, 309).

Эшон таркибҳои зиёдеро дар ашъори Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ пайдо намудаанд, ки ба маънои маҷозиашон корбурд шуда, омӯзиши онҳо барои инкишофи забони тоҷикӣ зарур ва муҳим мебошад.

Дар бахши шашум «**Муроотӣ меъёр дар корбурди вожаҳои муқтабас**» муҳаққиқон мухтасар таърихи вуруди калима, ибора ва ҷумлаҳои арабиро ба забони тоҷикӣ ба муҳокима гирифтаанд. Маълум мешавад, ки вожаҳои арабӣ дар аввалҳо аз тарафи намояндагони адабиёти классикии тоҷик кам истифода мешудаанд, вале баъди шикасти давлати Сомониён бо таъсири авзои сиёсӣ ва динӣ нуфузи забони арабӣ зиёд гардид, ки он ба вазъи илмию адабӣ таъсири худро расонд. Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ низ дар баробари ҳамзамонони худ аз калимаву таркибҳои ба истилоҳ дар забон «ҳазмшуда» аз қабили: **амроз, анвоъ, аршад, иқтизо, ионат, иртиқо, иттилоъ, ихтилот, иртибот, қазия** ва монанди инҳо фаровон истифода кардааст, ки муаллифон ин вожаҳоро бо шарҳашон пешкаш намудаанд:

Чаро, эй дил, висоли хубрӯён **иқтизо** кардӣ?
Тамошояш чӣ шуд, худро ба меҳнат ошно кардӣ? (6, 311)

Иқтизо ба маънии **хоҳиш, дархост, талаб** омадааст.

Мадад ҷустам зи арвоҳи Низомӣ,
Ионат аз равони Шайх Ҷомӣ (6, 422).

Дар ин ҷо калимаи **ионат** ба маънии **ёрӣ, ёрӣ додан, кӯмак** кардан аст.

Муаллифон дар фасли «**Сухани Ҳоҷӣ Ҳусайн ва «Фарҳанги забони тоҷикӣ»**» «Фарҳанги забони тоҷикӣ»-ро ҳамчун қомуси азими луғавӣ ном бурда, оид ба заҳмати мураттибони қомус маълумоти муфид пешкаш намудаанд. Ин фарҳанг аз 45 ҳазор моддаи луғавӣ иборат буда, аз панду андарзҳои нобиғагони арсаи ҳунару адаб таркиб ёфтааст. Бо вуҷуди ин бартариҳо муаллифон пешниҳод кардаанд, ки бори дигар фарҳанги мазкур таҷдиди назар шавад ва ба сафҳаҳои он аз сарвати луғавии ҳавзаи адабиёти форсии тоҷикии Моваруннаҳр вожаҳоеро, чӣ тоҷикӣ ва чӣ арабӣ, ки дар фарҳанги мазкур мавҷуд нестанд, ворид карда шавад.

Яке аз ин адибон Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ буда, муҳаққиқон дар натиҷаи ҷустуҷӯйи зиёд дар таркиби «Фарҳанги забони тоҷикӣ» 81 вожаи истифоданамудаи Ҳоҷиро пайдо кардаанд. Ҳамчунин дар осори ин мутафаккир бисёр вожаҳои форсии тоҷикӣ ва арабиро ба мушоҳида гирифтаанд, ки дар саҳифаҳои «Фарҳанги забони тоҷикӣ» ҷой додани онҳо ба нафъи аҳли илму адаб аст: **орзуталош, оҳанкор, чорроҳ, раҳгир, паноҳҷо, рӯтурушон, сабзадор, шишагар** ва монанди инҳо:

Аз сияҳкорон наёяд санъати шоистае,

Теғро каҷпайкарӣ ҷуз айби **оҳанкор** нест (6, 68).

* * *

Ҳоҷӣ, барои дидани рӯят ба **чорроҳ**
Умре нишасту дидаи худ чор карду рафт (6, 69).

Дар фасли «**Эҳёи вожаҳо дар даврони Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон**» муаллифон аз ашъори Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ вожаҳоеро баррасӣ кардаанд, ки дар замони Шӯравӣ дар кунҷи фаромӯшӣ буданд ва маҳз баъди Истиқлол аз нав эҳё гардида, боиси афзудани ғановати забони тоҷикӣ гардидаанд. Онҳо вожаҳои бисёреро, аз қабили **мавод, тафриқа, теъдод, пажӯҳидан, пазируфтан, подош, ройгон, мусаллам, музоддад…,** таҳлил карда чунин натиҷагирӣ мекунанд, ки: «Давраи Истиқлол муҷиби таҳаввулот дар сохтори ҷомеа шуд, ҷаҳонбинии миллӣ тағйир хӯрд, дар муҳити фарҳангӣ низ дигаргунӣ ба вуҷуд омад ва роҳи камолоти забон ҳам кушода шуд» (2, 55).

Дар мавриди якчанд вожаҳо аз ашъори Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ мисол оварда, муҳаққиқон тавонистанд исбот намоянд, ки ин калимаҳо дар забони тоҷикӣ ҳаққи истифода доранд:

Бар қалам чанде гуфтугӯ кардам,
Ин **пажӯҳӣ** барои ӯ кардам (6, 369).

Вожаи **пажӯҳидан** дар луғат ба маънои **ҷустуҷӯ, кофтуков, омӯзиш ва таҳқиқ** аст, **пажӯҳӣ**, ба гумони ғолиб, сурати тахфифёфтаи он аст.

Ҳоҷӣ, чу қалам баста камар баҳри ғуломӣ,
Дар ҷурму гунаҳ гир ба **подош**и савобаш (6, 201).

Падош ба маънии **ҷазо, сазо; мукофоти амал, музд** омадааст.

Дар тадқиқи муаллифони китоби номбурда эҳсоси миллӣ ва ватаншиносӣ баръало мушоҳида мешавад. Онҳо барои ба забони тоҷикӣ ворид кардани вожаҳою таркибҳои нав ва ба ин восита бой ва ғанӣ гаштани таркиби луғавии онро тақозо доранд ва бо такя аз ақидаҳои забоншиносони барҷастаи ватаниву хориҷӣ калимасозиро яке аз бахшҳои ҷудогонаи забон шуморида, дар мисоли ашъори Ҳоҷӣ роҳҳои мувофиқу муҳимми бою ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забонро пешниҳод кардаанд. Мувофиқи тадқиқот, вожа ва таркиботи сохтаи Муҳаммадҳусайни Ҳоҷиро аз осори адибони дигар наметавон пайдо кард ва ин маҳорати ӯро бо тавассути унсурҳои сарфӣ дарёфт намудаанд.

Аз мутолиаи ин китоб мо ба хулосае омадем, ки муаллифон бо пешниҳодоти муфиди хеш дар ҳақиқат, саҳми босазо барои тараққиёти минбаъдаи забони адабии тоҷик гузоштаанд. Онҳо китоби мазкурро ба фаслҳо ҷудо намуда дар ҳар яки он баҳсҳои ҷолиб карда, аз гулвожаҳою таркибҳои осори Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ истифода намуда, тавонистанд, ки маҳорати офарандагии ин суханвари беназирро басо равшану возеҳ ошкор созанд.

Чун сухан дар хусуси осори Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ меравад, муаллифон зарур донистаанд, ки оид ба зиндагинома ва мероси адабии шоир низ мухтасар маълумот диҳанд. Аз ҷумла, дар саҳифаи 3 китоб омадааст: «Ҳоҷӣ Ҳусайн соли 1868 дар деҳаи собиқ Найистони Кангурти вилояти Хатлон ба дунё омадааст».

Бояд гуфт, ки замони вафоти Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ муайян ва равшан аст. Соли 1923, вақте ки Садри Зиё «Тазкират-уш-шуаро»-и Ҳоҷӣ Неъматуллоҳи Муҳтарамро, ки таълифаш соли 1910 қатъ ёфта буд, таҳриру такмил мекунад, аз рӯйи ихлос маълумоти оид ба Ҳоҷӣ Ҳусайн бударо пурратар карда, ба зодгоҳаш баргаштан, соли 1913 дар матбааи Тошканд ба табъ расидани Куллиёт ва соли 1917 вафот ёфтани шоирро аниқ қайд мекунад. Агар Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ соли 1868 ба дунё омада бошад, пас шоир ҳамагӣ 49 сол умр дидааст, ки ин ба ҳақиқати таърихӣ, аз ҷумла ба ишораҳои худи шоир мувофиқат намекунад. Аз ҷумла дар манзумаи «Василат-ун-наҷот», ки ба мадҳи ҳазрати Муҳаммад (с) бахшида шудааст, чунин байт вуҷуд дорад:

Аз рӯйи карам матоб рӯят,
З-ин мӯйсафеди рӯсиёҳат (6, 356).

Ё худ Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ дар мактуби манзумаш, ки ба писари Авлиёқулибек – Субҳонқулибек ирсол медорад, гуфтааст:

Банда пиру нотавон ҳастам,
Дар дуои ту, то тавон, ҳастам (6, 512).

Маълум, ки шахси 40 – 50-сола худашро мӯйсафед ё пири нотавон ном намебарад. Аз Куллиёти Ҳоҷӣ (1998) таваҷҷуҳи моро як қайди веростори он – А. Абдурраҳимӣ ҷалб кард: «Бону Бибибақия (духтари шоир) изҳор дошт, ки ҳангоми гузаштани падараш ӯ панҷ - шаш сол доштааст ва падарашро 49-сола давра

гирифтаанд» (6, 9). Аз рӯйи қоидаи мусулмонӣ ҳангоми давра кардани марҳум агар зан бошад, 9 сол ва агар мард бошад, 12 соли аввалро чун айёми тифлию бегуноҳӣ аз ҳисоби умумии умр ихтисор мекунанд (4, 28). Агар ҳангоми давра гирифтан Ҳоҷиро 49-сола гуфта бошанд, пас 61 сол умр дидааст, ки ин ба ҳақиқат як андоза наздик аст.

Роҷеъ ба масъалаи соли таваллуд ва фавти шоир муҳаққиқ Р. Худоёров қайдҳои як қатор адабиётшиносонро, ки хонандаро ба иштибоҳ меандозад, зери шубҳа гузошта, дар мақолаи худ «Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ чанд сол умр дидааст?» андешаҳои ҷолибе пешкаш намудааст: «Мураттибони «Куллиёт»-и Ҳоҷӣ Ҳусайн санаи таваллуди шоирро 1868-ум ва соли фавташро 1917-ум гуфтаанд. Аз ин иқтибос маълум мегардад, ки шоир на 41 сол, балки 49 сол умр дидааст» (5, 6).

Аммо ӯ ба ин қайди адабиётшиносон розӣ набуда чунин мегӯяд: «Аз рӯи адолат бояд гуфт, ки сухани тифли 6–7-сола, ки худ ҳанӯз аз оламу одам бехабар аст, оё ба ин қазия далели боэътимод шуда наметавонад? Аз байтҳои ҷудогонаи дар «Куллиёт»-и шоир овардашуда дармеёбем, ки Ҳоҷӣ даврони пириро ҳам аз сар гузаронида, аз «**ҳилоли пайкар**», «**қади хамида**», «**пиронсолагӣ**», «**то ҳафтод**» барин таркибҳо сухан рондааст» (5, 6).

Аз иқтибосҳои зиёди овардашуда муҳаққиқ ба чунин хулоса меояд, ки «Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ на 41 ё 49 сол зиста, балки ӯ шояд аз 70 сол зиёд умр дида бошад» ва таъкидан чунин мегӯяд: «Рӯзе мерасад, ки муҳаққиқони осори шоир санади боэътимодеро пайдо карда, таърихи аниқи таваллуди шоирро муайян хоҳанд кард» (5, 6).

Дар китоби «Ҳоҷӣ Ҳусайн ва арзиши сухан» баъзе гуногунҳониҳои дигар низ ба назар мерасад. Ба андешаи мо, рисолаи «Мунтахаб-ул-ахбор фи табақот-ус-салотин»-ро маҳсули қалами Ҳоҷӣ Ҳусайн донистан дуруст нест ва унвони рисолаи «Ашколи хутути исломия»-и Ҳоҷиро дар шакли «Хутути ашколи исломия» овардан ғалат аст.

Умуман, китоби «Ҳоҷӣ Ҳусайн ва арзиши сухан» тадқиқоти арзишмандест оид ба забон ва услуби нигориши ин мутафаккир ва аз мутолиаи он кас ба хулоса меояд, ки Ҳоҷӣ ба пасояндагон сарвати бебаҳои фарҳангӣ ба мерос гузоштааст. Омӯзиши муфассал ва корбурди гулвожаҳои осори шоир ба бою ғанӣ гардонидани таркиби луғавии забони адабии тоҷикӣ мусоидат карда, боиси тақвияти арзишҳои фарҳангии миллӣ мегардад. Чопи китоби мазкур саҳифаи тозаест дар тадқиқи осори Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулқодири Бедил. Осор / Бедил Абдулқодири.-Душанбе: Адиб, 1991. -Ҷ. 3. – С. 13.
2. Анварӣ С., Табаров Х. Ҳоҷӣ Ҳусайн ва арзиши Сухан / С. Анварӣ, Х.Табаров – Душанбе: Адиб, 2003. – 128 с.
3. Султон С. Асарҳои мунтахаби Муҳаммадҳусайни Ҳоҷӣ / Султон – Душанбе: НДТ, 1962. – 341 с.
4. Фарзи айн (таҳияи Пӯлоди Юсуф).– Душанбе: Сарват, 1991.–30 с.
5. Худоёров Р. Ҳоҷӣ Муҳаммадҳусайни Хатлонӣ чанд сол умр дидааст? / Р. Худоёров // Адабиёт ва санъат. – 2013. – 15 август.
6. Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. Куллиёт (ба чоп тайёркунандагон Қ. Чиллазод ва А. Абдурраҳимов) / Ҳоҷӣ Ҳусайни Кангуртӣ. – Душанбе: Ирфон, 1998. – 524 с.

О СЕМАНТИКЕ

(С. Анвари и Х. Табаров. Ходжи Хусайн и значение слова. – Душанбе: Адиб. 2013. 128 с.)

Данная статья посвящена изучению и рассмотрению научного труда таджикских ученых С.Анвари и Х.Табарова «Ходжи Хусайн и значение слова», посвященного изучению особенностей языка поэта конца XIX начала XX вв. Ходжи Хусайна Кангурти. Мастерство Хаджи Хусайна особенно отчетливо проявляется в искусстве словообразования. Творчестве поэта может содействовать развитию таджикского литературного языка в современный период. Искусство словообразования в творчестве Хаджи Хусайна многогранно. Для образования новых лексических единиц поэт пользуется разнообразными способами и приёмами. Созданные им новые лексемы отличаются оригинальностью и безупречностью. Почти все новообразования поэта могут быть использованы для пополнения лексического состава современного литературного языка.

Ключевые слова: «Ходжи Хусайн и значение слова», творчество поэта, лексический состав современного литературного языка, искусство словообразования, образование новых лексических единиц.

ON THE SEMANTICS OF

(S. Anwar and H. Tabarov. Haiii Husayn and the meaning of the word. - Dushanbe: ADIB. 2013. 128 S.)

This article is devoted to the study and consideration of scientific work of the Taiik scientists Sanwari and Hrabaloya "Haiii Husayn and the meaning of the word"devoted to the study of features of the language of the poet of the late XIX-early XX centuries Hussain Khoia Kangurti. Skill Haii Husayn especiallv clearlv manifested in the art of word formation. The creativitv of the poet mav contribute to the development of the Taiik literarv language in the modern period. the Art of word-formation in the creation of Haii Hussein multifaceted. For the formation of new lexical units. the poet uses a varietv of methods and techniques. Created new tokens originalitv and perfection. Almost all tumors of the poet can be used to replenish the lexical part of the modern literary language.

Kev words: "Haiii Husavn and the meaning of the word. the poet, the lexical part of the modern literary language, the art of word-formation, the formation of new lexical units..

Сведения об авторе: ***Д.Т. Мухиддинова*** – кандидат филологических наук, ТНУ. Телефон: **917-24-72-52**

О ВИДАХ СИНТАКСИЧЕСКОЙ СВЯЗИ МЕЖДУ ПРЕДЛОЖЕНИЯМИ ТЕКСТА

М.В. Зикриёева
Худжандский государственный университет им.Б.Гафурова

Как мы отметили раньше, между предикативными единицами текста, между абзацами, главами и т.п. частями текста существуют связи, отношения, определяемые функциями коммуникативного аспекта. Это и есть симантико - грамматическая связь, которая проявляется посредством ряда лексических, грамматических и просодических средств.

Иначе говоря, таким образом, создается, обнаруживается связная речь. Мы имеем теперь дело не с простым или сложным предложением, а с синтаксической единицей высшего уровня. К ней лишь в незначительной степени приложены лексико-грамматические связи, а также способы и средства связи составляющих частей данных синтаксических категорий. «Ни один из известных в синтаксисе способов связи (согласование, управление, примыкание и др.) здесь не может быть использован, так как речь идет о соединении самостоятельных, структурно-законченных единиц.» (Солганик 1973,51). Говоря иначе, больше всего структурная соотнесенность отдельных предложений определяет характер связи между частями текста.

Итак, учитывая смысловую и грамматическую природу синтаксических единиц большего за грани предложения, Г.Я. Солганик предлагает название следующих видов связи между предложениями текста: цепную и параллельную связь за основу классификацию видов связи Г.Я Соганикам и других исследователей текстовых единиц и развивая их, мы представим следующею группировку межфразовых связей: **а)** цепочная связь; **б)** параллельная связь; **в)** присоединительная связь; **г)** дейктическая связь

Цепная связь: Цепная связь является одним из способов объединения (соединения) самостоятельных предложений в одно целое. Она заключается в структурном сцеплении предложений. Структурное сцепление осуществляется в повторе акцентируемого в предыдущем предложении слова и употреблении его в следующем.

Итак, “главное в цепной связи – структурная соотнесенность предложений, виды этой соотнесенности: дополнение-подлежащее; подлежащее-дополнение;дополнение-дополнение;сказуемое-подлежащее и др. По способу выражения можно выделить: цепную лексическую, цепную местоименную и цепную синонимическую связи”. (Солганик 2003,33).

С принципами цепной связи предложений хорошо соглашается теория актуального членения предложения. Она изучает предложения в тесной связи с выражаемой им мыслью. В предложении выделяется «ядро» высказывания, её основа. (Гр-2,94). Развитие содержания предыдущего предложения (темы) в последующих предложениях становится уже исходным пунктом и требует нового ядра высказывания. Так, анализированный нами материале построен по модели: подлежащее-дополнение; дополнение-подлежащее; дополнение – дополнение.

При цепочном или же последовательном расположении предложений текста, в отличие от параллельного построения их, содержание одного предложения соотнесено с содержанием другого предложения, они разъясняют друг друга и зависимы от друг друга.

В текстовых единицах, построенных посредством способа последовательной связи, дается постепенное развитие мысли предложения и по смыслу и по способу формирования как бы цепляются одно за другое то, что в первом предложении сообщается как новое, в следующем становится известным, т.е. в содержательном плане: рема первого предложения становится темой второго, рема второго становится темой третьего и т.д. (Искужина,29, Алламуродова, 2011,19).

Действительно, при последовательной связи отдельные предложения связываясь друг с другом, создают ступенчатую связанность как в цепочке. А.М.Солганик образно называет её «цепочной связью». (Солганик 1973, 65).

Например, в тексте на таджикском языке, который называется «Хайрухуш дар вокзал» - «Прощание на вокзале» приводится известное (известная информация), называемое темой и последующие предложения (второе, третье, четвертое и т.п.), которые уточняют, распространяют и наполняют эту тему, называются «ремой». И по такой схеме образуется завершенный (целостный) текст:

Охири рӯз буд, офтоби гарм поёнтар хамида, рӯи платформаро сояи вокзал гирифта буд. Дар саҳни вокзал мардуми бисёр мегаштанд. Баъзе аз онҳо саросема роҳ гашта, дар фикри сафар ва билет, дигаре барои тамошои вокзал машғул, сеюмин бо рафиқаш чақ-чақ карда мегашт. Дар пеши дари вагони мулоим Рашидовро ҷӯраҳояш иҳота карда, сӯҳбат мекарданд, фурсатро ғанимат шумурда, аз рафики ҷонии худ хуб сер шудан мехостанд.

Рашидов ҳамин тавр ҳис мекард, ки дар вокзал як хурсандӣ ва фараҳ ҳукмрон аст. Вай дар симои ҳар кас як шодмонӣ, як табассуми мамнунонаро медид. Худаш ҳам хурсанд буд, аз ҳад зиёд хурсанд буд. (Х.И,Ш,29).

В приведенном выше примере средства связи выделены жирными шрифтами: так, тема (первое предложение) связана со вторым предложением лексическим повтором (вокзал – вокзал); второе предложение с третьим синонимическим повтором (синонимическим заменом): мардум (люди) – баъзе аз онҳо (некоторые из них), дигаре (другой), числительным заменом: сеюмин (третий) и лексическим повтором: вокзал – вокзал; третье предложение с четвертым при помощи лексического повтора: вокзал – вагон (синекдоха) вагон (название помещения в поезде), предложение с пятым – лексическим повтором: Рашидов – Рашидов; пятое предложение с шестым – посредством местоименных повторов или же местоименными заменами: Рашидов – вай (он); Рашидов худаш (сам); а также синонимическим повтором: шодмонӣ (радость), табассум (улыбка)- хурсанд (радостный, веселый). Аналогичное лингвистическое явление мы наблюдаем и в языке английских текстов:

He took her in his arms and kissed her. But she proved a passive sweetheart. There was no tenseness in her body her arms did not go around him and her lips met his without their wanted pressure. (V.G,320). -

Мартин ӯро сахт ба оғӯш кашид ва бибӯсид. Аммо аз ин навозишҳо пинаки Руфь вайрон нашуд. Ҳастияш мисли пештара наларзид, дастонашро ба гардани Мартин ҳалқа накард, лабонашро ба лабони вай начаспонд. (В U,293).

Таким образом, цепная связь является одним из способов соединения самостоятельных предложений в одно синтаксическое целое. Она заключается в структурном сцеплении предложений. «Структурное сцепление осуществляется в повторе акцентируемого в предыдущем предложении слова и употреблении его в следующем». (Солганик 1973,57).

Параллельная связь: При параллельной связи предложения не сцепляются одно с другим. А сопоставляются, при этом благодаря параллелизму конструкций в зависимости от лексического «наполнения», возможно сопоставление или противопоставление (Солганик 1973:132). Действительно, при параллельной связи объединяемые предикативные единицы в единство схожи друг с другом по грамматической форме, т.е. по порядку слов, по полному или же частичному расположению частей текста.

Примеры:

Гули гелос дар чанги ҳаво буд.
Барои ҳамл олу ғунчаво буд.
Бунафша дар лаби ҷӯ ноз мекард,
Гули садбарг чашмаш боз мекард.
Чакидан дошт чак-чак шираи ток.
Тапидан дошт аз гармӣ дили хок,
Дарахтон дар умеди бор буданд.
Ҳама дар ними шаб пуркор буданд.
Ҳама монанди ман бо интизорӣ
Ғанӣ буданд аз боди бахорӣ.(МТ,АМ,296-297).

People chose for their life profession. Worker worked at the plants and factories. Doctor treat the patients. Teacher each and educated children.

Collective – farmer works at the field.

(The artist) Musician playing new and beauty music. So, all these professions necessary for society. (W N,24.10.10.).

Приведенный ниже пример состоит из одиннадцати двухсоставных распространенных предложений, которые почти одинаковы по порядку слов: в начале каждого предложения подлежащее, в конце – сказуемое, между ними второстепенные члены предложения и такое расположение членов предложений соответствует порядку слов в таджикском языке, где почти все члены на своих местах:

1.Баҳори хуррам омад. 2. Ҳаво гарм шудан гирифт. 3. Барфи охирини заминҳо об шудан гирифтанд. Офтоб нури ҳаловат мебахшад. 4. Колхозчиёни мо баҳорро ҳамчун меҳмони азиз пешвоз мегиранд. 5. Онҳо таъмири трактор ва дигар мошинҳои хоҷагии қишлоқро кайҳо ба охир расондаанд. 6. Ҳамаи техника ба саҳро бароварда мешавад. 7. Тракторчиён заминҳои мулоимро шудгор мекунанд. 8. Киштукор сар мешавад. 9. Донаҳои ғаллаю чигитҳои пахта баъди чанд рӯз неш мезананд. 10. Мехнаткашони Тоҷикистон бештар ғалла, пахта, лаблабуи қандӣ мегиранд. 11. Онҳо кишти майдонҳои хуворимаккаю картошка, помидору пиёзро зиёд мекунанд. (Т,82-83).

В английском языке расположение членов предложения иначе: главные члены в большинстве случаев располагаются в начале предложения: за ними занимают места второстепенные члены предложения, в ниже приведенном примере члены предложения расположены в одинаковом, соответствующем друг другу порядке:

When I arrived the next day, Holmes was not there, so I waited in his room. At four o'clock the door opened, and a very strange servant came in. He wore old, dirty clothes, and I had to look very hard before I saw that it was my old friend.

Holmes! I cried. 'Where have you been?'

'I've had a very good day,' he replied with a smile. 'I've been outside Miss Irene Adler's house. Servants are always happy to talk, and so I have heard a lot about the young woman. For example, she has a good – looking man friend called Godfrey Norton, a lawyer, who often visits her. Now why? If he's her lawyer, perhaps she's already given him the photograph. But if he loves her, she won't show him the photograph.

'Most interesting, Holmes!' I said.

Следует отметить, что в оформлении параллельной связи большую роль играет *зачин текста.* (О зачине и его роли в организации текстовых единиц). Однако Г.Я.Солганик относит его к числу организующих элементов *цепной связи.* Нам кажется, что зачин служит для формирования параллельной связи, потому что все предложении в сфере текста относятся непосредственно к первому –предложению, а не соподчинением к ним. Между самостоятельными предложениями состава текста мы обнаружим параллельно расположенные между собой одинаковые, схожие по форме предложения; большинство из них двусоставные и не подчиняются друг другу. Например, в следующих примерах первые предложения являются зачинными элементами текста. Они и являются организующими средствами текстов, построенных в форме параллельной связи:

Рӯзи истироҳат буд. Ҳаво ҳам гӯё истироҳат мекард, кушод ва равшан буд. Дар осмони беабр офтоб ба замин олам-олам нур пошида сайр мекард. Аз шохаи дарахтон барфҳои дирӯза ба болои сари мардуми роҳгузар пошида мешуданд, гӯё дарахтон шӯхикунон бозӣ мекарда бошанд. Одамон хам аз ин барфпошии дарахтон озурдахотир нашуда, баръакс, қий – чувкунон овози хандаю шодиро баланд мекарданд. Кӯчаҳои серодам ва намуди онрӯзаи шаҳрро дида, шумо гумон мекардаед, ки ин рӯз ягон ид аст. (Ҷ.Икромӣ).

Примерно, в следующей схеме можно показать параллельное построение самостоятельных предложений вышеприведенного текста:



Таким образом, параллельная связь является одной из межфразовой синтаксической связи.

Дейктическая связь. Синсемантическая или местоименная связь образуется посредством дейктических местоимений. Из дейктических элементов более менее изучена анафора. Роль анафоры (коррелятивы, антецеденты) в структуре сложных предложений в определенной степени изучены в таджикском и английском языкознании. (Таджиев 1971, Рустамов 1968, Зикриёев 1970). Для текста таких исследований не проводилось, хотя сходное синтаксическое средство распространено и в текстовых единицах в сопоставляемых языках.

Анафора (греч. anapherein – относить назад, возводить (к чему – либо), возвращать) – использование языковых выражений, которые могут быть проинтерпрированы лишь с учетом другого, как правило предшествующего фрагмента текста. Анафорические отсылки используются в лингвистике применительно к анафорическим местоимениям.

Анафорические местоимения, находясь во втором и следующих предложениях текста, указывают на одно слово или целое предложение и тем самым создают анафорическую или же синсемантическую связь между первым и вторым самостоятельным предложениями или же со всеми другими последующими предложениями текста, либо полное значение местоимения выражено в первом предложении текста; без этого предложения анафоры непонятны.

Анафорические элементы являются разновидностями синсемантической связи текстовых единиц. Примеры:

Рӯзе Усто - амак аз писараш шикоят карда ба падарам гуфт:

- Сайид Акбар мувофиқи номи худаш аз қадаш зиёдтар калон шуда рафтааст. Е ба ҳунаромӯзӣ майл накард.

Усто - амак дар охири эзоҳи худ он асбобро ба ман дода: - Ин барои ту бозичаи хуб, инро обкашаки навбаромад номӣ, мешавад, - гуфт:

Ман аз ин ҳунари ӯ ба ҳаяҷон омада, аз вай пурсидам…(С.А.,Ёд- 11,59)

At the close of his explanation Usto – Amak gave the apparatus to me, saying, “This will be a good plaything for you. We can call it”. Water pump, Mark I. It was all agog at his cleverness and asked him. (S.A.,B,78).

ЛИТЕРАТУРА

1.Зикриёев Ф.К. Оид ба тарзи луғави – морфологии ташакули матн (дар асоси маводи асарҳои бадеии С.Айни / Ф.К.Зикриёев / Устод Айни ва асолати забон (маҷмуаи мақолаҳо). -Душанбе, 2003. -С.5-12.

2.Зикриёев Ф.К. Масъалаҳои лингвистикаи матн / Ф.К. Зикриёев. – Хуҷанд: Номаи меҳр, 2003. -С.52-64.

3.Ниёзмуҳаммадов Б. Баъзе масъалаҳои забони адабии ҳозираи тоҷик / Б. Ниёзмуҳаммадов. -Душанбе: Ирфон, 1965. -С.54-56.

4.Рустамов Ш. Калимасозии исм дар забони адабии ҳозираи тоҷик / Ш.Рустамов. -Душанбе: Дониш, 1972. –С.79.

5.Jamshedov P. Tajik language grammar / Jamshedov P // Tajik-English Dictionary. Second edition. – Dushanbe, 2008. – P. 978.

6.Muller V.K. English-Russian Dictionary / V.K. Muller. – Moscow, 1990.-P 848.

7. Ganshina M.A. English Grammar / M.A. Ganshina, N.M. Vasilevskaja., – Moscow, 1953.

8. Green J.C. English Grammar / J.C. Green. New-York, Oxford, Book Company, 1925.

9. Jespersen O. Analytic Syntax / O.Jespersen. Copenhagen, 1937.

О ВИДАХ СИНТАКСИЧЕСКОЙ СВЯЗИ МЕЖДУ ПРЕДЛОЖЕНИЯМИ ТЕКСТА

Статья посвящается определению роли синтаксических видов связи в соединении частей текста. Автором статьи на базе фактического материала характеризуются лексико-грамматические связи и следующие виды межфразовых связей: а) цепочная связь; б) параллельная связь; в) присоединительная связь; г) дейктическая связь. В статье уточняется роль и место каждой из данных видов межфразовой связи.

Ключевые слова: роль, синтаксические виды, виды связи, межфразовая связь, цепочная связь, присоединительная связь, дейктическая связь.

ABOUT THE KINDS OF SYNTACTIC RELATIONS BETWEEN THE SENTENCES OF THE TEXT

The article is devoted to defining the role of syntactic types of communication in the connection parts of the text. The author of the article on the basis of the actual material are characterized by lexico-grammatical relation and the following types Miranovich relations: (a) chain link; b) parallel connection; connection connection; g) takticheskoe communication. The article clarifies the role and place of each of these types magpatuloy communication.

Kev words: role. syntactic types, types of communication, miranova link, chain link, connecting link, takticheskoe communication.

Сведения об авторе: ***М.В. Зикриёева*** – доцент кафедры иностранных языков ХГУ им.Б.Гафурова

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

МАҲОРАТИ МУКОЛАМАОФАРИИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Сироҷиддини Эмомалӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Маънии луғавии диалог дар «Луғати русӣ – тоҷикӣ» (М., 1985. - 1280 с.) ба маънои «диалог, муколима, гуфтугӯ» ва «мусоҳиба» омадааст. Яъне мусоҳибае, ки миёни ду ё якчанд кас воқеъ мешавад. Ҳамчун истилоҳ ва махсусиятҳои худ диалог аслан, истилоҳи адабиётшиносӣ буда, дар илми забоншиносӣ низ чун қисми таркибии раванди нутқ дониста мешавад. Муколама дар адабиёт, хоса дар асари бадеӣ як навъи махсуси нутқи персонажҳоро гӯянд. Аз ин ҷост, ки махсусиятҳои диалог аз бисёр ҷиҳатҳо ба ҷинс ва жанри адабӣ вобастагии зич дорад. Чунончӣ, дар асарҳои бадеӣ яке аз воситаи асосии офаридани характер аст. Диалог дар қиссаву романҳои Сотим Улуғзода омили асосии камолоти маънавии персонажҳои асарҳояш гардидааст, ки романи «Восеъ» ва «Фирдавсӣ» намунаи барҷастаи онҳо мебошад.

Гузаштаи халқи тоҷик ва таърихи муборизаҳои адолатхоҳонаи мардуми ин сарзамини бостонӣ таваҷҷуҳи С. Улуғзодаро хеле барвақт ҳанӯз солҳои 20-уми асри гузашта ба худ ҷалб намуда буд. Аммо аз охирҳои солҳои 50-уми асри XX сар карда, масъалаи тақдири таърихии халқи тоҷик дар маркази диққати нависандаи воқеъбин ба таври ҷиддӣ қарор гирифт ва ба омӯзиши шӯриши мардуми кӯҳистони тоҷик бо сардории Восеъ ҷиддан машғул гардид. Баъди ҷамъоварӣ ва таҳлили мавод С. Улуғзода ба меҳнати пурмашаққати эҷодӣ машғул гардида, солҳои 1961-1967 романи «Восеъ» - ро дастраси хонанда гардонид.

Аз таҳрири пай дар пайи романи «Восеъ» маълум мегардад, ки нависанда диққати асосиро ба такомулоти образҳои Восеъ ва ёронаш – мулло Сафар ва Ризо равона мекунад, зеро маҳз характерҳои типии онҳо зиддиятҳои романро пуркувват намуда, моҳияти мавзӯъро мекушоянд. Чунончи, нависанда ба воситаи муколамаи Восеъ ва мулло Сафар то чӣ дараҷа тоқатфарсо будани ҳаёти меҳнаткашони кӯҳистон ва вазъияти иҷтимоии давр бо тамоми возеҳӣ ба хонанда аён мегардад: «-Ман (Восеъ – С.Э.) мехоҳам, як бор ба ин золимон, ба ин хунхорон, ба ин даррандагони дупо нишон диҳам, ки мо фақирон ҳам одамем, ҷон дорем, номус дорем, агар якдилу якҷон шавему хезем, онҳоро зада метавонем…» (3, 274).

Мулло Сафар аз ҷумлаи он шахсони равшанфикри кӯҳистонист, ки ба шаҳр афтода, илму ҳунар омӯхта, дар тарғиби илму дониш баҳри мардуми худ хизмат намудааст. Ин персонаж яке аз образҳои ҷолиби романи «Восеъ» буда, вазифаҳои муҳимми ғоявию бадеӣ дорад.Вале оқибати кори мулло Сафар ва фоҷиаи ӯ хеле барҷаста тасвир ёфтааст. Вай аз он умеде, ки бар одамгарии маснаднишинон ва доираҳои расмӣ дошт, сахт фиреб хӯрд ва худ фаҳмид, ки сабабгори дастгир шудани Восеъ худи ӯст.

Сотим Улуғзода дар тасвири боз ҳам возеҳтари образҳо аз муколама беш аз пеш истифода мекунад. Бисёр ҷузъиёте, ки минбаъд дар муколамаи образҳо ифода шудааст, дар ифодаи симои ботинии онҳо кӯмак мерасонад. Аз ин ҷиҳат, муколамаи мулло Сафар бо Ҳоҷӣ Яъқуб ҷолиби диққат аст. Симои Ҳоҷӣ Яъқуб чун образи манфӣ ва чун шахси дурӯяву манфиатҷӯ баръало намоён мешавад: «-Гап зан, охир номусулмон, чӣ дамат ба дарун ғалтида монд?!

- Ман… чӣ гӯям?

- Ту чораи халосии ҷони дӯстат Восеъро пурсидӣ, ман ба ту гуфтам. Чораи дигар нест. Дигар ихтиёр ба худат.

- Восеъро… дар Гулдара, паси обпар, - «кафид» ниҳоят мулло Сафар ва ҳамон лаҳза кафи дасташро ба синааш пахш карда, ба паҳл¢ хам шуд: дили ӯ тоб хӯрда, дард гирифта буд» (3, 338).

Бузургтарин хидмати устод С. Улуғзода таълифи романи «Фирдавсӣ»-и вай маҳсуб мешавад. Насри тоҷик асареро ба ин бузургиву гаронсангӣ ёд надорад. Аз ҷониби дигар, шахсияти Фирдавсӣ, мақому ҷойгоҳи ӯ дар таърихи фарҳангу адабиёти ҷаҳонӣ андак нест. Гузашта аз ин, адибе, ки ба худ ҷуръати тасвири симои чунин бузургмардеро медиҳад, бояд фарогири донишу мутолиоти густурда, бохабар аз раванди рушду камоли фарҳанги ҳазорсола бошад. Ба андешаи мо С. Улуғзода бидуни шак, ҳамаи ин мазияту омодагиҳои лозимаро барои эҷоди чунин асаре дар ихтиёр дошт ва ошноии ӯ бо рӯзгору осори устод Фирдавсӣ аз овони ҷавонӣ шурӯъ шуда буд.

Романи «Фирдавсӣ» соли 1986 ба миён омад, ки он дорои мазмуни баланди таърихиву бадеист. «Фирдавсӣ», - қайд мекунад профессор Р. Мусулмонқулов, - романи миллист. Аз тасвири воқеа ва кушоиши гиреҳҳо, таҷассуми ақидаву ғояҳои нек, чигунагии образу характерҳо, афту андом, гуфтугӯ ва нишастухези персонажҳо рӯҳи миллии асар ҳувайдост» (2, 255).

С. Улуғзода дар романи «Фирдавсӣ» рӯзгору осор, муҳит ва замони зиндагии Абулқосим Фирдавсиро ҳангоми заволи давлати Сомониён ба тасвир гирифта, ӯро сараввал дар муҳити хонаводагӣ манзури хонанда месозад. Фаромӯш набояд кард, ки Фирдавсӣ, пеш аз ҳама падар ва сарвари хонадон аст. Аз ин ҷост, ки нависанда аввалан, Фирдавсиро дар иҳотаи оила миёни дӯстону ҳамдеҳагони худ ва муҳите, ки шоирро фаро гирифтааст, ба қалам додааст. Комёбии С. Улуғзода маҳз дар он аст, ки Фирдавсӣ ҳамчун шахси масъулиятшинос дар назди зану фарзандонаш муаррифӣ мешавад. Ба андешаи мо, таваҷҷуҳи Фирдавсӣ нисбат ба таълиму таҳсили Ҳушанг дар мадраса ва атрофиёни ӯ, инчунин фориғболӣ зоҳир накардани Фирдавсӣ аз тақдири минбаъдаи фарзандаш ҳамчун падари оиладӯсту фарзандпарвар ҷилвагар мешавад. Ҳарчанд ки масъалаи мазкур зоҳиран назарногир менамояд, вале ҳамеша муҳим аст. Дар ин ҷо С. Улуғзода ба муносибати волидайну фарзандон дахл намуда, онро ҷолиб ҳал намудааст:

«– Ҳушанг, мешунавам, ки ту дар шаҳр ба худ рафиқони нав ёфтаӣ ва бо онҳо ҳарифбозӣ мекунӣ, вақти гаронбаҳои таҳсилро зоеъ мекунӣ?

Ҷавон безобита шуда, пурсид:

– Кӣ гуфт?

– Гуфтанд ва ман шунидам, - ҷавоб дод падараш.

– Абӯ Дулаф гуфтагист?

– Чӣ, магар аз ҳарифбозии ту Абӯ Дулаф ҳам хабар дорад?

– Маҳмуд хабар кашидагист, - тез шуда, ба суол ҷавоб надода гуфт Ҳушанг, - ман даҳони он хабаркашро хок пур мекунам.

– Вале ту ба пурсиши ман посух надодӣ, - бо лаҳни тундтар гуфт Фирдавсӣ.

– Ҳар кас гуфта бошад, дурӯғ гуфтааст, ман ҳарифбозӣ накардаам.

– Дурӯғро ту мегӯӣ, Ҳушанг» (4, 9-10).

Пӣшида нест, ки масъулияти падару модар бар фарзанд дар ҳамаи давру замон яке аз проблемаҳои актуалӣ маҳсуб меёфтааст. Имрӯз ҳам масъалаи мазкур яке аз масоили рӯзмарраи давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифта, модар ҳам ҷиҳати тарбияи фарзанди солим баробари падар масъулиятеро ба дӯш гирифтааст. Аз ин ҳамин дидгоҳ доираи образи Фотимабону ҳамчун зан - модар дар романи «Фирдавсӣ»-и С. Улуғзода диққатҷалбкунанда мебошад:

«- Чӣ ситеза мекунӣ, Ҳушанг?… Дар хона Фотимабону ба писараш танбеҳ медод: Беадабӣ кардӣ. Ба кӣ? Ба падар. Падари меҳрубоне, ки ба фарзандаш ин қадар ғамхор аст ва мехоҳад ӯро аз ношоистагиҳову хатоҳо барҳазар кунад. Ту агар хоҳӣ, ки одами хуб шавӣ, бофазлу одоб шавӣ, ҳамагон иззат бикунанд, бояд ҳамеша сухани падаратро ба гӯши ҳуш шунавӣ ва пандашро бигирӣ. Охир мардумон ҳар як сухани ҳаким Фирдавсиро ҳамчун панду ҳикмати гаронбаҳо ба лавҳи хотир менависанд, аммо писари худаш сухани ӯро гӯш намекунад, тундӣ мекунад, ӯро меранҷонад. Ҳоло бирав аз падарат узр бихоҳ, тавба кун. Бирав.

- Беадабӣ кардам, бобоҷон, бахшоиш мехоҳам.

Фирдавсӣ сар боло карда ба Ҳушанг нигарист:

- Пушаймон шудӣ?

- Пушаймонам, - ба замин нигариста, гуфт ҷавон.

- Мебахшам, агар қавл диҳӣ, ки дигар ба ҷойи дарсхонӣ ҳарифбозӣ намекунӣ.

- Қавл медиҳам, - гуфт Ҳушанг» (4, 11).

Образи Фирдавсӣ дар роман ба сифати шоири ҳақҷӯ, ростгӯ, ватанпараст, додхоҳ, олиҳиммат, адолатпеша тасвир ёфтааст. Аз ин ҷост, ки С. Улуғзода он ҳама ҳақҷӯйӣ, олиҳимматии Фирдавсиро батамом тасвир кардааст. Фирдавсии тасвирнамудаи нависанда бештар раиятпарвар ва барқароркунандаи адолати иҷтимоӣ аст. Ӯ ҳамчун ҳомии адолат ва ахлоқи ҳамидаи инсонист.

Волӣ ва сипаҳсолор Абӯалии Симҷӯрӣ ба воситаи ҷосусони махфии худ хабар меёбад, ки ҳокими Тус Абдулқодири Меҳрон ба воситаи мусодираҳо ва ҳар гуна даромадҳояш пинҳонӣ хазинаи шахсие гирд овардааст. Абӯалии Симҷӯрӣ бо Абдулқодири Меҳрон вохӯрӣ баргузор намуда, ҷанги дарпешомадаро баҳона карда, ба Абдулқодири Меҳрон амр медиҳад, ки ҳазор-ҳазор дирам ба хазинаи Абӯалии Симҷӯрӣ супорад. Ҳамин амр боиси норозигии мардум ва сабаби ба назди

Абдулқодири Меҳрон рафтани Фирдавсӣ ва аз хусуси адолат пеша карданаш дар дорулҳукума мегардад. Ба ибораи дигар, дар ин маврид Фирдавсии С.Улуғзода ҳамчун шахси адолатпеша ба тасвир омадааст:

« – Мо ба вакил мефармоем, - суханашро давом дод ҳоким, - нисфи хироҷи ситонидашударо ба шумо пас бидиҳад. Гумон мекунам, ки бақияи он барои шумо (Фирдавсӣ- С. Э.) чандон гарон нахоҳад буд.

– Ба соҳиб (Абдуқодири Меҳрон – С. Э.) сипос мегузорам, - гуфт шоир, - аммо мехостам бидонам, ки оё ин адолат ба ҳамаи хироҷгузорон аст, ё фақат ба ман?

– Алъон сухан дар бораи шумост, - ҷавоб дод ҳоким.

– Эътиқоди ман бар он аст, ки – гуфт Фирдавсӣ, - агар ситам ба чандин кас рафта бошаду адолат танҳо ба яке аз онҳо карда шавад, онро адолат наметавон гуфт.

– Наметавон гуфт? Адолат ба як нафар адолат нест? - бо лаҳни тунд суол дод Меҳрон.

– Адолати ҳақиқӣ он аст, ки аз вай ҳамаи ҷабрдидагон баҳра бардоранд, - ҷавоб гардонд шоир ва кард: - Аз ин гузашта, ин адолати шумо, ки ба ман мекунед, албатта, бори хироҷи маро сабуктар мекунад, вале бори гарони маломат бар ман мениҳад: маломат аз ҷониби ҷабрдидагони дигар… Маъзур доред, ман ин «адолат» - и шуморо қабул карда наметавонам… (4, 40-41)

Аз ин тасвири нависанда симои Фирдавсӣ ҳамчун инсони дурандеш, бамулоҳиза ва нисбат ба халқаш садоқатманду дилсӯз намоён мешавад. Шароити токатфарсои зиндагӣ ва муносибати ғайриинсонии муҳити дарбор Фирдавсиро ба андеша водор мекунад ва ӯ роҳи ягонаи муборизаро ба онҳо дар донистани таъриху дониши баланд мебинад. «С. Улуғзода, - қайд мекунад профессор Х. Асозода, - Фирдавсиро ба сифати муҳаққиқи варзидае, ки метавонад бо аҳли илму фарҳанг ба ҳсҳои илмӣ дошта бошад, ба тасвир мегирад. Дар айни замон адиб аз мулоҳизаву муҳокимаҳои таҳлилгароёна бархӯрдор будани Фирдавсиро дар мадди назар дорад. Аз ин ҷост, ки Фирдавсӣ дар қалами С. Улуғзода бештар ба чеҳраи илмӣ табдил ёфта, посуххояш ҳам ҷанбаи илмӣ пайдо кардаанд» (1, 57).

Бузургтарин хидмати устод С. Улуғзода таълифи романи «Фирдавсӣ»-и вай маҳсуб мешавад. Шахсияти Фирдавсӣ, мақому ҷойгоҳи ӯ дар таърихи фарҳангу адабиёти ҷаҳонӣ андак нест. Мутаассифона, муҳити носолими дарбор, носипосиву дасисакории шоирони маддоҳ, аз қабили Унсуриву Фаррухӣ ва Асҷадӣ нисбат ба меҳнати Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»-и ӯ беқадрӣ мекунад.

Асари безаволи ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ «Шоҳнома» воқеаҳои замони гузаштаро ба хотири раҳнамоӣ дар ҳалли масъалаҳои имрӯзу фардо бо сухани мавзун матраҳ намудааст. С. Улуғзода ҳамин масъаларо дар романи «Фирдавсӣ» зимни мусоҳибаи Фирдавсиву Фаррухӣ эътимодбахш нишон додаст:

Фаррухӣ:

«– Аммо рост бигӯям, устод, чаро шумо ин ҳама истеъдоди беназирро сарфи фасонаҳои куҳан сохтед, як бор ҳам ба дарбори султон наомадед ва мадҳи ӯ нагуфтед, магар султони муаззами кишваркушой, динпаноҳи кофиркуш, адолатпеша ва раиятпарвар сазовори он нест, ки шоирон бо ҷону дил мадҳаш гӯянд, вассофаш бошанд, чокараш бошанд ва камтарин лутфу марҳаматашро тоҷи сар бикунанд.

– Чун «Шоҳнома»-ро ба номи султон кардам, мадеҳае чанд ба он зам карданам лозим буд, - гуфт Фирдавсӣ ва баъд аз сукути к¢тоҳе суханашро давом дод: - Чун тааммули айёми гузашта кардам, донистам, ки он чи шумо «фасонаҳои куҳан» мегӯед, пур аз панду ҳикматанд, ибратомӯзанд. Одамӣ бояд ниёгони хешро бишносад, то бидонад, ки худи ӯ кист ва ба ҷаҳон баҳри чӣ коре омадааст. Бидонад, ки некӣ чист ва бадӣ чист, одамият чист, мурувват чист. Меҳнатдӯстӣ биёмӯзад, некандешӣ ва некхоҳӣ биёмӯзад. Аз ин рӯ, банда бостоннома нигоштанро аз мадеҳасароӣ авло донистам, агарчӣ ҳосили ин шуғл ба ҷуз бечорагиву бенавоӣ нест. Инро беҳ аз он донистам, ки суханро фақат сарфи мадҳу сано бикунанд (4, 143).

Сотим Улуғзода Фирдавсиро аз бобҳои аввал бо як самимият сифат намуда, муҳимтарин фазилатҳояшро ҳамчун донишманд, мутафаккир ва эътиқодманди ҳикмати Аҷам ба хонанда маълум менамояд. Фирдавсӣ ба хотири нигоҳ доштану зинда гардонидани таърих, фарҳанг, арзишҳои миллӣ ва дифоъ намудани расму ойинҳои ниёгони хеш бо ҳама гуна шахсиятҳои сиёсӣ ва чеҳраҳои фарҳангиву динии замонаш баҳсҳо намуда, устуворияти худро нишон додааст. Ҳамин маънӣ зимни муколамаи султон Маҳмуд ва Фирдавсӣ хеле хуб таъкид ёфтааст:

«– Аз назм кардани «Шоҳнома» мақсудат чи будааст? Аз шоҳон силаи фаровон гирифтан ва тавонгар шудан?

– На, аълоҳазрат, мақсудам танҳо ин набуд. Албатта, чунин умедам низ буд, ки зоро дар пирӣ бениёзӣ биёбам, аммо мақсади умда – ба лутфу иноятӣ худовандӣ таърихи мулук ва осор ва ҳикмати Аҷамро зинда гардонидан буд бо гуфтори сара ва дилпазир агар тавонам, то дар ҷаҳон аз худ ёдгоре боқӣ гузошта бошам.

– Хуб, ҳарчанд ки ту «Шоҳнома»-ро устодона нигоштаӣ ва суханат олист, вале ҳар чӣ нигоштаӣ, фасона аст, ҳадиси куҳан аст, Рустамҳо, Геву Тусҳоро ту имрӯз дар сипоҳи ман бубин! Ё магар ман худ аз Ҷамшеду Кисро, аз Фаридуну Ковуси Кай камтарам? Ман дар даҳ ҷаҳод пирӯз шудам, боре ҳам мағлуб нашудам; дар наздикии ватани ту бар солорони номдори замон Симҷурӣ ва Фоиқ зафар ёфтам, сипоҳи Насри қарохониро дарҳам шикастам ва аз Хуросон берун кардам. Ғарчистон ва Сиистон ва Ғурро тасхир кардам, чаҳор бор ба Ҳиндустон лашкар бурда, роҷаҳои қавишавкат ва дорои садҳазорон сипоҳу филони ҷангиро ба итоат овардам ва боз бадон сӯ лашкар хоҳам кашид, то вақте ки тамоми Ҳиндустон мусаххари ман шавад. Дар бораи ин ҳама ҷиҳоду зафарҳои ман даҳ «Шоҳнома» метавон навишт.

– Шоҳам, агар гуфтори банда беҷост, аз карами ҳумоюнӣ бахшоиш мехоҳам. Дар «Шоҳнома» агарчи сухан аз бостонзамон меравад, онро ҳадиси куҳан ё фасонаи куҳан наметавон гуфт. Дар ҷаҳон чизҳое ҳастанд, ки куҳна шудан надоранд; панду ҳикмат, андарз ва ибрате, ки аз пешиниён ба пасояндагон мерасанд, ҳамеша наванд. Ҳар чӣ дар он рҷзгорон аз ниёгони мо ба зуҳур омадааст, хоҳ нек ва хоҳ бад, хоҳ савоб ва хоҳ хато, ҳама пандомӯз аст. Бузургон гуфтаанд, ки таърих дониш мефизояд ва панду ибрат парварандаи хирад аст. Банда бо ҳамин эътиқод ранҷи сиюпанҷсоларо таҳаммул карда «Шоҳнома» нигоштам (4, 177 - 181).

С. Улуғзода ба тавассути воситаҳои гуногуни тасвир хислату характери образҳояшро офарида, аз ҷумла ҳангоми муколамаи персонажҳо, махсусан дар нутқи қаҳрамони марказӣ - Фирдавсӣ аз калимаву ибораҳое истифода намудааст, ки ҳангоми гуфтугӯ ба кадом табақаи ҷамъиятӣ мансуб будани ҳамсуҳбаташ маълум мегардад. Профессор Р. Мусулмонқулов қайд мекунад, ки «Фирдавсӣ дар тасвири С. Улуғзода ҳам дар ҳузури ҷомеа сухан мекунад, ҳам бо мусоҳиби танҳо гап мезанад, ҳам худ ба худ андеша меронад. Тафовут дар ин аст, ки сухани гуфтугӯйӣ мувофиқи моҳияти образи мусоҳиб сурат мебандад, яъне ҳамсуҳбат агар аҳли дарбор бошад, сухан оҳанги такаллуфи пурмаънӣ ба бар мекунад, агар аҳли фазл бошад, калимаю таъбирҳои гаронмояи адабии нисбатан нодир бештар истифода мешаванд, агар авому аҳли ҳирфат бошад, гуфтугӯ одию муқаррарӣ мегардад» (2, 278).

Хулоса, аз муколамаҳои офаридаи С. Улуғзода маълум мегардад, ки нависанда дар ин соҳа низ аз худ маҳорати баланди нигорандагӣ нишон дода, ҷиҳати табиӣ баромадани диалогҳои персонажҳои асарҳояш ба муваффақият ноил гардидааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Асозода Х. Абулқосим Фирдавсӣ дар шинохти Сотим Улуғзода / Х Асозода. -Душанбе: Адиб, 2000.– 80 с.
2. Мусулмонқулов Р. Дар боғи Фирдавсӣ / Р. Мусулмонқулов //Эҷози ҳунар. – Душанбе: Адиб, 1992. – С. 140 – 290.
3. Улуғзода С. Восеъ /С. Улуғзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 366 с.
4. Улуғзода С. Фирдавсӣ / С.Улуғзода. – Душанбе: Адиб, 1991. - 253 с.

МАСТЕРСТВО СОТИМА УЛУГЗОДА В СОЗДАНИИ ДИАЛОГОВ

Диалог является важнейшей составной частью художественного произведения и основным способом косвенной характеризации персонажей. В современной прозе диалог тоже занимает важное место. Писатели стремятся передать информацию о персонаже через его собственную речь и речь других героев о нем. Диалог может способствовать развитию сюжета, создавать и раскрывать тайны и сложности отношений героев. Наивысшего уровня диалог достиг в реалистической прозе. В данной статье автором подвергнута рассмотрению и изучению мастерство великого таджикского писателя Сотима Улугзода в создании диалога.

Ключевые слова: Сотим Улугзода, мастерство создания диалога, диалог, выражение главного идейного смысла произведения, реалистическая проза.

SKILL SATIM OLUSOGA IN CREATING DIALOGS

Dialogue is an essential part of the artwork, and the main method of indirect characterization of the characters. In modern prose dialogue also plays an important role. Writers strive to convey information about the character through his own speech and the speech of other characters about him. Dialogue can contribute to the development of the plot, to create and to unravel the mystery and complexity of the characters ' relationship. High level dialogue achieved in realistic prose. In this article, the author reviewed and studying the skill of the great Tajik writer Satima of Olusoga to create dialogue.

Kev words: Sotim of Olusoga, the mastery of dialogue, dialogue, expression of the main ideological meaning of the work, realistic prose.

Сведения об авторе: ***Сироджиддин Эмомали*** – докторант Таджикского национального университета

«МАКТУБОТ»-И ҶОМӢ

У. Тоиров, С. Дурманова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ яке аз дурахшонтарин чеҳраҳои адабиёти форс-тоҷик буда, бо унвони «хотиматушшуаро» мушарраф гардидааст. Ҷомӣ дар таърихи адабиёт ба дараҷае шуҳрат дорад, ки афкори иҷтимоию сиёсӣ, фалсафию ахлоқӣ, тасаввуфию ирфонии халқҳои форсу тоҷикро бидуни шахсият ва осори гаронбаҳои ин чеҳраи бузурги адабӣ тасаввур кардан душвор аст.

Ҷомӣ шоир, олим, адиб, файласуф ва мутафаккири забардаст буда, қариб дар тамоми анвои назму наср асарҳо эҷод кардааст.

Як қисми мероси адабии Ҷомиро «Руқъаот»-и ӯ ташкил медиҳад, ки бо номҳои: «Рисолаи руқъаот», «Рисолаи муншаот», «Мактубот», «Муншаот» низ машҳуру маълуманд.

Аз таърихи нома ва номанигорӣ маълум аст, ки мафҳумҳои «хат», «нома», «мактуб», «руқъа» ба ҳам наздик буда, ҳамчун муродифи ҳамдигар истифода мешаванд. Албатта, ҳар яке аз ин мафҳумҳо вазифаҳои алоҳида доранд. Ба қавли муаллифони луғоту фарҳангҳо ва ахбори сарчашмаҳои таърихию назарии адабӣ «хат» аз воситаҳои сабти нутқ буда, калима ва ифодаҳои зиёдеро бо ёрии аломатҳои тасвирӣ, яъне ҳарфҳо ифода мекунанд. Ин амал имкон медиҳад, ки номаро аз як ҷо ба ҷойи дигар фиристонанд, яъне ба воситаи хат замону макони воқеъ шудани нуткро сабт мекунанд. Мафҳуми «нома» бошад дар фаҳмиши мардум нисбатан серистеъмол аст. Аслан, нома варақи хурдест, ки дар рӯйи он матлаберо ба таври таъкид ё хитоб менависанд, яъне иншо мекунанд.

«Руқъа» дар фарҳангу луғатҳо ба маънии нома, навишта, мактуб, як порчаи хурди коғаз омадааст. Дар таъбири номанигорону луғатнависон «руқъа» чун номаи хурд ва кӯтоҳ маънидод карда шудааст.

Агар ба таърихи нома ва номанигорӣ назар андозем, мебинем, ки ин навъи адабӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик асосан, бо наср шурӯъ гардида, то имрӯз ин анъана идома дорад. Илова бар ин, номаҳои манзум низ иншо шудаанд.

Дар байни халқҳои форс-тоҷик нома ва номанигорӣ таърихи хеле қадима дорад, аммо таҳаввул ва такомули ин навъи адабӣ дар аҳди исломӣ бештар ба назар мерасад. Дар китоби «ал-Феҳрист»-и Ибни Надим (996) аз котибону дабирони давраи тоисломии форс-тоҷик сухан меравад, ки дар байни онҳо эронинажодон низ будаанд. Аз он ҷумла дар ҳамин китоб доир ба Ибни Муътаз чунин таъкид шудааст: «Ягона марди даврони худ дар адабу шеър буда, бо номи «Мактубот-ул-ихвон би-ш-шеър» китобе таълиф карда будааст».

Дар «ал-Феҳрист» баъди зикри номи адибону таълифоти онҳо фасли «Номаҳое, ки аз тарафи подшоҳон ба шоҳони ҷаҳон навишташуда» ҷой дода шудааст, ки аз мавҷуд будани нома ва номанигорӣ ҳамчун мавзӯи ҷудогона дар замон дарак медиҳад.

Инчунин, Ибни Надим дар асари хеш ду номаро («Номаи Хусрав ба Марзбон ва посухи ӯ» ва «Номаи Анӯшервон ба бузургони кишвар») ёд мекунад, ки ин аз замони Сосониён шурӯъ шудани нома ва номанигориро тасдиқ менамояд. Номае ба забони паҳлавӣ боқӣ мондааст, ки бо номи «Номаи Тансар» машҳур аст. Ин номаро Ибни Муқаффаъ аз паҳлавӣ ба арабӣ тарҷума карда, Ибни Исфандиёр дар асри XII-ум онро ба форсӣ баргардонида, дар «Таърихи Табаристон» ҷой додааст.

Илова бар ин, дар китоби «Мутуни паҳлавӣ» номае бо номи «Ойини нома навиштан» ҷой дода шудааст, ки аз чиҳилу панҷ банд иборат буда, ҳар як банди он ба усули навиштани нома бахшида шудааст. Дар ин рисола бори нахуст доир ба чигунагии таълифи номаҳо, ихвониёт ва моҳияти ҳунару кайфияти дабирон маълумот дода шудааст. Инчунин, дар ҳамин нома доир ба усули шонздаҳ навъи навиштани нома сухан меравад, ки аз қадимӣ будани ин навъи адабӣ дарак медиҳад.

Хулоса, нома ва нигориши он дар миёни қавмҳои эронитабор аз даврaҳои хеле қадим мутадовил буда, нависандагони арабзабони ибтидои аҳди исломӣ ва асрҳои минбаъда анъанаҳои онҳоро идома додаанд. Ибни Надим дар “ал-Феҳрист“ дар бораи котибону дабирон ва номаҳои онҳо маълумот дода, номи даҳ нафар котиби машҳурро номбар мекунад: Абдулоҳ ибни Муқаффаъ, Аморат ибни Ҳамза, Ҳаҷар ибни Муҳаммад, Муҳаммад ибни Ҳаҷар, Анас ибни Абӯшайх, Солим, Мусъада, Ҳарир, Абдуҷаббор ибни Адӣ, Аҳмад ибни Юсуф.

Аз таърихи иншои нома ва номанигорӣ маълум мешавад, ки аввалин номаҳо аз ҷониби дабирону котибони расмии дарборҳо таълиф карда шудаанд. Яке аз чунин дабирон Муҳаммад ибни Восиф буд ва ба қавли муаллифи "Таърихи Сиистон" ӯ дабири дарбори Саффориён маҳсуб мешуд ва аввалин шеъри порсиро вай сурудааст, аммо аз номаҳояш чизе боқӣ намондааст.

Дар таърихи нома ва номанигорӣ Абӯнасри Мушкон (дабири дарбори Ғазнавиён), Султон Масъуд (писари Султон Маҳмуд), Рашидуддини Ватвот (шоир, адабиётшинос ва дабири машҳури Хоразмшоҳиён), Атобаки Ҷувайнӣ (соҳиби девони иншои Султон Санҷар), Баҳоуддин Муҳаммад ибни Муайяди Бағдодӣ (муншии Алоуддин Такаши Хоразмшоҳ) ва дигарон дар густариши нома ва такмили он саҳми бузург гузоштаанд.

Аввалин номаҳои мудаввани номаҳои форсӣ-тоҷикӣ аз байн рафтаанд, аммо мавҷудияти онҳо дар давраҳои худ сабаби равнақ ва тадвини маҷмӮаҳои номаҳо аз ҷониби дабирони баъдина гардидааст. Намунаи қадимтарини мудаввани номаҳое, ки то рӯзгори мо расидаанд, ба асри XII мелодӣ тааллуқ доранд.

Дабир ва адиби дарбори Хоразмшоҳиён-Саъдулмулк Рашидуддин Муҳаммад ибни Муҳаммад Абдулҷалили Балхӣ (машҳур ба Рашиди Ватвот-1087-1178), ки муддати 30 сол дар хизмати Отсиз ибни Қутбуддини Хоразмшоҳ буд, нома ва муншаотеро, ки ба забонҳои форсию арабӣ барои ашхоси гуногун иншо намуда буд, дар маҷмӯаҳои: "Абкор-ул-афкор фӣ-р-расоил ва-л-ашъор" ва "Ароис-ул-хавопир ва нафоис-ун-наводир" ҷой дод. Маҷмӯаи аввал 9 рисолаи арабию 9 рисолаи форсӣ-тоҷикӣ ва 9 қасидаи арабию 9 қасидаи форсӣ-тоҷикӣ ва дар маҷмӯаи сонӣ 25 номаи арабию 25 номаи форсӣ-тоҷикиро дар бар мегирад. Ин номаҳоро соли 1960 донишманди эронӣ-Қосими Тавсирхонӣ дар Теҳрон ба табъ расонид.

Баъди Рашиди Ватвот ду дабири машҳур номаҳои худро бо дасти хеш мудавван кардаанд, ки яке Мунтаҷибуддин Бадеъ Атобаки Ҷувайнист. Ӯ номаҳои худро бо номи "Утбат-ул-катаба" байни солҳои 1134-1154 китобат кардааст. Дигаре муншии Алоуддин Такаши Хоразмшоҳ-Баҳоуддин Муҳаммад ибни Муаййиди Бағдодӣ (ваф, 1193) мебошад, ки бо номи "Ат-тавассул-илат-тарассул" номаҳои хешро мураттаб сохт.

Ҳамин тариқ, баъди аз ҷониби котибону муншиёни маъруф ҷамъоварӣ ва мудавван кардани номаҳо ба ҳукми анъана даромад ва шоирону нависандагони баъдина номаҳои хешро ба сурати китоб даровардан гирифтанд.

Дар баробари инкишоф ва такомули нома ва номанигорӣ дар таърихи адабиёти форс-тоҷик доир ба қисмати амалию назарии ин ҳунари воло асарҳои зиёде таълиф гардидаанд. Дар бештари китобҳои ахлоқию таълимӣ роҷеъ ба усули дабирию котибию муншигӣ фаслу бобҳои ҷудогона ҷой дода шудааст. Аз он ҷумла, мақолаи аввали "Чаҳор мақола"-и Низомии Арӯзии Самарқандӣ "Дар моҳияти дабирӣ ва кайфияти дабири комил ва он чи тааллуқ дорад бар ин" (9), фасли сию нуҳуми "Насиҳатнома"-и Унсурулмаолии Кайковус "Андар ойини котибу шарти котибӣ" (12, 300) номгузорӣ шудаанд. Рисолаҳои якум то панҷуми "Эъҷоди Хусравӣ"-и Амир Хусрави Деҳлавӣ дар бораи шартҳои номанигорӣ ва қонуну қоидаҳои он, навъҳои хатти алифбои арабиасоси форсӣ-тоҷикӣ баҳс мекунад.

Дар асри XV номаю номанигорӣ ва ҷамъоварии он ба ҳукми анъана даромад. Ба қавли муҳаққиқони ин соҳаи адабӣ, дар асри XV руқъаоту мактуботу иншову фармонҳо асосан, дар шакли "мураққаъ" (албом) тадвин карда мешуд. Ба қавли Аълохон Афсаҳзод. "Аз китобҳои назарӣ, дастурӣ ва амалии фанни иншо ва номанигорӣ "Махзан-ул-иншо"-и Кошифӣ, "Хамсини Имодӣ"-и Юсуфи Аҳл, "Тарассул"-и Абдуллоҳи Марворид, "Маншаъ-ул-иншо"-и Абдулвосеи Низомӣ, "Руқъаот ва муншаот"-и Ҳақирӣ, "Тарассул"-и Хоҷа Бурҳон, "Манозир-ул-иншо", "Риёз-ул-иншо" ва "Қавоид-ул-иншо"-и Маҳмуди Қавонро метавон ном бурд, ки аз

ҷиҳати услуб ба ҳам қаробат дошта, оид ба қоидаҳои ин фан баҳс пайваста, асосан, намунаҳои муросилоти шахсӣ, пурсишу посухҳои илмӣ, номаҳои давлатӣ, мактубҳои дипломатӣ ва амсоли онҳоро дар бар мегиранд.

Ҷомӣ ва Навоӣ низ маҷмӯаи рукъаоти худро тартиб дода, онҳоро чун асари алоҳида дар куллиётҳояшон ҷой додаанд" (1, 58).

Чи тавре ки гуфтем, аз Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ номаҳои зиёде (аз 403 то 432) боқӣ мондааст, ки як қисми онҳо (235) бо номҳои "Рисолаи муншаот", "Мактубот", "Руқъаот", "Муншаот", "Рисолаи руқъаот" дар таркиби "Куллиёт"-и ӯ ҷой дода шуда ва борҳо табъу нашр гардидааст. Як қисми номаҳои шоир дар шакли дастхат боқӣ мондаанд, ки миқдори онҳоро муҳаққиқон 336-то гуфтаанд. Ҳанӯз дар замони худ Алишер Навоӣ ин номаҳо ва мактуботи ашхоси дигари давраи худро ҷамъоварӣ карда, дар "Маҷмӯаи мурассалот" ҷой дода буд. Ин маҷмӯа дар байни донишмандону муҳаққиқони илм бо номи "Албоми Навоӣ" машҳур буда, ҳоло дар Ганҷинаи дастхатҳои Институти шарқшиносии АУ Ӯзбекистон нигоҳ дошта мешавад.

Мувофиқи гуфтаи мураттиби мактуботи Ҷомӣ "Номаҳои дастнависи Ҷомӣ, ки барои Алишер Навоӣ нигошта шудаанд, як навъ ҳуҷҷати нодири таъриханд, ки дар авроқашон аҳволи аҳли замон, рухдодҳои сиёсию адабӣ, вазъи боҷу хироҷситонӣ, тарзи давлатдорию ҳукуматронӣ, ҳолати ободонии шаҳру деҳот, низоми кори идораҳои давлатӣ, оқибати ғоратгарию лашкаркашиҳо, симои аҳли рикобу ҳунару адаб ва паҳлӯҳои дигари ҳаёту иҷтимоиёт аз забони шоҳиди зинда басо муҷаллалу муътамад ба қалам омадаанд" (12, 302).

Ҳарчанд иншои нома ва номанигорӣ дар асри XV чун асрҳои пешин ба ҳукми анъана даромада буд, бо вуҷуди ин Ҷомӣ сабаби таълиф ва тартиб додани номаҳои хешро чунин шарҳ медиҳад: "Ҳарчанд ин калима бар асрори саноати иншо иттилоъ наёфта ва бар осори муншиёни фазилатинтимо (бофазилат) ба қадами итбоъ нашитофта, аммо чун ба зарурати ҳукми вақт ва иқтизои (талаби) ҳол руқъае чанд дар мухотабаи (гуфтугӯйи) арбоби ҷоҳу ҷалол ва муҷовабаи (гуфтугӯйи) асҳоби фазлу камол иттифоқ афтода буд, ба меъёри табъи салим ва зеҳни мустақими (дурусти) баъзе аҷаллаи (шитобкорӣ) муходим тамомъиёр (баландқадр) менамуд ва дар ин авроқ ҷамъ карда шуд ва тартиб дода омад. Шояд ки бад-ин васила бар хотири муқбиле убур афтад (гузарад) ва хутур (ёд) бар замири соҳибдиле сармоя ба ҷамъият ва ҳузур гардад" (14, 145).

Номаҳои Абдурраҳмони Ҷомиро, ки то замони мо боқӣ мондаанд, асосан ба се қисм ҷудо кардан мумкин аст. Ба қисмати якум номаҳоеро дохил кардан лозим аст, ки дар "Рисолаи муншаот" ҷой дода шудаанд. Қисми дуюми номаҳо ҳамонҳое мебошанд, ки аз ҷониби худи Ҷомӣ дастнавис шудаву то замони мо омада расидаанд. Қисмати сеюми номаҳо ҳамон номаҳоеанд, ки дар осори адибию таърихӣ, ҳуҷҷатҳои давлатӣ, маҷмӯаҳои мухталифи иншо, ёддоштҳои дӯстону шогирдону алоқамандони шоир маҳфуз мондаанд.

Аз мутолиаи номаҳои Ҷомӣ маълум мешавад, ки ӯ дар зиндагии шахсӣ ва дар ҳаёти нависандагии худ марди якрӯ, фарди ҳақҷӯ будааст. Вай пайваста бо ғаму шодии мардуми одӣ шарик буда, мекӯшидааст, ки ба дарди мардум марҳаме бошад, ҳоҷати ҳоҷатмандонро адо кунад.

Аз мазмуни номаҳои ӯ бармеояд, ки баъзе кӯшишҳои шоир ба ҳадаф нарасидааст, аммо аксари корафтодагоне, ки бо дархости ӯ муроҷиат мекарданд, ба мақсади хеш мерасиданд.

Рисолаи "Мактубот" асосан, дар охирҳои умри шоир тахминан солҳои 1490 ҳангоми тартиб додани куллиёти осораш аз тарафи худи Ҷомӣ мураттаб карда шудааст. Мувофиқи гуфтаи маҳаққиқони эҷодиёти Абдурраҳмони Ҷомӣ, ӯ сиёҳнавис ё нусхае аз номаҳояшро нигоҳ медоштааст, ки баъдан баъзе намунаҳои онҳоро бо

номи “Рисолаи муншаот” мураттаб кардааст. Ба ақидаи Абдулғафури Лорӣ: “Баъзе аз афозили (донишмандони) аср, ки аз таломизаи (шогирдони) ҳазрати эшон будааст ва бузургон ба эшон навиштаанд, ҷамъ карда ва тартиб додаю рисолае навиштааст” (14, 146).

Дар баъзе китобҳои адибони муосири Ҷомӣ, алалхусус, дар “Хамсат-ул-мутаҳайирин”-и Навоӣ номаҳои шоир ва ҷавобномаҳои онҳоро пайдо кардан мумкин аст. Мазмуни номаҳои Ҷомӣ ин ҳақиқатро талқин мекунад, ки ӯ дар баробари шоирию олимӣ қариб дар тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти сиёсӣ-иқтисодӣ, муборизаҳои мафкуравӣ фаъолона ширкат варзида, дар бештари маврид аз мавқеи аҳли меҳнат баромад карда, ғояҳои пешқадами замонро ривоҷ медиҳад ва ҳамеша деҳқонону касибону толибилмону мазлумонро пуштибонӣ мекардааст. Ба мазмуни ин нома диққат диҳед, ки дар ҷавоби мактуби Қозӣ Исои Ироқӣ навишта шудааст:

Килкат, ки ба коми дӯстон ком ниҳод,
Бар гурраи субҳ турраи шом ниҳод.
Не, не, ки зи ҷаъди ҳур бар сафҳаи нур,
Мурғони улоаҷнаҳоро дом ниҳод.

Мактуби марғуби (писандидаи) мабнӣ (дар асоси) бар қавоиди ихлосу муҳаббат ва мубаннӣ (иборат) аз шавоҳиди (шоҳидҳои) ихтисосу муваддат фӣ (дар) аймани (мубораки) ҳолу аксари соат бад-ин залили (ҳимояти) қалилулбизоат (камбизоат) расид. Ҳар сатре бар шарте (баъзе) аз мавоҷиби (воҷиботи) ҳурмату таъзим ва ҳар ҳарфе ба тарфе аз маросими убудийяту (бандагию) таслим муқобил гашт ва чун пораи такаллуф дар муросалот (навиштаҳо) даъби (одати) муншиёну дабирон аст, на шевои шикастагону фақирон, аз он эъроз (эътибор) намуда мегӯяд:

Худо ёр бодат, ки то метавонӣ
Ба неку бади халқ некӣ расонӣ Вассалом (12, 400).

Аз мазмуни номаи фавқ маълум мешавад, ки Ҷомӣ аз ҳокимону сардорони давр фақат як чиз, ба халқ некӣ карданро хоҳиш мекунад.

Дар мактуби зер Ҷомӣ аз садорати обтақсимкунӣ хоҳиш мекунад, ёрӣ расонад, ки тақсими обро барои дарахтони Идгоҳ аз рӯйи дастури муайян ба роҳ монад.

“Баъд аз арзи ниёз маъруз он ки Бобоҳоҷии Идгоҳӣ мегӯяд, ки оби Идгоҳ ба дастури собиқ намедҳанд. Илтимоси он медорад, ки ишорат равад, ки бар дарахтони Идгоҳ ҳайфе наравад (зарарe нарасад) (12, 352).

Муҳаққиқони осори Ҷомӣ дар ин ақидаанд, ки мактуботи ӯ дар муқоиса бо мактубҳои муосиронаш нисбатан содаю равонанд. Шояд, ин гуфта нисбати номаҳои шоир дуруст бошад, аммо дар асл, бештари номаҳои ӯ барои хонандагони замони мо аз ҷиҳати забон, тарзи ифода ва баёни матлаб душвор аст. Масалан, ба тарзи баён ва усули ифодаи Ҷомӣ назар кунед:

“Ҳаббат рийҳу ҳайабат ишвоқӣ,
Аҷрат дамма муқлати мин аъмоқӣ[6]
Аз ранҷи фироқу меҳнати муштоқӣ,
Ҳарфе гуфтам, фиқае алайҳилбоқӣ.

Ҳар гоҳ ки қалам метарошам, то дар ҷавоби номаи шарифа варақе бихарошам, ҳеҷ наёбам, ки борҳо нагуфта бошаму нанавишта бошам; аз маломати хотири шариф андеша кунему ихтисорро ба риояти ихтисор пеша созем.

Ҳар гаҳ бари ман зи ҳаҷрат ояд дарде
Таҳрири рубоие кунам ё фарде,
З-он метарсам, к-аз дами чун ман сарде
Бар хотири отират[7] *нишинад гард*е.

---

[6] Боде расиду шавқе барангехт
Ва хун аз аъмоқи чашмонам бирет.
[7] Отир -хушбӯй

Навишта шуда буд, ки дар Қибларӯяи Ҳирот тааддиҳо воқеъ аст, тахсисро ҷиҳате нест, дар ҷамеи ҷиҳот ин қазия (масъала) шоеъ аст.

Дар навбати ҳусни он маҳи авҷи ҷамол,
Аз дасти рақибони накӯҳидахисол.
Чӣ Шарқу чӣ Ҷанубу чӣ Шимол
Аз ҷавр пур асту аз ҷафо моломол.

Аммо қазияи дуову истидъо (дуъоталабӣ), ки ишорате ба он рафта буд, дуоро навҳе (тарзе) мебояд, ки "рабба ло тазар алалараз миналкофирин диёран" (Худоё, кишварро аз зарари кофарон эмин дор!), гӯён дар ҳеҷ диёр аз ин тоифаи дайёр нагузораду истидъоро (илтимос карданро) соҳибфутӯҳе, ки ҳуқуқи мустадиёнро (дуоталабонро) гузорида, димор (интиқол) аз рӯзгори муддаиён (даъвогарон) барорад ва дар ин рӯзгор ин ҳар ду мавқуф (аз миён рафта) асту аз ҷумлаи муҳолот (мушкилот) маъдуд (маҳсуб мешавад). Зилли (сояи) отифат (шафқат) мабсут (паҳн) боду сояи шафқату марҳамат мамдуд (дароз)! Вассалом" (12, 324).

Мактубҳои Ҷомӣ аз ҷиҳати ҳаҷм низ гуногунанд. Номаҳое ҳастанд, ки хеле тӯлонианд ва номаҳое низ мавҷуданд, ки хеле мухтасаранд, ҳатто номи ашхосе, ки номаҳо ба онҳо равона карда шудаанд, сабт наёфтаанд. Инчунин, номаҳое вуҷуд доранд, ки танҳо қисмҳои манзуми онҳо нақл шудаасту халос.

Масалан, номае, ки Ҷомӣ ба Султон Ҳусайни Бойқаро навиштааст, ҳамагӣ аз як рубоӣ иборат аст:

Файёзи карам зи файзи беандоза,
Андохт зи мақдамат ба шаҳр овоза.
Шуд боғи умеди номуродон хуррам,
Шуд шохи умеди ноумедон тоза.

Муродифоти сурию маънавӣ мутазаммини саодати динию дунявӣ муяссар бод! (12, 428). Баъзе мактубҳои мансури Ҷомӣ низ аз ҳад зиёд кӯтоҳанд, ҳамагӣ аз ду ҷумла иборатанд. Масалан, ин мактуб: "Баъд аз арзи ниёз маъруз (гуфтанӣ) он, ки дорандагон мардуми ғарибу толибилму фақиранд. Агар чунончи иноят (марҳамат) намуда, нисбат ба эшон навъи эҳсоне воқеъ шавад, бисёр дармаҳал менамояд.

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом".

Муҳаққиқони осори Ҷомӣ мактубҳои ӯро ба панҷ гурӯҳ ҷудо кардаанд.

Гурӯҳи якум мактубҳое мебошанд, ки ба "дарвешони махдумии Хоҷа Убайдуллоҳи Аҳрор навишта шудаанд (миқдори онҳо 11-то гуфтаанд).Ин навъи номаҳо омехтаи назму насранд. Мисол:

"Саломун ало оқифӣ манзилин,
Биҳи ҳаллун мин фақати куллаланоми.
Саломун ало тоифӣ Каъбатун,
Битавофиҳо сумма ҳаққулкироми.
(Салом ба гӯшанишинони манзил,
Ки дарёфтгари кулли муаммоҳо эшонанд.
Салом ба тавофгарони Каъба,
Ки дар тавофашон ҳуққати бузургист).

Чун такаллуф дар иблоғи (расонидани) салому тасаллуф дар изҳори шавқу ғаром (муҳаббат) шеваи аҳли номус ва шимаи (ахлоқи) арбоби ном аст, лоҷарам (ночор) хотири фотир (офаридгор) дар иқдом бар ин маром рухсат надод. Мисраъ:

Девона чӣ донад равиши ақлу садод?1[8]

Таваққуъ (умед) он ки гоҳ-гоҳе аз ҳини заминбӯсӣ, атия ало автонаҳо туҳфатулислом ва-т-таҳийята (туҳфаву таҳиёти аҳли ислом бар аҳли ватан), ҳаққи ниёзмандӣ гузоранд ва дармондагони дармондаро аз гӯшаи хотир фурӯ нагузоранд (дур накунанд).

[8] Садод-ростӣ

Ай мурғи шохсори иноят, ки дам ба дам
Аз гулшани вафо расидат накҳати висол.
Худ мепарӣ баланд, фарӯшият мабод,
Аҳволи мо, ки бастапарему шикастабол!

Муродот ҳосил ва саодат мутавосил (пайваста) бод! Вассалом валкалом".

Гурӯҳи дуюми номаҳо бевосита ба султон Ҳусайни Бойқаро ирсол шудаанд (Миқдори онҳоро 22-то гуфтаанд). Қисми зиёди мактубҳое, ки Ҷомӣ ба Ҳусайн Бойқаро навиштааст, ҷавоби номаҳои султонанд. Аз мазмуни ин номаҳо пай бурдан душвор нест, ки султон ба ҳар ҷое, ки сафар мекардааст, ба Ҷомӣ нома навишта, ӯро ба назди худ даъват намуда мулоқоту машварат мекардааст. Гоҳе Ҷомӣ дар номаҳо аз нарафта натавонистани худ ба назди ӯ узр мепурсад, аз сулҳ бастани вай бо рақибонаш изҳори хурсандӣ мекунад, ба муносибати вафоти фарзандаш ба султон таъзият баён менамояд. Як сифати хуби номаҳое, ки Ҷомӣ ба Султон Ҳусайн Бойқаро ирсол мекунад, он аст, ки ӯ ҳамеша султонро ба адлу дод, банданавозӣ ва камбағалпарварӣ даъват менамояд:

Ҷун шоҳ тафаққуд ба гадое бикунад
В-аз лутф назар ба бенавое бикунад,
Аз дасти гадои бенаво н-ояд ҳеҷ,
Ҷуз ин ки ба сидқи дил дуое бикунад.

Ҳақ субҳонаҳу таоло хотири давлатхоҳони он ҳазратро ба риояти раоё (зердастон) ва шафқат ба оммаи бароё (мардумон) зиёдат гардонад ва онро дар ин ҷаҳон сабаби имтидоди (дарозии) давлату дар он ҷаҳон ҷиҳати издиёди (зиёдшавии) саодат дорад. Вассалом вал-икром" (14, 185).

Гурӯҳи сеюми мактуботи Ҷомӣ номаҳоенд, ки ба аркони давлат навишта шудаанд. Миқдори чунин номаҳо нисбатан зиёданд (33-то).

Ҷомӣ дар бештари чунин номаҳо ҳамчун шахси хирадманд вазирону ҳокимони замонро ба саховатмандию адолат даъват мекунанд, дастгири фақирону афтодагон ва ҳоҷатбарори умедворон буданро беҳтарии сифати ҳокимону арбоби давлат меҳисобад:

"Оне, ки паноҳи аҳли розат карданд,
Бечоранавоз чорасозат карданд.
Медор саре ба хоксорон зинҳор,
Шукронаи он ки сарфарозат карданд.

Иртифоъ (болоравии) пояи иззат ва чоҳ дар сояи подшоҳи дин паноҳ, перояи (воситаи) иктисоби ба даст овардани давлати абадӣ ва сармояи истеҳсол саодати сармад (доимӣ) аст. Хирадманд он аст, ки перояро нагузорад ва ба он дастгири афтодагон ҷунбиш намояд ва ба ин дар пои марде сарриштаи аздастдодагон кӯшиш фармояд. Қитъа (маснавӣ):

Баровар ҳоҷати умедворон,
Фишон дар сина меҳри синарешон.
Ки фардо мояи уммедат ин аст,
Ки тухми давлати ҷовидат ин аст" (14, 117).

Гурӯҳи чоруми номаҳо мактуб ва ҷавоби номаҳоеанд, ки ба ҳокимону бузургону подшоҳони берун аз Хуросон ирсол карда шудаанд (Миқдори чунин номаҳоро 25-то гуфтаанд). Дар байни ин номаҳо мактубе, ки "Руқъаи мушъир ба вусули (расидани) он чи подшоҳи Рум фиристода буд" ном дорад, хеле аҷиб аст:

"Орифе, ки мулозимони ҳазрати подшоҳи динпаноҳу шаҳриёри маъдалатшиор (адолатпеша) бе василае сабабеву воситаи талабе аз билоди (кишвари) Рум номзади фуқарои аз шарафи хидмати мулоқот маҳрум ба Хуросон фиристода буданд, расиду аз он ҳазрати башоратиқбол бар дарвешон ва қабули тариқати эшон расонид.

Атоҳое, ки шоҳи маъдалаткеш
Фиристад сӯйи дарвешони дилреш,

Далели раъфату[9] эҳсони шоҳанд,
Бар иқболу қабули ӯ гувоҳанд.
Хусусан, ин гувоҳоне, ки пайдост,
Фурӯғи сидқ аз эшон бекаму кост.
Дурахшон рӯяшон чун барқи ломеъ[10],
Зи Қуръон васфашон сафрои[11] фоқеъ[12].
Сурурангез дилҳои парешон,
Тасарранозирӣ дар шаъни эшон.
Фарангиасл, лекин шоҳи диндор,
Раҳонидасташон аз қайди куффор.
Гирифта пеш ҳамроҳи каримон,
Саёҳат дар диёри аҳли имон.
Зи касрат гарчи берун аз шуморанд,
Чу бахшишҳои шаҳ ҳадде надоранд.
Чу гирӣ аз шумор огозу анҷом,
Расад холӣ шумори он ба итмом.
Ало, то офтоби оламафрӯз,
Зар афшонад зи ҷайби субҳ ҳар рӯз.
Кафи шаҳ ҳамчу хуршеди дурахшон,
Ба фарқи хокиён бодо зарафшон.

Зулоли олии мадиюлайёмуллаёлӣ мухаллад (ҷовидона) бод" (12, 424-425).

Ба гурӯҳи панҷуми номаҳо мактубҳоеро дохил кардан мумкин аст, ки Ҷомӣ ба дӯстону донишмандону наздикони хеш навиштааст. Инчунин, таъзиятномаҳо, чанд қитъаи манзум аз мактубҳои алоҳида ва ниҳоят баъзе номаҳои супоришии Ҷомиро ба ҳамин гурӯҳ дохил кардаанд. Мутолиаи ин гурӯҳи номаҳо нишон медиҳад, ки Ҷомӣ нисбат ба наздикону дӯстонаш аз ҳад зиёд ғамхор аст. Барои мисол яке аз супоришномаҳои Ҷомиро меорем, ки аз омезиши назму наср иборат аст:

"Соҳиби фазли ҷалӣ (ошкору возеҳ) Мавлоно Дарвешалӣ, ки дар санъати китобат (хаттотӣ) ангуштнамосту дар синоати назми ғазал фарду беҳамто, миёни асҳоби қалам ба хушнависӣ машҳур асту забони арбоби баён ба Вайсӣ мазкур.

Он ки поку латиф мегӯяд,
Гар қасида ва ғазал, Вайсист.
Дар ҳисоби ҳунар агар дигарон
Бист бошанд, филмасал вай сист.

Дер гоҳ аст, ки гӯшаи хотире ба ҷониби ин фақир медораду аз зумраи муҳибону мухлисон мешуморад. Мултамас аз макорими ахлоқу маросими ишфоқи маходим он, ки ҳар ҷо ташрифи ҳузур арзонӣ фармоянд, мақдами шарифи ӯро муғтанам (ғанимат) шуморанд ва шароити таъзиму таҳриму (эҳтироми) тавқир (қадрдонӣ) ба тақдим расонанд. Ҳарчанд бо зуҳури фазоили шамоили ӯ машғулӣ ба ин суфориш (супориш) фузулӣ (бартар) менамояд, чун он бинобар илҳоҳу (таъкиду) ифтироҳи (фараҳманди) ӯ буда бошад, ҳар ки донад, бешубҳа, маъзур фармояд.

Ҳақ субҳонаҳу ва таоло ҳамгинонро аз худ раҳоиву бо худ ошноӣ каромат кунад! Биннабӣ ва олиҳиламҷод" (Ба ҳурмати пайғамбари оли бошукуҳа) (12, 424).

Аз баъзе номаҳои Ҷомӣ доир ба фаъолияти адабию илмӣ ва муносибати ӯ бо донишмандони давру замон ба хубӣ хабардор шудан мумкин аст. Аз номаи зер маълум мешавад, ки Ҷомӣ бо хоҳиши Қозизодаи Румӣ бояд оид ба илмҳои нуҷум ё ҳайат асаре таълиф мекардааст, аммо ҳанӯз онро ба итмом нарасонидааст.Ҷомӣ менависад:

"Варақе чанд фароҳам оварда ва чун занбили (сабади) дарвешон дарюза карда, аз ҳар гӯшае тӯшае ва аз ҳар хирмане хӯшае самти ирсол ёфт. Ва чун фурсат бағоят

[9] Раъфат- бахшида
[10] Ҷомеъ -дурахшон
[11] Сафро-зард
[12] Фоқеъ-нурафшон

танг буд ва қосид бедиранг (бетоқат), он чи дар ният буд, анҷом наянҷомид. Ризо восиқ (боваринок) асту умед содиқ (вафодор), ки анқариб муҷиби (сабаби) азза шаънаҳу тавфиқи тартиб ва талфиқи (низоми) он рафиқ гардонад ва маҳзуни хотири маҳзунро ба зуҳур оварда, ба маҷлиси анвои фазоил маҳшун (фароҳам) бирасонад" (14, 68).

Аз баъзе мактубҳои шоир тарз ва услуби кори эҷодии ӯ баръало маълум мешавад. Аз мактаби зер пайдост, ки Ҷомӣ дар вазну қофияи қасидаи Амир Хусрави Деҳлавӣ чанд байте гуфтааст ва онро барои мутолиа ба дӯсташ (ба фикрам, ин дӯсташ Алишер Навоист) фиристонидааст, то ки дӯсташ қубҳу ҳусни онро бигӯяд.

Чунин амал, албатта, хусусияти маърифатӣ дошта, барои шоирони имрӯзаи адабиёти тоҷик дарси ибрат хоҳад шуд. Нома ин аст:

"Баъд аз рафъи салом илалмаҷлисилаолӣ (бузурги) валмавқифилмахфуф билмакорим (қадрдонӣ) валмаолӣ (олӣ), маъруз (гуфтанӣ) он ки ҳарчанд ин шикаста ҳанӯз аз маломату ғаромати (сарзаниш) қасидаи пешин нараста, аммо чун нафси шуми аз саодати тарки одат маҳрум ба сабоҳати баҳрӣ шеъру саёҳати қиёфии қавофӣ муътод (одат) гашту тариқи ғазал, ки бе таваҷҷуҳи ҳасбо ба баъзе аз мазоҳири сурӣ (хурсандӣ) чошнӣ намедиҳад, билкуллия (тамоман) инсинод (сабт) ёфта, гоҳ-гоҳе тасҷиди (эҳтироми) хотиро, балки танбеҳи ғавоибу (ғоибон) ҳозирро ба татаббӿи (пайравии) баъзе қасоиди омулфавоид, ки бар сунани (одатҳои) каломи илоҳӣ ва ҳадиси набавӣ муштамил (иборат) бар насоеҳу нашфи фазоеҳи фурӯрафтагон дар нозуроти (сахтиҳои) дунявӣ ва бозмондагон аз лаззоти камолоти маънавист, иштиғол намуда меояд. Ҷамоате, ки аз он намад кӿлоҳеву дар он нақоиз (нақизаҳо) аз худ бар худ гувоҳӣ доранд, тасаввури он мекунанд, ки ғараз аз он таъбиру ташнеъ (маломат) ва танвиҷу (танбеҳу) такреи (таҳқири) эшон аст, ҳошо ва сумма ҳошо (хуш бодо ва боз хуш бодо).

Хор ё вушнае, ки хунрез аст,
Чун дар авсофи худ забонтез аст.
Нест ҳоҷат, ки дар ҳарими чаман
Ба ҳиҷояш забон кашад савсан.

Фақире, ки худро ба ҳазор зарри (тиллои) сақил (холис) аз мулоқоти сурии ҳар карон (тараф) бар карон кашидаву бо буду нобуд худро дар зовияи (кунҷи) ҳумулу (маъюсию) ҳирмон (ноумедӣ) орамида, қиблаи талаби вай нестист, ки ҳаргиз гарди вуҷуд бар вай нанишинад. Вайро, чи тоқати он ки дар гӯшае нишаставу абвоби (дарҳои) дохилу хуруҷ (даромадану баромадан) бар худ баста, тасвири сувари хаёлии ҷамъе дарвешон ва эҳзори (ҳозир кардани) ашбоҳи (намунаҳо) мисолии эшон кунад ва аз он нишонаи хайру шар бар созаду достони маҳмадату (таърифу тавсиф) мазаммат (ҳаҷву киноя) пардозад?! Ҳайҳот, ҳайҳот.

Онро, ки дил аз сулҳи касон танг бувад,
Бо ҳеҷкасон қуҷо сари ҷанг бувад
В-онро, ки зи фахри ин ҷаҳон нанг бувад,
Бо нанги ҷаҳониён чӣ оҳанг бувад?

Маъа ҳазо (барои ҳамин), дар ин вало (вилоят) ба вазну қофияи қасида, ки ба ҷавдати (мувофиқ) фикри афзалулмутақаддимин (беҳтарини гузаштагон) Хоқонии Шервонӣ сурати ихтироъ ёфта ва амлаҳулмутааххирин (хушсухантарини муосирон) Хусрави Деҳлавӣ, ҳазвуннаъли биннаъл (наъл ҳамранги наъл аст), дар тариқи иттибои (пайравии) он шитофта, байте чанд гуфта шуда буд, ба хидмат фиристода шуда буд. Умед аст, ки ба чашми ризо малҳуз (мулоҳизашуда) гардаду аз ҳусни сафо малҳуз ваддуъо би зуҳурил ғайб ақраб илали ҷобата билорайб (зуҳури ғайб наздиктар аст бар иҷобати бешубҳа) (12,396-398).

Баъзе номаҳои Ҷомӣ хусусияти тазкиравию адабиётшиносӣ доранд. Дар ин навъи номаҳо ӯ мекӯшад, ки ҳунари шоириву донишмандии ҳамзамонони худро нишон диҳад. Дар яке аз номаҳое, ки ба арбоби давлат навиштааст, дар хусуси адабиётшинос ва шоири асри XV- Сайфии Бухороӣ чунин маълумот медиҳад:

"Хизмати фазоилмаоби латоификтисоб Мавлоно Сайфӣ, ки дар лутфи ғазалу ҳусни мақол адимулмисоланду (бемисоланд) дар ҳиддати (шиддату ғазаби) зеҳну

диққати хаёл мушарраф ба мартабаи Камол ва дар иноати таъмия (муаммогӯйӣ) номдоронро номгум кардааанду дар ҳалли муаммиёт (муаммоҳо) ба мушкилкушоӣ ном бароварда, майдони қофиясанҷон дар мақоми муқовалаи (бо ҳам қавлу қарор бастани) эшон танг асту мизони арӯзиён дар маърази (намоишгоҳи) муоразаи (мубоҳасаи) эшон бе санг (беназир), муддате мадид (дуру дароз) партави илтифот бар кулбаи торикнишинон андохтаанд ва машоми завқашон ба равоеҳи (бӯйҳо) анфоси (нафасҳои) худ муаттар сохта. Маъмул аз макорими (хулқу атвори писандидаи) эшон, он ки дар ғайбату (ғоибу) ҳузур риояти ҳуқуқи суҳбату шароити муҳаббат лозим доранд ва дар сафару ҳаҷари (будани) иқомат вазоифи дуои хайр воҷиб (шарт) шуморанд.

Ҳақ субҳонаҳу ва таоло ҳамгинонро аз зулмати гирифторӣ бе худ бираҳонад ва бар ошноӣ ба худ бирасонад!

Биннабӣ ва олиҳилкиром алайҳу ва алайҳум ассалавота, вассалом” (12, 423).

Як ҳисми номаҳои Ҷомӣ бо назм навишта шудаанд. Хусусияти номаҳои манзуми шоир аз он иборатанд, ки онҳо содаю равон ва дур аз иғроқу ғулув буда, хеле дилкашанд. Масалан, мактуби “ Ба султон Ҷаҳоншоҳ, ки Ҳақиқӣ тахаллус мекарду девони худ фиристода буд, навишта шуда” манзум буда, дар баҳри мутақориби мусаммани маҳзуф ё мақсур суруда шудааст:

Бидеҳ, соқӣ, он ҷоми гетинамой,
Ки ҳастирабой асту мастифазой.
Ба мастӣ зи ҳастӣ раҳоим деҳ,
Ба мастони ишқ ошноим деҳ.
Бизан, мутриб, он нағмаи дилнавоз,
Ки дар пардаи дил бувад пардасоз.
Ба шукрона, к-аз пардаи гуфтугӯй
Арӯсони маънӣ намуданд рӯй ,
Зи гулзори Фирдавс омад гуле,
Ба сарманзили бенаво булбуле.
Зи борони ҷуду саҳоби карам
Зулоли бақо ёфт хоки дарам.
Зи дарёи асрор файзи ҷадид
Ба лабташнагони савоҳил[13] расид.
Сухан кӯтаҳ, аз зодаи табъи шоҳ,
Ки донишмаоб[14] асту ирфонпаноҳ
Ҳумоюн китобе чу дурҷе зи дур(р)
Расид аз гуҳарҳои таҳқиқ пур.
Дар ӯ ҳам ғазал дар ҷу ҳам маснавӣ,
Ҳам асрори суриву ҳам маънавӣ.
Шуда толеъ аз матлаи ҳар ғазал,
Фурӯғи табошири субҳи азал.
Зи мақтаъ чи гӯям, ки ҳар мақтае,
Ки файзи абадро бувад манбаъе.
Ба суратпарастони кӯйи маҷоз,
Зи шоҳи ҳақиқӣ нишон дода боз.
Чу дар маснавӣ дода доди сухан,
Навӣ ёфта розҳои куҳан.
Дар идроки асрори уммулкитоб[15],
Зи ҳар мисрааш ақлро фатҳи боб.
Зиҳӣ, номаи дилкашу дилкушой,
Ки шуд ҷони Аттор аз ӯ атрсой!
Бувад маснавӣ, лек он маснавӣ
Ки шуд фойиз аз хотири Мавлавӣ
Зи бас гул, ки аз роз дар вай шукуфт

[13] савоҳил- соҳилҳо
[14] донишмаоб - донишманд
[15] уммулкитоб – модари китобҳо

Ҳаме шоядаш гулшани роз гуфт.
Бувад пояи он сухан бас баланд,
Кай он ҷо расад васфи моро каманд?
Суханҳои шаҳ, к-аз дили пок хост,
Ба покон, ки шоҳи суханҳои мост,
Бар ин нукта бошад далели тамом,
"Каломулмулуки мулукалкалом".
Ман аз васфи гуфтори шаҳ қосирам,
Ба мадҳаш чи сон раҳ барад хотирам?
Ҷу хаффошро нест нури басар,
Ки бинад ба рӯйи замин акси х(в)ар
Ку ҷо оварад ҳаргизаш дида тоб,
Ки бошад бар авҷи фалак офтоб?
Фурӯ банд, Ҷомӣ, забони мақол,
Ки танг аст ин ҷо суханро маҷол!
Ҷу расмест, дар ин ки хатми сухун,
Бувад бар дуо, бар дуо хатм кун!
Ало, то қавобил зи файёзи ҷуд
Пазиранд ҳамвора файзи вуҷуд.
Дили поки шаҳ қобили роз бод,
Дари файз бар хотираш боз бод!
Сипеҳраш ба фармон, ҷаҳонаш ба ком,
Дуогӯйӣ ӯ инсу ҷон, вассалом»!

Баъзе номаҳои манзуми Ҷомӣ хеле кӯтоҳ буда, ҳамагӣ аз чанд байт иборатанд. Масалан, мактуби зер дорои се байт буда, дар шакли қитъа навишта шудааст ва вазнаш хафифи мусаддаси махбуни маҳзуф мебошад:

Туҳфаи маҷлиси шарифи рафеъ
Мефиристам салом, балки се «лом».
Гашта ба ҳам ду «лом»-и нахуст
Монда боқӣ сеюм, се ҳарфи тамом.
Бар ҳамин нукта руқъаро кардам
Мухтасар, вассалом валикром.[16]

Забони баъзе мактубҳо хеле мураккаб аст, ҷумлаҳои тӯлонӣ дорад, аз он ҷумла, ин мактуб: «Саломе, ки чун ба лисони (забонӣ, тариқӣ) рамз (киноя) аз усулу (тарзу) мабонии (асосҳои) он нуктае (чизе) гӯям, ҷуз завқ аз вусул (расидан) ба маъонии он шаммае гӯям, аз валои (меҳри) азалӣ дарсам несту чун ба машоми ҳумуми абадӣ тарсам не, бо фотиҳаи ихлосе маҳрун (пайваста) ба ғояти тазаллулу (хорию) ибтиҳол (зорӣ) ва ниҳояти таваҷҷуҳ (диққат гузоридан) ба давлати иттисол (висол) туҳфаи мавқуфи (ҷойи таваққуф) шариф ва ҳадяи маҷлиси муниф (олӣ) мегардад ва доғи дили сӯхта аз фироқ дар аснои алами (шуълаи) оташи иштиёқ равшантар аз он аст, ки дар шарҳу баёни он ба қозаи дурӯю хомаи дузабон эҳтиёҷ афтод. Лоҷарам, тайи он бисот намудаву забони инбисот (шодӣ) кушуд, инҳо (хабар) меравад, ки дар ин вало (дӯстӣ) варақе, балки аҳли муҳаббату валоро (дӯстиро) сабақе, машҳун (пур) ва нуктае чанд, ки дар аснои мутолааи шарҳҳои охирини «Қасидаи бурда», ки бешак, гӯйи сабқ (таълим) аз шарҳҳои аввалин бурда, рӯй намуда буд ва мамлӯъ (пур) ба латоифи арҷманд, ки бар он котиби латофатинтисоб.

Чун қатраи шабнам, ки чакад бар гули сероб ба тозагӣ афзуда, матраҳи (ҷойи) партави андеша гашту машраҳи ақли фикратпеша омад. Алҳақ, ҳар маънии дақиқ, ки ба тадқиқи назари мӯйшикоф шикофта буданду ба қуввати муносибат чун мӯй дарҳам бофта, ақли борикбинро миёни ону мӯй фарқ ниҳод ва ҳар ибороти пок, ки ба фаҳми даррок (дарккунанда) аз баҳри заххори (пурмавҷи) хотири гавҳарбор истихроҷ (берун овардан) карда буданд ва ба алмоси тафаккур суфтаву дар силки интизом (риштаи тартиб) оварда, аз он бо ҷавоҳири обдору лаолии (лаълҳои) шоҳвор тафовуте чандон надид, лоҷарам онро зеби вушохи (камарбанд) ҷону зинати ҳамоили (овезони) ҷинон (биҳиштҳо) гардонид. Таваҷҷуҳи хотири шариф ба истинботи

[16] .Се байти боло қитъаи таърих буда, санъатҳои асосии он муаммо ва таҷниси хаттист. Ҷомӣ аз рӯи ҳисоби абҷад ибораи «Се лом»-ро тарзе истифода кардааст, ки аз он боз калимаи «салом» ҳосил мешавад, яъне ду «лом» -и якумро якҷоя кунем, адади «шаст» ҳосил мешавад. Миқдори ададии «Син»бошад шаст аст. яъне ба болои «лом»-и сеюм, ки се ҳарф аст, ҳарфи «син» илова кунем, калимаи «салом» ба вуҷуд меояд.

(дарёфтани) ин навъ ғароибу бадоеъ бо вуҷуди касрати (зиёдии) шавоғилу (шуғлҳо) мавонеъ (монеъҳо) аломати он аст, ки хизмати эшонро тафриқан зоҳир аз ҷамъияти ботин монеъ намояд ва аз ин маънӣ умедвор гашта, масъалат меравад, ки ҳазрати Ҳақ субҳонаҳу ва таоло ҷамъияте каромот фармояд, ки ин ҷамъият дар ҷанби (назди) он маҳзи (фақат) тафриқа (фарқ) намояд.

Вассалом валикром.

Чунин истимоъ афтод (овоза шуд), ки нисбат ба хизмати Хоҷа Саъдуддин Масъуд, ки дар ин диёр, балки (ҳатто) дар ин рӯзгор ғариб афтода, анвои алтофу (лутфу меҳрубонӣ) ғарибнавозӣ ба вуқӯъ пайваста. Алҳамду лиллоҳи таоло, ки он чи фақиронро аз ахлоқи каримонаи мулозимон (хизматгузорон) дар хотир мегашт, ба зуҳур омадааст умед аст, ки рӯз ба рӯз дар тараққиву издиёд (зиёдшавӣ) бошад. Боқӣ аҷзои (ҷузвҳои) 16 шарҳи қасида масҳуби (ҳамроҳи) мактуб фиристода шуд, дар маҳалли қабул бод.

Саломуллоҳ алайкум»

Баъзе номаҳои Ҷомӣ хеле кӯтоҳ ва манзуманд. Масалан номае, ки ба Хоҷа Убайдуллоҳ навиштааст, ҳамагӣ аз се байт иборат аст:

Хоҷаи куммал Убайдуллоҳ, ки нафси поки ӯ
Чун хитоби арҷаӣ[17] аз мавтини[18] аслӣ шунид,
Дар шаби салхи[19] маҳи фавти набӣ ҳамчун набӣ
Назди шоҳи муқтадир дар мақъадӣ[20] сидқ орамид.
Чун шаҳиди ишқу мақтули[21] фано филлоҳ[22] буд,
Ёфт ориф соли таърихаш зи «мақтули шаҳид».

Ин номаи манзум дар шакли шеърии қитъа суруда шудааст. Аз ин рӯ, онро қитъаи таърих низ гуфтан мумкин аст. Дар ин қитъаи таърих ибораи: «мақтули шаҳид» модаи таърих мебошад, ки агар ба ҳисоби абҷад адади ҳарфҳои онро ёбем, соли дилхоҳи шоир 404 ҳосил мешавад, яъне «мим» (م) – 40; «қоф» (ق) – 100; «итқӣ» (ط) – 9; «вов» (و) – 6; «лом» (ل) – 30; «шин» (ش) – 300; «ҳо-ҳавваз» (ه)- 5; «ёта» (ى) – 10; «дол» (د) – 4; ҷамъ = 404. Шумораи 404 албатта, солшумораи ҳиҷрист. Агар ин соли 404-ро ба солшумории мелодӣ гардонем, 1014 мешавад.

Баъзе мактубҳои шоир хеле кӯтоҳу содаанд, аз он ҷумла ин нома:

«Баъд аз арзи ниёз (майлу хоҳиш) маъруз (арз) он ки ҷамоати ғарибзодагон тазаллуме (шикояте) доранд, ки бар эшон тааддӣ меравад (зулм мекунад). Илтимос, он ки иноят (лутф) намуда, ба ғаври (ҳақиқати) эшон бирасанд ва нагзоранд, ки бар эшон тааддӣ равад (зулм кунанд).

Тавфиқ рафиқ бод, вассалом».

Номаҳои Ҷомӣ аз ҷиҳати услуб ва сохт гуногунанд, аммо номаҳое дучор меоянд, ки ба ҳамдигар хеле монанданд. Номаҳои зиёде ҳастанд, ки бо таъбири: «Баъд аз арзи ниёз, маъруз он ки…» сар шуда, бо таъбири «вассалом валикром» хотима меёбад. Қисме аз номаҳо бо таъбири «Баъд аз рафъи ниёз марфуъ он, ки …» оғоз ёфта, бо таъбири: «Тавфиқ рафиқ бод, вассалом» ба анҷом мерасанд.

Номаҳои Ҷомӣ аз ҷиҳати мавзӯъ низ гуногунанд. Баъзе номаҳои ӯ ба масъалаҳои ҳифзи табиати кишвару ободонии диёр, пешгирии хушкидани боғу дарахтон, таъмири роҳу биноҳо, рухдодҳои рӯзгори шахсони алоҳидаю муҳити адабӣ, таърихи мусофиратҳои Ҷомию Навоию Алӣ Қӯшчӣ ва дигарон, таърихи таълифи асарҳои манзуму мансур, беморию устоду шогирд, манзараҳои зиндагии як идда донишмандону адибони давр, масъалаҳои дӯстӣ, адлу дод, караму саховат, ирфон ва тасаввуф, шеъру шоирӣ бахшида шудааст. Дар баъзе мактубҳои ӯ, ки аз Бағдоду Каъбаю Марв ба ҳокимони давр навиштааст, хоҳиш кардааст, ки андози мардум кам карда шавад; барои ба Самарқанд рафтани Ҷамолуддин Саид Маҳмуд иҷозат диҳанд.

Дар номае хоҳиш намудааст, ки ба толибилмон ёрии иқтисодӣ расонанд. Дар номаи дигар, ки ба ҳокими давр равон кардааст, навиштааст, ки ҳаққи барзгарро диҳанд. Дар номае сухан дар бораи ҷавоне меравад, ки хеле донишманд асту бояд таҳсил кунад, то донишаш такмил ёбад. Дар номае омадааст, ки писари қозии шаҳр аз болои касе даъво кардааст. Ҷомӣ нома навиштааст, ки ҳалли онро қозии дигар бинад, на падари ӯ. Аз як мактуби Ҷомӣ маълум мешавад, ки занеро аз зиндон озод

[17] Арҷаӣ-
[18] Мавтии-ватан
[19] Салх-рӯзи охирини моҳи қамарӣ
[20] Мақъад-ҷои нишаст
[21] Мақтул-кушташуда
[22] Фанофиллоҳ -

кардаанд, ӯ хоҳиш мекунад, ки фарзанди ӯро низ аз зиндон халос намоянд. Дар номае сухан аз хусуси ҳолати Ҳамза ном мард меравад, ки ӯ зани худро азобу шиканҷа медодааст. Ҷомӣ таъкид мекунад, ки пеши роҳи ин гуна афродро гиранд.

Хулоса, номаҳои Ҷомӣ хусусияти панду ахлоқӣ, маърифатӣ, таълимӣ дошта, барои тарбияи мардум намунаи беҳтарини осори ахлоқӣ маҳсуб меёбанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Афсаҳзод Аълохон. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дувуми асри XV / Аълохон Афсаҳзод. -Д.: Дониш, 1987.
2. Афсаҳзод Аълохон. Абдурраҳмони Ҷомӣ / Аълохон Афсаҳзод. - Д.: Маориф, 1978.
3. Бертелс Е.Э. Джами / Е.Э Берелтс.- Сталинабад, 1949.
4. Гулзод Муҳаммадосиф. Мавлоно Ҷомӣ.- Кобул, 1389. – 67 с.
5. Донишпажӯҳ Манучеҳр. Сайри номанигорӣ дар адабиёти форсӣ / Донишпажӯҳ Манучеҳр. – Теҳрон, 1372. – 409 с.
6. Мактуботи Мавлоно / Бо кӯшиши Абдулбоқии Гулпинорлӣ. – Теҳрон, 1375. – 329 с.
7. Мисбоҳиддини Нарзиқул. Таърих ва назарияи номанигорӣ / Мисбоҳиддини Нарзиқул. -Д: Сино, 2009. – 137 с.
8. Муҳаммадисмоили Мубаллиғ. Ҷомӣ ва Ибни Арабӣ / Муҳаммадисмоили Мубаллиғ. -Кобул, 1343.
9. Низомии Арӯзии Самарқандӣ. Чаҳор мақола / Низомии Арӯзии Самарқандӣ. - Душанбе, 1986.
10. Номаҳои Айнулқузоти Ҳамадонӣ / Ба эҳтимоми Алинақии Мунзавӣ. – Теҳрон, 1377. – 341 с.
11. Сатторов Абдунабӣ. Афкори адабӣ ва эстетикии Абдурраҳмони Ҷомӣ / Сатторов Абдунабӣ. – Д.: Ирфон, 1975.
12. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор / Ҷомӣ Абдурраҳмон. -Д.: Адиб, 1990. –Ҷ. 8-9. -496 с.
13. Абдурраҳмон Ҷомӣ. Осори мунтахаб / Ҷомӣ Абдурраҳмон. -Д.: Ирфон, 1964. -Ҷ.2.
14. Абдурраҳмон Ҷомӣ. Рисолаи муншаот / Мусаҳҳеҳ Абдулалӣ Нури Аҳрорӣ / Ҷомӣ Абдурраҳмон. – Теҳрон: Интишороти Шайхулислом Аҳмади Ҷом, 1383. – 292 с.
15. Ҳикмат Алиасғар Ҷомӣ. Мутазаммини таҳқиқот дар таърихи аҳволу осори манзуму мансури хотамушшуаро Нуруддин Абдурраҳмони Ҷомӣ / Ҳикмат Алиасғар Ҷомӣ. – Теҳрон: Тӯс, 1363. – 407 с.
16. Шамисо Сирус. Сабкшиносии наср / Шамисо Сирус. – Теҳрон, 1376.
17. Шарифов Худоӣ. Балоғат ва суханварӣ / Шарифов Худоӣ. – Д.: Ирфон, 2002.
18. Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. -Душанбе, 2004. – ҷ. 3. – С. 491-495.

«ПИСЬМА» ДЖАМИ

Средневековая персидско -таджикская поэзия известна в мире именами своих выдающихся представителей, одним из которых является Абдуррахман Джами. Джами относится к той плеяде великих поэтов, которые своим великолепным творчеством завершает классический период её развития. Он создал великое множество сочинений в стихотворной и прозаической формах. В данной статье авторами подвергнуты изучению и рассмотрению «Письма» Джами, которые имеют воспитательную и нравоучительную особенность и в деле воспитания народа считаются лучшим примером нравственного наследия.

Ключевые слова: Абдуррахман Джами, «Письма» Джами, воспитательный и нравоучительный характер, послание народу, нравственное наследие.

"LETTERS" JAMI

Medieval Persian-Tajik poetry of famous names in the world of its prominent representatives, one of which is Abdurrahman Jami. Jami refers to the constellation of the great poets, whose magnificent work completes the classical period of its development. He created a great many works in verse and prose forms. In this article the authors explore and review "Letters" Jami, who have educational and didactic feature in the education of the people as the best example of moral heritage.

Kev words: Abdurrahman Jami, "Letters" Jami, educational and moral character, his message to the people, moral heritage.

Сведения об авторах: ***Тоиров Урватулло*** **–** доктор филологических наук, профессор ТНУ
Дурманова Саврия **–** аспирантка Таджикского национального университета

ТАВСИФИ ЗИНДАГӢ ДАР АШЪОРИ УБАЙДИ РАҶАБ

Ф. Ҳусейнзода
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар тавсиф ва ситоиши зиндагӣ тамоми шуарои адабиёти классикӣ ва муосири тоҷик фикрҳои пуразрише дар колаби назм ва наср гуфта, пешкаши хонанда гардонидаанд. Онҳо аз китоби муқаддаси Авасто илҳом гирифта, ростиву накӯкориро тарғиб ва ташвиқ намудаанд. Дар адабиёти навини тоҷик ин кор аз устод Айнӣ сар шуда, дар эҷодиёти Лоҳутию Турсунзода ва наслҳои баъдинаи солҳои 50-60 доман паҳн кардааст. Эҷодиёти Убайд Раҷаб низ аз он истисно нест. Шоир хуб

дарк кардааст, ки тамоми кор оғозу анҷом дорад. Фақат якдилӣ, якҷиҳатӣ, якруҳӣ, ки инъикосгари дӯстӣ мебошанд, пойдор хо³анд монд:

Хуб донам,
Кӯҳи саркаш ҳар қадар бар осмон
Сар кашад аз хокдон,
Пеши айём аз баландии назар
Бо мурури вақт гардад пасттар.
Хуб донам,
Рӯди шӯхобе,
ки ҳоло ром нест,
Бесариҳо мекунад, ором нест,
Ояд он рӯзе, ки дур аз кӯҳсор
Дар канори баҳри нав гирад қарор.
Хуб донам,
Баҳри серобе, ки туғёни варо
Мисли тӯфонаш набошад интиҳо
Аз хурӯшу ҷӯш монад як замон,
Хушк гардад қатра-қатра ноаён.
Хуб донам,
Ҳар як он исторае,
к-аз тори сар
Мезанад монанди ошиқ чашмакӣ
Аз сари шаб то саҳар,
Мерасад рӯзе, ки мемирад яке...
Хуб донам,
Дар бари ин хокдон
Зери сақфи осмон
Бо гузашти рӯзгорон
Ҳар чӣ меёбад камол,
Ҳар чӣ меёбад завол,
Ҳар чӣ мебинад халал, ҷуз дӯстӣ,
Ҳар чӣ мегардад бадал, ҷуз дӯстӣ…
Дӯстие, ки бароям дар ҷаҳон
Ёдгорӣ мондааст аз дӯстон...
Хуб донам,
Кӯ³на гардад ҳар қадар ин дустӣ,
Мешавад подортар ин дӯстӣ (12, 11 – 12).

Шуғли асосии шоир кор бо китобу қалам буд. Ӯ ҳаргиз аз бахт шиква накарда, инсон буду ҳаводор ва вафодории ҳар як ваҷаб замини камзамини Точикистонро мекард. Ӯ барои офарандагони неъматҳои моддӣ сари таъзим фуруд меовард, ки онҳо Замин - Модарро навозиш мекунанд.

... Замин бунёди ман,
Парвозам аз ӯст.
Замин эҷоди ман,
Эъҷозам аз ӯст.
Агарчи хоки маҳ гирам ба дастам,
Заминро -
Модарамро мепарастам,
Заминро -
Модарамро дӯст дорам,
Ба таъзими замин сар мефарорам (12, 17).

Шоир тарғиб мекунад, ки инсон бояд дилбохтаи табиат бошад. Саҳархезиро пеша карда, аз файзи саҳар бебаҳра намонад, зеро абри гузар дар ин вақт кӯчаҳоро об зада мерӯбад, майсаву сабза бӯйи баҳорро меорад ва бо ҳамроҳии чор унсури ҳаёт яке аз созандагони зиндагӣ маҳсуб мешаванд. Аз баландии кӯҳ ва қуллаҳои осмонбӯси он ифтихор мекунад. Таъкид бар он дорад, ки ҳар фард дилбохтаи касби худ бошад.

Дар шеъри "Руҷӯи марди чӯпон" ин чиз бештар эҳсос мешавад. Шоир азобу машақати даҳмардаро дар сари сангу канори зовия, зери борону барф ва бо оби сард рӯй шустану нӯши ҷон карданро беҳтарин роҳати меҳнати ҳалоли одамӣ медонад. Азоби қаламкашро дар вақти эҷоди асари бадеӣ баробари қатрае аз хуни ҷигар кам шудан дониста, онро афзалтар меҳисобад:

Хаста гаштӣ зи шуғли хеш агар,
Тори кӯҳи баланд назди ман о...
Чакмани моҳутии даҳмарда
Гарм созад чу ман ҳамеша туро... (12, 30).

Бо саъю кӯшиши Президенти Ҷум³урии То¿икистон Эмомалӣ Раҳмон ободгарии Точикистон ва сохтани сохтмонҳои барқии Нораку Роғун, Сангтӯдаву Помир обёрӣ кардани водиҳои сӯзони Ёвону Вахш, Шаҳристон кушодани шоҳроҳҳои аср, аз қабили нақби Истиқлол, Ша³ристон, Хатлон роиҷ гардид:

Замини сахт ларзад зери пояш,
Зи кӯҳ ояд ба гӯш акси садояш.
Ман ӯро дидаам рӯзи муборак
Дар оғӯши замини гарми Норак.
Канори мавҷҳо ғарқи суруре,
Ба каф бардошта чун баҳт нуре
Ман ӯро дар бари Ёвон бидидам,
Миёни водии сӯзон бидидам.
Аракро бар замин чун дона мекошт,
Ба дасти худ калиди кимиё дошт.
Ман ӯро дидаам дар саҳни Роғун,
Ки бо амвоҷ буд дасту гиребон.
Ба сӯе кӯҳҳоро тела медод,
Ки кӯҳи тозае бинмояд э¿од.
Чу дидам, шармам омад, лаб газидам,
Ки то имрӯз ӯро кам бидидам.
Зи ман огаҳ бувад чун як шиносам,
Валекин ман варо кам мешиносам.
Ҳасад бурдам бар ӯ дар дил, аз он рӯ
Ки набвад ҷойи ман дар паҳлӯи ӯ...
Ҷавон аст ӯ, ҷавон аст ӯ, ҷавон аст,
Ҷавонии Ватанро як нишон аст (12, 31 - 32).

Убайд Раҷаб фахр аз он дорад, ки ҳамеша фикри ободии Тоҷикистонро дар сар дошт. Барои ҳар як шахси ватандӯст дӯстдорӣ аз канори модар ва зодгоҳ ибтидо мегирад. Гарчанде аз домани он раставу обу ҳавои дигар дида бошад ҳам, найи даҳмардаву табассуми лолаҳои шукуфони куҳӣ фаромӯшношуданист. Ӯ ҳама вақт мехост, ки аз ҳавои кӯҳ нафас гирифта, То¿икистонро мисли кӯҳҳояш сарбаланд бинад. Ӯ ҷудоиро аз меҳан бори гарон меҳисобад:

Бо ту нафас гирифтам,
Будам ба ҳар куҷое...
Ҳар ҷо набошам, аз ту
Набвад маро ҷудоӣ (12, 47).

Тоҷикистон мояи ифтихор ва илҳоми шоир гардида буд. Ҳам резасангаш, ҳам зови тангаш, ҳам сабзаи тараш, ҳам роҳи пурпечутобаш диққати бинандаро ба худ ҷалб мекунад. Меваҳои шаҳдбораш, аз қабили тутмавизу қоқи мева инсонҳоро дар вақти гуруснагӣ аз дами марг раҳонидааст. Ҳамаи онҳо аз хирмани зар қиматтаранд. Ин андешаҳои ҳаётии шоир шоистаи дастгирӣ аст.

Дар шеъри "Зиндагӣ ³еҷ аст, ³еҷ аст" ӯ таъкид мекунад, ки дар қатори шодию сурур ғаму андӯҳ низ рух доданаш мункин аст. Инсон бояд барои бартараф кардани он мубориза барад ва аз пастию баландӣ бемалол убур карда тавонад:

... Зиндагӣ рангин набошад,
Ҳиммату кӯшиш агар нест.
Зиндагӣ ширин набошад,
Ҷуръату ҷӯшиш агар нест... (12, 56).

Зиндагӣ кардан меҳнати ҳалол ба нафъи умум кардан аст. Некӣ ва накукорӣ ҷанбаи асосии онро бояд ташкил диҳад. Шоир дар мисоли деҳқони хокпош собит сохтааст, ки ӯ ба умеди ризқу рӯзии фардо заминро фалла карда донаи умед мекорад, то ин ки наслҳои баъдина аз он истифода баранд.

Афсӯс, ки имрӯз зумрае аз ҷавонон ва наврасон ба қадри зиндагӣ ва ме³натӣ ҳалол намерасанд. Мехоҳанд, ки бо роҳи муфту осон соҳиби номи баланду нони бемеҳнат шаванд. Ба қадри замин намерасанд. Инсон маҳз бо меҳнат аз замин нозу неъмат меофараду кӯҳҳоро талқон мекунад, обанборҳо месозад, роҳҳо мекушояд ва бо ободкорияш фахри диёр мегардад. Дар шеъри "Дастаҳо" омадааст:

… Аз пайи ризқи ҷаҳон,
Аз пайи ризқи замон
Мисли ман,
Монанди ту
Рӯзу шаб дар ҷустуҷӯ,
Дастҳо кобандаанд,
Дастҳо ёбандаанд. (12, 70).

Тамоми бузургони адабиёти форсии точикӣ ҳурмати волидайнро зарур донистанд. Аз устод Рӯдакӣ сар карда, то Амир Хусрави Дехлавию Эраҷ Мирзо, Турсунзодаю Лоиқ дар васфи эшон достонҳои пураразише эҷод кардаанд. Убайд Раҷаб низ ин анъанаро давом додааст. Ӯ дасти ларзони падарро пеши назар оварда, ҳама вақт бо рӯҳи ӯ гуфтугӯ дорад:

Гарчи ҳуд бобояму фарзанди ман бошад падар,
Маслиҳат мегирам аз ӯ боз як бори дигар...
Ман намедонам чаро дунбола мегирад маро
Рӯзи бедори падар шому саҳар дар ҳар кучо?
Ё магар аз ёд бурдам ҳарфи некӯи варо?
Ё магар бо айби ман дар кори ман сар зад хато? (12, 95-96).

Дар ин шеър шоир аз сактаи дил андеша намуда, кардаву накардаашро дар мизони ақл бармекашад. Баҳри ин риояи расму русуми суннатӣ, аз қабили ёди гузаштагон кардан ва рафтори неки онҳоро идома додан шарт ва зарур аст.Ба ин васила шоир мехоҳад, ки ҳамчун намояндаи ориёнажод бо гулхани ноб рӯҳи пири суғдиро зинда гардонад. Навхонадоронро гирди алангаи оташ давр занонад ва бо мавҷи рақсу бозӣ анъанаи гузаштагон ва муҳаббати гарму самимии ошиқонро нишон диҳад. Дар шеъри "Суннат" омадааст:

… Шуълаи гулхан баланд аз бом шуд,
Ҳавлии ором ноором шуд...
Оташи поку муқаддас шоҳид аст,
Шоҳиди ишқи дили оташпараст.
Боз зери гунбади чархи кабуд
Рӯҳи пири суғд имшаб зинда шуд (12, 98-99).

Убайд Раҷаб шуҳрати шахсро дар ³унари ӯ мебинад. Дар шеъри "Умед" шоир бунёди боғ³ои гулбасарро заҳмати дастони боғбони пир ме³исобад, ки бо азобу азияти зиёде дар тори кӯҳ хонае сохта, бо ҳунари кандакорияш маҳсули дасти ҳунармандро нишон доданӣ мешавад, ки қодир аст аз харсангу бурси куҳӣ муъҷизае офарад. Дар қисмати охири шеър заҳмати ҳунари суханварро вазнин ҳисобида, доварии онро ба хонанда ҳавола мекунад:

...Наққош нақши тозае дар чӯб мекунад,
Бар чӯби хушк ҷон диҳад аз ақлу аз ҳунар,
Номи варо ба ҳурмате то бар забон барад,
Боре ба шавқ мекунад ҳар кас ба он назар.
Ман ³ам ба ёди рӯйи ту шабро саҳар кунам,
Бо ёди ту қалам кашам бар рӯйи дафтарам,
То баъди ман ба ҳурмате ёд оварӣ маро,
Байтам шавад зи баъди ман то умри дигарам (12, 105).

Шоир дар шеъри "Ранҷи такопӯ" бахти худро сутуда мехо³ад розӣ пинҳоншудаи дилро ҳар дақиқа рӯйи саҳфа орад. Барои санъаткор ва аҳли қалам лаҳзаи вазнин он аст, ки дар рӯйи коғаз чизеро сабт карда натавонад, ё ба қавли шоир:

…Зиндагӣ гардад пурозор,
Гар қалам монад зи гуфтор.
Гар нагӯям ҳарфи дилро,
Боли худро мурғи табъам
Гар набикшояд дигар бор.
Ҳарф дар ҳукми чароғ аст,
То шавад равшан дили дӯст.
Ҳарфи ман роҳи суроғ аст,
Ҳарфи ман ранҷи такопӯст.
Ҳарфи ман, эй бахти бедор,
Чун сипаҳ дар хидмати туст! (12, 120).

Шоир дар шеъри "Кистам?" ба писараш Иқбол мурочиат карда, саргузашти худро дар ҷодаи эҷоди асар баён мекунад. Муваффақияти аҳли эҷодро мепазирад ва кӯшиш кардааст, ки аз хомаи ӯ ихлосмандони боғи адабиёт баҳра бардоранд.

…Дафтари умри хешро кардам
Пеши чашмони у варақгардон:
-Фикри шуҳрат набуд дар сари ман,
Дар ҳазар будам аз фиреби касон.
Ками худро зиёда донистам,
Аз ҳисоби касе набурдам хас.
Хам накардам сари баландамро
Ба тамаъ пеши хар касу нокас.
Хом буд, пухта буд, ҳар он чӣ буд,
Бо рафиқони худ ба ҳам дидам,
Дӯстонро ҳамеша беш аз худ,
Хештанро ҳамеша кам дидам... (12, 123).

Шоир ифтихор аз он дорад, ки ҳар чӣ дар ҷодаи эҷод ба даст овардааст, бо дасти худаш, бо дониши худаш ва бо қалами худаш пайдо кардааст:

Ҳеҷам имрӯз, ё ки ҳар чизам,
Кардаам бо ду дасти худ пайдо... (12, 124).

Ӯ тамоми умр бо вичдони худ танҳо ба танҳо дар гуфтугӯ аст ва гапи ҳақро гуфта, вичдонро азоб додааст, ки ба ҳар неку бад хисобот диҳад. Шуғли шеъру шоириро аз ҳама касбҳои дигар вазнину сангин меҳисобад. Дар ҳақиқат пешаи суханварӣ ва заҳмати аҳли эҷод кори саҳлу осон нест.

Агар Унсурулмаолии Кайковус дар "Қобуснома" омӯхтани суханро барои фарзанд беҳтарин ҳунар дониста, онро ба чор навъ ҷудо кунад, Мавлоно Ҷомӣ чунин ишора дорад:

Сухан мояи сеҳру афсун бувад,
Ба ташхис, вақте ки мавзун бувад.

Адабиётшинос Абдуннабӣ Сатторзода дуруст қайд кардааст, ки "қобилияти дарки тақозои зиндагӣ ва завқи бадеии замон дар шеъру шоирӣ имтиёзи барҷастаест ва ба ҳар кас муяссар намешавад. Вале барои офаридани шеъре, ки шоистаи давр ва завқи бадеии мардуми имрӯза бошад, ғайр аз ин бадеият ва маҳорати адабӣ низ лозим аст".

"Агар маҳорат набошад, нависанда нест, адабиёт ҳам нест" - таъкид намудааст устод М.Турсунзода. Шоир дар шеъри "Баҳое ба шуғли ман арзон мадеҳ" мегуяд:

Баҳое ба шуғли ман арзон мадеҳ,
Надонам баҳое, ки арзон гирифт,
Ба ман чун ба деҳқон баҳое бидеҳ,
Баҳое бихоҳам чу деҳқон гирифт.
Аёнам бувад, марди деҳқон чӣ сон
Зи хоки сияҳ дона орад ба каф,
Азобаш на кам бошад, аз он ки ӯ
Бурун орад аз қаъри дарё садаф.
Ҳавое зи деҳқонӣ дорам ба сар,
Ки бидҳад маро руҳу тобу тавон.
Ба корам чу деҳқон камар бастаам,
Ман охир [3]амон зодаи деҳқон...
Ҳар он чӣ сазовори шуғли ман аст,
На бешу на кам хоҳам аз он гирифт.
Баҳое ба шуғли ман арзон мадеҳ,
Нахоҳам баҳое, ки арзон гирифт. (12, 126).

А Д А Б И Ё Т

1. Абдусаттор А. Асрори шеъри марғуб / А Абдусаттор. –Душанбе: Адиб, 2004. – 110 с.
2. Акбарзод М. Сухан з-осмонҳо фуруд омадаст / М. Акбарзод. – Душанбе: Адиб, 2008. – 272 с.
3. Амонов Р. Рубоиёти халrb ва рамзҳои бадеӣ / Р. Амонов. – Душанбе: Дониш, 1987. – 296 с.
4. Афсаҳзод А. Дар сафи бузургон / А. Афсаҳзод. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 336 с.
5. Отахонова Х. Таҳаввули жанри достон дар назми муосири тохик / Х Отахонова. – Душанбе, 1983. – 264 с.
6. Нарзиқул М. Муқаддимаи шеършиносӣ / М Нарзикул. - Душанбе: Сино, 2004.-79 с.
7. Раҳмонов Ш.А. Таҳқиқ ва накд / Ш.А. Раҳмонов– Душанбе: Адиб, 2005. – 258 с.
8. Файзуллоев Н. Назми кӯдакон / Н. Файзуллоев – Хуҳанд, 2010. – 664 с.
9. Шарифов Х. Шоир ва шеър / Х. Шарифов – Душанбе: Адиб, 1988. – 217 с.
10. Ҳакимов А. Шеър ва замон / А. Ҳакимов– Душанбе: Ирфон, 1978.

11. Сатторов А. Нугтаи пайванд / А Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 240 с.
12. Убайд Раҷаб. Саррез / Р Убайд– Душанбе: Ирфон, 1982. – 402 с.

ОПИСАНИЕ КРАСОТЫ ЖИЗНИ В ТВОРЧЕСТВЕ УБАЙДА РАДЖАБА

В статье проанализированы стихотворения известного таджикского поэта – Убайда Раджаба, который в своих стихах воспевает человеческий труд и утверждает, что жизнь прекрасна человеческим трудом. Воспевание человеческого труда является одной из ключевых тем, как в классической, так и в современной таджикской литературе. В этом плане поэт продолжает традицию классиков и обогащает современную таджикскую литературу своим прекрасным содержательным творчеством.

Ключевые слова: поэзия, поэт, творчество, труд, красота, благоустройство, классика, современность.

THE DESCRIBE OF BEAUTY OF LIFE IN POETRY OF UBAID RAJAB

The article analyzes the poem known Tajik poet - Ubaid Rajab, who in his poem extols human labor and argues that life is beautiful with human creative work. The human labor is one of the key topics in classical and in modern Tajik literature. In this regard, the poet continues the tradition of classical and modern Tajik literature enriches its wonderful meaningful creativity.

Key words: poetry, poet, creativity, work, beauty, landscaping, classic literature, modern literature.

Сведения об авторе: ***Ф. Хусейнзаде*** - кандидат филологических наук, главный научный сотрудник кафедры теории современной персидско-таджикской литературы ТНУ. Телефон: **927-53-87-65**

ДОИР БА ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ АДИБИ ТУРКИЯ НОЗИМ ҲИКМАТ

Г.А. Шарифова
Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

Афзудани хусусиятҳои байналмилалӣ дар адабиёт, дӯстиву мулоқоти бевоситаи адибон ва нависандагони халқҳои гуногун, ҳафтаҳои адабиёт ва санъат, шабҳои эҷодии нависандагони халқҳои бародар, ба тарзи муқоиса омӯхтани асарҳои дар як мавзӯъ ва ғоя навишташуда аз ҳодисаҳои нисбатан тозатари равобити адабӣ мебошанд, ки айни ҳол вусъат ёфта истоданд.

Ҳамаи ин дар дохили худ чандин масъалаҳои робитаи адабиро дар бар гирифта, зиёда аз шаклҳои пешинаи равобити адабӣ барои вусъати ҳаматарафаи олами образу ғояҳо ва ғанитар гардидани хазинаи адабиёт дар ҳалқ, аз ҷумла адабиёти тоҷик кӯмак мерасонад. Ин яке аз омилҳое мебошад, ки иттиҳод байни мардумони қавму миллатҳои гуногунро қувват медиҳад. Чи тавре ки муҳаққиқон ибрози ақида кардаанд; «алоқаҳои адабӣ робитаи байни халқҳост ва моро аз эҳтиёҷу ниёзмандии халқҳо дар роҳи фардо бохабар карда, инчунин давру замонҳо, халқҳо ва мамлакатҳоро ба ҳам наздик месозад ва ягонагии башариятро қавитар мегардонад» (5.139).

Ҳаёт ва фаъолияти адиб ва шоири турк Нозим Ҳикмат хеле мароқангез буда, хонандагони тоҷик ба воситаи баргардонҳо аз тариқи матбуот бештар бо ин адиби ширинсухан шинос ҳастанд. Масалан, шеърҳои Нозим Ҳикмат бо инъикоси барҷастаи зиндагӣ, бо воқеияти тасвири худ, бо баландии шаклу мазмуни худ, дар назми муосири Туркия бемислу монанданд. То имрӯз зиёда аз 50 шеър ва достони ин шоири оташсухан ва муборизи ҷасури сулҳ ва амният ба забони тоҷикӣ тарҷума шудаанд, ки дар кори баргардони онҳо шоирони машҳуртарин, аз ҷумла Мирзо Турсунзода, Муҳиддин Аминзода, Абдусалом Деҳотӣ, М.Фарҳат ва дигарон ширкат варзидаанд. Қисми зиёди ашъори тарҷумашудаи Нозим Ҳикмат дар маҷмӯаи «Шеърҳо» (1954, 80 сах) ҷойгир шуда, ҳар кадоми он мавзӯъ ва идеяи хеле фаҳмо ва муайянро доранд (2.87).

Инчунин, романи ӯ бо унвони "Романтика" дар тарҷумаи К.Носиров соли 1966 аз тариқи нашриёти "Ирфон" (300с.) ба нашр расонида шуда буд.

Акнун мехостем дар ин мақола доир ба зиндагиномаи шоир ва нависанда, сенариянавис, драматург ва арбоби ҷамъиятии турк Нозим Ҳикмат (1902–1963) қадре равшанӣ андохта бошем. Вай дар оилаи ашрофони Салоникҳо таваллуд шуда, дар синни хурдсолӣ бо шеъри ирфонӣ ошноӣ пайдо кард. Шеъри мазкур дар ташаккулёбии завқи эстетикӣ ва сифатҳои ахлоқии Нозим таъсири амиқ гузошт. Дар 12-солагӣ шеъри аввалинашро таҳти унвони «Аз забони маллоҳ» эҷод карда, аз 15-солагӣ ба чоп кардани шеърҳояш оғоз кардааст.

Ҳамчун афсари таҷрибаомӯз дар крейсер ба бемории варами пардаи шуш (плеврит) мубтало гашта, барои хизмати низомӣ корношоям дониста шуд. Соли 1920 аз шаҳрҳои аз тарафи иттифоқчиён – англисҳо ва фаронсавиҳо ишғолшудаи Истамбул ва Анталия, ки ҳамон вақт дар шаҳри мазкур маркази ҳаракати миллии

озодихоҳӣ таҳти сарварии Камол-пошшо (Камол Отатурк) амал мекард, ҳичрат намуд. Дар литсейи шаҳри Болу дарс мегуфт. Аз воқеаҳои дар Русия бавуқӯъпайваста, инчунин дар зери таъсири ғояҳои инқилобӣ р¢ҳу илҳом гирифта, ба шаҳри Батум, сипас, ба шаҳри Москва сафар намуд.

Дар шаҳри Москва ба факултаи «Иқтисод ва ҳаёти ҷамъиятӣ»-и Донишгоҳи коммунистии заҳматкашони Шарқ (1922-1924) шомил шуд. Соли 1922 узви ҳизби коммунист гашт.

Соли 1924 ба Туркия баргашта, дар маҷаллаи «Ойдинлик» («Равшанӣ») ба фаъолият оғоз намуд. Дар шеърҳои ҳамонвақтаи шоир унсурҳои футуризм мушоҳида мегарданд. Ӯ аввалин шоири турк аст, ки дар ашъораш шеър ба сабки лаҳҷа ва шеъри ҳиҷоӣ истифода шудааст.

Соли 1927 дубора ба Иттиҳоди Шӯравӣ меояд. Дар шаҳри Боку соли 1928 аввалин маҷмӯаи ашъори Ҳикмат таҳти унвони «Суруди офтобфишон» аз чоп баромад. Соли 1928 шоир ба Туркия баргашта, ба ҳаёти пурраи адабӣ ворид гардид. Маҷмӯаи шеърҳояш дар мавзӯи тақдири душвори мардуми турк таҳти унвони «835 мисраъ» (1929), «Варан-3» (1930), «1+1=1» (1930), «Шаҳри гумкардаи садо» (1931) чоп шуданд, ки дар онҳо даъват ба мубориза барои ғояҳои нав ва васфи инқилоб садо медиҳанд. Дар достони «Ҷиоконда ва Си-Яу» (1929) ва романи назмии «Барои чӣ Бинарчӣ худкушӣ кард?» (1932) Ҳикмат ба муқобили сиёсати империалистии мустамликадорӣ садо баланд кард.

Эҷодиёт ва ақидаҳои коммунистии Ҳикмат боиси норозигии режими ба сари қудратомадаи миллатпарастон мегарданд. Баъд аз чоп шудани маҷмӯаи шеърҳояш «Телеграмма» (1932), ки дар он коммунистони туркро ба муборизаи беамон барои озодӣ ва демократия даъват менамуд, шоир ба муҳлати 5 сол аз озодӣ маҳрум гашт (баъд аз як сол тибқи қонуни авф озод шуд). Минбаъд ҳар бори чоп шудани китоби наваш ӯро ба зиндон меандохтанд. Китоби охирини дар Туркия чопкардааш «Достон дар бораи шайх Бадриддин, писари қозӣ Шимавнӣ» (1936) аст, ки дар зиндони шаҳри Бурса эҷод шуда, ба он асари Ленин «Дар бораи ифтихори миллии великороссҳо» замима карда шуда буд, ба шахсияти воқеии таърихӣ бахшида шудааст. Дар китоб робитаи ақидаҳои коммунистии муаллиф ва принсипҳои фалсафаи ирфонӣ баръало мушоҳида мегардад.

Дар асари мазкур сухан дар бораи он меравад, ки дар оғози асри XV пешвои сӯфиён шайх Маҳмуд Бадриддин Қуръонро тибқи таълимоти сӯфиён дар бораи ваҳдати кайҳон ва баробарии ҳамаи одамон дар назди Парвардгор тафсир намуда буд. Ӯ дар шимоли империяи Усмонӣ ба шӯришгарон сарварӣ намуда, сохти ҷамъиятии одилонаи худашонро бунёд карданд, замин ва боигариҳоро ҷамъиятӣ намуда, баробарии одамонро эълом доштанд (3.77).

Соли 1938 Нозим Ҳикмат ба муҳлати 28 сол ҳукми зиндон гирифт. Дар зиндон асари ҳамосии «Чашмандози инсон»-ро (1941-1961) офарид, ки он таърихи назмии асри XX буда, бо забони туркӣ танҳо солҳои 1966-1967 рӯйи чоп омадааст. Соли 1950 ҳукумати Туркия таҳти фишори ҷомеаи ҷаҳонӣ шоирро аз зиндон озод намуд. Шоир дар маҷмӯъ дар зиндон қариб XVIII соли ҳаёташро гузарондааст. Аз озод шуданаш ҳанӯз вақти зиёд нагузашта, Ҳикмат дар бораи қасди ба муқобили ӯ равонагардида огоҳ шуда, савори қаиқи моҳигирӣ ба баҳри кушод шино намуд ва ӯро сафинае, ки озими Руминия буд, наҷот дод.

Соли 1951 шоирро аз ҳуқуқи шаҳрванди Туркия маҳрум намуданд. Бинобар ин, аз Бухарест ба Иттиҳоди Шӯравӣ фирор кард. СССР минбаъ ба ватани дуюми ӯ табдил ёфт. Дар Иттиҳоди Шӯравӣ Ҳикмат эътимод ҳосил намуд, ки воқеияти ҳаёт аксар вақт хилофи идеалҳо аст.

Эҷодиёти асосгузори назми инқилобии турк Нозим Ҳикмат дар адабиёти турки давраи баъди ҷумҳуриявӣ зуҳуроти барҷаста гардид. Шеърҳои нахустини ӯ дар маҷаллаи «Айдынлык» («Рушноӣ») ҳанӯз соли 1924 чоп мешуданд ва таъсири хеле тааҷҷубангез доштанд. Вазни нави шеърӣ ва баҳри нав, оҳанги наттоқӣ, қофиябандии ғайриодӣ, истиораву образҳои ғайричашмдошт, аммо муҳимтар аз инҳо мавзӯю сужетҳои то ин вақт «ғайришоирона», ё «ғайришеърӣ» донисташаванда якбора Нозим Ҳикматро сарвари равияи нави эҷодӣ намуданд. Аввалин маротиба маҳз дар шеъри ӯ овози пуркуввати синфи коргар садо дода, адабиёти туркро маҷбур кард, ки онро бишнавад (1.309).

Эҷодиёти Нозим Ҳикмат ба рушди назми турк таъсири бузург гузоштааст. Шоир шеъри озодро ҷорӣ намуда, шаклҳои шеъриро тағриба кардааст. Адибони турк шоирро ислоҳотгари бузурги забони назм медонанд. Ҷойи услуби наттоқии

назм, эҳсосотӣ будани он, ки хоси эҷодиёти давраи ҷавонии шоир мебошанд, дар синни камолоти шоир ба лиризм иваз шудаанд.

Сурудҳое мавҷуданд, ки дар шеъри Ҳикмат навишта шудаанд. Ба шоир китобҳо, тадқиқотҳо, ёддоштҳо бахшида шудаанд. Мероси адабии Ҳикмат ба забонҳои зиёди олам тарҷума шуда, пейсаҳояш дар саҳнаҳои Аврупо, Америка ва Осиё ба саҳна гузошта мешаванд.

Ба муносибати 100-солагии мавлуди шоири бузурги турк, асосгузори адабиёти муосири турк Нозим Ҳикмат (1902-1963) ба ӯ ҳуқуқи шаҳрванди Туркия баргардонда шуд. Тавре ИТАР-ТАСС хабар додааст, дар ин бора Вазири фарҳанги Туркия Истемихон Толой эълон доштааст. «Шоири бузург дубора шаҳрванди кишвари мо мешавад. Аксари ҳамватанони мо чунин хоҳиш доранд», - гуфтааст ӯ (3.98)

Дар 19-солагиаш узви ҳизби дар Туркия мамнӯъэълоншудаи коммунистӣ гашта, Ҳикмат 17 соли ҳаёташро дар зиндон паси сар кард. Баъд аз он ки ҳукуматдорони Туркия таҳти фишори аҳли ҷомеаи ҷаҳон ӯро аз зиндон раҳо карданд, соли 1950 ба СССР ҳиҷрат намуд. Дар ватани наваш Ҳикмат ба Мукофоти ба номи Ленин шарафёб гашт.

Мисраъҳои шеъри Ҳикмат, ки боре Фредерк Жолио-Кюри дар конгресси ҷонибдорони сулҳ қироат намуда буд, имрӯз ба одамони зиёди сайёра ошноянд: «Ман агар насӯзам, ту агар насӯзӣ, мо агар ҳама насӯзем, пас кӣ зулмотро пароканда мекунад?». Нозим Ҳикмат маълумоти мухтасар ба «Кирилл ва Мефодий» мебошад.

Рӯзномаи «Нозим Ҳикмат» дар соли 1950 чоп шуда, барои аз маҳбас озод шудани шоир мубориза мебурд ва асарҳои ӯро чоп мекард. Хусусияти матбуот то андозаи аниқ шакли жанри хурд ҳикояро, ки дар адабиёти солҳои 1940-50 чун жанри асосӣ дониста мешуд, муайян кард. Масъалаи эстетикаи марксистӣ–лениниро маҷаллаи «Ант» («Қасам») органи Ҳизби коргарии Туркия мебардошт. Маҷаллаи «Варлык» («Хастам»), ки онро аз соли 1933 нависанда Яшар Набӣ Найир (соли таваллуд 1908) чоп мекард.

Инчунин барои беҳтарин асарҳои насрӣ ва назмӣ ҳар сол озмун гузаронида, барои баланд бардоштани сатҳи адабии адабиёт мусоидат менамуд. Маҷаллаи «Солнома» («Варлык йыллыгы») дар саҳифаҳояш мақолаҳое ба табъ мерасонд, ки онҳо дар мавзӯи масъалаҳои адабиёт ва санъат баҳс мекарданд. Маҷаллаи «Едитепе» («Ҳафт пушта») аз соли 1950 нашр гардида, ҳамеша аз санъати ба самти иҷтимоӣ равонгардида ва реализм пуштибонӣ менамуд ва хонандагонро ба адабиёти муосир ошно менамуд.

То андозае дар он солҳо кӯшишҳои тозаи ҷасуронаи таҷдид кардани назми туркӣ анҷом дода мешавад, ки пеш аз ҳама аҳамияти ҷамъиятӣ пайдо кардани он дар назар гирифта шуда буд.

Гурӯҳи шоирон бо номи «Сепоя» - Орхан Валӣ Каник (1914-1950), Мелиҳ Ҷевдет Андай (соли таваллуд 1915) ва Оқтой Рифат Хороздҷу (соли таваллуд 1914) бо манифести адабӣ «Манифести се (3)» баромад намуда (китоби «Аҷиб ё мусофир» 1941), пешниҳод мекунанд, ки коргару косиб ва тоҷирони хурдро бояд қаҳрамони назм намуд ва аз қофия, вазну баҳр даст кашид, зеро ба фикри онҳо ин чизҳо барои ба забони оммафаҳми шаҳру русто дар бораи ташвишу тараддуди ҳамарӯзаи инсон ва шодию анд₵ҳи хурдтарини он навиштани шеърро маҳдуд месохта, пойбанди шоир мегардидааст. Шоирони гур₵ҳи «Сепоя» ҷонибдорону пайравони зиёд пайдо карданд. Ба майдон талабидани назми эҳсосоти «баланд» ва эҳтироси «беҳад» ба хотири «инсонӣ намудан»-и назм қариб аз ҷониби ҳамаи намояндагони назми турки солҳои 1940-50 дастгирӣ пайдо мекунад.

Навоварии ба адабиёт ворид кардаи шоирони гурӯҳи «Сепоя" дар қатори дигаргунии инқилобии дар назм бавуҷудовардаи Нозим Ҳикмат хусусият ва самти тамоми ҷустуҷӯйи эҷоди давраи баъдиҷангии адабиёти туркро муайян намуд (4.203).

Ба майдон талабидани назми эҳсосоти «баланд» ва эҳтироси «беҳад» ба хотири «инсонӣ намудан»-и назм қариб аз ҷониби ҳамаи намояндагони назми турки солҳои 1940-50 дастгирӣ пайдо мекунад. Навоварии ба адабиёт воридкардаи шоирони гур₵ҳи «Сепоя" дар қатори дигаргунии инқилобии дар назм бавуҷудовардаи Нозим Ҳикмат хусусият ва самти тамоми ҷустуҷӯйи эҷодии давраи баъдиҷангии адабиёти туркро муайян намуд. Гардиши қатъии адабиёт ба самти тасвири ҳаёти одами одӣ ва аниқу равшан кардани мақсади иҷтимоии он дар назм ва ҳам дар наср инъикос гардидааст.

Дар назми солҳои 1960 тағйироти ҷиддӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Агар Фозил Ҳусейн Дағларча (соли таваллуд 1912), Баҳчет Неҷатигил (соли таваллуд 1916), Бедрӣ Раҳмӣ Эюбоғлу (соли таваллуд 1913), Ҷаҳид Ситки Таранҷӣ (1910-56), Зиё Усмон

Сабо (1910-57) ва дигарон анъанаи демократии адабиёти туркро идома дода бошанд, он гоҳ шоирони ҷараёни «Нави дубора», ки ҳанӯз дар солҳои 1950 ба вуҷуд омада буд (бар хилофи «Нави аввала» - мактаби Орхан Валӣ Каник), ба роҳи шаклпарастии озмоишгароёна, ҷустуҷӯйи шакл ва образҳои мураккаб баромаданд. Ин ҷараёнро Илҳон Берк (соли таваллуд 1916) сарварӣ мекард, ки ғояҳои назми «бемаъно»-ро таблиғу ташвиқ менамуд (5.108).

Дар назми солҳои 1960 тағйироти қатъӣ ба вуқӯъ мепайвандад. Агар Фозил Ҳусейн Дағларча (соли таваллуд 1912), Баҳчет Нехатигил (соли таваллуд 1916), Бедрӣ Раҳмӣ Эйбоғлу (соли таваллуд 1913), Ҷаҳид Ситки Таранҷӣ (1910-56), Зиё Усмон Сабо (1910-57) ва дигарон анъанаи демократии адабиёти туркро идома дода бошанд, он гоҳ шоирони ҷараёни «Нави дубора», ки ҳанӯз дар солҳои 1950 ба вуҷуд омада буд (бар хилофи «Нави аввала» - мактаби Орхан Валӣ Каник), бо роҳи шаклпарастии озмоишгароёна, ҷустуҷӯйи шакл ва образҳои мураккаб баромаданд. Ин ҷараёнро Илҳон Берк (соли таваллуд 1916) сарварӣ мекард, ки ғояҳои назми «бемаъно»-ро таблиғу ташвиқ менамуд. Чунин зуҳуроти монанд дар наср низ ба мушоҳида мерасид, як қатор нависандагон дар зери таъсири ҷараёнҳои мухталифи модернистӣ монда, ба «санъати бемақсад» аз мавқеи «мушоҳиди бетараф» даъват ба амал меоварданд. Аммо дар адабиёти турк ҳарчӣ бештар садое баланд мешуд, ки адибонро ба шаҳрванд будан даъват мекард .

Умуман, шоирон ва нависандагони туркзабон аз ҷумла Нозим Ҳикмат бо бузургии худ тавонистанд мавриди таваҷҷуҳу омӯзиш дар байни адабиётҳои олам қарор бигиранд. Зеро шеъру достонҳо ва ҳикояву новеллаҳои ин адибони тарғибгар идеалҳои инсондӯстӣ ва даъват ба некӣ кардан, дасти ҳамдигарро гирифтан ва зиндагии мардуми одии кишвари худро тачассум мекунад. Аз ин рӯ, асарҳо ва шеъру достонҳои адибонии туркро то имрӯз хонандагони зиёди гуногунзабону гуногунақидаву гуногунмазҳаб мехонанду пайравӣ мекунанд. Ин нишонаи он аст, ки осори ин шоирон ва нависандагон дар ҳар давру замон ҷавобгӯ мебошанд ва мардумро бо як роҳи нек ҳидоят месозанд, ки инро тавассути баргардони тарҷумонҳои тоҷик бархурдор шудем.

А Д А Б И Ё Т

1. Бабаев А.А., Назым Хикмет / А.А.Бабаев. - М., 1957.
2.Горбаткина Г.А.Пьесы-легенды Назыма Хикмета /Г.А Горбаткина. -М.,1967.
3. Давронов А. Пайванди замонҳо ва қисмати адабиёт / А. Давронов. – Душанбе: Маориф, 1994.
4. Жирмунский В.М. Сравнительное литературоведение. Восток и запад / В.М. Жирмунский.- М: Наука, 1979. -493с.
5. Фиш Радий., Назым Хикмет / Фиш Радий. –М: Молодая Гвардия, серия ЖЗЛ (448с.), 1968.

О ЖИЗНИ И ТВОРЧЕСТВЕ ТУРЕЦКОГО ПИСАТЕЛЯ НАЗИМА ХИКМЕТА

В статье приводятся данные о жизни и творчестве турецкого писателя и поэта Назима Хикмета, также рассматриваются его переводы произведений и их публикация в таджикской печати.

Ключевые слова: исследователь, связь, перевод, литературный, писатель, произведение, творчество, стиль, способность, рассказ, специфика

THE LIFE AND WORKS OF TURKISH WRITER NAZIM HIKMET

The article describes information about the life and work of a Turkish writer and poet Nazim Hikmet and also about his translations of the works and their publication in Tajik press.

Key words: researcher, communications, translation, literary, writer, work, creativity, style, ability, story, specificity

Сведения об авторе: ***Г.А. Шарифова*** - кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикского языка и философского обучения Таджикского технологического университета

ТАҲҚИҚИ «аЛ-ФЕҲРИСТ» ДАР АВРУПО

М.А. Раҳмонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аввалин дастхати «ал-Феҳрист»-и ба Аврупо расида, ки дар мадди назари илми аврупоӣ қарор гирифт, нусхаи нопурраест, ки айни ҳол дар китобхонаи донишгоҳи Лейден маҳфуз мебошад. Я. Голиус (1596-1667), ки зиёда аз чор сол дар Шарқи Наздик зиндагӣ кардааст, нусхаи мазкурро баҳори соли 1629 дар таркиби коллексияаш овардааст. Макони харидории феҳристи мазкур маълум нест, вале самти сафари Голиус аз Ҳалаб (Алеппо) ба Байнаннаҳрайн расида, аз он ҷо тавассути Истамбул ба Лейден /5, с.115/ баргаштааст.

Баъди мусофират ба Шарқ Голиус як қатор таълифоти муҳим барои арабшиносиро анҷом додааст. Дар миёни онҳо хрестоматияи як қатор матнҳои адабӣ ва аз ҳама муҳим асари ӯ «Луғати арабӣ-лотинӣ» аҳамияти хос доранд. Ба замми таваҷҷуҳи зиёди шахсӣ ба илоҳиётшиносӣ, фалсафа, бахусус тиб ва риёзиёт, ки Голиус аллакай, ҳангоми солҳои донишҷӯйӣ зоҳир намуда буд /8, с.79-80/, ӯ ба фарҳангу адаби арабӣ низ таваҷҷуҳ дошт ва далели ин нусхаи дастхати «Ал-Феҳрист» бо номи "Порчаҳои лейденӣ № ХХП" ва тавзеҳот ба «Ал-Феҳрист» ва ба осори нуҷумшиносии ал-Фарғонӣ ва зикри «ал-Феҳрист» дар охири муқаддимаи луғати араби-лотинии ӯ ҳисоб меёбад.

Маълумот дар бораи «ал-Феҳрист» дар осори илмии Аврупо маҳз дар ин давра пайдо гардидаст. Ба ғайр аз тавзеҳоти мазкур дар осори Голиус мебояд тасвири дастхати «Ал-Феҳрист»-ро дар каталогҳои чопии маҷмӯаи дастхатҳои лейденӣ номбар намуд, ки дар соли 1630 (10, с.9-10) баъдан, дар соли 1640 ба табъ расидаанд.

То охири асри XVII асари бузурги Бартоломед 'Эрбело (1625-1695), - «бибикалон» «Энсиклопедияи ислом»-и ҳозира ба қавли И.Фюкка (8, с.99) ба табъ расид, ки дар он ба «ал-Феҳрист» мақолаи махсус бахшида шуда буд. Вале мавриди ёдоварист, ки ин мақола мутобиқи маълумотҳои Ҳоҷи Халифа асос ёфта буд.

Дар ин давра танҳо Иоганн Хенри Хоттингер (I620-I667) шогирди Голиус воқеан, бо маводи дастхати лейдении «ал-Феҳрист» аз наздик ошно шуда, ҳамчун олими аввалини аврупоӣ, ки ба феҳрист ва адабиёти арабӣ сарукор гирифтааст, эътироф гардид (8, с.91). Дар ду асари таълифнамудаи ӯ, ки дар он давра аҳамияти махсусро соҳиб буд, аз «ал-Феҳрист»-и лейденӣ (аз ҷумла дар ду боб оиди собиҳо, ки баъди ду аср боз диққати олимонро ҷалб намуд), ки он замон дар Аврупо ягона буд, порчаҳои зиёдеро овардааст.

Вале маводи «ал-Феҳрист» дар осори Хоттингер нисбатан якпаҳлӯ инъикос гардидаанд, ки аз ҳадаф ва вазифаҳои илми он замон ва сатҳи омӯзиши ӯ аз чаҳор боби «Ал-Феҳрист»-и дар дастхати лейденӣ мавҷудбуда, бармеояд.

Коркард ва таҳқиқи маводи «ал-Феҳрист», ки бо таълифи осори Хоттингер оғоз шуда буд, бо назардошти гум шудани дастхати лейдении он баъди ба рӯйхат даровардани он дар соли 1674 ба муддати тӯлонӣ қатъ гардид.

Вазъи ҳамонвақтаи китобхонаи лейдениро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар он ҷо харачу марач ҳукмфармо буд. Ин хулосаро ёддошти Рейске дар бораи махзани бисёрҳазораи дастхатҳои онвақтаи Лейден тақвият мебахшад: "Дастхатҳои қадими арабии китобхонаи лейденӣ дар ҳолати беназмӣ қарор доштанд. Шумораи зиёди арқоми бо ширеш часпонидашуда дар асоси феҳристи нав ва куҳнаи китобхона касро ба гумроҳӣ меандохтанд; дар ҳар сурат ҷаноби Схултенс онҳоро ба тартиб дароварда наметавонист. Дар як фасли тобистон ман хостам, ки барои часпонидани арқоми нав (тибқи каталоги нави "фолио", ки соли I7I6 таълиф гардида буд тамоми китобҳоро аз назар гузаронида, онҳоро бо тартиби муайян ҷобаҷо намоям. Ман феҳристи шахсии дастхатҳоро тартиб додам, ки на мисли пештара (тибқи арқом ва рамзҳои умумӣ), балки бо рафҳо ва дар асоси андозаи китобҳо таҳия гардида буд " (10,с. 23).

Новобаста ба ин Хоттингер метавонист бо рӯйхати лейдении «ал-Феҳрист» кор кунад, вале "аллакай Хейман ва Рейске ва ҳатто, Хамакер, ки дар махзани лейденӣ муддати мадид ва самаранок фаъолият намуда буданд, дар бораи чизе намедонистанд" (10, с.19).

Беш аз якуним қарн рӯйхати мазкур аз доираи назари олимон дур монд. Вақте ки дар охири ин давра таваҷҷуҳ ба «ал-Феҳрист» эҳё шудан гирифт, сабаби асосии он тамоман дастхати дигар – ёдгории парижӣ ба шумор мерафт. Албатта, дастхати лейденӣ низ ба ёд оварда шуд, зеро набудани он ба паҳн гардидани тахминҳои дурӯғ сабаб шуд: ё дар бораи мавҷудияти ду дастхати «ал-Феҳрист»-дар Лейден (аз Голиус ва Хоттингер) (10, с.19), ё дар бораи мавҷудияти ҳадди ақал як дастхат ва нусхаи пурраи он. Танҳо дар соли 1840 Вейерс, нигоҳбони дастхатҳои арабии Лейден, эълом дошт, ки дастхати овардаи «ал-Феҳрист» аз ҷониби Голиус ба ҷойи худ баргашта, онро шарҳ дод. Баъди ин фарзия дар бораи мавҷудияти нусхаи пурра аз байн рафт (Ҳамаи иқтибосҳои Хоттингер аз «ал-Феҳрист» ба он бобҳое нисбат доранд, ки дар дастхати Голиус пешниҳод шудаанд), вале афсона дар бораи "рӯйхати Хоттингер" танҳо соли 1972 рад гардид .

Оғози давраи нав дар омӯзиши «ал-Феҳрист» – и Ибн ан-Надим, ки то ҳол идома дорад, аз шиносоии олимон бо дастхати парижӣ сарчашма мегирад. Он аз ҷониби Жан-Мишел Ванслеб (I635-I679) ҳангоми саёҳаташ ба Миср дар солҳои I672-I673 харидорӣ гардида (10, с.18), ба Фаронса оварда шуд ва аввалин маротиба дар

феҳристи китобхонаи Шоҳӣ (айни замон миллӣ) дар соли 1739 тасвир шуд. Дар маърази илм асари мазкур нисбатан дертар ворид гардид. Дар он вақте ки дастхати лейденӣ гумшуда маҳсуб гардида, дастхати парижӣ оромона чанг мегирифт ва диққати касеро ҷалб намекард, дар шарқшиносии аврупоӣ таҳаввулоти ҷиддӣ рух доданд.

Кашфиётҳои ҷуғрофӣ ва тавсиаи иқтисодӣ, сиёсӣ ва иделогии Аврупои сармоядорӣ ба Шарқ, ки баъд аз ин амр ба вуқӯъ пайваст, ба давраи том дар таърихи шарқшиносӣ нуқтаи ибтидо гузошт. Ёдовар мешавем, ки тӯли ин давра арабшиносӣ афзалан «навкари фиқҳ» боқӣ монд (4, с.195). То оғози асри XIX дар Аврупо коллексияҳои калони дастхатҳои шарқӣ пайдо шуданд. Тасвири онҳо дар баробари омӯзиш ва таълифи осори мушаххасан ҷаҳонбинии шарқшиносҳо, аз ҷумла арабшиносонро васеъ намуд. Ҳамин тариқ, заминаҳо барои омӯзиши ҳамаҷонибаи Шарқ дар асри XIX гузошта шуд.

Тағйирот дар шарқшиносии аврупоӣ аслан таваҷҷуҳи эҳёшуда ба "Феҳрист" – и Ибн ан-Надим ва рафти омӯзиши минбаъдаи онро баъди мавриди омӯзиш қарор додани Силвестр де Саси ба дастхати парижии "Феҳрист" – ро шарҳ медиҳанд. Соли 1805 Силвестр де Саси (1758-1838) асари калонеро дар таърихи хат ва адабиёти араб таълиф намуд /144/. Дар он маводи ҷамъшуда то он дам ба таври муназзам баён гашта буд. "Феҳрист" дар матлаби ин асар нақши асосӣ надошт. Дар боби таърихи хатти арабҳо ва баъзе халқҳои дигар маълумотҳои "феҳрист" дар баробари шаҳодати манобее, ки дар илм пеш аз "Феҳрист" маълуманд (ҳарчанд дар баъзе ҳолатҳо аз он вобастаанд), инъикос гардиданд. Дар ёддошти таърихии адабиётшиносии араб Силвестр де Саси умуман, аз маълумотҳои Ибн ан-Надим истифода набурдааст.

Дар соли 1806, "Хрестоматияи араб" –и Силвестр де Саси, ки порчаҳоро аз нависандагони мухталифи араб чӣ дар наср, чӣ дар назм ва адабиётшиносӣ дар бар мегирифт, таълиф гардид. Дар ин асар Ибн ан-Надим низ бо порча аз "Феҳрист" муаррифӣ гардида буд. Маротибаи сеюм Сильвестр де Саси соли I8I8 бинобар таваҷҷуҳи зиёди ҳамонвақта нисбати "Калила ва Димна" ба «Феҳрист» муроҷиат намуда, маълумоти Ибн ан-Надимро дар бораи Ибн ал-Муқаффаъ таълиф кард ва шарҳ дод. (3, с.265-268).

Дар ҳар се ҳолат Силвестр де Саси аз дастхати парижии Ванслеб истифода бурдааст. Иқтибосҳои зиёд аз дастхат ва зиёда аз он интихоби муваффақонаи порчаҳои он таваҷҷуҳи оммаро нисбати ин муҷассама ҷалб намуданд. Тавре воқеоти баъдӣ нишон доданд, Силвестр де Саси асосгузори омӯзиши ҳамаҷониба ва дақиқи "Феҳрист" ба шумор меравад.

Маводи "Феҳрист" дар бораи хатти халқҳои мухталиф, ки қисман аз ҷониби Силвестр де Саси коркард шуда, дар асари мазкур қайд гардида буд, тайи солҳои сиюм диққати як гурӯҳ олимонро ҷалб намуд. Очерки мухтасари Силвестр де Саси, ки на танҳо ба алифбои арабӣ, балки як қатор низомҳои хатти семитиро дар бар гирифта буд, аллакай баъди чоряк аср зери фишори ҷамъоварии маводи нав, ба иловаҳои таҳрирӣ зарурат пайдо намуд. Маводи мазкур на танҳо аз дастхат, балки ба тадқиқоти саҳроӣ иборат буд.

Соли 1828 Х.Д.Френ дар бораи «хатти қарматӣ» мақолаеро таълиф намуд (6.с 42). Соли 1835 дар мақолаи калон оиди набатияҳо Картмер бо истифода аз дастхати парижии Ванслеб, аз ҷумла дар бораи хатти монавӣ ишора намуд. Ҳамин сол Х.Д.Френ асари густурдаеро дар бораи хатти қадимаи русҳо, ки қисмати асосии онро порчаи мутаносиб аз "ал-Феҳрист" ташкил медод, ба табъ расонид(7. с.56). Асари Френ дар хориҷ, аз ҷумла дар Россия шуҳрати бисёр пайдо намуда (7.с.32), дар ҷалби диққати муҳаққиқон нисбати муҷассамаи нави хатти арабӣ ва муаллифи он мусоидат намуд. Баъди ду сол Френ дар бораи хатти химяритии Редигер мақола таълиф карда, дар соли 1844 мавзӯи мазкур дар мақолаҳои Гилдемайстер идома ёфт. Ҳарду муаллиф дар баробари сарчашмаҳои дигар аз дастхати парижии "ал-Феҳрист" истифода намудаанд.

Ҳамзамон мактуби Ф.Френел, ки аз Арабистон ба Париж фиристода шуда, соли 1838 ба таъб расид, ба ҳамин мавзӯъ бахшида шуда буд. Ниҳоят, се муаллиф:- Ф.Ленорман (соли 1865), Ш.Клермон-Ганно (соли 1866) ва Ж.Деранбур (соли 1866) таълифоти худро ба хатти паҳлавӣ бахшиданд. Ба Ленорман, ки дар асари худ порчаеро аз "ал-Феҳрист" оиди хузвориш истифода намуда буд, дар коркарди матни арабӣ арабшинос Мишел Амари, ки он вақт дар бадарғаи сиёсӣ қарор дошта, дар Париж мезист, кӯмак намуд. Ҳатто баъди чунин коркарди интенсивии як банди ягонаи боби "Феҳрист", ки дар онҷо гап дар сари низомҳои хатте мерафт, ки маводи

истифоданашуда доштанд, баррасии он дар адабиёт то нимаи дуюми асри XX идома дошт .

Дар солҳои сиюми асри гузашта ҷустуҷӯйи фаъоли дастхатҳои нави "Ал-Феҳрист" оғоз гашт, ки ояндадор будани онро олимон ба зудӣ дарк намуданд. Дар Россия академик Х.Д.Френ "Ал-Феҳрист"-ро ба рӯйхати осори ҷустуҷ¢шаванда барои академияи улум ворид намуд (6, с.6), он ба ашхосе, ки ба Шарқ мерафтанд, супурда мешуд. Новобаста ба густариши нисбатан васеи чунин рӯйхатҳо (онҳо дар шаклҳои гуногун ду ва ё се маротиба дар солҳои 1833 ва 1845 чоп шуданд), умеди дарёфти дастхатҳои "Ал-Феҳрист" бадин васила асоснок гаштанд. Ин нокомӣ якчанд маротиба ҳамчун исботи нодирии дастхати "ал-Феҳрист" дар Шарқ ва нисбатан машҳур набудани ин асар дар улуми мусулмонӣ дар осори махсус қайд гардид. Дар маҷмӯъ ҳамаи ҷустуҷӯҳое, ки дар самтҳои мухталиф амалӣ шуданд, натиҷаи хуб ба бор оварданд. То соли 1840 боз дастхати лейденӣ (Голиус) дарёфт гардид, ки якҷоя бо рӯихати парижӣ ба олимон аз се ду ҳиссаи асарро фароҳам меовард.

Аҳамияти зиёдро дар омӯзиши "ал-Феҳрист" ду дастхати нопурра (XIX в.) то соли 1839 аз ҷониби Хаммер-Пургштал харидорӣ шуда, дар як қатор таълифоти он тасвир гардида буданд.

Дар яке аз ин таълифот аввалин маротиба тасвири мундариҷаи ҳамаи ёдгорӣ оварда шуд. Ниҳоят, дар соли 1846 дастхати дигари "Ал-Феҳрист" дарёфт гардид, ки минбаъд аз ҷониби Г.Флюгел ҳангоми таҳлили матни интиқодӣ истифода шуд. Ин дастхати парижии де Слэн (ниг.1. с.23-24 №) буд, ки барои он дар Истамбул ҳангоми ҳузури он дар ин шаҳр нусхабардорӣ гашта буд. 25 декабри соли 1845 де Слэн дар бораи он дар мактуб (аз Истамбул) ба Рено чунин хабар дода буд: "ин ҷо бояд, хабар диҳам, ки ҷилди дуюми "ал-Феҳрист" дар китобхонаи Кепрюлю маҳфуз аст. Азбаски китобхонаи шоҳӣ танҳо ҷилди аввалро доро мебошад, ман дастур додам, ки аз ҷилди дувум фавран нусхабрдорӣ намоянд, то мо тавонем нусхаи шуморо пурра намоем " (9, с.102). 14 феврали соли оянда ӯ боз менависад: "Китоб ал-феҳрист" ин ҷо дар ду ҷилд мавҷуд буда, бар хилофи ишораи Венрих дар асараш "De auctormn graecorum Versionibus" пурра мебошад. 27 майи соли 1846 бошад, ӯ чунин хабар медиҳад: "Ман дастур додам, то ҷилде, ки шумо ба он дастёбӣ надоред, нусхабардорӣ шавад. Он ба наздикӣ ба анҷом мерасад. Дар дасти ман аллакай понздаҳ - шонздаҳ дафтар қарор дорад. Ба фикрам дар бораи аҳамияти ин асар гуфтан зарурат надорад: мутаассифона, дастхате, ки аз он нусхабародорӣ мешавад, он қадар дуруст намебошад. Чи кор кунем? Дигар нест. Ман ҳамаи чизҳои дар нусха вайроншударо бо мақсади муқоисаи (он ҷойҳоро) он бо дастхати аслӣ таъкид кардам" (9,с.590).

Фарохшавии заминаи дастхатӣ, яъне пайдоиши панҷ рӯйхати "ал-Феҳрист" дар се кишвари Аврупо барои қонеъ намудани таваҷҷуҳи олимон имконияти васеъро фароҳам овард.

Порчаҳои пештар номаълуми "ал-Феҳрист", ки танҳо баъди соли 1840 дастрас гардиданд (дар рӯйхати лейденӣ ва дастхатҳои Хаммер-Пургштал ва де Слэн), пеш аз ҳама муаррихони динро ҷалб намуданд. Маводи "ал-Феҳрист" дар ин соҳа баҳри аз нав дида баромадани маълумотҳои бадастомада ва дар сатҳи нав баррасӣ кардани баъзе аз онҳо замина фароҳам оварданд. Аз ҷумла дар омӯзиши "ал-Феҳрист" самти муайяннамудаи Хоттингер идома ёфта, эҳтимолан баъди муваққатан ғайб задани рӯйхати лейденӣ қатъ гардид.

Самти мазкур бо якчанд асари Хаммер-Пургштал, ки аввалин шуда ба бобҳои пештар номаълуми "ал-Феҳрист" даст ёфта буд, кушода гаштааст. Аллакай дар соли 1840 ӯ аз фурсати муносиб дар китоби оид ба монавия таълифнамудааш аз соли 1837 истифода намуда, дар бораи тақризи ҳудаш ба ин асар ва маълумотҳои муҳим дар бораи ин масъала, ки дар "ал-Феҳрист" ба назар мерасанд, хабар дода буд. Порчае аз "ал-Феҳрист", ки дар он сухан дар бораи собиҳо ва дини онҳо мераванд, аз ҷониби ӯ дар соли баъдӣ ба табъ расид.

Фасли "Ал-Феҳрист" оиди собиҳо ҳатто диққати Д.Хволсонро (ӯ маълумоти Флюгелро, ки соли 1846 ба табъ расида буд, ҳамчун дастур қарор дода, дар соли 1847 мувофиқи дастхатҳои Хаммер-Пургштал бо ӯ шинос гардид) ҷалб намуд. Фасли мазкур ба Хволсон такон баҳри навиштани тадқиқоти мукаммали дуҷилда дар бораи собиҳо гардид. Тавре ки ишора рафт, ӯ мувофиқи дастхатҳои Хаммер кор мекард, вале матни арабии нусхабардоришуда пеш аз таълиф бо нусхаи лейденӣ муқоиса карда шуд (муқоисаро бо хоҳиши Хволсон Дози амалӣ намуд).

Аллакай ҳангоми дастнависӣ асари Хволсон аз ҷониби академик Куник пурра ва аз нигоҳи танқиди баррасӣ гашта, дар шакли таҳлили муфассал панҷ сол пеш аз таълифи китоби Хволсон ба табъ расид. Дар миёни аксари масоили дахлнамуда

Куник аҳамияти калони "ал-Феҳрист"-ро чӣ оид ба ин мавзҷъ ва чӣ дар таҳқиқи таърихи адабиёти араб қайд намуд.

Ашхоси мазкур доираи асосии муаллифонанд, ки аввалин шуда маводи "ал-Феҳрист"-и Ибн ан-Надимро ба тадқиқоти илмии асри XIX баъди кашфи бевоситаи дастхат дар Аврупо ва Шарқ ҷалб намудаанд. Муроҷиати онҳо ба сарчашмаи нав аз вазифаҳое бармеомад, ки новобаста ба "ал-Феҳрист" пайдо шуда буд, вале коркарди онҳо бо ҷалби маводи Ибн ан-Надим ба ошно гаштани олимон бо ин ёдгорӣ мусоидат намуд. Муроҷиати ғайримунтазами онҳо ба "ал-Феҳрист" барои дарки саривақтии аҳамияти он дар илм кӯмак намуда, бо назардошти ғановати мавзӯии он диққати ҳамагонро ба он ҷалб сохт.

Аз ин баррасии мухтасар метавон гуфт, ки таҳқиқи Ибн ан-Надим ва "ал-Феҳрист"- и ӯ дар аврупо аз асри XIX оғоз гардида шарқшиносон Я. Голиус, И.Хоттингер, Ж. Ванслеб, Сильвестер де Саси, Г. Флюгел, Х. Пургштал ва дигарон бори нахуст аҳли илм ва таҳқиқи аврупоро бо "Ал-Феҳрист- и Ибн ан-Надим" ошно намудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Ал-Анборӣ. Нузҳат-ул-уламо фи табақот-ул-удабо / Ал-Анборӣ; бо забони англисӣ. -Стокхолм, 1963.
2. Ал-Ҳусайн Маҳмуд Юнус. Осори Холид дар афкори арабӣ / Ал-Ҳусайн Маҳмуд Юнус. –Димишқ, 1931.
3. Савельев П. О жизни и трудах барона Сильвестра де-Саси / П Савельев. -Санкт-Петербург, 1989.
4. Крачковский. И.Ю. над арабскими рукописями. Издание-4 / И.Ю. Крачковский. -Москва-1965.
5. Крымский А.Е. История новой арабской литературы / А.Е Крымский. -Москва-1971.
6. Френ.Х.Д. Хронологический список ста сочинений / Х.Д. Френ. Санкт-Петербург- 1833.
7. Френ.Х.Д. Писмена древных руссов / Х.Д. Френ. Санкт-Петербург- 1836.
8. Фюк.И. Маводҳои нав оид ба «ал-Феҳрист».- Веймер, 1981.
9. Хон ал-Фахури. История арабской литературы. –Москва, 1959. –Т.1-2.
10. Якобс Голиус. Ёддоштҳо оиди сафарҳояш ба Шарқ / Голиус Якобс. -Париж.

ИССЛЕДОВАНИЕ «аЛ-ФЕХРИСТА» В ЕВРОПЕ

В статье рассматриваются проблемы исследования «ал-Фехриста» учеными-ориенталистами Европы второй половины XIX и начала XX вв. В результате краткого экскурса в историю изучения «Ал-Фехриста», определяется вклад таких европейских ученых, как Я. Голиус, И.Х. Хоттингер, Силвестер де Саси, Х.Д.Френ, Г.Флюгел, Х.Пургштал и других в исследовании указанного произведения Абуисхака Ибн ан-Надима.

Ключевые слова: Абуисхак Ибн ан-Надим, «ал-Фехрист», проблемы исследования «Ал-Фехриста», вклад европейских ученых,

RESEARCHING “AL-FEHRIST” IN EUROPE

The article deals with the problem of researching of “Al-Fehrist” by the oriental scientist in Europe at the second part of XIXth and at the beginning of XXth century. As a result of studying history shortly “Al-Fehrist” defined as a contribution of European scientists such as Ya. Golius, I.Kh. Khotinger, Silvester de Sasi, Kh. D. Fren, G. Flugel, Kh. Purshital and others, the following works are considered in the researches of Abuishaka Ibn an-Nadima.

Kev words: Abhishek Ibn an-Nadim, al-Fihrist", problems of research of the "al-Fihrist", the contribution of European scientists

Сведения об авторе: ***М.А. Рахмонов*** – аспирант Таджикского национального университета.
Телефон: **918-95-95-53**

ЭВОЛЮЦИЯ ЖАНРА ПОВЕСТИ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

Х.А. Хашимова
Институт языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

Известно, что преобразование жанра повести в таджикской литературе имеет древнюю традицию и по смысловому значению сегодня наряду с другими видами прозы «перенесла много изменений». По мнению Х. Асоева «сегодняшняя понятие классификация жанров, которое осуществлялось на основе литературных признаков, возникла издавна [1,22].

Согласно сведениям литературных источников смысловой и форменный предел жанра повести, как один из видов прозы, был известен ещё «в средневековой таджикской литературе». Следует отметить, что современное деление на жанры, основывающееся на чисто литературных признаках, появляется сравнительно поздно. Разумеется, что жанр повести как литературный элемент первоначально формировался в народном творчестве,

и прогрессировал по истечении определенного времени. Очевидно, что ещё в VII-X вв. вокруг имен Абу Муслима, Амир Хамзы, Самак Айяр и т.п. были сочинены десятки повествований, которые позднее стали основой народных книг фарсиязычников [1,23]. Аргументом этому могут стать повести простонародной литературы («Самаки Айяр», «Дарабнаме», «Бахтиярнаме») и т.п.

Терминологическое толкование жанра повести определяет ее смысл и форма. Относительно термина «повести», смысл и понятие «повести» и «дастана» в период независимости в целом мнении критиков и литераторов противоречивы, следовательно, данный вопрос в диссертации будет рассмотрен полемическим образом. Прежде всего, необходимо изучить основы формирования, преобразования жанра повести и ее терминологическое понятие.

Следует отметить, что проблемы систематизации жанров, возникновения и эволюции различных жанровых систем в художественной современной таджикской литературе подвергалось расследованию. Критик Х. Шарифов, по данному вопросу отмечает, что «основные жанры прозы перенесли тяжелую стадию формирования и развития. После возрождение ислама изменились содержание и тематика литературы и относительно с ними изменились литературные виды. Постепенно развитие литературных видов, входя в процесс мировоззрения и нового религиозного познания, определило основные границы литературных видов» [2,274].

В книгах «Тарджуман-ул-балога» Мухаммад ибни Умара Родуяни и Хадаик-ус-сехр фи дакокик-уш-ше‘р» Рашидуддина Ватвот представлены ценные сведения о литературном искусстве и мастерстве, стилистики поэтической речи, плавности и связанности поэзии и прозы. Ещё в средневековье в таджикской литературе формировались литературные виды сказки, дастан, рассказы, повествование, притчи, анекдоты и т.п. аналогичные формы жанра. Постепенно в литературе определились основные виды прозы и смысловые грани, и их форма. Возникли повести простонародной литературы наподобие «Самаки Айяр», «Дарабнаме», и «Бахтиярнаме».

Х. Шарифов классифицировал виды прошедшей персидской прозы следующим образом: 1. Сказка –Дастан. 2. Рассказы (рассказ, сказание, макома) 3. Предание (сказание, легенды, предание, вечерняя сказка) 4.Макомат (повествование, мунокиб, табакот, летопись) 5. Притча (басня, пословица, афоризмы) 6. Анекдот- Нома (тарассул, письма, событие) 7. История и жизнеописания [2,275].

Таким образом, исследователь разделил на жанры в соответствие рода и вида прошедшие прозы. Таджикские литераторы Ш. Хусейнзаде, Р. Рахмонов, М. Шукуров, А. Сайфуллаев, С. Табаров, А. Сатторов, А. Хакимов, Дж. Бакозаде, А. Набиев, А. Абдуманонов исследовали и опубликовали ряд литературные вопросов аналогично положению прозы и поэзии советского периода, драматургии, детской литературы, методические вопросы в период правления социалистического реализма, тенденций и литературных стилей.

В переходный период персидской литературы в период нового развития, по мнению Х. Асоева, в результате влияние литературы и культуры Европы и Запада, в серии жанров этой литературы произошли перемены. Особенно, в 20 годы XX вв. в то время когда между Ираном, Афганистаном, Таджикистаном и т.п. были установлены политические границы, в фарсиязычной литературе Туркестанской части появились новые термины из числа повестей и романов. В двух других литературах – Ирана и Афганистана было принято понятие художественная проза - термин дастан и кисса (повесть) [1,28].

По мнению литературоведов М. Шукурова «История таджикской советской литературы: Проза 1941-1947 годов», т.4. (1980), Р. Мусулмонкулова «Рифма в таджикской прозе» (1970), Ю. Салимов «Предание персидско-таджикской прозы» (1971), Л.Н. Демидчик «История советской таджикской литературы», проза 30 годов, т.2. (1978) повесть (кисса) как литературный жанр, считается одним из основных видов прозы, формировавшаяся на основе богатой традиции персидско-таджикской классической литературы, а также под влиянием мировой литературы, в особенности русской литературы. Как было отмечено, роды литературной прозы аналогично сказкам, рассказам, дастанам (поэмам), киссаам, анекдотам и т.п. в таджикской литературе имеет древнюю традицию.

Следует отметить, что остроумным и совершенным высказыванием речи признан Великий Коран. На этом основании Низами Арузи Самарканди в девятом рассказе «Чахор макола» («Четыре статьи») отмечает, что совершенство слова в Коране определяют его лаконичность, и красноречивое осмысление тех, кто стремится подражать поэтическому

образцу, приводит в ужас. Этот аргумент еще раз доказывает неоспоримое доказательство того, что данная теология никем, несказана и не возникла ни от кого [2,64].

Аналогично жанру повести кисса в «Священном Коране» и «Перевод Тафсира Табари» ("Тарих ар-русул ва ал-мулук") или сокращенно "История" широко распространена. В классической персидско-таджикской литературе авторы полностью под влиянием «Священного Корана» и коранских повествований в различных видах художественной прозы создали неповторимые сочинение. Эта «книга стала важнейшим источником исторических сведений. Табари написал также Тафсир - 30 томный труд, посвященный толкованию Корана и весьма ценный с точки зрения представления взглядов на Коран, существовавших в его время». В Мухаммад Ат-Табари «История посланников и царей» Абу Джафара Мухаммада ибн Джарира ат- Табари (перевод на фарси произведен Абуали Мухаммад ибн Мухаммада Бал‘ами) приведено более 16 в известной мере аналогичный с жанром повести (именуемой кисса, в то же время соответствующая жанре повести).

«Дастан» в персидском словаре означает кисса (предание, сказание, легенда), рассказ, сказка и повествование и в литературе считается общем термином. Джамол Мир Содики в своей книге «жанр романа» упоминает, как кисса, «дастани кутах» (короткий рассказ) и особенное различие между киссой и дастаном трактует следующим образом: «по-особому значение дастан является рассказом события, которое непрерывно взаимосвязано со временем. Дастан должен состоять по меньшей мере из трех событий и время этих событий также между собой должны быть взаимосвязано. Структура дастана:

- в дастане вместо создания героя создается личность, иначе говоря, человек познается индивидуально;
- образы дастана, как правило, из обычной среды и реальных людей;
- вопрос создания личности станет фактором того, чтобы язык и речь людей в дастане соответствовал личности, и занимал культурное и социальное место;
- язык и местоположение дастана определено и известно (даже в случае если является фантазией, плод воображения)» [3,123].

Известно, что кисса арабское слово, используется в значении «уменьшать» [5,214]. Следовательно, по объему относительно большой формы дастана, является лаконичнее. В современной литературе не только среди литературоведов, но и среди других под понятием «дастан» понимают поэтическое произведение. Однако, использование термина «кисса», обозначающее предание, имеет длинные рассказы, на сегодня соответствует с русским термином «повесть».

Различие между киссой (повестью) и дастаном, по мнению Х. Шарифова заключается в том, что в дастане отображают, а в киссе создают, на основе реальных событий. Следовательно, кисса это то, что произошло с кемто, и которое следует сочинить по порядку. Вследствие этого, кисса -это жизненные события человека со всеми горестями и радостями, которые повествуются в соответствии с желанием слушающего или же сказывается слушателем [5,297].

В толковом словаре литературных терминов Дж. Мир Содики, где поясняется понятие кисса и дастан, автор отмечает некоторые характерные различие жанров. Специфическое значение жанра кисса (предание) заключается в абстрактности событий, герои добрые и злые, и необыкновенные, имеют общий характер, место происхождения событий, предполагаемый и изобразительный, содержание кисса обычно охватывает былые времена или же давно позабывшие [9,213-214].

Кисса, по мнению Мухаммада Муин («Персидский толковый словарь») «является рассказом, сказание повествование, известие, слухи и устранение их, иначе говоря, требование правосудия и судебное разбирательство при султане или эмире или же визире. Внешне в древности изложение обстоятельства дела писали лаконично, прикрепляя на палку, держали снаружи дворца на виду падишаха или эмира. Итак, создание кисса (предание, сказание, легенда) иначе говоря, сочинять дастаны, киссу, рассказывать дастаны [7,2683-2684]. В «Словаре Деххудо» значение кисса излагается следующим образом: «положение, известие, хадис, сочиненный дастан, толкование, повествование т.п.» [8,17616].

По мнению Р. Мусулмонкулова в таджикской литературе повесть (именуемая сегодня кисса) была новым жанром, которая появилась в 30 годы XX вв. под влиянием русской литературы. «Во второй половине XVII в. жанр повести занял ведущее положение в системе литературных жанров. Если древнерусская традиция обозначала этим словом любое «повествование», то, что в принципе рассказывается, повесть как

новый литературный жанр наполняется качественно иным содержанием. Его предметом становится индивидуальная судьба человека, выбор им своего жизненного пути, осознание своего личного места в жизни. Уже не так однозначно, как раньше, решается вопрос об авторском отношении к описываемым событиям: голос автора явно уступает место сюжету как таковому, а читателю предоставляется самому сделать вывод из этого сюжета». В русской литературе впервые термин «повесть» упоминается в древнерусском летописном своде «Повесть временных лет».

Следует отличать древний русский термин «повесть» (всякий «рассказ», «повествование» о ком либо, событиях, «Повесть временных лет» и т.п.), от современного термина, начавшего складываться лишь в XIX вв. Древний термин указывал, очевидно, на эпический характер произведения, на то, что оно призвано о чем-то объективно поведать; в этом смысле «повесть» отличалась, например, от слова – жанр, вбирающего в себя субъективную, лирическую стихию (ср. «Слово о полку Игореве» и т.п.). Современный термин, имеет иное значение. В теоретической литературе бытует понимание термина «повесть» как «средняя» форма эпической прозы. С этой точки зрения «повесть» сопоставляется с романом (большая форма прозы) и новеллой или рассказом (малая форма) [8,281].

В персидско-таджикской литературе понятие жанра условно, особенно повести. Итак, эволюция жанра повести в таджикской литературе в период независимости также приводит к постепенному отказу от самого термина повести советского периода и замене их традиционными ценностями. Говоря иначе, таджикские писатели ввиду того, что в период независимости в Таджикистане произошли крупные социально-политические и культурные перемены, кардинально повлиявшие на литературную мысль, восприняли древний термин «кисса» для обозначения прозаического сочинения жанра повести, хотя современные таджикские повести имеют немного аналогичности с классическим термином. «Абумуслимнаме», «Чор дарвеш» («Четыре дервиша»), «Книга о Самаке Аяйре», «Тутинаме», «Тысяча одна ночь» являются сочинениями, в которых сходны некоторые элементы с современной повестью.

В иранском литературоведении «дастани кутах», «дастани миёна» (средний рассказ) или дастани мутавассит» (короткий рассказ) применяется как жанр повести. В том числе, «дастани кутах» (короткий рассказ), на английском **Short story,** на французком называют новелла (**Nouvelle)** является прозаическим рассказом, который не очень длинный. Некоторые исследователи «дастани кутах» (короткий рассказ) относят к четырнадцатому веку» [10,188].

Нынешние писатели, такие как Саттор Турсун, Урун Кухзод, Сорбон, Абдулхамид Самад, Абдумалик Бахори, Караматуллох Мирзоев, Бахманёр, Ато Хамдам, Равшан Ёрмухаммад, Сайфи Рахимзод, Саидахмад Зардон, Салим Аюбзод, Кодири Рустам, Зариф Ибод, Тохир Мухаммадризо, Бахманёр Сони, Садриддин Хасанзода, Сироджиддин Шарофиддин, Равшан Махсумзод, Аброр Зохир, Матлуба Ёрмирзо, Ханифа Мухаммадохир, Матлуба Равшандухт и др. в условиях независимости в литературном процессе в Таджикистане неизменно развивают, как на основе поиска новых путей, так и через продолжение и преемственность богатых традиций персидско-таджикской классической литературы. В прозе начали развиваться эпический и лирико-аллегорический стили описания. В то же время писатели не забывают и о богатых традициях в создании повестей, которые сложились до периода независимости, начиная еще с 20-х годов XX века.

Наряду с маститыми писателями, на литературной арене появились молодые прозаики, которые своими произведениями, написанными, прежде всего, в жанре повести, привнесли новаторские взгляды и стили в новейшую таджикскую литературу.

Несомненно, не все новые повести как зрелых, так и молодых литераторов можно назвать удачными произведениями, и некоторые из них имеют определенные недостатки. Талантливые писатели, постепенно вникая в суть происходящих событий, начали творческие поиски и создали интересные произведения. Среди них можно назвать повести А. Бахори “Дили дилджу” (“Огонь сердца”), К. Мирзо “Нишони зиндагь” (“Знак жизни”), Х. Аскара “Ишки гук”” (“Любовь жабы”), И. Насриддина “Як рузи хазонрез” (“В день опавших листьев”), Ф. Ниязи “Гул ва пахта” (“Хлопок и цветок”), С. Хасанова “Шикаст” (“Поражение”), Х. Назарали “Дарди дил” (“Боль сердца”), С. Рахимзода “Таронахо ва тавбахо” (“Песни и покаяния”), А. Самада “Махбус” (“Узник”), С. Саида “Вопасин парвози лошахур” (“Последний полет коршуна”) и “Ману шабхои махтоби” (“Я и лунные

ночи”) и многие другие, которые были опубликованы как в литературных журналах, так и изданы отдельными книгами.

Итак, творческая практика как опытных, так и молодых писателей, таких, как Ф. Мухаммадиев, Ю. Акобиров У. Кухзод, Сорбон, А. Самад, К. Мирзо, М. Ходжаев, Б. Фируз, С. Рахимзод, Бахманёр, Саидахмад Зардон, Махбуб Хабиб, Мирзонасриддин, Раджаб Мардон, Хакимали Назарали, Сипехри Хасанзод, Насим Раджаб, Ато Хамдам, Иноят Насриддин, Маъруф Бободжон, Кодири Рустам, Ханифа Мухаммадохир показывает, что повести имеет большие возможности для описания событий сегодняшней народной жизни.

Таким образом, следует подчеркнуть, что время бурных социально-политических и культурно-литературных перемен, несомненно, глубоко повлияло на деятельность и эстетическое мышление поэтов и писателей. Темы и содержание повестей, написанных в период независимости, отображают различные аспекты жизни и деятельности наших современников. В некоторых повестях писатели обращаются также к событиям советского времени, как бы обобщая опыт уходящей в прошлое эпохи. Через отображение жизни людей в советское время писатели пытаются ознакомить молодое поколение с созидательной борьбой их отцов и дедов.

В последующие годы постепенно темы и содержание повестей стали расширяться. Писатели стремились охватить различные стороны народной жизни, на которые ранее обращали внимание лишь фрагментарно.

К числу таких произведений можно отнести повести Сорбона “Фоджиахои даду дом” (“Трагедии хищников и травоядных”), “Осёби беоб” (“Безводная мельница”), “Баходури каллабур” (“Палач-богатырь”), “Нури чупон” (“Свет пастуха”), “Фолбин” (“Колдун”). Эти повести с точки зрения структуры и содержания взаимосвязаны между собой и посвящены трагическим событиям времен гражданской войны.

Этой же теме посвящены повести М. Бабаджана “Тавба” (“Покаяние”) и К. Рустама “Джанги занон” (“Ссора женщин”). Особенностью этих повестей является то, что в ходе изображения одного события авторы через действия своих героев пытаются решить несколько социально значимых проблем.

Таким образом, основным фактором развития и усовершенствования жанра повести в таджикской прозе стали происходящие события в период достижения и укрепления независимости. Жанр повести в период независимости больше способствовал становлению духовного самосознания. Эволюция жанра повести возродила в обновленном виде национальные традиции нашей прежней литературы. Вообще, повесть – поистине интересный жанр прозы, и обращение многих писателей в период независимости к этому жанру не является случайностью. Причина этого заключается в том, что повесть в качестве литературного жанра обладает большими возможностями отображения жизненных реалий. Жанр рассказа для изображения борьбы, столкновений, конфликтов по допустимому количеству персонажей, охвату времени и пространства, места действия является ограниченным, а жанр романа – слишком обширным. Учитывая то, что объем жанра повести оперативно и в то же время относительно полно позволяет охватить различные реалии жизни, писатели свои замыслы стали осуществлять именно посредством этого жанра.

ЛИТЕРАТУРА

1. Асозаде Х. Персидская литература и три его ветки/ Х. Асозаде. - Душанбе: Маориф, 1991. -С.22.
2. Шарифов Х. Теория прозы (персидской литературы 4-9 хиджра)/ Х. Шарифов. - Душанбе: Пайванд, 2004. -С.274.
3. Мирсодики Дж. Легендарная литература/ Дж. Мирсодики. - Тегеран, 1374. -С.2012-123.
4. Энциклопедия литературы и искусства. - Душанбе, 1988. - Т. 2. -С.214.
5. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат (Энциклопедия литературы и искусства) - Душанбе, 1988. – Т. 3. –С. 297.
6. Фарханги истилохоти адаби (Толковый словарь литературных терминов). Издание Симодода. Тегеран:- Марворид, 1380. –С. 213-214.
7. Мухаммад Муин. Персидский толковый словарь/ Мухаммад Муин. – Тегеран: Амири кабир, 1375. - Т. 2 - С.2683-2684.
8. Алиакбар Деххудо. Словарь Деххудо/ Алиакбар Деххудо. – Изд-во Тегеранского университета: 2-е издание, 1377. -Т. 11. -С.17616. Литературный энциклопедический словарь. -Москва: “Советская энциклопедия”, 1987. -С.281.
9. Толковый словарь литературных терминов). Издание Симодода. Тегеран: Марворид, 1380. –С.213-214.
10. Шамисо С. Литературные виды/ Алиакбар Деххудо. –Тегеран: «Тобии хуруфнигори ва сафхаорои», 1387. –С. 187-188.

ЭВОЛЮЦИЯ ЖАНРА ПОВЕСТИ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В данной статье представляется преобразование жанра повести в таджикской литературе, смысловое значение и форменные пределы и стадии формирования жанра повести в период независимости. Определяется терминологическое толкование жанра повести в современной литературе.

Ключевые слова: преоброзование, жанр, повесть, литература, терминология, значение.

EVOLUTION OF THE GENRE NOVEL IN TAJIK LITERATURE

This article introduces a novel transformation of the genre in the Tajik literature, the meaning and limits and shaped stage in the formation of the novel genre since independence. Determined terminological interpretation of the novel genre.

Key words: preobrozovanie, genre, novel, literature, terminology, value.

Сведения об авторе: ***Х.А. Хашимова*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия имени А. Рудаки АН РТ

СУВАР (ОБРАЗҲО)-И МАРКАЗӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ НАЗИРӢ

О.Ш. Саидҷаъфаров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи шеъри форсӣ ҳар шоире бо ибтикороти вижаи худ дар сохтори зоҳирӣ ё маъноии шеър сабабгори эҳёи сабк ё равиши хосса мегардад. Яке аз компонентҳои аввалдараҷаи ҳар сабки адабӣ ин забони махсуси асари бадеӣ аст, ки ба воситаи ҳунари вижаи шоир ё нависанда тарҳрезӣ мешавад. Адабиётшиноси даврони шӯравии рус, Г.Н. Поспелов дар ҷонибдорӣ аз ақидаи муҳаққиқи аврупоӣ Я.Е. Эльсберг[1] иҳтиво ва мундариҷаи сабкро, пеш аз ҳама иборат аз забон (бакоргирии вожаҳою таркибҳо ва услуби бадеӣ)-и асари манзум, жанр, устухонбандӣ, мавзӯъ, вазн ва оҳанги махсуси мутантани он медонад, ки шоистаи дастгирӣ аст (45).

Дар ашъори Назирии Нишопурӣ, бавижа дар ғазалиёти ӯ вожаҳо ва дигар воҳидҳои забонӣ ҷуз аз маънои аслию аввалдараҷаи худ, ҳамчунин дорои бори маъноии махсус мебошанд, ки ба воситаи онҳо шеъри вай аз шоирони муосири худ фарқияти назаррасро пайдо мекунад. Назирӣ ба воситаи эҳдои маонии нав ба вожаҳои махсус агар аз як тараф, сохтори семантикии ғазалиёти худро пурқувваттар гардонад, аз ҷониби дигар, дар маъниян ғанигардонии вожаҳои махсус саҳми қобили мулоҳизаро барҷой гузоштааст. Муҳаққиқи рус, В. В. Виноградов ҳам яке аз усулҳо ва роҳҳои асосии нерӯманд гардидани бинои мазмуни асари бадеиро дар «серобшавӣ»- и вожаҳо аз ҳайси мазмун донистааст, ки дуруст аст (14). Тасвири сувари зиёд аз вожаҳо, ибораҳо ва таркибҳое, амсоли бозичаи тифлон, санги тифл, санги кӯдак, тифл, тифли гурезпой, тифли дабистон, тифли дил, тифлӣ, тифли шӯх, кафи тифлӣ, кӯдак, кӯдакӣ, маҳд, модар, падар, пир, пистон, фарзанд ва монанди инҳо аз ҷониби Назирии Нишопурӣ мунтаҷ бар ин назар мегардад, ки мафҳумҳои мазкур дар девони ғазалиёти ин шоири гаронмоя ҳукми образҳои марказӣ ва истилоҳоти шоиронаро гиранд.

Дар ин мавзӯъ бояд гуфт, ки сувари вожаҳои мазкур, бавижа сувари тифл ва кӯдак, ки дар ғазалиёти Соиб бо рангҳои мутавотиру гуногун тасвир ёфтаанд, дар шеъри сабки ҳиндӣ, пеш аз ҳама ба василаи Назирӣ мавриди истифода қарор гирифтаанд ва дар ин боб Назириро метавон оғозкунанда ва мубтакири тарсимоти хаёлӣ ва шоиронаи вожаҳои мазкур эътироф намуд. Назирӣ вожаҳо ва ибораҳову таркибҳои зикршударо ҷиҳати тасвири сувари хаёлии хеш бисёр корбаст карда ва аз онҳо истилоҳоти махсуси шоиронаро дар шеъри на танҳо сабки ҳиндӣ, кулли адабиёти форсӣ муваҷҷид гаштааст.

Ҳақиқат ин аст, ки Соиб истилоҳоти мазкурро ба авҷи дастнораси тасвирот расонидааст ва истифодаи бас зиёд аз онҳо кардааст, то он ҷо ки истилоҳоти мазкур миёни кулли истилоҳоти вай монанди сувари беҳисоби оина дар ғазалиёти вай мақоми марказиро касб кардаанд, чунончи миёни анбӯҳи ғазалиёташ анқариб дар ҳар ду- се ғазали Соиб истилоҳоте ҳамчун санги тифл, санги кӯдак, тифли дабистон, бозичаи тифлон ва монанди инҳо бармехӯранд.

Чи тавре ки Соиб образҳои оина- ро дар шеъри форсӣ дохил намуд ва Бедил чун шоири оинаҳо маъруф гардид, Назирӣ ҳам тифл ва кӯдак (ва пистон- у шир, маҳд- у гаҳвора, падар- у модар ва дигар мафҳумҳои марбут ба тифлу кӯдак)- ро ба шеъри форсӣ ворид намуд ва Соиб ҳамчун шоири «тифл»- у «кӯдак» машҳур шуд.

Соиб ба оина ҳукми истилоҳ бахшид ва дар тарсими сувари мутавотири он нақши боистанӣ гузошт, аммо Бедил кори ӯро ба авҷи дастнорас савқ дод. Назирӣ ҳам ба тифлу кӯдак ҳукми истилоҳ бахшид ва сувари зиёди онро тарсим кард, аммо Соиб кори ӯро ба авҷи тараққӣ расонид. Дар ин мавзӯъ Соибро ҳам, албатта, метавон шоири тифл ё шоири кӯдак ном гирифт. Вале, дар баробари ин, эътироф бояд кард, ки поягузори ин тариқ Назирӣ аст.

Миёни вожаҳои тифл, кӯдак, маҳд, модар, падар ва монанди инҳо тифл ва кӯдак дар ғазалиёти Назирӣ ҷиҳати офаридани образҳои гуногун бештар истифода гардидаанд, ки намунаҳое аз онҳо дар нишондоди поён қайд гардидаанд:

Сувари тифл. Табъи сода дар тахайюли шоир тифл аст. Чунонки барои тифл мавзӯи баҳс беш аз ҳама шакар аст ва шакар айни баҳси ӯст, барои табъи сода ҳам баҳс хушгувор хоҳад буд ва хушгуворӣ айни баҳс хоҳад буд (30, 94), шоир гоҳ тани худро ба тифли шӯх шабеҳ месозад. Чунонки тифли шӯх дар қайди устоди худ меуфтад ва роҳати худро аз даст медиҳад, тани шоир ҳам ба банди замона гирифтор мегардад (30, 101), чунонки гунҷишк дар кафи тифл василаи бозӣ ва озори вай мегардад, шоир аҷз ва ҷаҳли худро ба кафи тифлӣ монанд мекунад.

Шоир аз ин гирифтории худ андуҳгин нест, баракс, изҳори хушнудӣ мекунад ва мегӯяд, ки дар кафи тифлӣ бас азиз ҳастам (30, 132). Замона дар тахайюли шоир чун тифл тарсим меёбад ва шоир аз он ба тифл табиат унвон мекунад. Агар дар ниҳоди замона табиати тифлӣ вуҷуд намедошт, баҳри чӣ адибро ин қадар озор медиҳад? Аввал ӯро водор мекунад, ки барои шӯхии дунё камар бубандад, баъдан худ камари ӯро мешиканад (30, 71), тифл сурати дигаре аз ноболиғи муҳаббат аст.

Шоир таъкид мекунад, ки биҳишт насиби ноболиғи муҳаббат нест. Чунонки мақоми тифл аъроф аст, ноболиғ низ ба ҳамин мақоми тифлӣ хоҳад расид (30, 51), шоир сурати шахси ҷоҳилу дилмурда ва бемуҳаббатро ба василаи тифли гурезпой тасвир менамояд. Ба ақидаи вай агар дарси адиб (ишқ) танҳо замзамаи муҳаббат бошад, ҷумъа тифли гурезпой (// ҷоҳилу дилмурда)- ро ба мактаб меоварад ва ба ӯ дарси ишқ меомӯзонад (30, 26), адиби ишқ ошиқони худро талқин мекунад, ки чу тифлон саводро равон ва баёзи худро сияҳ кунанд (30, 245), гоҳ дар тахайюли шоир мушти гили вуҷудаш ба бозичаи тифлон ташбеҳ меёбад. Ӯ ба соқӣ хитоб мекунад, ки гилаш барои хишти хум хуб аст ва аз пири тарсо хоҳиш мекунад, ки гили ӯро аз бозичаи тифлон бихарад (30, 5), гоҳ дили шоир ба василаи сурати тифл тарсим мешавад. Шоир ба маъшуқ нидо мекунад, ки тифли дилаш аз обу хок аст, бар вай таън назанад, ин тифл ба ғайр аз ҳарфи парокандаи ошиқӣ чизи дигареро азбар намедонад (30, 130), тифл тасвир аз худи шоир аст, чун вай дар моҷарои ишқ тифле беш нест. Ин аз тифлист, ки шоири ошиқ дар баробари маъшуқаи худ ба ғазалхониву сухандонӣ мепардозад ва фикр мекунад, ки маъшуқ бад- ин васила бар- ӯ эътино менамояд (30, 232), шоир чун тифлоне, ки бар сари бом ҳилоли идро интизорӣ мекашанд, мунтазири ҳилоли иди умеди худ аст (30, 204).

Шоир гоҳе худро аз тифли дабистон пасттар медонад. Силигирии зиёд, ки рӯзгор бар вай раво доштааст, ӯро чашмтарсидатар аз тифли дабистон гардонидааст (30, 281), тифл сурате аз асиркардаи ишқ аст. Чунонки тифл аз беақливу табиати кӯдаконаи худ ёде аз худу аз хона намекунад, асири ишқ ҳам парвои хушӣ надорад (30, 359).

Сувари кӯдак. Шахси шоир сурати кӯдакро пазируфта. Чунонки кӯдак миёни худро барои аз хона бадар рафтан чуст мебандад, шоир низ барои аз дунё рафтан роғибу моил ва омодаи гурехтан аст (30, 161), кӯдакӣ тарсиме аз ҷаҳлу дилмурдагии худи шоир аст. Ӯ аз ин изҳори яъс мекунад, ки аз маҳд якбора ба тариқати ишқ роҳ паймудааст ва аз кӯдакӣ ба ҳеҷ тариқате ошно нагаштааст (30, 265), кӯдак тарсиме аз сурати маъшуқа аст. Шоир камтарин булаҷабии диёри ишқро дар ин ёфта, ки ҳокиме

ба ҳукми кӯдаке маъзул мегардад ва сари таъзим ба фармудаи ин кӯдак мениҳад (30, 273), кӯдак тарсиме аз воиз ё носеҳ аст. Бар асари панду насиҳатҳои онон аст, ки умри шоир ба беҳуда сипарӣ шуда ва ба таъсири онон аст, ки вай аз русуми ахлоқ маҳрум мондааст (30, 274), кӯдак мардуми фитначӯ аст. Шоир дар хитоб бар маъшуқ мегӯяд, ки ҷони вай дар кафи дастонаш буд, ту онро бар сари кӯдакони фитначӯ ниҳодӣ (30, 334), кӯдак тасвири чархи хокбоз аст. Рӯзгор ҳар субҳ домани чархро чун кӯдакони хокбоз аз қафо мебандад, то ба бозии худ машғул гардад (30, 343), кӯдак мардуми бахилу таъназан аст, ки домони шоирро мудом аз санги таъна пур менамоянд (30, 354).Аз он чи дар намунаҳои боло қайд шуд, метавон ҷадвали кӯчаки сувари тифл ва кӯдакро дар мисоли зер матраҳ кард:

Ш / т	Тифл	Кӯдак
1	табъи сода	худи шоир
2	тани худ (-и шоир)	ҷаҳл (- и шоир)
3	замона	дилмурдаги (- и шоир)
4	ноболиғ	маъшуқа
5	муҳаббат	воиз
6	ҷоҳил	носеҳ
7	дилмурда	мардуми фитначӯ
8	бемуҳаббат	чархи хокбоз
9	мушти гили вуҷуд (- и шоир)	мардуми бахил
10	дил (- и шоир)	мардуми таъназан
11	худи шоир	

Дар ғазалиёти Назирӣ сувари тифл ва кӯдак чуз аз намунаҳои боло барои тарсими мазомин ва маонии дигар низ ба кор гирифта шудаанд. Аз ҷумла, дар байти зерин, шоир тифл (-и разиъ)-ро ҷиҳати тасвири шахси худ коргир шудааст:

Модарам ною ман чун тифли разиъ,
Мекунад савти ӯ хамӯш маро (30, 19).

Ё маъшуқаро ба ҷиҳати ширинии суханонаш дар байти зер ба тифл шабеҳ кардааст:

Ба сухандонии ту тифл надидаст касе,
Гираҳи эъҷози лабат бар нафаси Марям зад (30, 134).

Тифл сурати ақл аст, ки дар дабистони илм саргардон аст ва роҳ ба ҷое намебарад:

То бурун орад саре аз лавҳи пешонии ӯ,
Тифл гардад ақл ҳар дам дар дабистоне дигар (30, 195).

Шоир ҳусни кӯдакиро василаи зинату ороиши ботини худ кардааст ва хостгори он аст, ки ба воситаи он «маснад»- и ботинаш нақше босафо пазирад:

Нақше ба ботин дидаам, хоҳам ба ҳусни кӯдакӣ,
Ороиши маснад кунам, зинат диҳам дайҳимро (30, 21).

Дар байти зер захми шоир тавассути коми кӯдак тарсим ёфтааст:

Гӯӣ, ки коми кӯдаку пистони модар аст,
Захми Назириву сари пайкони рӯзгор (30, 195).

Кӯдак сурате аз шахси худи шоир аст. Чунонки кӯдак ба дабистон нафрат дорад ва аз муаллими худ ҳарос дорад, шоир аз бонги муаззин дар ҳарос аст:

Чу кӯдак зи дабистони нуфур метарсам,
Шаби хамул зи бонги муаззини саҳарӣ (30, 356).

Дар байти зер кӯдакӣ дар маънои ҷаҳолату ноогоҳӣ истифода гардидааст:

Ба роҳ омадам аз маҳд бар тариқати ишқ,
Зи кӯдакӣ нашудам ошно ба ҳеҷ тариқ (30, 265).

Дар ғазалиёти Назирӣ вожаҳои тифл ва кӯдак ҷуз аз маонии маҷозӣ, ҳамчунин дар маънии аслии худ ҳам коргир гаштаанд. Аз ҷумла, дар ин ду байт вожаҳои тифл ва атфол дар маънии асли худ мустафод шудаанд:

Тифлӣ ба ор бигзашт, пирӣ ба айб омад,
Ҳарчанд ҷаҳл шум аст, ҳаст ин қадар муборак (30, 267).
Гиря бар модарон кунанд аз бахт,
Чун бизоянд ин замон атфол (30, 269).

Назирӣ вожаҳои модар, пистон, маҳд, падар, фарзанд ва монанди инҳоро низ гоҳо ҷиҳати тасвири мазомин ва мафҳумҳои худ ба кор гирифтааст, чунончи зимни баррасии сувари тифл ва кӯдак намунаҳое аз онҳо дар мисоли вожаҳои модар, пистон ва маҳд дар абёти боло оварда шудаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Эльсберг Я.Е.. Индивидуальные стили и вопросы их историко-теоретического изучения / Я.Е. Эльсберг // Сборник «Теория литературы». - М.: Наука. -С. 40.
2. Виноградов В.В. Проблема авторства и теория стилей / В.В. Виноградов. - М.: АН СССР, 1963.- 255 с.
3. Назирии Нишобурӣ. Девон. Аз рӯйи нусхаи хаттии муътабари хаттӣ. Бо муқаддима, тасҳеҳ, танзим ва ҷамъ ва тадвини Музоҳири Мусаффо / Нишобурӣ Назирии. - Теҳрон: Амири Кабир, 1340.- 748 с.
4. Поспелов Г.Н. Проблемы литературного стиля / Г.Н Поспелов. - М.: Изд- во МГУ, 1979.- 330 с.

ЦЕНТРАЛЬНЫЕ ОБРАЗЫ ГАЗЕЛЕЙ НАЗИРИ НИШАПУРИ

В газелях Назири Нишапури центральными художественными образами являются образы «дитя» и «ребёнок». В этих образах поэт описывает свои наилучшие философские, мистические и суфийские мысли. В большинстве случаях Назири использует эти образы в переносном смысле.

Ключевые слова: дитя, Назири Нишапури, ребёнок, образ, художественность, мистические мысли, суфийские мысли, философские мысли,

CENTRAL IMAGE OF GAZELLES OF NAZIRI NISHAPURI

In Naziri Nishapuri's gazelles from ranks of the central artistic images the child and the child are. These images the poet describes the best philosophical, mystical and Sufi’s ideas. In the majority of cases of Naziri uses these image figuratively.

Key words: child, Naziri Nishopuri, child, image, artistry, mystical ideas, Sufi’s ideas, philosophical ideas,

Сведения об авторе: ***О.Ш. Саидджаъфаров*** – докторант Таджикского национального университета

ИБТИКОРОТИ АМИР ХУСРАВ ДАР САНЪАТИ ИҲОМ

Р. Тағоймуродов
Донишгоҳи давлатии Қурғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Пеш аз баррасии мавзӯи асосӣ иқтибоси ҳикоятеро аз китоби «Ҳадоиқ-ус-сеҳр фӣ дақоиқ-уш-шеър»-и Рашидуддини Ватвот, ки аз қадимияти корбурди санъати иҳом ва лутфу назокати сухан дар адабиёти гуфторӣ ва навиштории форс-тоҷик гувоҳӣ медиҳад, ҳамчун тоҷ бар фарқи ин фишурда мегузорем, то сидқи суханҳое, ки баъдан дар ин масъала хоҳем гуфт, тасдиқ гардад.

«Бӯалӣ Сино рӯзе дар бозор нишаста буд, рустоие бигузашт, барраи баҳоӣ бар дӯш гирифта буд. Бӯалӣ пурсид, ки барра ба чанд? Рустоӣ гуфт:

- Ба диноре. Бӯалӣ гуфт:

- Барра ин ҷо бигузор ва соате дигар боз ой, то баҳо бидиҳам. Рустоӣ ӯро мешинохт, гуфт, ки ту ҳакими оламӣ, чаро бояд, ки ин қадар надонӣ, ки барра дар муқобили тарозу бошад, то барра барнасанҷӣ, барра ба хона набарӣ. Бӯалиро аз он аҷаб омад ва ӯро азъофи баҳои барра бидод.

Акнун дар камоли латофати ин сухан бояд нигарист: ҳоли хотири мардум ба баррае равад, ки ҷонвар аст ва ба тарозу, ки бад-ӯ зар бисанҷанд ва муроди рустоӣ худ бурҷи Ҳамал ва Мизон бувад, чӣ ин ҳар ду баробари якдигаранд ва нодира гуфтааст, аз ҷинси илми ҳукамо ва лоиқ ба ҳоли Бӯалӣ» (1, 99).

Ин ҳикоятро Рашидуддини Ватвот зимни таърифи санъати иҳом нақл карда, боз ҳам таъкид мекунад, ки «… дар камоли латофати ин сухан бояд нигарист».

Аз он чи дар ин ҳикоят пардохта шудааст, бармеояд, ки халқи тоҷик аз дерзамон боз ба санъати сухан дилбастагӣ дошта, ба сухани бепироя чандон арзиш намедодааст. Корбурди бадеиётро дар гуфтору навиштори хеш аз амалҳои ҳунармандона ҳисобида, дар гуфтугӯву таълифоти худ аз маънии аслӣ ва маҷозии калимаҳо кор мегирифтааст. Қадимтарин таълифот дар мавриди афкори адабию эстетикии халқи тоҷик ин гуфтаҳоро собит месозанд. Масалан, Унсурулмаолии Кайковус дар яке аз фаслҳои «Қобуснома», ки «Дар расми шоирӣ» ном дорад, ба фарзандаш чунин панд медиҳад:

«Ва ба вазну қофияи тиҳӣ қаноат макун, бе саноату тартибе шеър магӯй, ки шеъри рост нохуш бувад. Бо санъату ҳаракат, бояд ки бувад ва гул-гул бояд, ки бувад андар шеър ва андар захмаву андар савт, то мардумро хуш ояд… (2, 130).

Шояд маҳз ҳамин баэътиборгирии афкори назарияшиносон аз ҷониби суханварони форс-тоҷик боис шуда бошад, ки дар каломи манзуму мансури бузургони ин миллат маъниҳои оливу бикр, мазмунҳои нозуку латиф, ғояҳои баланди инсондӯстонаву башардӯстона дар либоси зебои бадеият ифода шуда, дилу хотири ҷаҳониёнро тасхир кардааст.

Зиёда аз ин, маълум аст, ки воситаҳои тасвири бадеӣ як ҷузъи муҳимми асари бадеӣ мебошад, ки гӯянда ва ё нависанда онҳоро агар аз як тараф, барои ифода кардани ҳадафи аслӣ ё худ ғояи асосӣ мавриди истифода қарор диҳад, аз тарафи дигар, онҳо барои муассиру ҷаззоб ва эҳсосангезу хотирмон шудани асари бадеӣ мусоидат менамоянд.

Истифодаи санъатҳои лафзӣ ва маънавӣ дар асар аз эҷодкор масъулияти зиёдеро тақозо карда, аз тарзи тафаккур ва ҷойгоҳи маънавии он дар суханофарӣ шаҳодат медиҳад. Бинобар ин, дар ин фишурда мехоҳем перомуни моҳияту мухтассоти яке аз санъатҳои маънавӣ, яъне иҳом, ки дар адабиёти форс-тоҷик корбурди фаровон дорад, ба таври иҷмолӣ изҳори назар карда, дар ин замина аз ибтикороти Амир Хусрави Деҳлавӣ дар ибдои ин саъат мухтасаран таваққуф намоем.

Иҳом қариб дар ҳама фарҳангу луғатномаҳо як хел, яъне дар ғалату гумон андохтан ва тарк кардани чизе маънидод шудааст. Иҳом ҳамчун истилоҳи адабиётшиносӣ номи яке аз санъатҳои маънавист, ки гӯянда ва ё нависанда калимае дар сухан оварад, ки ҳадди ақал дорои ду маънӣ – яке наздик ба зеҳн ва дигаре дур аз зеҳн бошад. Вожаи овардашуда дар калом бо ҳар ду маънӣ созгор ояд ҳам, мақсуди гӯянда маънии дури он мебошад.

Роҷеъ ба хусусият ва моҳияти ин санъат адабиётшиноси варзидаи тоҷик, профессор Худоӣ Шарифов чунин мегӯяд:

«Албатта, бунёди ин санъат (иҳом Р. Т.) ба маънои аслию маҷозии калимаҳо асос ёфтааст. Маънии маҷозӣ ба протсесси инкишофи забон вобаста буда, яке аз роҳҳои асосии густариши он аст ва аксар вақт маънои маҷозӣ ба маънои аслӣ табдил меёбад. Дар ин санъат зуҳури амалии ҳамин қонуни забонро мебинем» (3, 110).

Санъати иҳом навъҳои зиёде дорад, аммо, мутаассифона, шарҳу баррасии назария ва таснифоти муфассали онҳо аз тарафи муҳаққиқони тоҷик ба андозаи шоиста сурат нагирифтааст. Дар ин замина бояд арз дошт, ки таъвилу назария дар мавриди набудани якдигар комил намешаванд, яъне таъвил, ки аз назария тиҳӣ бошад, ноқис аст, мисли назарияе, ки агар аз таъвиле барнахоста бошад, нотамом аст. Агар таҳқиқ бар бунёди ироаи назария сурат гирад, муҳаққиқ ба пажӯҳишоти андешамандона мувоҷеҳ шуда, ҷилваҳои вуҷӯҳи адабиро дар эҷодиёти як шоир хеле хуб равшану муайян мекунад. Аз ин хотир, таваҷҷуҳ ва тамаркузи меҳварии мо дар ин фишурда баррасии навовариву ибтикороти Амир Хусрави Деҳлавӣ роҷеъ ба санъати иҳом, бавижа иҳоми зулвуҷӯҳ аст, ки роҷеъ ба он иҷмолан таваққуф карданро салоҳ медонем.

Мусаллам аст, ки истифодаи бамавриди санъатҳои бадеӣ, бахусус саноеи маънавӣ дар сухан барои назму наср зебоӣ ва арзишҳои ҷовидониро ҳадя мекунанд. Амир Хусрави Деҳлавӣ бо эҳсос ва дарки ин масъулият ва ба хотири он ки сухани форсӣ-тоҷикӣ имкону тавоноӣ ва иқтидори аз гиребони назокату лотофат ва тафохур сар баланд карданро дорад, дар назму насри ин забон мубтадии баъзе ихтироти шигифтангезе аст, ки то ӯ назир надошт. Яке аз чунин ибтикороти ӯ вазъи санъати иҳоми зулвуҷӯҳ дар шеъри форсӣ-тоҷикист. Роҷеъ ба ин масъала худи ӯ дар муқаддимаи девони сеюмаш, яъне «Ғуррат-ул-камол» чунин менигорад:

«Пеш аз ин забони шуаро, ки машшотаи ашъор аст, дар санъати иҳом мӯй чунон шикофтӣ, ки ду борикӣ ҳосил шудӣ. Банда бар килки тез сари мӯйи маъниро чунон бишкофт, ки аз як мӯй ҳафт борикӣ ҳосил шуд…

Табъи Хусрав иҳоме вазъ кард муваҷҷаҳтар аз оина, зеро дар оина аз як сурат як хаёл беш дар назар наёяд, аммо ин оинаест, ки агар як рӯй дар ӯ ниҳӣ, ҳафт хаёли дурусту рӯшан рӯй намояд ва ин иҳомро иҳоми зулвуҷӯҳ ном кардам:

Бози сарбози ту бо симурғ бозӣ мекунад,
Гар ту, эй шери гаронсар, боз дорӣ дар шикор (4, вар. 7б-8а).

Дар воқеъ, агар хонандаи хушэҳсос ба алфози истифодашуда дар ин байт жарф таваҷҷуҳ кунад, хаёлаш фарогири маъниҳои зиёде мегардад. Чунончи, аз ибораи «**бози сарбоз**» се маънӣ ба даст меояд:

а) бози сарбозанда, фидокор ва ҷонбоз;

б) бози саркушода, яъне омӯхташуда, зеро сари бози ноомӯхтаву ноозмударо бо кӯлоҳи махсусе мепӯшонанд;

в) бози сарбоз, яъне бози ходим ва афроде, ки дорои дараҷаи поёни низомӣ аст, аскар ва монанди инҳо.

Лафзи «**симурғ**»-ро низ ба ду маънӣ фаҳмидан мумкин аст. Яке, мурғи афсонавии симурғ, дигаре, сӣ адад мурғ. Калимаи «**гаронсар**» низ дорои маъниҳои мутакаббир, мағрур, маст ва хашмгину асабонӣ мебошад. Лафзи «**гарон**» ба танҳоӣ ва дар алоқа бо дигар калимаҳо дорои қариб бист маънист.

Дар байти мавриди назар агар дар мисраи дуюм калима «**гаронсар**» хонда шавад, он гоҳ аз лафзи «**боздорӣ**» чор маънии дурусту саҳеҳ ва агар «**гарон**» хонда шавад, аз лафзи «**сарбоздорӣ**» ё ин ки «**сарбоздорӣ**» се маънии мукаммалу барҷаста бармеҳезад.

Ёдрас шудан бамаврид аст, ки ифодаҳои ёдшуда калимаҳои калидӣ дар байти мазкур мебошанд, ки шоир ба василаи онҳо маъниҳои зеринро ифода кардааст. Чунончи:

I. Бози сарбози ту бо симурғ бозӣ мекунад,
Гар ту, эй шери гаронсар, боз дорӣ дар шикор.

1. Агар бозро дар шикор дорӣ, яъне дарорӣ
2. Агар бозро дар шикор кушода дорӣ, яъне сар диҳӣ.
3. Агар монеи шикор кардани боз шавӣ, яъне аз шикор боз дорияш.
4. Агар дар шикор боз дошта бошӣ, яъне боздор бошӣ.

II. Бози сарбози ту бо симурғ бозӣ мекунад,
Гар ту, эй шери гарон, сар боз (сарбоз) дорӣ дар шикор.

1. Агар дар шикор бози ҷасуру диловар ва сарбозанда, яъне бозе, ки сари худро дар роҳи ҳадаф фидо мекунад, дошта бошӣ.
2. Агар дар шикор сарбоз, яъне ходим ё худ аскари содиқ дошта бошӣ.
3. Агар бозро саркушода дорӣ, ҳадаф аз саркушода доштани боз омӯхта будани он дар шикор аст.

Роҷеъ ба вижагиҳои ин қабил шеърҳо бояд ёдрас шуд, ки онҳо бисёр ҳам андешаталабанд ва аз хонандаву шунаванда завқу эҳсосот ва тахайюлоти баландро тақозо мекунанд. Модоме ки хонандаву шунаванда дар фаҳму дарки ин гуна шеърҳо ба ҳайрат мувоҷеҳ мешавад, пас ӯро ҳам фарз ва ҳам суннат аст, ки бар остони қудрату тавоноӣ, ҳунару истеъдод, завқу қобилият, тахайюлоти ақлонидашуда ва ё ақли хаёломехтаи эҷодкори онҳо боифтихор ҷабҳасоиву заминбӯсӣ кунад, зеро чунин шеърҳо боиси барангезандаи ҳиссиёти ҷӯяндагӣ ва болобарии сатҳи маърифат мегардад.

Аксар фарҳехтагони илму адаб бар он назаранд, ки вазифа, ҳадаф ва рисолати ҳунару ҳунарманд, адабиёту фарҳанг ва ҳама гуна илму санъат баланд бурдани сатҳи огоҳӣ, маърифат, завқу салиқа, фаҳму дарки мардум бояд бошад ва мо низ ба онҳо мувофиқем, дар ҳоле ки бархе аз фарҳангиён ҷонибдори ба сатҳи фаҳми оммаи мардум поён фаровардани адабиёту санъат ва фарҳангу ҳунар мебошанд.

Маълум аст, ки андеша, тахайюл, эҳсос, отифа, тасвиру завқ, оҳанг ва амсоли инҳо ба танҳоӣ ва ҳатто, баъди гузаштан аз коргоҳи зеҳн низ шеър нест, андеша ҳамон вақт шеър мешавад, ки аз парвезани ақл ва ҳунару истеъдоди шоир убур кунад.

Таҳқиқ дар осори Амир Хусрав нишон медиҳад, ки тақрибан ҳеҷ як аз офаридаҳои ӯ дар сатҳи поён қарор надорад ва барои баёни эҳсосоти зудгузару масрафи рӯзмарра сурат нагирифтааст. Андешаи Хусрав хостгоҳест, ки маҷмӯи эҳсосот, тахайюлот, нуқтаи назар ва мушоҳидоти вай аз он ҷо сарчашма гирифтааст. Ин андеша баъд аз гузаштани дастгоҳи зеҳни шоир ба ихтиёри ақли гирову халлоқона афтода, комилан сара шуда ва пас аз бархӯрд бо коргоҳи ҳунарии ӯ, яъне завқ, маҳорат, малака, дониш, таҷриба, қобилият, истеъдод, забон ва монанди инҳо ба марзи шеъри асилу мондагор дастрасӣ пайдо кардааст.

Аз он чи гуфта шуд, маълум мегардад, ки Амир Хусрав нахуст, барои намоиши ҳунару истеъдоди худ ва баъдан, барои нишон додани қудрату тавоноӣ ва иқтидори забони форсӣ-тоҷикӣ баҳри фарогирӣ ва баррасии ҳама гуна мазмуну муҳтаво ва баёни матлабу маонӣ аз санъатҳои маънавӣ кор гирифта, дар ин ҷода мубтакир ҳам шудааст. Барои исботи ин гуфтаҳо намунаи дигареро роҷеъ ба санъати иҳом, аниқтараш иҳоми зулвуҷӯҳ, ки ихтироъ ва сунъи ин шоир аст, манзури алоқамандон мегардонем. Масалан:

Пилтан шоҳиву бисёр аст борат бар сарир,
З-ин маранҷ, эй абру боғ, ар гӯямат бисёрбор (бисёр бор) (4, 8[6]).

Роҷеъ ба шигифтиҳои байти мазкур муаллифи китоби «Латоиф-ут-тавоиф» Алии Сафӣ менигорад, ки «ва чун ин қисм аз ақсоми иҳоми ағраб аст, мисолаш эрод

меёбад аз шеъри Хоҷа Хусрави Деҳлавӣ ва он байте аст, ки дар ин санъат аҷибтар аз он кас нагуфтааст» (5, 128).

Дар ҳақиқат, агар ба ҳама паҳлӯҳои лафзи «**бор**», воқеъ дар охири мисраи дуюм, дар таносуб бо калимаҳои «пилтан», «шоҳ», «абр», «боғ» жарф таваҷҷуҳ шавад, аз байт ҳафт маънии саҳеҳ бармехезад, аз ҷумла:

1. Ту пилтанӣ, бинобар ин, агар туро **бисёрбор**, яъне «гаронбору вазнинбор» гӯям, аз он маранҷ.
2. Ту подшоҳӣ, агар туро **бисёрбор**, яъне «бисёр бордиҳанда» (**бор** маънии иҷозаи вуруд ба ҳузури бузургону подшоҳро низ дорад) гӯям, аз он маранҷ.
3. Ту абрӣ, агар туро **бисёрбор**, яъне «бисёр боранда» гӯям, аз он маранҷ.
4. Ту абрӣ, агар туро **бисёр бор**, яъне «бисёр бибор» гӯям, аз он маранҷ.
5. Ту боғӣ, агар туро **бисёрбор**, яъне «бисёрсамару боровар» гӯям, аз он маранҷ.
6. Ту шоҳӣ, агар туро **бисёрбор,** яъне «бисёр некӯкор» (бор(р), бо ташдиди «ро», маънии некӯкорро дорад) гӯям, аз он маранҷ.
7. Ту шоҳи пилтанӣ, агар туро **бисёр бор**, яъне «бисёр маротиба мукаррар, шоҳи пилтан» гӯям, аз он маранҷ.

Илова бар он чи гуфта шуд, ёдрас шудан бамаврид аст, ки лафзи **бор** дорои бештар аз бист маънист ва ҳар як аз онҳоро метавон дар ин байт маҳалли корбурд қарор дод, вале дар ин мақом аз таъвилу баррасии ҳамаи он худдорӣ карда, пас аз арҷгузорӣ ва маҳорату истеъдод ва қобилияти сухангӯйиву маъниофарии Амир Хусрав меафзоем, ки истифода ва корбурди санъатҳои лафзиву маънавӣ дар сухан, махсусан барои шеър, зебоӣ, шукӯҳ ва арзишҳои мондагорро ҳадя мекунанд, ки ашъори Хусрав аз ин атои яздонӣ саршор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Мунтахаби «Тарҷумон-ул-балоға» ва «Ҳадоиқ-ус-сеҳр». Таҳияи матн, муқаддима ва тавзеҳоти Худоӣ Шарифов. –Душанбе, 1987.
2. Унсурулмаолии Кайковус. Қобуснома. Ба чоп ҳозиркунанда Мирзо Муллоаҳмадов / Кайковус Унсурулмаолии. –Душанбе, 1979.
3. Шарифов Х. Каломи бадеъ / Х. Шарифов. –Душанбе, 1991.
4. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Дебочаи девони «Ғуррат-ул-камол». Дастнависи № 537 Институти забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии АИ ҶТ.
5. Фахруддин Алии Сафӣ. Латоиф-ут-тавоиф. Мураттиб ва муаллифи сарсухан Ҳалим Саидов / Фахруддин Алии Сафӣ.–Душанбе, 1968.

ПОЧИН АМИР ХУСРАВА В ИСКУССТВЕ (ИХАМ) ОМОНИМИЯ

Автор в данной статье основное внимание акцентирует на наиболее важную тему литературоведения. Он с теоретической и практической точки зрения, анализирует материалы об искусстве двусмысленного выражения, его общность и различие от других средств выражения, относящиеся к данному искусству.

Автор, основываясь на теории искусства двусмысленного выражения, исследует особенности данного искусства в творчестве Амира Хусрава Дехлави. Автор показывает поэта как зачинателя многозначности выражения в стихосложении и свои доводы подтверждает конкретными примерами из литературного наследия Амира Хусрава Дехлави.

Ключевые слова: омонимия, служивый (воин), грузь, каратность, мягкий, соотношение, зачинатель, почин, зачинщик, красноречие, художественный приём, мастерство, прямое значеие, иносказанные, метафора.

AMIR HUSRAV AND HIS(ITS) POCHIN IN ART (IHAM) OMONIMIYA

The author, in given article accents the basic attention on the most important theme of literary criticism. It from the theoretical and practical point of view, analyzing materials about art of ambiguous expression, its generality and distinction from other means the expressions concerning given art.

The author, being based on the theory of art of ambiguous expression investigates features of the given art in Amir Husrav Dehlavi's creativity. The author, shows the poet as the initiator of a polysemy of expression in expression. The author, confirms the arguments with concrete examples from Amir Husrav Dehlavi's literary heritage.

Key words: ekhom (hoetical acceptance. When homonyms happen to on ane line), the warrior, cargo, time, soft, correlation, initiative, ringleader, oratory, artistic acceptance, skill, direct essence, allegory, metaphore.

Сведения об авторе: ***Р.Х. Тагоймуродов*** **-** кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы КТГУ им.Носира Хусрава. Телефон: **917-57-55-22**

НАЗАРЕ БА ЗАМИНАИ ПАЙДОИШИ РОМАНИ ҲИНДӢ

М.А. Нурова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳангоми арзёбии раванди умумии таърихи инкишофи адабиёт маълум мегардад, ки ҷойгоҳи жанрҳои мансур то чи андоза муҳиму арзишманд аст. Жанрҳои мансур на танҳо асоси муайянкунандаи дараҷаи инкишофи тадриҷии эҷодиёти насрнависони ҷудогона, нишондиҳандаи шеваҳои сабзишу камолоти эҷодии онҳо мебошанд, балки дар баробари ин як соҳаи муҳиму нишонгари ҳаракати умумии наср ва хусусиятҳои хоси тараққиёти таърихии он ҳам ба шумор мераванд.

Пӯшида нест, ки адабиёти муосир аз сарчашмаи бойи худ – мероси адабӣ ғизо мегирад, вале рушду камоли ҳикоя ва роман барин жанрҳои мансур таъсирпазирии эҷодӣ ва пайванди он бо баъзе риштаҳои анъанавӣ баръало махсусиятҳои хоса пайдо мекунад. Дар баробари ин, инкишофи насри ҳозираи ҳиндӣ тибқи ниёзу эҳтиёҷоти ҳаёт ва шароити нави таърихӣ, вобаста ба таъсири мактаби бузурги Премчанд (1880-1936) барин адибони маъруфи адабиёти ҳиндӣ, риояи нави ҳикоя ва романнависӣ, инкишофи тадриҷии ин санъат, давраи туфулият ва балоғати онро ифода менамоянд, ки масъалаҳои анъана ва навовариро қисмҳои таркибии он шуморидан мумкин аст.

Зарурати инкишофи жанрҳои насрӣ чун ҳикоя ва роман дар шароити нав ба зарурати пурраву ҳартарафа, дуруст ва воқеъбинона тасвир карда шудани ҳаёт дар давлати соҳибихтиёр, инъикоси воқеии ҷараёни тараққиёти ҷамъият, муносибатҳои ҷамъиятӣ ва зиддиятҳои ҳаётии он вобастагӣ дорад.

Агар роҳҳои тайкардаи насри нави ҳиндиро вобаста ба ҳамин вазифаи адабӣ аз назар гузаронем, бисёр хусусиятҳои хоси тараққиёти жанрҳои мансур, аз ҷумла як қатор масъалаҳои доир ба анъана ва навоварӣ, бартарият ва камолоти эҷодии насрнависони ҷудогона ва ғ. муайян мегардад.

Дар ин замина таҷрибаи эҷодии аксарияти насрнависони ҳиндӣ ба андозае ба ҳам монандӣ дошта бошад ҳам, ҳамаро дар як радиф гузоштану аз як зовия дидан имконнопазир аст. Ҳар эҷодкор дорои комёбиҳои ба худ хоси эҷодӣ мебошад ва нуқсонҳои эҷодии вай ҳам вобаста ба ҷараёни инкишофи маҳорати ӯ ва ё тасвири аҳдофу мақосиди хоси ӯ раванд ва ғояти камол мегирад.

Ба майдони адабӣ ворид шудани жанри роман дар таърихи адабиёти Ҳиндустон ҳодисаи бузурге ба шумор меравад. Дар ташаккули насри Ҳинд ин асос муҳим аст, ки барои даҳсолаҳои оянда ҷараёни ҳаёти мадании Ҳиндустонро муайян намуд. Сар задани жанри роман дар адабиёти халқҳои Ҳиндустон аз аввали асри XIX ба назар мерасад. Асарҳои бузургаҷм ба забонҳои адабии Ҳиндустон аллакай дар нимаи дуюми асри XIX пайдо шудан гирифтанд.

Масоили пайдоиши романи нав ин саволи асосиест, дар таърихи адабиёти Ҳинди асри XIX ва инчунин дар таърихи насри ҳиндӣ, ки боиси баҳси муҳақиққони соҳаи хеш гардид. Романи ҳиндустонӣ чӣ тавр пайдо шуд, оё он зери таъсири насри Ғарб қарор дошт, магар анъанаҳои хоси миллии Ҳинд ба он таъсири худро расонидаанд ва бисёр муаммоҳои дигар боиси сар задани баҳсҳо ва тадқиқоти муҳаққиқони таърихи адабиёти Ҳинд гаштаанд. Илова бар ин, муҳаққиқи жанрҳои насрии ҳиндустонӣ доктор Пател Умашанкар Ҷошӣ чунин ақидаронӣ мекунад, ки маҳз жанри роман тавонистааст насрнависонро бо ҳам пайваст кунад. Аз ин ҷо бармеояд, ки роман чун жанри насрӣ на танҳо инъикоскунандаи ҳақиқати замон хизмат мекунад, балки қудрати бо ҳам овардани ашхоси пешқадами ҷомеаро низ дорад. Чунончи, Мелитинский Е.М., Брагинский И.С., Гринцер П.А., Серебряный С.Д., Сухочев А.С., Кларк Т., Мукҳерҷӣ М. ва д. доир ба масъалаҳои пайдоиш ва ташаккули романи ҳиндустонӣ ва муқоисаи он бо адабиёти Шарқ ва адабиёти ҷаҳонӣ ақидаи хешро иброз кардаанд.

«Дар таърихи адабиёти ҳиндӣ, ки яке аз адабиётҳои ғании Ҳиндустон ба шумор меравад, пайдоиши романро бо он шаклу мазмуне, ки имрӯз мо онро мешиносем, ягон санаи дақиқе ёдовар намешавад. Танҳо чунин ишора мешавад, ки тақрибан саду сӣ сол қабл аз ин дар маҷрои ҷараёни маорифпарварӣ баъзе романҳо пайдо шудаанд». Ин ақидаро ҳиндшиноси тоҷик профессор Ҳабибулло Раҷабов пеш меорад, ки ба тадқиқу таҳқиқи жанрҳои насрӣ, чун ҳикоя ва романи ҳиндӣ рӯ овардааст (4).

Романҳое, ки дар аввалин даҳсолаҳои нимаи дуюми асри XX навишта шудаанд, ҳанӯз ба навъҳо ҷудо карда намешуданд. Дар охирҳои асри X!X, аллакай чун камтаре таҷриба ҳосил шуд, масъалаи ба навъҳо ҷудо кардан низ пеш омад. Дар аввали асри

XX романҳои то ин вақт эҷодшударо ба се навъ ҷудо кардан мумкин буд. Якум, романи таърихӣ; дуюм, романи оилавӣ-иҷтимоӣ; сеюм, романи саргузаштӣ.

Дар инкишофи романи ҳиндӣ дар солҳои бистуму сиюми асри XX нақши асосгузори реализми танқидӣ Премчанд (1880-1936) ниҳоят бузург аст.

Рӯйхати асарҳои мансури адабиёти муосири ҳиндӣ зиёд аст. Ҳар як ҳикоя ва романи Премчанд(1880-1936), Яшпал (1903-1976), Упендранатҳ Ашк (1886-1964), Пҳанишварнатҳ Рену (1921-1977), Моҳан Ракеш (1925-1972), Рачендра Ядав (с.тав. 1929), Манну Бҳандарӣ (с.тав. 1931), Камлешвар (1932-2007) ва насли нави насрнависон сарфи назар аз гуногунии сатҳу дараҷаи бадеияти худ ба ягон ҷиҳати инкишофи таърихии насри ҳиндӣ алоқа доранд ва маҷмӯи ҳамаи онҳо ҷараёни хеле мураккаби инкишофи жанрҳои мансурро мунъакис менамоянд ва нишонгари он аст, ки роман низ аз падидаи хоси иҷтимоии халқҳои ҳинду аст. Ба ҳеҷ ваҷҳ, ин жанри бадеӣ ба таври сунъӣ аз Аврупо дохил нашудааст. Решаҳои он дар асарҳои «Маҳабҳарата», «Рамаяна», «Панчатантра» дида мешавад, вале дар шароити нав бо талаботу диди дигар, тасвиру усулҳои нави бадеӣ, мазмунҳои иҷтимоии нав, рангу бӯй ва таровату нигориш падидаи нави эҷодиёт аст.

Худи ҳамин гувоҳи он аст, ки роман як жанри муҳимми насри муосири ҳиндӣ буда, масъалаи инкишофи ин жанри насрӣ яке аз масъалаҳои якумдараҷаи эҷодӣ ва адабӣ мебошад.

Яке аз заминаҳои пайдо шудани романи ҳиндӣ ва умуман, роман дар Ҳиндустон бо ба вуҷуд омадани чопхонаҳо ва матбуот алоқаманд мебошад, чунки асарҳои бузургҳаҷмро бо адади бисёр чоп кардан бе чопхона имкон надошт. Ин гуна имкониятҳо, хусусан дар қисмати шимолии Ҳиндустон, дар он ҷое ки шумораи мардуми босавод зиёдтар буд, ба назар мерасид.

Ҳамин тариқ, аввалин романи банголӣ «Писари эркаи хонадони сарватманд» («Алалер гҳерар дулал») муаллифаш Перичанд Митро, дар солҳои 1855-1857 аввал дар саҳифаҳои маҷаллаи «Маник потрика», пас дар соли 1858 дар шакли китоби ҷудогона нашр мешавад. «Ин роман («Писари эркаи хонадони сарватманд»-и Перичанд Митро – М.Н.) зери таъсири романи рушанфикри Ғарб эҷод шудааст» [6,213], - меорад олими рус И.Д.Серебряков. Муаллиф дар асари худ қайд мекунад, ки дар худомӯзӣ ва худтакмилдиҳии инсон тарбия ва маълумотнокӣ нақши ҳалкунандаро мебозанд.

Романи адиби маратҳӣ Бобо Падманҷӣ (1831-1906) «Сайри Ямуна» («Ямуна парятан») низ дар ҳамин вақтҳо, яъне соли 1856 чоп шудааст. Масъалаи дар романи пешоварда яке аз мавзӯъҳои доғи ҷомеа, имконияти дуюмбора оила барпо кардани зани бевамондаи ҳинду, мушкилоти тасвири бадеияти нигоранда табдил ёфтааст. Роман бо он анҷом меёбад, ки қаҳрамони асар дуюмбора ба марди аврупоӣ ба шавҳар мебарояд. Ин хушбахтӣ ба ӯ танҳо берун аз марзи ватанаш насиб мегардад, ки он ҷо анъанаҳои куҳани ҳиндувон қудрати таъсири худро гум мекунанд. Пас, романи адиби урдузабон Нозир Аҳмад (1836-1912) зери унвони «Оинаи арӯс» соли 1869 ба забони ҳиндӣ, соли 1882 романи Лал Шринивасдас «Таҷриба – устоди беҳтарин» («Парикша-гуру») ба табъ расидааст. «Романи «Таҷриба – устоди беҳтарин»-и Лал Шринивасдас аввалин романи ҳиндӣ ҳисобида мешавад» [7,288], - қайд мекунад муҳаққиқи жанрҳои мансур Виҷаендра Снатак. Дар саросари ин романҳо ғояҳои маорифпарварӣ таблиғ шудаанд. Адибон ақидаҳои худро нисбат ба масоили ахлоқию тарбиявӣ аз тариқи асарҳои бузургҳаҷм ифода мекарданд, ки барои ҳамон фурсат хеле қуллай ва мувофиқ буд.

Ташаккули романи муосири ҳиндӣ ин ҷараёни зинда, мураккаб ва серпаҳлӯ мебошад, ки таҳқиқ ва тадқиқи паёпайи эҷодиёти насрнависони мухталифро тақозо дорад. «Ташаккули босуръати романро ба назар нагирифтан мумкин нест. Дар асоси маълумоти охирини рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои даврӣ хабар ёфтем, ки ба забони ҳиндӣ ҳамасола зиёда аз садҳо романҳо нашр мешаванд» [1,18], - ташаккули романи ҳиндиро ба эътибор гирифта, қайд мекунад муҳаққиқи ҳиндшинос Н.Д.Гаврюшина.

Ин гуна маълумотро ҳиндшиноси дигари рус С.Д. Серебряный дар асари худ «Роман дар маданияти замони Нави ҳиндӣ» («Роман в индийской культуре Нового времени», 2003) [6,86], ки ба ташаккули роман дар адабиёти муосири Ҳинд бахшидааст, низ баён кардааст.

Дар инкишофи романи ҳиндӣ дар солҳои бистуму сиюми асри XX нақши асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти муосири ҳиндӣ Премчанд ниҳоят бузург аст. Премчанд (1880-1936) бо романҳои худ ба мисли «Паноҳгоҳ» («Севасадан», 1918), «Манзилгоҳи муҳаббат» («Премашрам», 1922), «Нирмола» («Нирмала», 1923), «Саҳна» («Рангбҳумӣ», 1925), («Каякалпа», 1928), «Камомад» («Ғабан», 1931),

«Майдони ҳарбу зарб» («Кармабҳумӣ», 1932), «Говсадақакунӣ» («Годан»), романи анҷомнаёфтаи «Фотиҳа» («Мангалсутра», 1936) ва ғайра саҳифаи тозаеро дар адабиёти ҳиндӣ кушод.

Гуфтан лозим аст, ки нашри романи «Севасадан»-и Премчанд (тарҷумаи таҳтуллафзии он «Хизмат дар паноҳгоҳ») ба муаллиф шуҳрату эҳтироми хоса оварда. Ин асар аввал дар саҳифаҳои маҷаллаи «Сарасватӣ» чоп шуд ва танҳо соли 1918 ба шакли китоби алоҳида баромад. «Ба майдони адабиёти ҳиндӣ қадам гузоштани ин нобиғаи адаб дар жанрҳои насрӣ дигаргунии судмандеро ворид намуд. Премчанд дар ин давраи адабиёт яке аз суханварони беҳамто буда, тавонист бо маҳсули адабии худ дар адабиёти ҳиндӣ нақше гузорад, ки он баъди гузаштани солҳои зиёд ҳам назаррас ва омӯзанда мебошад. Ин адиби боистеъдоду сермаҳсул боиси шуҳрати ҷаҳонӣ пайдо кардани ҳикояи ҳиндӣ гардид» [1,13].

Ҳоло вақте сухан роҷеъ ба романи ҳиндӣ меравад, муҳаққиқони соҳа чун далели исботшудаву бебаҳс романофарии адабиёти ҳиндиро бо назардошти мақоми асосгузори реализми танқидӣ дар адабиёти муосири ҳиндӣ Премчанд ба чунин давраҳо тақсимбандӣ менамоянд: а) Романи ҳиндӣ то Премчанд («Premcandpurv-yug»); б) Романи ҳиндӣ дар давраи Премчанд («Premchand-yug»); в) Романи ҳиндӣ пас аз Премчанд («Premchandyottar-yug») [7,4].

Чунин тақсимбандӣ намудани давраҳои ташаккули романи муосири ҳиндӣ бешак, барои омӯзиш ва тадқиқу таҳқиқи ин жанри бобаракати насри ҳиндӣ дастрасон аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Гаврюшина Н.Д. Премчанд и роман хинди XX века / Н.Д Гаврюшина. -М.: Институт востоковедения РАН, 2006. – 224с
2. Мишра Рамдарас. Романи ҳиндӣ (Ҳиндӣ упаняс: ек антарятра) / Мишра Рамдарас. -Деҳлӣ, 1962. – 204 с.
3. Нурова М. Ҳикояҳои Камлешвар чун намунаи насри муосири ҳиндӣ / М.Нурова. -Душанбе: Сунатулло, 2007. –160 с.
4. Раҷабов Ҳ. Ташаккул ва инкишфи ҳикояи муосири ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов. –Душанбе: Пайк, 1998. -176 с.
5. Серебряков И.Д. Литературы народов Индии /И.Д.Серебряков. -М.: Высш.шк., 1985. –304 с.
6. Серебряный С.Д. Роман в индийской культуре Нового времени / С.Д.Серебряный. –М.:Российск. гос. гуманит. ун-т, 2003. –216 с.
7. Снатак Виҷаендра. Таърихи романи ҳиндӣ («Ҳинди саҳитя ка итиҳас») / Виҷаендра Снатак. -Деҳлӣ, 1996. -288 с.

ОСНОВА СТАНОВЛЕНИЯ И РАЗВИТИЕ РОМАНА ХИНДИ

Давая оценку общему историческому процессу развития литературы, становится явной степень ценности и важности прозаических жанров. Прозаические жанры определяющая основа не только степени постепенного становления творчества отдельных прозаиков, показатель совершенствования и расцвета стиля их творчества, но является одним из важных показателей всеобщего движения прозы, а также присущего ему исторического развития. Развитие романа хинди в 20-30-х годах XX века тесно связано с литературным творчеством основоположника критического реализма Премчанда (1880-1936). Небезосновательно, что исследователи данного жанра развитие романа хинди делят на три этапа, которые тесно связаны с его именем: а) Роман хинди до Премчанда («Premcandpurv-yug»); б) Роман хинди в эпоху Премчанда («Premchand-yug»); в) Роман хинди после Премчанда («Premchandyottar-yug»).

Ключевые слова: взгляд, почва, становление, роман хинди, современный, новое, Индия, писатель.

THE BASIS OF THE FORMATION AND DEVELOPMENT OF HINDI NOVEL

The Giving estimation general history process developments of the literature, it is clearly the extent to which valuable and important place prose genres.The Prose genres not only defining the basis of the level of gradual formation of the work of individual novelists , rate of improvement and prosperity of their work style , but is an important indicator of the general movement of prose, as well as inherent in its historical development.

The development of the Hindi novel in 20-30 years of XX century is closely associated with literary works of the founder of critical realism Premchand (1880-1936). Rightly, that the researchers of the genre of the novel development of Hindi are divided into three stage, which are closely associated with his name: a) Hindi novel till Premchand ("Rremcandpurv -yug»); b) Hindi novel in epoch Premchand c) Hindi Novel after Premchand.

Key words: opinion, the soil, formation, Hindi novel, modern, new, India, writer.

Сведения об авторе: ***М.А. Нурова*** – доцент кафедры индийской филологии ТНУ

СИМО ВА ШАХСИЯТИ СӮФӢ ДАР ДЕВОНИ ШАМС

Ҳоҷи Ҳусайн Мӯсозода
Шӯрои уламои дини вилояти Суғд

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ низ дар «Девони Шамс» шахсияти хосеро барои худ чун мурод қарор дод, ки албатта, он Шамси Табрезӣ аст ва бешак муриду мурод ва маҳбуби ӯ боз ҳам ҳамин шахсияти ормонист. Аз ин рӯ, маҷмӯи сифоти сӯфӣ ва шахсияти ормонии соликро Мавлоно мехоҳад дар симои ӯ бубинад. Қобили тазаккур аст, ки Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» мустақиман вожаи сӯфиро дар забони шоиронаи хеш тафсир кардааст. Аз ҷумла, сӯфии Мавлоно пеш аз ҳама, ҳамон ибнулвақт аст:

Сӯфӣ ибнулвақт бошад, эй рафиқ,
Нест фардо гуфтан аз шарти тариқ.
Ту магӯ худ марди сӯфӣ нестӣ,
Ҳастро аз нася хезад нестӣ.

Вақте ба нахустин ғазали «Девони Шамс» мо руҷӯъ мекунем, ба сӯфии шеър будани ӯ боварӣ ҳосил мекунем:

Эй растахези ногаҳон в-эй раҳмати бемунтаҳо,
Эй оташи афрӯхта, дар бешаи андешаҳо,
Имрӯз хандон омадӣ, мифтоҳи зиндон омадӣ,
Бар мустамандон омадӣ чун бахшишу фазли Худо!

Чанд далелро бояд, бипазируфт,ки манзури Мавлоно дар ин порчаи шеърӣ «растахези ногаҳон» ва «раҳмати бемунтаҳо» Шамси Табрезӣ аст. Дар мисраи дувум мушаххасан баён мекунад, ки «эй оташи афрӯхта, дар бешаи андешаҳо» ва ин ҷо дақиқан манзур Шамси Табрезӣ бо ҳузури хеш оташе дар бешаи андешаҳои Мавлоно афрӯхт ва ӯро аз дарси қилу қоли мадраса ба сӯйи хилваткадаи ваҷду ҳоли ошиқона кашонид. Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта метавон тазаккур дод, ки Мавлоно, пеш аз ҳама чун сӯфии комилшуда дар девони хеш ба Шамси Табрезӣ муроҷиат мекунад ва бо беҳтарин таркибҳои шоирона ӯро васф мекунад.

Дар байти дувум ибораҳои «мифтоҳи зиндон», «бахшишу фазли Худо» бешак, чун таобири шоиронаи баёнгари шаҳри ҳоли сӯфӣ барои тавсифи Шамси Табрезӣ ҳамчун симои таҷассумгари сӯфии ростин ва орифи баҳақрасида ба кор рафтаанд.

Аз ин рӯ, агар мо бихоҳем, ки шарҳи ҳоли сӯфӣ ва истилоҳи марбут ба онро дар «Девони Шамс» бештар тафсир бикунем, бояд ба ҳамин мафоҳими офаридаи Мавлоно таваҷҷуҳ намоем, ки чи гуна ба таркибҳои нодири табдилёфта ба истилоҳоти ирфонӣ даст ёфтааст.

Ба андешаи Мавлоно сӯфӣ худ растохез аст, ончунон ки Шамс ба ҳузури хеш ин растохезро дар ҷони Мавлоно ба зуҳур расонид. Пас, дар баробари ин ки вожаи «растохез» тафсиргари ҳолати дарунии солики роҳ аст, инчунин ифодагари маънии инсони комил ва сӯфии баҳақрасида мебошад ва он аз вуҷуди сӯфии комил берун омада, ба ҷони дигарон таъсир мегузорад.

«Мифтоҳи зиндон» аз дигар таркибҳоест, ки барои шарҳи ҳоли сӯфӣ истифода шудааст ва манзури Мавлоно кушоядаи қуфлҳои зиндони тани инсон аст, ки танҳо тавассути ишқу алоқаи бузурги сӯфӣ он боз мешавад ва солик аз маҷмӯи қайду бандҳо раҳо меёбад.

Дар мавриди дигар, тавсифҳои «навбаҳори ошиқон», «бодҳои хушнафас», «поктар аз ҷону ҷон» боз ҳам барои тафсири шарҳи ҳоли сӯфӣ омадаанд ва ин ҷо ҳам равшан ҳувайдост, ки ҳадафи Мавлоно баёни ҳоли Шамси Табрезӣ аст:

Ай навбаҳори ошиқон, дорӣ хабар аз ёри мо?
Ай аз ту обистан чаман в-ай аз ту хандон боғҳо!
Ай бодҳои хушнафас, ушшоқро фарёдрас,
Ай поктар аз ҷону ҷон, охир куҷо будӣ, куҷо?!

Ҷони сӯфӣ бо он ҳама фаязоне, ки бар ӯ аз даргоҳи Илоҳӣ мерасад, гоҳо дар ҳамон мақомест, ки пироҳани Юсуф ва ҷомаи Паёмбар (с) ба сомон мерасонад. Мавлоно ҳузури Шамси Табрезиро фитнае дар Руму Ҳабаш ва ҳамчунин, дар саросари олам мешуморад, ки мисли бӯи хуши пироҳани Юсуф ба машом расида, дидаҳои басиратро боз мекунад. Аз ин нидоҳо боз ҳам равшан мегардад, ки Мавлоно ин ғазалро дар айёми ҳичрати Шамси Табрезӣ ба қалам овардааст. Бахусус, замоне ки паёми ҳузури Шамсро барояш чун ба каф овардани пироҳани Юсуф мерасонанд:

Ай фитнаи Руму Ҳабаш, ҳайрон шудам, з-ин бӯйи х(в)аш
Пироҳани Юсуф бувад, ё худ ридои Мустафо?!

Ай ҷӯйбори ростӣ, аз ҷӯйи ёри мостӣ,
Бар синаҳо Синостӣ, бар ҷонҳоӣ ҷонфизо!

Тамсили сӯфӣ дар девони Шамс баробари пироҳани Юсуф ва ридои Паёмбари акрам (с) боз ҳам «Синои синаҳо» ва «ҷонфизои ҷонҳост». Манзури Мавлоно аз «Синои синаҳо» табиби дарди ишқ аст, ки достони он муфассал дар «Маснавии Маънавӣ», дар достони «Шоҳ ва канизак» рафта. Вале Мавлоно бо офаридани ибораи тозае ҳарчанд, ба Сино масал мезанад, аммо ин Синои марҳамбахши ӯ ҳамон сӯфии расида ба Ҳақ аст, ки дар сурати Шамси Табрезӣ таҷаллӣ мекунад ва дарди фироқашро даво мекунад. Чун ҷойгоҳи дил дар вуҷуди инсон сина аст, Мавлоно махсус «Синои синаҳо» мегӯяд ва агар ба ин ибора аз назари шеърият ҳам таваҷҷуҳ намоем, ҷолиб аст, ки як таркиби шоиронаи таҷнисиро тавассути калимаҳои «Сино» ва «сина» овардааст. Ин таркибҳо Мавлоноро ба унвони як сӯфии софи ростин нишон медиҳанд, аз ҳунари баланди шоиронаи вай дарак дода, мақоми хосаашро дар таркибофаринӣ ва рамзгароӣ дар шеъри ирфонии форсу тоҷик ба субут мерасонанд.

«Девони Шамси Табрезӣ» лабрез аз ғазалҳои баёнгари ҳоли сӯфиён ва муфассири ҳиссиёти дарунии онҳост, ки бешак сарчашма дар андешаҳои Мавлоно дорад. Танҳо бо мурур ба як ғазал метавонем чандин аз чунин таркибҳоро бурун оварем, ки ҳамагӣ гунае ба истилоҳи ирфонӣ табдил ёфта, ҳам мазмунҳои шоирона ва ҳам орифона касб кардаанд:

Хоҷа, биё, хоҷа, биё, хоҷа, дигар бор биё,
Дафъ мадеҳ, дафъ мадеҳ, ай маҳи айёр, биё!

Дар мисраи аввал вожаи «хоҷа» аз асли луғавии худ, ки «соҳиб» ва «сарвар» бошад, дур шуда, маънии сӯфиеро гирифтааст, ки мурид ғулому идомадиҳандаи роҳи ӯст. Аз ин рӯ, Мавлоно чун муриди Шамс хоҷаеро даъват мекунад, то дигарбора биёяд ва вайро аз даргаҳаш маронад. Баъдан, таркиби «маҳи айёр» барои ифодаи сифати сӯфӣ ба кор рафта ва ибораи «ташнаи махмур» бошад, баёнгари ҳоли мурид аст ва манзур аз он солики равандаи роҳ бошад:

Ошиқи маҳҷур нигар, олами пуршӯр нигар,
Ташнаи махмур нигар, ай шаҳи хаммор, биё!

Мурур ба давоми ғазал ба мо имкон медиҳад, ки ибораҳои баёнгари аҳволи сӯфӣ, ки аз воқеияти маъноии худ дур шуда, дар шарҳи ҳоли сӯфӣ ҳамчун таркибҳои киноӣ ё шоирона истифодагардидаанд, хеле зиёд дучор шавем:

«Булбули сармаст», «Юсуфи дуздида», «аз ҳама бигзида», «аз назар гашта ниҳон», «ҳамаро ҷону ҷаҳон», «равшании рӯз», «шодии дилсӯз», «моҳи шабафрӯз», «абри шакарбор», «алами олами нав», «дили оғушта ба хун», «шаби ошуфта», «ғам ногуфта», «хиради хуфта», «давлати бедор», «дили овора», «ҷигари пора», «нафаси Нӯҳ», «ҳаваси рӯҳ», «маҳрами маҷрӯҳ», «сиҳҳатии бемор», «маҳи афрӯхтарӯ», «оби равон дар дили ҷӯ», «кӯрии ағёр», «нотиқи ҷон»…

Пой туӣ, даст туӣ, ҳастии ҳар ҳаст туӣ,
Булбули сармаст туӣ, ҷониби гулзор биё!
Гӯш туӣ, дида туӣ в-аз ҳама бигзида туӣ,
Юсуфи дуздида туӣ, бар сари бозор биё!
Ай зи назар гашта ниҳон, ай ҳамаро ҷону ҷаҳон,
Бори дигар рақскунон бе дилу дастор биё!
Равшании рӯз туӣ, шодии ғамсӯз туӣ,
Моҳи шабафрӯз туӣ, абри шакарбор, биё!
Ай алами олами нав, пеши ту ҳар ақл гарав,
Гоҳ маё, гоҳ марав, хез, ба якбор биё!
Ай дили оғушта ба хун, чанд бувад шӯру ҷунун?
Пухта шуд ангур кунун, ғӯра маяфшор, биё!
Ай шаби ошуфта, бирав в-ай ғами ногуфта бирав,
Ай хиради хуфта, бирав, давлати бедор, биё!
Ай дили овора, биё в-ай ҷигари пора, биё
В-ар раҳи дар баста бувад, аз раҳи девор биё!
Ай нафаси Нӯҳ, биё в-ай ҳаваси рӯҳ, биё,
Марҳами маҷрӯҳ, биё, сиҳҳати бемор, биё!
Ай маҳи афрӯхтарӯ, оби равон дар дили ҷӯ,
Шодии ушшоқ бичӯ, кӯрии ағёр, биё!
Бас бувад, ай нотиқи ҷон, чанд аз ин гуфти забон,
Чанд занӣ табли баён? Бе даму гуфтор биё!

Бо мурур ба ин ғазал муҷассам мегардад, ки Мавлоно танҳо дар як ғазал барои ифодаи ҳоли сӯфӣ ва мақоми он 30 таркиби шоиронаеро ба кор гирифтааст, ки

аксаран маҳсули андешаҳои орифонаи ӯ буда, барои ифодаи инсон ва он ҳам инсони комил ва сӯфии роҳи ҳақ сохта шудаанд. Ин ибораҳо дар адабиёти форсӣ аз маонии асли луғавии хеш дур шуда, боз ҳам як маънӣ касб кардаанд - сӯфии соф ва орифи пок, ки Мавлоно ҷониби он дар ҳаракат аст.Ҳамин вижагии хоси шоирона аст, ки дар баробари ба истилоҳи ирфонӣ табдил додани вожаву ибороти мазкур андешаҳои шоирро рӯҳи орифона ато намуда, рамзгаронӣ ва тамсилофаринии сӯфиёнаро дар ғазалиёти Шамс бо шӯри хоса таъмин кардаанд.

Дар «Девони Шамс» Мавлоно бисёр маврид мустақиман ба вожаи сӯфӣ муроҷиат намуда, дар зимн ҳолу ҳавои сӯфиёнро ба шарҳу тафсир мепардозад. Дар назари аввал, ба андешаи Мавлоно сӯфӣ бевосита шогирди Худованд аст ва мустақим бо Офаридгори хеш пайванд мегирад. Аз ин ҷост, ки Мавлоно мефармояд:

Устод Худо омад, бевосита сӯфиро,
Устод китоб омад, собиву китобиро.

Аз ин ҷо равшан ҳувайдост,ки сӯфии Мавлоно на чун сӯфиёни дигар бо зарқу фиреб аст, балки сӯфии ростин ва нафарест, ки ҳақиқати вуҷуди он дар симои Шамси Табрезӣ ҳувайдо гардад. Аз ин рӯ, сӯфии Мавлоно бевосита пайванд ба асл дорад ва аз ин ҷост, ки сӯфии манзури Мавлоно ҳамеша дари дилҳоро мекӯбад, то ба аслу ҷон робита барқарор созад.

Сӯфиён омаданд аз чапу рост,
Дар ба дар, кӯ ба кӯ, ки бода куҷост?
Дари сӯфӣ дил асту кӯяш ҷон,
Бодаи сӯфиён зи хумми Худост!
Сари хумро кушод соқиву гуфт:
"Ассало, ҳар касе, ки ошиқи мост!"
Инчунин бодаву чунин мастӣ
Дар ҳама мазҳабе ҳалолу равост!

Дар зимни ин байт хеле аз нукоти муҳим таҷассум дорад, зеро нахуст, бо тазаккури симои сӯфӣ Мавлоно роҳи ӯро муқаррар месозад. Дар идома Мавлоно бодаи сӯфиёнро аз хуми Худо медонад, ки боз ҳам манзур ҳамон андешаи қаблист, устод сӯфиёнро Худованд аст. Мастии сӯфиёна ҳамон мастиест, ки дар Рӯзи аласт Худованд аз бандагон бигирифт ва ба ин хотир аст, ки Мавлоно мастиву бодаи сӯфиёнаро низ дар мазҳаби ишқ ҳалол мешуморад.

Ҷойгоҳ ва макони сӯфӣ хонақоҳ аст ва барои сӯфӣ хонақоҳ макони таҷаллии ҳақиқати ишқ ба шумор меравад. Мавлоно ба ин нукта таъкид мекунад:

Пас, ҷумла сӯфиёнем, аз хонақаҳ расида,
Рақсону шукргӯён ин лути ройгонро.

Хонақоҳи сӯфиёна Мавлоно ҷойгоҳест, ки он ҷо маҷлиси самоъ барпо мешавад ва сӯфии Мавлавӣ барҳақ, ҳамон орифи пайрави тариқати Мавлавия аст. Вожаи рақскунон назари мазкурро боз ҳам амиқтар мегардонад.

Аммо ин рақси сӯфиёнаи Мавлоно, ки самоъ аст, паёме аз арши барин барои онон меорад ва ҷони сӯфӣ дорои гӯши дигарест, ки он садои ҷоннавозро мешунавад:

Дар вақти самоъ сӯфиёнро
Аз арш расад хурӯши дигар.
Ту сурати ин самоъ бишнав,
К-эшон доранд гӯши дигар.

Дар мавриди дигар, ҳолати мазкурро ҳамчун сӯфии ба иҷрои самоъ омада чунин шарҳ дода:

Валлаҳ, ки ин дам сӯфиён бастанд аз шодӣ миён,
Дар ғайб пеши ғайбдон аз шавқи истисқои мо.

«Аз шодӣ миён бастан» ба ду маънӣ аст, аввал, ин ки манзури Мавлоно иқдом дар омодагии сӯфӣ барои иҷрои самоъ ва бад-ин васила вуруд ба мақомоти маънавӣ аст. Дар ҳолати дувум миён бастани сӯфӣ ишорат ба пӯшидани хирқаест, ки барои бастани миён василае дорад ва хоси аҳли тасаввуф бошад.

Дар заминаи шинохти сӯфӣ ва шарҳи ҳоли ӯ бояд иҷрои амалҳояш дар мақоми муайяне қарор бигирад. Ба таъбири дигар, агар яке аз амалҳои муҳимми сӯфӣ рақси самоъ бошад, дигар муроқиба аст, ки он кӯшиши дар худ фурӯ рафтан ва ҳамон худшиносии сӯфиёна буда, роҳ ба сӯйи ҳақиқат бубарад:

Дар ҷайби хок кардӣ арвоҳи покҷинон,
Сар карда дар гиребон, чун сӯфиён муроқиб.

Таъбири муроқибаро дар мавриди дигар, ба сурати сар ба зонӯи тафаккурӣ ниҳодан низ истифода намудааст, ки ба ҳамон маънӣ маъруф аст:

Манеҳ ту бар сари зону сари худ, эй сӯфӣ,

К-аз ин ту пай набарӣ, гар фурӯ расӣ бисёр.

Аз дигар, сифоти сӯфӣ ба андешаи Мавлоно, ки сарчашма дар тафаккури орифонаи аҳли тариқ дорад, ҳамон сафои дил кардан ва дилро аз ҳамаи гарду ғубор покиза сохтан мебошад. Аз ин лиҳоз, ба андешаи Мавлоно:

Дафтари сӯфӣ саводу ҳарф нест,
Ҷуз дили испед ҳамчун барф нест.
Зоди донишманд осори қалам,
Зоди сӯфӣ зист осори қидам.

Туҳфа ва тӯшаи роҳи сӯфӣ осори офаридгор аст ва манзури Мавлоно маърифати инсон аст, ки зина –зина ӯро ба сӯйи Худованд бубарад. Аз ҳамин ҷост, ки дар адабиёти ирфонӣ таркиби сӯфии соф ба вуҷуд омадааст ва Мавлоно низ ин ибораро ба маънии сӯфии покизадил чандин маротиба истифода намудааст. Аз ҷумла, дар ғазале омадааст:

Чун шавад қасд, ки гиранд бипӯшанд азрақ,
Сӯфие гардад, софисифати беозор.

Ба асари ҳамин сафо ва покизагии қалбу рӯҳ аст, ки тани сӯфӣ дар андешаи Мавлоно гувоҳии дил хоҳад буд:

Чу асирӣ ба гаҳи ҳукм ба иқрору гувоҳе,
Тани сӯфӣ ба гувоҳии дил иқрор бидонад!

Дар девони Мавлоно муродифи вожаи сӯфӣ дар бархе маворид истилоҳоте чун «дарвеш», «ориф» «солик» ва амсоли ин истифода шудаанд, ки ҳамоно бар ҳамин назарот ва маонӣ тафсир мешаванд. Ҳатто, дар зимни истифодаи вожаи «дарвеш» Мавлоно нишоту ҳоли ӯро ба таври алоҳида шарҳ дода, муҳимтарин фазоили дарвеши сӯфиро ҳамоно ҷону забони дурфишон ва далқи садпорашуда унвон мекунад:

Дарвешро чӣ б-вад нишон? Ҷону забони дурфишон,
На далқи садпоракашон. Чизе бидеҳ дарвешро!

Ориф ҳамчун сӯфӣ ва аслан, ҳамон сӯфӣ дар андешаҳои ирфонии Мавлоно самоъ меравад, чарх мезанад ва ин давлати шоҳона ва ҷонафзост. Ибораи «давлати шоҳи ҷаҳон» муфассири ҳоли сӯфӣ ва мақоми ӯст, ки ин ҷо ба шакли ориф дар андешаи Мавлоно таҷассум ёфтааст:

Рақсе кунед, ай орифон, чархе занед, ай мунсифон,
Дар давлати шоҳи ҷаҳон, он шоҳи ҷонафзои мо!

«Орифи гӯянда», ки ҳамеша ҳарфи ҳидоят ва дуо нисбати дигарон баён мекунад, ба андешаи Мавлоно ҳамон орифи комил аст, ки дарси иршод барои дигарон – роҳравони тариқат бигӯяд:

Орифи гӯянда, бигӯ, то ки дуои ту кунам,
Чунки хушу маст шавам ҳар саҳаре вақти дуо!

Барои баёни вожагони мазкур Мавлоно сифоти муайяне муқаррар намудааст, ки ҳар яке баргирифта аз ҳоли сӯфӣ ё ориф ҳастанд. Аз ҷумла, дар байти зерин ибораи «орифи ширинnаво» ба кор рафтааст, ки манзур ҳамон сӯфии баёнгар ё ба таъбири Мавлоно орифи гӯяндаи суханон ва шореҳи асрори ҳақ аст:

То ба шаб, ай орифи ширинnаво,
Они моӣ, они моӣ, они мо!

Маҷмӯан, дар «Девони Шамс» ибораҳои сӯфии осмон, сӯфии асрор, сӯфии порсо, сӯфии ҷон, сӯфии роҳ, сӯфии соф, сӯфии ишқ, сӯфии чолок, сӯфии пешина, сӯфии чарх, сӯфии хонаи гардун, сӯфии дилсоф, сӯфии рӯшуста, сӯфии маҳбуб, сӯфии самоъ, тани сӯфи, бодаи сӯфӣ, ҷони ҷони сӯфиён, ҷонҳои сӯфиён, ҳарфи сӯфӣ, дари сӯфӣ, дили сӯфӣ, дафтари сӯфӣ, дили бедилони сӯфӣ, раҳи сӯфӣ, самоъи сӯфиён, кӯйи сӯфӣ, соқии сӯфиён ва амсоли ин ба кор рафтаанд, ки метавон гуфт, ҳар яке аз инҳо маонии хосе дорад ва чун истилоҳи ирфонӣ ба зуҳур расидаанд. Ташреҳи маонии ҷудогонаи онҳо метавонад дар шарҳи ирфонии матолиби Мавлоно роҳ кушояд:

Сӯфии осмон киноя аз осмонест, ки дили соф чун дили осмон бидуни абру гарду ғубор доранд;

Сӯфии асрор- манзур аҳли ирфон, ки ба мақоми маърифати сирри Ҳақ расидаанд;

сӯфии порсо - сӯфии мутаққӣ ва ибодаткунанда, ки дар роҳи расидан ба Ҳақ эҳтимом дорад;

сӯфии ҷон - орифи маърифатгари ҷон, ин ҷон манзур раҳнамо ва муршид низ бошад, ки дар ҷони раҳравон асар гузорад;

сӯфии роҳ- роҳрави тариқат;

сӯфии соф - сӯфӣ ва орифе, ки қалби хешро сафо додааст аз гарду ғубори тааллуқи дунёӣ;

сӯфии ишқ мурод сӯфии ошиқ бошад ва худи ишқ, ки аслу мояи ҳастии сӯфиро таъмин намояд;

сӯфии чолок- сӯфии муҳаррик ва тезрав ва кӯшоишкор дар роҳи ишқ;

сӯфии пешина- мурод аз сӯфии комилшуда ва раҳрави қаблӣ, ки ба мақоми пир расидааст; **сӯфии чарх** - киноя аз олам, ин ҷо ба маънии сӯфии самоъраванда омадааст; **сӯфии хонаи гардун** – киноя аз олам, дунё; **сӯфии дилсоф**- орифи дилаш, аз ҳама гарду алоиқи дунё покиза**; сӯфии рӯшуста** – сӯфии покизарӯ ва мутаҳҳар; **сӯфии маҳбуб**- сӯфии ошиқ ва пир, ки бар асари ҳидояти вай аз сари ишқ роҳрав ба сӯйи ҳақ тамоюл кунад**; сӯфии самоъ**- орифи пайрави тариқати Мавлоно;

тани сӯфӣ- вуҷуди покизаи сӯфӣ, ки аз ҳама гарду алоиқ покиза шуда бошад;

бодаи сӯфӣ – маест, ки ҷони сӯфиро ба шӯр оварад ва зиндагонии сӯфӣ аз асари он пурфайз гардад ва аз асари он ба самоъ ояд;

ҷони ҷони сӯфиён – манзур маъшуқ ва муҳибби ягон аст, ҷонҳои сӯфиён низ муродифи ин ибора аст;

ҳарфи сӯфӣ- калому паёми сӯфӣ, пири тариқат, ки бо ҳадафи ҳидоят гуфта мешавад ва он маншаъ дар ҳақиқати қул дорад; дари сӯфӣ, дили сӯфӣ- макони таҷаллии Ҳақ, ки аз асари сафо ҳосил шудааст;

дафтари сӯфӣ- аслу ҳадафи сӯфӣ, китоби сӯфӣ, ки аз каломи Худованд лабрез аст;

дили бедилони сӯфӣ- ихтиёри сӯфӣ, ки берун аз худи ӯст ва ҳамаи хоҳишҳои дунёӣ дар он ҷой надорад;

раҳи сӯфӣ- ҷодае, ки сӯфиро ба сӯйи Ҳақ барад;

самои сӯфиён- амали рақсии сӯфиёна, ки тавассути дасту пойкубӣ ва ҳолати хос ба вусули Ҳақ мушарраф шавад ва онро маънӣ он бошад, ки по бар сари ҳавасҳои ҷаҳои бизананд; кӯйи сӯфӣ- макон ва ҷойгоҳи сӯфӣ ва ин ҷой манзур хонақоҳ ҳам бошад; соқии сӯфиён- манзур пиру муршид бошад.

Ҳамин тавр, дар шарҳи ҳоли сӯфӣ дар «Девони Шамс» мо ба афзун бар 50 таркибу ибораҳое дучор мешавем, ки тавассути худи вожаи мазкур ва ҳам муродифоти он, мисоли дарвеш, ориф ва солик бунёд шудаанд. Дар канори ин, Мавлоно барои тафсири аҳволи ирфонии сӯфӣ тарокиб, вожагон ва ибораҳои зиёдеро офаридааст, ки дар зимн ҳамагӣ бар асари андешаҳои орифонаи шоир ҷанбаи истилоҳӣ касб карда, пеш аз ҳама мақому аҳволи ӯро тавзеҳ медиҳанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Саида Марями Абдулқосимӣ. Истилоҳот ва мафоҳими ирфонӣ дар «Девони Шамс» / Саида Марями Абдулқосимӣ. –Теҳрон: Созмони чоп ва интишор, 1383.
2. Куллиёти Шамси Табрезӣ; бо тасҳеҳи Бадеуззамон Фурӯзонфар. –Теҳрон: Интишороти Донишгоҳи Теҳрон, 1345.
3. Фазлуллоҳи Зиёнур. Ваҳдати вуҷуд / Фазлуллоҳи Зиёнур. -Теҳрон: Амири Кабир, 1369. -240 с.
4. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Ҷустуҷӯ дар тасаввуфи Эрон / Зарринкӯб Абдулҳусайн. -Душанбе: Ирфон. 1992. –395 с.
5. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Арзиши мероси сӯфия / Зарринкӯб Абдулҳусайн. – Душанбе: Адиб, 1383.
6. Румӣ Ҷалолуддин.Маснавии Маънавӣ/ Румӣ Ҷалолуддин; бар асоси матни Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар. –Теҳрон: Замон, 2001.-683 с.
7. Атоуллоҳи Тадайн. Ҷилваҳои тасаввуф ва ирфон дар Эрон ва ҷаҳон / Атоуллоҳи Тадайн - Теҳрон: 1375.

ОБРАЗ И ЛИЧНОСТЬ СУФИЕВ В ДИВАНЕ ШАМСА

В данной статье рассматривается место и роль суфия в Диване Шамса Мавлоно Джалолуддина Балхи. Автор используя суфийские словари комментирует мистическое и словарное значение слова суфий в Диване Шамса Табрези и обсуждает те поэтические термины образованных самим поэтом, которые обозначают слова суфий. В статье комментированы более 30 слов и словосочетаний, которые использованы вместо термина суфий.

Ключевые слова: суфий, Диван Шамса, мистика, личность суфий, Маулана Руми.

THE IMAGE AND IDENTITY OF THE SUFIS IN THE DIWAN OF SHAMS

This article discusses the place and role of the Sufi in the Diwan of Shams Mavlono of Jalaluddin Balhi. The author using Sufi dictionaries comments mystical and dictionary meaning of the word Sufi in the Diwan of Shams o Tabrezi and discusses the poetic terms formed by the poet, which indicate the word Sufi. The article commented more than 30 words and phrases, which are used instead of the term Sufi.

Key words: Sufi, the Diwan of Shams, mystery, the identity of the Sufi, Maulana Rumi.

Сведения об авторе: *Ходжи Хусайн Мусозода* – Совет муфтиев Согдийской области Республики Таджикистан

ДУЗАБОНӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ

Д.Б. Каримова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Румӣ (1207-1273) яке аз шоирони бузурги форсизабон аст, ки шахсияти ӯ ба ҷамъи чеҳраҳои ҷаҳонӣ пайвастааст ва осори адабияш аз шоҳкориҳои адабии ҷаҳон шинохта шудааст.

Нигоштаҳои килки сеҳрангези адиби мутафаккир дар “Девони Шамс”,”Маснавии маънавӣ”, “Маҷолиси сабъа”, ”Фиҳи мо фиҳи” ва “Мактубот”-и ӯ фароҳам омадаанд. (“Маснавии маънавӣ”; шарҳи Николсон. 2001).

Асарҳои манзуму мансури Мавлоно аз оғоз то анҷом омезае аз забони арабиву форсӣ аст. Осори Мавлоно дар ҳар ду забон, форсӣ ва арабӣ аз ҷиҳати мавзӯъ, мазмун ва воситаҳои тасвири бадеӣ дар сатҳи олӣ эҷод шудаанд.

Чун сухан перомуни арабизабонӣ ва дузабонӣ дар осори Мавлоно меравад, ҳатман бо назардошти калимоти умумӣ, рангорангии ибораҳову вожаҳо, каломи мафҳуми як забон дар матни забони дигар дар назар дошта мешавад.

Дар миёни шоирони машҳури форсу тоҷик, ки то замони Мавлоно Ҷалолуддин умр ба сар бурдаанд, ба ин андоза осори дузабонаи ирфонӣ ҳанӯз ба назар нарасидааст. Вале дар миёни бузургони назми форсӣ –тоҷикӣ, монанди Носири Хусрав, Унсурии Балхӣ, Муизии Нишопурӣ, Ашрафии Ғазнавӣ, Умари Хайём, Сӯзании Самарқандӣ, Масъуд Саъд Салмон, Ҳоқонии Шервонӣ, Низомии Ганҷавӣ ва дигарон газалиёту рубоиёти дузабона ё муламмаъбасташуда, баъзан ба назар мерасад, вале на бо ғазалҳои пурра ва бо он андоза, ки Мавлоно сурудааст.

Таъсири арабизабонӣ ва дузабониҳо дар эҷодиёти Мавлоно аз мавзӯъҳои зиёде, аз қабили осори илмӣ, таърихӣ, истилоҳоти арабии сӯфия ва авзони арабӣ, таркибҳои ҷадиди ирфониву қуръонӣ ва амсоли инҳо мебошад, ки аз нозукфаҳмиҳои калимоти арабиву фаҳми рамзии он дарак медиҳад.

Фимо таро? фимо таро? ё ман яро ва ло юро,
Ал-айшу фи акнофино, валмавту фӣ арконино.
Ин туднино тубо лано, ин туҳфино ё вайлано,
Ё нура завъин нозиран, ё хотиран мухотиро.
Надъука Раббан ҳозиран мин қалбино тафохуро,
Факун лано фӣ зуллино, бирран кариман гофиро(4,147).

Мавлоно бо хукми забони арабӣ, қуръон ва улуми шаръӣ, дар зимни суханони худ аз оёту аҳодис истифода карда, пай дар пай ибороту ашъор ва амсолу ақволи арабиву форсиро овардааст.

Маъниии Қуръон зи Қуръон пурсу бас
В-аз касе к-оташ задаст андар ҳавас(4).
***Собирину содиқину мунфиқин**,(Сураи Оли Имрон,17)*
Чун будӣ бе раҳзану деви лаъин?(4)
Панҷ вақт омад намозу раҳнамун,
*Ошиқонро **фӣ салотин доимун**(4,) (Маорих, 23).*
Чун дарафкандат дар ин олударӯз,
*Дам ба дам мехону медам **Қул аъуз**(4,103) (Фалар,1).*
Чаҳд кун, дар бехудӣ худро биёб,
*Зудтар, **Валлоҳу аълам биссавоб** (5,103).*
Ҳар киро дил пок шуд аз эътидол,
*Он дуояш меравад то **Зулҷалол**(5) (Ра[мон, 27).*
Бонг ояд ҳар замоне зин равоқи обгун,
*Ояти **Инно банайноҳо ва инномусиъун**(4,733) (Зориёт,47).*
Кай тарошад нардбони чарх наҷҷори хаёл,
*Сохт меъроҷаш яди **Куллу илайно роҷиъун**(4,733) (Анбиё,93).*

Ба андешаи муҳаққиқон дар таърихи адабиёти форсизабон ҳеҷ шоири суфимашрабе дида намешавад, ки ба дараҷаи Мавлоно бо шефтагиву оростагӣ ғазал гуфта, ишқу ахлоқу фалсафаро омезиш дода бошад. Мероси ин суханвари асил саропо аз ахлоқ қисса мекунад. Дар тамоми осори писандидаи ӯ, пеш аз ҳама сухан атрофи ахлоқи нек меравад.

Хулқҳои хуби ту пешат давад баъд аз вафот,
Ҳамчу хотунони маҳрӯ мехироманд ин сифот(2,)

Мавлоно Ҷалолуддин ахлоқро бо ҳаёти иҷтимоӣ пайванд медонад ва сарвариии ҷамъиятро ҳатмӣ ва зарурӣ мешуморад. Ин орифи машҳур дар таълимоти худ, дар баёни аҳдофи ахлоқи нек на аз нусха, балки аз асли зиндагӣ сухан мегӯяд.

Ту магӯ:"Ҳама ҷангандуи зи сулҳи ман чӣ ояд?"
Ту яке наӣ, ҳазорӣ, ту чароғи худ барафрӯз
Ки яке чароғи рӯшан зи ҳазор мурда беҳтар,
Ки беҳ аст як қади хуш зи ҳазор қомати кӯз(2,).
Ассиру фика ё фато ло талтамис фимо ато,
Ман лайса сирру индаҳу лам янтафиъ мимо заҳар.
Унзур ила аҳли ридо кам ъояну нурал ҳудо,
Лам туртафаъ асторуҳум мин баъди мо аншақал қамар. (4,463)

Тавре мавлавишиносони зиёд қайд кардаанд, нақши ахлоқ дар ҳаёти сипаришуда ва фаъолияти ӯ хеле бузург ба назар мерасад. Ӯ аз мутафаккиронест, ки бар зидди динҳои дигар дар ҷаҳон тафриқа наандохтааст ва мақсуди ҳамаи динҳоро шинохти "Худои ло макон" донистааст .

Сад китоб ар ҳаст, ҷуз як боб нест,
Сад ҷиҳатро қасд ҷуз меҳроб нест(2,213).
Ҳам талаб аз туст, ҳам он некуӣ,
Мо кием? Аввал туӣ, охир туӣ(2,181).

Аз саросари осори ба меросмондаи Мавлоно бармеояд, ки саҳми ӯ дар заминаи ахлоқи тасаввуф, дар инкишофи афкори ахлоқии на танҳо мардуми Шарқ, балки ҷаҳониён писандидаву қобили қабул аст. Худи ӯ ин нуктаро чунин шарҳ додааст.

Мо тасаввуф? Қола:виҷдонул фараҳ,
Фил фавоид инда итёнит тараҳ(4).

"Тасаввуф чист? Гуфт: Тасаввуф хушнудиву дилкушоӣ ёфтан ҳангоми ба дил расидани ғаму андӯҳ аст".

Афкори ахлоқии ин мутафаккири барҷаста бар манфиати инсонҳо равона шуда, пеш аз ҳама ҷанбаи баланди созандагӣ дораду имрӯз ҳам дар хидмати бани башар буда, ҳама миллатҳо ва намояндагони адёни илоҳиро ба ҳамзистии мусолиматомез ва ҳамдилӣ даъват мекунад . Ҳамчунон, ки худ гуфтааст:

Пас, забони маҳрамӣ худ дигар аст,
Ҳамдилӣ аз ҳамзабонӣ беҳтар аст (2).

Яке аз умумиятҳои осори манзуму мансури Мавлоно ин аст,ки ҳар мавзӯе, ки дар ашъори манзуми худ баён кардааст, онро ҳамчунин дар либоси наср бо мисолҳои равшан ва берун аз қофиябандиву радиф иброз доштааст. Ҳар ду навъи осори Мавлонои Рум ифодакунанда ва баёнгари ҷаҳонбинии хоси ӯ мебошанд.

"Девони Кабир", ки осори лирикии Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ мебошад,бо ғазалиёт оғоз шуда, қисми бештари он аз осори ҳамин жанр иборат аст. Миқдори ғазалиёт дар нусхаҳои куллиёти шоир дар атрофи 50 000 адад муқаррар шудаанд. Аз ин ҷо, пеш аз ҳама ғасалсаро будани Мавлоно ва дар эҷодиёти ӯ мақоми хоса доштани ғазал аён мегардад.Ғазал, пеш аз ҳама ба эътибори мундариҷаи ғоявии худ дар эҷодиёти Мавлоно мақоми ҷудогона дошта, аз афкори созанда ва пояндаи Мавлоно Ҷалолуддин дарак медиҳад.

Эй растахези ногаҳон в-эй раҳмати бемунтаҳо,
Эй оташе афрӯхта дар бешаи андешаҳо.
Имрӯз хандон омадӣ, мифтоҳи зиндон омадӣ,
Бар мустамандон омадӣ, чун бахшишу фазли Худо.
Хуршедро ҳоҷиб туӣ, умедро воҷиб туӣ,
Матлаб туӣ, толиб туӣ, ҳам мунтаҳо ҳам мубтадо (4,3).

Ғазалиёти Мавлоно ҳам дар ашъори форсӣ ва ҳам арабӣ, ё ин ки муламмаъ баста шуда, дар мавзӯҳои тасвири табиат, баҳору борон, панду ахлоқ, накӯӣ ва накӯкорӣ, ҳимоят ва беозорӣ, ҳиммат ва ҷавонмардӣ, сабру шикебоӣ, фараҳу шодмонӣ, шарму ҳаё ва ойини меҳмондорӣ, меҳри модар ва бурдборӣ, ишқу муҳаббати пок ва хоксориву кушодарӯйӣ, вафову сидқ ва ҳамсари мувофиқ, амал ва подоши он ва амсоли инҳо эҷод шудаанд.

Намунае чанд:

Аз ҳама авҳому тазвирот дур,
Нури нури нури нури нури нур(2,194).
Ё мунирал хадди, ё руҳал бақо,
Ё муҷирал бадри фӣ кабдис само(4)
Макри шайтон аст таъҷилу шитоб,
Лутфи раҳмон аст сабру эҳтисоб(2).

Анта руҳуллоҳи фӣ авсофиҳи,
Анта кашшофул ғито, баҳрул ато(4)
Ёр шав, то ёр бинӣ беадад,
З-он ки бе ёрон бимонӣ бемадад(5,166).
Ё ман ливоу ишқика ло зола олиян,
Қад хоба ман якуну минал ишқи холиян(4)
Аз Худо ҷӯем тавфиқи адаб,
Беадаб маҳрум гашт аз лутфи Раб.(2)
Варадал баширу мубашширан бибашоратин,
Аҳйял фуода ашиятан бивурудиҳо(4)
Ошиқе, к-олуда шуд дар хайру шар,
Хайру шар нангар ту, дар ҳиммат нигар(2,156).
Инно фатаҳно бобакум, ло таҳҷуру асҳобакум
Ло тайасу мин гобакум, ло таднису асвобакум(4).
Тарки хашму шаҳвату ҳирсоварӣ,
Ҳаст мардиву раги пайғамбарӣ(2,162).
Атока иду висолин фало тазуққазанан,
Ва нилта хайра риёзин фаниъма мо сакано(4)
Ин баҳори нав зи баъди баргрез,
Ҳаст бурҳони вуҷуди растахез(2,155).
Алайкум саломи мин самими сарирати,
Фаиннӣ каҳалбӣ ав саломи лоибу(4)
З-он ки мебофӣ, ҳамасола бипӯш,
З-он чӣ мекорӣ, ҳамасола бинӯш(5).
Авҳо илайкум рабукум, инно ғафарно занбакум
Фааризу бимо юқзо лакум, инна ризо хайрус сияр(4)
Ҳар кӣ ӯ оқил бувад, ӯ ҷони мост,
Рӯҳи ӯву райҳи ӯ райҳони мост(5).
Алхамду лиллохи лази манна алайно биссано
Фи зилли динин муснадин, ло тағлиқу абвобакум.
Ё рабби шираҳ садрано, ё рабби ирфаъ қадрано
***Ё рабби азҳир бадрано, ло таъбуду арбобакум* (4).**

Дар ашъори муламмаъ:

Сарсабзу хуш ҳар таррае, наъразанон ҳар заррае,
К-ассабру мифтоҳул фарач, вашшукру мифтоҳур ризо.
Гул кард булбулро нидо,к-эй сад чу ман пешат фидо,
Ҳорис будӣ султон шудӣ, то кай занӣ толи бақо.
Ассилму минҳочу талаб, алҳилму миъроҷу тараб,
Ваннору саррофу заҳаб, ваннуру саррофул вало.
Ал-ишқу мисбоҳулъашо, валҳаҷру таббохул ҳашо,
Вал васлу тирёқул гишо, ё ман ала қалбӣ машо(4).

Ғайри баҳори ҷаҳон, ҳаст баҳоре ниҳон,
Моҳрӯху хушдаҳон, бода бидеҳ соқиё.(1)
Ё қамаран толиъан фи зулумотид дуҷо,
Нуру масобиҳиҳи яглибу шамсу зуҳо(4).

Мавлоно Ҷалолуддин, ки худ мударрису ориф буд, аз ин рӯ ба масоили зӯҳду тақво, футуввату ҷавонмардӣ, мазаммати нафс ва амсоли инҳо бе тафовут буда наметавонист. Табиист, ки ин ҳолати рӯҳӣ ва дунёи ботинии ӯ дар ғазалҳои орифонааш аксандоз шудаанд. Бино ба қавли Зайнулобиддини Муътаман: “Маҳз мавзӯъҳои ирфонӣ имконият ба вуҷуд овард, ки шоирон дар ғазал аз калимоти фаҳшу номуносиб парҳез кунанд ва тору пуди ин жанрро бо таркиботи муқаддасу зебо ороиш диҳанд. Дигар аз таъсироти муҳимми тасаввуф талаттуфи алфозу маонӣ ва пайдо шудани шӯру ҳаяҷон буд... Рӯҳи латиф ва пурсӯз, табъи мулоиму зарифи шуарои сӯфимашраб бо он гуна алфоз ва таркиботи фоҳиш ва маонии фоҳиштар ва алфози хашин ва дурушт созгор набуд”.

Ҳамчунон ки худи Мавлоно фармуда:

Орифон з-онанд доим оминун,
Ки гузар карданд аз дарёи хун(1).

Ё ин ки:

Орифон, ки ҷоми ҳақ нӯшидаанд,
Розҳо дониставу пӯшидаанд(1,138).

Ғазалиёти ин орифи накунажод бо латофату назокати ба худ хос ва шӯрандагиву маъниҳои баланди ирфонӣ хонандаро мафтун мекунанд. Меҳвари асосии ғазалиёти Мавлоно Ҷалолуддин ишқи поку беолоиши илоҳӣ мебошад.

Мулки дунё танпарастонро ҳалол,
Мо гуломи мулки ишқи безавол(1).
Иллати ошиқ зи иллатҳо ҷудост,
Ишқ устурлоби асрори Худост(2).
Ин аз иноятҳо шумар, к-аз кӯйи ишқ омад зарар,
Ишқи маҷозиро гузар, бар ишқи Ҳақ аст интиҳо(5).

Ғазалиёти Мавлоно аз муассиртарин ва шӯрангезтарин таълифотҳои ӯ ба шумор рафта, бо тозагии баён, ғояи баланд ва бадеияти олии худ дар адабиёти тоҷик ҳамто надорад.

Ошиқонро гарчӣ дар ботин ҷаҳони дигар аст,
Ишқи он дилдори моро завқу ҷони дигар аст.
Ақлу ишқу маърифат шуд нардбони боми ҳақ,
Лек ҳақро дар ҳақиқат, нардбони дигар аст(2).

Абёти арабӣ:

Рашаал ишқу ҳабибӣ лашаруду ва музал,
Куллу қалбин лиҳавоҳу ваҷада-с-сабру ясал.
Санатул васли қасирун, аҷалун муътаҷилун,
Санатул ҳаҷри тавилун ва мадидун ва мумал.
Ямлаал каъса ҳабибӣ ва табибӣ ва тазар,
Фаилун муфтаилун ав фаилотун ва фаал.(4)

Абёти муламмаъ:

Акнун бигӯям сирри ҷон, дар имтиҳони ошиқон,
Аз қуфлу занҷири ниҳон ҳин гӯшҳоро баркушо.
Кай баркушоӣ гушро, ку гӯши мар мадҳушро,
Мухлис набошад ҳушро, ҷуз ***яфъалуллоҳ мо яшоъ.***
Инно ҳалакно баъдакум, ё вайлано мин буъдикум,
Мақтал ҳаёти фиқдикум, ъуду илайно бирризо.
Ал ақлу фикум муртаҳан, ҳал мин садо яшфил ҳазан?
Вал қалбу минкум мумтаҳан фи васти ниронин наво*.(4,59).*

Дар ғазалиёти ин шоири шаҳир хусусиятҳои муҳимми ғазалу ғазалсароӣ, чунончӣ барҷастагии матлаъ, мақтаъ, радифу қофия, интихоби калимаҳои хушоҳангу рӯҳнавоз, ки саропо дурри маънианд, риоя шудаанд.

Эй тоирони қудсро ишқат фузуда болҳо,
Дар ҳалқаи савдои ту рӯҳониёнро ҳолҳо.
Дар ло уҳибул офилин поки зи суратҳо якин,
Дар дидаҳои ғайб бин ҳар дам зи ту тимсолҳо.
Ишқ амри кул мо руқъае, ӯ қулзуму мо ҷуръае,
У сад далел овардаву мо карда истидлолҳо.
Аз ишқ гардун муъталиф, бе ишқ ахтар мунхасиф,
Аз ишқ гашта дол алиф, бе ишқ алиф чун долҳо(4).

Дар ашъори арабӣ:

Ақбалас соқӣ алайно ҳомилан каъсал мудом,
Фашрабу мин каъси хулдин ватруку куллат таъом.
Ишбаъу мин ғайри аклин васмаъу мин ғайри узн,
Вантиқу мин ғайри ҳарфин васкуту суммал калом.
Ишрабу сақян лакум, сумма тарабу гунман лакум,
Инна ҳаза явма идин айиду баъдас сиём.
Ё надимӣ, сал сабилан наҳва айна-с-салсабил,
Қум лано нафтаҳ ҷинонан мин ҷинони ё гулом.(4)

Дар куллиёти Мавлоно Румӣ пас аз ғазалиёт муламмаот аз ҷиҳати ҳаҷму миқдор дар ҷойи дуюм меистад, ки дар ин жанри ғасалсароӣ низ ӯ мумтози замону даврони худ буд.

Муламмаоти Мавлоно бо мазмуну мундариҷаи худ нисбат ба ғазалиёташ, қариб ки ҳамранг мебошад. Аз ин ҷост, ки дар эҷодиёти ӯ санъати муламмаъ ба дараҷаи баланди тараққиёти худ расидааст.

Ҳаза рашодул кофирин, ҳаза ҷазоус собирин,
Ҳаза маъодул ғобирин, ниъма риҷо, ниъмал муъин.
Сад офтоб аз ту хиҷил, ӯ хӯшачин, ту муштаил,
Наъразанон дар сина дил, ***истадрику айнал яқин****.*

Аз осмон дар ҳар ғадо аз улвиён ояд нидо,
К-эй рӯҳи поки муқтадо, ***ё раҳмата лилоламин.***
Ассумту авло биррасад, фин нутқи таҳйиҷул адад,
Ҷоал мадад, ҷоал мадад, истансару ё муслимин.(4)

Санъати муламмаъ ё ширу шакар, ё худ рангорангии каломи адабии дузабонагӣ мебошад, ки Мавлоно беш аз 120 ғазали худро бо он тараннум кардааст:

Вобаста ба ин жанри шеърӣ, ки Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ зиёд истифода кардааст, мо дар баробари зикри абёти арабӣ ва дигар намунаҳои ғазалиёти ӯ бархе аз муламмаоти ӯро қайд кардаем.

Ин шоири тараннумгари ишқу зебоӣ дар осори хеш дар радифи забони форсӣ ва арабӣ аз забони туркӣ низ истифода карда, эҷодиёти худро зиннат бахшидааст.

Донӣ, ки ман зи олам ***ялғуз сани севарман****,*
Гар дар барам наёӣ, андар ғамат ***ӯларман****.*
Ман ёри бовафоям, бар ман ҷафо ***қилурсан****,*
Гар ту маро нахоҳӣ, ман худ ***сани дилармам****.*
Рӯйи чу моҳ дорӣ, ман содадил аз онам,
З-он шаккари лабонат ***бир иккина дилармам****.*
Фармой ғамзаатро, то хуни ман бирезад,
В-арна ***саник ускунда мир язғури ёзарман****.*
Рӯзе нишаста хоҳам ***ялғуз саник қуюнда****,*
Ҳам ***сан чағӣ ичарман,*** *ҳам ман Қайс* ***буларман****.*
Моҳе чу Шамси Табрез ғайбат намуду гуфто:
Аз ман дигар мапурсед, ман ***суйладим, борарман****(6,14).*

Куллиёти девони ӯ теъдоди чандин муламмаотро фаро гирифтааст, ки ба мавзӯъҳои мухталиф бахшида шудаанд. Яке аз мавзӯҳои умдаи муламмаоти Мавлоно ҳамон тасаввуфу ирфон ва ишқу самимият аст, ки аксари ғазалиёту рубоиёт ва маснавию тарҷеот ва ҳамчунин қасоиди ӯро фаро гирифтааст.

Манам он бандаи мухлис, ки аз он рӯз, ки зодам,
Дилу ҷонро зи ту дидам, дилу ҷонро ба ту додам.
Катабал ишқу бианнӣ биҳавол ошиқу аълам
Фаилайҳи натароҷаъ ва илайҳи натаҳокам.
Ҷу шароби ту бинӯшам, чу шароби ту бичӯшам,
Ҷу қабои ту бипӯшам, маликам, шоҳи Қубодам.
Зи миёнам чу газидӣ, камари меҳри ту бастам,
Ҷу бидидам карами ту, ба карам даст кушодам.
Насарал ишқу аҷибу ва илал васли анибу,
Талаъал бадру фатибу қадамал ҳубби ва анъам.
Чӣ кунам ному нишонро чу зи ту гум нашавад кас,
Чӣ кунам симу зарамро чу дар ин ганҷ фитодам?
Ламаъул ишқи таволӣ ва алас сабри таъолӣ,
Тамасал бадру ҳалолан, хазаъул қалби ва аслам.
Ҷу туи шодиву идам, чӣ накӯбахту саидам,
Дили худ бар ту ниҳодам, ба Худо нек ниҳодам(4)

Дар эҷодиёти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ рубоӣ низ мавқеи хос дорад, ки дар ин ҷода ӯ иқдоми пурбаракате барниҳодааст. Рубоиёти Мавлоно дорои андешаҳои волои инсонпарварӣ буда, мушоҳидоти амиқи фалсафию ахлоқии ин суханвари тавоноро ба сифати гулчине аз бӯстони назми оламгири ӯ пешкаши хонандагону ихлосмандон гардонидааст. Ин бузургмарди таърих бино ба гуфти Бадеуззамон Фурӯзонфар дар ҳудуди 2000 рубоӣ сурудааст, ки дар шумори онҳо рубоиҳои бо забони арабӣ суруда шуда ва муламмаъ низ ҳастанд.

Як лаҳза агар нафси ту маҳкум шавад,
Илми ҳама анбиёт маълум шавад.
Он сурати ғайбе, ки ҷаҳон толиби ӯст,
Дар оинаи фаҳми ту мафҳум шавад(4).
Фармуд Худо ба ваҳй, к-эй пайғамбар,
Ҷуз дар сафи ошиқон биманшин, магзар.
Ҳарчанд зи оташат ҷаҳон гарм шавад,
Оташ мирад зи суҳбати хокистар(4).
Гир эй дили ман, инони он шоҳаншоҳ,
Имшаб бари ман қанақ шав эй рӯт чу моҳ
В-ар гӯяд фардо, машнав зуд бигӯй,

Ло ҳавла ва ло қуввата илла биллоҳ (4).

Рубоиёти Мавлоно аксаран мавзӯъҳои фалсафӣ, иҷтимоӣ, ишқӣ, пандуахлоқӣ ва ирфониро дар бар гирифта, бо забони содаю равони халқӣ навишта шудаанд.

Он дил, ки шуд ӯ қобили анвори Худо,
Пур бошад ҷони ӯ зи асрори Худо.
Зинҳор тани маро ту танҳо машумар,
К-ӯ ҷумла намак шуд, ба намакдони Худо (4).
Гар бар сари шаҳвату риё хоҳӣ рафт,
Аз ман хабарат, ки бенаво хоҳӣ рафт
В-ар даргузарӣ аз ин, бибинӣ ба аён,
К-аз баҳри чӣ омадӣ, куҷо хоҳӣ рафт. (3)
Илме, ки туро гиреҳ кушояд, биталаб,
З-он пеш, ки зи ту ҷон барояд, биталаб.
Он нест, ки ҳаст менамояд, бигзор,
Он ҳаст, ки нест менамояд, биталаб (3).

Мавлоно қаҳрамони лирикии худро ҳамеша дар ҳаракату ҷустуҷӯ қарор дода, мардумро ба некию дурусткорӣ, дӯстию рафоқат, ростиву сидқ, қаноату фурӯтанӣ, покиву иффат барин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ҳидоят мекунад. Ин қаҳрамон ҳарисони молу сарватро мазаммат намуда, хубиро аз тамоми неъмату давлати дунё авлотару беҳтар медонад.

Рав, некӣ кун, ки даҳр некӣ донад,
Ӯ некиро зи некӯвон настонад.
Мол аз ҳама монду аз ту ҳам хоҳад монд,
Он беҳ, ки ба ҷойи мол некӣ монад (3).

Ростиву сидқ ва покизагии ахлоқро шоир василаи асосии ҳаёти маънавии инсон мешуморад ва хушрӯзиву хушбахтии ҳақиқии он, соҳиби мақоми арҷманду шоиста гаштани ӯро маҳз дар ҳамин хислатҳои ҳамида алоқаманд медонад.

Ба рағбату ба нишоту ба риққату ба ниёз,
Ба гуна гуна-муноҷот меҳр меафзуд.
Вале касе, ки ба дасташ чароғи ақл бувад,
Куҷо гузорад нуру куҷо равад сӯйи дуд? (3 ,48)

Дар рубоиёти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ ғусса, афсӯсу надомат ва барои дунёву молу сарват ғамгин будан чизи нолозиму бегона буда, баръакс вай қаноатмандиро беш аз пеш тарғибу ташвиқ мекунад:

Зинҳор, дило, ба худ мадеҳ раҳ ғамро,
Магзин ба ҷаҳон суҳбати номаҳрамро.
Бо тарраву ноне чу қаноат кардӣ,
Чун тарра масанҷ сиблати оламро (3).

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ бо забони арабӣ низ якчанд рубоӣ сурудааст, ки хеле марғуб ва ҷолиби диққатанд:

Аҳво қамаран сиҳомаҳу айноҳу,
Мо ш азми хотири илла ҳу.
Руҳӣ талафат ва маҳҷатӣтаҳвоҳу,
Қалбӣ абадан яқулу ё ҳу ё ҳу. (4, 1409)
Инди ҷамалу ва мин иштиёқи ва фусул,
Ло юмкину шарҳаҳо бикутуби ва русул.
Бал интазиру замону вал ҳолу яҳул,
Ин яҷмаъу байнано фатасғо ва уқул. (4, 1410)
Ё ман ҳува сайидӣ ва аъло ва аҷал,
Ё ман ано абдуҳу ва адно ва ақал.
Ҳошока тамаллунӣ ва юшика таъал,
Ин лам якунал вобилу билвасли фатал. (4,1442)
Ин кона алал ибоди мо аҳвоҳу,
Мо язкуруно факайфа мо тансоҳу.
Қад рона биҳил қулубу илла фоҳу,
Қад аҳсана ло илоҳа иллаллоҳу. (4)

Дар маркази қариб ҳамаи жанрҳои сурудаи Мавлоно пири раҳнамунаш Шамсуддини Табрезӣ меистад, ки Мавлоно сабаби ба вуҷуд омадани тамоми ғазалиёту таълифоташро маҳз бо шарофати ӯ медонад:

Ишқе, ки аз ӯ вуҷуди бечон мезист,
Ин ишқ чунин латифу ширин аз чист?
Гар дар дили танги худ ту моҳе бинӣ,

Аз ман бишунав, ки зи Шамси Табрезист.

Умуман, дар ашъори Мавлоно тамоми воқеияти зиндагӣ бо санъати баланди беназир тасвир ёфтаанд. Дар маркази афкори Мавлоно ишқи кул меистад, ки вай тамоми зуҳуроти оламро дар робита бо он мебинад.

Хулоса, халқияти эҷодиёти Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ дар соҳаи забон ва воситаҳои ифодаи он хеле барҷаста ва беназир аст. Ин орифи равшанзамир сухансароест, ки забони ашъори худ ва тарзи баёни онро бо забони гуфтугӯйии халқ омезиш дода, ба калимоту иборот ва тарзи ифодаи хоси худаш ба гуфтугӯ даровардааст. Ашъори пургановати ин ғазалсарои машҳур махзани калимаву ифода ва таъбирҳои фаровони халқӣ мебошад.

Ба ин маънӣ Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ барои ифода намудани назми баландсанъат аз барҷастатарин орифи даврони худ ва замонҳои баъдӣ буду ҳаст.

А Д А БИ Ё Т

1. Асрор Раҳмонфар. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ.”800 ғазали дилошӯб”/ Асрор Раҳмонфар. -Душанбе: Адиб, 2007. -856 с.
2. Асрор Раҳмонфар. Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ.”800 панди дилписанд”/ Асрор Раҳмонфар. -Душанбе: Адиб, 2007. -144 с.
3. З. Зарифов. Ҷалолуддини Румӣ.”Рубоиёт”/ Зарифов З. -Душанбе: Ирфон, 1984. -96 с.
4. Муҳаммад Аббосӣ. Мавлоно Ҷалолуддин Муҳаммад Балхии Мавлавӣ.”Куллиёти девони Шамси Табрезӣ”/ Муҳаммад Аббосӣ. -Теҳрон: Тулуъ, 1374. -1560 с.
5. Толиб Карими Озарахш. Гулчини “Маснавии маънавӣ”-и Мавлавӣ/ Толиб Карими Озарахш. -Душанбе: Деваштич, 2007. -254 с.
6. Қутбӣ Киром. Ҷалолиддини Румӣ.”Девони Кабир” / Қутбӣ Киром.-Душанбе: Адиб, 1993.-Ҷ.2.-464 с.

ДВУЯЗЫЧИЕ В ТВОРЧЕСТВЕ ДЖАЛОЛУДДИНА РУМИ

На разных исторических этапах национальные литературы в большей или меньшей степени постоянно взаимодействуют друг с другом и оказывают влияние друг на друга, которые привносят в них новые свежие струи. Наглядным примером этого взаимодействия в мировой литературе являются тесные арабско-персидские литературные связи, влияние древней и средневековой арабской поэзии на творчество средневековых персидско-таджикских поэтов, которые создавали свои поэтические творения не только на своем родном, но и на арабском языке. К числу таких поэтов относится и Джалолуддин Руми.

Ключевые слова: арабская литература, таджикско-персидская литература, двуязычие, арабско-персидские литературные связи, поэтические творения, Джалолуддин Руми.

BILINGUALISM IN THE WORKS OF JALALUDDIN RUMI

At different stages of the history of national literature in more or less constantly interact with each other and influence each other, which bring in new fresh streams. A good example of this interaction in the world literature are close to the Arab-Persian literary communication, the influence of ancient and medieval Arabic poetry in the works of medieval Persian-Tajik poets who created his poetic creation, not only in their own but also in Arabic. Among these poets is Jalaluddin Rumi.

Kev words: Arabic literature, Tajik-Persian literature, bilingualism, Arabic-Persian literary links, poetry creation, Jalaluddin Rumi.

Сведения об авторе: ***Д.Б. Каримова*** - аспирантка кафедры арабской филологии Таджикского национального университета. Телефон: **987-26-25-98**

ОИДИ ТАЪРИХ ВА ВИЖАГИҲОИ «АРБАИН»-ҲОИ МАНСУРИ АРАБИИ МУТАФАККИРОНИ ЭРОНИТАБОР

Ф.А. Камолов

Донишкадаи иқтисодии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

Ҳар як миллати соҳибдавлат бо баробари сиёсату иқтисодиёти мустақилонаро доро будан, бо фарҳангу адабиёт робитаи зич дорад. Миллати тоҷик низ соҳиби фарҳангу адабиёти ғанӣ мебошад ва ин адабиёту фарҳанги бойи ин миллат боиси соҳибдавлат гаштани тоҷикон гардид. Таърих шоҳид аст, ки бузургони миллат, аз ҷумла устод Садриддин Айнӣ дар солҳои бистуми қарни ХХ барои исботи соҳиби тамаддуну давлат будани тоҷикон ба адабиёту фарҳанги миллӣ рӯй оварданд.

Адабиёти форсу тоҷик дорои анъанаҳои зиёд мебошад ва аке аз онҳо анъанаи чиҳилҳадиснависӣ ба шумор меравад.

Мувофиқи иттилооти олими эронӣ Козими Мудиршоначӣ нахустин бор асари «Чиҳил ҳадис» аз тарафи марди форсинажод Абулҳасани Тӯсӣ (соливаф. 242/856) таҳия гардид. Баъд ин анъанаро Муайяди Қурйашӣ (соли ваф. 242/856) – яке аз пешвоёни ҳадис давом дод (7, 13). Аммо ба андешаи мо, мураттиби нахустини «Чиҳил ҳадис» Абдуллоҳ ибни Мубораки Марвазӣ (соли ваф. 181/797) буда, баъди ӯ

муаллифони зиёде ин гуна асар тартиб доданд. Ин донишманд муҳаддиси маъруфи асри VIII ба шумор рафта, соҳиби якчанд кутуби ҳадис, аз ҷумла «Муснад», ки ӯ шахсан ривоят кардааст, «аз-Зӯҳд» ва ғайра ба шумор меравад.

Тибқи маълумоти Ибни Надим кунияи Абдуллоҳ Абӯабдурраҳмон буда, аз ҷумлаи шогирдони Имоми Аъзам маҳсуб меёбад (4, 284). Баъди Абдуллоҳ ибни Муборак анъанаи чиҳилҳадиснависӣ аз ҷониби Аҳмад ибни Ҳарб идома ёфт ва метавон гуфт, ки дуюмин мураттиби китоби «Чиҳил ҳадис» Аҳмад ибни Ҳарби Нишопурӣ мебошад. Зеро соли таълифи китоби «Чиҳил ҳадис»-и Абулҳасани Тӯсӣ маълум набуда, фақат соли вафоти ӯ мавриди зикр қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, Аҳмад ибни Ҳарб аз Абулҳасани Тӯсӣ барвақттар, соли 234/848 вафот карда, метавонист «Чиҳил ҳадис»-и хешро пештар таълиф кунад, зеро соли вафоти вай бар ин далолат мекунад.

Ҳамин тариқ, анъанаи чиҳилҳадиснависӣ дар адабиёти форсу тоҷик таърихи қадимӣ дошта, аввалин намунаи он ба асри VIII ба қалами донишманди эронинажод Абдуллоҳ ибни Мубораки Марвазӣ (соли ваф. 181/797) мансуб аст. Маҳз ӯ нахустин пояҳои таҳияи ин навъ асарҳоро гузоштааст. Ин матлаб таъкид бар он ҳам дорад, ки ин муаллифони эронитабори «Чиҳил ҳадис»-ҳо барои ҷаҳонӣ гардонидани фарҳанги исломӣ ва ривоҷи аҳодиси набавӣ хидматҳои шоистае анҷом дода, анъанаи чиҳилҳадиснависиро дар асрҳои VIII–IX ташаккул ва устувор намудаанд.

Ибтидокунандагони анъанаи чиҳилҳадиснависӣ намояндагони форситабор бошанд ҳам, таълифу тадвини кутуби 40 ҳадисро бо забони арабӣ ба тариқи наср ташаккул бахшидаанд. Аммо, баъдтар мутафаккирони бузурги форсу тоҷик «Чиҳил ҳадис»-ро дар идомаи аҷдоди худ бо забони форсӣ низ ба қалам овардаанд, ки ин амр ба хидмати адибони форсизабон дар ривоҷи чиҳилҳадиснависии форсу тоҷик таъкид мекунад.

Аз ин рӯ, вобаста ба забони таълиф анъанаи чиҳилҳадиснависии форсу тоҷикро ба ду гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст:

а) «Арбаин»-ҳои мансури арабии мутафаккирони эронитабор;

б) «Чиҳил ҳадис»-ҳои мансуру манзуми форсӣ.

Мо дар ин мақола танҳо оиди «Арбаин»-ҳои мансури арабии мутафаккирони эронитабор таҳқиқоти хешро хоҳем ба миён овард.

Агар чиҳилҳадиснависӣ ба забони арабӣ аз ҷониби Абдуллоҳ ибни Мубораки Марвазӣ оғоз шуда, онро Аҳмад ибни Ҳарби Нишопурӣ, Абулҳасани Тӯсӣ ва Муайяди Қурайшӣ пойдор гардонида бошанд, Ҳокими Нишопурӣ (321–405/933-1015), Абӯубайди Ҳиравӣ (соли ваф. 401/1011), Абӯабдурраҳмони Суламии Нишопурӣ (соли ваф. 412/1022), Абӯҳомиди Ғаззолӣ, Абӯнаими Исфаҳонӣ, Абулҳасани Форсӣ (451–529/1059–1134), Абӯаббоси Ҷурҷонӣ (соли ваф. 482/1089 м.), Абулфутӯҳи Ҳамадонӣ (соли ваф. 555/1160), Абӯумари Табрезӣ (соли ваф. 601/1205), Алоуддини Бухорӣ (соли ваф. 730/1330), Абдуссамади Табрезӣ (соли ваф. 762/1361), Шаҳобуддини Сӯҳравардӣ (соли ваф. 632/1236), Фахриддини Розӣ (соли ваф. 606/1210), Шамсуддин Муҳаммади Омулӣ (соли ваф. 753/1450), Абӯтоҳири Хуҷандӣ (соли ваф. 803/1401) ва Ҷалолуддини Даввонӣ (1426 – 1505) онро ривоҷу равнақи тоза бахшиданд.

«Китоб-ул-арбаин»-и Абӯабдурраҳмон Муҳаммад ибни Ҳусайни Суламии Нишопурӣ (соли ваф. 412/1022) аз зумраи кутуби маъруфи «Чиҳил ҳадис» ба шумор меравад, ки номи пурраи асар «Китоб-ул-арбаин фи-т-тасаввуф» мебошад (6). Ҳоҷӣ Халифа дар «Кашф-уз-зунун» аз «Чиҳил ҳадис»-и Суламӣ хабар додааст (8, 1, 128) ва зимни анҷоми ин таҳқиқот яке аз нусхаҳои «Чиҳил ҳадис»-и Суламӣ низ дар ихтиёри мо қарор дошт, ки он соли 1981 дар нашриёти «Доират-ул-маорифи усмония» дар Ҳайдарободи кишвари Ҳинд бо номи «ал-Арбаина фи-т-тасаввуф» ба табъ расидааст (6). Мундариҷаи асар аз чиҳил ҳадиси мусаннад бо зикри ровиён иборат буда, перомуни масоили тасаввуф, одоби сӯфия, фазоил ва амалҳо бидуни шарҳ сухан рафтааст.

«Чиҳил ҳадис»-и дигар ба Абӯнаими Исфаҳонӣ мансуб мебошад. Номи пурраи ин адиб Аҳмад ибни Абдуллоҳ (соли ваф. 430/1039) аст. Номбурда мавзӯъҳои тасаввуфро бо далоил аз аҳодис ва шавоҳид аз амалҳои солеҳи аҳли тариқат зикр кардааст (3, 3). Ҳадисҳо дар ин «Арбаин» барои исботи тариқати сӯфӣ, ки солик дар мақомоти мухталиф чи тавр бояд рафтор намояд, оварда шудаанд. Аҷоиботи ин асар дар он аст, ки шумораи ҳадисҳо аз чиҳил зиёда буда, ба чиҳил боб тақсимбандӣ шудаанд. Усули баёни матолиб дар китоб ба тариқи санъати муколама сурат гирифтааст.

Донишманди эронӣ Ҷалолуддини Ҳумоӣ дар бахши «Таълифоти Ғаззолӣ»-и китоби «Ғаззолинома» доир ба асари мазкур чунин менависад: «Арбаин» («ал-Арбаин фӣ усул-ид-дин») бахши севум аз китоби «Ҷавоҳир-ул-Қуръон»-и ӯст, ки иҷозат дод ҷудогона навиштанд ва китобе мустақил шуд. Ин китоб аз осори сафари чандсолаи Абӯҳомиди Ғаззолӣ мебошад ва ба чоп расидааст» (9, 247). Моҳият ва муҳтавои «ал-Арбаин фи усул-ид-дин»-ро Бурҳониддини Ҳамдӣ чунин ташреҳ медиҳад: «Китоби «Арбаин» бо истинод ба оёти Қуръони маҷид ва ақволу афъоли ҳазрати расули Худо (с) мубаййини усулу фурӯи дини ислом ва муштамил бар баёни вазоифи мусалмонони одӣ аст. Ҳамчунин, вазоифи соликони роҳи Худо ва роҳравони тариқи маърифат ва роҳу асбоби тазкияи нафс ва сафои қалбро ба таври ихтисор баён мекунад. Ба назар мерасад, ки имом хостааст, хулосаву чакидаи китоби «Эҳёи улум»-ро дар ин мухтасар ба риштаи таҳрир дароварад» (2, 12).

«Арбаин»-и Абулфутӯҳи Ҳамадонӣ (соли ваф. 555/1160) бо номи «Арбаин-ат-тоийя» шуҳрат дошта, аз ҷумлаи кутуби адабӣ ба шумор меравад. Ҳоҷӣ Халифа дар аввал ин китобро чун «Арбаин-ат-тоийя» ном гирифта, баъдан онро «ал-Арбаин фи иршод-ис-соирина ило манзил-ил-яқин» гуфтааст, ки бо иттилои дигар сарчашмаҳо ҳамоҳанг аст (8, 1, 132).

Хоҷӣ Халифа аз қавли Самъонӣ иттилои бештареро меорад, ки асари мазкур иборат аз чиҳил ҳадис аст, ки чиҳил шайх ривоят намудаанд ва ҳар як ҳадис аз як саҳоба марвӣ буда. Абулфутӯҳи Ҳамадонӣ дар поёни аҳодиси мусаннаф тарҷумаи ҳоли ровиён ва фазилатҳои ононро зикр намуда, баъдан, дар зери аҳодису тарҷумаи ҳоли ровиён, фавоидро ҳамроҳ карда, луғатҳои нофаҳмову бегонаро шарҳ додааст. Вай ҳангоми иншои асар бо истиҳдоми калимаҳои зебову балеғ ифода намуда, бо ин амал дараҷаву мақоми адабии асарро афзудааст (8, 1, 128).

Минбаъд асари мазкур ба эҷодиёти адибони дигар, бавижа ба таълифоти Ҷамолуддин Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Саиди Дабисӣ (соли ваф. 637/1240) муассир гардидааст. Ду «Арбаин»-и дигаре, ки то замони мо расидааст, «Чиҳил ҳадис»-ҳои Шамсуддин Муҳаммад ибни Маҳмуди Омулӣ мебошад. Мураттиб ҳар ду «Чиҳил ҳадис»-ро дар фанни сеюми китоби хеш «Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ил-уюн» мураттаб сохтааст. Мавсуф дар аввал пайравиашро ба ду навъи ривояти ҳадиси ҳифзу расонидани 40 ҳадис баён карда, пасон перомуни илми ҳадис таҳқиқоти хешро ба анҷом расонидааст.

Муҳаққиқ баррасии ҳадисро дар се фоида фоидаи аввал дар бораи истилоҳи ҳадис, дар фоидаи дувум оид ба тақсиму таснифи аҳодис аз лиҳози саҳеҳиву сақимии он, дар фоидаи савум перомуни нақли ҳадис ва дар фоидаи чаҳорум дар бораи маънии се ҳадис мавриди омӯзиш қарор дода, дар идомаи фоидаи чаҳорум ду «Чиҳил ҳадис»-ро муназзам гардонидааст (5, 395).

«Арбаин»-ҳои мазкур фақат аз аҳодис иборат буда, тарҷума, шарҳ ва ё санади аҳодис дар онҳо оварда нашудааст (5, 396). «Чиҳил ҳадис»-и якуми Омулӣ перомуни одобу ахлоқ ва «Арбаин»-и дувум дар доираи масоили аҳкоми шаръӣ ҳадис ҷамъоварӣ шуда, муаллиф дар ибтидои он чунин мегӯяд: «…он ҷумла бар ду «Арбаин» яке дар одобу ахлоқ ва дувум дар таколифи самъӣ ва аҳкоми шаръӣ ихтисор намудем» (5, 395). Ҳар ду «Арбаин» то замони мо расида, чун фанни алоҳида дар «Нафоис-ул-фунун» ба шумор меравад (5, 395).

Номгӯйи кутуби «Арбаин»-и арабии мутафаккирони эронитабор дар сарчашмаҳои муътамад хеле бисёр сабт гардидаанд, ки мо зиёда аз 45 адади онҳо воқиф гаштем.

Ҳамин тариқ, кутуби «Арбаин»-ҳои мансури арабии мутафаккирони эронитабор бар он далолат мекунад, ки дар ҳақиқат ақвоми форс барои ривоҷу равнақи анъанаи чиҳилҳадиснависӣ саҳми назаррас гузошта, доираи ин анъанаро тавсеа бахшидаанд ва ин амали эшон ба зуҳури кутуби «Чиҳил ҳадис» ба забони форсӣ боис шудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Бобонӣ Исмоилпошо ибни Муҳаммадамин. Ҳадийят-ул-орифин / Бобонӣ Исмоилпошо ибни Муҳаммадамин –Бейрут: Дору кутуб-ил-илмия, 2008. – 2 ҷ.
2. Ғаззолӣ Абӯҳомид Муҳаммад. Китоб-ул-арбаин / Ғаззолӣ Абӯҳомид Муҳаммад; тарҷумаи Бурҳониддини Ҳамдӣ. –Душанбе, 2002. –322 с.
3. Исфаҳонӣ Абӣнаим Аҳмад ибн Абдуллоҳ. ал-Арбаин фит-тасаввуф / Исфаҳонӣ Абӣнаим Аҳмад ибн Абдуллоҳ -С. 3-5.
4. Надим Муҳаммад ибни Исҳок. ал-Феҳрист / Надим Муҳаммад ибни Исҳок. ал-Феҳрист. -Бейрут: Дор-ул-маърифа, 1978.-507с.

5. Омулӣ Шамсуддин Муҳаммад ибни Маҳмуд. ан-Нафоис-ул-фунун фӣ ароис-ил-уюн / Омулӣ Шамсуддин Муҳаммад ибни Маҳмуд –Теҳрон Дору кутуб-ил-исломия, 1381ҳ.-3ч.
6. Суламӣ Абуабдурраҳмон. Китоб-ул-арбаин фит-тасаввуф / Суламӣ Абуабдурраҳмон – Ҳайдаробод Доират-ул-маориф-ил-усмония, 1981.-16с.
7. Ҷомӣ, Абдурраҳмон. Арбаин. -Машҳад, Муассисаи чопу интишороти Остони Қудси Разавӣ, 1363.-48с.
8. Ҳоҷӣ Халифа. Кашф-уз-зуннун ан усом-ил-кутуби валфунун / Ҳоҷӣ Халифа –Бейрут: Дорулфунун литтабоати ван-нашри ват-тавзеъ, 1406
9. Ҳумоӣ Ҷалолиддин. Ғаззолинома / Ҳумоӣ Ҷалолиддин –Теҳрон: Ҳумо,1369. -584с.

ОБ ИСТОРИИ И ОСОБЕННОСТЯХ ПРОЗАИЧЕСКИХ «АРАБИН»-ОВ ИРАНСКИХ МЫСЛИТЕЛЕЙ НА АРАБСКОМ ЯЗЫКЕ

В данной статье рассматривается история возникновения книг «Арбаин»-ов, которые несмотря на то, что авторами «Арбаин»-ов преимущественно были персидские литераторы, данные произведения сочинялись, в основном, на арабском языке и в прозаической форме.

Кроме этого, автор показывает что традиция сочинения сорока хадисов на арабском языке, зачинателем которого был Ибн Муборак, получила свое развитие в творчестве Ахмада Нишопури, Аслама Туси и Муайяда Кураши. Позже благодаря сочинениям Хакима Нишопури, Абуубайда Хирави, Абуабдуррахмана Сулами, Абухомида Газали и др. эта традиция приобрела новые особенности.

Ключевие слова: мыслители, традиция, сорок хадисов, персы, использование, комментировать, стилистические особенности.

ABOUT THE HISTORY AND THE FEATURES OF "ARBA'IN" PROSE FORM WRITTEN BY PERSIAN WRITERS ON ARABIC

The article investigates the history of origin of the books of "Arba'in" written by Persian writers in Arabic in prose form. Besides, the author shows that the tradition of writing of forty hadiths in Arabic the founder of which was Ibn Mubarak. And this tradition was continued and developed by Ahmad Nishopuri, Aslam Tusi, and Muaiyad Kurashi which later this tradition got the new features due to Hakim Nishopuri, Abuobaid Hiravi, Abuabdarrahman Sulami, Abuhomid Gazzaly and others.

Key words: writers, tradition, forty hadith, Persians, stylistic features, to comment.

Сведения об авторе: ***Ф.А. Камолов*** – кандидат филологических наук, старший преподаватель кафедры иностранных языков Института экономики Таджикистана ТГУК.Телефон: **92-847-86-16**

КОРБУРДИ ВОЖАИ "ВАТАН" ДАР АШЪОРИ МАЛИКУШШУАРО БАҲОР

Н. Камбаров
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М. Назаршоев

Яке аз мавзӯоти асосии шеъри Муҳаммадтақии Баҳор ватан ва ватанпарастӣ мебошад. Шояд, камтар шоир битавон ёфт, ба андозаи Баҳор ватанро васф намуда ва вожаи "ватан"ро дар ашъораш ҷой додааст. Ба қавли муҳаққиқ ва адабиётшиноси эронӣ Шафеи Кадканӣ "шеъри Баҳор авҷи ситоишгари ватан аст, агар ду наҳанги бузургро аз шеъри Баҳор битавонем сайд кард, яке ватан аст дигаре озодӣ".

Муҳимтарин маҳаки ватансароиро худи Баҳор бар шеъри хеш задааст. Дар бештари қасоиду таснифот шоир эҳсоси ватандӯстии мардумро бедор намуда, шеърашро "Ватания" номидааст. Ҳуввияти худро Баҳор ба унвони шоире, ки сароидан барои ватанро сабаби шоирӣ маҳсуб медонад:

Ватаниёте бо дидаи тар мегӯям,
Бо вуҷуде, ки дар он нест асар, мегӯям.
То расад умри гаронмоя басар мегӯям,
Борҳо гуфтааму бори дигар мегӯям.

Баҳор худро подшоҳи мамолики сухан ва ходими ватан муаррифӣ намуда, шоҳ ва бандагирро дар назми хеш дар канори ҳам ҷо додааст:

Ман, ки дерина ходими ватанам,
Подшоҳи мамолики суханам.

Вазъияти даврони шоир ӯро ором нагузошт, ки дар саросари девонаш аз садоқату вафодорӣ ба ватани маҳбубаш бо як эҳсоси самимӣ шеър гуфтааст. Аз ин лиҳоз, Баҳор худро " забони ватан" хитоб мекунад:

Ман забони ватани хешаму донам ба яқин
Бо забон аст дили мардуми Эрон ҳамсар.

Он чи орам ба забон рози дили Эрон аст,
Бӯ, ки андар дили ёрон кунад, ин роз асар.

Шоир ватанро ба сурати инсони воқеи дар баробари худ мешинонад ва садои ӯро ба гӯш ҷо медод, сонӣ онро бо каломи мавзун баён мекунад ва бовар дорад , ки он чи мегӯяд гуфтаҳо ва таъсироти ватан аст. Миёни ҳарфи ӯ ва ватан фарқе нест. Вақте ватан фарзанди хешро панд медиҳад , шеъри Баҳор низ панди ватан мебошад:

Баҳуш бош, ки Эрон туро паём диҳад,
Туро паём ва сад арзу эҳтиром диҳад
Насими субҳ, ки бар сарзамини мо гузарад
Зи хок пок ниёгон туро салом диҳад.
Паёми моми ҷигархастаро зи ҷо бишнав,
Ки панду мувзъаат ба сад эҳтимом диҳад.
Ду чашм мом ватан зи офтобу маҳ ба суйи мост
В- зин ду дида ба мо кисвату таом диҳад
Бо мо хитоб кун бо ду дидаи хунбор,
Ки кист он ки ба ман хуни хеш вом диҳад?!
Ватан ба чанг лаъим аст асту ку хирадманд,
Ки дарси фазлу шарофат бадин лаъим диҳад

Омехта шудани ҷон ва ҳастии шоир бо ҷони ватан мисоли, ҷону тани як шахс мебошад .Барои намуна хоки ватан ҳамчун ашки Баҳор хунбор шуда ва ранги арғувонӣ ба худ мегирад:

Чун зи мижгон баркушоям хун ба дарди зод бум
Арғувони ҳула пӯшад хок мушкандоми ӯ.
Аз таҳиб оҳи ман бедор монад то саҳар
Осмон бо садҳазорон , чашми шабпаймои ман
Кимиёи фикрати ман сохт зар аз ҳоки ман,
Боз он зар хок шуд аз тоби истиғнои ӯ

Ҳарчанд ин гирудори зебо миёни ватан ва шоир аз илҳомоти шоиронааш буд, лек шоир аз оғози ба арсаи шеъру шоирӣ омаданаш бисёр ранҷу заҳматҳо кашида буд ва Баҳор аз ин рӯ, набзи ватани ситамдидаро дар даст дорад ва захмҳои расида ба пайкари ватан пайкари ӯро низ захмӣ месозанд . Агар ватан хор ба ҷигар дорад ва қуфл бар даҳон дорад, шоир низ монанди ватан хор бар ҷигар ва қуфл бар даҳон мегардад ва касе аз рози ӯ ҷуз ҳамон ҳамзабон яъне ватан огоҳ нест.

На ҳар ки дарди диёру ғами ватан дорад,
Ба ростӣ, хабар аз дарди доғи ман дорад.
Зи рӯзгори харобам касе шавад огоҳ
Ки хор дар ҷигару қуфл дар даҳон дорад.

Ранҷи ватан ҷони шоирро мекоҳад, аз он рӯ ки худро бо он ягона мебинад, агар ватан дар асорат ва нестшавӣ бошад, шоир ҷони худро дар асорат ва нестшавӣ мебинад ва он ранҷ ва азобро бар худ таъзият мехонад:

Эй хиттаи Эрон меҳан, эй ватани ман!
Эй гашта ба меҳри ту аҷин ҷону тани ман,
Дардову дареғо, ки чунин гаштӣ бебарг,
К - аз бофтаи хеш надорӣ кафани ман.
Бисёр сухан гуфтам дар таъзияти ту
Оваҳ, ки нагирёнад касро сухани ман.

Оре, дар шеъри Баҳор лаҳзаҳое меёбем, ки ӯро хастагӣ фаро гирифта хештанро мавриди хитоб қарор дода, қаламу қадами худро ба тарки ғусавву ғами ватани хеш даъват менамояд:

Эй ғуссаи зод бум бурун шав,
Берун шаву рӯзи хуррамӣ машмор.
Сад бор бигуфтамат к-аз ин мардум
Бигрезу фузун махур ғами кишвар.

Зон пеш, ки рӯзгор баргардад,
Баргард зи рӯзгори дунпарвар

Чунонки дар боло зикр намудем, мавзӯи муҳаббат ба ватан дар ашъори Баҳор на ба таври умумӣ, балки конкретӣ ифода ёфтааст. Баҳор дар роҳи мудофиа аз ватан, аз аҷнабӣ бо хомаи худ мубориза мебурд. Хулоса, муҳаббат ба ватан дар як силсила шеърҳои Баҳор мавқеи асоси дошта, аз мазӯъҳои марказии шоир ба шумор меравад.

А Д А Б И Ё Т

1. Комёр Обидӣ. Ба ёди меҳан / Обидӣ Комёр. –Теҳрон, 1376.
2. Муҳаммадтақии Баҳор. Девони ашъор / Муҳаммадтақии Баҳор. –Теҳрон, 1381.
3. Муҳаммад Алии Сипонлу. Чаҳор шоири озодӣ /Муҳаммад Алии Сипонлу. –Теҳрон, 1369
4. Мурғи саҳар (мурраттибон: Х.Шарофов, М.Нозимов). –Душанбе, 2006.
5. Парвини Шикебо. Шеъри форсӣ аз оғоз то имрӯз / Парвини Шикебо. –Теҳрон, 1373.
6. Сирвис Шамисо. Сабкшиносии шеър / Сирвис Шамисо –Теҳрон, 1374.

ИСПОЛЬЗОВАНИЕ СЛОВА “ВАТАН“ (“РОДИНА”) В ПОЭЗИИ МАЛИКУШШУАРО БАХОР

В данной статье автором рассматривается тема любви к родине в поэзии иранского писателя М. Бахора. Поэт своими стихами призывал соотечественников к патриотизму и защите родины от чужих сил.

Ключевые слова: М. Бахор, родина, патриот.

THE USE OF THE WORD “VATAN“ (MOTHERLAND) IN POETRY M. BAHOR

In this article the author examines the subject of patriotism in the poetry of Iranian poet M. Bahor. Poet with his poems calls the compatriots to defend the motherland from the enemies.

Key words: M. Bahor, motherland, patriot.

Сведения об авторе*: Н. Камбаров* - преподаватель Хорогского государственного университета им.М. Назаршоева. Телефон: **934-08-46-01**

СОХТОРИ ҲИКОЯҲОИ СУДҲА АРОРА

З. Пакаева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Судҳа Арора яке аз ҳикоянависҳои машҳуру тозабаёни охири қарни ХХ ва ибтидои қарни ХХI милодӣ дар адабиёти ҳиндӣ шинохта шудааст. Аз ин рӯ, таҳқиқи навоварӣ дар масъалаи сохтори ҳикояҳои ӯ зарур аст. Адибони Ҳинд анъанаҳои ҳикоянависони гузаштаро давом дода бошанд ҳам, кӯшиш карданд, ки дар сохтори ҳикоя то андозае навоварӣ дохил кунанд.

Ин зарурат аз он ҷо сар задааст, ки дар ҷомеаи Ҳиндустон пас азистиқлолият масъалаҳои бисёри иҷтимоӣ ба миён омаданд. Тасвири ҳақиқат аз адиб талаб мекунад, ки ҳамқадами замони худ бошад ва нишон диҳад, ки чӣ нуқсоне ё омиле ба пешрафти ҷомеаи Ҳинд халал мерасонад. Ҷустуҷӯҳои адибон дар миёнаҳои асри ХХ ба он оварда расонид, ки дар адабиёти ҳиндӣ ҷараёнҳои нав пайдо шуданд.

Адабиётшиноси тоҷик Ҳабибулло Раҷабов дар рисолаи «Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ» [5,131] ин ҷараёнҳои навро ҳамаҷониба таҳлил ва баррасӣ мекунад.

Эҷодиёти Судҳа Арора аз «Ҳикояи нав» сарчашма гирифта, тавассути ҷараёни «Зидди ҳикоя» ташаккул ва такомул меёбад. Ҳабибулло Раҷабов менависад: «Ҳикояи ҳиндӣ дар давраи озодӣ баробари замон қадам зада, тавонистааст ба тамоми паҳлӯҳои зиндагии инсон дахолат намуда, ба ҷаҳони ботинию зоҳирии вай назар кунад. Ҳикояи муосири ҳиндӣ ба хонанда на танҳо лаззати эстетикӣ мебахшад, балки кӯшиш менамояд, ба хонанда имкон диҳад, ки вай сирру асрори зиндагиро тавонад фаҳмад, тавонад ба нерӯи бузурги худ бовар кунад, ҳаракату амали худро аз ҳар паҳлӯ бинад, доир ба баландиву пастии зиндагӣ ва бадқисматию некрӯзӣ хулосаҳо барорад» [5, 130].

Равшан аст, ки чун адиб ҳодисаеро мехоҳад ба хонанда пешкаш кунад, ӯ меандешад, ки мақсадашро дар кадом қолаб гунҷонда, ё ин ки чӣ гуна сохтор муносиби ғунҷоиши воқеа аст, нишон диҳад. Аз ин рӯ, масъалаи шакл ва мундариҷа ба миён меояд. Албатта, мазмунҳои нав ҳамеша талабгори шаклҳои нав будаанд. Адабиётшиноси тоҷик Соҳиб Табаров дар ин маврид менависад: – «Гарчанде дар адабиёти бадеӣ шакл ва мундариҷа якҷоя зуҳур мекунанд, вале мақоми сарварӣ ба уҳдаи мазмун гузошта шудааст ва доимо мазмуни нав мувофиқи хусусият ва талаботи худ шакли навро ба миён меорад» [7, 152]. Муносибати шаклу мундариҷа аз

ҷониби адабиётшиноси маъруфи рус Л.И. Тимофеев ба таври зайл шарҳ дода шудааст: «Мундариҷа ва шакл, пеш аз ҳама мафҳуми нисбианд, яъне наметавонанд бидуни ҳамдигар вуҷуд дошта бошанд. Шакл, шакли ягон чиз аст, агар шакли чизе набошад, маъно надорад ва мундариҷа, барои он ки мавҷуд бошад, бояд шакле дошта бошад, ки ба он намуди муайяни зоҳирӣ диҳад, вагарна хешро муайян карда наметавонад. Аз ҳамин сабаб, мундариҷа ва шакл аз якдигар ҷудонашавандаанд» [8, 131].

Аз ҳамин нуқтаи назар ҳикояҳои Судҳа Арора мутобиқи талаботи мазмуну мундариҷа сохторашон аз якдигар фарқ мекунанд. Масалан, баъзе лаҳзаҳои ҳикояи «Ҷанкӣ»-ро истисно кунем, он аз нигоҳи шакл ва мундариҷа аз ҳикояҳои имрӯзаи аврупоӣ, русӣ ва тоҷикӣ тафовуте надорад. Дар ин ҳикоя саргузашти талхи Ҷанкӣ ном духтарак тасвир мешавад, ки фарзанди ронанда Анвар аст. Номи пурраи духтар Ҷанкӣ Ҷулекҳа аст. Дар хурдияш аз сабаби беморӣ каме даҳонаш каҷ шуда, дуруст сухан гуфта наметавонад. Бачаҳои деҳа ӯро «каҷдаҳон» гуфта, масхара мекунанду меранҷонанд ва озор медиҳанд. Ин ҳолати ногувори Ҷулекҳаро Каруна ном хонум дида, раҳмаш меояд ва ӯро гирифта ба шаҳри Мумбай мебарад. Дар шаҳр духтарак оҳиста-оҳиста пухтупаз ва рафтору кирдорро ёд мегирад ва забонаш ҳам беҳтар мешавад. Нависанда барои ин ҳикоя чунин шакл сохтааст, ки мо якчанд ҷумларо аз ин ҳикоя меорем:

– Ҷанки дар куҷост, ҳеҷ чиз маълум шуд?

–То ҳол омадааст, ё ин ки не?

–Чор соат шудааст, то ҳол барнагаштааст?

–Ҳоло маълум, ки дар шаҳр вазъият хуб нест, боз ӯро берун фиристодаӣ?» [4, 104]

«Амаки Ҳусайн гуфт, ки набераи ӯ бемор аст, ба онҳо чизе лозим будааст. Ҷанкӣ гирифта биёрад. Мо аз куҷо медонистем, ки имрӯз вазъият мисли мавсими сол тағйир меёбад» [3, 105].

Нависанда пас аз иншои ҳаяҷонҳои ботинӣ хонандаро ба саргузашти Ҷанкӣ ошно мекунад. Саргузашти Ҷанкӣ, рафтору кирдори ӯ шавқовар тасвир ёфтааст. Муаллиф таҷрибаи хуби зиндагӣ дорад ва ҳар лаҳзаи ҳаёти қаҳрамони асари худро моҳирона ба қалам медиҳад. Инро дар мисоли зерин барало дидан мумкин аст: «Бо чеҳраи кушод ҳамаи корҳои хонаро ёд гирифт ва забонаш ҳам оҳиста-оҳиста кушода шуд.Ӯ ба гап задан шурӯъ кард. Аввалин суханҳои ӯ: – Ин чист? Ин барои чӣ ин хел аст?» Оташи газро дида, пурсид: «Чаро оташ кабуд аст?» [3, 105]

Муаллиф пайваста симои духтарак Ҷанкиро тавассути воқеаҳои бо ҳам пайваста ба хонанда мекушояд. Хислатҳои ӯро бо рафтору кирдори фарзандонаш Абишек муқобил мегузорад: «Ту намебинӣ, Ҷанкиро нигоҳ кун, як духтарест, ки на мактаб хондааст, на савод дорад, лекин ӯ чӣ қадар шавқу ҳавас дорад. Мепурсад, ки дар рӯзномаҳо чӣ навишта шудааст» [3, 105].

Судҳа Арора тамоми моҳияти ҳаёти иҷтимоӣ, ахлоқӣ ва тарбиявиро дар атрофи симои Ҷанкӣ ҷолиб ва хотирмон, табиӣ ва боварибахш тасвир мекунад. Қаҳрамони ҳикояи ӯ – Ҷанкӣ некхоҳ аст, дар интиҳо вай мехоҳад ба амаки Ҳусейн, ки набераш бемор аст, ёрӣ расонад, ба шаҳр меравад. Дар ҳамин вақт ҷанг байни мусалмонону ҳиндуҳо оғоз мешавад. Ба хона барнагаштани Ҷанкӣ оилаи онҳоро ба ташвиш меорад. Муаллиф аз номи шахси якум ҳодисаро нақл мекунад ва ҳикоя ҳам аз лаҳзаи пурташвиш, ҳаяҷоновар сар мешавад. Бандубасти ҳикоя хеле моҳирона аст. Маҳз ҳамин сохтор, ки ба назари хонанда табиӣ ва воқеӣ менамояд, мақсади муаллифро равшан мекунад. Сохтори ҳикояи «Ҷанкӣ» аз чунин қисматҳо иборат аст:

1. Дар майдони ҷанг мондани Ҷанкӣ ва ба хона барнагаштани ӯ.
2. Ташвиши Каруна ва шавҳараш Дивакар, барои нопадид гаштани
3. Ибтидои саргузашти ҳузнангези Ҷанкӣ ва аз деҳа ба шаҳри Мумбай бурда шудани ӯ.
4. Зиндагии Ҷанкӣ дар хонаи Каруна ва хислату рафторҳои ӯ.
5. Ба шаҳр барои чизе рафтанаш барои расидан ба писари бемори Ҳусейн.
6. Дар майдони ҷанг байни мусалмонону ҳиндуҳо мондани Ҷанкӣ.
7. Ба ҷустуҷӯйи Ҷанкӣ ва дигар шахсони ба хона барнагашта рӯзи дигар ба полисхона рафтани одамон.
8. Дар дохили мошини милитсия додани Каруна ва Дивакар Ҷанкиро.

Чуноне ки мебинем, ҳикоя аз ҳашт қисми бо ҳам пайваста иборат аст. Қисми ҳаштум ба назар нотамом менамояд:

«Дар охир полис пушти мошинашро кушода пурсид:

- Номат?

- Ҷанкӣ.
- Номи падарат?
- Анвар.
- Чӣ гуфт?
- Ҳа, номи аслиаш Ҷулекҳа аст, – гуфт Каруна, – мо инро аз Ҷаланпур овардем, номашро дигар кардем…
- Ту ҳамроҳ надоштӣ? – пурсид Дивакар.
- Не.
- Чӣ вақти маро мегирӣ, ҷаноб! Яке Ҷанкӣ мегӯяд, дигараш бошад, ким-чизи дигар мегӯяд. Номашро нағз намедонед, боз омадед, ки шикоят кунед!

Полис ӯро дарун тела дода гуфт:

- Шумо дар берун истед.
- Шумо гӯш кунед, – ҷаноби Малкантӣ пеш рафта, ҳамаи саргузаштро ба полис нақл кард.

Онҳо ҳамаи одамонро ҷавоб дода, гуфтанд, ки то пагоҳ ному насаби дастгиршудагонро мепурсем, шумо рӯзи дигар омада, фарзандҳоятонро мегиред. Вақте ки онҳо аз идораи полис баргаштанд, диданд, ки чор тарафи деҳаро паррандаҳо иҳота кардаанд. Ҳамон рӯз овоза шуд, ки қариб сӣ нафар одам дар он деҳа фавтидааст. Бисёр мурдаҳо рӯйҳояшон канда ва даҳшатнок буданд.» [3,106] Аз фарҷоми ҳикоя ва ишораҳои қисми якуми он равшан мешавад, ки мақсади муаллиф аз иншои ҳикояи «Ҷанкӣ» тавассути образи ҳузнангези духтараки маҷрӯҳ, нотавон ва дар айни замон хеле ҳам оқилу меҳрубон нишон додани зиндагии пурмашаққати халқи одии Ҳиндустон ва даҳшату фоҷиаи ҷангҳои мазҳабӣ аст.

Судҳа Арора ин матлабро бо интихоби қолаби муайяне изҳор кардааст. Сохтори ҳикояи мазкур, хусусан асосаш нав нест, аммо сабку услуби нависанда, ки аз ҷараёнҳои ҷадиди адабии Ҳиндустон маншаъ мегирад, ба ҳикоя лаҳзаҳо ва персонажҳои бисёре, аз ҷумла Малканӣ, амаки Ҳусейн, амаки Ҷулекҳа, Торҷа, Тричанд, Панкаҷ ва ғайраро ба бор овардааст.

Аз ин нуқтаи назар образҳое, ки нависанда Судҳа Арора дар ҳикояи «Ҷанкӣ» офаридааст, ба ин таъриф мутобиқат намекунанд. Ҳикоя бояд ба мисли арӯс пероставу зебо бошад, зиёд ё кам кардани воситаҳои ороиши он сабаби костани ҳусни он мегардад, аммо таҳлили ҳикояҳои дигари нависанда ба мо имконият медиҳад, амиқ дарк кунем, ки Судҳа Арора ва адибони ҳаммаслаки ӯ чаро ин корро кардаанд.

Сохтори (композитсияи) ҳикояи «Зиндагии соли сенздаҳум», гӯё ки вуҷуд надорад, воқеа аз тасвири рӯҳии қаҳрамон Анпурна иборат аст, вале, чунонки дар таҳлили сохтори ҳикояи «Ҷанкӣ» дидем, ҳеҷ шакл бе мазмун ва мазмун бешакл вуҷуд дошта наметавонад. Аз ин рӯ, дар ин ҳикоя ҳам ҳамаи ҳолатҳои рӯҳии хонум Анпурна ба василаи воқеаҳои хурд бо ҳам пайвастаанд. Дар назари аввал чунин менамояд, ки ин тасвирҳои кӯчак, ҳолатҳои пуризтироб сабаби вуқӯи ҳодисаи азиме мешаванд, вале ин тавр нест. Нависанда ба масъалаҳои ахлоқӣ дахолат намуда, зиндагии душвори табақаҳои поёнии ҷомеаи Ҳиндустон, аз ҷумла хидматгоронро тасвир намудааст.

Қобили қайд аст, ки солҳои 60-ум, қариб ки ҳамаи нависандагони Ҳиндустон қаҳрамонҳои ҳикояҳояшонро заиф, нотавон ва рӯҳафтода меофариданд, ки дар ҳақиқат ин асос дошт. Дар ин маврид сабаби пуризтироб тасвир кардани қаҳрамонҳои адибони солҳои 60-умро ҳиндшиноси тоҷик Ҳабибулло Раҷабов чунин навиштааст: «Сабаби парешон ва рӯҳафтодагӣ тасвир кардани каҳрамонҳои ҳикояҳои ин солҳо асос дошт, зеро тамоми мардуми ҳинд, аз ҷумла адибоне, ки бо умеду орзуҳои зиёд озодшавии Ҳиндустонро интизор буданд, гумон доштанд, ки истиқлолият тамоми бадбахтиҳоро ба зуддӣ аз байн мебарад. Азбаски дар андак муддат ин муяссар нашуд, ҷойи некбиниро ба осонӣ рӯҳафтодагӣ гирифт» [5, 136].

Дар ҳикояи «Зиндагии соли сенздаҳум» қаҳрамони ҳикоя воқеаро худаш нақл мекунад. Мо ӯро дар пешайвони бинои баланде мебинем, ки гирифтори изтироб ва ҳаяҷон аст: «Агар маро касе медид, ки ман ин тарафу он тарафи пешайвон мегаштам, фикр мекард, ки ман шаб ба шавҳарам ҷанг карда бошам, ё ин ки аз мактаб ба ҳардуи бачаҳоям шикоятнома омадааст, ё ин ки аз бонк барои ғалат кардани ҳисобот маро дар пеши ҳамкоронам шарманда карда бошанд. Ҳамсояи ман Лалванӣ ҳам маро парешон дида, аввалҳо ҳамин хел фикр мекард »[3, 35].

Нависанда кӯшиш мекунад нишон диҳад, ки қаҳрамонаш кист, дар чӣ гуна манзил зиндагӣ мекунад, шавҳар дорад ва вазъи рӯҳияш дар чӣ ҳолат аст, чанд фарзанд дорад, ҳамсояаш кист. Сипас, дар банди сеюми ҳикоя сабаби парешонияшро

мекушояд: «Дар асл, сабаби парешониям он буд, ки хизматгорам ҳар рӯз соати шаши саҳар бо шавқу ҳаваси зиёд занги хонаро пахш мекард, лекин имрӯз наомада буд» [3, 36].

Ҳикоя дар асл, аз як монолог – гуфтугӯйи ботинии қаҳрамон иборат аст. Қаҳрамони ҳикоя дар хусуси хизматгораш, ширфурӯшҳо, ҳамсояш, хислату рафтори онҳо меандешад. Дар ҳикоя шарҳи симоҳои зоҳирии персонажҳо дода намешавад. Нависанда ба моҳияти ҳодисаву падида таваҷҷуҳ дорад: «Дар асл, дар Мумбай хизматгорҳо ягон имони мустаҳкам надоранд. Онҳо агар ба ягон кор машғул шаванд, якчанд рӯз кор карда, музди корашонро гирифта, ба таътил мераванд. Ҳақиқатан мо ҳам инсоф надорем, вақте ки мо ба осонӣ хизматгор меёбем ва тамоми корҳоро ба вай мефармоем, ӯро ҳам ба осонӣ раҳо намекунем. Пеш аз омадан ба ин макони нав мо қариб панҷ хизматгорро иваз карда будем. Дар ин маҳалла ҳамин хел будааст, ки ягон хонаводаи нав, ё ин ки куҳна ҳам бошад, ду бор агар хизматгорашро иваз мекардааст, он хонавода дар байни хизматгорон бадном мешудааст» [3, 37].

Нависанда саргузашти талхи хидматгори Апуна Шантибайро аз забони зани хуҷаинаш ба хонандагон хеле муҷаз баён мекунад. Мо аз мутолиаи ҳикоя мефаҳмем, ки ӯ чор фарзанд дорад. Яке аз онҳо бисёр ҳам бадмаст аст ва ҳатто, падарашро латукӯб кардааст. Шантибай дар муддати понздаҳ рӯз ба аҳли хонавода чунон унс мегирад, ки кӯдакон субҳ аз хоб хеста ӯро ҷустуҷӯ мекунанд. Ба соҳибхона аз зиндагии шахсоне, ки ба хонаҳои вайронаи шаҳр аз деҳот омадаанд, ҳикоятҳо мекунад. Ӯ пас аз понздаҳ рӯз ба хонааш рафта, дигар барнамегардад.

Муаллиф воқеаҳоро бо тафсил тасвир намекунад ва аз воситаи тасвири манзара, гуфтугӯ, амал, макону замон канора мечӯяд. Барои муаллиф танҳо ҳолати рӯҳии қаҳрамон зарур аст. Ҳамин тавр, нависанда асари психологӣ меофарад ва ҷаҳони ботинии персонажҳои ҳикояашро воқеъбинона ва ҳамаҷониба мекушояд. Дар фарҷоми ҳикоя маълум мешавад, ки хизматгор Шантибайро писари бадмасту бадахлоқаш латукӯб кардааст ва ӯ аз хона баромада рафтааст. Пас аз ду рӯз ҷасадашро ёфтаанд.

Ҳикояи «Зиндагии соли сенздаҳум» сохтори анъанавӣ надорад ва қаҳрамонони марказияш ҳам барҷаста нест. Мақсади нависанда тасвири зиндагии пурмашаққату душвори халқи ҳинду ва инъикоси рӯҳафтодагӣ аст. Ин сабку услуби тасвир на танҳо ба эҷодиёти Судҳа Арора, балки ба адибони дигари Ҳиндустон, мисли Дудҳнат Синҳ, Равиндра Калия, Ҷагдиш Чатурведӣ, Ширкант Варма, Гангпрасад Вимал, Шукла, Рамеш Бакшӣ, Вичай Моҳан Синҳ ва мисли инҳо хос аст. Нависандагони муосири Ҳинд дар ин сабку услуби тасвир бартариятро дар он дидаанд, ки ҳар он чӣ мехостанд, баён намудаанд. Қолаби ҳикояи классикӣ, ки мо дар эҷодиёти адибони XIX- XX мебинем, барои ифодаи афкору андешаҳои тозаи онҳо тангӣ кардааст.

Албатта, мутолиаи ин гуна ҳикояҳо ба хонандаи имрӯзаи тоҷик то андозае нав ва ноошност. Ба назари аввал ва сатҳӣ чунин мерасад, ки нависандагони мазкур бори зиёдеро ба дӯши персонажҳои ҳикоя гузоштаанд. Ба ибораи дигар бигӯем, мазмун нисбати шакли асар бештар аст ва дар қолаби ҳикоя ба зӯр гунҷонида шудааст, вале кас агар сари мазмуну муҳтавои ҳикояҳои мазкур ва сохтори онҳо жарфтару амиқтар андеша ронад, афзалияти ин сабку услубро ба таври возеҳу равшан дида метавонад. Ин гуфтаро ҳикоёти Судҳа Арора тасдиқу таъйид мекунанд. Муаллифи навовар кӯшидааст, ки бо ҳамин сабку услуб андешаҳояшро ошкор баён кунад ва ҳикояҳояш ба хонандагони одӣ дастрас бошад.

Бояд гуфт, ки ин раванд баъди солҳои 60-уми қарни гузашта дар насри адибони тоҷик ҳам роҳ ёфта буд. Чунин сабку услубро метавон дар эҷодиёти Абдулҳамид Самад, махсусан дар ҳикояҳои «Дармонҷӯй», «Ҷигарсӯхта», «Мурофиа» барало мушоҳида кард, ки ба ҳикояи «Зиндагии соли сенздаҳум»-и Судҳа Арора бисёр шабоҳат дорад. Дар ҳикояҳои мазкури нависандаи тоҷик муносибати ғайриинсонӣ ва пастфитратии фарзандон нисбат ба шахси муқаддас – модар, ки ба онҳо ҳаёт бахшидааст, бо азобу заҳмати зиёд тарбия намуда, ба камол расонидааст, тасвир мешавад: «Дар ҳамин лаҳза дар даҳлез пиразане пайдо шуд, ки ба домони ҳафтод расида, банди по, оринҷҳо ва як панҷаи дасташ докапеч: рӯй, пешонӣ, гирди чашмонаш латхӯрдаву кабуд. Пиразани шӯрбахт нолишкунон ба ҳар каси дучоромада-хоҳ табиб бошад, хоҳ бемор, бо қаҳру нафрат аз фарзанди ноаҳлаш, ки ӯро латукӯб кардааст, шикоят мекард» [1, 68-69].

Моҳияти умдаи ин раванди эҷоди бадеӣ аз он иборат аст, ки муаллиф аз тасвири унсурҳои зоҳирию воқеияту характер даст кашида, ба ҷаҳони ботинӣ, ба умқи андешаю афкори қаҳрамон ва моҳияти фалсафию ахлоқии ҳаводиси рӯзгор сар фурӯ мебарад.

Тасвири рӯҳӣ дар насри Аврупо, собиқ кишварҳои Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳои рушди қонуни адабиёт аст. Насрнависони забардасти нимаи дуюми қарни ХХ, ба монанди Ф.Абрамов, В.Беляев, В.Распутин, Матсвосян, О.Чиладзе, Чингиз Айтматов, Фазлиддин Муҳаммадиев, Абдулҳамид Самад, Урун Кӯҳзод ва дигарон мавқеъ пайдо кард. Адабиётшиноси тоҷик, доктори улуми филологӣ Шамсиддин Солеҳов ин раванди адабиёти тоҷикро таҳлил карда, барҳақ навиштааст: «Маълум мешавад, ки тамоюлҳои тозаи наср аз тарафи дигар, ба раванди худшиносию худогоҳии миллии халқҳои гуногун, ки як такони муҳимме дар рушди тафаккури иҷтимоию ахлоқӣ ва маънавиёти халқ мебошад, вобаста аст» [7, 126].

Ҳамин муаллиф дар ҷойи дигари асари таҳқиқотиаш чунин қайд кардааст: «Дар роману повест ва ҳикояю новеллаҳои муосир ҷанбаи таҳлилию тасвирҳои рамзию тамсилӣ мавқеи тасвирҳои зоҳирии доманадору хроникиро маҳдуд карда, сохтори композитсионии асарҳоро мушаххасу муҷаз менамоянд» [7, 128].

Аз ин нуқтаи назар Судҳа Арора ҳам ба тасвири рӯҳии воқеа, ҳолати ботинии қаҳрамонон бештар диққат дода, аз тасвирҳои доманадор то ҳадди имкон канорачӯйӣ мекунад. Эҷодиёти ин нависандаи маъруфи Ҳинд ва доираи адабии ӯ ҳам ба нимаи дуюми қарни ХХ рост меояд, аммо дар ҳикояҳои адибони русу тоҷик, ки аз мактаби насри аврупоиву шӯравӣ сарчашма мегиранд, хусусияти рӯҳафтодагӣ, ноумедӣ, ки дар адабиёти Ҳиндустон мебинем, мавҷуд нест. Қаҳрамонони ҳикояҳои Судҳа Арора рӯҳафтода, ноумед ва дар вартаи ҳалокат афтодаанд.

Ҳикояи «Охири ҷанг»-ро мисол мегирем. Дар ин ҳикоя бо сӯзу гудоз ҳолати рӯҳии марде тасвир мешавад, ки занаш вафот кардааст ва ӯ танҳо монда, азоби рӯҳӣ мекашад. Муаллиф гузаштаи қаҳрамонашро равшан намекунад ва амалиёт хеле ҳам маҳдуд аст. Аз оғози ҳикоя то охираш тасвири ҳолати рӯҳӣ ва гуфтугӯйи ботинии қаҳрамонро мутолиа мекунем. Ҳикоя бо маҳорат эҷод шудааст ва қудрати суханронии адиба тавоност. Равшан аст, ки ӯ азоби танҳоӣ, хусусан аз шахси наздик, шахсе, ки бо ӯ чандин сол ҳамсару ҳамнафас буда, ногаҳон вафот кардааст, амиқ ҳис карда мешавад. Мо ба қаҳрамони асар дар ҳолате рӯ ба рӯ мешавем, ки бисёр танҳо ва аз зиндагӣ дилсард аст. Ба ҷуз андешаҳои ширини гузашта, ҳолати ногувори ба сараш омада дигар чизеро тасаввур карда наметавонад.

Дар муқаддима муаллиф хонандаро ба қаҳрамони ҳикоя ва хонаи торик ошнои мекунад.

Маросимҳои мазҳабии баъд аз вафот. Аз рӯйи тасвири нависанда мефаҳмем, ки ҳиндуён сенздаҳ рӯз хотири шахси фавтидаро пос нигоҳ медоштаанд. Се рӯзи аввал омаду рафти меҳмонҳо, сипас азодории аҳли хонавода, дар рӯзи сенздаҳум маросим ба хотири арвоҳи марҳум гузаронида мешавад ва дар ин рӯз хӯрокҳо пухта, меҳмон даъват мекунанд. Нависанда дар ҳикояи номбурда ҳаёти баъзе фарзандони бераҳм ва сангдилеро нишон додааст, ки нисбати волидони худ тамоман меҳру муҳаббат надоранд. Аз ин лиҳоз волидони онҳо дар охири умри худ парешону саргардон мешаванд. Ҳадаф аз навиштани чунин ҳикояҳо тарбия кардани насли наврас ва зиёд кардани меҳру муҳаббат нисбати калонсолон мебошад. Аз ҳикояи номбурда боз иқтибосҳо меорем:

«Вай аз хонаи торикӣ худ хеста, оҳиста-оҳиста ба даҳлез баромада, ба беруни ҳавлӣ рафтанӣ шуд. Ӯ хаёл мекард, ки ягон ситора пора-пора шудааст, барои ҳамин ҳама чизҳои хона берангу намуданд. Ба вай чунин менамуд, ки чашмонаш кӯр шудаанду ягон ҷойро намебинад. Бо ҳамин хаёл то даҳлези хона баромада буд, ки баданаш ба ларза даромад, лекин ӯ ба замин қадам мемонду замин ба рег табдил меёфт, пойҳояш ҳис мекард, ки хок нест, балки рег аст. Аз зери пойҳояш садои бадвоҳима меомад. Ӯ дар арақ тар шуда аз ҷояш мехезад. Мебинад, ки рӯ ба рӯяш ҳамон курсӣ аст, ҳамон курсии куҳнаи рангпарида» [4, 30].

Ё ин ки:

«Нафасаш тангӣ мекард. Ӯ бо дасташ курсиро ҷунбонд, курсӣ холӣ буд. Вай мотам бардошт, чӣ хел зани ӯ зинда мешавад, вай мурда буд. Баъди ҷунбондани курсӣ худашро ламс кард. Дар асл, ӯ сахт тарсид, ки занаш дар пеши ӯ нест, шояд дар гирду атрофи ӯст, аммо он хона торик буд, чанд рӯз шуда буд, ки вай болои ин курсиро падруд гуфта буд. Аввалин бор ӯ ба ҷойи хобаш баргашта, худро танҳо ҳис карда, сахт тарсид. Ӯ чунин эҳсос мекард, ки девона шудааст.

Аз як тараф, ба сари ӯ фикрҳои ҳархела меомаданд ва худро дар ҳолати мушкиле ҳис мекард. Ба гӯшаш овози фарзандонаш, додзании духтараш, гуфтугӯйи худаш бо ҳамкорони пешинааш меомад. Тамоми шаб худро ҳамин хел ҳис кард, ки ҳарорataш чунон баланд аст, ки нафасҳои охирини ҳаётро мекашаду касе шоҳиди

фавти ӯ намешавад. Пойҳояш берун аз кӯрпа буданд. Пеш ӯ ҳеҷ гоҳ пойҳояшро берун аз курпа намегузошт, ҳамеша пойҳояшро печонида хоб мерафт. Занаш бошад, ҳамаи корҳояшро анҷом дода, пеш аз хоб рафтан болини шавҳарашро ба тартиб медароварда. Ӯ дид, ки имшаб касе чодари рӯйи ӯро дуруст накард. Дар ҳақиқат, ҳис кард, ки завҷааш мурдааст» [4, 33].

Сохтори ҳикоя аз ҳамин гуна бахшу қисматҳо бунёд ёфтааст, ки муаллиф азоби танҳоӣ, бузургии зан ва моҳияти мавҷудияти онро дар ҳаёти мард ба василаи онҳо мекушояд. Дар ҳикоя ба ғайр аз масъалаи пайвастагии маънавии зану шавҳар, боз масъалаи ахлоқӣ, касодии он, хусусан, ахлоқи ҷавонон дар симои фарзандони қаҳрамони асосӣ нишон дода мешавад. Масъалаи бемеҳрӣ ва бепарвоӣ нисбат ба падару модар ва шахсони наздик дар эҷодиёти Судҳа Арора аз ҳикояи «Охири ҷанг» ҷиддан мавриди баррасӣ ва тасвири бадеӣ қарор мегирад. Дар ин ҳикоя таҳқиқи меҳру бемеҳрӣ ба дараҷаи аҳамияти ахлоқию иҷтимоӣ ва фалсафӣ бардошта шудааст.

Бояд гуфт, ки накӯкорӣ, бадкирдорӣ, хислату рафторҳои неку бад, сифатҳои ҳамидаву зебо ва зишту қабеҳ дар табиати инсон дар ҳеҷ давру замон якдигарро на танҳо истисно ё инкор накардаанд, балки мафҳумҳоеанд, ки ба ҳам алоқаманданд, зеро ҳаёт ва зиндагӣ худ аз ғаму шодӣ, зебоӣ ва қабоҳат иборат аст. Ҳатто, ишқу муҳаббате, ки тамоман аз худхоҳӣ холӣ бошад, вуҷуд надорад. Ба ин маънӣ манфиатҷӯйӣ ва худхоҳӣ дар ниҳоди инсонҳо решаи азалӣ дораду тамоман барҳам хӯрдани он дар гумон аст, яъне хештанбинӣ ва худпарастии инсон яке аз мавзӯъҳои азалии адабиёти ҳиндӣ, аз ҷумла эҷодиёти Судҳа Арора аст. Дар зиндагӣ аз рӯйи қолаб одамӣ бемеҳру бадаъмол, хабису хиёнаткору маккор тарбия намеёбад. Табиатан ҳамаи инсонҳо нексиришт анд, вале вобаста ба ҳолати равонӣ, тарбияи маънавӣ дар вазъиятҳои мушаххас аз баъзе афрод рафторҳое сар мезанад, ки кас ба ҳайрат мемонад.

Тасвири рӯҳӣ дар эҷодиёти Судҳа Арора сол то сол, беш аз пеш пурқувват шуда, сифатҳои тоза касб мекунад ва ин хусусиятҳо ба сохтори ҳикоя таъсир мерасонанд. Ин услуби тасвир, агар аз як тараф доираи мавзӯю ҳодисаи воқеаи дар ҳикоя инъикосшавандаро мушаххасу аниқ карда бошад, аз тарафи дигар паҳнои замонию маконӣ, ё ҳудудҳои замону макони бадеиро дар сохтори ин жанр маҳдуд намуда, ба муаллиф имконияте фароҳам оварада аст, ки бори маънавии асарашро бештар гардонидааст. Ба мавриди медонем, ки барои равшан шудани мақсад аз ҳикояи «Хати охирини Анпурна Мандал» мисоле орем: «Падарҷон, шумо гуфта будед, ки рӯҳи одам ҳеҷ гоҳ намемирад ва дар осмони кушода сайру гашт мекунад. Ман мехоҳам, ки ҳамон оромиро бинам. Ман аз ин зиндагӣ дилмонда шудам. Ҳар як инсон сарҳади мондашавӣ дорад, ман зуд монда шудам, рӯҳи ман ҳам монда шудааст. Ҳардуи шумо агар тавонед, маро бубахшед» [4,72].

Ҳикояи «Ҷумъаи хунин» аз дигар ҳикояҳои нависанда ба куллӣ фарқ мекунад. Ин ҳикоя дар мавзӯи глобалӣ, муҳим ва доғи рӯз таълиф гардидааст. Дар ин ҳикоя қаҳрамонҳои асосӣ пайравони ду дин мебошанд, ки яке зани хӯҷаин ва дигарое ронандаи ӯ марди мусалмон Мирач аст. Дар ҳикоя Судҳа Арора дар бораи ҳодисаи террористии мудҳиш, ки дар таърихи 12 марти соли 1993 рӯй додааст у дар натиҷа, бисёр одамон кушта ва қисми зиёди онҳо маҷрӯҳ мешаванд, нақл мекунад. Ҳикоя бо тарзи муқаррари аз номи шахси сеюми оғоз мешавад. Муаллиф оғозёбии субҳи Мумбайро чунин ба қалам медиҳад: «Он саҳар ҳам ба монанди дигар субҳҳои Мумбай буд. Мавҷҳои ороми соҳили баҳр ва осмони софи беғубори ин шаҳри зебо дили бинандаро таскин медод. Дарахтони ғарқи гул дар нури шулаҳои офтоб ғарқ гардида, олиҳаи ҳуснро ба хотир меоварданд. Ба мисли ҳар саҳар соати 6:30 дар вақти муқаррарӣ ширфурӯш бо шишаҳои ширҳояш дар назди дарвозаи хона рост истода буд. Боз баъди ду дақиқа маҷаллафурӯш омад» [2,72].

Барои муаллиф ин як лавҳаи хушрӯй ва дилангези табиати пурафсун намебошад, балки он муҳтавои ҳикоя, сохтори онро ташкил медиҳад, бори услубию маънавӣ дорад ва оҳанги лирикии ҳикояро муайян мекунад.

Нависанда субҳи ором ва форами Мумбайро тасвир карда, хонандаро ба рӯзҳои муқаррарӣ ва орому осудаи ин шаҳр ошно месозад. Дар поёнтар хоҳем дид, ки дар «Ҷумъаи хунин» воқеаҳо печида, сужет мураккаб ва чашмандози муаллиф васеъ буда, персонажҳои зиёд амал мекунанд. Аз нигоҳи сохт низ ҳикояи мазкур мураккаб ва печида аст. Ҳамаи ҷузъиёт пайиҳам, батафсил меоянд. Судҳа Арора аввал, хонандаро бо зани хӯҷаин ва ронандаи ӯ- Мирач шинос мекунад:

«Дарвозаро кушодам, ки як одами чеҳрааш шинос рӯ ба рӯям истода буд. Ин шахсро ман якчанд бор дар куҷое дидаам, лекин намедонам дар куҷо. Ӯ ба ман салом дода гуфт:

–Ҷаноб пеш аз рафтанаш ба ман гуфт, ки шуморо ба шаҳр барам.

–Мирач, ин туӣ? Ман туро нашинохтам [2, 75].

Баъд аз шинос кардани ин ду қаҳрамони асосӣ Судҳа Арора хонандаро ба ҷой ва манзиле, ки Мирач он ҷо зиндагӣ мекунад, ошно месозад:

«Мирач дар Бҳаратнагар сукунат дорад. Дар ноҳияе, ки ӯ зиндагӣ мекунад, пайравони динҳои мухталиф умр ба сар мебаранд. Онҳо чандин сол боз якҷоя зиндагӣ мекунанд ва ҷашнҳои мазҳабии якдигарро якҷоя таҷлил менамоянд. Дар таърихи 6 декабри соли 1992 дар назди ноҳияи Бҳаратнагар задухӯрд байни ҳиндуён ва мусалмонон рух дод, ки ба муносибати онҳо таъсири манфӣ расонид. Дар байни пайравони ду дин ҳеҷ гоҳ ин хел ҷанг ва низоъ нашуда буд. Мардуми ҳамсояқишлоқ аз хонаҳои худ гурехта омада, дар хонаҳои бҳаратнагариҳо пинҳон шуданд. Дар ин байн таъқибгарон аз қафои онҳо ба ноҳияи Бҳаратнагар меоянд ва дар байни онҳо ҷанги шадид рух медиҳад. Дар натиҷаи задухӯрд якчанд одамони бегуноҳи ин ноҳия кушта мешавад. Ин зарар ба писари Мирач ҳам расид, ва ӯ гунг мешавад. Ҳоло бачаи калон шудааст, аммо гап намезанад» [2, 76].

Судҳа Арора баъд аз тасвири ҷойи зисти зиндагии Мирач ба тасвири майдони харобазори шаҳри Мумбай ва марги ҳамватанони бегуноҳи худ, нолаву фарёди занону кӯдакон мепардозад. Муассиртарин фасли ҳикояи «Ҷумъаи хунин» тасвири мурдаҳои хобрафтаи одамони бегуноҳ ва одамони маҷрӯҳгашта мебошад. Хонанда ин лавҳаро, ки нуқтаи баланд ва авҷи сужети ҳикоя ба шумор меравад, бе изтиробу ҳаяҷон мутолиа карда наметавонад:

«Чароғак сурх шуд, мо истодем. Аз таркиши сахти моддаи тарканда замин чунон сахт ларзид, ки хаёл мекардед, ки дар пешатон бо танкҳо тир мепаронанд. Дар кӯчаҳои васеи Мумбай аз чор тараф оташ аланга зада месӯхт ва аз оташи кӯчаҳо мошинҳо ва автобусҳо таркиданд, ки оҳанпораҳои онҳо ба осмон париданд. Ин воқеа камтар аз мо дуртар буд ва мо рӯ ба рӯйи он воқеаи мудҳиш будем. Ин ҳама воқеаҳои мудҳишро ба чашмони худ дидем. Дар кӯчаҳо хуни одамон ба монанди об ҷорӣ шуд. Аз осмон пораҳои одамон ба замин мерехтанд. Дар як дам кӯчаҳои зебо ва озодаи шаҳри Мумбай ба ҳунзор табдил ёфтанд. Одамони нимҷони дар кӯчаҳомонда аз тарс шах шуда буданд. Ин манзараи даҳшатнокро дида, тамоми баданам ба ларза даромад. Аз паси пардаи мошин ба берун нигоҳ кардам, дар назарам чунин намуд, ки ягон филми америкоиро тамошо карда истодаам» [2, 77].

Дар ҳикоя персонажҳо башуморанд. Асосан, ду қаҳрамони асосӣ иштирок доранд, яке Мирач ва дигаре зани хӯҷаин, лекин дар асар номи зани хӯҷаин зикр нашудааст. Ҳикоя аз чунин қисматҳо сохта шудааст:

1. Тасвири субҳи ороми Мумбай.
2. Тасвири мукаммали маҳалли зисти Мирачи ронанда.
3. Омадани Мирач ба хонаи хӯҷаин.
4. Дар кӯча дучор шудани Мирач ва зани хӯҷаин бо воқеаҳои мудҳиши таркиш аз дасти душманони кишвар.
5. Бори дуюм рӯ ба рӯ шудани онҳо дар кӯчаҳои пур аз мурдаи шаҳрвандони Мумбай.
6. Ба хона баргаштани зани хӯҷаин.
7. Дар беморхона хун додани Мирач ба маҷрӯҳон.
8. Фавти ногаҳонии писари Мирач.

Хонанда дар оғози мутолиаи ҳикоя гумон мекунад, ки ҳикоя хеле дилчасп ва ҷаззоб аст, аммо вақте бо ҳодисаҳои мудҳиш рӯ ба рӯ мешавад, дилаш танг ва рӯҳаш ноорм мешавад, зеро ки аз субҳи саҳар баромадани онҳо ба шаҳр танҳо дар кӯчаҳо ба мурдаҳои хобрафта ва маҷрӯҳон рӯ ба рӯ мешаванд. Бар замми ин қадар бесарусомониҳо ҷавонони шаҳр бошанд, ба вайрон ва тороҷ кардани моли мардум машғул ҳастанд, ки ба ин корҳои ношоиста даст задани онҳоро адиба дар номустаҳкам будани амеияти кишвари Ҳиндустон: «Мошини мо дар як тангкӯча даромад. Аз дур мо дидем, ки як тӯда бачаҳои ҷавони тақрибан 20-22 сола бо чӯбдаст ва оҳан ба он тангкӯча зада даромаданд. Иморати баландошёнаи он кӯча ба замин яксон шуда буд, бачаҳои ноболиғ бошанд, ба ғорат ва тороҷ кардани мағозаҳо машғул буданд» [2, 78].

Хулоса, Судҳа Арора ҳунари волое дорад, ки сарнавишти қаҳрамонони гуногунхислатро ниҳоят шавқовару муассир ба қалам диҳад. Дар ҳикояҳояш тақдири талхи одамон ва ҳодисаҳои ногаҳонию печида равшану возеҳ ба ҳам омадаанд.

Нависанда мекӯшад, ки масъалаҳои муҳимми рӯз, задухӯрди қуввaҳои некию бадӣ, худхоҳии одамон хонандаро бетараф нагузорад. Лавҳаву сохтор ва саҳнаҳои бадеӣ, тақдирҳои гуногуне, ки дар ҳикояҳои «Ҷумъаи хунин», «Хати охирини Аннпуран Мандал», «Ҳамоне, ки будӣ ҳамон мемонӣ», «Охирин ҷанг», «Хонаи рақами 135», «Ними ободӣ», «Ҷанкӣ», «Зиндагии соли сенздаҳум», «Бераҳмӣ», «Пиёлаи сафолин» ва ғайра тасвир ёфтаанд, инъикоси ҳақиқати зиндагӣ мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳамид, С. Шохи чанор / С. Абдулҳамид. – Душанбе: Ирфон, 1981. - 126 с.
2. Арора, Судҳа . Рӯзи ҷумъаи хунин (Калла шукрвар). -Мумбайӣ, 2003. - 215 с.
3. Арора, Судҳа. Қадаҳи оҳанин (Кансе ка гилас) / Судҳа Арора. - Деҳлӣ, 2004.- 136 с.
4. Арора, Судҳа. Ҳамоне ки будӣ, ҳамон мемонӣ (Раҳоги тум ваҳӣ) / Судҳа Арора. -Деҳлӣ, 2007. - 299 с.
5. Раҷабов, Ҳ. Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ / Ҳ. Раҷабов. - Душанбе: Пайк, 1998. - 176 с.
6. Солеҳов, Ш. Адабиёт ва шинохти он / Ш. Солеҳов. – Душанбе: 2009. -238 с.
7. Табаров, С. Ҳаёт, адабиёт, реализм / С. Табаров. – Душанбе: Адиб 1966. – 200 с.
8. Тимофеев, Л. Асосҳои назарияи ададбиёт / Л. Тимофеев. –М: Наука, 1970. -320 с.

СТРУКТУРА РАССКАЗОВ СУДХИ АРОРЫ

Данная статья посвящается, писательской манере Судхы Ароры знаменитой писательницы конца 20 и начала 21 вв. Индии**.** Сделана попытка анализировать структуру рассказов писательницы. Ее писательская манера связана с исследованием новшества в структуре её рассказов. Эта необходимость возникла в индийском обществе после приобретения множества социальных проблем, которые возникли после достижения страной независимости.

Ключевые слова: Индия, рассказ, Мумбай, писатель, литература, общество, проблема, независимость, город, жизнь.

THE STRUCTURE OF STORIES SUDHA ARORA

This article was written about style writer Sudha Arora, one of the famous writers of the end of 20th and the beginning of the 21th centuries. Here was analyzed the structures of short stories of the writer. Her writing manner is associated research with innovation of her stories. This necessity arisen in India society after receiving independence, when there were appeared a lot of social problems.

Key words: India, story, Bombay, writer, literature, society, problem, independence, city, life.

Сведения об авторе: ***З. Пакаева*** **-** аспирантка ТНУ. Телефон: **918-66-71-88**

НАҚШИ ШОИРОН ДАР ИРТИҚОИ ФАРҲАНГИ ПОСДОШТИ МУҲИТИ ЗИСТ

Алиризо Иброҳимободӣ

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси ҳаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Бирҷанд, Эрон

Мо дар асри суръат, диққат ва ҳиссиёт зиндагӣ мекунем. Дар ин рӯзгор аз канори ҳеҷ як аз шууни зиндагии иҷтимоӣ наметавонем бетафовут бигзарем. Агар тавсеа мехоҳем, бояд мабонии онро бишносем ва бипазирем, ки тавсеаи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бидуни тавсеаи фарҳангӣ мумкин нест ва агар қабул кунем, ки мардум сармояи аслӣ ва маторе, ки муҳаррики ҳар навъ тавсеае дар ҷаҳон ҳастанд, бояд ба ин масъала низ таваҷҷуҳ кунем, ки барномарезӣ барои тавсеаи пойдор аз кор бар рӯйи фарҳанги мардум оғоз мешавад. Агар фарҳангро малоти зиндагӣ ва омили ҷӯшдиҳанда бидонем, бояд нақши шоирон ба унвони касоне, ки роҳи авотифи олии башарро ба мардум нишон додаанд, дар назар бигирем, зеро шеър силоҳест бисёр қавӣ, ки шоирон метавонанд бо баҳрагирӣ аз он ба фарҳанги мардум ҷиҳат бидиҳанд ва ононро дар ростои ҳифзи муҳити зист ва посдошти табиат, ки ҳадафи олӣ ва муқаддас ва бисёр муҳим ва сарнавиштоз аст, ҳамсӯ намоянд ва сабабсози наҳзати азим бо пуштувонаи амиқи фарҳангӣ ва мардумӣ дар ҳифзи ҳаросат аз мавоҳиби арзишманди табиӣ гарданд.

Табиат на танҳо барои шоирон ва ҳунармандон сарчашмаи ҷӯшони илҳом ва ҳунар аст, балки ҳаёт ва бақои навъи башар вобастагӣ ба таомил бо табиат дорад. Аз ин рӯ, ба башари имрӯз, ки бо салоҳи дониш ва технология бераҳмона ба ҷони табиати пок афтодааст, бояд фаҳмонд, ки барои бардошти суд ва баҳрае дар кӯтоҳмуддат набояд сармояҳои табиатро, ки мутааллиқ ба ҳама наслҳост, тахриб ва нобуд намояд.

Мавзӯи тахриби муҳити зист аз мавзӯотест, ки мутааллиқ ба ҷаҳони имрӯз аст ва дар гузашта аз дағдағаҳои башар набуда, зеро тахриби муҳити зист он гуна ки имрӯз ва бо истифода аз технология маҳори гусастаи башар анҷом мешавад ва

талаботи зиёдеро, ки башари имрӯзро барои расидан ба сарвати зиёд дар кӯтоҳтарин замон он ҳам ба ҳар қимате ва, ҳатто, ба қимати тахриби ҷангалҳо ва заминаи рӯдхонаҳо, олуда намудани ҳавову об ва хок гирифта, дар рӯзгорони қабл масбуқ ба собиқ нест.

Бо вуҷуди он ки кишварҳои мухталиф ҳар кадом ба фарохӯри имконоташон ва ба мизони дағдаға ва аҳамияте, ки барои муҳити зист қоил ҳастанд, дар ҷилавгирӣ аз фаъолиятҳои мухарриби муҳити зист талошҳоеро оғоз намудаанд, аммо абъоди ин мавзӯъ онро ба як чолиши ҷаҳонӣ табдил намуда, ки муқобила бо он аз тавони давлатҳо хориҷ аст ва илова бар он ки азми ҷаҳонӣ ва иродаи фарогир ва ҳамсӯйи ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро талаб мекунад, ниёзманди басичи тӯдаи мардум аст ва пайдост, ки басиҷи тӯдаҳои мардум бо мушорикати ҳама нухбагони ҷомеа мақдур аст. Дар ин миён шеър ба унвони яке аз таъсиргузортарин ҳунарҳо метавонад нақши муассир дошта бошад ва шоирон огоҳиҳое, ки уфуқи диди ҷаҳонӣ доранд ва худро аз дағдағаҳо ва дилмашғулиҳои паст ва камарзише, чун вазъи хату хол ва абрӯйи дилдор фориғ намудаанд ва дарди иҷтимоъ ва мардуму табиатро дуруст фаҳмидаанд, бояд рисолати таърихии худро дар ин замина ифо намоянд.

Ба ақидаи нигоранда, агар дар осори шоирони гузашта ашъоре бо рӯйкарди зистмуҳитӣ ба чашм намехӯрд ва шоирони гузашта дағдағае барои тахриби муҳити зист надошта, ё дар ин хусус шавоҳиде дар осорашон нест, ба ин далел аст, ки ин мавзӯъ дар гузашта то ба ин ҳад набуда ва қобили эътино набудани ашъоре бо ин мавзӯъ дар осори пешиниён айби бузурге маҳсуб намешуд, балки аз шоири ҳар даврае интизор меравад, ки нисбат ба масоили башари рӯзгори худ ва муъзалоти иҷтимоии муосираш вокуниш нишон диҳад.

Мавзӯи ҳифзи муҳити зист ва эҳтиром ба табиат дар рӯзгори мо аз чунон аҳамияте бархурдор аст ки, агар шоире садои арраи барқиро бифаҳмад, ки бераҳмона дарахтони ҷангалро қатъ мекунад ва тахриби ҷангалро мушоҳида намояд ва бонг барнаёварад, ки:

«Вой, ҷангалро биёбон мекунанд!
Дасти хунолударо дар пеши чашми халқ пинҳон мекунанд»,

шоир нест, зеро шоири воқеӣ фарзанди замонаи хеш аст ва фарзанди замона бояд огоҳ ба замина ва муъзалоти он бошад.

Фаридун Муширӣ мегӯяд: «Шоири рӯзгори мо бояд эҳсоси пок ва такримомези мардум нисбат ба табиатро барангезад». Вай бар ин ақида аст, ки «…ҳама ҳастии мо аз табиат аст. Об, ҳаво, наботи дарахт, сабза ва садҳо неъмати дигар дар табиат, мавҷудоти зинда мондани моро дар ҷаҳон фароҳам меоваранд. Мо мадюни табиат ҳастем ва аз ин рӯ, дар варои фаъолиятҳои коргузорони аҳди зулмот ва дуд, ки бераҳмона маҷоли нафсро барои башарият танг кардаанд, паррандагони сафедболро мебинанд, ки ба зоғони сиёҳ табдил шудаанд».

Муширӣ шоири огоҳе аст, ки чашмандози пеши рӯйи вай як муҳити вобаста нест, ӯ ҷаҳоне мебинад ва ҷаҳоне фикр мекунад. Ӯ мунодӣ ва мубаллиғи муҳаббат аст ва хушунатро нафй мекунад ва аз ҷангу ситез ва ихтилофҳое, ки зиндагии инсонҳо ва бехдошти табиатро ба хатар меандозад, ба шиддат интиқод мекунад:

…Биё ба ҳоли башар ҳой-ҳой гиря кунем,
Ки бо бародари худ ҳам наметавон зист.

Яке аз далоиле, ки тамаддуни хашни санъатии муосир башариятро бо чолишҳои бузурге мувоҷеҳ намудааст, ин аст, ки натавонистаанд фарҳангро по ба пойи рушди хиракунандаи илм ва санъат ба пеш бибаранд, ки албатта, дар ин хусус ағлаб шоирон ба унвони бахши ҳассос ва бисёр муҳим аз нухбагони таъсиргузори ҷомеа то ҳудуди кам лутфе ва ғафлат кардаанд ва дар шеъри худ ба маоиби умдаи ҷаҳони имрӯз, ки тахриб ва олудагии муҳити зист яке муҳимтарини онҳо аст, напардохтаанд. Ин камкорӣ ва бетаваҷҷуҳӣ он қадар фоҳиш аст, ки дар ним қарни ахир, ки ҷузви бадтарин ва сиёҳтарин давронҳои ҷаҳон, бавижа барои табиат будааст, агар осор ҷуста, теъдоди ангуштшуморе аз шоирони маъруф ва таксурудаҳои мутафариқаи бархе шоирони ғайримаъруф, аммо дилсӯз бигзарем, метавон иддао намуд, ки ҳеҷ асари арзанда ва боландае, ки битавонад ривоҷи ом пайдо кунад ва дар лоя – лояи ҷомеа нуфуз ёбад ва ба машғулаи зеҳнӣ барои мардум табдил шавад, ба чашм намехӯрад. Аз он ҷо ки аз тариқи як асари ҳунарӣ, ки пазириши ом меёбад, метавон ба машғулаи зеҳнии бахше аз фаъоли ҷомеа ва кайфияту сатҳи фарҳангии он ҷомеа пай бурд. Бояд гуфт, ки вақте ки мавзӯи тахриби табиат ва осебҳои ҷиддии муҳити зист ба машғулаи зеҳнии мардуми мо табдил нашудааст, ба айни камкории шоирон ва ҳунармандон дар ин замина машҳуд аст, зеро шоирон ва ҳунармандон виҷдон ва дарёфти ҷомеаанд ва ҳар як бахше аз ҷомеа аз пеши по афтодатарин қишр то

фарҳехтаи қишрҳоро намояндагӣ мекунанд. Ва бояд аксарият қариб ба иттифоқи онҳо ба мавзӯи тахриби табиат ва муҳити зист вокуниш нишон диҳанд, то ин амр дар ҳама лояҳои иҷтимоӣ русух кунад, таъсир бигзорад ва бедодгарон ва мутаҷовизон ба табиати покро бар сари раҳм оварад, зеро агар ҳама шоирони мо фарёди Мушириро, ки дар марги муҳаббат, марги ишқ ва марги табиат сар медиҳад, мешуниданд ва ашки ӯ дар гузаргоҳи таърихро медиданд ва аз пажмурдани як шохаи гул буғз дар гулӯ мешуданд ва монандаи вай аз авҷ нигоҳ мекарданд ва мепурсиданд, ки:

Анбӯҳи куштагонро
Хайли гуруснагонро
Анбошта ба киштӣ бе лангари замин
Сӯйи кадом соҳил ё каҳкашони дур савғот мебарем?

Ба таври қатъӣ, хушунати башар нисбат ба табиат камтар мешуд ва фарҳанги ҳифзи муҳити зист ҷойи худро дар дилу рӯҳ ва фикри инсони рӯзгори мо боз мекард,ба ростӣ, агар шеъргӯёни рӯзгори мо бо шоирони дилсӯзе монанди Муширӣ ҳамроҳ мешуданд ва дар баробари фурӯ афтодани садҳо дарахт ба қасди сохтани як бурҷи пӯлод, доду фарёд сар медоданд ва аз баробари «гурехтани парасту, гудохтани санавбар ва сӯхтани чаманзор» бетафовут рад намешаванд, имрӯз шоҳиди ҳавое «сероб, сахт ва санг» намебудем. Ба ростӣ, агар шоир бо нуфузи мо ғами ғурбати табиатро бо тамоми аъзояшон ҳис мекарданд, қатъан ба ин натиҷа намерасиданд, ки:

Дар ин дуди чӯшон фаворавор нахандад шукуфа,
Наболад дарахт,
Нарӯяд бунафша,
Натобад баҳор.

Мудофеони муҳити зист мегӯянд, ки мо он чи дар тавон доштем ва ба андозаи имконотамон барои ҳифзи муҳити зист талош намудем. Давлатҳо мегӯянд, ки мо буҷа ва вақти кофӣ барои наҷоти табиат масраф доштаем. Ба ростӣ ҳалқаи мафқуда куҷост, оё тӯп дар замини шоирон нест? Оё намешуд аз зарфияти забонӣ ва баёнӣ ва таъсири муъҷизаосои шеър ба наҳви матлубтаре барои фарҳангсозии зистмуҳитӣ моя гузошт? Оё гуноҳи камкории шоирон бахшиданӣ аст? Оё табиате, ки зеботарин тасовирро барои дастмояи вазъи шоирон дар ихтиёри онон қарор додааст, он моя қариб надорад, ки дар осори ӯ доди сухан диҳанд, оё шоире метавонад хабарҳои рез ва дурусти рӯзномаҳоро, ки паёпай ё аз оташсӯзӣ дар ҷангал менависанд, ё аз олудагии обҳо, ё аз нобудии насли фалон ҷонвар мегӯянд ва ё аз густариши рӯзафзуни биёбонҳо хабар медиҳанд, худро ба кӯчаи илии чап бизананд.

Агар асари ҳунарӣ паёме аст, ки ҳунарманд ба мардум медиҳад ва ҳунармад бояд бо дили пок ва равшан ва рӯҳи саршор аз ишқу умед дар роҳи маҳви тирагиҳо ва зиштиҳо ва нопокиҳо бикӯшад, пас шоире, ки аз ҳунари шеърии худ сирфан ба унвони абзоре барои лаззат ва саргармӣ ё пардохтан ба мавзӯоти беарзиш истифода мекунад ва қудрати муъҷизаосои каломи мавзунро дар ҳидояти инсонҳо ба сулҳу сафо ва нафйи хушунат ба кор намегирад, оё воқеан шоир аст?

Ҷанбаҳои хуб ва муфиди тамаддуни саноатиро наметавон инкор намуд, аммо ҷанбаҳои манфии ин тамаддунро, ки бо худ марги табиат ва марги инсониятро ба армуғон овардаанд, бояд аз чеҳраи рӯзгор пок намуд. Бояд барои паррандаҳои хунинбол, таронаҳои ашколуд ва ситораҳои хомӯш ва дастҳое, ки дар чорсӯйи гетӣ ба истиғоса баланд аст, коре кард ва дар ин миён коре, ки аз шоир сохта аст ин аст, ки «…Вақте лулуҳои баланди тӯпро дар чорсӯйи гетӣ дар иститори шоха ва барги дарахтҳо…»мебинед ба худовандони қудрат ва ононе, ки худро дар шиор нигаҳдори сулҳ меноманд ва дар амал ҷаҳонро лутфи шон то қаъри дӯзах раҳнамун аст, бигӯяд:

Сурби доғ аст ин ки меборид бар дилҳои мардум, сурби доғ!
Мавҷи хун аст ин ки меронид бар он кишти худкомагиро, мавҷи хун!

Аммо, агар шумо шоире дидаед, ки монанди Фаридун Муширӣ ё Сӯҳроби Сипеҳрӣ, ки аз марги табиат дар хашму хурӯш буд, ё дилаш барои дилороии ҷангал месӯхт, саломи маро ба ӯ бирасонед. Вақте шоире маъруф мешавад ва ё ҷое дар дили мардум боз мекунад ва мардум мусаллат бо ашъори ошиқонаи ӯ иртибот барқарор намудаанд, дӯст доранд, агар ӯ дар ошиқонаҳо мутаваққиф шавад ва дар расоии ҷангал ё, ҳатто, афтодани як дарахт мавзӯъ нагирад, ба тарафдорони шеъри худ ва ба кулли ҷомеа ситам кардааст, зеро мардум вақте касеро дӯст доранд, ҳама ҳаракоти ӯро зери назар доранд. Агар як бозигари ҳунарманд ва маҳбуби синамо муртакиби ҷурми кӯчаке шавад, гуноҳи ӯ дар чашми мардум бисёр нобахшиданитар аз гуноҳи як шаҳрванди одӣ аст ва чунин аст, агар шоире он чи ки бояд доди сухан диҳад, сукут кунад ва он чи ки бояд бар забон оварад, нагӯяд, қатъан марг на ин аст, ки вакте риҷоли сиёсӣ дар муқобили дурбини иқдом ба дарахт коре мекунанд, барои ин аст,

ки ба бинанда ё мухотаб чунин илқо шавад, ки ҳифзи манобеи табиӣ аз чунин аҳамияте бархурдор аст, ки масалан, Раиси ҷумҳур дар маросими дарахткорӣ ширкат намудааст.

Табиист, агар шоири маъруфе, ки мардум бо шеърҳояш рӯзҳои хотирангези умри худро гузарондаанд, биёянд ва шеъре ҳам дар мавзӯи дарахткорӣ ё дар мавзӯи ҷилавгирӣ аз қатъи дарахтони ҷангал ба дасти судҷӯён бигӯянд, бояд яқин дошт, ки бар сангиндилтарин судҷӯён асар хоҳад гузошт. Агар шеъри Рӯдакӣ тавони онро дошт, ки дилҳое, ки ба сони сандон буд, монанди ҳарир нарм карда, ба роҳ овард, бояд шоири рӯзгори мо битавонад арраи баркӣ ва табарро аз дасти судҷӯён ва мутаҷовизон ба ҷангал бигирад ва натавонанд бо филтри шеър пеши олудагии ҳаворо бигирад, қатъан шоире ростин ва ҳунарманди воқеӣ нест. Агар натавонад бо як шеър як қарнро фатҳ кунад, шоири тавоно нест.

Мафрузаи аслии ин мақола бар он аст, ки фарҳанг шоҳраги ҳаётии ҷомеа аст ва иртиқои фарҳанги зистмуҳитии мардум метавонад дар ҷилавгирӣ аз тахриби муҳити зист бисёр муассир бошад ва чун шоирон вазифаи хатир ва нақши ҳассос ва таъсиргузор дар иртиқои фарҳанг ва огоҳиҳои ҷомеа доранд, аз тарафе чун ҳанӯз шеър забони ҳамдилии ҷомеаро ташкил медиҳад, саҳми он дар интиқоли фарҳанг муҳимтар ва азимтар аз наср аст ва каломе, ки ба сурати шеър баён мешавад, таъсири бештаре бар мухотаб мегузорад.

АДАБИЁТ

1. Рӯзномаи «Иттилоот». 18 баҳманмоҳ. – С.89.
2. Фаридун Муширӣ. Маҷмӯаи ашъор. – С. 208.

РОЛЬ ПОЭТОВ В ФОРМИРОВАНИИ ЭКОЛОГИЧЕСКОЙ КУЛЬТУРЫ

Вступление человечества в эпоху новых взаимоотношений с природой требует изменения не только его поведения, но и смены его ценностных ориентиров. Поэтому одной из актуальнейших проблем современного общества является проблема формирования экологической культуры. Экологическая культура личности является качественным новообразованием личности, определяющим ценностное отношение человека к себе и к окружающему миру, поступки, поведение и в целом жизнь человека. В данной статье автором рассматривается роль поэтов в формировании экологической культуры.

Ключевые слова: экологическая культура, формирование духовно-нравственного сознания, любовь к природе, развитие экологической культуры, процесс правильное отношение к окружающему миру.

THE ROLE OF POETS IN THE FORMATION OF ECOLOGICAL CULTURE

The entry of humanity into the age of new relationships with nature requires changes not only his behavior, but also change its values. Therefore, one of the most urgent problems of modern society is the problem of formation of ecological culture. Ecological culture of personality is a quality neoplasm of personality in determining the value of the relationship of man to himself and to the world, actions, behaviors, and in General human life. In this article the author discusses the role of poets in the formation of ecological culture.

Kev words: ecological culture, the formation of moral consciousness, love of nature, the development of ecological culture, process the right attitude towards the world.

Сведения об авторе: ***Алиризо Иброхимободи*** – соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А. Рудаки АН РТ, преподаватель Свободного исламского университета города Бирджанд, Иран

БОЗТОБИ ЛАҲЗАҲОИ РӮЗГОРИ ЗУЛОЛИИ ХОНСОРӢ ДАР ОСОРАШ

Я. Сармаст

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Зулолии Хонсорӣ аз шоирони машҳури авоили садаи Х-ум ва чаҳоряки аввали садаи XI-уми ҳичрӣ аст. Ӯ аз тарбиятдидагони мактаби ҳаким ва донишманди маъруфи замонаш Мирмуҳаммадбоқири Домод ва аз маддоҳони ӯ ва шоҳ Аббос ва вазираш Мирзоҳабибуллоҳи Садр буд. Дар маснавиҳои худ Зулолӣ ситоишҳои ҷолиберо аз ашхоси зикргардида меорад ва бо ин васила суннатҳои мадеҳасароии адабиёти дарбории гузашта ва шоирони маъруфи қасидасарои адаби форсиро идома дода, кӯшидааст, ки нуфузи меъёрҳои тасвири вуқӯъгароиро дар қолаби анвои қасида вусъат дода, тасвирҳои ғайривоқеии романтикиро ба воқеияти зиндагӣ ва хасоиси муқаррарии шахсиятҳои мавриди мадҳу ситоиш назик созад. Аз ҷиҳати навҷӯйӣ ва навгароӣ ашъори дар қолаби жанри қасида офаридаи шоир қобили таваҷҷуҳ мебошад (1).

Чунон ки аз ашъори шоир бармеояд, ӯ ба зодгоҳаш бисёр вобастагӣ ва алоқа доштааст ва ин дилбастагии аз ҳад зиёд монеи рафтани ӯ ба даргоҳи шоҳ Аббос ҳам гардидааст.

Зулолии Хонсорӣ аз ҷумлаи он шоиронест, ки ранҷу азоб ва машаққатҳои зиндагиро бо тамоми сахтиҳояш таҳаммул мекунад, вале ба тамаллуқу зиллати шоҳону ҳокимони замон тан намедиҳад. Ӯ фақру кӯтоҳдастиро мепазирад ва аз тамау даст дароз кардан ва ё ҷоҳталабӣ мутанаффир мебошад.

Дар замони Зулолӣ аз алоқаю иртиботи шоҳ Аббос ба шеъру шоирӣ ва ширкати ӯ дар маҳофили адабии Исфаҳон зиёд ҳарф зада мешавад.

Аммо як чиз равшан аст, ки дар ағлаби маҳофили адабии он замон ашъоре хонда мешуданд, ки дар мадҳу ситоиши худи шоҳ буданд ва ин хусусияти ҷамъомадҳои адабии замони зиндагии Зулолӣ дар сарчашмаҳои адабӣ ва китобҳои таърихи адабиёт низ зикр шудааст.

Бояд гуфт, ки тафовути муҳимми Зулолӣ аз шоирони муосираш дар он буд, ки ӯ аз ҳунари шоирӣ ва ашъори шуарои гузашта бештар бохабар буд ва ҳарчи мегуфт, онро дар қолаби шеър дар мизони шеъри классики форсӣ месанҷид. Ӯ кӯшиш менамуд, ки тозагӯӣ ва навпардозие дар сухани адабӣ дошта бошад. Ин кӯшиши шоирро ҳам дар ашъори ғиноияш ва ҳам дар маснавиҳояш ба мушоҳида гирифтан мумкин аст.

Бо вуҷуди ин, шоир дар ҳеҷ ҷойи ашъораш ба худситоию худтаърифкунӣ машғул нашудааст, ҳарчанд ӯ дорои рӯҳи баланди зарифу нозуке буд. Аммо ҷо-ҷо дар шеърҳояш шикоят аз замона ва низоми зиндагию тартиботи давронаш ба назар мерасад, ки он табиӣ ҳам мебошад. Ин, ба андешаи мо аз ҳамон ҳассосияти рӯҳонии шоир сарчашма мегирад.

Дар бораи худи шоир муосиронаш менависанд, ки хӯи дарвеши дошт ва то ҳадде ориф ҳам буд. Шоир ба пешвоёни аҳли ташайюъ эътиқоду эҳтироми хосеро қоил буд. Ба қавли Насрободӣ ӯ дар ситоиши чаҳордаҳ маъсум чаҳордаҳ қасида гуфтааст. Агар ба ин ақидаи соҳиби тазкира эътимод намоем, метавон тахмин зад, ки миқдори қасоиди шоир ба 196 мерасад (2).

Соли вафоти шоирро сарчашмаҳои адабӣ ба таври мухталиф зикр мекунанд. Вале андешаи ба ҳақиқат наздиктарро дар ин маврид Ян Рипка баён мекунад(3) . Ба тахмини ӯ шоир соли 1038 вафот кардааст, зеро чунон ки аз эҷодиёти шоир бармеояд, Зулолӣ маснавии «Маҳмуд ва Аёз»-ро дар соли 1024 ба поён бурда, лекин аҷал фурсаташ надод, то онро аз мусаввада ба баёз орад ва ин корро баъд аз марги шоир дигарон анҷом доданд.

Зулолиро Абӯтолибхони Табрезӣ шогирди Мирзоҷалоли Асир донистааст, вале ин қавл ба назар шубҳаомез менамояд. Чунки Мирзоҷалол баъд аз чаҳор ё панҷ соли фавти Зулолӣ ба дунё омадааст.

Бисёре аз ҷузъиёти зиндагонии шоир бар асари хоксорӣ ва худро аз назарҳо дур доштанаш ба аҳли таҳқиқ норавшан мемонанд. Аз ин рӯ, моро зарур меояд, баъзе паҳлӯҳои рӯзгори Зулолиро аз навиштаҳояш ҷустуҷӯ намоем. Дар ин маврид маснавии «Маҳмуд ва Аёз» маводи арзишманд ва қобили мулоҳиза медиҳад. Аз намунаҳои ашъори шоир маълум мешавад, ки ӯ ба зодгоҳаш Хонсор дилбастагии зиёд доштааст. Зулолӣ бо вуҷуди меҳру алоқаи шадид ба зодгоҳаш аз ҳамшаҳриёни худ ҳеҷ дилхушӣ надошта ва дар осораш ба накӯҳиши ҳамшаҳриёнаш мепардозад. Зеро аввалан, зулм ба Зулолӣ аз тарафи ҳамшаҳриёни ҳасудаш, ки шуҳрату эътибори шоир онҳоро нороҳат мекард, мерасад. Аз ҷумла, бахше аз ашъори ӯро, ки баъдан ҳикояте дар маснавии «Шуълаи дидор» шуд, ба Катрон нисбат доданд. Бархе аз ашъори ӯро ба номи Катрон сабт намудаанд (4).

Аз тарафи дигар, зиндагӣ ва ахлоқи худи Зулолӣ ҳам барои пайдоиши чунин рашку ҳасадҳо замина гардида будааст. Чунки ӯ бар хилофи шеваи роиҷи шоирони рӯзгораш барои шогирдӣ дар маҳзари устодони асри хеш зону назадааст. Тибқи иттилои «Сафинаи хушгӯ»

«Зулолӣ касби сухан аз ҳеҷ яке аз устодони ин фан накарда»(5). Ба ҳар ҳол, эътирофи Зулолӣ танҳо бар асоси ашъораш аз тарафи донишманде чун Мирдомод безамина набудааст. Ӯро дар замонаш ба қатори шоирони олим пазируфта буданд, зеро шоир дар илмҳои фалсафа, риёзӣ, нуҷум, мусиқӣ ва ғайра касби камол карда буд.

Зулолиро баъзеҳо шоири шаҳрбанд ва асири ватани хеш донистаанд. Ӯ на танҳо ба хотири дилбастагии бештар ба зодгоҳаш, балки аз лиҳози моддӣ ҳам тавони зиёрати ҷойҳои муқаддас ва сайру саёҳати шаҳрҳои дигарро надоштааст. Вай танҳо гоҳ-гоҳе ба ноҳияю шаҳрҳои наздик ва атрофи зодгоҳаш сафар намудааст.

Ҳарчанд, Зулолии Хонсорӣ саросар зиндагиашро дар сахтӣ ва тангдастӣ ба сар мебурд, вале пеши касе дасти тамаъ дароз накард. Ӯ танҳо онҳоеро мадҳу ситоиш карда, ки ё мисли Мирдомад симмати устодӣ бар вай доштанд ва ё шахсиятҳои

воломартабаи замон, мисли Муҳаммади Қавомии Муставфӣ ва Мирзоҳабибуллоҳи Садр буданд. Ғайр аз ин, ӯ дар оғози қасидае, ки дар васфи имомон гуфтааст, наъте ба шоҳ Аббос менигорад, ки он ҳам аз рӯйи зарурат ва суннат дар он замон раиҷ будааст.

Зулолӣ бо ташвиқи Мирдомод барои ҷалби таваҷҷуҳи шоҳ муҳимтарин асари худ «Маҳмуд ва Аёз»-ро ба номи шоҳ Аббос менависад. Вале зоҳиран, аҷал ин фурсатро аз ӯ меситонад ва шоири бенаво барои ҳамеша аз илтифоти боргоҳи шоҳӣ маҳрум мешавад. Зулолӣ маснавии «Сулаймоннома»-ро ба номи Мирдомод мебахшад(6).

Чунон ки аз ашъори худи шоир бармеояд, вақте ки бори нахуст Зулолӣ ба хидмати Мирдомад меравад ва шеър мехонад ӯ шоирро хеле меситояд ва ҳатто, вайро сазовори унвони баланд медонад, ки бо ин Зулолӣ тамоми умр ифтихор мекунад.

Дар мавриди аҳли хонаводаи худ ва фарзандонаш Зулолӣ дар маснавии «Маҳмуд ва Аёз» маълумот медиҳад, ки тибқи он шоир ду фарзанд доштааст бо номҳои Муҳаммадҳасан ва Муҳаммадҳусейн. Онҳо ҳангоми таълифи маснавии мазкур (соли 1024 ҳ.) хеле ҷавон ва машғули омӯзиши илмҳои динӣ будаанд.

Дар маҷмӯъ, метавон гуфт, ки баъзе нуктаҳои зиндагиномаи шоир дар маснавиҳояш ҷо-ҷо дар мавридҳои гуногун зикр гардидааст. Аз ин рӯ, барои муҳаққиқони аҳволу осори шоир беш аз маохизи дигар ва беҳтар аз маълумоти сарчашмаҳои пурихтилоф худи осори шоир иттилои муфид ва дақиқ медиҳад.

А Д А Б И Ё Т

1. Зобеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон / Сафо Зобеҳулло. - Теҳрон: Интишороти Фирдавсӣ, 1383 (ҳ),.қ. 2.-С.944. Ҷ. 5
2. Тазкираи Насрободӣ, С. 213.
3. Забеҳулло Сафо. Таърихиадабиёт дар Эрон, ҷ.9. қ. 1.С.
4. Забеҳулло Сафо. Таърихи адабиёт дар Эрон, ҷ 5, қ 2, С. 521.
5. Хушгӯ. Сафинаи Хушгӯ. Нусхаи Музеи Британия, шумораи 4672.
6. Тазкираи Насрободӣ, С. 230.

ОТРАЖЕНИЕ БИОГРАФИИ ЗУЛОЛИ ХОНСОРИ В ЕГО МЕСНАВИ

Зулолии Хонсори является одним из знаменитых поэтов эпохи Сафавидов. Он жил и творил в культурной среде эпохи Шаха Аббаса. О жизни и творчестве поэта в литературных источниках содержится мало сведений. Но в его творчестве, особенно в его месневи даются интересные факты, имеющие важное значение в выяснении страниц его жизни. В данной статье затронуты все стороны его жизни и творчества.

Ключевые слова: биография, поэзия, месневи, творчество, жизнь и творчество, реализм, поэт.

REFLECTION OF THE BIOGRAPHY OF ZULOLI HONSORI IN ITS MESNAVI

Zuloly Honsori Safavidov is one of the well-known poets of an era. He lived and created in the cultural environment of an era of the Shah Abbas. About life and creativity of the poet references contain few data. But in his creativity, and especially in it mesnavi the interesting facts which are important in clarification of pages of his life are given. In this article all parties of his life and creativity are mentioned.

Key words: biography, poetry, mesnavi, creativity, life and creativity, realism, poet.

Сведения об авторе: ***Сармаст Ядуллох*** - соискатель Инсититута языка, литературы, востоковедения и писменного наследия им. А.Рудаки АН РТ

«КАЛИЛА ВА ДИМНА» -ДОСТОННОМАИ ТАБОБАТИ РӮҲ АЗ РАҲГУЗАРИ ХУРОФОТСИТЕЗӢ

Марям Маҷидӣ
Донишгоҳи озоди исломии воҳиди Теҳрон, Эрон

Яке аз таъсиргузортарин бахшҳои «Калила ва Димна»-и форсӣ достони сафарии Барзуя ба Ҳинд ва овардани «Калила ва Димна» ба Эрон аст. Такгӯйиҳои дилнишини Барзуя дар эзоҳи тардидҳои шахсии ӯ (С.44-58) наҳваи андешидани ӯ ба ҳадафи офариниши гетӣ, ҷойгоҳи одамӣ ва ҳудуди фазоилу разоили ниҳоди башар, нигориши рӯҳи ҷустуҷӯгар ва ҳақиқатҷӯйи ӯст (Саҷодӣ, 1381). Ин достон дар панҷ тарҷумаи мутафовит аз «Калила ва Димна» омадааст, вале дар тарҷумаҳои гузаштагони куҳан ва мутааххир ва низ дар «Манзума»-и Ибни ал-Баҳория асаре аз он дида намешавад [Балво, 1382.- С.99].

Ҳикояти охир дар тарҷумаи Насруллоҳи Муншӣ дар бахши дебочаи мутарҷим [1367, С.18-19] ба ихтисор ба ин мазмун омадааст, ки яке аз браҳманҳои ҳиндиро пурсидаанд, ки мегӯянд дар кӯҳистонҳои Ҳиндустон доруҳое аст, ки аз он мурда

зинда мегардад. Он браҳман дар посух гуфт, ки ин сухан аз рамз ва ишораи мутақаддимон аст, мурод аз дору сухани эшон ва мурод аз мурдагон ҷоҳилонанд, ки бо илм ҳаёти абадӣ меёбанд.

Сипас, ҳамин ҳикоятро дар идомаи матн (С.36-29), дар муқаддимаи Ибни Муқаффаъ меёбем, ки ба тафсили бештаре омада ва дар идомаи он мехонем, ки ба самъи Анӯшервони Кисро ибни Қубод мерасонанд, ки дар хазоини мулки Ҳинд китобе аз забони ҷонварон аст, ки подшоҳон дар арсаҳои гуногун ба он ниёзманданд. Шоҳ Барзуяро номзади овардани китоб ба Эрон кард ва дар суҳбати ӯ панҷоҳ сарае, ки ҳар як даҳ ҳазор динор буд, ҳамл фармуд (ҳамон, 30) ва Барзуя бо машаққати фаровон аз хазонаи Ганҷвар подшоҳи Ҳинд нусхае аз китобро истинсох кард ва ба Эрон овард.

Дар ривояти Ибни Муқаффаъ ишорае ба гиёҳе, ки мурдаро зинда месозад, нашудааст ва ҳамчунин, дар идомаи матн дар боби Барзуяи табиб (С.44-58) ва гиёҳи муъҷизагар низ ишорае намебинем.

Дар ривояти дигаре аз ин достон, ки дар «Шоҳнома»-и Фирдавсӣ [Нӯшервон, байтҳои 3337-3470,ҷ.8] ва «Ғурур-ул-сайр»-и Абӯмансури Саолабӣ (С.629-633) ба сурати яксон нақл шудааст, чунин мехонем, ки Барзуяи пизишк назди Анӯшервон меравад ва аз ӯ иҷозат мехоҳад, то ба ҷустуҷӯйи гиёҳе, ки мурдаро зинда мекунад, ба Ҳинд биравад. Шоҳи Эрон мепазирад. Подшоҳ ва мардуми Ҳинд Барзуяро ёрӣ мекунанд, вале талоши ӯ ба ҷойе намерасад.

Саранҷом, пирони хирадманди Ҳинд Барзуяро ба ёфтани пири хирадмандони Ҳинд раҳнамун мекунанд. Барзуя ӯро меёбад, пир ба Барзуя мегӯяд, ки гиёҳи шигифтангези ҳаётбахш, яъне доноӣ ва огоҳӣ ҳамон китоби «Калила ва Димна» аст, ки дар хазонаи шоҳӣ нигаҳдорӣ мешавад.

Хостгоҳи бовар ба афсун ва хурофот. Афсунхонӣ ва афсунсозӣ аз дер боз ба унвони тиҷорат ва касби даромади ғайриқонунӣ маншаи сӯйиистифодаи моли раммолон аз хурофотпарастон будааст [Девсон,1383.- С.54]. Пардохтан ба ин гуна боварҳо гоҳ натиҷаи беэътиқодӣ ва ё сустии эътиқод ба Худо (ҳамон, с.11) ва натиҷаи буҳронҳои даврони қӯдакӣ ва беэътимодӣ ба муҳит (ҳамон, с. 29) ва гоҳ натиҷаи адами эътиқод ба нафс аст. Касе, ки ба худ эътимод надорад ва мехоҳад дигарон ба ҷояш тасмим бигиранд, ба хурофот паноҳ мебарад [Спенсер, 1381.-С.128].

Чолиши бузурги муъминон ҳамвора ташхиси афсӯс ва хурофот аз боварҳои динӣ будааст. Ба боварии Малиновский, адёни мутазаммин маҷмӯае аз ниҳодҳое ҳастанд, ки эҳсосоте аз дасти ҳурмат ё хавфро талаб мекунанд ва бо шаоир ё ташрифоте, ки тавассути иҷтимои муъминон анҷом мешавад, пайванд доранд. Ин шаоир гуногунанд ва аъмоле, чун дуо хондан, суруд хондан, хӯрдан ва ё нахӯрдани баъзе хӯрокиҳо дар бархе мавоқеъро дар бар мегирад. Ин шаоир ба сурати муназзам ва тавассути гурӯҳе аз муъминон барпо дошта мешавад. Ҳол он ки рафтори мавриди ниёз дар иҷрои ҷоду тавассути афрод таъйин мешавад ва на адён ва тавассути фард анҷом мешавад ва на гурӯҳи муъминон, бисёре аз мардум дар вазъиятҳои бадбахтӣ тасмим мегиранд, ба ҷоду мутавассил шаванд [Malinowski, 2002, Pg 496-497].

Буқрот (377-460 пеш аз мелод) дар садаи V-уми пеш аз мелод нахустин пизишке буд, ки дар ҷудоии донишпизишкӣ аз ҷоду, мазҳаб ва хурофот кӯшид. Ӯ ин бовари роиҷ дар Юнони бостонро, ки Худоён бемориҳои ҷисмии шадид ва ихтилолоти равониро ба унвони танбеҳ барои башар мефиристанд, рад кард ва дар муқобил таъкид варзид, ки ҳамаи бемориҳо далоили табиӣ доранд. Буқрот мағзро ҷойгоҳи ҳушёрӣ, зиндагии ақлонӣ ва ҳаяҷонот медонист ва мепиндошт, ки рафтор ва афкори нобаҳинҷоре баёнгари навъи осебмағзӣ аст [Девисон,1383.- С.11].

Барзуяи табиб файласуфи хирадгаро. Нахустин бор Берунӣ (1887, с.76) эълон кард, ки вақте Ибни Муқаффаъ боби Барзуяро ба китоби «Калила ва Димна» меафзуд ва ё ба таъбири Балво (1382, 69) ба боби Барзуя чизеро меафзуд, мехост, ки сустимононро ба тардид дар ин бияфканад ва ба ойини монавӣ таблиғ кунад. Пас, бинобар назари Берунӣ (ҳамон ҷо), агар Ибни Муқаффаъ муттаҳам ба афзудани чизе дар боби Барзуя бошад, ногузир он тарҷума холӣ аз тағйир ва зиёдатӣ нест.

Балво ишора мекунад, ки дар вироиши таҳқиқ «Мол-ил- Ҳинд» бо тардид дар гуфтаи Берунӣ ин шакро матраҳ кард, ки дар бовари Берунӣ Ибни Муқаффаъ барои муҳайё кардани хонандагон дар пазириши монавият дар матни «Калила ва Димна» дахл ва тасриф кардааст. Сипас, Навлуд, ки (ба нақл аз Балво, 1382, С.69-70) бо мутобиқат додани боби Барзуяи табиб ва арзёбии наққодонаи тарҷумаҳои гуногуни ин матн ва низ бар пояи иттилооти Ҳортил ба ин натиҷа расид, ки бахши марбут ба шак дар дин дар поёни боби Барзуяи табиб аз ҷойе, ки мегӯяд: «Ба ҳеҷ таъвил дарди хешро дармон наёфтам ва равшан шуд, ки пойи сухани эшон бар ҳаво буд …»

[Барзуяи табиб, 1367.- С. 47] асари Ибни Муқаффаъ аст, аммо Ибни Муқаффаъ бо баёни чунин ақоид матҳуронеро ба номи худ сахт мухотираомез медиҳад, орои худро аз даҳони Барзуя пизишки эроние, ки солҳо пеш аз ӯ даргузашта буд, нақл кард ва бад-ин сон, он чиро ки дар асл дифоъ аз риёзат ва инзиво буд, ба мавзӯе барои юриш ба ҳамаи адёни мавҷуд табдил кард [Кароматӣ, 1386, 14].

Дар ин ҷо бо ду шубҳа мувоҷеҳем: нахуст, он ки орои марбут ба ташкик дар барсохтаи Ибни Муқаффаъ аст на Барзуя ва дигар, он ки чакидае аз афкори дини Ибни Муқаффаъ ношӣ аз мухолифати ӯ бо асли адён аст.

Баҳор (1337.254-253) дар посух ба шубҳаи нахуст бо ашроф ба кашмакашиҳои динӣ миёни мубадони асри Хусрав аввал бо масеҳиён, монавиён ва маздакиён ашоаи андешаи узлат аз дунёро аз сӯйи Барзуя номуҳтамал медонад ва дар посух ба шубҳаи дувум Саҷҷодӣ (1381, 11) бар ин ақида аст, ки бо иқболи ситораи камназири ислом дар аҳди Ибни Муқаффаъ интисоби ин достон ба ӯ чандон ваҷҳе надорад. Он чи мусаллам аст, Ибни Муқаффаъ дар муқаддимаи худ бар «Калила ва Димна» (1367, с.42) пеш аз вуруд ба ҳар мақулаи мухотаб худро ба «тафаҳҳуми маонӣ» фаро хондааст, то аз ин раҳгузар хонандаи «Калила ва Димна» вуҷуди истиоротро бишносад, то аз дигар кутуб ва тиҷорат бениёз шавад (ҳамон ҷо).

Балво (1382, с.77-78) ва Павл Персиан (Paul the Persian) нависандаи китоби «Мантиқ»,бар ин бовaранд, ки Барзуя (Барзуӣ) асари охири худро ба Хусрави Анушервон тақдим кардааст, ки дар як замон зиста, ба дарбори Хусрави I муртабит будаанд. Дар ин рӯзгор фарҳанги эронӣ зери нуфузи андешаҳои юнониён буд ва ҳангоме ки Жустей Найн дар соли 529 мадориси фалсафии Отинро таътил кард, Хусрави аввал файласуфонро дар Тайсафун мавриди истиқбол қарор дод ва аз ин замон ба баъд осори Афлотун ва Арасту дар Эрон ба форсии миёна тарҷума шуд ва ба ин тартиб, он гуна шаккокияти диние, ки дар саргузашти худнавиштаи Барзуя мебинем, намунае аз ривоҷи андешаи хирадмандони юнонӣ дар Эрони асри Сосонӣ аст.

Аз сӯйи Ҳортил (ба нақл аз Балво, 1382.- С.70) бар он аст, ки маводи мавҷуд дар боби Барзуя асл ва решаи ҳиндӣ дорад ва ин матн навиштаи худи Барзуя аст. Шояд, Ҳортил дар ин идао бахшҳое аз боби Барзуя аст, ки дар он ба тағйири шакли нутфа (матни Насруллоҳи Муншӣ, 1367.- С.55) ишора шудааст, ки ҳамагӣ мутобиқ бо усули пизишкии куҳани ҳиндӣ аст.

Дар нигоҳи нигоранда матни «Калила ва Димна» аз сӯйи ситоиши хирад ва аз дигар сӯ, ба накӯҳиши хурофот ихтисос дорад ва ин ҳарду нишонгари эътибор ва аҳамияти хирад назди касоне аст, ки дар тӯли таърихи пайдоиши «Калила ва Димна» то расидани он ба дасти мо дар баргардон ва нақлу ривояти ин асар саҳме доштаанд.

Димна дар ҷой-ҷойи боби «Шеру гов», шерро ба фазилатрой ва мазият хирад аз мулуки дигар мустаснӣ медонад. Бинобар он чи дар ин матн мехонем, подшоҳии Муқаффаъ аст, ки «Чун муҳимме ҳодис гардад, ваҷҳи тадорики он бар камоли хиради ӯ пӯшида нагардад ва тариқи талофии он пеш ронад, фикрати ӯ муташаббеҳ намояд» (ҳамон.- С.363). Ҳамчунин, ба мавориде, чун «ақл, умдаи саодат ва мифтоҳи нусрат аст ва ҳар ки бад-он фазилат мутаҷаллӣ буд ва ҷамоли ҳилму суббот бад-он пайваст, сазовори давлат ва шоён ва шоёни иззу рафъат гашт» (С.408) бармехӯрем. Хирад дар «Калила ва Димна» калиди давлат ва пойбанди саодат аст ва масолеҳи маош ва миод ва дӯстгомии дунё ва растагории охират бад-ӯ боз баста аст (С.28).

Ороии фалсафаи Барзуя аз ҳар ҷо нашъат гирифта бошад, ӯро аз табобати ҷисм ба табобати рӯҳ мерасонад ва Барзуя дар ин раҳгузар дармони равонро аз худ оғоз мекунад. Бар асоси он чи дар боби Барзуя мехонем (ҳамон, С.44), Барзуя пас аз дарёфти манофеи донишпизишкӣ, омӯхтани ин ҳирфа, касби шуҳрат дар он ва анҷоми он дар роҳи ризои Худо дучори васвасаҳои нафсонӣ шуд, зеро гурӯҳе аз ҳаммолон худро дар бархӯрде аз умури дунёӣ бар хештан собиқ дид (С.45). Пас, ба таҳзиби нафс пардохт (С.46) ва худро насиҳат гуфт ва чун бар худ бисёр сахт гирифт, васвасаҳо поён ёфт, аммо дар ин раҳгузар аз табобат низ дилсард шуд (С.47), зеро дарёфт, ки дар муолиҷоти марсуми пизишкӣ ба ҳеҷ рӯй роҳи бозгашти беморӣ барои ҳамеша масдуд намешавад, вале тавба ба бозгашт аз гуноҳ равони гунаҳгорро дармон мекунад, ки роҳи бозгашти гуноҳ то ҳамеша баста мемонад (ҳамон ҷо) ва дар мудавои худ ба ҷустуҷӯйи дин рӯй овард (С.48). Вале онро роҳе пурнишебу фароз ёфт. Аз ҳеҷ сӯ нури ҳидояте бар ӯ натобид ва бо гузашти замон ҳайрataш афзун гашт (ҳамон, ҷо). Пас андешае, ки агар сухани ҳар кадом аз арбоби иғрозро дар боби динашон бипазирад ҳамчунон дуздоне аст, ки шабе бар боми хонаи бузургоне рафтанд. Соҳибхона ҳузури ононро дарёфт ва аз ҳамсараш хост бо пофишории бисёр шеваи гирдкардани моли шӯяшро ҷӯё шавад. Сипас, бозаргон дар посухи

пофишории ҳамсараш гуфт: ман афсуне доштам, ки шабҳои маҳтоб бар боми хонаҳои сарватмандон мерафтам ва ҳафт бор мегуфтам: шудум шудум, савор бар нури моҳ, даруни хона мерафтам, амволро бармегирифтам ва бо ҳамин афсун ба бом мерасидам ва мегурехтам. Дуздон бар бом ин суханро шуниданд ва шодӣ карданд ва чун пиндоштанд, аҳли хона ба хоб рафтаанд, афсунро ба кор бастанд ва сарнагунсору гирифтор шуданд (С. 49-50).

Ба бовари нигоранда ин тамсилро метавон зери бинои сохтори эътиқоди Барзуя ба таъбири муҳаққиқони андешаи хирадгарои динии ӯ донист. Барзуя чун аз пизишкӣ дилсард шуд, ба пажӯҳиши дин рӯй овард ва чун онро роҳи бепоён ва пуртанозъ ёфт, бо худ гуфт, пазируфтани ороии ҳар кадом аз арбоби адён ҳамчун ҳоли дуздон хоҳад буд. Нахустин нуктаи қобили таваҷҷуҳ дар ин тамсил он аст, ки ба ҷойи паймудани роҳи пурзаҳмат ба паёмбаре дил месупурд, ки аз боварии нодуруст, меояд. Дувум, он ки эҷодкунандагони бовари нодурустро баробар бо бузургоне медонад, ки дар пайи касби суди дунё ҳастанд ва савум, он ки шакли куллии ин боварро каломе ба зоҳир раҳоибахш ва саҳлулвусул медонанд.

Дар ҳақиқат, фиребандагии сеҳре, ки дар сухани Паёмбар (с) ба баён нисбат дода шудааст «инна миннал баёни-л-сеҳран» [ниг. Аҳмади Ҳамбал.- Ч.1.- С.269] гоҳ дар коркарди эҷоди фазои ҳунармандона ҷилвагар мешавад ва гоҳ дар ҷиҳати фиреб ва талбис. Дар Қуръони маҷид низ (Бақара, 102) ба шаётине ишора шудааст, ки дар замони Сулаймон набӣ ба мардум сеҳр омӯхтанд, вале сеҳри онон ба мардум зиён намерасонд, магар ба фармони Худо ва он чӣ меомӯхтанд, ба худашон зиён мерасонд.

Афсун ва сеҳр дар ривояти «Калила ва Димна». Хурофот ва афсун дар мафҳуми ом дар матни «Калила ва Димна» ба се гуна шакл мегирад: нахустин шакли он бовариҳоест, ки пазириши онҳо ба навъи фарҳанги омма ва бовари умум ва гурӯҳе бедалел онҳоро пазируфтаанд. Боварҳои ғалат дар боби далолати вижагиҳои ҷисмӣ ва ё ворисони афрод бар хусусиёти хулқии онон, мисли боризи ин гуна хурофот аст.

Дар бозҷусти кори Димна мехонем, ки яке аз ҳозирон маҷлиси муҳокима мегӯяд. Зоҳири Димна гувоҳи хуби замири ӯст ва дар эзоҳи қозӣ, кушодагии абрӯ, хиради чашми рост нисбат ба чашми чап, париши аъзо, инҳирофи бинии Димна ба самти рост, пурмӯйӣ ва нигоҳи ӯро ба замин аз нишонаҳои хубси Димна мешуморад. Димна дар суханронии муассир ин нишонаро далели бароати худ медонад, зеро агар ба истидлоли муддаӣ истинод шавад, касе ҳамчун Димна ба ҳукми зоҳираш маҳкум ва маҷбур ба фасод будааст ва бозҷусти кори ӯ беҳосил аст ва сипас, бо мантиқи хоси худ исбот мекунад, ки ин ҳама бурҳон нишони ҷаҳлу тақлиди гӯянда аст (С.147-148). Дар ҳамин замина низ дар боби «Бум ва зоғ» (С.202) мехонем, ки оғози ҷанги буму зоғон он ҷост, ки буме номзади мансуби амири мурғон мешавад ва зоғе бо идаои кӯрии манзур ва мухбири носутуда будани бумон назари ҷамъро аз ин гузиниш мегардонад.

Гунаи дувуми ҳар гуна бовар носаҳеҳиест, ки дигарон ба нияти судҷӯйӣ эҷод мекунанд ва аз ин рӯ, ҳамвора бо сеҳру афсун ва макр дар як радиф қарор мегиранд. Ин гуна хурофот ба сурати вуруд ва сеҳру ҷоду дар лаҳазот ниёз аз сӯйи судҷӯён эҷод мешаванд ва муҷиботи раҳоии онон аз хатар ё нили ононро ба ҳадафе, ки доранд, фароҳам меоварад. Дар ҳикояти «бум ва зоғ» (С.215) ҳар ҳарфе, ки дар шунаванда муҷиби тағйири ақидаи куллӣ шуда, ба итлоқи афсун наҳва бардошта, аз шунидаҳои худ аст ва ба ҳамин ҷиҳат, ба сароҳат дар матн (С.226) мехонем, ки фиреfта шудан ба сухани нодурусти дигарон ва бовар ба он рамзи бедавлатӣ ва бадиқболӣ аст.

Гурӯҳи савум хурофоте аст, ки маншаи он тавоноии инсонҳо дар таҷзия ва таҳлили ҳаводиси муҳити атрофи онҳост. Ин гуна боварҳоро инсонҳо худ барои фиреб ва ё тавҷеҳи худ месозанд, чунонки дар ҳикояти «сайёд» (С. 184- 189) мехонем, ки чун сабаби ғоиб шудани шикорҳояшро намефаҳмад, онро ҷоду мепиндорад.

Дар омӯзаҳои «Калила ва Димна» роҳи расидан ба ҳақиқат қарор гирифтан дар сояи риояти уламост «То ба офтоби кашф наздик афтод ва ба муҷарради маърифат он шиква ва муҳобот дар замири ӯ пайдо ояд, ки ӯ ҳам ниҳоят, онро дар натавонад ёфт ва хавотир ба кинаи он натавонад расид» (Насруллоҳи Муншӣ.- С.5).

Дар идома ба ҳикоят ба маводе ишора мешавад, ки тайи онҳо хурофот шакл мегирад:

1. Дар боби Барзуя (С.49-50) ҳикояти «Марди бозаргон» омада, ки ба ҳусни ҳаракати дуздон бар бом бедор шуд ва дар бахши пешин моҷарои он омад.

2. Дар ҳикояти «Зани кафшгар» (76-77) омадааст, ки зани кафшгар ба мадади зани ҳаҷҷом равобите дошт. Шабе зани ҳаҷҷомро ба ҷойи худ ба сутун баст, то бо фосиқ дидор кунад. Кашфгар нимашабе бинии зани ҳаҷҷомро ба ивази ҳамсари худ

аз хашм бурид. Чун рӯз баромад, аз дидани бинии солими ҳамсари худ шигифтзада шуд ва зани кашфгар иддао кард, ки чун бегуноҳ буда, Худованд бинии ӯро ба ӯ боз додааст. Мард бархост ва тавба кард ва аз ҳамсараш ҳалолият хост ва аз Худованд хост, то дигар ҳамсари покдомани худро бедалели равшане наёзорад.

Дар ин ҳикоят ҳамсари гунаҳгори марди кашфгар ба мадади мастии ҳамсар ва торикии шаб ва ҳамдастии зани ҳаққом ва сухани сеҳромези худ гуноҳи худро мепӯшонад ва шавҳарро фиреб медиҳад.

3. Дар ҳикояти «Дӯстии кабутар, зоғу мушу боха ва оҳу» (С.184-189) ба рӯйкарди дигаре аз эҷоди хурофот бармехӯрем. Кабутару зоғу мушу бохаву оҳу бо ҳам паймони ёрӣ доштанд. Сайёде оҳуро ба банд кашид, муш банди пойи оҳуро бо дандон бурид ва ӯро раҳонид. Чун сайёд расид, кабутар ва зоғ париданд ва мушу оҳу гурехтанд, вале боха ба дом афтод ва сайёд ӯро ба тубра афканд ва бурд. Ин бор оҳу ҷилваи сайд падидор шуд ва лангон-лангон рафт ва зоғ бар пушти оҳу нишаст, чунонки оҳу мурданӣ аст ва зоғ қасди оҳу дорад. Сайёд тубра афканд ва ба сӯйи оҳу рафт, муш бандҳои тубраро ҷӯйид ва бохаро раҳонид, сайёд ноумед аз шикори оҳу бозгашт ва тубраро холӣ ёфт, тарсид ва бо худ гуфт, ки ин ҷо сарзамини париён ва ҷодувон аст ва зуд аз он ҷо рафт. Дар ин рӯйкард гоҳе инсон ба далели надидани ҳақиқат ва равобити байни умури мутааддид умури бадеҳиро сеҳру ҷоду меангорад.

4. Харгӯше ба номи Пирӯз (С.204-205) барои дафъи ҳамлаи пилон ба маргзорони харгӯшон дар шабе, ки моҳи тамом буд, назди малики пилон рафт ва худро фиристодаи чашмаи Қамар муаррифӣ кард ва аз малики пилон хост, то худ ба чашма равад ва Қамарро бубинад. Малики пилон роҳсипор шуд ва аз дидани инъикоси бадри моҳ дар чашма ҳаросид пас аз он маргзор рафт ва ба дигар пилон низ иҷозаи бозгашт надод.

Дар ин ҳикоят мавҷуди заиф бо эҷоди боварии хурофотӣ худро дар канафи ҳимояти мавҷуди мавҳумӣ муаррифӣ мекунад.

5. Зоҳиде гӯсфанде барои қурбонӣ харида буд ва мебурд. Дар роҳ дуздон хостанд гӯсфанди ӯро бирабоянд. Пас, атрофи ӯро гирифтанд ва яке аз эшон гуфт, ки ин саг аст. Дигаре гуфт: -Ope! Зоҳид ба шикор меравад ва саг бо худ мебарад ва ба ҳамин тартиб дуздон идома доданд, то шак дар дили зоҳид роҳ ёфт ва пиндошт, ки фурӯшандаи гӯсфанд ҷодугар буда ва бо чашмбандӣ ӯро фиреб ва ба ҷойи гӯсфанд ба ӯ саг додааст. Пас, гӯсфандро раҳо кард ва рафт.

Дар ривояти «Зоҳид ва тарроҳон» (С.211) ду мавқеияти тозае матраҳ мешавад: Нахуст, ин ки такрори як иддао тавассути чанд кас ба боварии умум табдил мешавад ва дигар, он ки такяи ривоят бар зоҳид будани шахси фиребхӯрда аст: фиреб хӯрдани ҳамвора авомуннос, маст, дузд ва ғайра нестанд. Ҳатто, зоҳидон низ дар маърази шак ва қабули бовари хурофотӣ қарор доранд.

Хулоса, дар таърифи имрӯза ва сохторшикан аз равоншиносӣ чунин мехонем, ки «Равоншиносӣ иборат аз кашфи дурӯғҳое аст, ки ба худ мегӯем ва ҳамчунин, таъйини ҳад ва марзи ростҳост». Дар ин таъриф инсон мавҷуде аст, ки нахуст бояд худро фатҳ кунад. Дар натиҷа, садоқат бо худ пояи равоншиносии имрӯз аст. Ин таърифи равоншиносиро бо худшиносӣ пайванд месозанд (Муҳаммадпур, 1388.- С.30).

Он чи дар пеш омад, талоше дар намоиши завоёе аз китоби «Калила ва Димна» аст, ки дар онҳо ба марзҳои бехирадии башар дар пазириши хурофот ва низ ангезаҳои созандагони ин гуна боварҳо ишора шудааст. Дур шудан аз хирад ба пазириши афсун ва хурофот меанҷомад ва ин ҳар ду ба фасоди имон мерасад. Ҳамчунин, бо ёдкарди дубора аз боби Барзуя ба ёд меоварем, ки Барзуя аз мазоҳиб дилсард шуда буд ва роҳи раҳоиро дар имон меҷуст ва дар ҷустуҷӯйи ин ҳадаф ба Ҳинд ва ба дунболи рози ҷовидонагии башар рафт. Раҳоварди ин сафар «Калила ва Димна» буд. Ҳосили хониши «Калила ва Димна» барои нигоранда ёфтани даҳ ривоят аз даҳ таҷриба ва ё мавқеияте аст, ки эҷод ва пазириши хурофот ва афсун меанҷомад. Ин даҳ мавқеият аз манзари даҳ мавқеияте аст, ки муҷиби табоҳии хирад мешавад ва аз манзари дигар даҳ гузаргоҳе аст, ки дар он равони башар роҳ гум мекунад ва низ даҳ бознигоҳе аст, ки дурӯғ бар ҳақиқат чира мешавад ва фарди бехирад дар ин гирифторӣ муқассир аст.

Рисолати «Калила ва Димна» дар намуди роҳи росте ба башар он аст, ки бо намудани ангезаҳое, ки муҷиби пайдоиши ин мавқеиятҳо мешавад, зеҳни инсони хирадмандро ба жарфнигарӣ дар боварҳо ва шунидаҳои худ фарохнамояд. Ангезаҳои эҷоди хурофот бар асоси ҳикоятҳои «Калила ва Димна» иборатанд аз: судҷӯйии молӣ, иддаои қадосат, эҷоди тарс дар дили дигарон, эҷоди эҳтиром, эҷоди халал дар

имон, қалби эътиқод, дарюзагӣ, эҷоди нифоқ ва дафъи шар, таҳмиқ ва ришханди дигарон ва интиқоми киначӯйӣ.

АДАБИЁТ

1. Аҳмад Ҳанбал. Маснад/ Аҳмад Ҳанбал.- Берут: Дорулафкор, 1955.
2. Испенсор Р. Равоншиносии умумӣ. Тарҷумаи Ҳамзаи Ганҷӣ/ Р.Испенсор.- Теҳрон, 1382.
3. Балво Франсоду. Барзуи табиб ва маншаи «Калила ва Димна»/ Тарҷумаи Содиқ Саҷҷодӣ / Франсоду Балво. - Теҳрон, 1382.
4. Баҳор Муҳаммадтақӣ. Сабкшиносӣ/ Баҳор Муҳаммадтақӣ.- Теҳрон, 1337.
5. Саолабӣ Бӯмансур.Ғурур-ул-ахбори мулуки фурс ва сайри ҳам/ Ба кӯшиши Зутонберг.- Порис, 1900.
6. Дейсун Ҷ. Осебшиносии равонӣ/ Тарҷумаи Муҳаммадӣ Деҳистонӣ/ Ҷ Дейсун. - Теҳрон, 1383.
7. Саҷҷоддии Содиқ. Барзуя. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ/ Бо кӯшиши Козими Мӯсавии Бачунурдӣ/ Содиқ Саҷҷоддии. - Теҳрон, 1381.
8. Абдуллоҳ бинни Муқаффаъ. Муқаддима бар «Калила ва Димна»/ Ба кӯшиши Муҷтабо Майнавӣ / Абдуллоҳ бинни Муқаффаъ. - Теҳрон, 1367.
9. Фирдавсӣ Абулқосим. Шоҳнома (матни интиқодӣ) / Абулқосим Фирдавсӣ. - Москва,1960.
10. Кароматӣ Юнус. Таҳқиқи Мол-ул-ҳинд. Доират-ул-маорифи бузурги исломӣ / Юнус Кароматӣ - Теҳрон, 1386.
11. Муҳаммадпур Аҳмадризо. Равони дармонӣ чист?/ Муҳаммадпур Аҳмадризо.- Теҳрон, 1388.
12. Насруллоҳи Муншӣ Абулмаолӣ. Калила ва Димна/ Ба кӯшиши Муҷтабоҳ Майнавӣ / Насруллоҳи Муншӣ - Теҳрон, 1367.
13. Malinowski, Bronislaw, 2002, Magic, Science and Religion, and other essays, London, Souenir Press.

«КАЛИЛА И ДИМНА» - КНИГА ИЗЛЕЧЕНИЯ ДУШИ ОТ СУЕВЕРИЙ

«Калила и Димна» — знаменитый арабский сборник поучительных рассказов, приписываемый Ибн-аль-Мокаффа. В различные эпохи читатели находили в «Калиле и Димне» то, что было интересно для всех сословий и постигали мудрость, Книга оказалась поистине огромной сокровищницей сюжетов, неисчерпаемым кладезем. В данной статье автор рассматривает положительные стороны изучения данной книги, как книги излечения души от суеверий времени.

Ключевые слова: «Калила и Димна», сюжетная основа, скрытый смысл забавных басен и сказок, суеверия, самолюбие.

"KALILA AND DIMNA" THE BOOK OF HEALING THE SOUL OF SUPERSTITION

"Kalila and Dimna" - the famous Arabic compendium of insightful stories, attributed to Ibn al-Mukaffa. At various times by readers found in the "Kalila and Dimna" what was interesting for all classes: scientists penetrated into the hidden meaning funny fables and fairy tales, learning wisdom, the Book turned out to be a truly great treasure stories, inexhaustible storehouse. In this article the author examines the positive aspects of studying this book, as the book of healing of the soul from the superstitions of the time.

Key words: "Kalila and Dimna", the plot, the hidden meaning funny fables and fairy tales, superstition, pride.

Сведения об авторе: ***Марям Маджиди*** – преподаватель персидского языка и литературы Свободного исламского университета города Тегеран, Иран

КАЛИМУЛЛОҲ АЗ НАЗАРИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

Мармар Носирипур

Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

«Маснавии мънавӣ» асари Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ, маъруф ба Мавлавӣ мутазаммини амиқтарин мабоҳиси худошиносӣ, ҳастишиносӣ, инсоншиносӣ, мафоҳими иҷтимоӣ ва ахлоқ, масоили фиқҳӣ, мавзӯоти мухталифи каломию фалсафӣ ва низ шомили мабоҳиси ҷадиде, аз қабили фалсафаи ахлоқӣ, фалсафаи дин ва фалсафаи забон аст. Дар ин китоб матолибу достонҳо зоҳиран беназм ба назар мерасад, дар ҳоле ки ин асари маънавӣ аз як навъи назми дарунӣ бархурдор аст, ки фаҳми он ниёзманди як навъи ҳамдилӣ ва ҳамзабонӣ аст. «Маснавӣ», ки ҳосили ҷамъи таҷоруби орифона ва сӯфиёна дар суннати исломӣ аст, дар ҳақиқат, як навъи сафарномаи маънавӣ ва таҷрибаи шахсӣ аст, ки ин таҷриба дар зимни як ришта аз таолиму мафоҳими ирфонӣ ба тасвир кашидааст ва ақлу ишқ аз ҷумлаи он мафоҳиме ҳастанд, ки Мавлоно дар «Маснавӣ» ба онҳо пардохтааст [1].

Аз дер боз Қуръон ва таобири қуръонӣ ба унвони муҳимтарин ахбори интиқоли достонҳои паёмбарон дар назди шуаро арзиш ва эътибори вижае дорад, ҳарчанд ки ҳадафи шуаро ва нависандагон ҷиҳати кайфияти баҳраварӣ аз ин достонҳо, ба ҳеҷ рӯй яксон набудаанд. Ба манзури табайини мизони таъсирпазирии Мавлоно аз достони паёмбарон ва ҳазрати Мӯсо дар ибтидо беҳтар аст, то мизони иртиботи вай бо Қуръон ва таъсири ваҳии илоҳӣ дар осори ӯ иттилое ҳосил намоем.

Мавлавӣ ба далели унси мудовим бо Қуръон аз шахсиятҳо ва достонҳои қуръонӣ бисёр баҳра бурдааст. Ҳамчунон ки медонем, иштиғол ба вазъу тазкир дар хонадони Мавлоно собиқае бас тӯлонӣ дорад. «Ба илова, чунон ки пайдост, расми тиловати Қуръон ба василаи қориёни ҳозир дар пои минбар ва зарурати иҳота ва изъон бар маонии қуръонӣ, ки қориён дар ҳузури онҳо мехонанд ва ҳамчунин лузуми иттилои онҳо бар оёти аҳком ва ҳикоёти анбиё, ки аъёнан ҳозирони маҷлиси вазъ аз онҳо мепурсиданд, табъан ҳифзи Қуръон ва иҳота бар маъно ва алфози онро дар он айём бар воизони бузурги аср илзом мекардааст» [2]. Бинобар ин, метавон натиҷа гирифт, ки Мавлоно илова бар далоили хоси худ як далели дигар низ барои фарогирии Қуръон ва достонҳои он доштааст ва он зарурати ҳирфаие буд, ки ӯ дар пеш гирифта буд.

Албатта, мабоҳисе, ки ҳини тадрис пеш меомад, низ худ ҳар муаллимеро мулзам мекард, то бо ғаври комил дар Қуръон бар он тасаллут дошта бошад. Аз сӯйи дигар, навъи тартиби Мавлоно ба гунае буд, ки омӯхтани Қуръон барои вай илзомӣ буд, тамоми касоне, ки ӯро тарбият карда буданд, ҳама аҳли Қуръон буданд. Баҳо валади Бурҳонуддин, Муҳаққиқи Тирмизӣ ва ҳатто, Шамс дар ин китоби осмонӣ, он гуна ки аз осори онон пайдост, бисёр тавағғул (бисёр муболиға) намуда буданд ва албатта, аз ҳамаи ин далоил муҳимтар шахсияти худи Мавлоно аст.

Бо ин муқаддимот, ки дар бораи ошноии Мавлоно бо Қуръон баён шуд, ба роҳатӣ метавон аз наҳваи таъсирпазирии ӯ аз достони паёмбарон ва ҳазрати Мӯсо сухан гуфт, тақрибан метавон иддао кард, ҳар он чи ки сабаби дилбастагии Мавлоно ба Қуръон гардид, сабаби рӯй овардани ӯ ба достони паёмбарон низ гаштааст, чаро ки аз як назар Қуръон муътабартарин ва мутанавътарин манбае аст, ки ҳар мусалмон бар он фарогири достони паёмбаронро дар ихтиёр дорад. Албатта, вуҷуди достони поёмбарон ва ҳазрати Мӯсо дар Қуръон қатъан, яке аз маҳакҳои Мавлоно барои рӯй овардани ӯ ба ин китоби осмонӣ будааст.Бо таваҷҷуҳ ба ин маворид аст, ки мебинем аз ҳайси танаввӯъ ва густурдагии достони анбиё «Маснавӣ» ва «Куллиёти Шамс» дар адаби порсӣ беназир мебошанд. Ин достонҳо дар осори ӯ ҷилвагар шуданд ва Мавлоно бархе аз онҳоро мутобиқ бо машраб ва тариқати худ тафсир намуд.

Муҳимтарин ҳадафи Мавлоно аз тарҳи достони паёмбарон ва хусусан, ҳазрати Мӯсо дар «Маснавӣ» табайини афкори ирфонӣ ва аҳволи рӯҳонии хеш аст. Дар «Куллиёти Шамс», ҳамчунон ки мутазаккир шудем, чун Мавлоно бидуни ҳадафи қаблӣ ба сароиши ин ашъор ҳиммат меварзид. Ҳарчи табйини афкори ирфониро аз пеш мадди назар надорад, аммо ба далели рӯҳи ирфонии ҳоким бар ӯ дар он ҷо низ афкори ирфонӣ ҳарфи аввалро мезанад.

Аз дигар сӯй Мавлоно аз баёни достони паёмбарон, пайванд задан миёни ҳақиқат ва шариатро мадди назар дорад ва «чун дар таолими Мавлоно Ҷалолуддин ҳақиқат аз шариат ҷудоӣ надорад ва тариқат ва ҳақиқатро бехтар метавон дарк кард ва бо тааммул дар ин сирри ин навъ қиссаҳо аст, ки метавон ба латоифи асрори «Маснавӣ» роҳ ёфт ва «Маснавӣ»-ро нардбони осмон ва василаи уруҷ ба офоқи ирфонӣ талаққӣ кард.

Аҳволи анбиё ва авлиё, ки қисмати умдаи қиссаҳои «Маснавӣ» мутазаммини латоифи он аст, тариқат ва шариатро дар «Маснавӣ» ба ҳам талфиқ мекунад ва талфиқи онҳоро василае барои саъй дар найл ба ҳақиқат месозад»[3].

«Намудгори пиндори достони анбиё» аз нигоҳи Мавлоно нуктаи муҳимме аст, ки дар ашъори ӯ мукаррар бад-он ишора шудааст. Ба назари вай достони паёмбарон ҳодисае таърихӣ ва тамомшуда нест. Ин ҳаводис дар ҳар замоне метавонад дар вуҷуди ҳар кас такрор шавад»[4]. Ӯ агар аз достони Мӯсо сухан мегӯяд, ҳадафи ӯ фақат такрори ин ҳикояти таърихӣ нест. Мӯсо ва Фиръавн дар вуҷуди ҳар як аз инсонҳо метавонад мутаҷаллӣ шавад. Ҳамаи инсонҳо ин қобилиятро доранд, ки ба Мӯсо ё Фиръавн табдил шаванд, то қиёмат низ ҳам аз Мӯсо «натоиҷ» вуҷуд дорад, ҳам аз Фиръавн.

Мӯсо аз нуре сарчашма гирифтааст, ки баъдҳо соири анбиё ва авлиё низ аз ҳамон нур сарчашма мегиранд. Пас, нури мавҷуд дар онҳо нурӣ комилан воҳид аст ва танҳо дар абдони (хонадон) дигар, ки ба манзилаи чароғ ва фатилаи дигаре барои он нури воҳид ҳастанд, ҷилвагар мешавад:

Зикри Мӯсо банди хотирҳо шудаст,
К-ин ҳикоятҳост, ки пешин будаст.
Зикри Мӯсо баҳраварпӯш аст, лек
Нури Мӯсо нақди туст, эй марди нек.
Мӯсову Фиръавн дар ҳастии туст,
Бояд ин ду хасмро дар хеш ҷуст.

То қиёмат ҳаст аз Мӯсо наточ,
Нури дигар нест, дигар шуд сироҷ.
(Мавлавӣ, Маснавӣ, дафтари 3, с.71)

Мавлавии Мӯсо унс ва мубосатати (кушодарӯии) аҷиб дорад. Ӯ, зимни он ки дар ҷой-ҷойи осораш аз достони вай баҳра мебарад, дар мавоқеи лозим зимни баёни достони зиндагии ӯ ба баёни мақосиди худ мепардозад. Мавлоно батафсил ба достони зиндагии Мӯсо пардохта ва дар мавоқеи лузум ба таъвили бархе аз ҷанбаҳои он низ ишора кардааст. Симои Мӯсо дар осори Мавлоно ба монанди яди байзои ӯ комилан дурахшон аст. Ӯ шахсияте аст, ки ҳам дар шариат таҷриба дорад ва ҳам малоки кашидаи тариқат аст.

Таваҷҷуҳи махсуси Мавлоно ба шахсияти Мӯсо ва достони ӯ шояд далоили зиёде дошта бошад. Дар миёни анбиё достони зиндагии Мӯсо аз бархе ҷиҳот бесобиқа аст, ки дар зайл бархе аз онҳоро бар мешуморем.

1. Мӯсо аз ҷумлаи анбиёҳо ва соҳиби китоб мебошад ва дар миёни пайравони ҳамаи адёни осмонӣ аз ваҷҳа (таваҷҷуҳ) ва эҳтироми хосе бархурдор аст.

2. Баҳрамандии ӯ аз муъҷизоти касир ӯро ба шахсияти бебадал бадал намудааст.

3. Ҳаводиси зиндагии ӯ қабл аз таваллуд то ҳангоми марг аз ҳайси басомад ва танаввуъ бисёр қобили таваҷҷуҳ аст.

4. Шахсиятҳое, ки дар достони зиндагиаш нақш доранд, илова бар ин ки аз теъдоди қобили таваҷҷуҳе бархурдоранд, аз ҳайси хусусиёт низ барҷастаанд. Қоруни намоди зарандӯзон аст ва Фиръавн сумбули зӯргӯён аст ва мустабиддин. Осия таҷаллии фарде аст, ки дар миёни зулмат ба сӯйи нур гароиш меёбад. Ҳорун дар фарҳанги исломӣ намоде аз ихлос ва садоқат дар хидмат ба бародар аст. Сомро намоди он табақа аз афроде аст, ки зимни баҳра бурдан аз хадъа (макру фиреб) бар содадилон чира мешуданд, ҳамчунон ки намоди зарпарастон низ ҳаст. Ҳамон ки вазорати Фиръавнро ба уҳда дорад, намоде аз наздикон ва ақрабои хоин ва дар айни ҳол чоплус аст[5].

Балъам Боиро, ки аз зуҳҳоди (зоҳидони) аср аст, мазҳари он табақа аз инсонҳое аст, алорағми зуҳди бисёр, ба хотири такаббур ва гарданкашӣ бо авлиёи Худо оқибат ба хайр намегарданд. Хизр, ки дар як қисмат аз зиндагии Мӯсо зуҳур мекунад, валии Худо ва олим ба умури ғайб аст ва саранҷом, ин ки Ювашшаъ, ки дар Таврот аз ӯ бештар сухан рафтааст, намоде аз наздикони холис ва содиқ мебошад.

Вуҷуди ин шахсиятҳо ба ҳамроҳи шахсияти истисноӣ бо вижагиҳои хоси худ барои ҳар соҳибзавқе кофӣ аст, то матлуби хешро барои баёни ниёти худ аз миёни онҳо интихоб намояд.

5.Ашёе, ки дар достони ҳазрати Мӯсо ифои нақш мекунанд, назири асо, дарё, сахра ва ғайра аз ҳайси навъ, нақш ва хосияти комилан қобилияти таъвилпазирӣ ва баҳраварӣ барои баёни мақсудро доро мебошанд.

6.Қавми бани Исроил низ дар навъ худ қавме ҷолиби таваҷҷуҳ будаанд. Онон алорағми раҳоӣ аз зулму ситами Фиръавн ҳамвора намунаи беназир дар миёни ақвом аз ҳайси шикоят ва баҳонагирӣ буданд.

7.Соҳиби «Кашшоф ул-асрор» ҳамвора бар ишқи Мӯсо таъкиди бисёр меварзад. Ҳатто, далели таваҷҷуҳи касири Қуръон ба Мӯсоро ҳамин ошиқ будан медонад: «Мӯсо ошиқи тезрав буд ва роздори муқарраб. Аз ин ҷост, ки рабулиззат дар Қуръон зикри вай бисёр кард… ва гуфтаанд такрори қиссаи Мӯсо ва зикри фаровон дар Қуръон далел аст бар тафҳим ва таъзими кори ӯ ва бузургдошти қадри ӯ»[6].

Пас, Мавлоно, ки худ ошиқи беназир аст, агар аз достони Мӯсо бисёр бигӯяд, аҷиб намебошад. Албатта, ба назари бархе аз муҳаққиқин далели таваҷҷуҳи касири Қуръон ба достони Мӯсо, истикоки (ба ҳам бархурдани ду чиз) бештари муслимин бо яҳуд ва инони лаҷобати (ситезаҷӯйӣ) яҳуд дар муқобили Қуръон будааст [7].

8. Ҳазрати Мӯсо бинобар қавли худи Мавлоно паёмбаре буд, ки Худованд ӯро ба халқ низ машғул намуд. Ӯ бар хилофи паёмбаре чун ҳазрати Исо, ки даруни гаҳвора эълони расолат намуд, бо мардум зист, бо онҳо таомул намуд ва ниҳоятан, пас аз чиҳил сол зиндагӣ ба нубувват баргузида шуд. Мавлоно дар «Фиҳи мо фиҳӣ» мегӯяд: «Мустафо (с) барои он ки ангуштариро дар ангушти худ бигардонид, хитоб омад, ки туро барои таътил ва бозӣ наофаридам, аз ин ҷо қиёс кун, ки рӯзи ту дар маъсияти Ҳақ бувад ё дар тоат. Мӯсо ба халқ машғул кард, агарчи ба амри Ҳақ буд ва ҳама ба Ҳақ машғул буд, аммо тарфишро ба халқ машғул кард ҷиҳати маслиҳат ва Хизрро куллӣ машғули худ кард …»[8].

Хусусиёте, ки дар боло барои достони Мӯсо баршумурдем, тақрибан камобеш барои бисёре аз шуарро ва нависандагон низ дархӯри таваҷҷуҳ аст. Аммо дар достони Мӯсо воқеае рух додааст, ки мебоист барои Мавлоно бисёр қобили таваҷҷуҳ

буда бошад ва он бархӯрди Мӯсо ва Хизр бо якдигар аст. Дар ин бархӯрд Мӯсо намояндаи аҳли шариат аст, ки бо Хизр дар ирфони мо рамз ва намоди авлиё ва пирони аҳли тариқат, бархӯрд мекунад ва Мӯсо худро дар ихтиёри ӯ қарор медиҳад.

Тақрибан назири чунин бархӯрде бо лиҳози хусусиёти афрод дар зиндагии Мавлоно рух медиҳад ва он бархӯрди Мавлоно бо Шамси Табрезӣ аст. Мавлоно, ки то қабл аз бархӯрд бо Шамс талоши хешро мутаваҷҷеҳи ғавр дар шариат намуда буд, бархӯрд бо пири замони худ, яъне Шамс, валиаҳди хеш аст, ӯро мутаваҷҷеҳи иштибоҳоти хеш менамояд.

Бо ҳадси зеҳни беназире, ки аз Мавлоно суроғ дорем, вай наметавонад бидуни диққати назар ва муқоиса миёни худ ва Шамс аз сӯе ва Мӯсо ва Хизр аз дигар сӯй ба роҳатӣ аз ин ҳодиса бигзарад. Шояд, ин далел ба унвони як далели бисёр муҳим дар нигоҳи Мавлоно ба достони Мӯсо муассир буда бошад. Султон Валад низ зимни нақли достони Мӯсо ва Хизр робитаи Мавлоно бо Шамсро ҳамон робитаи Мусо бо Хизр медонад ва дар «Маснавии валаднома» чунин мегӯяд:

Ғаразам аз Калими Мавлоност,
Он ки ӯ беназиру беҳамтост.
Он ки чун ӯ набуд кас ба ҷаҳон,
Он ки буд аз ҷаҳон ҳамеша ҷаҳон.
Хизраш буд Шамси Табрезӣ,
Он ки бо ӯ агар даромезӣ [9].

Доктор Зарринкӯб дар «Баҳр дар кӯза» дар бораи ҳамроҳии Мӯсо бо Хизр мегуяд: «Шавқ ва алоқае, ки Мӯсо дар ривояти «Маснавӣ» барои найл ба ин суҳбат изҳор мекунад, нишони он аст, ки дар вуҷуди ин валии мастур чизе мисли ҳамнишине бо Худоро меҷӯяд. Ин шавқ ва алоқаи Мӯсо ба суҳбати Хизр дар айни ҳол, рамзе аз ҳамон шӯру шавқеро, ки худи Мавлоно дар ҷустуҷӯйи комили Шамси Табрезӣ мунаъкис мекунад ва Мӯсо низ, ки бо вуҷуди истиғроқ дар шариат ба ҷустуҷӯйи «маҷмаъ -ул-баҳрайн» меравад ва ин талфқ гоҳо рамзи байни шариат ва тариқатро мақсади хеш нишон медиҳад»[10].

Таҷаллӣ ба маънии ошкор шудан ва равшану ошкор кардан ва ҷилва кардан киноя аз ғалаба кардани нури илоҳӣ, ки Мӯсоро бар Тур зоҳир шуда буд ва Мӯсо аз он беҳуш шуд, пас, таҷаллӣ ба лафз доштан ва шикастану таровидан ва дамидану кардан мустаъмал дар Қуръони карим, Мӯсо пас аз нузули алвоҳ (лавҳаҳо)-и Таврот ба миқот (вақт, ҳангом) омад ва парвардигораш бо ӯ сухан гуфт. Мӯсо гуфт: «Худоё, хештан бо ман намой, то ба ту бингарам». Худой гуфт: «Ҳаргиз маро набинӣ, аммо бад-он кӯҳ бингар, агар бар ҷойи худ қарор гирифт, маро ҳоҳӣ дид…» Чун парвардгораш бар кӯҳ таҷаллӣ кард, онро пора пора гардонид, Мӯсо ба рӯй дарафтод ва аз ҳуш рафт.

Гоҳе таҷаллиро киноя аз ғалабаи илоҳӣ донистаанд. Дар адабиёти форсӣ масъалаи таҷаллии Худованд бар Мӯсо ба таври васеъ ва бо таъбирҳо «аринӣ ва лан таронӣ», ки ҳар се баргирифта аз оёт аст, инъикос ёфтааст. Дар адабиёти ирфонӣ таҷаллӣ, ки падидор шудани ҳақиқат аст, ба се қисм омада: аввал, таҷаллии зотӣ, ки он мушоҳида аст ва дувум, таҷаллии сифот, ки он мукошифа аст ва савум таҷаллии афъол, ки он муҳозира аст. Дар «Маснавӣ» таҷаллӣ ба маънии намудор шудан ва ошкор шудан омадааст.

Ин маъсият бо ҳақ асту ҷабр нест,
Ин таҷаллӣ меҳр аст, ин абр нест.

Достони зиндагии Мӯсо аз аввали таваллуд то вафоти он ҷаноб ба зебоӣ ва дар қолаби абёте муҷмал ба қалами Мавлоно нигошта шудааст ва ба назар мерасад, ки дар аксари бахшҳои зиндагии Мӯсоро Мавлоно аз абёт ва ривоёти улгӯ гирифта ва абёти зебо ва расои худро дар васф ва шарҳи аҳволи Мӯсо, қавм ва душманонаш ба қалами таҳрир даровардааст. Кайфияти абёт ва мазмунҳои пешниҳодшуда дар «Маснавии маънавӣ» боло ва ҷозиб аст, ки хонандаро роғиб ба пайгирӣ ва тааммуқ дар достонҳои ишорашуда менамояд.

Интиқоде, ки метавон ба сабки нигориши «Маснавии манавӣ» дар иртибот бо зиндагии Калимуллоҳ гирифт, адами инъикоси ҷомеи куллияи достонҳои ишорашуда ва иттифоқоти ҷузъии рухдода дар масири зиндагии эшон аст, ки ба наҳви бисёр фасеҳе дар Қуръон, аҳодис, ривоёт ва «Таърихи Табарӣ» зикр шудааст.

Интиқоди дигаре, ки метавон бар сабки нигориши Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» гирифт, парокандагӯйӣ ва адами инсиҷом дар ашъори ироашуда муртабит ба зиндагии Мӯсо ва соири достонҳои зикршуда дар он аст, ки ҳикоят аз зеҳни халлоқ ва бадеҳагӯйии ин бузургмарди ориф дорад. Бо ин ҳол ташбеҳоти бисёр зебои Мавлоно дар робита бо мароҳил ва иттифоқоти зиндагии Мӯсо ба зиндагии орифону

сӯфиён ва иттифоқи ин ҷумалоти қисор (кӯтоҳ) ба зоти илоҳӣ ва зиндагии ормонии башарият, пӯшишдиҳандаи ҳамаи гуфтаҳои болост.

Мавлавӣ дар нақли достонҳо аз шахсиятҳои қуръонӣ ва анбиё бисёр баҳра бурдааст, ҳамон гуна ки дар Қуръони карим саргузашти ҳазрати Мӯсо яке аз корбурдтарин шахсиятҳост. Қасди вай аз баёни тамсил ва қисса достонпардозӣ ва саргармӣ нест, балки навъи истидлоли тамсилӣ барои табйини андешаҳо ва мафоҳими ирфонии худ аст, ки худ аксаран ба сирри қисса раҳнамоӣ мекунад. Сайри калом ва иқтизои матлаб аст, ки ӯ ба ҳодисае ишора мекунад ва гоҳе як калима достонеро ба зеҳни ӯ тадоӣ мекунад (аз як маънӣ ба маънии дигар мебарад).

Аз ҳамин рӯст, ки мебинем дар достонҳои Мӯсо дар «Маснавӣ» бо асли он тафовутҳое вуҷуд дорад, дар онҳо дахлу тасарруф мекунад, гуфтугӯҳоро густариш медиҳад ва ё ин ки аз ривоят ва ҳадисе ҳикояте барои Мӯсо месозад, ки гоҳе натиҷае, ки дар асл гирифта шудааст, мутобиқ бо хости худ тағйир медиҳад. Қиссаҳои Мӯсо дар «Маснавӣ» ағлаб, шомили одоби тариқат ва сулук аст ва аз он ҷое ки вай паёмбари Худост, Мавлавӣ аз вай симои орифе восил ва шариатмадор тарсим мекунад.

А Д А Б И Ё Т

1. Ориё Ғуломалӣ, Қозӣ Таботабоӣ Зайнаб. Баррасии ақлӣ ва ишқ дар «Маснавии Маънавӣ». Фаслномаи илоҳиёт, №5, 1387/2008.-С.5-16
2. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Сирри най/ Абдулҳусайн Зарринкӯб. -Теҳрон: Интишороти илмӣ, 1364. -С. 3413.
3. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Баҳр дар кӯза / Абдулҳусайн Зарринкӯб.- Теҳрон: Интишороти илмӣ,1368.-С. 13-14.
4. Замонӣ Карим. Шарҳи комили «Фиҳи мо Фиҳӣ» Карим Замонӣ.- Теҳрон: Интишороти Муайян,1391/2010. -С.66.
5. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Баҳр дар кӯза / Абдулҳусайн Зарринкӯб.- Теҳрон: Интишороти илмӣ,1368,-С. 62.
6. Мавлавӣ Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ. Маснавӣ Маънавӣ / Мавлавӣ Ҷалолуддин Муҳаммади Балхӣ; тасҳеҳи Реналд Николсон, муқаддимаи Бадеузzамон Фурӯзонфар. -Теҳрон, 1378/ 1999, -С.351-352.
7. Майбадӣ Абулфазл Рашидуддин. Кашф-ул-асрор ва уддат-ул-асрор ва иддат-ул-аброр / Майбадӣ Абулфазл Рашидуддин. -Теҳрон, Интишороти Амири Кабир, 1376/1997. -Ҷ.7.-С.285-286.
8. Қурайши Банобӣ Алиакбар. Қомуси Қуръон / Қурайши Банобӣ Алиакбар. -Теҳрон, Дор-ал-кутуби исломия.1371/1992. -С.304.
9. Султон Валад Муҳаммад ибни Муҳаммад. Маснавии Валадӣ, муқаддимаи Фаршед Иқбол / Султон Валад Муҳаммад ибни Муҳаммад. -Теҳрон, 1388.-С. 41-42.
10. Пур Номдорён Тақӣ. Достони паёмбарон дар «Кулиёти Шамс» / Пур Номдорён Тақӣ. Муассисаи мутолиот ва таҳқиқоти фарҳангӣ, 1369/1990. -С. 97.

«СОБЕСЕДНИК БОЖИЙ» С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ «МАСНАВИ-МАЪНАВИ»

Статья посвящена полному описанию бессмертного произведения Маулана Джалалуддина Мохаммада Балхи под названием «Маснави маънави». Далее в книге упоминается история пророков, особенно Моисея, литературные и мистические точки зрения Маулана о жизни Моисея, выводы об отношении Маснави к истории Моисея.

Ключевые слова: Руми, Моисей Собеседник божий, Маснави-е Манави.

KALLIMOLLAH FROM MASNAVI MA'NAVI PERSPECTIVE

This article, first, explains generally about Masterpiece of Molana Jalaleddin Mohammad-e Balkhi namely "Masnavi Ma'navi". Next, it mentions prophets' stories, especially Moses Kallimollah. Perspectives of literature and theosophy scientists about Moses (PBUH) life are stated and it terminates by a conclusion in regard to Masnavi Ma'navi's view to Moses life.

Key words: Molana, Moses Kalimollah, Masnavi Ma'navi.

Сведения об авторе: ***Мармар Носирипур*** – аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ. Телефон: **917-33-22-11**

СУННАТИ ТАБИАТГАРОИИ ШЕЪРИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР АШЪОРИ ШУҒНИЗАБОН

Л. Давлатбеков
Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи М.Назаршоев

Хотирнишон бояд сохт, ки дар аввалин намунаҳои ашъори таълифии шуғнонизабон, махсусан ашъори Шанбезода гузориши масъала ва ҳалли он, тарзи тасвир, баёни матлаб, корбурди воситаҳои шоирона, тасвири ҷузъёти фаслҳои сол ва амсоли инҳо дар заминаи фаъолиятҳои тасвиркории устодони сухани классикиамон

буда, ин ашъор рангомезиҳои ҷолиби табиатро бо нерҁи забони шуғнонӣ пешкаши хонандагон намудааст. Яке аз нахустин шеърҳои Нодир Шанбезода, ки соли 1930 эҷод гардидаву ба мавзӯи мавриди назар бахшида шудааст, «Буор» («Баҳор») унвон дорад. Шеър ин аст:

То дедъд амал-ат жинич- та об сӯд,
Абрен-та буор даравъ ринэвъд кихт.
Гулхели башанд даравъ хъикифт сен,
Булбул въи хушенд даравъ ҷирэвъд кихът.
Ас парки дарахт-ат савзъайен пиц,
Ҕорӯн-та ғубор даравъ фирэвъд кихът.
Йат фасли буор дадъ ас ху савза,
Ар ҷо-ра ту въухъ даравъ пишеэвъд кихът.
Метъ бехъдэт хир-та ҷӯн дадъ анҷифт,
Дус-дус фука чиз-та дадъ ситевъд кихт.
Дэкӯн ху башанд заминакенард,
Тухмени башанд даравъ сиревд кихът.
Ар меть-та ху боғанд ар-арен хехъ,
Асйунда фукатъ рихъэвъд кихът.
Айвъӯн-дэ буоранд савзъагухът зохът,
Дадъ ҷалда ху доқ даравъ питэвъд кихът.
Фасленандэ въев азиздэ буор,
Йат фасли башанд-ат хушийат кор.

[Шанбезода, 1998, с. 21]

Шеъри фавқ аз 9 байт иборат буда, мазмуни он дар хусуси омадани амал – аввали баҳор ва об шудани барфҳову гиряи абрҳо, яъне боридани борон оғоз мешавад. Дар ин фасл гулҳо мешукуфанд ва булбулон бо алҳони хуши худ овоз мебароранд. Аз оғози баҳория аён аст, ки муаллиф тамоми ҷузъиёти фасли номбурдаро ба силки тасвир кашидааст ва ашёе марбут ба ин фасл аз мадди назари ӯ берун намондааст.

Чунин тарзи муносибати шоир дар тасвири паҳлӯҳои гуногуни фаслҳои сол таваҷҷуҳи муаллифи пешгуфтори маҷмӯаи «Гулғунча» (нашри дуюм, с. 1998) – Охониёзовро ҷалб намудааст ва ӯ навиштааст: «Агар дар мисраи якум сухан аз хусуси амал (моҳи аввали фасли баҳор) ва об шудани барф равад, мисраи дуюм мантиқан давоми он аст ва он аз хусуси боронгариҳои ин фасл, гиряи абрҳо баҳс мекунад. Ҳамин тариқа, на танҳо пайвастагии мисраъҳо, инчунин байтҳо низ хеле қавӣ ба назар мерасад» [Шанбезода, 1998, с.10].

Аз ҷумлаи иқтибосшудаи мураттиби маҷмӯа чунин андешае бармеояд, ки ашъори Шанбезода марҳалаи аввали инкишофи каломи ҳунариро дар ҳайтаи забони шуғнонӣ аз сар гузаронида, тадриҷан аз ҷиҳати ягонагии шаклу маъно қолаби хоси худро дар робита бо табиати ин забон ҷӯё буда, як андоза шеъри давраи аввали форсии тоҷикиро ба хотир меорад. Ин ҷо сухан аз байт ва созмони дохилии он меравад.

Бояд қайд намуд, ки шеъри шуғнонизабон аз лиҳози қонуниятҳои шаклӣ ва маънои дохилии байт бо шеъри форсии тоҷикӣ қобили қиёс нест, зеро забони он, яъне забони форсии тоҷикӣ даврони тӯлонии замониро аз сар гузаронидааст ва аз ҷиҳати фарогирии марзҳои фарҳангӣ низ бузург аст. Муроди мо қайд намудани он шабоҳатест, ки шеъри форсии тоҷикӣ ҳанӯз ҳазору чанд сол пеш марҳилаи нахустини устувор гаштани аркони худро аз сар гузаронид ва аз назари ин ҷониб падидаҳои он дар шеъри шуғнонизабон, бо вуҷуди он ки раванди оғозро аз сар мегузаронад, мушоҳида мешавад. Дар мавриди марҳилаи аввали сохтори шакливу маъноии байти шеъри форсии тоҷикӣ донишманди тоҷик Худоӣ Шарифов чунин навиштааст: «Шеъри форсии марҳилаи аввал – қарни IV ҳиҷрӣ (даҳи мелодӣ) майли вуқӯъгӯйӣ ва ҳақиқатнигорӣ дорад. Дар чунин шеър ҳаракати зеҳнӣ ва айнияти воқеии тасвир мутаносиб инкишоф меёбад ва вазифаи байт дар таҳрики нафсонӣ ва тасвири ҳунарӣ чун ҷузви маънӣ, дар навбати аввал мебошад ва камолоти ҳунарӣ дар ин ҷузъ зарурати такмили ниҳоии зиёд бар уҳда намегирад» [Шарифов, 2012, с. 17.]

Воқеан, чунин ба назар мерасад, ки абёти шеъри фавқи Шанбезода агарчи аз ҷиҳати сифату вижагиҳои ҳунарӣ ба сабабҳои айниву зеҳнӣ ба дараҷаи ашъори марҳилаи аввали шеъри форсии қарни Х расида натавонад ҳам, аз лиҳози ягонагии маъно, қолаби грамматикӣ ва зарбу оҳанг вижагии зикршударо соҳиб шудааст. Аз сохти устухонбандии шеър, робитаи мисраъҳо ва таносуби мустаҳками мантиқии калимаҳо, идомаи маънову мазмун аз як байт ба байти дигар ва дар равиши баён

мақсадеро ифода намудан возеҳ аст, ки тасвир ва тавзеҳи нозукиҳои ин айём бе таъсири нигориши ашъори классикони форсу тоҷик сурат напазируфтааст. Ин ҷо масъала равшан аст, ки шоир аз таҷоруби тайёр ва муназами қонуниятҳои инкишофи шаклию маъноии шеъри форсии тоҷикӣ дар робита бо завқ ва диди зебошинохтии мардум фоида бурда тавонистааст. Шоир аз нозукиҳои шеърҳои суннатии классикон огоҳии комил доштааст ва дар тасвири баҳор аз вожаҳое истифода бурдааст, ки онҳо дар баҳорияҳои суханварони гузаштагон роиҷ буданд

Дар ин шеър калимаҳои *амал, барф, абр, гиряи абр, шукуфтани гулҳо, нолаи булбул, барги дарахтон, борон, сабза, рӯзҳои офтобӣ, деҳқон, замин, тухм, боғ, шохи арарон, фасли кор* аз ҷумлаи калимаҳо ва ибораҳои калидии шеърҳои баҳорияи шоирони тоҷик маҳсуб мешаванд ва Шанбезода низ онҳоро тибқи қавонин ва талаботи тасвирҳои суннатӣ ҷо ба ҷо намудааст. Ҷадвали зерин нишонгари ашёҳои мансуб ба баҳория мебошад:

Нақшаи ашёҳои мансуб ба шеъри баҳория

Ҷузъиёти марбут ба осмон	Ҷузъиёти табиати фасли баҳор	Паррандагони фасли баҳор	Касбу кор дар ин фасл
Барф Абр Борон, Рӯзҳои офтобӣ	Шукуфтани гулҳо, барги дарахтон, сабза, замин, тухм, боғ, арарон	Булбул	Деҳқон

Дар шеъри шуғнонизабони Н. Шанбезода табиат фақат бо чашмандоз ба фасли баҳор маҳдуд намешавад, балки дар маърази тасвири аввалин шеърҳои ӯ фасли зимистон низ мавқеъ дорад. Масалан, шеъри «Зимистӯн» («Зимистон»), ки аз аввалин шеърҳои шуғнонизабони шоир маҳсуб шуда, соли 1930 таълиф гардидааст, аз зумраи чунин шеърҳо мебошад.

Мусаллам аст, ки тасвири зимистон дар ашъори шоирони асримиёнагии форсу тоҷик дар қиёс бо фасли баҳор он қадар мавқеъ надорад ва ба ин фасл дар адабиёти форсии тоҷикӣ муносибати манфӣ зоҳир мекунанд ва тасвирҳои ҷолиб дар ин мавзӯъ дар адабиёти форсии тоҷикӣ роиҷ нест. Аз ҷумла намояндагони сабки хуросонӣ, ки аслан, шоирони табиатгаро буданду бештар бо аносири табиат сару кор доштанд ва бунёди заминаи тасвирии онҳоро асосан, ҷузъиёти конкрети табиат ташкил мекард, ба фасли змистон он қадар таваҷҷуҳ надоштанд. Яке аз шоирони асри Х Абулҳасани Оғочӣ назар ба шоирони баъдина, ки дар аҳди Маҳмуд ва варосати ӯ зиндагӣ ва фаъолият мекарданд, тасвири нисбатан ҷозибаноктару шоиронатаре доир ба ин фасл ва ҷузъиёти онро дорад. Ӯ ба тавассути санъати ташбеҳ барфи боридаистодаро ба кабӯтарони раҳгумкардае, ки аз ҳайбати боз гурехтаанд, монанд кардааст:

Ба ҳаво дарнигар, ки лашкари барф,
Чун кунад андар он ҳаме парвоз.
Рост ҳамчун кабутарони сафед,
Раҳгумкардагон зи ҳайбати боз
[Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ, 126].

Дар осори шоирони дигари ин давра манзараи зимистон агарчи тасвири умумӣ дошта бошад ҳам, ба монанди шеъри боло ҷанбаи муассирӣ надоранд. Умуман, дар ашъори баъзе аз шоирон чунин эҳсос мешавад, ки аз омадани ин фасл розӣ нестанд. Роҷеъ ба назари Кисоии Марвазӣ ба фасли зимистон сухан ронда, муаллифи китоби «Ҳусни табиат дар шеъри сабки хуросонӣ» ду байти ин шоирро овардааст, ки дар яке аз абёти шоир табиати умумии зимистон рӯйи кор омадааст ва дар дигаре шоир умуман, аз омадани ин фасл хурсанд нест. «…шоир аз омадани ин фасл хушнуд нест ва афсӯс мехӯрад, ки мурдзораш туъмаи барфи зиёд (вағиш) шудааст: Ин ҷо тафаккури шоир аз боридани барф ба ҳолати рӯҳии ӯ амиқан пайванд гаштааст, зеро барф маҳз неъмату зебоии шахсии ӯро, ки ҳар рӯз медиду лаззат мебурд, фурӯ бурдааст:

Эй дареғо, ки мурдзори маро,
Ногаҳон боз хӯрд барфи вағиш»
[Мирзоҳасанов, 2010, с. 123].

Устод Рӯдакӣ дар шеъре фасли зимистонро бо баҳор қиёсан тасвир намудааст, вале аз унсурҳои ин фасл чизе наоварда, якбора сардии онро ба шеваи шоирона ва ба тариқи муҷаз ба дами гург ё паланг, ки мардум ба ҳар дуи ин ҳайвони дарранда муносибати манфӣ доранд, монанд кардааст:

Он саҳни чаман, ки аз дами дай
Гуфтӣ, дами гург ё паланг аст.
Акнун зи баҳори Монавитабъ
Пурнақшу нигор ҳамчу Жанг аст
[Осори Рӯдакӣ, с. 46].

Тавре ки аз таҳқиқоти М. Мулоаҳмадов бармеояд, тасвири ин фасл дар ашъори суханварони минбаъда низ вақҳи дигар нагирифтааст. Баррасии қасоиди шоири асри XIX Эрон Қоонии Шерозӣ аз ҷониби муҳаққиқи номбурда собит намудааст, ки тавсифи тобистону тирамоҳ дар девони шоир роиҷ нест. Фақат дар як тағаззули шоир тасвири зимистон мушоҳида мешавад, вале муносибат ба ин фасл монанди тасвиру тавсифи баҳор самимонаву ҳаяҷонангез набуда, фақат шоир кӯшидааст, ки образу тасвирҳои бадеъ офарад. Ин муаллиф як байте аз тағаззули Қоонӣ овардааст, ки барф ба деви сафед ва абр ба Рустами дастон ташбеҳ шудааст:

Кӯҳи пур аз барф зери абри қавидаст
Деви сафед аст зери Рустами дастон
[Мулоаҳмадов, 1992, с. 85].

Бе тардид, метавон қайд намуд, ки тобистону тирамоҳи минтақаи Шарқ бо иқлими гарм ва фаровонии маҳсулоти боғдорӣ ва зироат машҳур аст ва ташвиши мардум дар ин фасл камтар ба мушоҳида мерасад. Чунин мушоҳида мешавад, ки фаровонии маҳсулот бо ранҷи камтар аз як тараф каме сабабгори коҳилӣ ва аз тарафи дигар, саховатмандии мардум гаштааст. Гармии тӯлонии моҳҳо хоҳу нохоҳ ба хислату характери мардум низ то андозае бетаъсир нест ва эҳсоси баландро доро будани шарқиён ба гумони ғолиб, аз иқлими гарми минтақа сарчашма гирифтааст. Ин ҳолат ба бисёр тарафҳои ҳаёти маънавии мардум, хоса ба завқ ва диди эстетикии ӯ низ бетаъсир намондааст ва чунин тахмин кардан имкон дорад, ки таваҷҷуҳи хосаи мардуми тоҷик ба яке аз ҷинсҳои адабиёт – асарҳои ғиноӣ низ бояд аз ҳамин сабаб бошад. Вале хунукӣ ва сардии зимистон агар аз як тараф азобу ранҷ ва заҳмати мардумро як бар даҳ зиёд намуда бошад, аз тарафи дигар, набудани таваҷҷуҳи хос дар шеъри гузаштагони мо боиси аз назар дур мондани ин фасл ва унсурҳои он дар эҷоди адибон гаштааст.

Шояд ҳамин иллат бошад, ки шеъри «Зимистӯн» («Зимистон») - и Нодир Шанбезода дар муқоиса назар ба шеъри «Буор» аз нигоҳи тасвири вижагиҳои фасл ва ҷузъиёти он хушку холӣ менамояд. Агар дар шеъри баҳорияи шоир калимаву ибораҳои марбути баҳор бо ҳам таносуби мустаҳками мантиқӣ дошта, мавзӯеро равшан кунанд, дар тасвири фасли зимистон ин гуна қаробати калому муносибати алфоз ва равобити гарми абёти шеър мушоҳида намешавад. Шеъри «Зимистӯн» аз шаш байт иборат буда, қолаби ғазалро дар бар намудааст:

Зимистӯн йодъд, авъо фук ҷо шито кихт,
Фукатъ мардум ху зирйот рубаро кихт:
«А зирйотен, шито хъац мабирэзет,
Пэ калдардъ-ат пэ кэхак мубтало кихът».
Зимистӯнанде дъйс метьец ца вид абр.
Въэ амбоҷанд фақат як бор авъо кихът.
Жиниҷ чис, ас аво въихъкимцакатъ въохът,
Царанг айвӯн, мэ въахтанд вид, чаро кихът.
Агар бемор-ат ас нодӯнэ даръен.
Ҫа тар мактаб, муаллим турд давъо кихът.
Йилоҷ йаст, йос ху зирйот мисъ пэ мактаб,
Кэ тамин въэт ху дарсен, лак, адо кихът
[Шанбезода, 1998, с.21].

Тавре ки қайд гардид, робитаи байтҳо дар шеъри боло мабно бар мавзӯи зимистон нисбат ба шеъри «Буор» («Баҳор») нисбатан заиф аст ва матлабу маъно аз як байт ба байти дигар намегузарад, агарчи ҳамаи онҳо барои ифодаи як матлаб – тасвири зимистон эҷод шудаанд. Ба илова, сохти устухонбандии шеъри фавқ то андозае заъф дорад, қариб ҳар байт бо мақсади ҷудогона ва дур аз мавзӯъ эҷод шудаанд.

Дар матлаи шеър шоир аз омадани зимистон ва хунукӣ хабар дода, дар байти дуюм қайд мекунад, ки мардум фарзандони худро сарзаниш менамоянд, ки оби хунук нахӯранд, ки мабодо ба касалиҳои дарди сар ва сулфа мубтало шаванд; дар байти сеюм омадааст, ки дар зимистон агар даҳ рӯз абр бошад, фақат як рӯз ҳаво соф мешавад; дар байти чорум сухан дар бораи он меравад, ки барф аз ҳаво калон-калон меборад ва чӣ маҳол аст ҳайвоне пайдо шавад, ки дар ин вақт ба чаро барояд; байти

панҷум ба мавзӯъ бевосита иртибот надорад, дар ин байт қаҳрамони лирикӣ ба хонандаи хурдсол муроҷиат менамояд, ки агар аз дарди нодонӣ азоб кашӣ, рав ба мактаб, ки муаллим маризатро даво бахшад. Дар байти мақтаъ шоир бевосита ба волидайни кӯдакон хитоб намуда, барои таъмини онҳо ба мактаб ва азхуд намудани дарсҳояшон маслиҳат медиҳад.

Ҳамин тариқ, шеъри «Зимистӯн» («Зимистон») назар ба шеъри «Буор» («Баҳор») аз лиҳози тасвирҳои шоирона, бозёфтҳои ҳунарӣ, алоқамандии калимоту иборот, робитаи абёт барои адои матлаби асосӣ заиф аст. Чунин ба назар мерасад, ки андешаи шоир ҷӯёи мабдаъ аз суннати тасвиркории гузаштагон дар мавзӯи зимистон будаву шоҳкориҳои онро дар тасвири ҷузъиёти марбутаи фасли номбурда дар баҳри нопайдаканори шеъри форсии тоҷикӣ пайдо накардааст. Воқеан, тавре ки болотар қайд гардид, унсурҳо ва имкониятҳои мавҷудаю маъмулии эҷодии тасвири зимистон дар осори гузаштагон зиёд нест ва аз ин ҷиҳат шоир аз ин таҷрибаи мавҷудаю муҳайё истифода бурда натавонистааст. Бинобар ин, тасвири ҳолатҳои гуногуни табиат дар шеъри шуғнонизабони Нодир Шанбезода воқеӣ, беранг ва дур аз ҳунари тасвиркорӣ буда, зеҳнияти ҳунарӣ аз тасвири айният заифтар аст, вале бояд қайд намуд, ки ин гуна тасвирҳо на дар ҳамаи шеърҳои ба фаслҳои сол бахшидашуда хос аст.

Яке аз хусусиятҳои асосии фасли зимистон ҷузъиёти сардӣ ва хунукӣ аст ва шоир дар шеъри дигари ба ин фасл бахшидашуда - «Хохъдара шитойэ» («Хунукии Шоҳдара»), ки ҷанбаи воқеӣ дораду дар он аз макони мушаххасу шахсони конкрет сухан рондааст, нерӯи тасвиркориро дар тавсифи табиати ин фасл бо воситаҳои нисбатан дилнишинтари ҳунарӣ баён намуда тавонистааст:

Ай Хохъдара шитойэ, туят нур бало миғунд,
Нур палавӯнэ *гармэ* ту хез бенаво миғунд.
Нахчири тези чобуки хушгаззайени чис,
Зарвъин пэ тах ас айбати ту рудапо миғунд.
Лозар ца въӯғд пэ саргайэ куйен, шито пэ пиц,
Лӯ дъид тирохъ ху рехъаи ҷӯн бадсадо миғунд.
Дар въӯғд ца дъед мэ хъуц ача йакдам қарор накихът,
Нӯбандэ луртъе фарбийэ сериштийо миғунд.
Ар там йи хилта гармэ пэ бозор мэ въахт ца вӣрт,
Тар цем ви молт халойиқи маш тутийо миғунд.
Пархъедъ Карамш агар ту ца лӯвэ йи сэхи жӣз,
Йэст дадъ му пиц йу чахбуцэ сериштийо миғунд.
Хирт дадъ қасам Худъой-ти: Йи дидайи мурд цадодъҷ,
Путъч қад-тэ сех нур йэ хъитурвиз тило миғунд.
[Шанбезода, 1998, с. 26].

Ҷолиби таъкид аст, ки шоир дар тасвири ҷузъиёти сардию хунукии фасли зимистони мавзеи Шоҳдара дар баъзе байтҳо аз унсурҳои ҳаҷв бо камоли маҳорат истифода бурдааст ва сардию хунукиро аз як тараф, ба бало монанд карда бошад, аз тарафи дигар, гармиро паҳлавоне тасаввур намудааст, ки он дар назди хунукии Шоҳдара мутеъ ва заиф гардидааст. Унсурҳои ҳаҷвии шеър агарчи на дар ҳамаи байтҳо мавқеъ доранд, бо вуҷуди ин зимни баёни масъала аз байте ба байти дигар тадриҷан нерӯ гирифта, зарофати шеърро бамаротиб тақвият додаанд. Масалан, дар байти чоруми шеъри боло овози бадҳайбати шамоли фасли сардро ба садои барзагови ҷавони фарбеҳи сериштиҳо монанд кардааст, ки ташбеҳи нав ва дар айни замон ба завқи мардуми кӯҳистон мувофиқ буда, як навъ ҳисси тамасхури қаҳрамони лирикиро нисбат ба хунукии қаҳратуни Шоҳдара баён намудааст. Дар байтҳои минбаъда ҷараёни тасвир ва эҳсосу андешаи шоир ва аз ҷузъёти хунукӣ ба рафтору кирдор ва андешаи афрод ва макони мушаххас интиқол меёбад, ки он нуқтаи олии нерҒи зарофату ҳаҷвро дар умқи худ гунҷоиши додаст.

Инчунин, ҷараёни сухан низ аз равиши тасвири лирикӣ якбора канда гардида, тобиши тасвири эпикӣ мегирад. Пас аз ин сухан аз Карамшои Паршедӣ ном шахс меравад, ки ҳангоми як чӯбчаи муқаррариро аз ӯ тамаъ кардан, ин шахс дар тасвири шоир чун чӯҷаи сериштиҳо рӯйи талабандаро мехӯрад ва ба Худо қасам хӯрдааст, ки ба қадри мижгон химча дар ҳамин хунукӣ ба қадри як шутур бори тилло баробар аст. Дар робита аз қиёси ду шеър – шеъри «Буор» («Баҳор») бо шеъри «Хохъдара шитойэ» («Сардии Шоҳдара») метавон чунин хулоса бароварда, ки ҳаҷв дар ашъори шуғнонизабони Шанбезода ҷойгоҳи махсус дорад.

Мавзӯи як силсила ашъори лирикии шуғнонизабони дар даҳсолаи 30–40 асри ХХ эҷодкардаи Н. Шанбезодаро ҳаҷв ташкил мекунад. Ба ин гурӯҳ шеърҳои «Цицапиц», «Хохъдара шитойэ», «Балвъо-от ғаш», «Тамокидор суҷ», «Азизбек»,

«Бедоргийэ мулк» ва ғ. шомиланд, ки агар дар қисме аз онҳо характерҳои ношоистаи шахсони ҷудогона мазаммат шавад, дар гурӯҳи дигари ашъори шоир ҳаҷв характери иҷтимоӣ гирифта, нуқсу иллатҳои ҷомеаро дар шахсияти одамони ҷудогона мавриди мазаммат қарор додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Ашъори ҳамасрони Рӯдакӣ , Сталинобод, 1958.
2. Мирзоҳасанов Л. Ҳусни табиат дар шеъри сабки хуросонӣ/ Л Мирзоҳасанов–Душанбе, 2010.
3. Муллоаҳмадов М. Қоонии Шерозӣ / М. Муллоаҳмадов.-Душанбе: Дониш, 1992. 158с.
4. Шанбезода Н. Гулғунча / Н Шанбезода. – Помир, 1998, 111 с.
5. Шарифов Х. Маънавият ва ҷаҳони зоҳирӣ / Х. Шарифов.- Душанбе: Адиб, 2012. 351с.

ТРАДИЦИЯ ИЗОБРАЖЕНИЯ ПРИРОДЫ В ТАДЖИКСКОЙ КЛАССИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ В ШУГНАНОЯЗЫЧНОЙ ПОЭЗИИ

Шугнанский язык является одним из самых распространённых языков среди группы памирских языков, на котором сочинялась и продолжает сочинятся художественная литература. Данная литература является частью таджикской литературы и её всестороннее исследование помогает в восстановлении истории и пополнении теории таджикской литературы. В данной статье впервые предпринята попытка показать заимствования шугнанской поэзии традиций таджикской классической литературы в сфере изображения природы на примере творчества Шанбезода Нодира.

Ключевые слова: природа, реализм, реальность, поэзия, классическая поэзия, заимствование, художественность, композиция, стил, жанр, стиль.

NATURE DESCRIBING TRADITION OF THE TAJIK CLASSICAL LITERATURE IN THE SGUGHNANI POETRY

The Shughnani Language is one of the most widespread and accepted languages among the Group of Pamirian Languages in which had been created and continues creating of the belles-lettres. This belles-lettres is a part of the Tajik Literature and its thorough analysis will serve to complete the History and help to fill the gaps of the Theory of Tajik Literature. The Author of this Article made an effort to show adoption of the Tajik classical literature traditions in the field of nature describing in the Shughnani Poetry. The poems of Nodir Shanbesoda have been used as an example for this analysis.

Key words: nature, realism, reality, poetry, classical poetry, naturalization, artistry,composition, genre, style.

Сведения об авторе: ***Л. Давлатбеков*** –соискатель Хорогского государственного университета им.М.Назаршоева

«ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»ДАР МАНЗАЛАТИ ТАЪРИХӢ

Муҳаммадҳасани Санъатӣ
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ

«Таърихи Байҳақӣ» ба унвони яке аз шоҳкорҳои насри форсӣ мавриди таваҷҷуҳ буда ва низ □аст. Дар риштаи забон ва адабиёти форсӣ «Таърихи Байҳақӣ» аз мақтаи коршиносӣ то докторӣ аз ҷумлаи дуруси аслӣ аст ва дуруст он аст, ки пухтагӣ ва ҳаловати калом дар ин асари шукӯҳманд боис шуда, то форсизабонон ҳамвора бад-он ба унвони ёдгоре нафис аз насри зебо ва фохиру пурнуктаи форсӣ мубоҳот кунанд.

«Таърихи Байҳақӣ» китобест, ки Бадеъуззамони Фурӯзонфар онро беҳтарин ва саҳеҳтарин таворихи форсӣ, Заҳрои Киё (Хонларӣ) китоби бисёр мустанад ва қобили эътимод ва Ғуломҳусайни Юсуфӣ гузориши ҳақиқатҳои таърихӣ хондаанд. Тафовути фоҳиши рӯзгори пурбало, илтиҳобзада, хавфомез, оганда аз қаҳр ва лутфҳо ва танишҳои фаровон дар замони зисти Байҳақӣ бо имрӯза рӯз дар канори соиқаи адабии Байҳақӣ дар қаламӣ кардани вақоеи ғолибан ачиби таърихӣ асари вайро омехтаи ғулув қаламдод намояд, ҳол он ки метавон иддао кард, ки китоби Байҳақӣ бидуни тардид матне таърихӣ, яъне воқеист ва на асари хайёлпардозона.

Ин китобро метавон навъе монографияи таърихи Ғазнавиён донист. Ба гуфтаи доктор Ғуломҳусайни Юсуфӣ китоби Байҳақӣ таърихи тамомнамои давраи ғазнавӣ аст. Тасвири комили сурати зоҳиру сират ва ахлоқи гурӯҳе аз ашхоси таърихӣ, бисёре аз одобу русуми марбут ба дарбор ва ҳукумату табақоти мухталифи мардум, ташкилоти ошкору маҳрамонаи давлат, ҳудуду ихтиёроту вазоифи уммоли ҳукумат, тарзи тафаккуру эҳсосоти мардум нисбат ба султону уммоли ӯ, маросими ҷашнҳо, идҳо, сӯгвориҳо, хилъат бахшиданҳо, тавсифи комили шаҳрҳо, маъобир, кохҳо, боғҳо, маҷолиси хусусиву умумӣ, фосилаи дақиқи шаҳрҳо аз якдигар, ҳамчунин либосҳо, зарфҳо, ғизоҳо, таҷаммулот ва ҷавоҳирот, кӯлоҳҳо, силоҳҳо, аспҳо, зину баргҳо, пилҳо ва… ҳама ва ҳама дар ин китоб омадааст ва албатта, агар дақиқтар дар ин ки умдаи иттилооти ироашуда дар «Таърихи Байҳақӣ» ба давраи ҳукумати Масъуди Ғазнавӣ марбут аст, бингарем, бояд чун Саид Нафисӣ онро «Таърихи

Масъудӣ» маъруф ба «Таърихи Байҳақӣ» аз Абулфазл Муҳаммад ибни Ҳусайн Котиби Байҳақӣ» бидонем. Ба ҳамин лиҳоз нависандаи муҳтарам «Анвои адабӣ ва осори он дар забони форсӣ» [7,232] -ро таърихи хусусӣ хондааст.

Дар ин байн «Таърихи Байҳақӣ» илова бар вақоеи олӣ Сабуктегин иттилооти нафисе аз умаро ва хонадонҳои муосири Ғазнавиён, хосса хонадони оли Афросиёб ё Қарохониён ба даст медиҳад, ки дар кутуби дигари таърих дида намешавад. Ҳақ бо Бартолд аст, ки мегӯяд: «Таърихи Байҳақӣ» камтар аз он чи истеҳқоқ дошта, мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҳеҷ як аз донишмандоне ҳам ки дар замони мо дар бораи Қарахониён таълифоте кардаанд, аз асари вай баҳраи муҳимме нагирифтаанд, ҳол он ки машҳутарин ва дақиқтарин иттилоот марбут ба сулолаи мазбурро дар муддати замони тӯлонӣ фақат дар «Таърихи Байҳақӣ» метавон ёфт.

Маъмуниён чун дар Хоразм ҳукумат мекарданд, ба Хоразмшоҳиён ҳам маъруф шуданд. Маълум нест, муассиси ин силсила кӣ буда ва дар чӣ таърихе рӯйи кор омадааст. Фақат дар кутуби таърих дар ҳудуди соли 380 ба номи Маъмуниён ишора шудааст. Ин силсила ибтидо таҳти нуфуз ва табаияти нуфузи Оли Сомон буд ва чун Ғазнавиён қудрат ва шавкате ба даст оварданд боҷгузори онон шуд.

«Таърихи Байҳақӣ» наҳустин манбае аст, ки аз ин хонадон сухан гуфтааст. Байҳақӣ дар поёни бахши боқимонда аз таърихи навиштааш қисмате аз китоби Абӯрайҳони Беруниро ба номи «Машоҳири Хоразм» айнан нақл кардааст: «Чунин бинҳаст Бӯрайҳон дар «Машоҳири Хоразм», ки Хоразмшоҳ Булаббос Маъмун ибни Маъмун раҳимаҳаллоҳу алайҳ бозпасин амире буд, ки хонадон пас аз гузаштани ӯ барафтод ва давлати Маъмуниён ба поён расид. Ман ки Бӯрайҳонам ва мар ӯро ҳафт сол хидмат кардам, нашнавидам, ки бар забони вай ҳеҷ дашном рафт»[9,907]. Ин китобро Берунӣ ба номи Абулаббоси Хоразмшоҳ ба риштаи таҳрир даровардааст ва гӯё ин таърихи нафис комилан аз байн рафта бошад.

Ин албатта, аз бадии рӯзгор аст, ки аз таърихи сеҷилдаии Байҳақӣ танҳо қисмате аз он боқӣ монда, ки ҳовии иттилооти дарбори салтанати Масъуд ибни Маҳмуди Сабуктегин ва «Таърихи Хоразм» аз заволи давлати оли Маъмун ва тасарруфи вилояти эшон ба дасти Маҳмуди Ғазнавӣ то ғалабаи салоҷиқа буда. Аммо ҳамин миқдор низ асари хомаи дабири фарҳехта ва рӯзгордидаест, ки ба далели фатонат ва киёсат метавониста, то завоё ва хабоёи вақоеъ пеш равад ва дар ҷой-ҷойи навиштааш ҳунарнамоии нависандае ниҳонхон ва нуктапардозро намудор созад. Вай дар дастгоҳи Масъуд бо он ҳама мулоҳиза ва маддоқа солҳо дабирӣ кард ва дар дастгоҳи Азуддавла Абдуррашид то соҳиби девони рисолат пеш рафт ва бад-ин сон тавонист итилооти дасти аввале аз рӯйдодҳои сиёсӣ фарочанг оварад, ки баъдҳо ба забти инҳо ҳиммат гумошт [2,57].

Бозхонии дақиқ ва албатта, ҷомеънигоронаи асари Байҳақӣ чунин менамояд, ки вай умдаи маворидеро, ки дағдағаи таърихнигорон[6,124-125] аст ва ба унвони васвоси илмӣ хор – хори зеҳн падидоварандагони таърих талаққӣ мешуд, пеши чашм доштааст. Вай қабл аз ҳар чиз пойбанди ҳақиқати таърихӣ ба унвони ҷонмояи матни хеш будааст. Шояд ба ҳамин далел аст, ки ба рағми заминаҳои мухталифе, ки вай бо қалами таърихнигоронаи худ дар онҳо табъ озмуда, дар тамоми таърихи вай рӯҳи воҳиде вуҷуд дорад ва асаре аз ташаттут, ба гунае ки муҷиби озору сардаргумии хонанда бошад, дар навиштаи вай мушоҳида намешавад. Таваҷҷуҳи вай, ба ин ки вақоеъ ва ҳаводиси таърихиро бодиққат дар маохиз, мадорик ва дасткам шуҳуду сиққа будани онҳо бингорад, аз маворидест, ки маҳалли иттифоқи муҳаққиқин дар баррасии «Таърихи Байҳақӣ» аст, илова бар маворидест, ки «аз муойина»-и вай будааст.

Байҳақӣ тақрибан дар тамоми бахшҳои ин китоб он буда, ки қабл аз тарҳи хабар ё нуктае дар боби даврахо ё афрод ҳатталимкон иттилооти муқаддамотии лозимро ироа намояд. Чунин аст, ки вақте аз мулук сухан мегӯяд, собиқаи силсила ва ташкили табори ҳукумати ононро мегӯяд ва ҳангоме ки аз чеҳрахо ва ричол мегӯяд, иҷмоле дар он чи кардаанд ё рӯҳиёташон меоварад, содиқона нақли таърих мекунад ва олимона ҳидоятгари хонанда ба зарурати тааммул, тафсир ва таъвили вақоеъ мегардад. Хонандаи бо ин навъ кунҷков ва равишманд мувоҷеҳ ва хӯгар мегардад, меомӯзад, ки бо омезае аз тафтиш ва назорат ҳақиқатро ҷустуҷӯ кунад.

Аз вуҷӯҳи таърихнигории Байҳақӣ он аст, ки гӯйӣ вай муътақид аст, ки дар айни ғавр дар вақоеъ ва нуктасанҷӣ дар дақоиқи таърих набояд фаромӯш кард, ки рӯйдодҳои бузург ва кӯчак низ татаввур ба тайи рӯзгор як таркиби таърихианд. Ин бовар мунофоте надорад, бо он ки нигориши таърих ҳамроҳ бо нақди мӯшикофона ва албатта, аланӣ ва таҳлилии вақоеъ сурат гирад. Дар байни ин ҳама итминон аз сиҳати маохиз бештар мавриди мадоқаи вай будааст: «ё аз касе бибояд шунид», ки

сиққа ва ростгӯй бошад ва «ё аз китобе бибояд хонд». Вай мегӯяд: «Он чи нависам, ё аз муойинаи ман аст, ё аз самои дуруст аз марди сиққа» Дар нақли матлабе дар бораи Хоразм аз китоби Абӯрайҳони Берунӣ мегӯяд: «Китобе дидам ба хатти устод Абӯрайҳон ва ӯ марде буд дар адаб ва фазл ва ҳандаса ва фалсафа, ки дар асри ӯ чун ӯ дигаре набуд ва ба газоф чизе нанавиштӣ»[5,5-6].

Вай ишбои таърихи навиштаи худ аз ҳадиси дақиқ ва муфассали вақоеъро натиҷаи он медонад, ки худ мавриди эътимоди мутолеину манобеи хабар будааст: «…ва ин ахбор бад-ин ишбоъ, ки мебиронам, аз он аст, ки дар он рӯзгор муътамад будам» ва лозим медонад дар исботи салоҳияти илмии худ ҳамроҳ бо садоқату огоҳӣ ёдовари ишроф ва омӯзгории марде чун Бӯнасри Мишкон шавад, ки ойинаи салоҳияту илму садоқату огоҳиву ишрофу омӯзгорӣ аст ва бар сари ӯ сояи тарбияту таҷрибаомӯзӣ густурда аст: «Бар аҳволи кас аз дабирон воқиф набудӣ магар устодам Бӯнаср, раҳималлоҳ, на сахт кардиву мултафаҳо ман набиштаме ва номаҳои мулуки атроф ва халифа атолаллаҳу бақоуҳу ва хонони Туркистон, ҳарчи муҳимтар дар девон буд, ҳам бар ин ҷумла буд, то Бӯнаср зист». Байҳақӣ барои итминони хонандагони таърихи худ ёдовари ёддоштҳо ва таълифоте мегардад, ки ба мурури айём фароҳам омада, дастмояи истиноди «Таърихи Байҳақӣ» қарор гирифтааст: «Набояд сурат бандад хонандагонеро, ки ман аз хештан менависам ва гувоҳи адл барин чи гуфтам тақвимҳои солҳост, ки дорам бо хештан ҳама ба зикр ин аҳволи нотиқ. Ҳар кас бовар надорад ба маҷлис қазои хурд ҳозир бояд омад, то тақвимҳо пеши ҳоким оянд ва гувоҳӣ диҳанд ва эшонро мушкил ҳал гардад, вассалом».

Қадр ва шаъни «Таърихи Байҳақӣ» ва садоқати нависандаи он замоне маълум мешавад, ки дар назар оварем, ки дар баробари касоне, чун Байҳақӣ, ки дар банди ростгуйӣ будаанд, амсоли Шарафиддин Алии Яздӣ ва Мирзо Муҳаммадтақии Сипеҳр нависандаи «Носих ат-таворих» қарор доранд, ки ба хунхориҳои Темур ва монандони ӯ ва сиёҳкориҳояшон рахти некукорӣ пӯшондаанд [8,43].

Байҳақӣ баҳақ муътақид аст, ки чун бисёре аз таърихи подшоҳони гузаштаро хидматгузорони эшон навиштаанд, дар он таҳриф ва табдил раво доштаанд ва аз ин кор бузург ва нек ҷилва додани эшон манзур будааст. Аммо худи ӯ муддаӣ аст ва дар ин иддао содиқ аст, ки ҳақиқатро навиштааст ва бар он чизе наафзудааст: «Ва таърихҳо дидаам бисёр, ки пеш аз ман кардаанд подшоҳони гузаштаро хидматкорони эшон, ки андар он зиёдат ва нуқсон кардаанд ва бад-он ороиши он хостаанд ва ҳоли подшоҳони ин хонадон ба хилофи он аст… ва Эзид маро аз тамвиҳӣ ва талбисӣ кардан мустағанӣ кардааст, ки он чи то ин ғоят бирондам ва он чи хоҳам ронд, бурҳони равшан бо хештан дорам» [3,29].

Пойбандии Байҳақӣ ба баёни ҳақиқат боис шуда, то вай ҳатто аз зиштии кори дӯстони худ низ бигӯяд: «Саворон рафта буданд бо пиёдагон то Ҳасанакро биёранд. Чун аз Карон, бозори Ошиқон даровардаанд ва миёни шористон расид, Микоил бад-он ҷо асп бидошта буд. Пазираи вай омад. Вайро мувоҷир хонд ва дашномҳои зишт дод. Ҳасанак дар вай нангарист ва ҳеҷ ҷавоб надод. Оммаи мардум ӯро лаънат карданд, бад-ин ҳаракати ноширин, ки кард ва аз он зиштҳо, ки бар забон ронд. Чун дӯсте зишт кунад чи чора аз боз гуфтан? » [9,234]

Ҷойе дар мавриди Ҳасанак, ки тавсифи зулм рафта бар ӯ ва бар дор шуданаш ҷо ба ҷо баёнгари дилнамудагии Байҳақӣ бад-ӯст, аз ғосиб будани ӯ дар замину оби мусулмонон низ мегӯяд, ҳам баъд аз бар дор кардани Ҳасанак ва сангборони ӯ: «Ин аст Ҳасанак ва рӯзгораш ва агар замину оби мусулмонон ба ғасб гирифт, на замин монду на об ва чандон ғулому зиёу асбобу зару симу неъмат ҳеҷ суд надошт. Ӯ рафту ин қавм, ки ин макр сохта буданд, низ бирафтанд раҳималлоҳу алайҳим ва ин афсонаест бисёр бо ибрат ва ин ҳама асбоби мунозиат ва муковиҳат аз баҳри ҳатоми дунё ба як сӯй ниҳоданд ва аҳмақ мардо, ки дил дар ин ҷаҳон бандад, ки неъмате бидиҳад ва зишт боз ситонад» [9,235].

Тақии Биниш муътақид аст: «Муҳимтарин нукта дар навиштани таърих ва ба таври куллӣ дар ҳар кори илмӣ надоштани таассуб ва назар ва ғарази шахсӣ аст. Ба қавли Фустал Дукулонаж бояд, ақида ва майли шахсиро дар таърих дахолат надод ва ин ҳамон аст, ки Байҳақӣ бад-ин сурат баён кардааст: «Дар таърихе, ки мекунам, сухане наронам, ки он ба таассубе ва **тараббуде** кашад». Шояд чун ағлаби таърихнависҳои қадим вобаста ва таҳти нуфузи дарборҳои он вақт будаанд, озодии қалам надоштаанд ва наметавонистаанд ҳақоиқро бинависанд, вале наметавон мункир шуд, ки шаҳомат ва тарбияти илмӣ ва дарки кофӣ ҳам надоштаанд, вагарна Абулфазли Байҳақӣ ҳам мисли онҳо буда ва шояд барои таҳрифи ҳақоиқ ва шоҳу барг додан ба ҳаводис қаламаш аз онҳо муқтадиртар будааст [6,94].

Вай барои он ки нуктаи муҳимме дар таърихе, ки мекунад, фурӯ намонад, дар тӯли ҳадамоти девонӣ ёддоштҳое фароҳам оварда будааст, то дар ҳангоми тадвину таснифи таърих онҳоро ба кор гирад, аммо дареғ, ки дар рӯзгори Абдуррашиди Ғазнавӣ ҳам ӯ, ки дар рӯзгори ӯ Байҳақӣ аз наёбати дабирӣ ба дабирии девони расоил мерасад, бо фурӯ гирифта шудани Байҳақӣ ба табъи сиъояти суханчинон ва туҳмати ҳосидон ва азлу ҳабси он ёддоштҳо ва таълиқаҳо табоҳ мегардад.

Мушахасан, ба дасти ғуломе Тумон ё Юнон ном. Баёни ҳасратолуд ва сӯгноки Байҳақӣ дар боби ёддоштҳое, ки вай онҳоро равзаҳои ризвон мехонд, ба хубӣ хабар аз андӯҳи саҳмгине медиҳад, ки дар ин ҷафои бузург бар Байҳақӣ рафтааст: «Ман, ки Бӯфазлам, номаҳои ҳазрати хилофат ва аз они хонони Туркистон ва мулуки атроф бар хатти ман рафтӣ ва ҳама нусхатҳо ман доштам ва ба қасд ночиз карданд.

Дареғо ва бисёр бор дареғо, ки он равзаҳои ризвон барҷой нест, ки ин таърих бад-он чизи нодир шудӣ. Агар коғаз ва нусхаҳои ман ҳама ночиз накарда будандӣ, ин таърих аз лавне дигар омадӣ, ҳакама аллоҳа байнӣ ва байна мин феъли залик [1,71]».(Худованд довари байни мову ӯ бод)

Байҳақӣ таърихнигоре менамояд, ки гӯё ба ҳукми фитрату фитнат дар андешаи равишманде, чунонки урфи маҳалли иттифоқ миёни саромадони таърихнигорӣ иқтизо ва илзом мекарда, будааст. Ҷое дар боби «Хоҷа Бӯсаъди Абдулғаффори Фохир ибни Шарифи Ҳамид амиралмуъминин адома аллоҳ иззаҳи», пас аз он ки даҳ сатр дар боби вай ва шахсияташ менигорад, чунин меафзояд: «Фозиле ёфтам, ӯро сахт тамом ва дар девони рисолат бо устодам биншастӣ ва бештар аз рӯзи худ пеши ин подшоҳ будӣ дар хилватҳои хоса ва воҷиб чунон кардӣ, балки аз фароиз буд, ки ман ҳаққи хитоби вай нигоҳ доштамӣ. Аммо дар таърих, беш аз ин ки рондам, расм нест [9,163]».

Вай ба манзури тадқиқи замони рӯйдодҳо, ҳатто сооти як ҳаракатро мавриди ишора қарор додааст: «Амир ними шаб шуда аз шаби якшанбеи ҳаштуми ҷумодиюлувло бар нишаст ва бар муқаддима бирафт ва кӯс фурӯ кӯфтанд… намози шом номаи фатҳ расид[9,680-681]. Рӯзи душанбе ду рӯз монда аз моҳи раҷаб [429 ҳ.қ.], амир ба боғи Маҳмудӣ рафт, бад-он ки муддате он ҷо бибошад ва бунаҳоро он ҷо бурданд ва рӯзи душанбеи шашуми шаъбон [429ҳ.қ.] Булҳасани Ироқии дабир гузашта шуд, раҳимаҳу Аллоҳи алайҳи».

Мусаннифи «Таърихи Байҳақӣ» аз он рӯй таърих менависад, ки барои донандагон, хидмат ба хонандагон ва хосса ояндагонро хидмат ва воҷиб медонад. Ба баёни ин ҳаракатро дорои шаъну ваҷҳи арзишӣ ва эътиқодӣ ва балки шаръӣ медонад. Аз назари вай ин ҳаракат на мубоҳ аст, на мустаҳаб. Воҷиб аст. Ин илзом метавонад навъе илзом ба нигориши таърихи муосирро низ ба онон, ки метавонанд, иблоғ кунад.

Байҳақӣ навиштани таърихи муосирро барои касе, ки ба ҷузъиёти он воқиф бошад, воҷиб медонад ва чун худро воҷиди ин шарт медонистааст, барои адои ин таклифи вичдонии маънавӣ қиём кардааст. «Маро муқаррар аст, ки имрӯз, ки ман ин таълиф мекунам, бузургонанд, ки агар ба рондани таърихи ин подшоҳ машғул гарданд, тир бар нишона зананд ва чандон воҷиб кунадӣ, ки эшон бинавиштандӣ, валекин чун давлат эшонро машғул кардааст, то аз шуғлҳои бузург андеша медоранд ба таърих рондан ва чунин аҳволу ахбор нигоҳ доштан ва онро набиштан чун тавонанд расид, пас ман ба халифатии эшон ин кор пеш гирифтам, ки агар таваққуф кардамӣ, мунтазири он ки то эшон бад-ин шуғл бипардозанд, бувадӣ, ки напардохтандӣ ва чун рӯзгори дароз баромадӣ, ин ахбор аз чашму дили мардумон дур мондӣ ва касе дигар хостӣ ин корро, ки бар ин маркаб он саворе, ки ман дорам, надоштӣ[3,28]».

Нуктаи қобили тааммул он аст, ки дар мақоми илм вай дар банди таоруфҳои ба зоҳир худшиканона ва дар ботин худпарастона нест. Байҳақӣ бо мабнои муайян ва талаққии мустаддил ба худ бовар оварда ва ибое надорад, аз он ки ин нуктаро бар забон оварад, ҳатто агар иттиҳоми худситоӣ мутаваҷҷеҳи ӯ гардад.

Аббос Иқбол, ки худ аз таърихнигорони кордон ва чираи муосир аст, дар таъкид бар диққати фаровони Байҳақии таърихнигор ва исрори вай бар авлавияти он чи худ, ё муътамиде билмуоина дарк карда, муътақид аст, ки Байҳақӣ дар манобеи иттилооти худ шояд аз ҷамеи муаррихини дигари исломӣ бештар диққат дошта.

Дар боби вақоеи айёми кӯдакии Масъуд гӯяд: Ҳамеша мехостам, ки онро бишнавам аз муътамиде, ки онро ба раъю алъайн дида бошад ва ин иттифоқ намеафтод, то чун дар ин рӯзгор ин таърих кардан гирифтам. Ҳирсам зиёдат шуд бар ҳосил кардани он чиро, ки дер сол аст, то ман дар ин шуғлам ва меандешам, ки чун ба рӯзгори мубораки ин подшоҳ расам, агар он нуктаҳо ба даст наёмада бошад ғубн

бошад, аз фоят шудани он [3,67-68]. Таърихнигоре, ки худро мулзам кардааст то он чи менависад ё аз муоинаи вай бошад, ё аз самои дуруст аз марде сиққа [9,905], ба ваҷҳи авло наметавонад иқболе нисбат ба «ботили мумтанеъ» аз худ нишон диҳад: бештари мардуми омма онанд, ки ботили мумтанеъро дӯсттар доранд чун ахбори деву парӣ ва ғӯли биёбон ва кӯҳу дарё, ки аҳмақе ҳангома созад ва гурӯҳе ҳамчун ӯ гирд оянд ва вай гӯяд, дар фалон дарё ғазирае дидам ва понсад тан фуруд омадем дар он ғазира ва нон пухтем ва дегҳо ниҳодем чун оташ тез шуд ва табаш бад-он замин расид, аз ғой бирафт нигоҳ кардем, моҳӣ буд[9,905]». Ба назари ӯ танҳо аҳмақе метавонад дар нигориши таърих ҳангомае чунин созад ва танҳо ҳумақо метавонанд пойи чунин ҳангомаҳое бинишинанд: «пиразане ғоду мардеро ҳар карду боз пиразане дигар ғоду гӯши ӯро ба равғане биндуд то мардум гашт[9,905]». Дар ин миёна он чи нишони ҳуррият ва иззати илмии Байҳақӣ аст, он аст, ки вай чунин таърихеро дар рӯзгоре навишта, ки мардуми ғаҳон ағлаб дар гирдоби ғаҳлу хурофот ғӯтавар будаанд[6,103-104] ва агар Байҳақӣ мегӯяд, «он чи нависам, ё аз муоинаи ман аст, ё самои дуруст аз марде сиққа», мардони сиққаи ӯ аз ғинси сиққаҳо ва ростгӯёни содалавҳ ё одӣ нестанд, балки касоне ҳастанд, ки рӯзгор назири ононро дар машриқзамин камтар парваридааст монанди Абӯрайҳони Берунӣ: «ва пеш аз ин ба муддате дароз китобе дидам ба хатти устод Абӯрайҳони Берунӣ ва ӯ марде буд дар адабу фазлу ҳандасаву фалсафа, ки дар асри ӯ чун ӯ дигаре набуд ва ба газоф чизе нанавиштӣ» [3,30].

Аз арзишҳои таърихии китоби «Таърихи Байҳақӣ» он аст, ки дар айни нақли таърих гоҳ аввалин манбаест, ки айни асноди таърихиро нақл кардааст. Аз ғумла, аҳдномаи Масъуд бо Амир Манучеҳр: «Нусхатулаҳд ҳаме гӯяд, Масъуд ибни Маҳмуд, ки ба Эзид ва ба зинҳори Эзид ва бад-он Худое, ки ниҳону ошкорои халқ донад, ки то амири ғалили мансур Манучеҳр ибни Қобус тоатдору фармонбардору хироҷгузори худованд, султони муаззам Абулқосим Маҳмуд ибни носири дини Аллоҳ атолаллоҳу бақоаҳу бошад ва шароити он аҳд, ки ӯро бастааст ва ба савгандони гарон устувор карда ва бад-он гувоҳ гирифта, нигоҳ дорад ва чизе аз он тағйир накунад, ман дӯсти ӯ бошам ба дил ва бо нияту эътиқод…[9,153-154]», мушофиҳанома бо Қадархон: «бар хон пӯшида нест, ки ҳол падари мо амири мозӣ бар чи ғумла буд. Ба ҳар чи бибоист, ки бошад подшоҳони бузургро, аз он зиёдатар буд ва аз он шарҳ кардан наёяд, ки ба муоинаи ҳолат ва ҳашамат ва олат ва иддати ӯ дида омадааст…[9,101]», номаи Алқоим биамри Аллоҳ «ман абдаллоҳа ва валийя Абдуллоҳ Абуғаъфар ал-Имом Алқоим биамри Аллоҳ амиралмуъминин ило носири дини Аллоҳ алҳофиз лиъибодииллоҳил мунтақим мин аъдои Аллоҳи заҳир халифатил Аллоҳ Абӯсаъид мавло амиралмуъминин…»[9,298]; байъатномаи Масъуд бо халифаи Аббосӣ: «биайъат саййидино ва мавлоно Абдуллоҳ Абӯғаъфар ал- Имом Алқоим биамри Аллоҳ амиралмуъминин байъаҳ тавъин ва атбои ва разӣ…тойиъан ғайримуккара ва мухторан мухаббира…»[9,302]; фармони Маҳмуд барои Хелтош, ки ба Ҳирот равад ва хишхонаи Маҳмудро бозрасӣ кунад: « Бисмилоҳир раҳмонир раҳим. Маҳмуд ибни Сабуктегинро фармон чунон аст, ин Хелтошро, ки ба Ҳирот ба ҳашт рӯз равад чун он ғо расид, яксар то сарои писарам Масъуд шавад ва аз кас бок надорад ва шамшер баркашад ва ҳар кас, ки вайро аз рафтан боз дорад гардани вай бизанад…» [9,141]; номаи Масъуд ба Олтунтош Хоразмшоҳ: «Бисмилоҳир раҳмонир раҳим. Ҳоҷиби фозил амми Хоразмшоҳ адомаллоҳу таъйидаҳу моро имрӯз ба ғойи падар аст ва давлатро бузургтар рукне вай аст…»[9,315] ва аризаи Ҳашам аз Тагинобод ба Ҳирот: «Набиштанд бандагон аз Тагинобод рӯзи душанбеи савуми шавол аз аҳволи лашкари мансур, ки имрӯз ин ғо муқиманд…»[9,43], ки Байҳақӣ бо заҳмати бисёр аз бойгонии давлатии он замон ба даст оварда ва матни онҳоро бо диққате комил нақл кардааст[6,95].

Байҳақӣ дар мустанади таърихии худ раванди рӯйдодҳоро бо рӯйкарди аланӣ ва таҳлилӣ ироа кардааст. Марҳум доктор Алиакбари Файёз аз нахустин мусаҳҳеҳони «Таърихи Байҳақӣ» муътақид аст, равиши ин китоб дар китобҳои таърихии форсӣ мунҳасир ба фард аст ва дар муаррихони пешини мо ҳеҷ кас ҳаққи таърихнигориро аз ҳайси риояти инсоф ва зикри дақоиқи муҳим ва рабт додани маълул ба иллат ва дигар шароит бад-ин хубӣ ва камол адо накардааст. Муаллиф танҳо ба шарҳи моҷарои ғангҳо иктифо намекунад, балки бо далел ҳаводисеро, ки муҷиби пайдоиши ғангҳо мешуда, низ шарҳ медиҳад.

Вай, барои ин ки иллати шикасти Масъуд ва заволи империятурии бузурги ғазнавиро нишон бидиҳад, чеҳраи ҳақиқии риҷоли дарборӣ ва рӯҳия ва хулқу хӯйи бузургони давлатро тасвир мекунад ва натиҷа мегирад, ки мардуме буданд мутазоҳиру чоплусу судҷӯ[6,96-97]: «чунон афтод, ки Ҳасирӣ бо писараш Абулқосим

ба боғ рафта буданд. Шаробе беандоза хӯрда ва шаб он ҷо мақом карда ва он гоҳ сабӯҳ карда, ки сабӯҳ нописандида аст ва хирадмандон кам кунанд ва то миёни ду намоз хӯрда…

Чун наздики Бозори Ошиқон расиданд, падар дар маҳди астар бо писар савор ва ғуломе сӣ бо эшон, аз қазоро чокаре аз хавоси хоҷа пеш омадшон савор ва роҳ танг буд ва заҳмате бузург аз гузаштани мардум Ҳасириро хаёл баст, чунонки мастонро бандад, ки ин савор чаро фуруд наёмад ва вайро хидмат накард. Мар ӯро дашноми зишт дод. Мард гуфт, эй надими подшоҳ, маро ба чи маънӣ дашном медиҳӣ? Маро ҳам худованде аст бузургтар аз ту ва ҳам монанди ту ва он худованд Хоҷаи бузург (Хоҷа Аҳмади Ҳасан). Ҳасирӣ Хоҷаро дашном дод ва гуфт: «-Бигиред ин сагро то киро заҳраи он бошад, ки инро фарёд расад» ва ғуломони Ҳасирӣ дар ин мард париданд ва вайро қафое чанд сахти қавӣ бизаданд ва қабош пора шуд… Омад тозон то наздики Хоҷа Аҳмад ва ҳол боз гуфт ба даҳ-понздаҳ зиёдат ва сару рӯйи кӯфта ва қабои поракарда бинмуд ва Хоҷа инро сахт хоҳон буд, ки баҳона меҷуст бар Ҳасирӣ, то вайро бимолад». Байҳақӣ мисол меоварад, Бӯсаҳли Ҳамдуй ва Сурии соҳибдевон ё ба истилоҳ вазири дороии Масъудро, ки миқдори зиёде аз ғаноим ва ганҷинаи Масъудро бардоштанду гурехтанд ва ба ҷойи ин ки дар мавқеи гирифторӣ мададгори ӯ бошанд, ба ӯ пушт карданд [6,97]. Агар дар назар оварем, ки аз маҷмӯи шахсиятҳои матраҳ ва муаррифишуда дар моҷароҳои мухталифи «Таърихи Байҳақӣ» теъдоди чеҳраҳои «тамом» ва парвардае чун Бӯнасри Мишкон ва тасомуҳан Хоҷа Аҳмад Ҳасани Маймандӣ ва Ҳасанаки вазир ба адади ангуштони ду даст намерасад, метавон пиндошт меъёрҳо дар писанд ва нописанди риҷол ва абнои рӯзгор бар чӣ минвол будааст.

Дар ин байн Байҳақӣ бар ин бовар аст, ки таърих кардан бо иҷмол ва эҷоз рост наёяд: «Дар дигар таворих чунин тӯлу арз нест, ки аҳволро осонтар гирифтаанд ва шаммае беш ёд накардаанд, аммо ман чун ин кор пеш гирифтам, мехоҳам, ки **доди ин таърих ба тамомӣ бидиҳам** ва гирди завоё ва хабоё баргардам, то ҳеҷ чиз аз аҳвол пӯшида намонад. Ва агар ин китоб дароз шавад ва хонандагонро аз хондан малолат афзояд, тамаъ дорам, ба фазл эшон, ки маро аз мубрамон нашморанд».

Он чи ӯ фароҳам оварда дар фаҳвогоҳи рӯйкард ба таърихи иҷтимое пайдо кардааст. Байҳақӣ дар ҳангоми шарҳи вақоеи соли 421 дар мақоми баёни азодории бозмондагони Маҳмуди Ғазнавӣ дар марги вай бо ишора ба расми либос ва таъзиятгӯйӣ менависад: «Ва амир дигар рӯз бор дод бо қабое ва ридое ва дасторе сапед ва ҳама аъён ва муқаддамон ва аснофи лашкар ба хидмат омаданд сапедҳо пӯшида ва бисёр ҷазаъ буд. Се рӯз таъзияте мулукона ба расм дошта омад, чунонки ҳамагон биписандиданд». Иҷтимое, ки Байҳақӣ низ онро ба равшанӣ таърих карда аз лавне аст, ки вақте Бӯнасри Мишкон аз варои таҷрибаи худ бад-он менигарад, орзуи марг мекунад.

Албатта, бинобар он чи аз қазовати Байҳақӣ дар бораи ибтидои кори Ғазнавиён бармеояд, вай ва соири ҳамгинон ва ҳатто, устодаш Бӯнаср дар он замон чандон мутаассиф ва навмед ва бо насли пешин дар бадгумонӣ ҳамдил ва ҳамраъй набуданд. Аммо вақте ҳудуди сӣ сол аз ин таҷрибаандӯзиҳо гузашт, фарёди касоне чун Бӯнаср баромад, ки «Хостаме, ки мурда будаме, то ин рӯз надидамӣ!» ва ё: «Хок бар сари он хоксор, ки хидмати подшоҳон кунад, ки бо эшон вафо ва ҳурмат ва раҳмат нест».

Аз манзаре, ки гуфта шуд, «Таърихи Байҳақӣ» ганҷинаи ибрати навиштаҳоест, ки соҳибони хирад метавонанд аз он дарси бисёр гиранд.

«Абӯнаҷми Айёз аз ғуломоне буд, ки вақте Султон Маҳмуд даргузашт, ба қавли Байҳақӣ ҷузъи чанд нафари маъдуде буд, ки нишастанд» ва ба савобдиди якдигар вақтро дарёфтанд. Писари меҳтари султони мозӣ анораллоҳу бурҳонаҳу, амир Абӯаҳмад Муҳаммадро аз Гузгонон ки ба дорулмулк наздик буд, оварда, ба ҷойи падари бузургвораш бар тахти салтанат нишониданд».

Аммо вақте ливои султон Масъуд бародари Муҳаммад аз Исфаҳон ба Нишобур наздик мешавад, ба ривоятномае, ки Масъуд ба Қадархон навиштааст ҷузъи нахустин касонест, ки ба амир Муҳаммад хиёнат карда ва пеши Масъуд омадаанд «ва чун амирро бидиданд, ҳама намоз бурданд ва хидмат карданд ва бар вай ба подшоҳе салом карданд [4,166]».

Бо нақли чунин ҳикоёти ибратомез ва дарсомӯзе ғарази аслии Байҳақӣ, ки бедор кардани ҳисси интибоҳ ва диққат дар хонанда бошад, таъмин мешавад, аммо ба шакле, ки хонанда ҳис намекунад. Вай талхии ҳаққро дар даруни лауоби ширини моҷароҳои машғулкунандаи таърихӣ пинҳон карда, ки ин муваффақиятест, ки камтар касеро насиб шудааст[6,101].

Байҳақӣ дар таҳлили алании рӯйдодҳои таърих ба мафҳуми фалсафаи таърих – таъбире, ки ибдои рӯзгори мост дилнамудагӣ нишон медиҳад. Гарчи, ҳангоме ки соли 1349 дар Кангураи Байҳақии Машҳад Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ ба ҷои китобшиносӣ, ки тахассуси эшон аст, ба «Байҳақии файласуф» лаб мекушояд, доктор Зарринкӯб мегӯяд, намедонам, Байҳақӣ чӣ гуноҳе муртакиб шуда буда, ки баъд аз ҳазор сол мехоҳанд изоми болияи ӯро ба оташи фалсафа бисӯзонанд.

Суханронии устод Донишпажӯҳ мудаллал медорад, ки «Таърихи Байҳақӣ» аз ин манзари дасткам фалсафаи таърих низ қобили мутолиа аст. Донишпажӯҳ бар асоси назариёти Абулҳасани Зайди Байҳақӣ соҳиби «Таърихи Байҳақ» хоста буд, фалсафае барои таърихнигории Байҳақӣ пайдо кунад ва доктор Бостонии Поризӣ муътақид аст, ки «ҳаққан хуб аз уҳда баромад[4,433]».

Ба назари Муҳаммадтақии Донишпажӯҳ атф ба назари Ибни Фундуқ дар «Таърихи Байҳақ» - Байҳақӣ дар фалсафаи таърих ақлро канор гузоридааст. Ӯ мегӯяд, ки давлатҳо ба навбат аст ва ду неру дар ҷаҳони иҷтимоъ коргар, ки ҳарду аз Худост: яке муъҷизоти паёмбарон, дувум, андешаи нозук ва дароздастии подшоҳон ва зафару нусрати онон бар душманони хеш, он ҳам ба фармони Эзид, на бурҷҳо, чунонки муътазилиён ва зиндиқиён ва даҳриён мегӯянд.

Пас, ӯ дар заминаи ҳалли масоили душвори таърих бо дӯстдорони ақл, монанди муътазилиён ва даҳриён, ки ба иллалу асбоб мармуз ва нуҳуфта намегироянд, ҳамроҳ нест[6,176].

Аббос Иқболи Оштиёнӣ муътақид аст, агар бадиққат ба «Таърихи Байҳақӣ» назар намоем ва сафаҳоти онро бо нияти интиқод аз пеши чашм бигзаронем, хоҳем донист, ки ин китоб мазоё ва хасоисеро мутазаммин аст, ки аз ин ҷиҳат бо бузургтарин таворихи исломӣ баробарӣ ва ҳамсарӣ менамояд[1,67] .

А Д А Б И Ё Т

1. Иқболи Оштиёнӣ Аббос. Маҷмӯаи мақолоти Аббос Иқболи Оштиёнӣ. Гирдоварӣ ва тадвини доктор Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, чопи аввал / Иқболи Оштиёнӣ Аббос. -Теҳрон, Дунёи китоб, 1369.-640 с.
2. Арбери. Адабиёти классики форсӣ. Тарҷумаи доктор Асадуллоҳи Озод, чопи аввал / Арбери, Артур Ҷон -Машҳад, Остони қудси Разавӣ, 1371.- 480 с.
3. Зарёби Хӯйӣ. Базмовард, чопи аввал/ Зарёби Хӯйӣ, Аббос -Теҳрон, Илмӣ–Сухан, баҳори 1368.-545 с.
4. Бостонӣ Поризӣ. Аз Пориз то Порис, чопи ҳаштум / Бостонӣ Поризӣ - Теҳрон, нашри Илм, 1381.-572 с.
5. Гузидаи Таърихи Байҳақӣ, ба кӯшиши Саид Муҳаммад Дабири Сиёқӣ, чопи панҷум / Гузидаи Таърихи Байҳақӣ. -Теҳрон, ширкати интишоротии Илмӣ ва фарҳангӣ, 1381.
6. Ёдномаи Абулфазли Байҳақӣ (Маҷмӯаи суханрониҳои маҷлиси бузургдошти Абулфазли Байҳақӣ), чопи дувум Машҳад, Донишгоҳи Фирдавсии Машҳад, зимистони 1374, «Шаммае дар бораи илм ва ойини таърихнигорӣ», Саид Муҳаммадалии Ҷамолзода.
7. Размҷӯ, Ҳусайн. Анвои адабӣ ва осори он дар забони форсӣ. Чопи аввал, Машҳад, Остони Қудси Разавӣ, 1370.- 350 с.
8. Ҳушанг Иттиҳод. Пажӯҳишгарони муосири Эрон/ Ҳушанг Иттиҳод. -Теҳрон, Фарҳанги муосир, 1381. -Ҷ.4. -618с.
9. Ҳусайни Козрунӣ, Саид Аҳмад. Фарҳанги «Таърихи Байҳақӣ». Таърихи тамомнамои давраи Ғазнавиён, чопи аввал, Теҳрон, Заввор, 1384, - 803 с.
10. Таърихи Байҳақӣ. Ба кӯшиши доктор Халил Хатиби Раҳбар.Змуҷаллад.-Теҳрон, Маҳтоб,1375.-1283с.

«ИСТОРИЯ БАЙХАКИ» КАК ИСТОРИЧЕСКИЙ ПРОИЗВЕДЕНИЙ

«Историю Байхаки» исследователи справедливо считают одним из лучших и достоверных персидских произведений, которое можно рассматривать как документальный и надёжный источник в изображении исторической действительности. Эта книга, по словам доктора Гуломхусайна Юсуфи, своего рода научный труд по истории Газневидов и представляет собой научный труд по истории эпохи Газневидов.

Ключевые слова: «История Байхаки», историческая действительность, персидская проза.

"TARIHI BAYHAQY" AS HISTORICAL WORKS

"TARIHI Bayhaqy" AS HISTORICAL WORKS "Tarihi Bayhaqi," the researchers rightly considered one of the best Persian and reliable product which can be regarded as a documentary and a reliable source in the image of the historical reality. This book according to Dr. Gulomhusayna Yusufi kind of scholarly work on the history of the Ghaznavids.

Key words: "Bayhaqi Tarihi" historical reality, Persian prose.

Сведения об авторе: ***Мухаммадхасан Санъати*** – соискатель Таджикского государственного педагогического университета им.Садриддина Айни

АСАРПАЗИРИИ ШЕЪРИ ХОҚОНӢ АЗ ЭҶОДИЁТИ ШОИРОНИ АРАБ

М.Б. Шарифова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бо таҳкими ҳукумати арабҳо авзои фарҳангӣ-иҷтимоӣ тағйир карда, форсзабонҳо рӯз ба рӯз бештар ба фарогирии забони арабӣ алоқаманд шуданд. Чуноне ки аз сарчашмаҳои таърихию адабӣ маълум аст аксари шоирони асри XII, аз ҷумла ҳамасрони Хоқонӣ, ки забон ва адабиёти арабро ба дараҷаи аъло аз худ карда буданд, ба ҳар ду забон – забони форсӣ ва арабӣ шеър меофариданд. Онҳо дар заминаи адабиёт ва сурудани шеър, ки ҳунари аслии арабҳо буд, на танҳо услуби онҳоро омӯхтанд, балки худ ба он ҳавои дигар ва афкори ҷадиде ворид карданд, ки барои шоирони куҳани араб аслан, қобили тасаввур набуд.

Хоқони Шервонӣ яке аз шоироне аст, ки дар ин ҷараён пешрав будааст. Пажӯҳиши ҳозир барои равшан кардани ин масъала пардохта шудааст, то асарпазирии Хоқониро аз адабиёти араб равшан баён созад ва пажӯҳандагонро нисбат ба пайвастагии ин шоири забардаст ва ошноии ӯро аз шоирони маъруфи араб ошно созад.

Афзалуддин Бадил ибни Алӣ Хоқонии Шервонӣ (1125-1199) яке аз бузургтарин шоирони садаи XII-уми мелодии адабиёти форсу тоҷик ба шумор меравад ва ҳамчун суханвари ихтироъкор бо шеваи баёни ба худ хос, ки собиқа надошт, шӯҳрат дорад. Ӯ аз зумраи он суханваронест, ки аз улуми роиҷи замонааш вуқуфи комил дошт, донандаи хуби забони арабӣ ва адабиёти араб, улуми адабӣ, луғат, Қуръону ҳадис, достону қиссаҳои анбиё ва дигар илмҳо буд. Ҳамаи ин маърифатро ӯ назди амакаш Кофиуддин Умар ибни Усмон, ки марди ҳаким, табиб ва файласуф буд, фаро гирифтааст.

Бояд ёдрас кард, ки Хоқонӣ дар баробари ашъори ба забони форсӣ эҷодкардааш ашъори арабӣ низ дорад. Бо баррасии дақиқ шумораи абёти арабии Хоқонӣ ба 547 байт мерасад, ки 484 байти онро маҷмӯаи ашъори арабӣ ташкил медиҳад ва 63 байти он дар дохили ашъори форсӣ аст. Илова бар ин, теъдоди 16 байти муламмаъ дар ашъори форсӣ дида мешавад [11, 13-18].

Яке аз ҷилваҳои дузабонагӣ тақлид ва фахри Хоқонӣ нисбат ба олимон ва шоирони барҷастаи араб аст. Ӯ худро бо онҳо қиёс карда, дар як радиф мегузорад ва ҳатто, аҳёнан аз баъзеи онҳо мақоми худро дар шеъру шоирӣ афзалтар шуморида, болотар ҳам мегузорад:

Ин байти навбатии Хоқонӣ далел бар гуфтаҳои боло аст, ки шоир худро волотар аз шоирони пешини арабу аҷам медонад[17, 420]:

Гарчи будаст пеш аз ин дар Арабу Аҷам равон
Шеъри Шаҳиду Рӯдакӣ, назми Лабиду Бухтурӣ,
Дар сифати ягонагӣ он сафи чоргонаро,
Банда се зарба медиҳад дар ду забони шоирӣ.

Ҳатто, Хоқонӣ ҷое аз ҷиҳати тафохуру мубоҳоти худ Муиззӣ ва Ҷоҳизро резахӯри хони хеш медонад ва мегӯяд:

Агар Муиззию Ҷоҳиз ба рӯзгори манандӣ,
Ба назму наср ҳамоно, ки пешкори манандӣ [17, 808].

Шоир дар поён яке аз қасоиди худ шеъри худро ҳаштумин сабъиёт медонад[17, 206]:

Ин қасида зи ҷамъи сабъиёт,
Сомина аст зи ғароибу ашъор.
Зад «қифо набки»-ро қифои нек,
Ва Имрулқайсро фиканд аз пой.

Муроди ҳаким аз сабъиёт қасоиди ҳафтгона аст, ки дар замони ҷоҳилият, яъне қабл аз ислом ба «Муаллақоти сабъ» маъруф аст ва аз ҳайси фасоҳату балоғат дар адабиёти араб шуҳрати босазое дорад. Нозими қасидаи аввали он Имрулқайс аст, ки матлааш ин аст

Қифа набки мин зикра ҳабибин ва манзили,
Бисиқти-л-лива байна Дахули фа Ҳавмалӣ [12, 16].

Дар ҷараёни худситоӣ ва бакоргирии забони арабӣ Хоқонӣ дониши арабӣ ва ошноии худро бо шоирони тозӣ бештар нишон дода, борҳо худ ва шахсиятҳои муҳиту атрофи худро ба адибону шоирони арабӣ ташбеҳ мекунад, то ҳарчи бештар бар мақоми худ биафзояд. Чунонки аз таҳсилаш назди амакаш Кофиуддин ёдовар шуда, менависад [11, 13]:

Чун дид, ки дар сухан тамомам,
Ҳассони ҷаҳон ниҳод номам.

Ин ҷо ишора ба шоири маъруфи араб Ҳассон ибни Собит шудааст, ки яке аз мамдуҳони Паёмбари ислом буд.

Чунонки Маҳдӣ Некманиш дар мақолаи худ «Ҳассони араб ва Ҳассони аҷам» мегӯяд: «Бидуни шак, бузургтарин шахсияти таърихи ҷаҳони араб Паёмбар (с) аст. Агар номи «Паёмбар» ва вожаи «шеър»-ро ба унвони яке аз таҷаллиёти адаб дар ду раъси мусалласӣ қарор диҳем, бидуни тардид, раъси севуми ин мулласро номи Ҳассон ибн Собит ал-Ансорӣ пур хоҳад кард. Дар таърихи адабиёти араб номи вай бо номи Паёмбар (с) гиреҳ хӯрдааст. Дар адабиёти мо низ илова бар ҳузури фарҳанги исломӣ ва таҷаллии ситоиши Паёмбар (с), Хоқонии Шервонӣ чакомаҳои бисёре аз девони худро ба мадҳи Расули акрам (с) ихтисос дода ва худро «ноиби Ҳассон» «сони Ҳассон» ва «Ҳассони аҷам» хондааст» [9, 151].

Инчунин, Маҳдӣ Некманиш чунин баён мекунад: «Аз миёни мутақаддимону муосирои вай Рӯдакӣ, Унсур, Муҷируддин, Заҳир, Асируддини Ахсикатӣ ва дигарон дар девони ашъори худ ба Ҳассон таваҷҷуҳ ва аз ӯ ёд кардаанд, аммо таваҷҷуҳи Хоқонӣ ба Ҳассон аз гунаи дигаре аст» ва нигоранда чунин хулоса мебарорад, ки бештарин корбурди Ҳассон дар девони Ҳассони Аҷам, яъне Хоқонӣ аст.[9, 154]

Шояд, ин фахру тафохур ва дар ашъори худ овардани бисёр аз асмои шоирони маъруфи араб на танҳо далели огоҳ будани шоир аз девонҳои онҳо будааст, балки рақибону ҳарифонашон онҳоро водор мекарданд, то шоистагии худро нишон диҳанд. Худи Хоқонӣ дар қитъае шоири маъруфи аҳди Ғазнавиён Унсуриро барои бархурдор набуданаш аз фарҳанги арабӣ таъна задааст[11, 927]:

Адибу дабиру муфассир набуд,
На Саҳбон ба урфи забон Унсурӣ.

Дар байти мазкур Хоқонӣ Саҳбони Воилро, ки шоир, нотиқ ва хатиби болаёқати давраи сулолаи Умавиён-Муовия буд, дар назар дорад.

Чунонки Алии Даштӣ мегӯяд, “Ҳудситоӣ дар баёни ҳамаи шоирон ҳаст, ҳатто, баёни гӯяндагони бузурге, ки ба худситоӣ ниёзе надоранд, ин амр шояд ношӣ аз ин бошад, ки ҳунармандон бояд, ба нубуғ ва иқтидори худ воқиф бошанд, зеро бидуни эътимод ба қареҳа ва муҳабати хеш борвар намешаванд” [5, 193].

Дар воқеъ, ин худситоию фахру тафохур, қариб ки дар ашъори аксари шоирон дида мешавад.

Яке аз шоироне, ки мехоҳем инҷо зикр кунем, муосири Хоқонӣ-Фалакии Шервонӣ мебошад. Ӯ тахминан дар байни солҳои 1108-1146 шояд зиндагӣ карда бошад. Аксари сарчашмаҳо Фалакиро рафиқи Хоқонӣ мешуморанд, ки ҳамроҳи ӯ дар назди Абӯлало таҳсил карда будааст [18, 131].

Фалакӣ ба забони арабӣ ва адабиёти он табаҳҳур дошта, ба ин забон шеър сурудааст. Дар девонаш, ки шомили се ҳазор байт аст, абёти арабӣ каму беш ба чашм мехӯрад, ки ӯ хешро дар адабиёти арабӣ ва дар сухани арабӣ баъд аз Абӯтаммом ва Абӯнувос шуморида, чунин мегӯяд[7, 76]:

Чӣ зорӣ, ай Фалакӣ, з-ин навоиби айём,
Ки дар сухан сеюм Бӯтаммом ва Нувос.

Муҷируддин Байлақонӣ яке аз шогирдони Хоқонӣ будааст. Дар бораи ҳаёти ӯ маълумот кам аст. Аз осори ӯ то замони мо танҳо як девон расидааст, ки нусхаҳои он камёбанд [18, 146].

Муҷир дар ин байташ сифати мамдуҳашро ба Паёмбар (с) ташбеҳ дода, худашро ба Ҳассони Собит баробар кардааст[9, 366]:

Ту Муҳаммадсифатӣ, хоса ба эҳсону карам,
Ҳам Муҷир аз пайи эҳсони ту Ҳассони ту бод.

Чунонки аз девонҳои ашъори муосирони Хоқонӣ ё умуман, шоирони гуногуни ин давра бармеояд, ин гуна фахру тафохур ва овардани номҳои шоирони араб ва умуман, худро бо онҳо дар як радиф гузоштан амри маъмулӣбудааст.

Тоҷиддин Мардонӣ дар мақолаи худ «Рӯдакӣ ва адабиёти араб» ошноии сардафтари адабиёти классик Рӯдакиро бо адабиёти араб ошкор карда, арза мекунад, ки ин шоири забардаст низ номҳои як қатор шоирони арабро бо камоли эҳтиром ба забон гирифта, ба маҳорату истеъдоди онҳо на танҳо офарин мегӯяд, балки худро дар қасидаи «Модари май» бо онҳо дар як радиф мегузорад:

Ҷуз ба сазовори мир гуфт надорам
В-ар чи Ҷарирам ба шеъру Тоию Ҳассон.
Мадҳи амире, ки мадҳ з-ӯст ҷаҳонро,
Зиннат ҳам з-ӯю фарру нузҳату сомон.

Сахт шукӯҳам, ки аҷзи ман бинамояд,
В-ар чи Сариам або фасоҳати Саҳбон.

Тоҷиддин Мардонӣ дар идома номи ҳар як аз шоирони араби дар ин шеър бударо ҷудогона оварда, дар бораи онҳо маълумот медиҳад ва меафзояд:«Чунонки мебинем, Рӯдакӣ ба иқтидори ҳунари шоирии худ чунон бовар дошта, ки дар ин порча худро бо сухансароёни номии араб дар як радиф гузошта, ашъори шоирони номбурдаро меъёри қудрати суханварӣ ва камолоти маҳорат донистааст [13, 11].

Тоҷиддин Мардонӣ дар мақолаи дигари худ оид ба ошноии Носири Хусрав ба забон ва адабиёти арабӣ ва ба ин забон шеър сурудану овардани асмои як қатор шоирони маъруфи арабро зикр кардааст.Дар баробари ин, барои намуна як шеъри Носирро меорад, ки шоир худро аз лиҳози фахр нисбат ба ҳунари шеъри форсӣ дар мадҳи Пайғомбари ислом (с) баробари Рӯдакӣ ва дар офариниши шеъри арабӣ ҳампояи Ҳассон ибни Собит медонад[13, 81]:

Ин фахр бас маро, ки ба ҳар ду забон,
Ҳикмат ҳаме мураттабу девон кунам.
Ҷонро зи баҳри мидҳати Оли Расул,
Гаҳ Рӯдакию гоҳе Ҳассон кунам.

Аз он ҷо ки ҳадафи пажӯҳиши ҳозир нишон додани рӯйоварии Хоқонӣ ба адабиёти арабӣ ва таъсирпазирии вай аз шоирони ин забон аст, зикри баъзе шоирони маъруфи арабро даршеърҳои шоир кофӣ донистем. Байтҳое, ки дар он асмои шоирони дигари араб мавҷуд аст, хеле зиёданд ва дар як мақола зикри ҳамаи он амрест ғайриимкон ватаҳқиқоти алоҳидаро тақозо мекунад.

Хоқонӣ на танҳо асмои шуарои арабро дар шеъраш овардааст, балкидар сурудани бисёре аз ашъори худ ба қасидаҳои суханварони адабиёти арабӣ таваҷҷуҳ доштааст. Барои адабиётшиносони арабу аҷам ин баррасии муносибату робитаҳои маъноиву мазмунии ашъори Хоқонӣ бо шеъри шуарои араб хеле зарур мебошад.

Албатта, муаллифони бархе таҳқиқот ба тариқи мухталиф Хоқониро бо шоирони араб рӯ ба рӯйи ҳам ниҳода ва мавриди муқоиса қарор додаанд. Аз ҷумла, мақолаҳои «Нақд ва баррасии мадоиҳи Каъб ибни Зуҳайр ва Хоқонии Шервонӣ» ба қалами Мӯҳсинӣ Ниё ва Ҷиҳодӣ, «Муқоисаи истиора дар ҳасбиёти Хоқонӣ ва Абӯфирос» аз Маҳдӣ Ҷабборӣ, «Ҳассони Араб ва Ҳассони Аҷам» аз Маҳдӣ Некманиш, «Айвони Мадоин аз дидгоҳи ду шоири номии тозӣ ва порсӣ Бухтурӣ ва Хоқонӣ» аз Саид Амир Маҳмуд Анвор, ки паҳлӯҳои гуногунимасъалаи таъсирпазирии эҷодиёти Хоқониро аз адабиёти араб мавриди пажӯҳиш қарор додаанд.

Аз ҷиҳати мазмун шеъри Хоқонӣ таъсири фаровон аз ашъори удабои араб гирифтааст.

Асарпазирии Хоқонӣ аз Бухтурӣ дар «Айвони Мадоин» дида мешавад. Маҳмуд Анвор китобе дар боби тарҷума ва таҳлили «Айвони мадоин»-и Бухтурӣ таълиф кардааст ва дар он ишороте ба ташобуҳи мазмунии «Айвони мадоин»-и Хоқонӣ ва Бухтурӣ доштааст. Дар муқоиса байни қасидаи ин ду шоир Анвор мегӯяд, ки «Хоқонӣ ва Бухтурӣ ҳарду аз дидори вазъи осифбору бинои вайрони кохи Сосониён андӯҳгин мегарданд ва ашк аз дидагон ҷорӣ месозанд[3, 48]:

اَتَسلّي عَنِ الخطوبِ و آسى لِمَحَلٍّ مِنْ آل ساسانَ دَرْس
فَلَها أنْ أعينَها بِدُموعٍ موقَفَاتٍ عَلى الصَّبابَةِ حُبْس

Тарҷумаи ин абёт: Шутуронамро ба ду далел ба сӯйи кохи Мадоин рондам. Нахуст, ғаму андӯҳро аз дил зудоям ва аз сахтиҳои замона биосоям. Дигар, ин ки барои кохи Сосониён, ки акнун вайрон гаштааст, ғамгин шавам. Мешояд, ки ин вайронаҳоро бо ашки ишқ ва сиришки дӯстӣ ёрӣ диҳам.

Хоқонӣ бошад чунин нола мекунад[3, 49]:

Бар Даҷла гиряи нав- нав в-аз дида закоташ деҳ,
Гарчи лаби дарё ҳаст аз Даҷла закотистон.
Гаҳ- гаҳ ба забони ашк овози даҳ айвонро,
То бӯ, ки ба гӯши дил посух шунавӣ зи айвон.

Аз сабаби он ки Бухтурӣ яке аз шоирони машҳури араб буд, метавон гуфт, Хоқонӣ девони шоирро аз назар гузаронидааст.Бо ҳама баҳрамандӣ ва иттилооте, ки шоири Шервон дар адабиёти араб дошт, баид ба назар мерасад, ки девони Бухтуриро надида бошад. Чи тавре ки Аҳмад Тарҷонизода мегӯяд, «ҳарчанд дар вазну қофияи ин ду қасида ваҷҳи шабоҳате дар миён нест ва дар мазомини абёт ҳам маворидиаш ташобуҳ бисёр андак аст, аммо дар боиси муҳаррику ҳадаф ва ғоят, ки иборат аз баёни эҳсосоти шоирона дар мушоҳидаи тоқи Кисро ва танбеҳу эътибор аз инқилоби рӯзгору васфи айвони Мадоин ва шавкату шукӯҳи подшоҳони бостонии Эрон аст, аз

мафохири аҷдоду ниёгону қавми ӯ набудааст ва танҳо ба шукронаи миннат ва неъмате, ки подшоҳони Эрон бар Сайф Зи Язан, подшоҳи Яман дар ҷанг бо Ҳабаша раво доштаанд, ин қасидаро сурудааст. Чунонки худи ӯ низ дар охири қасида ин нукотро баён мекунад» [3, 206-209]:

ذاكَ عِنْدِي و لَيْسَتِ الدَّارُ دارِي باقترابي مِنْها و لا الجِنْسُ جِنْسي
غَيْرَ نُعْمى لِأَهْلِها عِندَ أَهلي غَرَسُوا مِنْ زَكائِها خَيرَ غَرْسِ

Тарҷумаи ин абёт:

Гирям ва ҷуз гиря натавонам! На хона аз ман аст,
На маро аҳли хонаи хешу ҳамкишварӣ.
На, хато гуфтам, ки аҳли Порс дархоки араб
Тухми донӣ парокандаанд аз донишварӣ.

Инчунин ӯ меафзояд, ки «Хоқонӣ дар ибдои маонӣ ба ҳеҷ ваҷҳ музоҳими Бухтурӣ нашуда ва ба куллӣ тағйири масир додава роҳе дигар дар пеш гирифтааст ва ин матлаби худ далели азамати мақом ва баланди пояи ӯст» [3, 72].

Ҳаҷвҳои зишту газандаи Хоқонӣ ҳаҷвҳои Ҳутайа (ҳудуди 300ҳ), Ҷарир (33-114ҳ), Фараздақ (20-114ҳ.) ва Ахтал(20-92ҳ.)-ро тадоӣ мекунад ва дар тасвири гирехҳои мутакаллиф ва маснӯъ роҳи Ибни Муътазро (249-296 ҳ) мепаймояд [14,409].

Дар охир, дар бисёре аз ҷиҳот, аз ҷумла ҳудпарастӣ ва худшефтагӣ ва нопойдорӣ дар дӯстӣ ва душманӣ шеваи мадеҳагӯйӣ ва мадеҳасароии тасвири Мутанабиро тадоӣ мекунад [14,409].

Оид ба Хоқонӣ ва Мутанабӣ муқоисаҳои татбиқӣ ва таҳқиқотҳои зиёде анҷом шудаанд, ки якеи онҳо мақолаи Райҳони Замин, Зуҳро Мирқодирӣ, Саид Фазлуллоҳ ва Ваҳидӣ Аҳмаднур бо номи «Муқоисаи татбиқии муқаддамоти қасидаи Хоқонӣ ва Мутанабӣ» мебошад. Нависандагони мақола дар таҳқиқоти худ ашъори Мутанаббӣ ва Хоқониро аз лиҳози тағаззул, васфи Ироқ, шикваву гила, ҳикмат ва тафохур мавриди муқоиса қарор дода, дар муқаддимаи тафохур чунин баён месозанд, ки "Хоқонӣ дар ағлаби қасоидаш аз худ ва шеъраш таъриф карда, ба он меболад. Қасоиде ҳам дар девони Хоқонӣ ҳаст, ки тақрибан кулли он дар фахру мубоҳот ба худ аст ва мадҳи мамдуҳе намеанҷомад". Аз ҷумла, қасидае, ки бо ин байт шурӯъ мешавад:

Нест иқлими суханро беҳтар аз ман подшо,
Дар ҷаҳон мулки сухан рондан мусаллам шуд маро.

Дар девони Мутанабӣ ҳам қасоиде вуҷуд дорад, ки бо муқаддимаи муфохарае шурӯъ мешавад [10,45]:

قُضاعَةُ تعلمُ انّی الفتی الّ ذی ادّخرّت لصروفِ الزّمانِ

Тарҷума: Қабилаи ман медонад, ки ман ҷавоне ҳастам барои дафъи ҳаводиси рӯзгор, ки баӯ иҳтиёҷ доранд ва ӯро барои худ нигоҳ медоранд.

Яке аз қасидаҳои Хоқонӣ, ки унвони «Мантиқ-ут-тайр»-ро ба худ гирифтааст, достони манзараи парандаҳо бар сари унсурҳои табиат ва ҷонибдории ҳар як аз ин унсурҳои табиат аст. Дар ин қасида ҳар паранда ба тартиб шурӯъ ба мадҳу ситоиши як гул ё дарахт мекунад. Саранҷом, ҳудҳуд, ки дар рамзи ирфонӣ роҳбару муршиди соликон ва намунаи инсони комиласт, наргисро бартар аз ҳамаи гиёҳон мешуморад [16, 64] :

Ҳудҳуд гуфт: «Аз Суман Наргис беҳтар ки ҳаст,
Курси ҷами мулки ӯ ва афсари Афросиёб.

Аммо парандагон барои доварӣ ба назди Анқо ё ҳамон Симурғ мераванд. Хоқонӣ дар ин байт гӯша ва киноя ба тавсифот ва васфҳои «Маърака байн-ал-азҳор», яъне «Мунозара байни гулҳо»-и Санавбарӣ дорад.

Абӯбакр Муҳаммад ибни Аҳмад маъруф ба Санавбарӣ соли 945 дар Антокия таваллуд ёфтааст. Ӯ муддати зиёде вазифаи китобдории китобхонаи Сайфуддавларо бар уҳда доштааст ва ҳамзамон ба фаъолияти шоирӣ низ машғул будааст.

Санавбарӣ дар таърихи адабиёти араб беш аз ҳама чун шоири вассофи табиат шуҳрат пайдо намудааст. Ӯ худ сайру саёҳатро дар оғӯши табиат бениҳоят дӯст медошт ва тамоми нозукиҳои васфи табиатро дар шеъри худ таҷассум кардааст [1, 146\ 15, 522].

Хоқонӣ дар ин байт гули наргисро таъсири Санавбарӣ тавсиф мекунад, зеро дар ашъори парокандае, ки аз ин шоири шомӣ дар мунтахабот ва тазкираҳо ба ҷо мондааст, дар канори васфи бисёре аз гулҳо ва гиёҳон наргисро бештар васфу таъриф мекунад [4, 223] :

خَجِلَ الوردُ حِينَ لاحظه النَّرجِسُ من حسنهِ و غارَ البهارُ
فعَلَت ذاكَ حُمرَةٌ و علت ذا صُفرةٌ وَاعترى البَهارَ اصفرارُ

Шарм дошт гул вакте наргисро дид ва рашк карданд он гулҳо аз зебогии наргис. Он сурхии гул зард шуд ва ин шукуфоии гул зарду хазон шуд.

Хоқонӣ дар идомаи қасида худро ба ҷойи Анқо мегузорад ва ин гуна ҷавоби ҳудҳуди Санавбариро медиҳад[16, 66]:

Ин ҳама наврастагони бачахӯранд, пок
Хӯрда гаҳ аз ҷӯйи шир, гоҳ зи ҷӯйи шароб.
Гарчи ҳама дилшиканд, аз ҳама гул нағзтар
К-у арақи Мустафост в-ин дигарон хоку об.
Ҳодии маҳдӣ ғулом, умми содиқи калом,
Хусрави ҳаштум биҳишт, шаҳнаи чорум китоб.

Дар тасвири Санавбарӣ табиат чун ҷомеаи инсонҳои зинда аст, ки анвои он чун табақаҳои одамон нисбат ба якдигар бухлу ҳасад, кинаву адоват, соҳиби назару ақидаҳои гуногун мебошанд.

Ба ҳар рӯй аз муқоисаи ин ду намуна-аз шеъри Хоқонӣ ва Санавбарӣ ду натиҷа ба даст меояд: нахуст, баҳрагирӣ ва таваҷҷуҳи густурдаи Хоқонӣ ба ашъори арабии мутақаддимон ва дигаре бардошти динии Хоқонӣ аз мунозираи мурғон дар мавриди бартарии гулҳо ва ҷавоб гуфтани ӯ ба Санавбарӣ аст.Дар ҳардуи шеър исмҳои гулҳо, ба монандинаргис, бобуна, савсан, шақоиқ ва гули сурх оварда шуда, ҳардуи шеър мунозара оид ба чигунагии гулҳост.

Дар ин намуна шабоҳатҳои мунозираву баҳсҳои мурғон дар «Мантиқ-ут-тайр»-и Хоқонӣ ва «Мунозираи гулҳо»-и Санавбарӣ бо асарпазирии Хоқонӣ аз вай беш аз пеш ошкор мешавад.

Дар адабиёти форсӣ яке аз заминаҳое, ки пайванди ду забони арабӣ ва форсиро ба вузӯҳ нишон медиҳад, ашъори Хоқонӣ аст. Дар ин замина бояд гуфт, ки ин пайванд, монанди дузабонагии бисёре аз дигар суханварони форсу тоҷикна танҳо дар бакоргирии вожагони арабӣ маҳдуд шудааст, балки асарпазирии мазмунии шеъри Хоқонӣ аз удабои арабӣ дар бисёре аз заминаҳо чунонки баён шуд, пешрав аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдушукур Абдусаттор. Таърихи адабиёти араб/Абдушукур Абдусаттор. – Душанбе: Деваштич, 2010.
2. Ализода Ҷамшед. Соғаре дар миёни сангистон (зиндагӣ, андеша ва шеъри Хоқонӣ) Маҷмӯаи мақолот / Ализода Ҷамшед. -Теҳрон: Марказ, 1378. –Ҷ. 1.
3. Анвор Саидамир Маҳмуд. Айвони Мадоин аз дидгоҳи ду шоири номӣ, тозӣ ва порсӣ Бухтурӣ ва Хоқонӣ / Анвор Саидамир Маҳмуд. -Теҳрон: Донишгоҳи Теҳрон, 1383. – Ҷ 1.
4. ал-Бӯстонӣ Фуод Афром.ал-Маҷони ал-Ҳадиса, ат-табъа ар-робиа / ал-Бустонӣ, Фуод Афром. – Қум: Зу-л-қурба, 1998.
5. Даштӣ Алӣ. Хоқонӣ-шоири дерошно / Даштӣ Алӣ. -Теҳрон: Амири кабир, 1381.
6. Мустафо Ниё Муҳаммадризо. Муқоисаи аносири балоғӣ истиора дар ҳасбиёти Хоқонӣ ва Абуфирос / Мустафо Ниё Муҳаммадризо, Маҳдӣ Ҷаббори Донолӯӣ // Мутолиоти адабиёти татбиқӣ. Донишгоҳи Озод, 1388. -№ 10. -С. 219-242.
7. Муҳаммад Фалакии Шервонӣ. Девон / Муҳаммад Фалакии Шервонӣ; Ба Эҳтимоми Тоҳирӣ Шаҳоб. -Теҳрон: Китобхонаи Ибни Сино, 1345.
8. Муҳсини Ниё. Мадоиҳи набавии Каъб ибни Зуҳайр ва Хоқонии Шервонӣ / Муҳсини Ниё Носир, Саидамир Ҷиҳодӣ // Лисони мубин Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии донишгоҳи Эмом Ҳумайнии Қазвинӣ, 1389. - № 2. -С 181-195.
9. Некманиш Маҳдӣ. Ҳассони араб ва Ҳассони аҷам / Некманиш, Маҳдӣ // Маҷаллаи Донишгоҳи Розӣ Кирмоншоҳ. Донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Машҳад (илмӣ-пажӯҳишӣ), 1382. -№142.
10. Райҳони Замин Зуҳро. Муқоисаи татбиқии муқаддамоти қасидаи Хоқонӣ ва Мутанабӣ / Райҳони Замин Зуҳро, Мирқодирӣ Саид Фазлуллоҳ, Ваҳидӣ Аҳмаднур // Маҷаллаи шеърпажӯҳӣ (Бӯстони адаб). –Шероз: Донишгоҳи Шероз, 1392. -№1.
11. Саҷҷодӣ Саид Зиёуддин. Гузидаи ашъори Хоқонии Шервонӣ / Саҷҷодӣ Саид Зиёуддин.– Теҳрон: Сипеҳр, 1363. – Чопи 3
12. Тарҷонизода Аҳмад. Шарҳи муаллақоти сабъ / Тарҷонизода Аҳмад // Бо муқаддима ва таълиқоти Ҷалили Таҷлил. –Теҳрон: Садо ва симо, 1382.
13. Тоҷиддин Мардонӣ. Кист он тирачашм шоири равшанбин? (Носири Хусрав, Рӯдакӣ ва Абулало ал-Маарриӣ). Рӯдакӣ ва адабиёти араб / Тоҷиддин Мардонӣ // Маҷмӯи мақолаҳо. –Душанбе: Ирфон, 2010.
14. Фозилӣ Муҳаммад. Дидори тоза ба Хоқонӣ / Фозилӣ Муҳаммад // Маҷаллаи донишкадаи адабиёт ва улуми инсонии Машҳад, соли севум.
15. Ал-Фохурӣ Ҳанно. Таърихи адабиёти забони арабӣ (аз асри ҷоҳилӣ то қарни ҳозир) / Ал-Фохурӣ Ҳанно; тарҷумаи Абдулмуҳаммад Оятӣ. -Теҳрон: Тус, 1386.– Чопи 7.
16. Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор. Девони ашъор / Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор; виростаи Мирҷалолуддини Каззозӣ. -Теҳрон: Нашри Марказ, 1375.
17. Хоқонӣ Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор. Девони Хоқонии Шервонӣ / Хоқонӣ, Афзалуддин Бадил ибн Алии Наҷҷор; ба кӯшиши Зиёуддин Саҷҷодӣ. -Теҳрон: Заввор, 1378.
18. Ҳодизода Расул. Адабиёти форсу тоҷик дар асрҳои XII-XIV / Ҳодизода Расул. – Душанбе: Дониш, 1976. – қ.1.

ВЛИЯНИЕ АРАБСКОЙ ПОЭЗИИ НА СТИХИ ХАКАНИ

Хакани Ширвани, знаменитый средневековый таджикско-персидский поэт, который был хорошо знаком с арабской литературой, также сочинял стихи на арабском языке. В данной статье анализируются причины упоминания имен известных арабских поэтов, а также рассматривается несколько важных мотивоарабских стихов Хакани.

Ключевые слова: Хакани Ширвани, восхваления, восприимчивость, арабская поэзия.

THE INFLUENSE OF ARABIC POEMS TO THE KHAGHANI'S POEMS

Khaghani Shirvani, a famous Tajik-Persian poet in a middle ages. He had great extensive knowledge on Arabic literature and also he has been composed several Arabic poems.

This article consider the reasons of mention Arabic poets in Khaghani's poems and analyses several poems of this poet that are compose in ahe spirit and meaning from Arabic poems.

Key words: Khaghani Shirvani, honour, influense, Arabic poets, poem.

Сведения об авторе: ***М.Б. Шарифова*** – аспирантка кафедры арабской филологии Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 988-35-49-94.** E-mail:**mavluda-88@mail.ru**

САРЧАШМАШИНОСИИ МАФОҲИМИ НАЗАРИИ СӮФӢ ВА ОРИФ

Ҳоҷи Ҳусайн Мӯсозода
Шӯрои уламои дини вилояти Суғд

Баррасии сарчашмашиносии вуруди вожаи «сӯфӣ» ва «тасаввуф» дар адабиёти форсу тоҷик ба матолиби мухталифе пайванд мегирад, ки бешак, онҳоро аз амалҳои ибтидоии намояндагони он метавон бозҷӯйӣ намуд. Фазлуллоҳи Зиёнур дар «Ваҳдати вуҷуд» дар бобати зӯҳд гуфтааст: «Танҳо бархе аз саҳобаи Пайғамбар (с) ба василаи зӯҳд ва агроз аз дунё мувозибат ва мудовимат бар фароиз ва навофил ва шаббедорӣ ва ғайра аз дигарон мумтоз буданд ва дар қулуби мардум ҷойгоҳи махсусе доштанд» (1, 29), яъне нахустин аносири тасаввуф дар ибтидои зуҳурот тавассути зӯҳди тақво, гӯшанишинӣ, қаноату ибодат гардиданд, ки онҳо як воситаи мубориза алайҳи зулму истибдоди феодалӣ маҳсуб мешуданд. Зӯҳду ҷоҳидӣ дар аввали пайдоиши тасаввуф заминаи бузурги мафкуравӣ гардид.

Вобаста ба ин баҳс ин ҷо ниёзе пеш меояд, ки мо то андозае ба тавзеҳи маънии «зӯҳд» ҳамчун рукни аслии зуҳури тасаввуф таваҷҷуҳ зоҳир намоем ва боиси аслии ҷудо шудани онро аз тасаввуф дар қарнҳои баъдӣ муқаррар намоем.

«Зӯҳд» дар луғат ба маънои «парҳезгорӣ, бемайлию тарки дунё» омадааст. Зоҳидони аввалин гуруснагию фақирӣ, нафрат ба молу дунёро пешаи худ карда буданд. Аз машҳуртарини аҳли ин фирқа Иброҳими Адҳам, Робияи Адвия, Маъруфи Кархӣ, Ҳасани Басрӣ мебошанд, ки ақоиди онҳо берун аз Басра ба шаҳру марказҳои дигари хилофат торафт васеътар интишор меёфт. «Иброҳими Адҳам, Робияи Адвия фақр ва зӯҳд, сабру қаноат, таваккал барин масоили ахлоқии дигарро ба таркиби таълимоти зӯҳду тақвопарастӣ дохил намуда, доманаи онро васеъ ва форрохтар сохтанд» (18;89). Ин сабаби он гардид, ки зӯҳду тақво аз ирфони асил ҷудо шавад ва тасаввуф чун маслаки мустақил роҳи хешро дар ҷаҳони фалсафа ва ислом боз ёбад.

Натиҷаи андешаҳои боло он аст, ки бар асоси имтиёзҳои наздикии баъзе аз сӯфиёни аҳди аввал дар мавриди шинохти Худованд омилҳои аслии пайдоиши тасаввуфи комил пеш омад, ки асли он вобаста бар худошиносӣ дар ин ҷаҳон аст.

Бо ҳамраъйӣ ва такя ба ақоиди дар ин бора баёндоштаи муаллифи «Ваҳдати вуҷуд» Фазлуллоҳи Зиёнур гуфтанием, ки хулосаи каломи ин суханон он аст, ки зуҳд, парҳез, риёзат, таҳқири моддиёт, хавф аз Худо, шаббедорӣ ва амсоли ин иддае аз муслиминро ба қаламрави тасаввуф ва ирфон кашонид ва он ҳолат батадриҷ ба ишқ, завқ, дарунгароӣ ва таваҷҷуҳ ба ботин анҷомид. Ин ҷараён тасаввуф ном гирифт ва қавоиди махсусе пайдо кард, то он ки Абдусаиди Хуросонӣ пайдо шуд ва бо пӯшидани либоси суф дастур дод ва хонақоҳ тартиб дод ва дар ин марз буд, ки тасаввуф ва ирфони исломӣ аз зӯҳду тақво аз ҳам ҷудо шуданд» (1;116).

Ҳамин тариқ, мувофиқи ахбор ва сарчашмаҳое, ки оид ба тасаввуф ва ирфон баҳс кардаанд, аз нимаи дувуми асри VII шурӯъ шуда, ин маслак ба пуррагӣ аз зӯҳду тақво ҷудо шуд.

Дар қаламрави тасаввуфи исломӣ ҳар нафар аз намояндагони адабиёти сӯфиёна мақом ва ҷойгоҳи сӯфиро аз дидгоҳи хеш маънигузорӣ кардаанд. Ба ибораи дигар, ҳарчанд сӯфӣ ба зоти худ нафаре ё шахсияте ҳамчун равандаи роҳи тариқат ё пайрави ирфони исломӣ муаррифӣ шудааст, аммо дар шеъри форсӣ ҳамчун истилоҳ низ аз диди ҳар нафар, аз намояндагони адабиёти тасаввуфӣ муаррифӣ гардидааст.

Дар ин замина аст, ки гоҳо дар адабиёти форсӣ ориф ҳам баробари ҳаким ва файласуф ва ҳам баробари зоҳид ва обид омадааст, ё қарор мегирад. Ҳатто, ҳолоте ба мушоҳида мерасад, ки бисёре аз соҳибназарон, ҳатто тазкиранависон орифро бо сӯфӣ ба як маънӣ мавриди истифода қарор медиҳанд, ки аз диди истилоҳӣ дар қаламрави ирфони исломӣ нодуруст аст. Бар асоси луғот ва фарҳангҳои ирфонӣ «сӯфӣ» ба маънои истилоҳҳои маъруф, шахсест, ки дорои ҳайати хосе буда, тобеи маросиму одоб аст, ки дар қарни дувуми ҳичрӣ шинохта шуд ва шуҳрат ёфт ва дар нимаи дувуми ҳамин қарн буд, ки номи сӯфӣ ҳамчун ғорнишин, саҳрогард, аҳли риёзат ва пашминапӯш маъруфият касб кард. Дар заминаи шинохти аслии маънии ин вожа, ки дар фарҳангҳои ирфонӣ тафсир мешавад, метавон сӯфиро ба унвони солике шинохт, ки зиндагӣ ва андешааш бо ҷозибаи ишқ ба ҳақиқат ҳамбастагӣ ва ҳамоҳангии ҳамешагӣ дошта бошад. Ин сӯфӣ пайваста иқдом бар он дорад, ки ихлоси худро дар коинот арзёбӣ кунад, то бештар ба розҳои ҷаҳон пай бибарад.

Алоуллоҳи Тадайюн- муҳаққиқи адабиёти сӯфия бар асоси андешаҳои аҳли тасаввуф дар шинохти маънии луғавии вожаи «сӯфи» чунин менависад: «Сӯфӣ ҳақиқатро медонад, ё орзу мекунад, ки ба кӯмаки шуҳуд ҳақоиқро, чунонеки ҳаст, мушоҳида кунад. Солик дар мактаби тасаввуф меомӯзад, ки мақоми кашф чист ва чи гуна метавон бад ин васила аз гардуни замон ва макон гузашт ва бар ҳақоиқ ва сувари олами вуҷуд даст ёфт. Мояи асосии сӯфӣ ишқ аст, калимаи мусулмон, муъмин, муттақӣ ва сӯфӣ ба ҳам мутародифанд. Сӯфигарӣ ҷуз мусулмонӣ нест. Сӯфӣ касест, ки на молик бошад ва на мамлук.

Истилоҳи ориф ва ирфон то қарни III ҳ. маълум буда, дар гуфтор ва мавоизи Ҷунайд борҳо омадааст ва эҳтимолан, решаи ин калима дар қарни II ҳ. мавриди иноятхонақоҳиён қарор гирифта буд ва аввалин донишманди исломие, ки ирфонро дохили мабоҳиси ҳикмат ва фалсафа кардааст, Абӯалӣ ибни Сино аст, ки мафҳуми ҳақиқии калимаи «ориф» ва «ирфон» тарҳ додаст. Ин аз рӯшандилӣ ва боз ёфтани розҳо ва ҳақоиқи аше аст, ки қабл аз ислом дар миёни адёни мухталиф вуҷуд доштааст». Дар рисолаи «Қушайрия» омадааст: «Маърифати сифат ҳар он касе аст, ки ҳақро ба асмо ва сифаташ бишиносад ва дар муомилоташ бо Худо роҳу равиши рост пеш гирад, зиштиҳо, ахлоқи разиларо аз вуҷуди хеш бизудояд ва тасфеҳ кунад, он гоҳ мухлисона дар хонаи Ҳақ таваққуф кунад ва дар он вақт бо Худо сухан гӯяд ва дар он мақом ҳама парешониҳо, ошуфтагиҳоро аз худ дур кунад ва таваҷҷуҳу андешаашро ба Худо равона кунад ва чун аз мардум дур ва бегона ва аз офати нафсонӣ пок гардид, дар ниҳон бо ҳақ ба роз ва ниёз бипардозад ва бешак, мавриди иноятипарвардигор қарор гирифта, розҳо бар ӯ макшуф ва гирдиши авзоъ бар вай ошкор шуд, чунин кас ориф аст».(1,335).

Бо такя бар ин назароти Қушайрӣ метавон бар ин натиҷа расид, ки аслан, қасди сӯфӣ кӯшиш ба сӯйи шинохти Худованд аст ва он чунон ки таъкид шуда, назари сӯфӣ равонаи он самт аст, ки ҳар кӣ ба Худои азза ва ҷалла олим буд, ориф буд. Он кас, ки Худоро бишиносад, аз амалҳои бад даст бардорад, дар ҳамаи корҳо бо Худо сидқ варзад ва аз андешаву хотири бад бипарҳезад ва ҳамеша бо Худо дар муноҷот бошад».

Сӯфӣ гоҳо муродифи солик ба кор рафтааст ва заминаҳои аслии таваҷҷуҳи аҳли тасаввуфро бар ин масъала Атоуллоҳи Тадайюн чунин тафсир намуда: «Солик бояд, мароҳили тӯлонии сулукро, ки аз тавба оғоз ва ба таваккул меанҷомад, бар асоси Қуръони карим ва суннати Муҳаммад (с) такмил намояд ва алоиқи хешро аз моддиёт ва ҳавою ҳавасҳои нафсонӣ қатъ кунад ва вақте ин мароҳилро, ки шакли амалии ирфон буда, иҷрои он ба дасти худи солик аст, анҷом гирифт, маротиби ҳолро, ки аз «қурб» оғоз ва ба марҳилаи «яқин» меанҷомад, маротиби душворе аст ва ниҳоятан бо кӯмаки анвори ишқ ва рӯшноӣ даруни ин сайру сафарро пирӯзмандона такмил ва ба мунтаҳо мерасонад».

Андешаи ин муҳаққиқон, пеш аз ҳама ба назару дидгоҳҳои хоси аҳли тасаввуф ва машоих такя мекунанд, он чунон ки дар идомаи ин матлаби мавсуф афзудааст: «Машоихи тасаввуф гуфтанд, ки тасаввуф сайр ва сулук аст, ё равишест, ки бо ҷоми ҷаҳоннамои қалби пок иртибот дорад ва асоси он бар ишқ қарор гирифтааст. Ин ишқи ҷаҳонсӯз ҳар соликеро мутаҳаввил менамояд ва ӯро бо болу пари заррини худ ба кунгураи арш мебарорад. Сулук дар тасаввуф бо маърифати кайфият, убудият ва шароити риёзат ва одоби хилват оғоз мегардад. Таваҷҷуҳи солик бо адои вазифаи бандагӣ шурӯъ мешавад, ки қадам дар марҳилаи тавҳид бигзорад, яъне дилро аз ҳар гуна тааллуқе бипардозад ва илми яқин бидонад ва донад, ки ҳеҷ чиз шоистаи ибодат нест, магар вуҷуди азалӣ».

Дар «Кашф –ул маҳҷуб»-и Ҳуҷвирӣ низ дар шаҳри ҳоли Сӯфӣ чунин омада: «Сӯфӣ он бувад, ки аз худ фонӣ бувад ва ба Ҳақ боқӣ, аз қабзаи табоеъ раста ва бар ҳақиқати ҳақоиқ пайваста, ва сӯфӣ соҳиби вусул аст ва сӯфӣ он бувад, ки чун бигӯяд, баёни нутқаш ҳақоиқи ҳоли вай бувад ва ба қатъи алоиқ нотиқ шавад, яъне гуфтораш ҳама бар асл саҳеҳ бошад ва кирдораш ба ҷумлаи таҷрид сарф. Чун мегӯяд, қавлаш ҳама ҳақ бувад, чун хомӯш бошад, феълаш ҳама фақр» (2,41).

Дар тафсири маънои калимаи «тасаввуф» ақидаҳои мухталиф баён шудааст. «Бархе гуфтаанд, ки ин калима аз решаи «сафа»-и арабист, ки маънои покиро дорад, ё иштиқоқи он аз калимаи «суфус»-и юнонист, ки маънои ақлро дорад ё «софистика», ки софист лақаби файласуфони Юнон буданд». Бархе ба он ақида мебошанд, ки ин калима аз «суфа», ки маънои баландиро дорад, маъхуз аст, зеро ки Муҳаммад (с) бо пайравони худ ба Мадина ҳиҷрат намуданд. Дар Мадина, ки ҷойи хобу сарпаноҳ надоштанд, дар суфае, воқеъ дар масҷиде буд, ҷамъ омада, шабонарӯзиро бо ибодат мегузарониданд, лекин ҳамаи ин тахминҳо ба ҳақиқат наздик нестанд ба наздиктар ва ҳақиқат он аст, ки «тасаввуф» аз калимаи «суф», ки ба маънии катони дурушти карбосӣ ва пашмина омадааст, гирифта шудааст. Тавре ки Ибни Халдун мегӯяд: «Дар авоили ислом маъмулан, мардони зоҳид либоси пашмин ба тан мекарданд ва ба ин тариқ, худро аз качсоне, ки либоси фохир мепӯшиданд, мушаххас менамуданд.

Аз ин рӯ, номи сӯфӣ дар ибтидо ба маънои либоси пашмини обидон буд» (1,241). Зикри он нукта муҳим аст, ки дар ҷаҳоншиносии аҳли назар дар заминаи шинохти тасаввуф моҳияти рукнҳои он - маърифат, шариат ва тариқату ҳақиқат қарор мегирад, ки бояд аз эътибори мо дур набошад. Баъд аз пайдоиши мафҳуми «маърифат» ва илми яниқ ба ҷойи «сӯфӣ» ва «мутасаввиф» истилоҳи «ориф» ва ба ҷойи «тасаввуф» «ирфон» хеле шоеъ гардид ва ҳамрадифу ҳаммаънои калимоти аввалии тасаввуф гардид.

«Ирфон» дар луғат ба маънои «шинохтан ва донистан» шарҳ ёфтааст. Маслакест, ки аслу матлаби пайравонаш маърифати Худост ва расидану пайвастан ба зоти ягонаву ҳақиқист.

Дар маҷмӯъ, дар шарҳи калимаи «тасаввуф» ақидаҳои зерин мавҷуд аст, ки онҳоро метавон чунин дастабандӣ намуд:

2. Гурӯҳи решаи ин калимаро аз «пилусуфи» юнонӣ донистаанд ва бешубҳа, решаи ин тариқатро аз фалсафаи афлотунии нав (Плотин) ҷустуҷӯ кардаанд.

2. Гурӯҳи асосии тадқиқотчиён тасаввуфро аз калимаи суф донистаанд. Муродифи калимаи тасаввуф дар истилоҳот тариқат аст. Яъне роҳе, ки бо он тасаввуф мерасад ё системаи мураккаби таълимот ва фармоишоти тасаввуф, ки ҳар як сӯфӣ бояд, онро гузарад, тариқа ё тариқат номида мешавад.

Бояд гуфт, ки тасаввуф, ки онро маъмулан мистика мегӯянд, ҳодисаи умумӣ буда, дар таърихи халқҳои дигар: дар Рими эллинистӣ, неоплатонизм, дар олами кристиании шарқӣ исихатҳо, дар Россия (XV-XVI) равияи Нил Сорский, дар доираи динӣ яҳудӣ иудизм равияи каббалистӣ, дар ойини индуизм равияи шанкарагаря, ки системаи фалсафии бедантии Веда меноманд, низ вуҷуд дошт. Дар байни ин равияҳо баробари фарқ умумиятҳо низ дида мешавад. Умумияти асосии онҳо моҳияти реаксионӣ доштани онҳост. Умумияти дигар он аст, ки дар таърихи тамоми халқҳо бисёр ҳаракатҳои халқӣ дар зери ниқоби мистикӣ сурат гирифтааст. Дигар нуқтаи умумӣ дар он аст, ки тамоми ҷараёнҳои мистикӣ аксаран, ба тарафҳои зоҳирии дин ва урфу одатҳои динӣ аҳамият намедоданд. Аз ҳамин сабаб, бисёрии аҳли ин ҷараёнҳоро динӣ расми таъқиб мекард. Мистикаи тамоми халқҳо ба аскетизм ва дунёбезорӣ вобастагӣ дорад.

Мувофиқи таълимоти маслаки ирфон он касе, ки бихоҳад ба мақоми Худо бирасад ва асли ҳастиро бишиносаду калиф намояд, бояд ба риёзати нафс, буридан аз тааллуқоти дунёӣ машғул шуда, тарки шаҳват, ҷаҳолат, разолат намояд ва эътиқод ба он зоти ягона варзида, ҷуз ӯ каси дигареро нашиносад ва барояш мислеро нисбат надиҳад.

Роҳи ягона ва ҳақиқии расидан ба Худо аз назари орифон танҳо ба воситаи ишқ муяссар мегардад. Орифон ва сӯфиён, барои он ки ба маърифати илоҳӣ шарафёб шаванд ва зоти ӯро мукошафа намоянд, бояд 3 зинаи камолоти ирфониро тай намоянд, ки аз шариат, тариқат ва ҳақиқат иборатанд. «Шариат зинаест, ки маҷмӯаи қавоиди диниро дар бар гирифта, риояи аркони асосии исломро талаб мекунанд ва муъмининро аз роҳҳои бад ва шарру гумроҳӣ боз медоранд. Муҳимтарин манобеи ин зина Қуръон ва аҳодиси набавӣ маҳсубанд. Мувофиқи ташреҳи зинаҳои ирфон ва тасаввуф шариатро «зинаи дониш ва илм» низ гуфтаанд (24,391). Тавре ки дар «Футувватномаи Султонӣ» омадааст, аркони тасаввуф аз илм шурӯъ шуда, ба ишқ

анҷом мепазирад, ки илм ишора ба шариат аст. Ҳамин тариқ, солики роҳи тариқат, орифи ҳақҷӯ бояд шариати ислом ва аркони асосии онро риоя намояд. Аз назари тасаввуф ҳамин риояи афкори исломӣ барои гузариш ба зинаи дувуми маърифати илоҳӣ – тариқат роҳ боз мекунад.

«Тариқат» дар ду луғат ба маънии «роҳ» буда, аз соликон талаб менамояд, ки тавассути ҷиҳод ба нафс бо Худо наздик шаванд ва ӯро маърифат намоянд. Ориф дар ин марҳила дасти иродати пиреро мебӯсаду иродаи хешро тобеи иродаи ӯ мекунад ва аҳкоми тасаввуфро риоя намуда, тавассути муҷоҳидаву мукошифа ва мушоҳида роҳе ба марҳилаи ҳақиқат боз мекунад.

Вале бояд тазаккур дод, ки барои ба мушоҳидаву мукошифа расидан ва пайвастан дар Ҳақ бояд, чанд мақомоти тариқатро тай кунад (26,94). Муаррихин ва муҳаққиқини ирфон ва сӯфия ин мақомотро аз инҳо донистаанд, ки мувофиқи ахбори «Ал-ламаъ-фит-тасаввуф»-и Абӯнасри Сарроҷ дар рисолаи «Тасаввуф»-и Ҳазратқулов мавриди ташреҳ қарор гирифтааст: тавба, вараъ, зӯҳд, фақр, сабр, таваккул, ризо, қурб, муҳаббат, хавф, зикр, мушоҳида ва фано. Дар марҳилаи ҳақиқат, ки камолоти ирфон ва ҳолати комили ориф аст, солик зоти ҳақиқиро идрок мекунад ва бо ӯ ҳулул меёбад. Тавре ки зикр шуд, охирин мақоми тариқат «фано» маҳсуб аст, ки баъд аз он «бақо» дар Ҳақ шурӯъ мешавад (1,394).

Мувофиқи тадқиқотҳои то ба мо расидаи марбут ба масоили ирфон ва сайри сулук, марҳилаи яқин ҳосил кардан ба ҳақиқати илоҳӣ 3 зина аст, ки иборат аз инҳоянд:

«Илм – ул – яқин», яъне донистани сирри чизе, ки махсуси илм аст. Аз ин лиҳоз, ин марҳиларо хоси зинаи шариат донистаанд, ки роҷеъ ба он дар шарҳи зинаҳои тасаввуф дар боло сухан рафт. Дар ин мақом сӯфӣ, пеш аз ҳама кӯшиш барои донистани асолати Қуръону аҳодиси набавӣ ва дигар аркони дини мубини ислом менамояд. Ба ин маънӣ аст, ки шариатро гоҳо зинаи камолоти динии назари сӯфӣ ҳам мегӯянд (1,366).

«Айн – ул – яқин»-ба чашми хеш дидани асрори ҳамон чизе, ки дар бораш солик дар имл-ул-яқин шунида буд. Ин хоси зинаи тариқат аст. Сӯфӣ дар ин мақом дунболи ба ойин даровардани омӯхтаҳои хеш мешавад. Аз ин рӯ, урафо муътақиданд, ки маҳз дар ҳамин дунё сайру сулуки маънавӣ ба роҳ гузошта мешавад.

«Ҳақ – ул – яқин» бо тамоми ҳастӣ идроки чизи дар мароҳили пешина шунидаву дида мебошад. Он хоси зинаи ҳақиқат аст. Вобаста ба ин ниёзе дар ташреҳи баъзе аз мақомоти маънавӣ пайдо мешавад, ки бояд ба онҳо муроҷиат намоем.

«Фақр» дар луғат ба маънии «дарвешӣ ва нодорӣ» корбаст шуда, аҳли ирфон онро ба маънии «нестии мулк ва берун шудан аз авсофи худ» донистаанд. «Фано» бошад, ба маънии «нест шудан» мустафод шуда, ирфониён онро «нест шудан аз ҷиҳати башарӣ ва пайвастан ба авсофи улви Худой» гӯянд.

Аз ин лиҳоз, аҳли ирфон фано дар хешро бақо дар Ҳақ гуфтаанд. Ҳамин тавр, аз сайри таърихии афкори ирфонӣ ва рушди тасаввуфи исломӣ маълум шуд, ки ирфон дар давраи пайдоишаш либоси зӯҳд ба бар карда, аз масоили ахлоқӣ дар таълимоти он роҳ ёфтанд ва боиси васеъшавии доираи он ва зиёдшавии ҷонибдоронаш гаштаанд. Аз ин хотир, муҳимтарин ва бузургтарин аркони ирфон ахлоқ аст. Ҳамин тавр, ирфонро маслаки ҳам ирфонию ҳам фалсафӣ метавон номид, зеро покизагии қалб, нафрат ба моли дунё, сабр, сафои қалб, дар худ куштани хашму ғазаб барин нерӯҳои шайтонӣ муҳимтарин аркони ахлоқӣ маҳсуб меёбанд ва барои камолоти маънавии инсон мусоидат менамоянд.

Аз авали пайдоиши тасаввуф дар ислом то қуруни VIII – IX аҳли ирфон ва тасаввуф ба қаламу қоғаз сару кор надоштанд, зеро миёни мутасоввифон чунин ақида буд, ки тасаввуф илми иқтибосӣ намебошад ва онро тавассути хондану навиштан аз худ кардан имконнопазир аст.

Ба назари дигар, сабти афкори сӯфиён амре номуҳим шинохта мешавад. Чун дар ин давраи тасаввуф аслан, сӯфиён ақида доштанд, ки бояд ҳарчӣ бештар дар амалия вазифаи хешро ба субут расонанд. Ин амалияи онҳо ҳамон сайри сулук ё мақомоти маънавӣ мебошад.

Ба ҳамин масъала ишорат намуда, Абӯсаид Абулхайр фармуда: «Қадами аввали сӯфӣ шикастани қаламу пора кардани дафтар аст ва ҳар касе, бихоҳад аз ишқи сӯфӣ пай барад, бояд худаш ба он бигарояд» (5,38). Вале таҳаввули ҷомеа шароите ба миён овард, ки аҳли тасаввуф ва ирфон даст ба офариниши осори марбут ба ин мавзӯъ зананд.

Вақте ки ақоиди ирфонӣ ва тасаввуфиро бархе аз фақеҳон ба аркони асосии ислом муқобил дониста, намояндагони онро ба бединиву бехудой айбдор мекарданд.

Орифон ва аҳли тасаввуф маҷбур буданд, ки барои ҳимояи хеш аз Қуръони маҷид ва аҳодиси набавӣ истидлоле оварда, ба таълифи осору кутуби мухталиф роҷеъ ба масоили мухталифи ирфон ва тасаввуф шуғл варзанд. Ҳамин тавр, аз ин аҳд шурӯъ шуда, то имрӯз осори зиёде дар баҳои мавзӯоти мухталифи ирфону тасаввуф таълиф ёфтаанд. Мувофиқи ахбори Ҳазратқулов дар аввали асри Х зиёда аз 30 асари ба масоили ирфон ва тасаввуф бахшидашуда иншо шудаанд. Намунаи барҷастаи он асари «Ат – таарруф-лил- мазҳабил-тасаввуф»-и Калободӣ мебошад, ки рукнҳои асосии тасаввуфро ташреҳ медиҳад ва аз аввалин кутуби назарии ирфонӣ шинохта шудааст (18,94).

Мавлоно Ҷалолуддини Румӣ низ дар «Девони Шамс» шахсияти хосеро барои худ чун мурод қарор додааст, ки албатта, он Шамси Табрезӣ аст ва бешакл муриду мурод ва маҳбуби ӯ боз ҳам ҳамин шахсияти ормонист. Аз ин рӯ, маҷмӯи сифоти сӯфӣ ва шахсияти ормонии соликро Мавлоно мехоҳад дар симои ӯ бубинад. Қобили тазаккур аст, ки Мавлоно дар «Маснавии маънавӣ» мустақиман вожаи сӯфиро дар забони шоиронаи хеш тафсир кардааст. Аз ҷумла, сӯфии манзури Мавлоно, пеш аз ҳама ҳамон ибнулвақт аст:

Сӯфӣ ибнулвақт бошад, эй рафиқ,
Нест фардо гуфтан аз шарти тариқ.
Ту магӯ худ марди сӯфӣ нестӣ,
Ҳастро аз нася хезад нестӣ.

Вақте ба нахустин ғазали «Девони Шамс» мо руҷӯъ мекунем, ба сӯфии шеъри будани ӯ боварӣ ҳосил мекунем:

Эй растахези ногаҳон в-эй раҳмати бемунтаҳо,
Эй оташи афрӯхта, дар бешаи андешаҳо
Имрӯз хандон омадӣ, мифтоҳи зиндон омадӣ,
Бар мустамандон омадӣ чун бахшишу фазли Худо.

Чанд далелро бояд, ки манзури Мавлоно дар ин порчаи шеърӣ «растахези ногаҳон» ва «раҳмати бемунтаҳо» Шамси Табрезӣ аст. Дар мисраи дувум мушаххасан, ки Шамси Табрезӣ бо ҳузури хеш оташе дар бешаи андешаҳои Мавлоно афрӯхт ва ӯро аз дарси қилу қоли мадраса ба сӯйи хилваткадаи ваҷду ҳоли ошиқона кашонид. Бо таваҷҷуҳ ба ин нукта метавон тазаккур дод, ки Мавлоно, пеш аз ҳама ҳамчун сӯфии комилшуда дар девони хеш ба Шамси Табрезӣ муроҷиат мекунад ва бо беҳтарин таркибҳои шоирона ӯро васф менамояд.

Дар байти дувум ибораҳои «мифтоҳи зиндон», «бахшишу фазли Худо» бешак, чун таобири шоиронаи баёнгари шаҳри ҳоли сӯфӣ барои тавсифи Шамси Табрезӣ ҳамчун симои таҷассумгари сӯфии ростин ва орифи баҳақрасида ба кор рафтаанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Фазлуллоҳи Зиёнур.Ваҳдати вуҷуд / Зиёнур Фазлуллоҳи. -Теҳрон: Амири кабир, 1369. -240 с.
2. Ғазнавӣ Алии Ҳуҷвирӣ. «Кашф-ул-маҳҷуб» /Матни тасҳеҳкардаи Валентин Жуковский. Муқаддимаи Қосим Ансорӣ. -Теҳрон: 1371.
3. Зарринкӯб Абдулҳусайн. Арзиши мероси сӯфия / Абдулҳусайн Зарринкӯб. – Душанбе: Адиб, 1383 ҳ.
4. Ҷалолуддин Румӣ. Маснавии Маънавӣ (бар асоси матни Николсон ва муқобила бо нусхаҳои дигар). Нашри замон / Румӣ Ҷалолуддин.- Теҳрон, 2001. -683 с.
5. Атоуллоҳи Тадайюн. Ҷилваҳои тасаввуф ва ирфон дар Эрон ва ҷаҳон / Тадаййн Атоуллоҳи. - Теҳрон: Интишороти Теҳрон, 1375ҳ.

ИСТОЧНИКОВЕДЕНИЕ О ТЕОРЕТИЧЕСКОМ ЗНАЧЕНИИ СУФИЯ

В статье рассматривается источниковедение о познании суфия в суфизме и суфийской литературе. Автор используя суфийские словари и достоверные источники о суфизме, комментирует терминологическое и литературное значение суфия и суфизма. Кроме того, в статье теоретическое значение познания суфия доказывается при помощи использования данных терминов в литературном контексте.

Ключевые слова: источник, суфий, ариф, путь к истине, истина, познание, познание Бога.

THE STUDY OF THE THEORETICAL VALUE OF THE SUFI

This article discusses the sources of knowledge Sufi, Sufis, and Sufi literature. The author using Sufi dictionaries and reliable sources about Sufism, comments on terminology and literary value of Sufi and Sufism. In addition, in the article the theoretical value of the knowledge of the Sufi is proved by using these terms in a literary context.

Key words: source, the Sufi, the sage, the path to the truth, the truth, the knowledge, the knowledge of God.

Сведения об авторе: Х*оджи Хусайн Мусозода* – Совет муфтиев города Согда Республики Таджикистан

МӮСО АЗ МАНЗАРИ ТАВРОТИ АСРИ ҲОЗИР ДАР ТАҚОБУЛ БО ҚУРЪОН

Мармар Носирпур
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ

Ҳазрати Мӯсо-паёмбари яҳуд, дар адёни сомии яҳуд, масеҳ, ислом ҷойгоҳи вижае дорад. Дар миёни ақоид ва омӯзаҳои яҳуд ва ислом вуҷуҳи муштараке вуҷуд дорад, зеро паёмбарони ҳар ду дин аз насли ҳазрати Иброҳим ва аз ду нажод: сомӣ ва ибронӣ ҳастанд. Дини яҳуд динест, ки ба якбора ва ба василаи як праёмбар аз ҷониби Худованд ба сӯйи башарият наомадааст, балки тайи ҳазорон сол, тайи мароҳил ва гузар аз мавқеиятҳои мухталиф как-кам такмил шуда ва саранҷом, ба шакли кунунӣ даромадааст.

Дар ин дин паёмбарон бисёр ба зуҳур расидаанд, ки муҳимтарини онҳо ҳазрати Мӯсо аст, ки дар синни 40- солагӣ дар кӯҳи Сино, бидуни ҳеҷ гуна воситае бо Худо сухан гуфт ва аз ҷониби Ӯ ба мақоми нубувват расид ва китоби Тавротро, ки ҳовии даҳ фармон буд, аз Юҳава дарёфт ва ба қавми худ арза кард. Ҳазрати Мӯсо аз тамоми пайғамбарони яҳуд бузургтар ва мумтозтар буд, зеро соири пайғамбарон нури ҷалоли илоҳиро аз варои (паси) нуҳ ҷоми шиша кадир (тира) медиданд, дар сурате ки Мӯсо онро аз варои як ҷоми шишаи шаффоф медид. Ӯ паёми илоҳиро беш аз соири пайғамбарон дарк ва тақвият кард ва ба даргоҳи Худо зиёдтар аз тақарруби дигарон буд. Илҳоме, ки ба ӯ ато шуд, сарчашмае буд, ки тамоми пайёғамбарони баъдӣ аз вай аз он касби файз карданд ва нубуввати онҳо намунае аз нубуввати Мӯсо буд, зеро ӯ абб-ул-анбиё ва нахустин муаллими динию маънавӣ ва ҳамчунин касе аст, ки аз насли ӯ тавонист бо сабру бурдборӣ бар тамомии онҳо фоиқ ояд ва саранҷом, бинобар назари Таврот дар синни 120-солагӣ дар дашти Мувоб ба лиқои Парвардигор ноил ояд.

Ҳазрати Мӯсо, чунонки гуфта шуд, дар яҳуд ва дар Таврот аз ҷойгоҳи волое бархурдор аст, ки ислом идомадиҳандаи роҳи яҳуд ва пайғамбари ислом низ дар силсилаи анбиёи илоҳӣ ба дунболи Мӯсо ва Исо омадааст ва каму беш омӯзаҳои ҳазрати Мӯсоро ба шакли беҳтар ва бо кайфияту камияти бештаре тарҳ кардааст.

Дар Қуръон масоили мухталиф ва шахсиятҳои барҷастаи илоҳӣ тарҳ шудааст, ки ҳазрати Мӯсо ҳам саҳми бисёр зиёдеро ба худ ихтисос додааст. Ҷойгоҳи Мӯсо дар Қуръон ба қадре волост, ки дар бораи ҳеҷ пайғамбаре ин андоза оя нозил нашудааст. Дар ҳақиқат, бахши қобили таваҷҷуҳе аз назароти Таврот роҷеъ ба Мӯсо дар Қуръон ҳам зикр шуда, аммо мафҳум ва матолиби Қуръон бисёр покиза ва бархурдор аз таолии беназиранд [1].

Достонҳои Мӯсо дар мосавои (ба ғайр аз) сифр (ҷузъе аз Таврот- М.Н.)- аввал, аз Таврот, ки панҷ сифр аст, омада, ҷузъиёти таърихии ӯ аз ҳини таваллуд то рӯзи вафот ва он чи аз шароеъ (тариқа, мазҳаб) ва аҳком ба вай нозил шуда, ҳамааш дар он чаҳор сифри дигар, яъне сифри хуруҷ, сифри ловиён, сифри адад ва сифри тасния омадааст. Бо он чи ки дар Қуръон омада, дар умуре, ки кам ҳам нест, ихтилоф аст.

Яке аз муҳимтарин маводи ихтилоф ин аст, ки Таврот мегӯяд: «Нидои Мӯсо ва сухан гуфтани Худо аз дарахт бо вай дар сарзамини Мадин, қабл аз ҳаракат додани хонаводааш ба тарафи Миср буда ва хулоса, дар ҳамон айёме буда, ки барои Шуайб гӯсфанд мечаронид (Таврот номи падари зани Мӯсоро ҳам Шуайб надониста, балки ӯро Ясрун, коини мадиён дониста) мегӯяд: «Дар ҳамон айём машғули шубонии вай буда, гӯсфандро ба моварои дашт бурда ва ба кӯҳи Худо «Ҳурайб» расид ва дар он ҷо малоикаи Худо барояш зоҳир шуданд ва оташеро васати дарахти хоре барояш намудор карданд. Он гоҳ Худо бо вай сухан гуфт ва он чӣ мехост, дар миён ниҳод ва ӯро барои наҷот додани бани Исроил назди Фиръавн фиристод.

Яке дигар аз ихтилофи муҳим ин аст, ки он Фиръавне, ки Мӯсо ба сӯйи вай фиристода шуд, ғайр аз он Фиръавн буда, ки Мӯсоро дар домани худ парварид ва Мӯсо аз шарри вай гурехт, то ба унвони қассос аз хуни марди қибтӣ, ки ба дасти вай кушта шуда буд, ба қатл расад.

Яке дигар ин аст, ки Таврот сухане аз имон овардани соҳирон ба миён наоварда, ки вақте асои худро бар афканданд ва ба сурати морҳо даровардand, асои Мӯсо ҳамаи онҳоро балъид (фурӯ бурд), чӣ карданд ва чӣ гуфтанд, балки мегӯяд, ки соҳирон ҳамчунон назди Мӯсо буданд ва бо Мӯсо муориза карданд ва дар муқобили ду муъҷизаи Мӯсо, яъне муҷизаи хун ва қурбоққа, сеҳри худро ба кор заданд .

Яке дигар ин аст, ки Таврот мегӯяд: «Он касе, ки барои бани Исроил гӯсола дуруст кард ва бани Исроил онро парастиданд, худи Ҳорун, бародари Мӯсо буд. Барои ин ки вақте бани Исроил диданд, ки Мӯсо аз муроҷиат (бозгашт) аз кӯҳи Тур

дер кард, назди вай ҷамъ шуданд ва бад-ӯ гуфтанд, барои мо маъбуде дуруст кун, то пешопеши мо роҳ биравад. Барои ин ки ин мард (Мӯсо), ки моро аз сарзамини Миср берун кард, наомад ва нафаҳмидем чӣ шуд. Ҳорун ба эшон гуфт: Пас ҳар чӣ гӯшвора ба гӯши занон ва писарон ва духтарони худ доред, бароям биоваред. Тамоми бани Исроил гӯшвораҳое, ки ба гӯш доштанд, биёварданд. Ҳорун ҳамаро гирифт ва бо онҳо аз мил қолабе дуруст кард ва тиллоҳоро об карда, дар он қолаб рехт ва ба сурати гӯсолае даровард ва гуфт: Ин аст маъбуди шумо, эй бани Исроил, ки шуморо аз Миср берун кард!».

Дар ин ҷо лозим аст ёдовар шавем, ки агар оёти қуръониро дар ин қисматҳо аз достони Мӯсо бадиққат зери назар ва мутолиа қарор диҳед, хоҳед дид, ки лаҳни онҳо таъриз (сухани сарбаста) ва киноя задан ба Таврот аст. Дар достоне бобати куштани қибтӣ мегӯяд: «Ду тарафи даъво дар рӯзи дуюм исроилӣ буданд. Ва монанди ин, боз мегӯяд: он касе, ки дар рӯзи мусобиқа асоро андохт ва асо ҳамаи сеҳри соҳиронро фурӯ бурд, Ҳорун буд, ки ба дастури Мӯсо онро андохт Таврот достони интихоби ҳафтод нафарро барои миқот, нузули соъақа (оташи раъду барқ) ва зинда шуданашон баъд аз мурданро аслан наоварда. Низ дар Таврот, омада, ки алвоҳе (лавҳаҳо), ки Мӯсо аз муроҷиат аз кӯҳ бо худ овард ва ба замин андохт, дуто тахтасанг буд, ки номашон «Лавҳи шаҳодат» буд ва ҳамчунин аз ин қабил ихтилофот зиёд аст:

«Баъд аз ҳалок кардани наслҳои гузашта ба Мӯсо китоб додем, то чароғи фаророхи мардум ва иродаи мардум ва ҳидояте ва раҳмате бошад, шояд мутазаккир шавад» (43). «Ҳаммад набудӣ дар самти ғарби Сино; он ҷо ки Тавротро ба Мӯсо ваҳй кардем ва ту аз ҳозирон ва шоҳидон набудӣ» (44). «валекин мо ононро барои мардум худат бигӯйӣ, ин моем, ки туро мефиристем» (45). «Боз ту дар тарафи Тур набудӣ, он ҷо ки мо нидо додем ва аз дари раҳмат ҷараёнро ба ту хабар додем, то мардумеро, ки қабл аз ту паёмбаре бимрасон надоштанд, бимрасон бошӣ, ки мутазаккир шаванд» (46). «Ва агар намефиристодем ва ба кайфари гунгҳое, ки карданд, ҳалокашон мекадрдем, мегуфтанд парвардигоро чаро ба сӯйи мо расуле нафиристодӣ, то оётатро пайравӣ кунем ва аз муъминон бошем?» (47) «Вале вақте аз ноҳияи мо ба сӯяшон омад, гуфтанд: чаро мисли он чӣ ба Мӯсо доданд, ба ин паёмбар надоданд? Оё дар баробари он чӣ ки аз Мӯсо диидан, куфр наварзиданд ва нагуфтанд, ки ин Қуръон ва Таврот ду сеҳранд, ки якдигарро кӯмак мекунанд? Оё нагуфтанд, мо ба ҳар як кофирем?» (48). «Ту ба эшон бигӯ: пас шумо аз ваҳйи Худо китобе биёваред, ки аз Таврот ва Қуръон раҳнамотар бошад, то ман онро пайравӣ кунам, агар рост мегӯед» (49) «ва агар ин пешниҳодро аз ту напазируфтанд, пас бидон, ки онон танҳо аз ҳавоҳои худ пайравӣ мекунанд ва оё касе гумроҳтар аз пайрави ҳавое бидуни раҳманое аз Худо ҳаст? Ба дурустӣ, ки Худо мардуми ситамгарро ҳидоят намекунад» (50). «Ва ба таҳқиқ, ки мо Қуръонро пайваста фиристодем, бошад, мутазаккир шаванд» (51). «Касоне, ки қабл аз Қуръон китоб ба эшон додем, ба Қуръон имон меоваранд» (52). «Ва чун Қуръон бар эшон хонда мешавад, мегӯянд, ки бад-он имон овардем ва он ҳақ ва аз ваҳйи парвардигори мост ва мо қаблан ислом оварда будем» (53). «ва чун сухани беҳуда мешунаванд, аз он рӯ гардонида, мегӯянд, ки аъмоли мо барои мо, аъмоли шумо барои шумо, салом бар шумо, мо хоҳони муошират ҷоҳилон нестем» (55). «Ба дурустӣ, эй Муҳаммад, ту ҳар киро дӯст бидорӣ, ҳидоят натавонӣ, балки Худост, ки ҳар киро бихоҳад, ҳидоят мекунад ва Ӯ донотар бар касоне аст, ки қобили ҳидоятанд» (56).

Сиёқи (услуби калом) ин оёт шаҳодат медиҳад, бар ин ки мушрикин аз қавми Расули Худо (с) ба баъзе аз аҳли китоб муроҷиат намуда, дар бораи он ҷаноб аз эшон назария хостанд ва баъзе азоёти Қуръонро ҳам ки Таврот тасдиқ кард, бар онон арза кардаанд ва аҳли китоб посух доданд, ки оре, оре мо он чӣ дар Қуръон дар ин бора омада, тасдиқ дорем ва ба он чӣ аз маорифи хуққа, ки Қуръон мутазаммини он аст, имон дорем ва усулан, овардаи Қуръонро, қабл аз он ки нозил шавад, мешиноҳтем, ҳамчунон, ки ояи 53 аз ҳамин оёт фармуда: « و اذا یتلی علیهم قالوا آمنا به انه الحق من ربنا انا کنا من قبله مسلمین».

Мушрикин аз ин посухи аҳли китоб нороҳат шуда, ба мушоҷира ва дуруштгӯйӣ бо онон пардохтанд ва гуфтанд, ки ин Қуръон сеҳр ва Тавроти шумо ҳам мисли он сеҳр аст. «Сеҳрон тазоҳуро» (ҳар ду сеҳранд, ки ҳар дуро кӯмак мекунанд) ва ана бикулли кофирун» (ва мо ба ҳар ду кофирем). Дар натиҷа, аҳли китоб аз мушрикин эъроз намуда ва гуфтанд: «салом алайкум ло набтағи-л-ҷоҳилин».

Ин он чизе аст, ки аз сиёқи оёти мавриди баҳс ба даст меояд ва Худои субҳона вақте достони Мӯсоро баён карда, хабар дода буд, ки чи гуна мардуме зердаст ва барда ва заифу зери шиканҷаи фиръавниён, ки писаронро забҳ мекард ва духтарони

ононро зинда мегузоштанд, то ба он ёғиёни хунхор ва тоғиёни табаҳкор пирӯз кард. Он ҳам ба дасти кӯдаке аз ҳамон ситамкашон, ки дар домани ҳамон душмани хуношомаш бипарварид, душмане, ки ба фармони ӯ ҳазорон кӯдак аз дудмони вайро сар буриданд ва баъд аз парвариш ёфтанаш ӯро аз миёни душман берун кард ва дубора ба миёни онон фиристод ва бар онон ғолиб сохт, то ҳамаро ғарқ карда ва дудмони бани Исроилро наҷот бахшид ва вориси онон кард.

Худои субҳона баъд аз зикри ин моҷаро руёи суханро мутаваҷҷеҳи китобҳои осмонӣ, ки мутазаммини даъват ба дини тавҳид аст ва бад-он васила ҳуҷҷат бар халқ тамом мешавад ва ҳомили тазаккурҳое барои мардум аст, намуда ва мефармояд: «Худои субҳона Тавротро, ки дар он басиратҳо ва ҳидояту раҳмат барои мардум буд, бар Мӯсо нозил кард, то шояд аз ёдоварии қуруни гузашта ва ҳалокати умматони гузашта ба ҷурми нофармоиҳо муитазаккир шаванд ва аз нофармоии Худо даст бардоранд. Ва низ Қуръонро бар Расули Худо (с) нозил кард ва дар он достонҳоро аз Мӯсо биёварад. Бо ин ки Расули ислом (с) дар асри Мӯсо набуд ва нузули Тавротро бар вай надид ва дар Тур ҳузур надошт. Он вақте ки Худо нидояш дод ва бо ӯ сухан гуфт ва он чи ки байни Мӯсо ва Шуъайб гузашта буд, барои он ҷаноб баён дошт. Бо ин ки он ҷаноб дар Мадина набуд, то ҷараёнро барои мардум таъриф кунад, валекин Худои таоло аз дари раҳмат онро барояш баён кард, то бо нақл кардани он андоз кунад. Мардумеро, ки қабл аз ӯ назир надоштанд, ба хотири куфрашону фусуқашон дар маърази нузули азоб ва гирифтор шудан ба мусибат қарор гирифта буданд ва агар ин китобро нозил намекард ва даъватро иблоғ намекард, ҳароина он вақт мегуфтанд : «ربنا لو لا ارسلت الينا رسولا فنتبع آياتک»–«Парвардигоро, чаро расуле ба суйи мо нафиристодӣ, то оёти туро пайравӣ кунем ва ҳуҷҷати эшон алайҳи Худо тамом буд».

Вақте Худои таоло пайғамбари худро мабъас (фиристодан) намуд ва Қуръон нозил шуд ва ҳақ ба сӯяшон омад, гуфтанд: «لو لا اوتی مثل ما اوتی موسی، او لم یکفروا بما اوتی موسی من قبل»؛ – чаро ба ӯ он муъҷизотеро надоданд, ки ба Мӯсо доданд? Оё ҳаминҳо набуданд, ки ба ҳамон муъҷизот, ки ба Мӯсо дода шуд, дар ҳангоме ки ба аҳли китоб муроҷиат карданд ва аҳли китоб Қуръонро тасдиқ карданд, куфр варзида. Гуфтанд: «ҳам Қуръон ва ҳам Таврот сеҳр аст, ки якдигарро кӯмат мекунанд ва магар нагуфтанд, мо ба ҳамаи инҳо кофирем?

Он гоҳ ба расули гиромии худ ҳуҷҷатро меомӯзанд, то бо он алайҳи куффор эҳтиҷоҷ кунанд. Мефармояд: «قل فاتوا بکتاب من عند الله هو اهدی منهما اتبعه» –«ба эшон бигӯ, агар рост мегӯянд, пас шумо китоберо аз назди Худо биёваред, ки беҳтар аз Қуръон ва Таврот бошад, то ман онро пайравӣ кунам». Яъне ҳикмати худо воҷиб месозад, ки билохира аз ваҳйи ӯ китобе ба сӯйи халқ нозил шавад, то мардумро ба сӯйи Ҳақ ҳидоят намуда ва бад-он ҳуҷҷат бар мардум тамом шавад ва мардум ҳақро бишиносанд.

Ногузир, агар Қуръон ва Таврот китоби ҳидоят набошанд ва барои ҳидояти мардум кофӣ набошанд, бояд китобе, ки беҳтар аз он ду ҳидоят мекунад, буда бошад ва ҳол он ки чунин китобе нест. Чун ҳодитар аз ин ду китоб намешавад, барои ин ки он чӣ дар ин ду китоб аз маорифи ҳаққа вуҷуд дорад, муайяд ба эъҷоз аст ва бароҳини ақлӣ низ онро таъйид мекунад. Илова бар ин, китоби савум беҳтар аз он ду нест. Пас, он ду китоби ҳидоятанд ва ин мардум, ки аз он ду эъроз мекунанд, ба ҳукми бурҳону далели ақл эъроз намекунанд, балки ҳавои нафси худро пайравӣ мекунанд ва аз сироти мустақим гумроҳ шудаанд. «فان لم یستجیبوا لک فاعلم انما یتبعون اهواءهم ...».

Он гоҳ қавме аз аҳли китобро мадҳ мекунад, ки вақте мушрикин назди онон рафтанд, то аз амри Муҳаммад (с) ва Қуръон пурсиш кунанд, онҳо изҳор карданд, ки «мо ба ӯ ва китоби ӯ имон дорем ва ӯро тасдиқ мекунем ва аз ҳарфи лағви мушрикин руй гардонданд.

Дар тафсири ад-дар ул-Мансур аст, ки Баззор ва Ибни Мунзар ва Ҳоким (вай ҳадисро саҳеҳ дониста) ва Ибни Мардуя аз Абӣ Саъид Хадарӣ ривоят карданд, ки гуфт, Расули Худо фармуд: «Худои таоло ҳеҷ қавмеро ва ҳеҷ даврае аз башарро ва ҳеҷ умматеро ва ҳеҷ аҳли қарияеро дар рӯйи замин баъд аз нузули Таврот ба азоби осмонӣ ҳалок накард, магар танҳо он қарияро, ки ба азоби масх мубтало сохт ва ба сурати маймун масхашон кард. Намебинӣ каломи Худойро, ки мефармояд:» و لقد آتینا موسی الکتاب من بعد ما اهلکنا القرون الاولی؟»[2]

Дар тақобул Қуръон ва Тавроти муосир бояд унвон кард, ки ба далели таҳрифи Тавроти муосир бисёре аз воқеиятҳои достони зиндагии Мӯсо низ дар он зикр нагашта, ё ба гунаи саликае оварда шудааст, ки дар мақолаи ҳозир батафсил ихтилофоти ин ду шариат унвон гардид. Бо таваҷҷуҳ ба таахҳури Қуръон бар Таврот ва охирин китоби осмонӣ, ки нозил шудааст, истинод ба оёти Қуръон барои пай

бурдан ба розҳои зиндагии Калимуллоҳ (Мӯсо) аз ҷомиат ва равоёӣ беҳтаре нисбат ба Тавроти таҳрифгашта бархурдор аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Қанбарӣ Бахшалӣ. Баррасии татбиқии ҷойгоҳи Мӯсо (а) дар Таврот ва Қуръон / Бахшалӣ Қанбарӣ, Қанбари Зуҳра // Фаслномаи «Илоҳиёт» №5, 1387/2008. -С. 73-74.
2. Омулӣ. Ад-дур-ул-мансур ва ғайр ал-мосурю / Омулӣ; тасҳеҳи Мансур Иброҳимӣ. -Техрон, 1392/2013.-С.129.
3. Таврот. Сифри Хуруҷ. Китоби дуюм, Асҳҳоҳи дуюм, ояи 23.
4. Таврот. Сифри Хуруҷ. Китоби дуюм, Асҳҳоҳи сеюм.
5. Таврот. Сифри Хуруҷ. Китоби дуюм, Асҳҳоҳи ҳафтум.
6. Таврот. Сифри Хуруҷ. Китоби дуюм, Асҳҳоҳи ҳаштум.
7. Таврот. Сифри Хуруҷ. Китоби дуюм, Асҳҳоҳи сию дуюм.
7. Фарҳанги исломӣ. 1392
8. Қуръони карим

МОИСЕЙ С ТОЧКИ ЗРЕНИЯ СОВРЕМЕННОЙ ТОРЫ В СРАВНЕНИИ С КОРАНОМ

В данной статье автор пытается дифференцировать аспекты священных писаний Торы и Корана с точки зрения жизни Моисея и объяснить некоторые комментарии к Корану и преданию о жизни Моисея в Торе. Из заключения данной статьи вытекает, что жизнь Моисея в действующей Торе с религиозными традициями была искажена, а в Коране дан полный образ жизни этого пророка.

Ключевые слова: Моисей, Тора, Коран.

MOSES (PBUH) FROM NEW TORAH'S PERSPECTIVE IN COMPARISON WITH QURAN

Marmar Nasipur

This article tries to differentiate ethereal books of Torah and Quran in relation to Moses (PBUH) life and state some viewpoints of Quran and narratives about Moses life. An implication of this article is that the life of Moses (PBUH) in current Torah has been diverted according to religious narratives and in contrast, Quran shows a perfect and comprehensive perspective from the life of this prophet.

Key words: Moses (PBUH), Torah, Quran.

Сведения об авторе: ***Мармар Носирпур*** –аспирантка Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ

МУРУРЕ БАР АҲВОЛ ВА МАВЗӮОТИ ШЕЪРИ УСТОД ЛОИҚ ШЕРАЛӢ

Алиризо Иброҳимободӣ
Пажӯҳишгоҳи забон, адабиёт, шарқшиносӣ ва мероси хаттии ба номи Рӯдакии АИ ҶТ, Донишгоҳи озоди исломии Бирҷанд, Эрон

Устод Лоиқ Шералӣ шоири тавоно ва баландовозаи тоҷик, ки ба қавли Алиасғар Шеърдӯст «маликулшуарои тоҷик» зебандаи номи ӯст, дар соли 1941 дар рустои Мазори Шарифи шаҳристони Панҷакент мутаваллид ва пас анҷоми мактаби ҳафтсола, ибтидо вориди омӯзишгоҳи омӯзгории Панҷакент шуд ва сипас барои идомаи таҳсил ба Донишкадаи забон ва адабиёт ва таърихи Донишгоҳи омӯзгорӣ вуруд пайдо кард. Ҳамчунин, дар машоғиле монанди муҳаррири шуъбаи адабии радио, корманди рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон», сардабири маҷаллаи муътабари «Садои Шарқ» ва мушовири Иттифоқи нависандагон ҳидмат кард ва дар соли 1965 узви Иттифоқи нависандагони собиқ ИҶШС гардид ва сафарҳои зиёде ба кишварҳои мухталтифи ҷаҳон анҷом дод. Вай инчунин узвият дар Кумитаи Марказии Ҷумҳурӣ, намояндагии Шӯрои Олии ИҶШС ва раёсати Бунёди байналмилалии забони форсӣ-тоҷикиро дар корномаи худ дорад.

Табиати биҳишосо ва кӯҳистони сар ба фалак аз ӯ шоире баландҳиммат сохт, шоире огоҳ, ки аз ҳамон оғози шеъргӯйӣ ба фаросат дарёфта буд, ки «манзили шеър» манзили Лайлӣ аст ва манзили ҳақ аст ва агар набошад, шеър нест. Ӯ ба ин муҳим воқиф буд ва хуб медонист, «ки каломи ҳақ талх аст ва ҳар кӣ ба зевари инсоф ороста набошад, аз ҳақ безор аст ва ин безорӣ мояи туҳмат ва хусумат ва шайтанат ва саранҷом қатл мешавад». Аммо бо дилу ҷон ва ишқу дилдодагӣ барои баёни дард ва ранҷи мардум ва расонидани фарёди баланди ормонхоҳии хеш ба гӯши ҳамагон бо каломи нофизу дилнишини худ иқдом намуд. Лоиқ аз овони ҷавонӣ ва даврони таҳсили донишгоҳ таҳти таъсири муҳити фарҳангӣ-иҷтимоии рӯзгори хеш дар сурудаҳои хеш бар зидди сиёсатҳои таблиғӣ ва аҳдофи душманони миллати тоҷик, ки бар табли худоии ин миллати бузург аз фарҳанги миллӣ ва ниёкони сарбаланди онон мекӯбиданд, маҳкаму устувор мавзӯъ гирифт ва ба қавли Рустами Аҷамӣ, нависанда ва пажӯҳишгари ҷавони тоҷик «зиракона дар пайи ҳуввияти миллӣ ва худшиносӣ баромад». Ва ин амр сабаб шуд, то миллатгароӣ ва якпорчагиву ваҳдати

форсизабонон ва ишқ ба хоки ниёгон дар ашъори Лоиқ ҷилваҳои баланду хиракунандае пайдо кунад. Ва батадриҷ бар асари таваҷҷуҳ ва таъкиди вай мавзӯи худшиносии миллӣ таваҷҷуҳи ҳамаи маҳофил ва мардумро ба хубӣ ҷалб кард, то ба он ҳад, ки ба ақидаи Алиасғар Шеърдӯст ба «баҳси муҳимме дар адабиёти тоҷик табдил гардид».

Устод Лоиқ ба гувоҳии ашъораш шоире аст, ки барои миллат ва Ватани худ зист ва бо дардҳо ва ранҷҳои онон гирист ва ҳарчанд «хушунатҳое, ки гиребогири меҳани захмхӯрдааш буда, фарёди ӯро дар гулӯ шикаст». Аммо ӯ аз сурудан ва ормонхоҳӣ ва эътилоҷӯйӣ бознамонд:

Ҷон ба қурбони ту эй меҳани хунинҷигарам,
Будӣ байтулшарафам, гаштаи байтулҳазинам.
Душманат чор тараф аҷнабиву хонагианд,
Тани танҳо ба чӣ нерӯ сафи адӯ шиканам.
Дӯст душманнасақу душмани ту дӯстнамост.
Рост гӯям, бипаронанд зи чашму даҳанам.
Тоҷик андар ватани хеш чаро муттаҳам аст,
Ё хато рафта ба тоҷик тавлид шуданам.
Ҳама халқони дигар анҷуман оростаанд,
Дар Самарқанд нашуд сохта ними анҷуманам.
Гуфт Алломаи Иқбол, ки бархез зи хоб!
Буздиле гуфт: фалон аст мухотаб, на манам…
Он яке гуфт ғами гову бузу бузғола,
Дигаре гуфт ғами хонаву фарзанду занам…
Домани кӯҳ гирифтему думи маркаби хеш,
Рафт аз даст ҳама домани дашту даманам.
Эй, Хуросон ту бигӯ, сохти Эронвиҷ ку?
Ман аз ин фоҷиа чун шиква ба Яздон накунам?
Ку дигар шаъшаи донишу фарҳанги бузург?
Ку дигар карру фару наъраи ғулғилфиканам?
Рӯзу шаб аз ғами ту гирякунон месӯзам,
Ту ба хун ғарқа ва ман ғарқи малолу меҳанам.
Гиряи ман на аз он аст, ки даргоҳам сӯхт,
Ҳам на з-он аст, ки шуд сӯхта боғу чаманам.
Гиряи ман на аз он аст, ки бечора шудам,
Ҳама на з-он аст, ки фарсуда буд пираҳанам…

Лоиқ Шералӣ дар ҷараёни ҷанги дохилӣ ва кашмакашиҳои сиёсӣ ва дар гирудору нобасомонии иҷтимоӣ дар кишвараш монд ва бо чашмони тезбини хеш пайкари хунуни ватанро ба назараи нишаст ва дар воқеъ ва чуноне ки пажӯҳишгари муосири тоҷик менависад: «Ин фазои парешон бар шеъри устод таъсири зиёде гзоштааст. Ӯ марде аст, ки гарміву сардии рӯзгорро чашида ва дар миёни «ҷазру мадди кори дунё» ва дар «миёни растохези орзуҳо» ҳеҷ гоҳ аз ишқи оташини ӯ ба сарзамин ва зодгоҳаш коста нашудааст, то бад-он ҳад ки ватанро роҳатӣ бар модар тарҷеъ медиҳад ва иддао мекунад, ки:

Вақте аз бенавоӣ хушк шуд пистони модарон,
Модар-замин барои мо бе сина шир дод.
Хоки ватан чу суфраи заррини офтоб,
Бар пайкари наҳифи мо нерӯи шер дод.

Уқоби тезбини андешаи Лоиқ ҳамчунон ки ба лоя-лояи иҷтимоъ ва масоили мардум таваҷҷуҳ дорад, аз авҷи осмони шеър ганҷи пинҳони қаъри кӯҳсоронро дар ҳар як санги кӯҳистони ватани хеш ба чашми ҳақиқатбин мебинад ва аз ин ки ноогоҳии мардум боиси ғафлати онҳо аз ганҷинаҳои пинҳон (маодани арзишманд) дар зери замини ҳотаи онҳо шуда, изҳори нохурсандӣ мекунад, зеро дили шоири мардумӣ барои иқтисоди мардум ва маишати онон низ месӯзад ва мехоҳад, ки ҳамватанонаш бо кору талош ва чароғи дониш ва дар акси кӯҳистонҳои зархези кишвар ба хилватгоҳи ганҷури табиат даст ёбанд ва бо истихроҷу баҳрагирӣ аз ин ганҷ, ки дар қаъри кӯҳсорони осмонсои кишвар ниҳон мебошад, рифоҳи бештар ва ояндаи беҳтаре барои худ ва сарзаминашон фароҳам намоянд.

Лоиқ султони қудратманди вожаҳост. Вожаҳои содае, ки ба роҳатӣ дар дилҳои ориф ва оммӣ ва лоя-лояи табақоти иҷтимоӣ нуфуз мекунад ва сухане ба газоф нахоҳад буд, агар ӯро эҳёгари забони ширини форсӣ дар диёри Оли Сомон ва сарсилаи машоири Тоҷикистон ва шоири миллӣ, ки шеъри ӯ зодаи дардҳо, орзуҳову омоли рӯҳӣ ва маънавии миллати ӯст, биномем.

Забони шеъри Лоиқ бисёр равон ва дур аз печидагӣ ва иҳомҳои сахт аст, зеро ӯ аз зумраи шоироне аст, ки дар канори мардум зист ва қалби онҳоро шинохт ва аз ин рӯ, барои инъикоси пешинаҳо ва орзуҳояш ва баёни мафоҳими баланди мавриди назараш содагӯйиро интихоб намуд, чун ба хубӣ медонист, ки фазои адабиёти муосири Тоҷикистон дар замони Шӯравӣ ва баъд аз он ба содагӯйӣ ниёз дорад, то мардум ба хештаншиносӣ, худшиносӣ ва ҳуввияти миллӣ бирасанд.

Ишқи устод Лоиқ шеъри олии мунҳасир ба зодгоҳаш нест ва чун чашмандози вай ҷаҳонӣ аст ва ҷаҳоне мебинад ва меандешад, ба сарзаминҳое, ки рӯзе ба номи Хуросони бузург ва таҳти як парчам ба номи Порс ва Эрони бузург ҳукумати воҳиде аз бузургтарин тамаддунҳои ҷаҳонро ташкил дода буд, самимона ишқ меварзад. Вай мехоҳад, ки бо абзори шеъри зебо ва ҷӯшон дар масири дубора пайвастани миллати порс ба ҳамдигар пуле эҷод намояд.

Тоҷик ва эронӣ ва афғон чаро?
Мо дар ин дунё, ки аз як модарем.
Рӯзу шаб бедор шамси Ховарон.
Мо зи хоболудагони ховарем.
Ҳазрати Иқбол бар мо бад магир,
Мо, агар дар хоби сакта андарем.

Мегӯянд, ки шоири шӯридае аст, ки найистони малакут бурида шуда ва бо хокистони замин ҳубут кардааст. Ҳамчунин ба назар мерасад, ки шеър низ аз оғози офариниш ҳамроҳи инсон будааст ва аз лаҳзаи чашм кушодани одамӣ бар воқеиятҳои дарун ва беруни он то вопасин лаҳзаҳои ҳаёт, таҷаллиёти рӯҳӣ ва ҷисмӣ ва отифиаш дар шеър мутаҷаллӣ мешавад ва чунин аст, ки сароиши шеър бо эҳсоси дард оғоз мешавад, ки дар хонаи вуҷуди одамӣ бетавтеа кардааст ва агар касе бихоҳад таҷаллиёти рӯҳӣ ва отифии як шоири воқеии замонаро аз партави оинаи шеъраш тамошо кунад, бояд ба девони Лоиқ Шералӣ муроҷиат кунад. Ӯ ҳамчунон ки дағдаға ва нигаронии худро аз сарнавишти номуносиб ва авзои нобасомони рӯзгораш ба беҳтарин ва таъсиргузортарин шакл дар шеъри хеш баён намуда, собит кардааст, ки бо ҳамаи буҳронҳо ва кашокашиҳо зинадагӣ, саросар парвози шеър аст ва онро бояд дид, дарёфт ва бозгӯ кард.

Ӯ дар сурудани ашъори ошиқона низ чунон бо ҳунармандӣ ва маҳорат дарди дилҳои муштоқонро боз мекунад, ки ошиқонаҳои ӯ ба зеботарин қисмати мероси адабии ӯ табдил мешавад. Илова бар ошиқонаҳои шаффоф ва дилчаспи вай мавзӯоти иҷтимоӣ, ватанӣ ва миллӣ ва бозтоби дағдағаҳои зистмуҳитӣ дар ашъори вай шоёни таваҷҷуҳ аст. Ӯ зодаи сарзамини Оли Сомон аст. Диёри пуртаровате, ки сафои биҳишт дорад ва қуллаҳои осмонсояш ҳиммати мардумони онро таолӣ бахшидааст ва шояд ба ҳамин далел ӯ бо мазоҳири дунёи ҷадид сару созиш надорад. Шоир рафтори бераҳмонаи бархе аз мардумро нисбат ба табиат барнаметобад ва аз ҷафои одамони сар ба ҳаво, тарбиятнодида ва бемасъулият нисбат ба муҳити зист ва табиати пок ба хашм меояд ва дилаш мехоҳад, ҳамон гуна ки ӯ ошиқона ба табиати поки перомуни худ менигарад ва содиқона барои он дилвопас ва нигарон аст, дигарон низ табиатро бифаҳманд ва дӯст бидоранд ва барои сафои бештари муҳити зисти перомунашон бо ҷону дил ҳиммат гуморанд. Дар солҳои ахир шеъри форсӣ дар диёри Оли Сомон ба шарофати кӯшиш, заҳмат ва ҷустуҷӯйҳои пайвастаи шоирони ҳунарманде, монанди Лоиқ Шералӣ гӯётар, хонотар, расотар, гиротар ва мушаххастар гардид. Ва ба баракати равобити дӯстона ва гарми ду кишвар – Эрон ва Тоҷикистон ва талошҳои арзишманди оқои Алиасғари Шеърдӯст, Лоиқ Шералӣ ба мафоҳили адабӣ ва адабии дӯстони Эрон то ҳудуди зиёде шиносонида шудааст, аммо аз он чи ки Лоиқ Шералӣ бисёр дустдоштанӣ, шигифтангез ва инсони дӯстозмуда ва озодандеш аст ва шеъри ӯ симо ва ҷозибаи инсонӣ ва табиӣ дорад ва ташнагони умуми алоқамандон ба шеъри форсӣ, бавижа гӯйиши тоҷикиро аз чашмаи зулоли ҳуд сероб мекунад, боиста аст, ки девони вай дар Эрон ва ҳамаи кишварҳои форсизабон дар теъдоди зиёд таҷдиди чоп шавад ва муҳтавои ашъор ва баёни аҳволи ин суханвари бузурги, ки дар яке аз ҳассостарин мақотеи таърихӣ дар миёни мардум зиндагӣ кард, аз дили онон ҳарф зад ва ба онон умеди бузург ва якпорчагӣ бахшид, забони форсиро, ки ба маҳоқи фаромӯшӣ супурда мешуд ва бо роҳи эҳё ва ба сони гавҳари арзишманд посдорӣ намуд, барои насли ҷавони Эрон ва ҳамаи форсизабонони ҷаҳон табйин шавад.

А Д А Б И Ё Т

1. Суханронии доктор Шеърдӯст. www.iraembassytj.com
2. Лоиқ Шералӣ. Куллиёти ашъор / Лоиқ Шералӣ.– Теҳрон: Интишороти Вазорати умури хориҷии ҶИЭ. -1383.

3. Симин Беҳбаҳонӣ. Ёди баъзе нафарот. – С.549.
4. [Захираи электронӣ]. Рустам Аҷамӣ. Салосии тағаззул ва ҳамоса дар ашъори Лоиқ Шералӣ. roostamajami.blogfa.com.

ВЗГЛЯД НА ЖИЗНЬ И ТВОРЧЕСТВО ЛОИКА ШЕРАЛИ

Народный поэт Таджикистана, лауреат Государственной премии имени Рудаки и международной литературной премии «Нилуфар» Лоик Шерали относится к тем выдающимся поэтам, которые занимают видное место в истории таджикской литературы XX столетия. Ему было присуще особое, пристрастное отношение к каждому своему стихотворению. Основную часть его поэтического наследия составляет любовная лирика. Глубокое проникновение, обращение к историческим источникам духовной жизни народа являются главными составляющими поэзии Лоика.

Ключевые слова: Лоик Шерали, Народный поэт Таджикистана, поэтическое наследие, главные составляющие поэзии Лоика.

LOOK AT THE LIFE AND WORK OF LOÏC SHERALI

National poet of Tajikistan, laureate of the State prize named after Rudaki and international literary prize "Nilufar" loïc Sherali refers to the outstanding poets, which occupy a prominent place in the history of Tajik literature of the XX century. It was inherent in particular, biased attitude to each poem. The main part of his poetic heritage is love lyrics. Deep penetration, the reference to the historical sources of the spiritual life of the people is a core part of the poetry of Loïc.

Key words: loïc Sherali, national poet of Tajikistan, poetic heritage, the main components of the poetry of Loïc.

Сведения об авторе: ***Алиризо Иброхимободи*** **–** соискатель Института языка, литературы, востоковедения и письменного наследия им.А.Рудаки АН РТ, преподаватель Свободного исламского университета города Бирджанд, Иран

ТАСВИРИ МУҲОҶИРАТ ДАР ПОВЕСТИ САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ «РЕШАҲО»

Н.А. Самадова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Аз замонҳои хеле қадим то кунун дар ҳаёти инсонӣ ҳодисаву амалҳои зиёду мухталифе ба вуқӯъ мепайвастанд ва мепайванданд. Чунин як амали инсон дар зиндагӣ иваз кардани ҷою макони сукунат- муҳоҷират аст, ки инсонро водор месозад, то вобаста ба шароити маҳаллу муҳити нав, шуғли иқтисодӣ ва рафтори иҷтимоиро дигар кунад ва ин воқеияти нав дарки маънавии одамро тағйир медиҳад.

Муҳоҷират дар таърихи инсоният зуҳуроти гуногун дошт ва дорад. Ин истилоҳро муҳаққиқон ба анвои мухталиф ҷудо кардаанд: муҳоҷирати нерӯи корӣ ё худ муҳоҷирати мавсимӣ ё муваққатӣ бо мақсади кор ва истиқомат кардан дур аз хона, ҳиҷрати зеҳнӣ бо мақсади таҳсил, табодули донишҳову маҳорат ва низ муҳоҷирати аҳолӣ, яъне кӯч бастани одамон аз як маҳал ба маҳалли дигар. Муҳоҷирати аҳолӣ дар як мафҳуми васеи вожа ҳар навъ тарк ва ё иваз кардани маҳалли зисти доимӣ, бидуни дар назар гирифтани мудату замон, доимият ва ҳадафнокӣ мебошад.

Дар таърихи инсоният, ки таърихи тоҷикон низ ҷузъи он аст, муҳоҷир кунонидан ё кӯчонидани мардумон аз як маҳал ба маҳалли дигар аз ҷониби давлат ва пешвоёни қавмӣ бо ин ё он мақсад борҳо ба вуқӯъ пайвастааст. Дар таърихи муҳоҷирати Тоҷикистон, ба қавли муаррих Р. Абдулҳаев, – «ИН раванд дар миёнаҳои асри XX ҷараёни муҳоҷиргардонии дохилӣ ном бурда мешавад. Сиёсати муҳоҷиргардонии дохилӣ барои самаранок истифода бурдан ва дуруст тақсим кардани захираҳои корӣ, суръати равнақи соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон равона шуда буд. Зарурати чунин шакли муҳоҷирати дохили ҷумҳурӣ ҳангоми аз худ кардани заминҳои бекорхобида ва навкорам зоҳир гардид. Зеро табиист, ки барои сари вақт кишту кор кардани ин заминҳо қувваи зиёди корӣ шарт ва зарур буд» [1, 333].

Муҳоҷират дар таърихи инсоният раванди табиист ва гоҳо барои пешрафти ҷамъият, қавмҳои гуногун ва ашхоси алоҳида таъсирбахш будааст ва имрӯзҳо қариб дар ҳар як хонадони тоҷикистонӣ доман андохтааст ва бешак дар ҳаёти ҳар яки мо инъикос мегардад. Олимони нозукбин ва пажӯҳишгарони ҷавони соҳаҳои гуногун, паҳлӯҳои мухталифи муҳоҷиратро таҳқиқ карда, дар бораи таърихи ин раванд, заминаҳо ва оқибатҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии он, таъсири он ба фарҳангу маънавиёти одамон ва ҳатто ҳаёти фарзандони муҳоҷирон (ки зодбуми худро тарк

накардаанд) асарҳои пуразише навиштаанд. Инъикоси мавзӯи муҳоҷират аз назар ва қалами шоирону нависандагон низ берун намондааст.

Агар таърихнигорон муҳоҷиратро бо далелу санадҳо тасвир кунанд, иқтисодшиносон заминаҳо, ҳолат ва оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии онро арзёбӣ кунанд, фарҳангшиносон омезиш ва таъсири байниҳамдигарии фарҳангиву маънавии муҳоҷирон ва мардуми бумиро пажӯҳиш кунанд, нависандагон *зиндаги*ро ба риштаи тасвир мекашанд, ки фарогири тамоми паҳлӯҳои ҳаёти инсон аст. Адибон зуҳурот ва равандҳои ҷамъиятиро, ки муҳоҷират яке аз онҳост, пешбинӣ ва амиқ дарк карда, воқеаҳои тахайюлиро аз қалбу вуҷуди худ гузаронда, дар ҳаёти қаҳрамонҳои худ тасвир менамоянд ва аз забони онҳо баён мекунанд.

Чунин як нависандаи ба зиндагӣ диди хосдошта Сайф Раҳимзоди Афардӣ аст, ки ҳаёту андеша ва талотуми ботиниву зоҳирии инсонро тавонистааст дар асарҳои худ амиқ тасвир кунад, ки ба қавли муҳаққиқи осори ӯ – Умар Сафар «Мавзӯоте, ки … ҳушу зеҳни нависандаро ба худ во дошта дар як каломи Зиндагист» [2, 4].

Сайф Раҳимзоди Афрадӣ шояд, аз аввалин нависандагони тоҷик аст, ки мавзӯи муҳоҷирати солҳои 40-60-уми асри гузаштаи Тоҷикистонро (дар мисоли минтақаи Кӯлоб) воқеъбинона нигоштааст. То Сайф Раҳимзод нависандагони тоҷик ба мавзӯи муҳоҷират аз мавқеи идеологияи Шӯравӣ назар карда, асосан талошу заҳмати муҳоҷиронро баҳри ободии водии Вахшу Дилварзин, шаҳрҳои Нораку Шӯроб ва амсоли инро тасвири бадеӣ карда, ободшавиро дар мадди аввал гузоштаанд. Афардӣ инсонро меҳвари ҳастӣ нишон дода, ба талотуми ботинии ӯ назар мекунад. Барои қаҳрамонони Сайф (шояд худи ӯ ҳам бошад) зодгоҳ - «*ҷойи рехтани хуни ноф*», «*решаҳои аҷдодӣ*» аввалият доранд. Тасвири шароити зиндагӣ бошад, барои нишон додани шахсияти инсон инъикос мегардад.

Ин таҳавуллотро дар шароити иҷтимоӣ, шуғл, маданияти хонадорӣ, равон ва бо як калом зиндагии як инсон, як насл нависанда дар симои муҳоҷирон ва таззодҳои ҳаёти онҳо хело хуб тасвир намудааст. Нависанда дар тасвири бадеӣ бояд вижагиҳои ҷузъиёти воқеаи таърихии қиссашавандаро донад.

Ба таҳқиқ метавон гуфт, ки Сайф Раҳимзоди Афардӣ дар «Решаҳо» истеъдоди баланди нависандагӣ нишон дода, чунин як воқеаи таърихӣ – муҳоҷиркунонии замони Шӯравиро бо нозуктарин ҷузъиёти таърихӣ қисса намуда, ҳақиқат ва адолати таърихиро нишон додааст.

Таҳқиқи мавзӯи муҳоҷират дар осори Сайф Раҳимзод аз назари муҳаққиқони осорӣ ӯ берун набудааст. Аз ҷумла, бардошти Умар Сафар хело нозукбинона баён гаштааст: «Масъалаи муҳоҷират шояд, аз ҷумлаи дардзотарин мавзӯоте бошад, ки дар таълифоти нависанда ҳузур дорад. Достоне бо номи муҳоҷират дар мероси Сайф мавҷуд нест, вале саҳнаҳое аз ҳиҷрат ва ҷараёни таҳаққуқи он дар сарзамини мо дар қиссаҳои алоҳида инъикос шудаанд. Перомуни ҳиҷрату муҳоҷират, ки миёни халқ бо номи «Моҷир кардан» маъруф аст, хотироту ёдвораҳо зиёданд. Бознигарии ин масири тайшуда бедорсози эҳсосоти пайкарсӯз аст. Иҷборан аз сарзаминҳои аҷдодӣ ба дигар ноҳияҳо нақли макон додани мардум саҳнаҳои дардолуди таърихи начандон дури мост. Падидае, ки атрофаш қазовати яксӯй муҷоз нест. Вале таъсири рӯҳозори равониаш то ба ҳол дар ёди бузургсолон ва пасиниён пандёд шудааст» [2, 6].

Бале, воқеан нависанда асари худ дар бораи муҳоҷиратро бесабаб «Решаҳо» унвон накардааст – тарки сукунатгоҳи аҷдодӣ аз реша кандани нахлу ҷойи дигар реша давондани онро мемонад. Дар ин қисса мавзӯи мазкур хеле дилчаспу ҷаззоб тасвир шудааст:

«Ва ба об нигоҳ кард.

Чашма ҷӯш мезад. Сурати ӯ дар оби чашма меҷӯшид; гӯшу чашм, манаҳу бинӣ, ришу абрӯ... меҷӯшид... «Дар миёни ду шар якеро интихоб кард, ки зиёни камтаре ба мардум биёварад!» Чашма ба чандин чашмҳо ба ӯ нигоҳ мекард.

«<u>Пагоҳ муҳоҷир</u> мешавем», - гуфт ӯ ба одамони сари чашма» [3, 21].

Ҷушу хурӯши зиндагиро чунин моҳирона дар мисоли чашма тасвир кардан аз санъати баланди нависанда гувоҳӣ медиҳад. Бешак тасвири об ва ҷӯш задани чашма аз зиндагии хуби одамони деҳ дарак медиҳад, ки об худ сарчашмаи ҳаёт аст.

Аммо, нависанда муҳоҷиршавиро хуш намепиндорад, зеро бо ҳиҷрат намудан одамон ободии деҳу роҳҳо ва обшории наҳру ҷӯйборҳо бо худ мебаранд. Ин табодулотро адиб хеле моҳирона ба риштаи тасвир кашидааст:

«*Чашма аз ҷӯш монд. Обаш паст шуд. Акси рӯйи ӯ ба каъри чашма рафт. Об хушкид, тамом шуд. Ожангҳои рӯйи ӯ дар лойи чашма нишаст*» [3, 21].

Нависанда дар як муддати кӯтоҳ хушкидани чашмаро тасвир карда, ҳамбастагӣ, робитаи ногусастанӣ доштани инкишофи ҷамъиятро бо табиат нишон медиҳад.

Хушкидани чашма мардумонро хабар медиҳад, ки *акси рӯйи* шумо дар *қаъри* ин об мемонад, нақши шумо дар ин хок маҳфуз аст… Ба маънии дигар, хушкидани чашма ин тасвири аз ҷӯшу хурӯш мондани зиндагии одамон дар сарзамини аҷдодияшон мебошад. Профессор Умар Сафар ин лаҳзаи муҳоҷиршавиро чунин шарҳ медиҳад: «Эҳсоси муҳоҷират дар вуҷуди одамон ба гунае зуҳур мекунаду бузург мешавад, ки ҷӯшиши чашмаҳоро банд мезанад. … Хабари муҳоҷир шудан ба андозае сангину бимзост, ки вуҷуди инсонҳоро ба ҷунбиш меоварад. Дар як они воҳид зеҳнан зиндагии хешро бастагиву побандиро ба сарзамини хеш мурур месозанд. Суоли чи гуна дил кандан бо чи шевае тарки марзу бум намудан онҳоро ба ваҳшат меоварад. Дасту по сусту бемадор мегардад» [2, 6-7].

Агар тасвири зиндагӣ, андешаву рӯъёи қаҳрамони «Решаҳо»-ро бо зиндагии имрӯза бипайвандем, тасвирҳои аҷиберо пайдо мекунем. Дар ҳар лаҳза ва бархурди зиндагии қаҳрамонон тасвири ҳаёти муҳоҷирони имрӯзаро метавон дид.

Кулухчапартоии набераи мӯйсафед – Козим сӯйи лонаи паррандаи ношинос, ки дар *миёни ду сими телеграф* ҷойгир аст хеле рамзист. *Кулухчапартоӣ* – рамзи сангандозиву таҳқиркунии муҳоҷирони меҳнатии имрӯзаро аз ҷониби ҷавонони кундандеши маҳаллӣ, *ду сими телеграф* рамзи ду маҳали зист доштани мавсимиро мемонад. Муҳоҷири имрӯза низ «*як парандаи ношинос*»-ро мемонад, ки *«садоҳои паст-паст мезанад, ё бол мезанад».* Чӣ ташбеҳи нозукбинонаи адиб. *«Парранда чизе мегуфт»* - воқаен ҳам, сухан гуфтани муҳоҷирон барои мардуми бумӣ «чизе гуфтан аст» [3, 5].

Муҳоҷирро нависанда ба парранда ташбеҳ медиҳад, аммо аниқ нест, ки чӣ паранда: *«Чугз?», «Бум?»* - суол мекунад худ ба худ қаҳрамони асар ва хитоб мекунад: «*Кадом парандае!*». Нависанда муҳоҷирро ба парандаи мушаххас ташбеҳ намедиҳад. Муҳоҷир шояд дар андешаи ишғоли хонае бошад (чуғз), шояд шахси дурбин (бум) бошад, шояд парандаи муқимӣ гардад, шояд фақат барои зимистонгузаронӣ биояд (парандаи муҳоҷир бошад).

Бартарии нависандаи мондагор дар он аст, ки зуҳуроту воқеаҳои ҷамъиятиро пеш аз дигарон мебинад, зиндагӣ ва тақдири минбаъдаи онҳоро дар ҷаҳонбинӣ ва рафтори образҳои офаридааш нишон медиҳад. Бешак Сайф Раҳимзод нависандаи мондагор аст.

Воқеан ҳам, талотуми ҳаётиву равонии қаҳрамонони «Решаҳо»-ро метавон дар зиндагии муҳоҷирони имрӯза дар кишварҳои гуногун пайдо кард. Масъалаи муҳоҷират, мутобиқшавии муҳоҷирон ба муҳити нав, омезиш ва ҳамзистии онҳо дар фазои фарҳангии нав мушкилоти башариест, ки таваҷҷуҳи олимони соҳаҳои гуногун ва давлатдорони кишварҳои мухталифро ба худ ҷалб кардааст.

Маврид ба зикр аст, ки нависанда паҳлӯҳои мухталифи муҳоҷиратро дар замони мушаххаси таърихӣ – миёнаҳои асри хх-и мелодӣ тасвир кардааст, ки амалан он муҳоҷиркунӣ буд. Муҳоҷиркунии сокинони деҳаҳои дурдасти кӯҳистон тибқи сиёсати барномарезишудаи давлатӣ анҷом мешуд ва дар он давра шарти муҳоҷирати дохилӣ аз аввал ихтиёрӣ бошад ҳам, баъзан дар ҳуҷҷату маводҳои расмӣ оҳанги маъмурӣ бармало ҳис карда мешуд, яъне дар татбиқ маҷбурӣ буд, ки мақсад аз он бо қувваи корӣ таъмин намудани заминҳои навазхудшуда барои ривоҷ додани пахтакорӣ буд. Муҳоҷирон заминҳои навро шодоб, деҳаву шаҳрҳои навро бунёд ва зиндагии шоистаеро ба фарзандон мерос гузоштанд.

Аммо дар пасманзари ин музаффариятҳо зиндагии садҳо одамон, як насл қурбон шудааст, ки аз маскани аҷдодии худ канда шуданд. Мисле ки дарахте решакан гардиду дар ҷойи нав мебояд месабзид, муҳоҷирон низ мисли решаҳоянд, ки мехоҳанд аз хоки аҷдодӣ ғизо бигиранд, аммо гоҳо ноком мешаванд ва бо ин маҷбур ба хоки нав мутобиқ мешаванд, ё мехушканд.

Ҳиҷрат ба ҷойи дигар барои ҳар шахс шубҳаангез ва мубҳам буда, лаҳзаҳои аввалини ҳиҷрат ба макони нав ноошно ва тоқатфарсо менамояд ва беихтиёр ба ёди хона мебарад. Ин лаҳзаи ҳаёти муҳоҷирро адиб дар фикри қаҳрамони асар – набераи мӯйсафед Козим тасвир карда: «*Он рӯз Козим думболи бобояш мерафту мерафт ва фикр мекард, ки агар дар хона мебуд, пеши тиреза менишаст, модараш ба вай шир медод, шири гарм, менӯшиду менӯшид…».* Дар идома *«Эҳ! Хоки гарм ба ботинкаи Козим даромад. … Ботинкааш танг шуд. Подараҳа! Не, роҳи подагузар ҳам ин хел хок надорад!...».* Бобо барои хушҳол кардани набера ва раҳо кардан аз нороҳатӣ «*Асояшро ба нуқтае куфт:- Хонаҷо! Ҳамин ҷо хонаи шумо! Чор дар хона. Нидои хӯши ӯ ба дили Козим нишаст, ӯ хушдил шуд. -Ҳамсояи мо кӣ мешавад?* суоли набера *Касе, ки баъди мо кӯчида биёяд»* [3, 65-66]. Нависанда дар ин лаҳзаи қисса аз як тараф, аз забони бобо умедро ба ояндаи осуда ва обод тасвир намуда, набераро таскин диҳад,

аз тарафи дигар дар баробари тасвири некбинӣ, фурӯтаниву хоксории мӯйсафеди муҳоҷир қавиирода ва росткор будани ӯро хеле моҳирона нишон медиҳад.

Мавзӯи муҳоҷират дар «Решаҳо» – канда шудан аз маскани аҷдодӣ ва пайванд шудан ба ҷойгоҳи нав аз аввал то ба охири ин қисса як умумияти ногусастанӣ дошта, бо вуҷуди доштани ташбеҳҳои хосса ва тасвирҳои ҷудогона умумияти мантиқӣ доранд.

Гарчанде муҳоҷирати дохилии миёнаҳои асри XX барои насли онвақтаи тоҷикони қӯҳистон хеле сангину дардовар буд, он аз манфиат холӣ набуд. Роҳбарони онвақтаи Тоҷикистони Шӯравӣ барои тоҷикнишин кардани заминҳои нав заҳмати зиёд кашидаанд. Ба андешаи фарзандони фарзонаи миллати тоҷик Н.Махсум, Ш.Шотемур, А.Ҳоҷибоев, М.Шогадоев, Б.Ғафуров ва дигар рӯшанфикрон тоҷикон бояд соҳиби заминҳои аҷдодии худ гарданд. Аз байни роҳбарони ҳизбиву давлатии Тоҷикистон, махсусан ҷасорат, тавоноӣ, ақлу хирад ба Б.Ғ. Ғафуров даст дод ва ӯ тавонист И.В. Сталинро дар бораи ниҳоят фаровон ва барзиёд будани қувваи корӣ дар Тоҷикистон муътамад созад. Маҳз дар замони роҳбарии ӯ авҷи асосии муҳиҷиркунонии дохилӣ сурат гирифт ва дар натиҷа, дар саросари водии Вахш ва ноҳияҳои имрӯзаи Восеъ, Фархор, Ҳамадонӣ ва минтақаҳои дигари ҷумҳурӣ тоҷикон дигарбора реша гирифтанд.

«Решаҳо»-ро метавон асари ҷасуронаи насри солҳои 80-уми асри гузашта ном бурд ва дар он нависанда кӯшидааст ба суолҳои ҳаётии он замон посух бигӯяд. Муваффақиятҳои адабии Сайф Раҳимзод низ аз таҳқиқи амиқи воқеият ва таҷдиди ҷасуронаи арзишҳои мавҷуда ҳосил гардид. Сайф Раҳимзод тавонист, қонуниятҳои раванди муҳоҷиркуниро ошкор карда, хонандаро водор созад, то ба ин раванд бо диди нав назар афканад. Нависанда дар ин асар дарди қалби насли ҳамзамони худро нишон дода, хонандаро водор месозад, ки ба асли хеш назар кунад ва ба решаҳои худ бипайвандад. Сайф Раҳимзод бо ҷасорат ин мавзӯъ ва замони мушаххаси таърихи мардуми кӯҳистонро нигошта, бо ҳунари баланди нависандагӣ ба хонанда нишон додааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдулҳаев Р. Таърихи муҳоҷират дар Тоҷикистон (солҳои 1924-2000) / Р.Абдулҳаев. – Душанбе: Дониш, 2009. -479 с.
2. Умар Сафар. Тавбаҳои дардолуд. (Маҷмуаи мақолаҳо) /У.Сафар. – Душанбе: Эр-граф, 2013. -144 с.
3. Раҳимов С. Аз ёдҳо аз ёдҳо…: Повест ва ҳикояҳо /С.Раҳимов. – Душанбе: Адиб, 1988. -224 с.

ОПИСАНИЕ ИММИГРАЦИИ В ПОВЕСТИ САЙФА РАХИМЗОД «КОРНИ»

В статье рассмотрена тема иммиграции в повести «Корни» Сайфа Рахимзода Афарди. Особое внимание уделено художественному таланту писателя в описании влияния иммиграции на мировоззрение и самосознание человека, безысходность людей перед вынужденным переселением, осознание необходимости переселения и влияние всего этого на поведение людей.

Ключевые слова: Сайф Рахимзод Афарди (Сайф Рахимов), «Корни», иммиграция, переселение, литературоведение.

DESCRIPTION OF IMMIGRATION IN THE STORY SAIF RAHIMZOD "ROOTS"

The article discusses the topic of immigration in the novel "Roots" Saif Rahimzoda Afardi. Particular attention is given to the writer's artistic talent in the description of the impact of immigration on the worldview and self-awareness, hopelessness before involuntary resettlement of people, awareness of the need and will move all this influence on people's behavior.

Key words: Rahimzoda Afardi Saif (Saif Rakhimov), "Roots", immigration, migration, literature.

Сведения об авторе: ***Н.А.Самадова*** – аспирантка кафедры филологии Ирана Таджикского национального Университета. Телефон:(+992) **981-05-17-01**

РОБИТАИ ЭҶОДИИ УСМОН МУХТОРИ ҒАЗНАВӢ БО ШОИРОНИ ҲАМАСРИ ХЕШ

Ш. Давруқов
Пажӯҳишгоҳи улуми инсонии ба номи Б. И. Искандарови АИ ҶТ

Дар аҳди охири Ғазнавӣ вазъият ва муносибати аҳли фарҳанг ва шоирон низ вобаста ба шароити иҷтимоӣ-сиёсӣ (нисбат ба давраи аввали салтанати Ғазнавиён) тағйир ёфт. Дар натиҷаи тез-тез иваз шудани шоҳзодагони Ғазнавӣ ва иғвою исёни онҳо аҳли сухан низ гирифтори шиканҷаю дасиса мешуд. Замоне ки Иброҳим (1059-1099) бинни Масъуд бар сари тахт нишаст, вазъи мамлакат каме оромиш ёфт, аҳли

қалам дар ду маркази адабӣ Ғазна ва Лоҳур муносибат ва иртиботи шоирон низ қувват гирифт .

Дар байни шоирони Ғазнин ва шимоли шарқии Ҳиндустон бо маркази Лоҳур робитаи мустаҳками адабӣ ба вуқӯъ пайваст. Шоирони ба ин ду маркази адабӣ дар иртиботи наздики эҷодӣ буда, аз Ғазна ба Лоҳур рафтуо мекарданд. Амирони ғазнавӣ бошанд, дар натиҷаи гирифтор шудани шоирон ва аҳли фарҳанг ба ягон туҳмат ё сиояти ашхоси алоҳидаи дарбор ӯро ба сарзаминҳои тасхирёфтаи Ҳиндустон ҳабс ё бадарға мекарданд [1, 13].

Бепарвоӣ ва носипосии амирон нисбат ба шоирон ва таъқибу таҳдиди онҳо ба мавзӯву мазмуни ашъорашон низ асар кард. Дар шеърҳои шоирони ин давр мавзӯи иҷтимоӣ ва шикоятӣ бисёртар дида мешавад. Дар муносибати ҳамдигар шоирон як муносибати дӯстона ва самимӣ доштаанд. Бисёр аз шоирон ба ашъори якдигар ҷавоб менавиштанд (муҷобот) ва сухани якдигарро қадр мекарданд ки ин як хусусияти иртиботи эҷодии онҳо гардид.

Мухтории Газнавӣ, ки аз шоирони муқтадири ин аҳд маҳсуб меёбад бо муносибат ва муошарати эҷодии худ дар миёни аҳли эҷод қадр ва эҳтиром мешудааст. Дар эҷоди қасида ӯ ба Унсурӣ, Азрақии Ҳиравӣ, Амир Муиззӣ ва Масъуди саъд таваҷҷуҳ доштааст.

Бертелс Е. Э. зикр мекунад, ки «…ӯ (Мухтории Ғазнавӣ-Ш. Д.) кӯшиш кардааст, то ба Масъуди Саъд пайравӣ кунад, аммо ба дараҷаи Абулфараҷи Рунӣ ҳам боло нарафтааст» [2, 401-402].

Аз рӯйи маълумоти баъзе муҳаққиқон акси ҳоли гуфтаи Бертельс Масъуди Саъдро пайрави ашъори Мухторӣ мепиндоранд [6, 44].

Ба ҳар ҳол ин ду шоир дар як муносибати дӯстӣ ва иртиботи эҷодӣ қарор доштаанд. Мухторӣ як қасидаро ба Масъуди Саъд бахшидааст ва дар он қударти суханофарӣ ва набарди Масъуди Саъдро васф намудааст. Ин қасидаро Мухторӣ дар замони соҳибмансаб будани Масъуди Саъд дар Чоландар навиштааст [1,97]. Дар он аз тангӣ ва мушкилоти аҳли сухан ёдовар мешудааст ва ҳатто дар ҷое аз мамдӯҳ талаби сила ҳам намудааст. Ин қасида аз 58-байт иборат буда, чанд абётро аз он овардан зарур донистем:

Бар аҳли сухан танг гашт майдон
В-аз ҷой бишуд пойи ҳар сухандон.
Ҳар табъ, ки бар сеҳр бувад қодир,
Аз аҷз чу масҳур гашт ҳайрон.
Хотир набарад пай ҳаме ба маънӣ,
Фикрат бикашад сар ҳаме зи фармон.
Чун ҷузв ба кулл боз шуд маонӣ,
Зӣ хотири *Масъуди Саъди Салмон*.
Махдуми суханпарварони маҷлис,
Сардафтари хунгустарони майдон,
Он чарх, ки ҳар субҳидам барорад,
Хуршеди камол аз зеҳигиреҳбон.
Дар тоҷи сухан кони хотири ӯ
Ҳар лаҳза ҷавоҳир фишонад алвон.
Аз ҳазми фаовонаш дар китобат,
Килкаш наниҳад сар ба ҷурми туғён
В-аз ҳарби сарафшонаш дар шуҷоат,
Теғаш надиҳад тан ба ҷанги шайтон.
Тир аз қалами тири қомати ӯ,
Дар фахр сарафрозтар зи кайвон (5, 405).

Таъсири муҳит ва шароит ва вазъи ин давра ба он оварда расонд, ки шоирон алами дили худро танҳо ба воситаи ашъорашон ба ҳамдигар баён мекарданд ва аз ҳолу аҳволашон ба ҳамдигар дарак медоданд.

Абулфараҷи Рунӣ қасидае бо матлаи зер ба қалам овардааст:

Рӯзгор асири ангур аст,
Хум аз ӯ маст масту чанг махмур аст (6,40).

Масъуди Саъд дар пайравии ӯ гуфтааст:

Қуввати рӯҳ хуни ангур аст,
Тан бар ӯ фитна гашту маъзур аст (3, 43).

Усмон Мухторӣ бад-ин маънӣ мегӯяд:

Олам аз навбаҳор пурнур аст,

Бӯстон анҷумангаҳи ҳур аст (5, 38).

Муҳаққиқи Эрон Рукниддини Ҳумоюнфаррух ин се қасидаро дар муқоисаи ҳам оварда, қайд намудааст, «..ба фарзи ин ки Мухторӣ аз Масъуд ё Абулфараҷ истиқбол карда бошад, устодии худро мусаллам сохтааст ва қасидаи ӯ дилчасптару равонтар ва дур аз такаллуф сохта шудааст» [6,42]. Ба муносибати фатҳ намудани султон Масъуд бинни Иброҳими Ғазнавӣ (1099-1115) якчанд ноҳияву вилояти Ҳиндустон Усмон Мухторӣ аз Кирмон ба ин муносибат фатҳномаро эҷод намудааст, ки Масъуди Саъд ва Абулфараҷ низ ба ин муносибат қасидаҳо доранд. Аз мутолиаи девони Мухторӣ ва Масъуд бармеояд, ки онҳо дар эҷоди шеър аз якдигар асарпазир будаанд ва дар ашъорашон бисёр калимаву иборoти муштарак, қасидаҳои ҳамвазну қофия дучор мегарданд. Чанд мисол дар ин бобат зикр мекунем.

Усмон Мухторӣ:

Эй ба сад қарн фалак чун ту наёварда ба ҷанг,
Карда дар хидмати ту давлату иқбол диранг.

Масъуди Саъд:

Ду саодат ба яке вақт фароз омада танг,
Яке аз гардиши солу яке аз шӯришу ҷанг (3,307).

Усмон Мухторӣ:

Зи қуввату ҳунари дасту бозӯи сарҳанг
Бираст гавҳари шамшери обдор аз санг (6,205).

Масъуди Саъд:

Аё афрӯхта аз фарру тадъатат авранг,
Зудуда ройи ту з-осоиши мамолики занг (3, 304)

Ғайр аз ин, дар девони ин ду шоир офариниши образҳо ва ташбеҳоту истиорот ва калимаву иборот ва тарзи баён монандии зиёд ба чашм мерасад.

Мухтории Ғазнавӣ Хатибиро низ дар қудрати суханварӣ ва суханофарӣ дар як қасидаи ғарро таърифу тавсиф намудааст. Худи Хатибӣ, чунонеки аз мазмуни қасида маълум мегардад, ҳам амалдори дарбори ғазнавиён ва ҳам табъи шоирӣ доштааст ва пайваста бо шоирон дар иртиботи эҷодӣ будааст. Саноӣ низ ба унвони Хатибӣ қасида дорад.

Мухторӣ бо Хоҷа Ҳасани Асъадӣ ном шоири ин аҳд, ки ба ашъори Масъуди Саъд, Саноӣ низ ҷавоб гуфтааст, робитаи эҷодӣ доштааст. Саъдиев зикр намудааст, ки « Асъадӣ ба ошъори муосирон ҷавоб гуфтанро мақсаду мароми эҷодии худ қарор додааст [1,16].

Касидаи Мухторӣ ба Асъадӣ матлаи оғоз мешавад:

Чун кушоданд бар ҷаҳон дари теғ,
Мулкро дастёр шуд сари теғ (5, 252).

Асъадӣ дар қасидаи муҷобот ба ҳамин вазну қофияву радиф ба Мухторӣ ҷавоби интиқодӣ гуфтааст. Матлаи қасида чунин аст:

Эй гушодам забони ту дари теғ,
Кунд гашта зи хотират сари теғ (5,254).

Дар ин ҷавобия Асъадӣ баъди таърифу тавсифи ашъори Мухторӣ дар чанд ҷойи қасида ба танқиди ӯ низ пардохтааст. Асъадӣ Мухториро на аз баҳри душманӣ ва ҳосидӣ интиқод кардааст. Дар ҷое ба Мухторӣ муроҷиат карда мегӯяд:

Гарчи шеъри ту, эй ахӣ Усмон,
Ҳаст назди ҳасуд бар мари теғ
В-арчӣ нафъ аст халқро шеърат,
Халқ эмин шуданд аз зари теғ (5, 261).

Ё ки:

Эй ба шеъру лақаб шуда Мухтор,
Карда килкат хароб кишвари теғ(5, 265).

Ин муҷоботи Хоҷа Асъадӣ ва Ҳаким Мухторӣ шояд замоне сурат гирифтааст, ки Мухторӣ дар назди Султон Арслоншоҳ бинни Масъуди Ғазнавӣ (1116-1118) пазируфта шуда, эътибор доштааст ва ба лақаби ифтихории Мухторушшуаро мушарраф гардидааст. Рукниддини Ҳумоюнфаррух бар такя аз «Лубоб-ул-албоб» зикр намудааст, ки лақаби ифтихории Мухторушшуаро дар дарбори Ғазнавиён маъмул будааст ва Мухторӣ маҳз бо ноил шудан ба ин унвон лақабашро низ тағйир додааст [6, 21]. Асъадӣ ба ин маънӣ ишора мекунад:

Эй ба шеъру лақаб шуда Мухтор,
Карда килкат хароб кишвари теғ (5, 265).

Ғайр аз ин, Мухторӣ боз дар ду қасидаи дигар аз сухандониву табъи баланди шоирӣ доштан ва бузургии ӯ ёдовар мешавад.

Аз шоирони ҳамзамон ва қариб ҳамсинни ӯ Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд бинни Одами Саноӣ мебошад. Саноӣ бо Мухторӣ дар як иртиботи наздики эҷодӣ қарор гирифта будаанд. «Корномаи Балх» яке аз асарҳои маъмули Саноӣ, ки онро дар Балх таълиф намудааст ва дар он аз бисёр шоирони замони худ ёдовар шудааст ва онҳоро тавсиф намудааст, мебошад. Дар асари мазкур сарлавҳаи «Маноқиби Ҳаким Мухторӣ» ҷо дода шудааст ва аз Мухторӣ ҳамчун як шоири ҷавони дар шеъру шоирӣ қудратманд ёдовар шудааст. Чанд байтро аз «Корнома» ҳамчун намуна зикр мекунем:

Ихтиёри замона Мухторӣ,
Он ҷавони латифи дидорӣ.
Он чу гул некӯӣ бурун дода
В-он чу савсан шагарфу озода.
Он ки то ӯ ба шоирӣ пардохт,
Назмро кас зи соҳирӣ нашнохт.
Обу оташ намои сурати ӯст,
Оташу об зи ройи фикрати ӯст (7,239).

Чунон менамояд, ки Усмон Мухторӣ дар айни ҷавонӣ ҳамчун шоири муқтадир машҳур ва маълум гардидааст ва чунин як шоири тавоно Саноии Ғазнавӣ ба калом ва қудрати шеърофаринии ӯ баҳо гузоштааст. Гузашта аз ин, Саноӣ дар як қасидаи дигар низ Мухториро сутудааст ва номи пурраи шоирро дар он ҷо қайд намудааст: «Дар мадҳи Абулмафохир Хоҷа Ҳаким Абӯумар Усмон ибни Умар Мухторӣ фармояд:

Нашавад пеши ду хуршеду ду маҳ торе тир,
Гар равад заррае аз хотири Мухторӣ тир.
Он ки дар чашми хирадмандию дар гӯши яқин,
Пеши андозаи сидқаш ба камон ояд тир.
Он ки пеши қалами ҳамчу синонаш гаҳи захм,
Аз пайи фоида чун найза миён бандад тир.
Гар ба зар васф кунад барги разонро, пас аз он
Барг заррин шавад аз давлати ӯ дар маҳи тир.
Эй ҷавоне, ки зи маънии нават дар ҳар гӯш
Ҳар замон нур ҳаме нав талабад олами пир.
Сухан аз меҳри ту ороста ояд чун ҷон,
Оташ аз хашми ту омӯхта сӯзад чу сарир.
Он чи фикрат ҳаме аз ақли ту ёбад гаҳи назм,
Ба ҳама умр наёбад садаф аз абри матир (8,79).

Саноӣ дар қасидае ба Муҳаммад Хатибӣ аз Мухторӣ ҳамчун устод ёдовар шудааст:

Гарчӣ устодони ман гуфтанд пеш аз ман сано-т,
Лек пайдо набвад аз пешу пас асли хайру шар (7,280).

Дар ин қасида мисраеро аз Мухторӣ ҳамчун тазмин истифода кардааст:

Ҷангҳо карди, чунонки гуфт Мухторӣ ба шеър,
«Баски аз теғи ту маҷбуранд аъдову куфар» (7,279).

Мухторӣ дар васфи Маҳмуди Рӯбоҳӣ сипаҳсолори лашкари Ғазнавиён ба мамдӯҳ муроҷиат намуда, аз қудрату маҳорати шоирии Саноӣ ӯро дарак додааст. Мухторӣ аз мамдӯҳ талаб намудааст, то ба Саноӣ силаю инъоми сазовор диҳад:

Саноиро силатҳо бахш, то ӯ ҳам чунин мадҳе
Бипардозад, ки ҳамто нест андар шеър зи икронаш.
Набинӣ, к-инчунин гӯяд зи ҳар байте, ки бархонад,
Кунад таҳсин зи бас маънӣ зи ҷаннат ҷони Ҳассонаш[23].
Фурӯ андеш, то ӯро чи қодир хотире бошад,
Ки дар маъниву лафзи хуш мусаллам дошт Усмонаш (5, 245).

Чунин менамояд, ки Саноиро ба ин омил Мухторӣ муаррифӣ намудааст. Мураттиби девони Саноии Ғазнавӣ Мударриси Рӯзавӣ иштибоҳан ин мамдӯҳро Султон Масъуди Ғазнавӣ (1099-1115) пиндоштааст. Ӯ шояд аз зикр гардидани номи Масъуди Ғазнавӣ дар қасидаи мазкур ба чунин ғалат роҳ дода бошад. Ин мамдӯҳ сипаҳсолори лашкари Масъуди ибни Иброҳими Ғазнавӣ мебошад, ки дар ҷангҳои Ҳиндустон ва навоҳиву атрофи он султонро донболагирӣ намудааст. Ғайр аз ин,

[23] Ҳассон – номи шоири маъруфи араб

Мухторӣ дар аҳди Султон Масъуд ибни Иброҳим (1099-1115) аз қатори шоирони дарборӣ берун буд.

Бисёре аз вазирону амалдоронро ба мисли Хоҷа Амид Мансур бинни Саид Аҳмад бинни Ҳасани Маймандӣ, Муҳаммад Ҳатибӣ, Мансури Қоинӣ, Хоҷа Ҳасани Асъадӣ, Хоҷа Масъуд бинни Абулфатҳ, Юсуф бинни Яъқуб ва ғайраҳоро ҳам Мухторӣ ва ҳам Саноӣ мадҳ кардаанд. Ин нукта ҳам ба хулоса меорад, ки робитаи дӯстиву эҳтироми онҳо нисбат ба ҳамдигар зиёд будааст ва дар як замону макон эҷод мекарданд.

Мухторӣ маснавии «Ҳунарномаи Яминир»-ро дар баҳри хафифи махбуни мақсур (фоилотун мафоилун фаилот) офаридааст, ки чунин оғоз меёбад:

Шоири дигаре, ки Мухторӣ ҳангоми дар сафари ду-се моҳаи худ дар Самарқанд бо ӯ робита доштааст, Рашдии Самарқандӣ мебошад. Мухторӣ аз овонӣ ҷавони орзуи бо Рашидӣ ошноӣ пайдо карданро доштааст ва дар як қитъае ба ин ишора кардааст. Маълум мегардад, ки падари шоир ба ӯ ваъда кардааст, ки ӯро ба Самарқанд назди Рашидӣ мебарад. Мухторӣ дар ин бобат мегӯяд:

Чанд шунидам зи лафзи поки падар,
К-эй писар мисол мову хоки Самарқанд.
Дидани рӯйи Рашидӣ, он ки ҳунар кард,
Хоки кафи пойи ӯ пасоки ҳунарманд (5, 596).

Аз чӣ сабабе бошад, ин нияти Мухторӣ ва падараш амалӣ нашудааст. Мухторӣ фақат солҳои баъд, ҳангоми сафари ду-семоҳаи Самарқанд бо Рашидӣ ошноӣ пайдо намудааст. Дар Самарқанд дар дарбори оли Хоқон ё Оли Афросиёб чанде аз амалдорон ва рӯҳониёнро ситоиш намудааст, ки баъзе аз онҳо мамдӯҳони Рашидӣ низ будаанд. Мухторӣ Рашидиро дар як қасидааш мадҳ кардааст ва назму ҳунари шоирии ӯро бисёр самимона сутудааст. Саъдиев қайд кардааст, ки: «ягона шеъре, ки Мухторӣ дар Самарқанд аз рӯйи самимият ва бидуни тамаъ гуфтааст, ситоиши шоир Рашидӣ мебошад» [1,64]. Дар мақтаи ин қасида Мухторӣ гуфтааст:

Ҳаст Мухторӣ, ки бо ҳар кас набозад нарди назм,
Чун Рашидӣ дар суҳан ҷон дар Рашидӣ бохта (5, 503).

Ин шоирони ду ҳавзаи адабӣ бо ҳам дар мукотиба будаанд ва аз ашъори ҳамдигар баҳра гирифтаанд.

Мухторӣ аз шоирони ҳамасри хеш ба Амир Муиззӣ эътибор доштааст ва аз ӯ пайравӣ ҳам менамудааст. Дар қасидааш як байтро аз Муиззӣ тазмин кардааст:

Як байти Муиззӣ, ки маро беҳ зи ду байт аст,
Дар охири мадҳат ба дуо кардам тазмин.
«Бар натъи зафар бод сари теғи ту чун кӯҳ,
Шоҳони мухолифро шаҳмот ба натъин» (5,443).

Мухторӣ ҳатто дар як дар табъу завқи шоирӣ худро аз Муиззӣ муаззам шуморидааст:

Дар шеър ҳаме зиёдатӣ ҷӯяд,
Бар табъи Муиззии Хуросонӣ (5, 518).

Аз ин абёти боло бармеояд, ки таваҷҷуҳи Мухторӣ ба ашъори ин шоир зиёд будааст ва ӯ қобилият ва завқи шоирии худро бо Муиззӣ муқоиса намудааст. Ғайр аз ин, монандии вазну қофияи баъзе аз ашъори ин шоирон низ дар девони онҳо мушоҳида мешавад.

Ба ҳамин тариқ, шоирон нимаи дуюми асри XII ва аввали асри XII. дар иртиботи эҷодӣ бо ҳамдигар як самимияти хосса доштаанд, ки аз намояндагони аввали доираи адабии Ғазнин фарқ мекунад. Шоирони даври Маҳмуди Ғазнавӣ агар дар нисбати ҳамдигар ҳазлу ҳаҷв ва таъну танзро бештар раво медоштанд, намояндагони эҷодии ахди охири ғазнавӣ баръакс: дар муносибат бо ҳамдигар самимона рафтор мекарданд ва ашъори ҳамдигарро эҳтирому эътироф мекарданд. Мухторӣ, ки тарбиятгирифтаи мактаби адабии аҳди охир буд, дар миёни ҳамқаламонаш эътибор доштааст. Ӯ дар эҷоди қасида як равияи ба худ хосе доштааст. Шоирони ҳамзамон дар муҷоботҳояшон қудрати эҷодии ӯро таҳсину тавсиф намудаанд. Аз ин рӯ, Усмон Мухториро яке аз қасидасароёни моҳири аҳди охири мактаби адабии Ғазна шумурдан қобили қабул аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоев А.,Саъдиев С. Адабиёти форсу тоҷик дар нимаи дуюми асри XI ва аввали асри XII / А. Абдуллоев, С. Саъдиев - Душанбе, 1986, 262 с.
2. Бертельс.Е.Э. Избранные труды /Е. Э. Бертельс // Т-1- Москва, 1960.
3. Масъуди Саъди Салмон Девон /М.С. Салмон //Бо муқаддимаи Носири Ҳиярӣ. – Теҳрон, 1363.

4. Разавӣ, Мударриси Муҳаммад Тақӣ. Корномаи Балх- асари Саноии Ғазнавӣ /М. Разавӣ // Маҷаллаи Фарҳангистони Эронзамин. - Ҷ. 3-4. 1352- 1353.
5. Усмон Мухтории Ғазнавӣ. Девон /У. М. Ғазнавӣ //Бо эҳтимоми Ҷалолиддини Ҳумоӣ. – Теҳрон, 1341.
6. Ҳаким Мухтории Ғазнавӣ- гӯяндаи номдори қарни панҷуми ҳиҷрӣ / М. Ғазнавӣ //Бо кӯшиши Рукниддини Ҳумоюнфаррух. – Теҳрон, 1336.
7. Ҳаким Абулмаҷд Маҷдуд бинни Одам Саноии Ғазнавӣ. Девон / С. Ғазнавӣ // Бо саъй ва эҳтимоми Мударриси Разавӣ.- Теҳрон: интишороти Саноӣ, 1362.
8. Ҳаким Саноӣ. Осори Мунтахаб / Саноии Ғазнавӣ // Мураттиб Кароматулло Олимов. - Ҷ. 2. Душанбе: Адиб, 2004, 296 с.

ТВОРЧЕСКОЕ ОТНОШЕНИЕ МУХТОРИ К СВОИМ СОВРЕМЕННИКАМ

В статье рассматривалось творческое отношение Мухтори к его современникам. Многие его современники восхваляли его в своих касыдах. В ответ Мухтори тоже воспевал современников и посвятил им касыды, также проанализировано поэтическое сходство и значение его поэзии по сравнению с ними.

Ключевые слова: Мухтари, исследователи, творческие отношения, литература современники, ода, газневиды, поэзия, сравнение, анализ, диван**.**

CREATIVE RELATIONS OF MUKHTORI WITH HIS CONTEMPORARIES

In the article was considered Mukhtori's creative relations and his contemporaries. Many of his contemporaries eulogized him in their kasids. Mukhtori an themed his contemporaries too and devoted them kasids, and also analyzed poetic similarity and value (meaning) of his poetry on comparison with them.

Key words: Mukhtari, researcher's, creative relations, literature, source, Ghaznevid's, ode, praise, lauded, poetry, divan.

Сведения об авторе: ***Давруков Ш.*** **-** аспирант Институт гуманитарных наук им. Б.И. Искандарова АН РТ. Телефон: **(+922) 93 411 69 92.**

НАҚШИ ЧЕҲРАҲОИ АСОСӢ ДАР ДОСТОНИ «САЛОМОН ВА АБСОЛ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ

С.Б. Маҳкамов
Донишкадаи ҷумҳуриявии такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони соҳаи маориф

Дар достони «Саломон ва Абсол»-и Абдураҳмони Ҷомӣ диққати асосӣ ба амалиёти қаҳрамонони марказӣ – Саломон ва Абсол равона гардидааст. Адиби тавоно барои инъикоси симои Саломон ва Абсол заҳмати зиёде кашида, суханҳои доир ба мавзӯи фарзанд дахлдоштаро дар ҳаққи онҳо сурудааст. Чунончи, Саломон фарзанди ягона ва талабидаи шоҳ буд. Вақте ки ба тифл ном меҷустанд, аз Осмон садои «Саломон» шунида шуд. Саломон ҳамчун ҷавони пурзӯру солим дар ҳусну малоҳат ҳамто надошт. Шоир дар боби «Қиём намудани Абсол ба доягии Саломон ва доман барзадан дар парвариши он покизадомон» дар бобати пояи ҳусн, қади расо, пешонии бадрмонанд, бинии рост, чашмони маст ва панҷаи пурзӯри Саломон сухан меронад (1,195-196).

Сифатҳои дигари ӯ аз қабили табъи баланд, ҳозирҷавобӣ ва хаттотӣ дар боби «Дар сифати ҳиддати фаҳм ва ҷавдати насру назми вай» инъикос ёфтаанд (2, 196-197).

Дар боби дигар – «Қиём намудани Абсол ба доягии Саломон ва доман бар задан дар парвариши он покизадомон» шоир ба авҷи аъло расидани ҳусни Саломонро, дар синни чордаҳсолагӣ, чунин тасвир месозад:

Чордаҳ будаш ба хубӣ моҳи рӯ,
Соли ӯ ҳам чордаҳ чун моҳи ӯ.
Пояи ҳуснаш басе боло гирифт,
Дар ҳама дилҳо ҳавояш ҷо гирифт.
Шуд яке сад ҳусни ӯ в-он садҳазор,
Сад ҳазорон дил зи ишқаш беқарор (2, 194-195).

Саломон дар базму айш дилшод ва дилгарм, дар бозии гӯю нарду чавгон ҷаққону моҳир, дар камондориву тирандозӣ ва сайду шикор бемислу монанд ва дар хайру саховат олиҳиммат ва дарёдил буд. Масалан, шоир дар гӯю чавгонбозӣ чобуку чаққон будани Саломонро дар боби «Сифати чавгон бохтани вай бо ҳамсарон ва гӯй бурдани вай аз дигарон» ин тавр ба қалам медиҳад:

Савлаҷон бар каф ба майдон тохтӣ,
Гӯйи зарин дар миён андохтӣ.
Як ба як чавгонзанон ҷӯёни ҳол,
Гирди як маҳ ҳалқа карда сад ҳилол.
Гарчи будӣ захми чавгон аз ҳама,

Буд чобуктар Саломон аз ҳама (2, 199).

«Дар сифати камондорӣ ва тирандозии вай» ном боби дигари достон, мардум ба камондорӣ ва тирандозии Саломон қоил шуда, ба ӯ аҳсан мехонанд (2, 199).

Саломон дар боби «Дар сифати ҷуду сахо ва базлу атои вай» дар эҳсону бахшиш ва хайру сахо ҳамчун шахси дарёкаф инъикос мегардад:

Буд дар ҷуду сахо дарёкафе,
Бал, к-аш аз баҳри ато дарё кафе.
Пур шудӣ аз файзи он абри карам
Арсаи гетӣ зи динору дирам (2, 200-201).

Ӯ ба калонсолӣ ва аз табақаи поён будани Абсол нигоҳ накарда, ба вай дил бохт. Дар роҳи дӯстдорӣ касе монеаи ӯ нашуд. На насиҳати падар, на панди ҳаким ва на таънаи дарбориён пеши роҳи ишқи ба Абсол доштаи ӯро нагирифтанд, зеро вай дар ин роҳ босуботу бовафо ва пойдору устувор буд.

Саломон аз рӯйи одоб ба панду насиҳати падар гӯш меандозад, вале узру маъзарати хешро дар бобати ба вай итоат накардани дили ранҷур баён месозад:

Борҳо бо хеш андешидаам,
Дар халосӣ з-ин бало печидаам.
Лек чун ёдам аз он моҳ омадаст,
Ҷони ман дар нолаву оҳ омадаст.
Дарфитода чашми ман бар рӯйи ӯ,
Кардаам рӯй аз ду олам сӯйи ӯ.
В-аз тамошои рухи он дилписанд,
На насиҳат монда бар ёдам на панд (2, 215).

Матонату ҷасорати Саломон баъди панду насиҳати ҳаким низ дар боби «Ҷавоб гуфтани Саломон ҳакимро» ба мушоҳида мерасад. Саломон ҳарчанд панду насиҳати ҳакимро қабул мекунад, вале дар охир иқрор мешавад, ки «қудрати фоил ба қадри қобил аст». Яъне ихтиёри дӯстдории ӯ берун аз хоҳиши ӯст. Ба он чизе монеа шуда наметавонад:

Ҳар чӣ гуфтӣ, айни ҳикмат ёфтам,
Дар қабули он ба ҷон биштофтам.
Лек бар рои мунират равшан аст,
К-ихтиёри кор берун аз ман аст (2, 218).

Симои Саломон аз аввал то охири достон, алоқамандона ба номаш, ҳамчун фарди покдоман намудор мегардад:

Зодае пас покдоман омадаст,
Номи ӯ з-он рӯ Саломон омадаст (1,244).

Умуман, Саломон дар роҳи ишқ устувор ва барои расидан ба мақсад хеле фаъол мебошад. Ӯ, аз рӯйи урфу одат ва одоби ҳамида, дар роҳи ишқу муҳаббат аз даст додани сабру қаноат ва инони ихтиёри худро ба падар ва ҳакими доно нақл карда, ба саволҳои эшон боэҳтиромона посух медиҳад. Ба ин минвол, вай ишқи поки хешро ҳимоя мекунад.

Яке аз нуқсони Саломон дар он аст, ки ӯ ба илми сеҳру ҷоду эътиқод дорад. Аз ин рӯ, вай аз ҷазира оҷизона ба дарбор бармегардад, ҳарчанд ки панду насиҳат ва сарзанишҳои падар ва ҳакимро дар хусуси рӯй тофтан аз ишқи Абсол рад менамояд.

Дар аввалҳои достон симои Саломон ҳамчун ҷавони серғайрат ва фаъол намудор гардад ҳам, тадриҷан он суст шудан мегирад. Сабаб дар он аст, ки ӯ дар мубориза бо номусоидиҳо худро танҳо ва оҷиз ҳис мекунад. Маҳз аз ин рӯ, вай дар оташи сӯзон якҷоя бо Абсол сӯхтанро афзалтар медонад (1,232).

Ин ҳолат, аз як тараф, ҷасорату матонат, аз тарафи дигар, заъфи мизоҷи Саломонро нишон медиҳад. Яъне, аз як сӯ, ӯ бар зидди тамоми монеаҳо мубориза бурда натавонад ва ин ҳолат аз сустии иродаи ишқии ӯ дарак диҳад, аз дигар сӯ, вай аз дасти ҳаёти тангу номусоиди шароити феодалӣ, ки ба озодии шахс имконият фароҳам намеорад, эътироз баён месозад.

«Дар оташ сӯхтани Абсол, вале саломат мондани Саломон ӯро аз роҳи ишқу вафо нагардонд, баръакс, иродаи ишқии вай оҳу фиғони ӯро дар ҷудоӣ аз Абсол зиёд кард. Саломон танҳо ҳамон вақт камубеш таскин ёфт, ки диққаташро аз Абсол ба сурати Зуҳраи осмонӣ ҷалб кард. Дар натиҷаи аз романтикаи ишқӣ ба тасвири ҳиссиёти ҳаётии инсонӣ муроҷиат кардани шоир, Саломон аз рӯйи одати ҳаётӣ, тадриҷан ёри худро фаромӯш кардааст» (4, 350).

Дар ин ҷо сустиродагии Саломон ба мушоҳида мерасад, ки ба шароити дарбор мувофиқ гардида, баъди аз падар қабул намудани мансаб, аз панду андарз ва насиҳатҳои ӯ берун намебарояд.

Дар достон симои Абсол ҳамчун дояи меҳрубон ба назар мерасад. Вақте ки Саломонро ба Абсол вобаста менамоянд, ӯ камтар аз 20-сола буд:

Дилбаре дар некӯи моҳи тамом,
Соли ӯ аз бист кам Абсол ном (2,190).

Шоир дар боби «Тадбир кардани ҳаким дар валодати фарзанд бе мувофиқати занон ва доя гирифтан барои тарбияти вай» симои Абсолро чунин тасвир месозад:

Нозукандоме, ки аз сар то ба пой
Ҷузв ҷузваш хуб буду дилрабой.
Буд бар сар фарқи ӯ хатте зи сим,
Хирмане аз мушкро карда дуним.
Гесӯяш буд аз қафо овехта,
З-ӯ ба ҳар мӯ сад бало овехта.
Қоматаш сарве зи боғи эътидол,
Афсари шоҳон ба роҳаш поймол…
Аз лаби ӯ ҷуз шакар нагрифта ком,
Худ кадом аст он лабу шаккар кадом? (2, 191).

Абсол духтарест, ки аз доираи васеи халқи заҳматкаш буда, дар муҳити тангу тори дарбори феодалӣ ба талабҳои аристрократӣ ва нормаҳои аҳлоқ риоя накарда, роҳи ноҳамвор ва пурпечутоби ишқи озодро пеш гирифтааст. Ӯ дар ҳусну ҷамол беҳамто буда, дили ҳар бинандаро ба худ ҷалб месохт:

Ҳар ки дидӣ он миёни кам зи мӯ,
Ҷуз каноре з-ӯ накардӣ орзу (2, 191).

Вай дояи азиз ва мураббияи меҳрубон буд. Хизмати шабонаву рӯзона, яъне доимӣ, меҳру муҳаббат ва ҳиссиёти ӯро нисбат ба Саломон бедор кард. Ба ин маънӣ, вай барои ҳарчи ба воя расидани Саломон заҳмат мекашад: ҳамчун бонуи ҳалиму мушфиқ ва ғамхор вақти хуфтан ба болои сари тифл шамъ мегузорад, бомдод ӯро ҳамчун луъбат меорояд, ба чашмонаш сурма мекашад, ҷома мепӯшонад, ба сараш кулоҳи зарринро каҷ гузошта, дар бараш зулфи сиёҳ меовезад, дар миёни нозукаш камарбанд мебандад ва ҳоказо. Ин ҳолат то синни чаҳордаҳсолагии Саломон идома ёфта, меҳру муҳаббати доягӣ пайваста ба меҳру муҳаббати ошиқӣ мубаддал мегардад.

Амалиётҳои Абсол нишон медиҳанд, ки дар бедор кардани ҳиссиёт ва муносибатҳои ишқӣ ӯ нақши муҳим бозидааст. Зеро вай бе ҳеҷ андешаву мулоҳиза ва дудилагӣ ишқи Саломонро пазируфта, дар ин роҳ устувор ва пойдор будани хешро нишон додааст.

Чусту чолокӣ ва далерии Абсол дар боби «Рафтани Абсол дар пеши Саломон ва таматтӯи эшон аз суҳбати якдигар» баръало мушоҳида мегардад. Ӯ барои расидан ба коми дил вақти мувофиқ меҷӯяд ва ин лаҳзаи ҳассосро дармеёбад (2, 209).Шоир лаҳзаи ба мурод расидани ошиқонро дар боби номбурда хеле ҷаззоб инъикос менамояд:

Ҳардуро аз бӯса шуд оғоз кор,
З-он ки бӯс омад қаловузи канор.
Баски месуданд бо ҳам лаб ба лаб,
Шуд лаболаб ҳардуро ҷоми тараб.
Гарчи лабҳояшон ба ҳам бисёр суд,
Монд боқӣ ончи асли кор буд.
Баҳри савдое, ки дар сар доштанд,
Пардаи шарм аз миён бардоштанд (2, 209).

Яке аз нуқсони маънавии Абсол, аз рӯйи баъзе андешаҳо, гӯё дар он аст, ки ӯ ба дастпарвардаи хеш – Саломон, ки аз вай хеле хурд буд, дил бохтааст. Вале тавре ки маълум аст, ишқу муҳаббати пок ба синну сол дахл надорад. Ба ҳар ҳол, Абсол хуб медонист, ки ишқи Саломон девонавор нест ва шояд ҳамин калонсолӣ боиси он гардад, ки бо Саломон дер зиндагӣ накунад. Дар навбати худ, Саломон низ аз натиҷаи чунин ишқбозӣ ва маҳрумшавии ҷоҳу ҷалоли подшоҳӣ андеша мекард, аммо таъсири амалиётҳои фаъолонаи Абсол пеши роҳи ӯро аз дудилагӣ мегардонд ва торафт ба корнамоиҳои нав ба нав ҳидоят месохт.

Сабабҳои ба Саломон дил бохтани Абсол гуногун мебошанд. Чунончи:

- Саломон, пеш аз ҳама, дастпарвари ӯст ва аз ин ҷиҳат, тамоми одобу рафтор ва характеру хислати ӯро ба хубӣ медонист;
- Саломон ҷавони зебост, ки баробари дидани ӯ на танҳо дили вай, балки дили ҳар бинанда реш-реш мегардид;
- Саломон дар гӯю нарду чавгон ва камонвариву тирандозӣ ҳамто надошт;

• Саломон дар хайру сахо ва лутфу эҳсон ҷавони дарёкаф ва дарёдил буд;

• Саломон ҷавони нотарс, ҷасур, далер ва шуҷоатманд буда, дар майдони ҳарбу зарб ҳамеша ғолиб меомад;

• Саломон писари шоҳ буд ва байни мардум обрӯю манзалати хоса дошт ва ҳоказо.

Яке аз амалиёти муҳими Абсол дар он аст, ки ӯ хилофи ақидаи феодалии «ишқу муҳаббат ба синфият ва табақаҳои иҷтимоӣ дахл дорад», рафтор намуд. Аз рӯйи ин ақида, Саломон, ки аз табақаи болоии ҷамъият буд, мебоист, ба духтари ягон соҳибмансаби дарбор, аз қабили вазиру ҳаким ва ё шахси дорову давлатманд дил мебохт, на ин ки ба Абсол барин духтари табақаи поён.

Аз ин рӯ, дар аксари бобҳо Абсол ҳамчун бону ва қаҳрамони марказӣ худро фаъол, нотарс ва ғаюр нишон медиҳад. Ҳатто ба саъю кӯшишҳои васлҷӯйии Саломон нигоҳ накарда, худаш ташаббус нишон медиҳад, барои ташкили мулоқот саҳм мегузорад ва монанди инҳо.

Дигар шуҷоатмандиву далерии Абсол дар он аст, ки даъвати Саломонро дар бобати гурехтан аз дарбор қабул намуд (2, 220). Корнамоии минбаъдаи ӯ он аст, ки бо Саломон, дар баҳри пурталотум, аз ҳайбати моҳиҳои дарандаву наҳангҳо наҳаросида, бо заврақ бемамоният ба канори бешае расид (2, 223).

Лаҳзаи зиндагии хушҳолонаи Саломон ва Абсолро дар ҷазираи беодам шоир хеле табиӣ ба риштаи тасвир мекашад (2, 224).

Сабаби ҷазираи беодамро ихтиёр намудани ошиқон аз норозигии эшон аз қонуну қоидаҳои замона аст, ки монеаи асосии ишқи озод гардида, барои ба ҳам расидани ошиқон халали ҷиддӣ мерасонд.

Ҳамин тавр, аз амалиётҳои Абсол маълум мегардад, ки ӯ тобеи иродаи ишқ ва ошиқ аст. Аз ин рӯ, бо Саломон нотарсона ба оташи сӯзон даромад. Ҳарчанд дар ин оташ сӯхт, вале заррае наҳаросид.

Ҷомӣ бо тасвири манзараи сӯхтани Абсол зарбулмасали халқии зайлро истифода менамояд:

Чун ҳаёти мурданӣ дархвар бувад,
Мурдагӣ аз зиндагӣ хваштар бувад (2, 232).

Дар боби «Мунқод шудани Саломон ҳакимро аз тадбири кори вай» сухан дар бораи Зуҳра ном сайёра меравад. Зуҳра – ситораи Ноҳид буда, «онро мутрибаи фалак меномиданд ва олиҳаи зебоӣ, суруду рақс ва хушию хурсандӣ мешумурданд (3, 464).

Лаҳзаи ба ёд овардани симои Зуҳра, дар боби номбурда, ба таври зайл аст:

– Ҳакими донишманд хост, ки бо роҳи сеҳру ҷоду ишқи Абсолро аз дили Саломон дур кунад. Саломон, аз як тараф, мафтуни панду ҳикматҳои шавқангези ӯ шуда бошад ҳам, аз тарафи дигар, баъзан Абсолро ба ёд оварда фарёд мекашид. Ҳаким ҳамоно илоҷи ҳалли ин муамморо ёфт. Ӯ сурати Абсолро кашида, як-ду соат пеши чашми Саломон гузошта, дили вайро таскин медод. Вақте ки дили Саломон ором мегирифт, дарҳол суханро ба ҷониби Зуҳра бурда, ба ӯ шайдо шудани ҳама, минҷумла Офтобу Моҳро ситоиш мекард:

Зуҳра гуфтӣ шамъи ҷамъи анҷум аст,
Пеши ӯ ҳусни ҳама хубон гум аст.
Гар ҷамолаш хешро пайдо кунад,
Офтобу Моҳро шайдо кунад (2, 238).

Саломон ба суханҳои сеҳрангези ҳаким гӯш андохта, оқибат мафтуни Зуҳра мегардад (2, 239).

Саломонро бо ҷамоли Зуҳраи осмон тасалло додани ҳаким барои ором кардани Саломон ё ки рӯҳи нотиқа буд, ки дар айни замон маънои ба камол расидани рӯҳро ифода менамояд:

Чист он Зӯҳра камолоти баланд,
К-аз висоли ӯ шавад ҷон арҷманд.
З-он ҷамоли ақл нуронӣ шавад,
Подшоҳи мулки инсонӣ шавад (1, 246).

Ҳамин тавр ҳам шуд. Ҳаким ба ин восита рӯҳро аз ҷисм ҷудо намуда, бо ҷанбаи илоҳӣ пайваст:

Нақши Абсол аз замири ӯ бишуст,
Меҳри рӯйи Зуҳра бар вай шуд дуруст.
Ҳусни боқӣ диду аз фонӣ бурид,
Айши боқиро зи фонӣ баргузид (2, 239).

Бояд қайд кард, ки дар сарчашма ва маъхазҳои қадима, аз ҷумла «Ан-наводир»-и Ибн ал-Арабӣ Саломон ба маънии некию хайр ва Абсол

баръакс, ба маънии бадӣ – шар машҳур мебошанд.

Агар дар қиссаҳои юнонӣ, «Ан-наводир»-и Ибн ал-Арабӣ ва достони ҳамноми Ҷомӣ Саломон номи писар ва Абсол номи духтар бошад, дар рисолаи Ибни Сино номи ду бародар ва дар асари Ибни Туфайл (1120-1185) номи ду ҷавони ба ҳам дӯст қаламдод шудаанд.

Дар нусхаи аз юнонӣ ба арабӣ тарҷуманамудаи Ҳунайн ибни Исҳоқ Саломон писари подшоҳи Юнон – Ҳирмонус ва дар асари Ибни Сино танҳо номи бародари калонӣ мебошад. Дар достони ҳамноми Ҷомӣ Саломон писари шоҳи Рум бошад ҳам, аммо номи шоҳ зикр наёфтааст.

Дар нусхаи Ҳунайн ибни Исҳоқ номи ҳакиме, ки Саломонро аз нутфаи падар ба миён меорад, дақиқ аст – Қалиқулос. Аммо номи ҳаким дар достони Ҷомӣ маълум нест. Дар асари Ибни Сино амалиёти ҳаким умуман ба мушоҳида намерасад. Адиб Саломонро ҳамчун қуввати ақли инсон ва Ибсолро чун қайфияти саодати ҳақиқӣ маънидод менамояд.Дар нусхаи Ҳунайн ибни Исҳоқ амалиёт ва ба сифати доя амал намудани Абсол дар синни ҳаждаҳсолагӣ ва дар достони Ҷомӣ дар синни бистсолагӣ шурӯъ мегарданд.

Ҳам дар нусхаи Ҳунайн ибни Исҳоқ ва ҳам дар достони ҳамноми Ҷомӣ Саломон ва Абсол дар ҳусну малоҳат зебову барно буда, ҳарду дар роҳи ишқ пойдор ва устувор мебошанд. Дар ҳарду асари адибони боло падари Саломон ва ҳакими дарбор аз ишқу ошиқии Саломон ва Абсол хабар ёфта, барои аз ҳам чудо намудани онҳо кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Вале Саломони достони Ҷомӣ аз панду ҳикматҳои падар ва ҳаким саркашӣ намуда, аз ишқи Абсол рӯ наметобад. Дар асари «Ан-наводир»-и Ибн ал-Арабӣ Саломон тавассути илму дониш аз асорат раҳоӣ ёбад, дар достони Ҷомӣ ӯ бо қувваи сеҳру ҷоду дар оташ намесӯзад.

Дар асарҳои ҳамноми Ҳунайн ибни Исҳоқ ва Абдураҳмони Ҷомӣ дили Саломон дар охир аз таъсири панду ҳикматҳои падар ва ҳаким рӯҳан таскин меёбад. Ахиран, ӯ ба тахти подшоҳӣ нишаста, солҳо хукмронӣ мекунад ва ҳоказо.

Дар симои Абсол низ дар ҳарду асари боло фарқиятҳои зиёд дида мешаванд. Зеро дар рафти воқеаҳо ҳаракат ва амалиёти онҳо гуногун буда, агар дар асари Ибн ал-Арабӣ Абсол маҳз аз рӯйи нодониву бефаҳмӣ бимирад, дар нусхаи Ҳунайн ибни Исҳоқ ӯ аз дарду алами ишқи Саломон аз олам чашм мепӯшад. Дар достони Ҷомӣ бошад, вай нотарсона ба оташ медарояд ва бе ҳеҷ тарсу ваҳм ҷон медиҳад.

Хулоса, Ҷомӣ дар мисоли ишқу ошиқии Саломон ва Абсол чанд масъалаи ҷамъиятиро ҳал менамояд. Чунончи, ишқу ошиқӣ, аз як тараф, ба синну сол дахл надошта бошад, аз дигар тараф, синф ва ё табақаҳои иҷтимоиро ба инобат намегирад.Шоир дар роҳи ҳал намудани мавзӯи ишқу муҳаббат вайронии ахлоқи дарбориён, нодурустии таълиму тарбия дар доираҳои аристократӣ ва поймолкунии ҳуқуқи ҷамъиятии занонро моҳирона инъикос месозад.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдураҳмони Ҷомӣ. Осори мунтахаб: – Ҷ.5 (Лайлӣ ва Маҷнун:Достон) / Ба чоп тайёркунандагон А. Афсаҳзод, А. Зуҳуриддинов / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 359 с.
2. Абдураҳмони Ҷомӣ. Маҷмӯаи материалҳои ҷашнии 550-солагӣ / А. Ҷомӣ. – Душанбе: Дониш, 1973. – 236 с.
3. Фарҳанги забони тоҷикӣ / Иборат аз ду ҷилд. – Ҷ. 1. / Дар зери

таҳрири М. Ш. Шукуров, В. А. Капранов, Р. Ҳошим, Н. А. Маъсумӣ. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 952 с.
4. Мирзозода Х. Таърихи адабиёти тоҷик (асрҳои XIII-XV): Кит. 2 / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1977. – 400 с.

РОЛЬ ГЛАВНЫХ ГЕРОЕВ В ПОЭМЕ АБДУРРАХМАНА ДЖАМИ «САЛОМОН И АБСОЛ»

В поэме «Саломон и Абсол» Абдуррахмана Джами основные образы – Саломон и Абсол играют важнейшую роль. В статье подвергнуты анализу образы главных героев данной поэмы.

Ключевые слова: поэма, Саломон, Абсол, роль, образ, любовь, влюблённый, герой, царь, мудрец, няня, огонь

ROLE OF THE MAIN HEROES IN THE LEGEND OF ABDURAHMON JOMI "SOLOMON AND ABSOL"

In the legend "Solomon and Absol" written by Abdurahmon Jomi the roles of Solomon and Absol are considered to be the most important point. The following article deals with looking through the analysis of the main heroes of the legend.

Key words: legend, Solomon, Absol, role, character, love, sweet heart, hero, king, wise, nurse, fire.

Сведения об авторе: ***С.Б. Махкамов*** – доцент кафедры гуманитарных наук Республиканского института повышения квалификации и переподготовки работников сферы образования. Телефон: **(+992) 918526973**

АНЪАНА ВА НАВОВАРӢ ДАР МАВЗӮЪ ВА МУНДАРИҶАИ ҒАЗАЛИЁТИ АМИР ХУСРАВ

Р.Ҳ. Тағоймуродов
Донишгоҳи давлатии Кӯрғонтеппа ба номи Носири Хусрав

Амир Хусрави Деҳлавӣ сароғози эҷодиёти худро бо сурудани ашъори ғиноӣ, бахусус ғазал, ибтидо бахшида, аз айёми ҷавонӣ то охири умр, яъне дар ҳудуди қариб шаст сол ғазал гуфтааст. Зиёда аз ин, ӯ миёни сухансароён шоире буд забардаст ва қодирсухан, ки дар ривоҷи ғазал саҳми муносибе гузошта, хазинаи адабиёти форсӣ-тоҷикиро аз ин навъи шеър ғанӣ сохтааст.

Ғазал дар қиёс бо дигар жанрҳои ғиноӣ дар эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ ҷойгоҳи муҳим ва баландеро ишғол менамояд. Ӯ дар тӯли фаъолияти эҷодии хеш бештар аз ду ҳазор ғазал таълиф карда, дар баробари дигар анвои сухан ба василаи ин навъи адабӣ шуҳрати ҷаҳонӣ ёфтааст. Ғазалиёти Хусрав асосан, дар панҷ девони ӯ фароҳам омадаанд, вале қисми дигаре аз ғазалҳои вай, ҳарчанд дар нусхаи куллиёт ва девонҳои ҷудогонаи шоир дохил шуда бошанд ҳам, дар девонҳое, ки худи Хусрав тартиб додааст, дохил нашудаанд. Тибқи баррасии абёти силсилаи девонҳо миқдори ғазалҳо дар панҷ девони шоир 1486 адад аст. Аз ин миқдор 132 ғазал ба девони «Туҳфат-ус-сиғар», 314 ғазал ба девони «Васат-ул-ҳаёт», 203 ғазал ба девони «Ғуррат-ул-камол», 527 ғазал ба девони «Бақияи нақия» ва 267 ғазал ба девони «Ниҳоят-ул-камол» тааллуқ дорад.

Бояд изҳор дошт, ки дар арзёбии теъдоди ғазалиёти дигар шоирон ба таври дақиқ, саҳв кардан аз эҳтимол дур нест, аммо дар баррасии ашъори Амир Хусрав ин масъала бояд истисно бошад, чунки худи шоир тамоми ҷузъиёти ашъорашро дар абёти мусалсали баъзе девонҳояш ба таври возеҳ изҳор дошта ва таъкид ҳам кардааст. Аз 1486 ғазале, ки Амир Хусрав дар абёти мусалсали девонҳояш ёдовар шудааст, ҳадди ниҳоии ғазалиёти вай нест, зеро девонҳои ӯ, ки дар асрҳои баъдӣ ба шакли куллиёт дароварда шудаанд, собит менамояд, ки миқдори ғазалиёти шоир аз 2000 бештар аст. Аз ин ҷост, ки баъзе муҳаққиқон, аз ҷумла адабиётшиноси ӯзбек Б.Мусоев, гумон бурдааст, ки гӯё Амир Хусрав шаш девон доштааст [2, 22]. Вале ин ақидаи Б. Мусоевро донишманди тоҷик М. Бақоев бо далелҳои саҳеҳ рад мекунад [2, 165].

Аксар муҳаққиқоне, ки ба таҳқиқу баррасии осори Амир Хусрав машғул шудаанд, аз 2000 зиёд ғазал доштани ӯро таъкид кардаанд, бахусус М. Бақоев дар ин маврид чунин мегӯяд:

«Адади ғазалиёти шоир дар ҳақиқат, аз 2000 зиёдтар мебошад ва шояд, дар аввал ин ғазалҳо дар панҷ девони Амир Хусрав дохил гардида буданд ва бо мурури замон бо саҳви котибон қисме аз ин ғазалҳо дар девони шоир дохил нашуда бошанд» [2, 165].

Адабиётшиноси тоҷик А. Афсаҳзод дар ин масъала ба чунин хулоса омадааст: «Дар асрҳои минбаъда девонҳои Хусрав ба ҳам муттаҳид карда шуда, миқдори ашъори ин гуна нусхаҳо ҳар хел буда, ҷомеъторини он, ки таҳти рақами 2114 дар Тошканд, дар шуъбаи дастнависҳои шарқии АФ Ӯзбекистон маҳфуз аст, бар замми қасидаву қитъа ва рубоӣ 2169 ғазалро фаро мегирад» [1, 95].

Сабаби дохил нагардидани ҳамаи ғазалҳо дар девонҳои Амир Хусрав ба таври аниқ ба мо маълум нест, вале гумон меравад, ки ӯ нисбат ба эҷодиёти худ сахтгир будааст ва баъзе ғазалҳоеро, ки дар як марҳилаи муайян эҷод шудаанду баъдан, аз лиҳози мазмуну муҳтаво бар завқи вай писанд наафтодаанд, лоиқу сазовори девонҳои худ надонистааст. Аммо дар девонҳои Амир Хусрав, ки аз тарафи дигарон баъдтар мураттаб шудааст, шояд тасарруфоти котибон дар ихтисору афзудани ғазалҳо ҷой дошта бошад.

Ба ҳар сурат, он чи ки аз куллиёти ғазалҳои дар даврaҳои баъд мураттабшудаи Амир Хусрав бармеояд, миқдори ғазалҳои шоир беш аз ду ҳазор аст. Миқдори аз ҳама зиёди ғазал дар нусхаи рақами 2114-и маҳфуз дар китобхонаи Институти шарқшиносии АФ Ӯзбекистон ба номи Берунӣ аст, ки тибқи ахбори А. Афсаҳзод дар охири асри XV ва ё аввали асри XVI китобат шудааст [1, 95]. Мутаассифона, ин нусха ба мо дастрас нест.

«Девони комил»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, ки соли 1343 ҳичрӣ (1965) бо пешгуфтори Саид Нафисӣ дар Теҳрон тавассути Муҳаммад Дарвеш чоп шудааст, 1726 ғазалро дар бар мегирад, ки мо дар баъзе маворид аз он низ истифода кардем. Дар Тоҷикистон «Осори мунтахаб»-и шоир дар чаҳор ҷилд (солҳои 1971-1975) интишор ёфт. Дар ҷилди чоруми ин силсила, ки ғазалиёт, қасоид, муқаттаот ва рубоиётро дар бар мегирад, теъдоди ками ғазалиёти шоир интихоб шудаанд.

«Осори мунтахаб»-и Амир Хусрав низ мавриди истифодаи мо қарор гирифт. Мутаассифона, дарёфти нашри интиқодии девонҳо ва куллиёти Хусрав ба мо муяссар нагардид (шояд, ин амал то кунун ба вуқӯъ наёмада бошад), то мо аз он чун сарчашмаи муътамад баҳрабардорӣ кунем. Тозатарин нашри девони Амир Хусрав, ки хушбахтона, дастраси мо гардид, соли 1380 ҳ.ш. (2002) бо муқаддимаи Муҳаммад Рӯшан ва тасҳеҳи Иқболи Салоҳуддин дар Теҳрон ба табъ расидааст, ки дорои 1996 ғазал мебошад. Дар пешдаромади ин китоб Муҳаммад Рӯшан изҳор медорад, ки: «Ба ростӣ, ин чоп, ки дар чаҳор дафтар ба зеboии тамом, бо зикри нусхаи бадалҳо, ба ваҷҳе дилпазир фароҳам омадааст, мубтанӣ бар ҳафт нусхаи хаттӣ аст, афзун бар санҷиш бо нусхаи чопии «Девони комил»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ (1343) ва «Куллиёти аносири давонини Хусрав», чопи Конпур, 1916 ва низ «Девони Амир Хусрави Деҳлавӣ», чопи Лакҳнав, 1967» [4, 5].

Тазаккур бояд дод, ки Муҳаммад Рӯшан ҳангоми омӯзиш ва баррасии ғазалиёти Амир Хусрав китобҳои зиёдеро, ки дар Эрон, Афғонистон, Ҳинд ва собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ интишор ёфтаанд, дар ихтиёр доштаву аз онҳо суд бардоштааст. Мо китоби мазкурро ба ҳайси як сарчашмаи муътамад асоси кори худ қарор медиҳем. Намунаҳое, ки дар рафти таҳқиқ пешниҳод мегарданд, аслан аз ҳамин китоб буда, дар мавридҳои зарурӣ аз нашрҳои дигар низ истифода хоҳад шуд. Ҳамчунин, сарчашма қарор гирифтани китоби мазкур омилҳои зиёди муҳим дорад. Аввалан, миқдори ғазал дар он аз дигар нусхаҳои ба мо дастрас зиёд аст, сониян, ин китоб аз рӯйи нусхаҳои муътабар, аз қабили нусхаи хаттии «Девони Хусрав» маҳфуз дар Донишгоҳи Панҷоб, Лоҳур таҳти рақами PiVI 40, нусхаи хаттии «Девони Амир Хусрав» маҳфуз дар Донишгоҳи Панҷоб, Лоҳур, таҳти рақами APIVI 31, нусхаи хаттии «Бақияи нақия» маҳфуз дар Донишгоҳи Панҷоб, Лоҳур таҳти рақами PiVI 40A, «Девони комил»-и Амир Хусрави Деҳлавӣ, чопи Теҳрон, 1343, нусхаи хаттии «Девони Амир Хусрав» таҳти рақами 199 (P) 506 маҳфуз дар осорхонаи Кембриҷ тасҳеҳ ва таҳия гардидааст. Солисан, ғазалҳои навдастрасшудаи шоир дар ин нусха фароҳам омадаанд, билохира, китобро донишмандон таҳия кардаанд, ки бешак дар он ҷанбаи илмӣ истеҳком дорад.

Чунонки қаблан ҳам ишора кардем, ғазал яке аз навъҳои дӯстдошта ва писандидаи Амир Хусрав будааст, ки ӯ дар тамоми фаъолияти эҷодиаш аз сурудани он даст накашидааст. Шояд, ҳамин дилбастагӣ боис гардида, ки ӯ дар замони худ, дар муқоиса бо дигар муосиронаш аз ҳама бештар ғазал сурудааст. Ғазалиёти Хусрав аз ҷониби шоирони баъдӣ мавриди баҳрабардорӣ ва аз ҷониби тазкиранигорону муҳаққиқон мавриди арҷгузорӣ қарор гирифтааст. Вусъати тафаккур, парвози хаёл ва сеҳри каломи ин шоир чунон муассир будааст, ки адибоне ҳамчун Ҳасани Деҳлавӣ, Ҳофиз, Камол, Унсӣ, Котибӣ, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Восифӣ, Ҳилолӣ ва дигарон дар ғазалгӯйӣ аз Амир Хусрав таъсир пазируфтаанд.

Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ, ки худ як тан аз шоирони тавоно ва қодирсухан аст, доир ба ғазалҳои Хусрав дар мавридҳои гуногун изҳори андеша намудааст. Аз ҷумла, дар «Баҳористон» чунин менигорад:

«Хусрави Деҳлавӣ, раҳматуллоҳу таоло дар шеър мутафаннин аст, қасидаву ғазал ва маснавиро варзида, ҳамаро ба камол расонида. Татаббуи Хоқонӣ мекунад. Ҳарчанд, дар қасида ба вай нарасида, аммо ғазалро аз вай гузаронида. Ғазалҳои вай ба воситаи маонии ошно, ки арбоби ишқу муҳаббат ба ҳасби завқу виҷдони худ онро дармеёбанд, мақбули ҳама кас афтодааст» [5, 221].

Дар ҳақиқат, омӯзишу пажӯҳиш дар девони Амир Хусрав сидқи андешаҳои Ҷомиро комилан собит менамояд. Ғолибан, ғазал дар эҷодиёти ӯ оинаи тамомнамои ишқу ирфон аст, яъне дар онҳо ишқу ирфон ба ҳам аз омезиши назаррасе бархурдоранд. Хусрави Деҳлавӣ дар ин қабил ғазалҳои худ суханро аз баёни шӯру исёни ишқ, ситоиши ҳусну ҷамоли маҳбуб ва монанди инҳо оғоз карда, ҳассостарин авотифи дили ошиқ- аз зумраи шавқи дидор, шарбати висол, заҳри ҳиҷрон, бемеҳрии

маъшуқ, ҷабру ҷафову сангдилии ёр ва амсоли инҳоро қаламдод мекунад ва саранҷом, ақлро пеши ишқ забуну заиф ва ғарқ дар нуқсон маҳсуб медонад.

Илова бар ғазалҳои ошиқона ва баёни сӯзу гудози ишқ дар эҷодиёти Хусрав ғазалҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дар онҳо мавзӯоти ахлоқӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ риндӣ, ситоиши шахсони алоҳида, шароб, хушгузаронии вақт, васфи баҳору табиат, ҳасби ҳол ва дигар афкори озодандешонаи шоир таҷассум ёфтаанд ва Амир Хусрав ғазалро аз ҳама ҷиҳат ба пояи баланд, ба қуллаи такомул бардошта, тамоми унсурҳои он, аз ҷумла ҳусни матлаъ, авзони кӯтоҳу матбӯи нишотангез, ҳусни тахаллусу мақтаъ, такрор наёфтани қофия, байтулғазал, ироаи таркибҳои тоза, таъбирҳои бадеъ, вожаҳои латифу пурсӯз ва саршор аз эҳсосоту авотифи ботинӣ, корбурди калимоти содаву пурнафосат, истифодаи огоҳона ва ҳунармандонаи ороятҳои лафзию маънавӣ, сувари хаёл, тафаккуру тахайюл, образҳои шоирона ва амсоли инҳоро комилан риоя кардааст, ки баъдан пасояндагон аз баъзе калимаву таъбир ва таркиботи офаридаи Хусрав ҳамчун масолеҳи тайёр дар ашъори худ истифода кардаанд.

Теъдоди абёт дар ғазалиёти Амир Хусрав аз 4 то 23-ро дар бар гирифта, ҷадвали миқдори абёти 1996 ғазали ӯро дақиқан бад-ин низом метавон матраҳ кард:

Миқдори байт	4	5	6	7	8	9	10	11	12	13	14	15	16	23	Ҳамагӣ
Теъдоди ғазалҳо	7	152	174	607	270	564	114	78	13	10	2	3	1	1	996
Ҷамъи абёт	28	760	1044	4249	2160	5076	1140	858	156	130	28	45	16	23	5713
Фоиз	0,35	7,61	8,71	30,4	13,52	28,25	5,71	3,9	0,66	0,5	0,1	0,15	0,05	0,05	

Аз ин ҷадвал муайян мегардад, ки дар девони Амир Хусрав ғазалҳое, ки аз 5 то 12 байтро дар бар мегиранд, корбурди зиёд дошта, 98,75%-и ҳаҷми умумии ғазалиёти девонро ташкил мекунанд. Ин гувоҳи он аст, ки шоир меъёрҳои муқаррарнамудаи назарияшиносони адабиро комилан риоя карда, бештар аз 99%-и ғазалҳои худро дар ҳаҷми 5-15 байт эҷод кардааст.

Ғазалҳои камтар аз 5 байт, ки аксар муҳаққиқони назарияи адабӣ ин қабил ғазалҳоро нотамом мешуморанд, дар девони Хусрав ангуштшуморанд, яъне мо ҳамагӣ ба 7 адад ғазали ин шоир вохӯрдем, ки аз 4 байт иборат мебошад.

Алифбои қофия ва радиф дар 1996 ғазали девони Хусрав чунин аст: «алиф»-108; «бо»-15; «то»-283; «ҷим»-3; «ҳо»-1; «дол»-658; «ро»-46; «зо»-22; «син»-6; «шин»-66; «итқӣ»-1; «ъайн»-2; «ғайн»-2; «фо»-2; «қоф»-2; «коф»-3; «гоф»-1; «лом»-13; «мим»-271; «нун»-143; «вов»-56; «ҳо-и ҳавваз»-74; «йо»-218.

Аз ин омор бармеояд, ки алифбои қофия ва радиф дар ғазалиёти Амир Хусрав бо истифода аз 23 ҳуруф сурат гирифтааст. Газалҳое, ки қофия ва радифаш бо ҳарфҳои «се»-и мусаллас «хо», «зол», «сод», «зод» ва «иғзӣ» анҷом ёфта бошад, ба назар нарасид.

Амир Хусрав бо тақозои мавзӯъ ва мазмун, ҳамчунин бо риояи таносуби вазну муҳтаво 1996 ғазали худро дар рукнҳои солими баҳрҳои аслӣ, фурӯоти 12 баҳри хосси арӯзи форсӣ - тоҷикӣ ва арабӣ эҷод карда, дар баррасии онҳо аз 62 навъи вазн истифода кардааст.

Дигар аз унсурҳои ғазал корбурди тахаллус дар фарҷоми ин навъи адабист. Ҳарчанд истифодаи тахаллус, яъне исми шоиронаи адиб дар ғазал ҳукми қатъӣ надорад, қариб ҳамаи ғазалҳои Хусрав дорои тахаллусанд, миқдори ками ғазалҳои ин шоир бидуни зикри тахаллус эҷод шудаанд. Мушоҳидаҳо нишон дод, ки дар бархе ғазалҳои ӯ тахаллус «Султонӣ» буда, дар аксараш «Хусрав» аст.

Аз таърихи адабиёт медонем, ки Амир Хусрав танҳо дар девони аввали худ- «Туҳфат-ус-сиғар» «Султонӣ»-ро тахаллуси шоирии худ интихоб карда буд. Бинобар ин, ғазалҳоеро, ки бо зикри тахаллуси «Султонӣ» омадаанд, ба девони нахустини ӯ мансуб донистан мантиқан дуруст ба назар менамояд. Корбурди номи адабии шоир, ё худ тахаллус маъмулан, дар байти мақтаъ сурат гирифтааст, аммо дар бархе ғазалҳои Хусрав зикри тахаллус қабл аз байти мақтаъ аст.

Хусусияти дигари ғазалҳои Амир Хусрав он аст, ки дар онҳо истифодаи радиф хеле зиёд ба назар мерасад. Чунонки дар қисмати қасоиди ин шоир ёд шуд, радиф дар сухани манзуми арабӣ аз лузуми шеър ба ҳисоб наравад ҳам, дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ нақши муассир дорад. Таҳқиқу пажӯҳиш дар ғазалиёти Хусрав собит сохт, ки аксари ғазалҳои шоир мураддафанд. Маҷмӯан, аз 1996 ғазали мавриди таҳқиқи мо қарордоштаи девонҳои Амир Хусрав 1525 ғазал бо истифодаи радиф ва 471 ғазал бидуни радиф мебошад. Зиёда аз ин, Хусрав дар баҳрҳои арӯзие, ки хосси адабиёти араб аст, барои намоиши ҳунару истеъдоди худ ғазал эҷод карда бошад ҳам, дар бархе аз онҳо радифро, ки махсуси адабиёти форсӣ-тоҷикист, моҳирона мавриди корбурд қарор додааст. Аз ҷумла, дар ин ғазал, ки вазнаш махсуси адабиёти араб, яъне баҳри комили мусаммани солим аст:

Шабе он писар дили ман ситад, агар ин тараф гузаре кунад,
Ҷу нигаҳ кунад ғаму дарди ман, ба дил охираш асаре кунад [4, 457].

Чи хеле ки мушоҳида мегардад, маъшуқи ғазале, ки матлааш зикр гардид, на зан, балки мисли маъшуқи баъзе қасоиди мадҳӣ навҷавон, ё худ писаре аст бебоку хунхор ва бевафову золим, ки ба ошиқ ҷафо мекунад, масалан:

Дилу ҷон фидои нигоҳи ӯ, чу барои куштани чун мане
Нигарад ба сӯйи ману сухан ба карашма бо дигаре кунад.
Сухани вай асту сиришки ман, чу кунам наз(з)ора ба рӯйи ӯ,
Ки ба коми ӯ шакаре ниҳад, ба даҳони ман ҷигаре кунад… [4, 457].

Чизи дигаре, ки роҷеъ ба ғазалиёти Амир Хусрав бояд афзуда шавад, ин аст, ки ӯ худро дар маснавӣ дунболарави Низомӣ ва дар ғазал пайрави Саъдӣ медонад. Пайравӣ кардани худро ба Низомӣ ва Саъдӣ дар дебочаи девони «Ғуррат-ул-камол» ва дигар осораш ба таври махсус таъкид кардааст. Таъсирпазириву пайравии Амир Хусрав аз Саъдӣ дар шаклу мазмун ва дигар вижагиҳои ғазал таҳқиқоти махсусу ҷудогонаеро тақозо мекунад. Аз ин рӯ, мо ба баррасии ҷузъиёти ин масъала ва масоили дигаре, ки аз ҷониби бархе муҳаққиқон, бахусус Шиблии Нуъмонӣ, М. Бақоев, А. Афсаҳзод ва дигарон баррасӣ шудаанд, ба таври муфассал пардохтанро салоҳ намедонем.

Дар ғазалиёти Амир Хусрав мустақилияти шакливу маъноӣ доштани байт боис гардидааст, ки аксар ғазалҳои ӯ фарогири мавзӯъҳои зиёду гуногун шудаанд. Яъне, дар як ғазал ба ду-се ва зиёда аз ин мавзӯъҳо дучор шудан мумкин аст, махсусан ғазалҳое, ки мавзӯи меҳвариашон асосан ишқу ахлоқ, васфи баҳору май ва хуш гузаронидани умр бошад, чунончи:

Соқиё, пеш ор ҷоми босафои хешро,
Рӯйи мо бину ба мо деҳ рӯнамои хешро…
Кабкрафторо, яке бихрому по бар лола сой,
Бе ҳино кун лаъли пойи лоласои хешро…
Ҳар тараф баҳри муборакбоди наврӯзи баҳор
Мефиристад гул ба каф карда сабои хешро.
Кабки куҳсорӣ, бирав, эй лола, бар ҳар теги кӯҳ
Гом чандон зад, ки пурхун кард пойи хешро.
Як дам имрӯз аз чаман моро ба маҷлис роҳ деҳ,
То ситонем аз ту ҷоми босафои хешро [4, 76].

Сарфи назар аз он ки ҳар як байти ин ғазал дорои маънии мустақил аст, аммо радиф сабаб шуда, ки пайванди маъноии байтҳо, ваҳдати мавзӯъ ва таносуби мантиқии байни онҳоро таъмин намояд. Зиёда аз ин, ғазали мазкур бидуни зикри тахаллус буда, қисмате аз мазмуни мисраи аввали байти матлаъ дар мисраи дуюми байти мақтаъ шаклан монанд такрор шудааст, ки ин навъ такрорро дар ғазал сохтори даврӣ ё мутановиб меноманд. Ин гуна ғазалҳои воқеъбанду мухталифмавзӯъ бе зикри тахаллусу такроран омадани мисраи нахусти матлаъ дар мисраи дуюми мақтаъ дар девони Хусрав зиёд набошад ҳам, намунаи пешниҳодшуда танҳову ягона нест, вале мо ба ҷиҳати итноб ва аз мақсад дур намондан аз баррасии мисолҳои дигари он худдорӣ мекунем.

Амир Хусрав ғазалҳои зиёде дорад, ки сохтори онҳо як пора, ё худ як масир доранд. Барои мисол намунае аз ин қабил ғазалҳо пешниҳод мегардад:

Гар боғ пуршукуфаву гулзор хуррам аст,
Моро чӣ суд, чун дили мо бастаи ғам аст.
Чун боди субҳ кард ғамобод коинот,

Бисёр ҷустаем, диле шодмон кам аст.
Ҷуз сели ғам наборад аз ин сақфи нилгун,
Мискин касе, ки сокини ин сабзторам аст.
Ҷуз хуни дил мудом набошад шароби ӯ,
Ҳар ҷо яке фақир дар атрофи олам аст.
Аҳли тамиз хору ҳақиранд назди халқ
Ҷоҳил ба назди хеш бағоят мусаллам аст.
Чашми тараб чӣ гуна тавон доштан зи чарх,
К-ин хирагард низ зи асҳоби мотам аст.
З-абнои рӯзгор вафое надид кас,
Раҳмат бар он касе, ки ба эшон на ҳамдам аст.
Ҳаққо, ки як пиёлаи дурдеву пойи хум
Хуштар басе зи ҷому саропардаи Ҷам аст.
Хусрав, бирав ба кунҷи қаноат қарор гир,
Май нӯшу сар матоб зи ёре, ки маҳрам аст [4, 170].

Чунонки ба мушоҳида мерасад, ғазали мазкур аз назари мазмун шиквоия буда, аз оғоз то анҷом як масир дорад ва шоир дар муҳтавои он эътирози хешро нисбат ба даври чарх, рӯзгор, бевафоии абнои он, зиндагии бади аҳли фазлу тамиз ва амсоли инҳо матраҳ кардааст.

Корбурди қофия, ки дар шеъри классикии адабиёти араб ва форсӣ-тоҷикӣ амри ҳатмӣ ва аз лузуми он ба шумор меравад, бадеҳист, ки дар ғазалиёти Хусрав бо тамоми қонунмандиаш риоя шудааст. Он чи ки ба ин масъала иртибот дорад ва дар бархе аз ғазалҳои Амир Хусрав ба назар мерасад, истифодаи зуқофиятайн аст.

Омӯзишу таҳқиқ дар девони ғазалиёти Хусрав дақиқан нишон дод, ки корбурди зуқофиятайн, ки онро ташреъ низ мегӯянд, маъмулан дар ашъорест, ки вазни он ё баҳри рачази мусаммани солим аст ва ё дар авзони даврии ҳамин баҳру дигар баҳрҳои арӯзӣ, ки мутановибулавзон мебошанд, истифода шудаанд. Амир Хусрав ғазалҳои зиёде дорад, ки дар вазни рачази мусаммани солим ва авзони даврии ҳамин баҳру дигар баҳрҳо эҷод шудаанд. Аз ин рӯ, мантиқан хулоса баровардан мумкин аст, ки истифодаи зуқофиятайн дар ғазалҳои ин шоир зиёд аст, ҳарчанд корбурди зуқофиятайн дар ашъори дорои авзони фавқуззикр амри ҳатмӣ нест.

Истифодаи зуқофиятайн дар ашъори дорои дигар авзон дида шавад ҳам, миқдоран хеле кам аст, вале дар авзони мутановиб, ба ҷиҳати он ки чаҳор пораи он дар як байт вазну оҳанги такрору хушоянд доранд, имконоти истифода аз он барои шоир саҳлу осонтар аст. Барои исботи ин муддао ба матлаи ғазали Амир Хусрав, ки дар вазни рачази мусаммани матвии махбун эҷод шудааст ва авзонаш даврист, мутаваҷҷеҳ мешавем:

*Пардаи ошиқон **дарад,** парда кунад чу **рӯйро,***
*Ҳар тарафе диле **фитад,** шона кунад чу **мӯйро** [4, 63].*

Дар мисраи якуми ин байт калимаҳои «дарад» ва «рӯйро» дар мисраи дуюм калимаҳои «фитад» ва «мӯйро» бо ҳам қофия шудаанд, ки тарҳи он дорои чунин шакл аст:

------- а ------ б
------- а ------ б

Аз сабаби он ки дар миёни ду қофия фосилае мавҷуд аст, ҳамин калимоти фосиларо, ки дар байти боло «парда кунад чу» ва «шона кунад чу» мебошанд, ҳиҷоб меноманд.

Гузашта аз ин, дар девони Амир Хусрав ғазалҳои зиёде мавҷуданд, ки бо истифода аз зуқофиятайн ё ташреъ эҷод шудаанд. Аксари ин ғазалҳо дар рукни солими баҳри рачаз, мушаххасан рачази мусаммани солим, фурӯоти ҳамин баҳр ва дигар баҳрҳое, ки авзонашон даврист, таълиф ёфтаанд. Тарзи истифодаи қофия дар аксари ин қабил ғазалҳо аз қофияи маъмулии шеър тафовут дорад, яъне агар дар байти матлаъ, ки мурассаъ мебошад, низоми корбурди қофияи анъанавии ғазал риоя шуда бошад ҳам, шурӯъ аз байти дуюм то ба охир се пораи байт дорои қофияи воҳид ва пораи чорум бо мисраҳои мурассаи матлаъ ҳамқофия мебошад. Дар ин гуна ғазалҳо тарҳи қофия низоми зайлро доранд:

----------а
----------а
---------б-------б

---------б-------а
---------в-------в
---------в-------а…

Яке аз ғазалҳои машҳури Амир Хусрав, ки вазнаш рақази мусаммани солим аст, ба ҳайси намуна пешниҳод мегардад:

*Эй чеҳраи зебои ту рашки бутони **озарӣ**,*
*Ҳарчанд васфат мекунам, дар ҳусн аз он **болотарӣ.***
*Ҳаргиз наёяд дар **назар** нақше зи рӯят **хубтар**,*
*Шамсӣ, надонам ё **қамар,** ҳурӣ, надонам ё **парӣ.***
*Офоқро **гардидаам**, меҳри бутон **варзидаам**,*
*Бисёр хубон **дидаам,** аммо ту чизи **дигарӣ.***
*Эй роҳату ороми **ҷон**, бо қадди чун сарви **равон,***
*З-ин сон марав **доманкашон,** к-ороми ҷонам **мебарӣ**.*
*Азми **тамошо** кардаӣ, оҳанги **саҳро** кардаӣ,*
*Ҷону дили **мо** бурдаӣ, ин аст расми **дилбарӣ**?!*
*Олам ҳама **ягмои ту**, халқе ҳама **шайдои ту**,*
*Он наргиси **шаҳлои ту** оварда расми **кофарӣ.***
*Хусрав гариб асту **гадо**, афтода дар шаҳри **шумо**,*
*Бошад, ки аз баҳри **Худо** сӯйи ғарибон **бингарӣ**[4, 823-824].*

Дигар аз хасоиси ғазалиёти Амир Хусрав корбурди зиёди радиф дар ин навъи адабӣ мебошад. Чунонки ёд шуд, аз 1996 ғазали девон 1525 ғазали он мураддаф аст. Дар девони шоир ба ғазалҳое дучор шудем, ки радифашон сода, яъне аз як калима иборатанд. Радифҳои мураккаби аз ду то панҷкалимагӣ ва ҳатто, ҷумлаҳои мустақиле, ки ҳамчун радиф истифода шудаанд, дар ғазалҳои Амир Хусрав хеле зиёданд. Пажӯҳиш нишон дод, ки як ғазали Хусрав дорои радифе мебошад, ки аз шаш калимаи шумора сохта шудааст. Корбурди чунин радифҳо дар ғазал саҳлу сода набуда, барои ёфтану барқарор кардани таносуб миёни радифу маънои шеър аз шоир маҳорату истеъдоди қобили мулоҳизаеро тақозо мекунад.

То ҷое ки мо иттилоъ дорем, дар таърихи адабиёти форсӣ-тоҷикӣ аз як то шаш ба тартиби муайян барчида шудани шумораи миқдорӣ ва онро радиф қарор додан, мушаххасан то Амир Хусрав назир надорад, номбар шудани анвои ранг дар радиф истисност. Бинобар ин, ин вазъро низ ба ибдооту кашфиёти ӯ дар шеъри форсӣ-тоҷикӣ илова кардан муносиб ба назар мерасад. Ғазал ин аст:

Эй зада новакам ба ҷон як, ду, се, чору панҷу шаш,
Кушта чу банда ҳар замон як, ду, се, чору панҷу шаш.
Гуфта ба ваъда гаҳ-гаҳе як шаб аз они ту шавам,
Рӯз гузашта дар миён як, ду, се, чору панҷу шаш.
Гуфт сабо зи ғайратам, к-ояд агар зи кӯйи ту,
Ҳамраҳи бӯйи туст ҷон, як, ду, се, чору панҷу шаш.
Пеши дари ту ҳар нафас аз ҳаваси даҳони ту
Бӯса занам бар остон, як, ду, се, чору панҷу шаш.
Манъи ду чашм кун, ки шуд аз дили хаста ҳар даме
Рояти он ду нотавон як, ду, се, чору панҷу шаш.
Гоҳи наз(з)ора, чунки ту ҷилва кунӣ ҷамолро,
Кушта шаванд ошиқон як, ду, се, чору панҷу шаш.
Оҳу фигон зи мардумон баски ҳамекунад даме,
Хусрави хастадил фигон як, ду, се, чору панҷу шаш [4, 520].

Мусаллам аст, ки ҳадафи Амир Хусрав аз истифодаи радиф ду сабаб дорад: аввал, он ки ӯ ҳамчун як донишманд хуб медонад, ки радиф ба шеър на танҳо ороиши шакливу хушоҳангӣ, балки ифоданокии вижа бахшида, дарунмоя ва ҷавҳари маъноиву ғоявии онро муассиру ҷаззоб, мазомини дар ғазал матраҳшударо таъйиду тасдиқ мекунад, сониян, таваҷҷуҳу иноятӣ ӯ ба корбурди радиф зиёд аст, зеро ӯ яке аз бартариҳои шеъри форсӣ-тоҷикиро аз шеъри араб дар доштани радиф қаламдод кардааст.

Ҳамин тариқ, Амир Хусрав ҳарчанд дар ғазал равияи Саъдии Шерозиро идома дода бошад ҳам, бо ҳунар ва ибдооти худ дар рушду густариши минбаъдаи ин навъи адабӣ дар адабиёти форсӣ-тоҷикӣ нақши муассире гузошта, ба воситаи ғазалиёти худ хазинаи маънавии адабиёти ҷаҳонро ғанӣ гардонидааст. Мазмуну муҳтаво, бадеиёт,

ибдоот ва дигар мухтассоти ғазалиёти Хусрав ба таври муфассал то кунун таҳқиқу баррасӣ нагардида, нигарони пажӯҳишу баррасии боиставу шоиста мебошад.

АДАБИЁТ

1. Афсаҳзод А. Робитаҳои эҷодии Ҷомӣ бо Хусрав дар ғазалсароӣ / А. Афсаҳзод Ҷомӣ ва робитаҳои адабӣ. Китоби аввал.- Душанбе: Дониш, 1989.- С. 94-113.
2. Бақоев М. Ҳаёт ва эҷодиёти Хусрави Деҳлавӣ/ М. Бақоев.- Душанбе: Дониш, 1975.- 282 с.
3. Мусаев. Б.Текстологическое исследование газелей «Тухфат-ас-сигар» Амир Хосрава Дехлави. Автореф.канд.диссер/ Б. Мусаев.- Ташкент, 1969.-23с.
4. Амир Хусрави Деҳлавӣ. Девони мутобиқи нусхаи Яминуддин Абулҳасан Хусрав. Ба тасҳеҳи Иқболи Салоҳиддин, бо муқаддимаи Муҳаммади Рӯшан/ Амир Хусрав.- Теҳрон: Нигоҳ, 1380.- 929с.
5. Абдурраҳмони Ҷомӣ. Осор Ҷилди 7. Ҳозиркунандаи чоп А. Афсаҳзод/ Абдурраҳмони Ҷомӣ.- Душанбе: Адиб, 1989.- 542с.

ТРАДИЦИИ И НОВАТОРСТВО В ТЕМЕ И СОДЕРЖАНИИ ГАЗЕЛЕЙ АМИРА ХУСРАВА

Автор в данной статье основное внимание, акцентируя на тему, содержание, поэтику и другие особенности газелей Амира Хусрава, более конкретно анализирует традиции, новаторство данного жанра. Проблема, которая анализируется в данной статье, ее изучение и исследование имеет теоретическое и практическое значение. Результаты исследования, полученные автором статьи, можно использовать в процессе обучения теории литературы, литературной критики и других предметов литературы.

Ключевые слова: газель, сцепленный бейт, особое изящество вступительного бейта, заключительный бейт стихотворения, размер стиха, рифм, редиф, парные рифмы.

TRADITIONS AND NOVATIONS IN THE THEME AND CONTENT OF AMIR KHUSRAV'S GAZELS

The author in this article pays a great attention to the theme, content, poetry and other peculiarities Amir Khusrav's gazels. He analyses the traditions and novation of this genre. The problem which analyses this article, its learning and researching has theoretical and practical meaning. The results of research which obtained author of the article one can use in the process of training of theory of literature, literary critics and other subjects of literature.

Key words gazel, chain bait, special feature of introductory bait, complete bait of the poem, the size of the poem, rhythm, radiph, pair rythms.

Сведения об авторе*: Р.Х. Тағаймуродов* - кандидат филологических наук, доцент кафедры таджикской литературы КТГУ имени Носира Хусрава. Телефон: **(+992) 917-57-55-22.**

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ШАКЛҲОИ ТОЗАИ ҲАҶВНИГОРӢ ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК
(дар мисоли «Нигоҳ» ва “Фараж”)

М. Муродов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ҳаҷв ҳамчун навъи маъмули фолклору адабиёт ва публитсистика ҳамеша ҳамқадами замон будааст. Ҷараёни эҷодӣ ба сухан иртиботдоштаро бидуни ҳаҷв наметавон тасаввур кард. Тавассути имконоти ин навъи эҷод нигорандагон аз як тараф, розу ниёз, дарду армон ва камбудиву норасоиҳои иҷтимоиро ошкору ифшо намуда зери танқиду маззаммат қарор диҳанд, аз ҷониби дигар, мардумро ба покдиливу ҳалолкорӣ, ростқавливу растагорӣ ва ҳақиқатҷӯйиву адолатхоҳӣ даъват намудаанд. Дар алоқамандӣ ба ташаккул ва инкишофи матбуоти даврӣ ҳаҷви публитсистӣ низ рушду нумуъ ёфта, шаклу шеваҳои гуногунро касб намудааст. Агар дар ибтидо авомили ташаккулдиҳандаи ҳаҷви публитсистӣ асосан, осори фолклориву адабӣ буд, баъдтар бо инкишофи матбуот он дорои шаклу шеваҳои хоси худ гардида, қолабҳои устувори жанриро соҳиб шуд.

Аммо дар замони истиқлолияти давлатии кишвар ҳаҷви публитсистӣ чун жанрҳои дигари матбуот ба «буҳрон» гирифтор гардид, мавқеъ ва таъсираш дар ҳаёти иҷтимоӣ нисбатан суст шуд, дар қолабҳои маъмули он дигаргуниҳо ба вуҷуд омад. Албатта, ин равандро метавон ҳамчун омили табиӣ қабул намуд. Зеро, мисли он ки олами табиӣ ҳамеша дар инкишоф ва таҳаввул қарор дорад, соҳоти мухталифи ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла эҷоди публитсистӣ низ аз ин қонуният истисно буда наметавонанд.

Ба ин маънӣ, хусусияти фарқкунандаиматбуоти даврии замони истиқлолро, пеш аз ҳама рангорангии шакливу мундариҷавии он намо медиҳад. Аз тарафи дигар,низоми матбуоти имрӯзаи тоҷикро нашрияҳои ҳукуматӣ, расмии давлатӣ, ҳизбӣ, шахсию иҷтимоӣ, тиҷоратӣ, соҳавӣ ва ғайра ташкил медиҳанд. Чунин шакл гирифтани низоми матбуотимкон медиҳад, ки аз як тараф, фазои иттилоотиву маърифатии ҷомеа рангорангу доманадор гардад, аз тарафи дигар, шаклу шеваҳои тозаи ироаи матлаби публитсистӣ зуҳур меёбанд ва шакл мегиранд.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки дар матбуоти имрӯз шаклҳои маъмули публитсистикаи ҳаҷвӣ чун фелетону памфлет, луқмаву пародия ва эпиграммаву шарж нисбатан камтар истифода мешавад. Албатта, баъзан, дар нашрияҳои даврӣ ба рубрикаҳои фелетон ва ё памфлет дучор мешавем. Аммо чунин матолибро мутолиа намуда, хонандаи закӣба осонӣ дарк мекунад, ки дар онҳочизе намерасад. Дар баробари он ки муаллифон ба масъалаи баррасишаванда нисбатан сатҳӣ муносибат менамоянд, эҳсос мешавад, ки эшончандон маҳорати корбурди аносири ҳунариро надоранд, завқи гӯишиҳаҷвиашон камтар аст. Ин аст, ки дар ағлаби чунин мавод ҷанбаи ҳаҷвӣ ноқис аст.

Бо вуҷуди ин, ҳаҷв ва танз майдони матбуотро тарк накардааст, балки он дар шаклҳои тоза зуҳур ёфта, боиси ташаккули қолабҳои нав гардидааст. Чунин шаклҳои тозаро бештар дар матбуоти ғайриҳукуматӣ, алалхусус нашрияҳои «Нигоҳ» ва «Фараж» метавон мушоҳида кард. Ин гуна ашколи ҳаҷв як андоза холигии ҳаҷви публитсистиро дар майдони матбуоти даврии тоҷик пур мекунанд.

Мавриди тазаккур аст, ки «Нигоҳ” нашрияи ҷамъиятиву сиёсӣва таҳлилӣ буда, онро Бунёди ҷумҳуриявии «Индем» (Информатика барои демократия ва рушди миллӣ) моҳи декабри соли 2006 таъсис додааст. Он дар формати А-3, бо ҳаҷми 16 саҳифа чоп мешавад. Дар саҳифаи 16- иин нашрия рубрикаҳои “Пурбин” ва “Мангар, ки кӣ мегӯяд...” мавҷуданд, ки дер боз амал карда, ба ҳукми анъана даромадаанд.

Моҳиятан ин ду рубрика ба ҳам наздикӣ доранд. Дар “Пурбин” қаҳрамонони доимӣ Мирзодиккак ва Ғалтакбой аз каму костиҳои зиндагӣ, мушкилоти иҷтимоӣ, маишӣ, хоҷагӣ ва амсоли ин суҳбат мекунанд, дар “Мангар, ки кӣ мегӯяд...” дар шакли посух, луқма ва пичингҳои киноямез тарзи муносибат, дарки воқеа, ҳақиқат ва мантиқи гуфтори ашхоси барӯманд тасдиқ, инкор, маззаммат ва ё ҳамовозӣ карда мешавад. Ин рубрикаҳоро тарз ва шеваи муносибат ба ҳам наздик меорад. Ба назари инҷониб ин шева ва муносибат як навъ ҳаҷв аст.

“Фараж” аз 22 –юми декабри соли 2006 ҳамчун нашрияи Иттиҳодияи ҷамъиятии Маркази таҳқиқоти журналистии Тоҷикистон (ИҶ “МТЖТ”) ба қайд гирифта шуда, 27-уми августи соли 2007 ба майдони матбуоти тоҷик ворид гардид. Формат ва ҳаҷми ин нашрия ҳамсони “Нигоҳ” буда, аз ҷиҳати мазмуну мундариҷа дар радифи он қарор дорад. Ин нашрия соли 2008 рубрикаи “Гуфтед? Мегӯянд!”- ро таъсис дод, ки аввал дар саҳифаи 16, баъд ба саҳифаи 15 ва гоҳо ба саҳифаи 14 кӯчонида шуд. Дар солҳои аввал ин рубрика муназзам набуд. Пас аз соли 2011 рубрикаи мазкур дар шакли гӯша ба саҳифаи 2 –юм гузаронида шуд, ки то имрӯз идома меёбад.

Зимнан, чунин шеваи ҳаҷвнигорӣ дар матбуоти даврии тоҷик падидаи нав аст. Дар саргаҳи он нашрияи “Рӯзи нав» қарор дорад. Ин нашрия соли 2004 дар саҳифаи 16-уми худ рубрикаи «Саҳифаи беҳтарин» - ро ташкил намуд, ки дар ибтидо дар он аз маводи нашрияҳои гуногун иқтибосҳо ҷой дода мешуд. Аз январи соли 2004 «Саҳифаи беҳтарин» хусусияти дигар пайдо кард. Баъдтар, дар ин саҳифа натанҳо аз матнҳои нашрияҳои гуногун иқтибос, балки ба порчаҳои иқтибосшуда, луқмаҳои киноямезу ботамасхур илова гардид. Ба тарзи киноявву пичинг, ришханду тамасхур ва баъзан, ҳазлу зарофат «акси садо» додан ба порчаҳои иқтибосшуда аз матнҳои нашрияҳои гуногун ва барномаҳои васоити электронии ахбор ба саҳифа оҳанги ҳаҷву танқид мебахшид. Зимнан, мо дар вақташ ин саҳифаро мавриди таҳлил қарор дода,хусусияти ҳаҷвию танқидии онро нишон дода будем (Ниг. 2, 125-130).

Рубрикаҳои «Мангар, ки кӣ мегӯяд…» -и «Нигоҳ» ва «Гуфтед? Мегӯянд!» -и «Фараж» - ро метавон як навъ идомаи ҳамин навоварӣ маънидод кард, ки бо шакл ва шеваи андаке фарқкунанда сурат мегиранд.Матолиби ин рубрикаҳо хусусияти танқидӣ, фошсозӣ ва ислоҳталабӣ доранд, ки дар заминаи маърифату музокираронии публитсистӣ ҳосил шудаанд. Аммо ҳосили чунин маърифат бо аносири танзивуҳаҷвсоз чункиноя, пичинг, нешханд, бараксгӯйӣ, луқма ва ханда омезиш ёфта, ҳусни тоза пайдо мекунанд.Нигорандагон барои ҷолибтару таъсирнок намудани “луқмаҳо” аз имконоти воситаҳои тасвири сухан, амсоли зарбулмасалу мақол, калимаҳои шевагиву ғайрӣ бамаврид истифода мебаранд.

Аз ин рӯ, аз назари мушаххасоти матнӣ онҳоро ба ҳаҷвипублитсистӣнисбат додан дурусттар аст. Дар ин гуна мутун моҳам унсурҳои шарҳ, ҳам луқма ва ҳам пародияро мушоҳида мекунем. Дар ин ҷо низ “чавоби сареъ ба воқеаҳо аст, ҷавобҳо “пас аз шунидан ё хондани воқеае сахт маъқул нест, ё бисёр хушоянд аст” (4, 117), ҳосил шуданд. Аммо ин унсурҳо басанда нест, ки онҳо комилан луқма ва ё пародия номида шаванд.Зеро дар ин гуна ҷавобияҳо на ҳамеша фикри иҷтимоӣ ва унсури киноявӣ афзалият доранд ва баъзан, танзи беолоиш низ ба назар мерасад. Пажӯҳиши матолиби ин рубрикаҳо имкон дод, ки чунин хусусиятҳои ин навъи матнро муайяну мушаххас кунем:

- дар заминаи ҳуҷҷат-гуфта ва ё навиштаи шахси муайян ба вуҷуд омадани матн;
- аз ду қисм: иқтибос аз гуфта ва ё навиштаи шахси муайян ва фикри нигоранда таркиб ёфтани сохти матн;
- хусусияти баҳсӣ, ихтилофӣ, ташреҳӣ ва ё нуқси мантиқӣ доштани порчаи иқтибосшуда;
- алоқаманд гардонидани мазмуни порчаи иқтибосшуда бо масъалаҳои муҳимми рӯз ва тобиши танқидӣ ва сиёсӣ бахшидан ба сухани “луқмавӣ”;
- мазмун ва мундариҷаи гуногун ва мухталифро фаро гирифтани иқтибосот ва маҳдуд набудани доираи он;
- ағлаб ба тарзи киноявву пичинг ифода шудани «луқмаҳо»;
- аз унсурҳои ҳаҷву истеҳзо, ҳамчунин ҳазлу зарофат калимаву ибораҳои халқӣ ва оҳанги шӯхӣ зиёдтар истифода бурдан;
- зикр намудани ному насаб, касб ва ё вазифаи муаллифи иқтибос;
- вобаста ба моҳият ва мақсаду иқтибос (фикри гӯянда) ба он сарлавҳа гузоштан (хоси «Нигоҳ»);
- дар мувофиқа ба мазмуни иқтибос дар вокунишҳо нишон додани оҳанги муносибат (хоси “Фараж”, амсоли нешханд, эрод, суол,нигаронӣ, луқма, ишора, маслиҳат, танз, пешниҳод...).

Омӯзиши чунин матолиб нишон медиҳад, ки дар аксари онҳо ошкор намудани камбудии гуфтор маҳаки асосӣ аст, ки бештар ба мантиқи сухан иртибот мегирад. Аз рӯйи тарзи муносибат ба сухани сарчашмавӣ ва оҳанги гуфтор ин гуна матнҳоро ба навъҳои гуногун ҷудо намудан мумкин аст, ки маъмултаринашон чунинанд:

а) шакли масъалагузорӣ ё ташреҳи саволӣ;

б) эзоҳи фикр, гоҳо тасдиқи он;

в) дарёфти фикри духӯра, шубҳа ва пичинг бар он;

г) аз сухани ҷиддӣ маъниинигаронӣ ҳосил намудан,
ғ) баръаксгӯйӣ, инкори фикрё эътироз;
д) ба шуғли гӯянда иртибот бахшидани музокира.
Барои далел аз ҳар навъ намунаеро мисол меорем.

а) шакли масъалагузорӣ, ё ташреҳи саволӣ;

Гардумардум

Рашид Ғанӣ Абдулло, таҳлилгар:

-Мардум то ба ҳол Русияро кишвари бегона намедонанд ва дар будани ин пойгоҳ ягон нороҳатиро намебинанд ва ҳудро ҳамоно узви давлати собиқ Шӯравӣ медонанд.

- Мебахшед, кадом мардум? Ҳамон мардуме, ки 50 соли асри XIX ба баҳои "ҷойи мулоимро бо коғаз тоза кардан ё бо кулух" машғул буд? Ё ҳамон мардуме, ки аз номаш интихоботи 98%- а мегузоранд" ("Нигоҳ", 2011, 14 сентябр).

Саодат Амиршоева, вакили парлумон:

Мозонитоҷик, ки ҳамзамон мусалмон ҳастем, ҳуқуқи издивоҷ кардан бо шаҳрвандони хориҷӣ ва ё аниқтараш намояндагони адёни дигарро надорем.

Суол: Ин суханро мабодо аз Сарқонуни Тоҷикистон иқтибос наоварда бошед, вакил- хонуми азиз? Ё кам-камак ба ҷониби ҳизби наҳзати исломӣ майл карда истодаед? ("Фараж", 2013, 10 июл)

б) эзоҳи фикр, гоҳо тасдиқи он;

Мардумкит

Бозор Собир, шоири халқӣ:

- Ҳар ҳазёну васвосиву девонаву ҳар бесавод, ки пул дорад, китоб менависаду чоп мекунад ва болои сари мардум мерезад.

- Парво накунед, Устод. Ҳар васвосиву девонаву бесавод, ки китоб навишту болои сари мардум рехт, зиёд намепояд. Хоҳу нохоҳ он китобҳо аз болои сар зери по мерезанду лагадкӯб мешаванд ("Нигоҳ", 2011, 2 феврал).

Ҳайбатулло Шодиев, шарқшинос:

- Облавае, кидаррӯзҳоидаъватиҷавонондаркӯчаҳоишаҳруноҳияҳо гузаронида мешавад, фоида ҳам доштааст…

Тасдиқ: Рост, "сад фоиз" дуруст гапатон. Якта нимта чашмгурусна ҳам сер мешаванду ана бад ҳамин ҷавонон ҳам ниҳоят зираку ҳушёр ва чусту чолок мешаванд. Аз ин дида фоидаи зиёд ҳаст магар?! ("Фараж", 2013, 3 июл)

в) дарёфти фикри духӯра, шубҳа ва пичинг бар он;

Қ.Т. Мирзоев, прокурори шаҳри Хуҷанд:

- Ҳолатҳое ошкор мегарданд, ки барои аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод шудан хешованд, волидайни онҳо ба кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ пул медиҳанд ва онҳо дар ин маврид дастгир ҳам шудаанд.

Шубҳа: Ҳмммм як ками дигар чуқуртар фикр карда ба ёд ored-ку, муҳтарам прокурор: Оё ҳам порадиҳанда ва ҳам порагир ба даст афтодааст….?! ("Фараж", 2013, 26 июл)

Бистарпружа

Худойбердӣ Холиқназарзода, собиқ вазири корҳои хориҷии Тоҷикистон:

- Он пружаҳое, ки дар Тоҷикистон анҷом шуд ва барои рушди Тоҷикистон аҳамияти калон доранд, дар бистари муносибатҳои Созмони ҳамкориҳои Шанхай амалӣ шудааст.

- Бубахшед, ҳамхобагон дар он бистар ҳамаи аъзои Созмон буданд, ё яктояш? ("Нигоҳ", 2011, 23 июн)

г*) аз сухани ҷиддӣ маънии нигаронӣ ҳосил намудан*:

Тарозуфарҳанг

Урун Қӯҳзод, адиби тоҷик:

- Фарҳангиёни дирӯза ва фарҳангиёни имрӯзаро дар тарозу бимонему баркашем, паллаи имрӯзиён аз паллаи дирӯзиён хеле ва хеле сабук мебарояд.

Бовар кунед, хато мекунед, адиби гиромӣ! Агар ин кор сурат гирад фарҳангиёни имрӯза аз паллаи дирӯзиён хеле вазнин мебароянд. Зеро каллаи дирӯзиён аз илм пур бошад, шиками имрӯзиён ба маротиб калон аст ("Нигоҳ", 2011, 11 май).

Давлат Мамадризобеков, генерал-майори тоҷик:

- Оразшоҳ Пояндашоев яке аз шахсоне буд, ки манфиати давлат ва ҳам мардуми одиро дар як вақт ҳимоя карда метавонист. Ин шахси поквиҷдон тамоми ҳастии ҳудро барои Тоҷикистони азиз бахшидааст.

Нигаронӣ: Офарин ба дастгириатон ҷаноб, вале магар аз вокунишу тундгӯйиҳо муқобили Пояндашоев дар матбуоти Тоҷикистони азиз хабар надоред?! Боз нашавад, ки ба номи шумо ҳам ягон "муҳр" зананд??? ("Фараж", 2013, 23 октябр)

г) баръаксгӯйӣ, инкори фикр ё эътироз;

Антигуноҳ

-Хоҷимуҳаммад Умаров, иқтисодшинос:

-Касоне, ки бо роҳи ғайриқонунӣ дороии ҳангуфт гирд овардаанд, сарват андӯхтаанд, бояд дар назди халқ ва қонун ҷавоб диҳанд.

- Баръакс, халқ ва қонун бояд ҷавоб гӯянд, ки чаро мебинанд, ки нобинову чоҳ аст, вале хомӯшанд (“Нигоҳ”, 2008, 27 ноябр).

Сиёвуш Ҷунайдӣ, шоири тоҷик:

-Бо эҳтимоли ғолиб Зайд Саидов фиреби касеро хӯрд. Мутаассифона, бо он ҳама таҷрибае, дар дар сиёсат ва дар тиҷорат дошт, аз ёд бурд, ки ин ду (сиёсат ва тиҷорат) падару модар надоранд.

Эътироз: Хато мекунед Сиёвуш, дар Тоҷикистон сиёсату тиҷорат падару модар доранд! Фақат ин волидайн яке фаҳмидааст, ки Зайд Саидов бачаи угай будааст(“Фараж”, 2013, 4 ноябр).

д)ба шугл иртибот бахшидани фикр;

Пахтамулло

Ҳоҷӣ Акбар Тураҷонзода, рӯҳонии тоҷик:

-Дар яке аз мавзеъҳои Бухоро пахта мечидем, мардуми маҳаллӣ “инҳо муллоҳо” гуфта аз мо мегурехтанд.

-Ин муҳаббати Шумо ба пахта ва пахтабизнес аз номеҳрубониҳои бухороиҳо будааст-дия! (“Нигоҳ”,2011, 16 март) .

Тавре дар боло ишора шуд ва аз намунаҳои оварда низ бармеояд, дар ин гуна матнҳо аносири ҳаҷвсоз, амсоли зарбулмасалу мақол, калимаву ибораҳои халқиву шевагӣ фаровон истифода мешавад. Чунончи: “Ҷалб кардан гиред ако! Сахт қарздор шавем пеши язнаҳо мерем. Бисёр ки нашуд, ба ивази қарзҳо замин медиҳем, парво накунед. Гуфти русҳо “все равно” бекор хоб” (“Нигоҳ”, 2009, 12 ноябр); “Еоу тавба, замона худуш чаппа шудай-да. Ин покторҳоро аввалтар ғайриинсонӣ мегуптам. Ҳозир, ҳдуш нав аку инсонкдан. Шумо маълм” (“Нигоҳ”, 2011, 5 декабр); “Биёед умумигӯйӣ накарда, конкрет гап мезанем. Мисли халқ: “Баҳонаи зани гузин-дӯғи туруш, нони ҷавин” (“Нигоҳ”, 2011, 16 март), “Ийее, ашна таҷик, ҳайрат не, хайрият гуптан даркор! Як хайрат қатиъ кор буд мешудаст-мъ? (“Фараж”, 2013, 3 апрел) “парво накунед, оқо! Бо калтак аст, бо мушт аст, кӯфтан гиред. Оқибат “Хирс мулло мешавад аз зарби чӯб” (“Фараж”, 2013, 19 июн). Истифодаи ин гуна воситаҳои тасвир, аз як тараф, ба “ташреҳҳо” оҳанги танзомез илқо намуда бошад, аз сӯйи дигар, тобиши танқиду мазаммати онҳоро қувват бахшида, ҷолибу муассир гардонидааст.

Дар баробари он ки дар ин гуна мутун камбудиву норасоиҳои иҷтимоиву шахсӣ ағлаб холисонаву некбинона “тафсил” мешаванд, аммо баъзан, ишораҳои қабеҳ ва пасманзараҳои аз одоби сухани матбуот дур низ ба назар мерасад. Ба далели фикр чанд мисол:

Иқрор

Саидумар Ҳусайнӣ, муовини аввали раиси ҲНИТ:

-Чӣ гуна ҳизбе ҳастем, ки бадҳоҳон ҳам маломатамон мекунанд, дӯстҳо ҳам.

-Мисли ҳама дӯстдорони сабукпо- ҳа: “Бтӣ гунаҳгор, натӣ гунаҳгор. О шумо када натоне, айби ма-чӣ?!” (“Нигоҳ”2011, 30 март).

Ва ё

Галочка

Суҳроб Шарипов, вакили МНМО ҶТ:

-Мақсади асосии дигаргуниҳои кадрӣ нигоҳ доштани сулҳу субот, асосан субот дар ҷомеа аст, на роҳандозии ягон ислоҳоту тағйироти куллӣ.

- Очаи гапро гуфтед, ҷаноби вакил, вале намешуд, ҳаминро ба забони мардум гӯед: ислоҳот-пислоҳота мо задагием, муҳим ҳукумат аз даст наравад (“Нигоҳ”, 2012, 18 январ).

Усули дигари лукмапартоӣ чопи акс ва лавҳаҳои бонуқс аст, ки бештар дар рубрикаи “Акси гӯё”- и нашрияи “Нигоҳ” ба назар мерасад. Ин гуна аксҳо ба суратҳои карикатурӣ шабоҳат дошта бошанд ҳам, хусусияти худро доранд. Дар муқоиса бо тасвироти карикатурӣ онҳо тасвироти аслӣ мебошанд, ки вазъи воқеияти мушаххасро бозгӯ менамоянд. Нигоранда ба акс, ки лаҳзаи воқеӣ аст, муносибати танқидӣ менамояд ва ё камбуди онро бо тамасхур нишон медиҳад. Барои намуна ба 2 акс иктифо мекунем.

1)**Акс**: Яке аз кӯчаҳои шаҳри Душанбе. Ҳаво сард, замин барпуш. Хурдсолон машғули бозии чанасаворӣ.

Матн: Бозиҳои олимпии 2008 дар Душанбе (2008, 31 январ).
2) **Акс**: Ноҳияи Рудакӣ Район
Матн: Дар соли гиромидошти забони тоҷикӣ,
Ёфт шуд тахаллуси нави Рӯдакӣ.
Даромадгоҳи ноҳияи Рӯдакӣ, аз ҷониби ноҳияи Ёвон (2008, 28 май).

Чунончи аз мисолҳои зикршуда бармеояд, дар ин гуна матнҳо тазод нақши муҳим дорад. Маҳз мухолифгузории фикр оҳанги танқидииин гуна мутунро пуркувват намуда, ба тобиши ҳаҷву зарофат пайдо карданашон мусоидат намудааст. Аммо ихтилофи фикру назар ба ҳадафи муайяне вобаста аст, ки он гоҳо холисона, баъзан бо киноя, ҷо – ҷо бо тамасхуру мазаммат ва аҳён – аҳён бо шӯхию лутф баён шудааст.

Дар ташаккули чунин муносибат унсурҳои жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ, бахусус луқмаву пародия таъсиргузор бошанд ҳам, онҳоро ба ин жанрҳо нисбат додан дуруст нест. Зеро аз як тараф, хусусияти ин ё он матнро ба худ қабул намудан маънои мустақилияти жанриро пурра ифода карда наметавонад, аз сӯйи дигар, луқмаву пародия ва ё эпиграмма махсусияти хосаи шакливу мундариҷавӣ доранд, ки матнҳои мавриди пажӯҳиш дар ҳеҷ ҳолат ба онҳо ҳамсонбуда наметавонанд. Пас, ба ин гуна матнҳо чӣ ном гузоштан мумкин аст, ки табиати хоси онҳоро ифода карда тавонад. Ба назари инҷониб,чунин мутунро метавон як навъ “**нуктавокуниш**” номид, ки гоҳо бо оҳанги ҷиддӣ ва ағлаб, бо тобиши ҳаҷву танз гуфта шудаанд. Зеро дар таҳияи чунин матнҳо ду омили бунёдӣ: интихоби нуктаи муҳимми барангезандаи фикр(сухани баҳснок, духӯра, ғайримантиқӣ..) ва раддияи мувофиқ (луқмаи мантиқӣ) ба он нақши муҳим мебозад. Ин ду омил ҳамчунин сохти матнро ташкил медиҳанд.

Зимнан, дар “Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ” калимаи “**нукта**” ба маъноҳои “1. Масъалаи нозук. 2. Мазмуни дақиқ. 3. Сухани пӯшида, каломи рамзнок... 4. Ҷиҳати муҳимми ягон масъала; ҳарфи муҳим, гапи зарур” (5,944) ва истилоҳи вокуниш ҳамчун “амале,кидар ҷавоби коре мекунанд, аксуламал, аксиамал” (5,281) тафсир шудааст, ки моҳиятан мазмуни чунин мутунро ифода карда метавонад. Сухани мавриди луқма қарор гирифта, қатъи назар аз моҳияташ муҳим аст ва маҳз ин хусусият, яъне муҳиммияти масъала, мазмун ва тарзи баён (пӯшида будан) боиси ҷалби нигоранда мегардад.

Агар ин истилоҳро ба сифати унвони матн ва ё жанр қабул намоем, масъалаи ба кодом гурӯҳи жанрҳои публитсистӣ шомил намудани нуктавокуниш ба миён меояд. Аз ҷиҳати ҳаҷм ин жанр нисбатан хурд ва шаклан ба “саволу ҷавоб” монанд аст. Аммо дар муқоиса бо саволу ҷавоб, ки матни хабарӣ буда, журналист асосан, вазифаи созмондиҳӣ ва ё миёнравиро иҷро мекунад, дар тавлиди нуктавокуниш, маърифати нигоранда нақши калидӣмебозад. Ба маърифати нигоранда, дониш, таассурот, малака ва ҷаҳонбинии ӯ кумак мерасонад. Вале бо ин ҳама хусусияти жанр ноқис мемонад ваинноқисиро маҳорати ҳаҷву танзофарии нигоранда пурра мегардонад. Дар натиҷа, маърифати нигоранда тобиши ҳаҷвӣ пайдо мекунад ва ин ҷиҳат асос мегардад, ки нуктавокунишро як навъ падидаи тоза дар жанрҳои публитсистикаи ҳаҷвӣ арзёбӣ намоем.

“Нигоҳ” дар байни нашрияҳоидигар ҳафтаномаест, ки аз шаклу анвои гуногуни осори ҳаҷвӣ истифода мебарад. Дар ин нашрия масъалаҳои иҷтимоӣ дар қолаби фелетон (ағлаби маводи рубрикаи “Пурбин”), латифа (аз ҷумла, аз афроди маъруфи кишвар), луқма (бархе матолиби рубрикаи “Ман қабул надорам”), карикатура (“Як карикатура”,”Акси гуё”), шеъргуна ва ғайра ошкоро ва бериё танқиду мазаммат карда мешаванд. Дар нашрияи “Фараж”бошад, солҳои охир чопи памфлет ба ҳукми анъана даромада истодааст.

Маводи рубрикаи “Пурбин”аслан, дар ду шакл: нақли монологӣ ва суҳбати диалогӣ пешниҳоди хонандагон мегардад. Аз нигоҳи жанр маводи ин рубрикаро асосан, ба фелетон ва баъзеи онро ба памфлет нисбат додан мумкин аст. Фелетонгунаҳо дар ду шакл эҷод шудаанд, ки яке навъи фелетоннависии анъанавӣ буда, дуюмӣ шакли нисбатан тоза аст.

Фелетонҳои дар қолаби диалог иншогардида аз ҷанд ҷиҳат хусусияти умда доранд. Аввалан, дар онҳо ҳамеша мавзӯву масъалаҳои муҳимми рӯз баррасӣ мешаванд, дуюм, баррасии мавзӯву масоил дар шакли гуфтугӯ сурат мегирад, сеюм, дар рафти суҳбат номи қаҳрамонон бо хати сиёҳи равғанӣ ҷудо ва такроран зикр карда мешавад, чаҳорум, суҳбат бо фабулаи махсус, ки бо хати сиёҳи равғанӣ аз матни асосӣ ҷудо карда шудааст, шурӯъ мегардад, панҷум, анҷоми суҳбат бо натиҷагириҳои шахси сеюм ҷамъбаст мегардад, шашум, қисмати фабулӣ ва хулосавӣ

ба ҳам иртиботи мантиқӣ доранд, ҳафтум аз имконоти воситаҳои ҳаҷву танзсоз фаровон ва моҳирона истифода шудааст.

Ҳамчунин дар аксари сарлавҳаҳо номи ин қаҳрамон ё масъалаи мазамматшуда таъкид мешавад. Масалан, “Ғалтак дар талоши миллигардонии идҳо” (2009, 26 феврал), “Ғалтак, Рӯдакӣ ва Ғайбулло Афзалов” (2009, 16 сентябр), “Мирзодиккак, бензин ва вазир”(2011, 21 сентябр).

Баъзан, ин қолабҳои матнӣ бо персонажҳои дигар шакл мегирад. Ин ҳолат хусусан, ҳангоми баррасии мушкилот ва камбуду норасоиҳои муҳоҷирони тоҷик дар Россия ба назар мерасад. Дар ин ҳолатҳо персонажҳои нав- Субҳону Мусо ва Содиқу Мусоаз дардҳои мусофирати мардикорони ҳамватани худ суҳбат мекунанд, ба содагиву забондонӣ ва нотавониву бахилии худ механданд ва ба ислоҳи онҳо умед мебанданд. Ҳарчанд чунин матнҳои зери рубрикаи “Пурбини “Нигоҳ” интишор шуда, аз аносири умумии ин рубрика бархурдоранд, аммо гоҳо дар онҳо натиҷагирии шахси сеюм ба назар намерасад. Яъне, суҳбат беҷамъбаст мемонад.

Қисми дигари матолиби ҳаҷвии ин рубрика нигоштаҳое мебошанд,ки бо усули монолог иншо гардида, аз ҷиҳати муносибат ба мавзӯъ ва баррасии он аз шакли диалогӣ фарқ мекунанд. Дар ин гуна матнҳо як навъ қолабҳои анъанавии памфлетнависӣ пайгирӣ шуда, муносибати муаллифон ба мавзӯъ (камбудӣ, дарди иҷтимоӣ, ахлоқӣ) як навъ оштинопазиорона аст, онро мехоҳанд маҳкум ва нобуд созанд. Дар баррасии матлаб ҳарчанд суханашон нарм ва нақлашон гарм аст, аммо бо дарки амиқи иҷтимоии он хонанда маънии дигареро ҳосил менамояд. Силсилаи нигоштаҳои Нуруллои Абдулло “Моҷарои хару буз” (2010, 8 сентябр), “Мактуби шикоятии буз”(2010, 22 декабр), “Дар баёни курсӣ” (2010, 30 июл), матнҳои “Хар, ки аз харгала монд..” (2010, 18 август), “Адабомӯз”(2010, 1 декабр), “Интелзиёӣ” (2010, 7 июл), “Нақди адабӣ” (2010, 21 сентябр) ва амсоли ин, ки бе зикри муаллиф интишор шудаанд, дорои чунин хусусият мебошанд. Ҳамчунин баъзе матолиби “Фараж” аз қабили нигоштаҳои Сиёвуш “Узр раис, ман гунаҳкор (2011, 12 декабр), Б. Облоқулов “Реформаимаориф дар Гулобод” (2011, 20 апрел), “Бузбозӣ дар Гулобод” (2012,14 январ), “Маҷлисбозӣ дар Гулобод” (2013, 13 март), С. Асозода “Дуэл”(2012, 21 январ), “Даъво” (2012, 7 ноябр), “Охирзамон” (2012, 19 декабр), “Ариза” (2013, 16 январ), М. Султонова “Аловуддини замон” (2014, 15 январ) аз ин унсурҳо бархурдоранд.

Кӯшиш мекунем, баъзе хусусияти ин гуна нигоштаҳоро бо таҳлили 1-тоӣ намуна аз ин ду нашриянишон диҳем. Намунаи аввал, матни “Интелзиёӣ”. Дар ин матн предмети танқид ва мазаммат на фаҳмиши зиёӣ ва симои ҳақиқии ӯ, балки рафтору ахлоқи баъзе зиёимаоён аст, ки зиёӣ буданро дар либос ва кару фарри зоҳирӣ мебинанд.Воқеан, чунин муносибат дар ҷомеаи имрӯз ба проблемаи мубрам бадал гаштааст. Албатта, нигоранда масъаларо аз нигоҳи таҳқиқӣ баррасӣ намудани нест, балки ӯ мехоҳад бо тасвири чанд лаҳза диққати хонандаро ба он ҷалб намояд ва ба ин василаахлоқу рафтори чунин зиёимаоёнро маҳкум созад. Нигоранда барои ба мақсади асосӣ расидан аз усули образӣ истифода мебарад, лаҳзаи гиреҳкушоро меофарад: “Эй-йе бародари галстукдори ман. Як дам ист. Ин ҷо биё... Не –не хавотир нашав. Ман баробари пули додаат ба ту нос фурӯхтам. На ту маро фиреб додию на ман туро”.Пас аз ин рафтори харандаи нос ровиро ба ҳаяҷон меорад:

“Лекин чаро ту носи харидаатро аз дигарон пинҳон карда, дуздона ба киссаат андохтӣ? О, аввалан, аққалан як мазаашро чашида медидӣ. Ҳам ба худат нағзу ҳам барои ман реклама... Чӣ шарм медорӣ?! И-и... О галстук дорию.... Аз ҳамон галстукат шарм медорӣ? Чаро? Нафаҳмидам, чунки ту интел....чӣ? Ҳаа зиёӣ...Ин тавр ки бошад, ман ба ту кор дорам. Кор ҳам не ҳамагӣ ду савол”. Ҳамин тавр, ҳисси кунҷковии нигоранда авҷ гирифта, “мизоҷ”-и худро саволборон мекунад, ӯро ба ҳайрат меорад, тарзи либоспӯшиашро (хусусан, пӯшидани шиму кастюм ва бастани галстук дар фасли гармои тобистон) нишони бемаърифатӣ меҳисобад ва ба ин васила рафтор ва фаҳмиши ӯро мазаммат месозад.

Намунаи дуюм “Алловуддини замон”. Тарзи сужасозӣ ва сабки нигориш дар ин матн аслан нав нест. Бо ҳавас ва шодмонӣ аз “муъҷизаҳо”-и бартарафсозандаи камбудиҳои иҷтимоӣ сухан рондану ногаҳон бо таъсири чизе аз хоб хестан дар ҳаҷвнигории тоҷик анъана шудааст. Аммо дар ин қолаб ҷо додани камбудиву норасоиҳои иҷтимоии замон, ки воқеан мисли анкабуд тамоми ҷомаеаро фаро гирифта, боиси паст шудани ахлоқи ҷомеа ва сатҳи зиндагӣ мегарданд, гувоҳи диди тозаи муаллиф мебошад. Дар инъикоси масъала нигоранда аз усули афсонасозӣ, ки маъмултарин шеваи памфлетнависӣ аст, истифода мебарад, бо сеҳри ду чӯбча, ки бар ивази ёрӣ мӯйсафеде ба ӯ дода буд, дастони милисаи ноинсофи тамаъҷӯро

мешиканонад, хонаи нимвайронаашро ба қаср табдил медиҳад, раиси идораи оби ноҳияро, ки ба доди мардум ҷиҳати таъмини деҳаашон бо об эътибор намедод, ба қурбоққа ва раиси барқро ба шамъ табдил медиҳад.

Ҳамин тавр, тамоми мушкилоти ноҳияро ҳал намуда, мехоҳад дар ободу зебо гардонидани шаҳру навоҳии дигар саҳм гирад, аммо занги телефон барояш монеа мешавад, ӯро аз хоб бедор мекунад.

Дар ин гуна матнҳо факту далели мушаххас вуҷуд надорад, балки дар маркази онҳо ҳамеша фикр меистад. Аммо ин фикр тамоман бофтаи хаёлии муаллифон нест, вай аз маърифати ҷомеаи имрӯза, тавассути мушоҳида, таҷриба ва ҷаҳонбинӣ ҳосил шуда, ба проблема ва ё воқеаҳои манфие рабт мегирад. Ба назари аввал хонанда чунин мепиндорад, ки чунин вақоеъ маъмулианд, ҳар сари қадам вомехӯранд, борҳо мавриди баҳси расонаҳои хабарӣ қарор гирифтаанд ва ин ҷо як навъ ба хотири хушҳолӣ гуфта шудаанд. Аммо аслан, ин тавр нест. Дар ағлаби чунин матолиб дардҳои иҷтимоӣ мунъакис гардида, ҳадаф на танҳо ифшои камбудиҳо балки ҳушдор додан ба ислоҳи онҳо мебошад. Ба ин мазмун метавон гуфт, ки нигоштаҳои ҳаҷвӣ бо вуҷуди камбудиву норасоиҳои ҳунариашон,ҷиҳати аз байн бурдани камбуду нуқсони иҷтимоӣ нақши муҳим ва созанда доранд.

Шакли дигари баёни танқидию ҳаҷвӣ ба бархе аз матолиби рубрикаи “Ман қабул надорам”- инашрияи “Нигоҳ” хос аст. Матолиби зери ин рубрика дарҷшаванда ағлаб муносибати тазодии муаллифонро ифода намуда, аз нигоҳи жанрӣ ба луқма наздикӣ доранд. Хусусияти асосии чунин матолиб он аст, ки нигорандагон ба ҳодисаи мавҷуда ва мушоҳидашуда аз назари танқид нигоҳ мекунанд, камбудиҳоро ифшо ва ислоҳи онҳоро нишон медиҳанд. Масалан, Ш. Наҷмиддин дар “LOVE” –и тоҷикӣ» (2008, 17 феврал) аз бемасъулиятӣ ва хунукназарии мардум дар нисбати забони тоҷикӣ гила мекунад. Ӯ бо тааҷҷуб зикр менамояд: “Аз ҳама аҷиб он аст, ки мошинҳои дар заксҳои арӯсиву домодӣ мерафтагӣ имрӯзҳо ба забони англисӣ “LOVE” (муҳаббат) навишта, арӯсу домодро савор мекунанд.” Ин факти воқеӣ боиси норизогии нигоранда ва лукмапартоии ӯ гардидааст, ки меафзояд: “Магар калимоту ибороти “Ишқ”, “Муҳаббат”, “Туй муборак бошад”- ро қаҳтӣ зада буд, ки калимаи англисиро туйдорон дар пеши мошинҳо менависанд”.

Муаллифи “Рӯдакӣ”-ро ба кӣ диҳем” (2007, 9 август) низ аз факти маъмулӣ изҳори нигаронӣ намуда, ба он тобиши дигар доданӣ мешавад. Ӯ пешниҳод менамояд, ки “Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ ба ҷониби дигар, ба сӯйи муаррифии Тоҷикистон ба хориҷи кишвар нигаронида шавад. Яъне, ин ҷоиза ба асарҳои адибони хориҷие дода шавад, ки эҷодашон урфу одат, хислат ва миллату давлатдории тоҷиконро инъикос менамояд”.

Чунончи аз намунаҳои иқтибосшуда бармеояд**,** чунин матнҳо шаклан як навъ “ҷавоб, тазаккур, раддия, эътирози кӯтоҳ” мебошанд, ки хоси луқма аст. Аз тарафи дигар, як навъ хусусияти баҳс ва пешниҳодро ба худ касб мекунад. Луқманавис одатан, воқеа ё масъалаи баррасишавандаро то андозае тезу тунд муҳокимаву таҳлил намуда, андешаҳояшро иброз медорад. Аммо чунончи муҳаққиқ И. К. Усмонов қайд мекунад: “Агар воқеаи нав чизи мақбуле, ки номақбули маъмулшударо инкор мекарда бошад, надошта бошад, луқма навишта намешавад” (4,117). Пас, метавон ин гуна матнҳоро як навъ луқма номид, ки бо шеваи андаке тоза шакл гирифтаанд.

Дар қолаби жанри латифа баён намудани лаҳзаҳои воқеии зиндагӣ, хоса хушгуфториҳои аҳли қалам, дар матбуоти даврӣ падидаи нав набошад ҳам, он дар солҳои охир мавқеи бештар ва тобиши тоза касб кардааст. Аз ҷумла, нашрияи “Нигоҳ” аз ин шеваи ҳазлу шӯхӣ моҳирона истифода мебарад. Қариб дар ҳамаи шумораҳои ин нашрия мо ба латифаҳое дучор мешавем, ки ба ин ё он лаҳзаи ҳаёти иҷтимоӣ алоқаманданд.

Соли 2011 дар тарафи чапи қисми болоии саҳифаи 16-и нашрия гӯшаи дигар- “Латифа/Латифа” пайдо шуд. Масъулини гӯша хонандагонро хабар доданд, ки “Аз ин шумора ба баъд дар ин гӯша аз афроди маъруфи кишвар латифаҳо ва дигар шӯхиҳо пешкаш хоҳад шуд. Тасмим дорем, ки як гӯшае барои шумо- хонандагони азиз низ ихтисос диҳем. Аммо ин гӯша то куҷо фаъол хоҳад буд, ба шумо вобаста аст. Агар навиштед, механдед, агар на, пас на”(2011, 17 август). Маводи ин гӯша бо шӯхиҳои Муҳиддин Кабирӣ шурӯъ гардида, онро Масъуд Собиров (2011, 24 август), Раҳматулло Зоиров (2011, 30 август), Парвиз Муллоҷонов (2011, 21 сентябр), Субҳон Ҷалил (2011, 19 октябр, 2012, 22 феврал), Ҷумъаи Мирзо (2011,14 март, 2012, 28 март), Ҷӯра Юсуфӣ (2011, 11 ноябр), Маҳмадалии Маҳмадулло (2011, 23 ноябр), Меҳмон Бахтӣ(2011,23 ноябр), Гулназар Келдӣ (2011, 26 декабр) ва даҳҳои дигар давом

додаанд. Ин гуна латифаҳо аз ҷиҳати мундариҷа рангоранг мебошанд. Дар онҳо лаҳзаҳои гуногуни зиндагии аҳли зиё, аз ҷумла ҳозирҷавобиву зарофатгӯйии аҳли фарҳанг, адибон, сиёсатмадорон, хушгӯйиҳои аҳли зариф, рафтору кирдори сарватмандон, нуқсонҳои ислоҳпазири зиндагии ҳаррӯза, ҳазли содалавҳонаю дӯстонаи одамони содалавҳ, хислати сиёсати давлатдорон ва монанди ин инъикосу тасвир шудааст. Онҳо, аз як тараф, аз хушбаёниву ҳозирҷавобӣ лутфу зарофат ва дунёи хосаи аҳли зиё дарак диҳанд, аз сӯйи дигар, ба хонанда завқи бадеӣ, ғизои маънавӣ ва зебоиву лутфгӯйӣ мебахшанд. Ҳарчанд аксари латоифи ин гӯша тасвироти беолоиш буда, танҳо ба мақсади хушҳолӣ гуфта шудаанд, аммо дар бархе аз онҳо оҳангҳои иҷтимоӣ эҳсос мешавад. Барои намуна:

Аз номзаде дар интихобот пурсиданд:

-Барои чӣ шумо номзадии худро пешниҳод намудед?

-О, бубунед чӣ корҳо рафта истодаанд! Ҳама ҷо фасод, кормандони расмӣ аз пули бедардумиён ҳеҷ сер намешаванд!

- Набошад, шумо бар зиди ин ҳама фасод мубориза мебаред?

Барои чӣ? Баръакс, ман мехоҳам дар он иштирок кунам...” (П. Муллоҷонов, Мубориз// 2011, 21 сентябр).

Умуман, ҳаҷву танз ҳамчун ҷузъи таркибии публитсистика дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи матбуоти даврии тоҷик мавқеи муҳим дорад. Дар матбуоти замони истиқлол ин мавқеият нисбатан тобиши дигар пайдо кардааст. Ҷойи ҳаҷви тезутунди замони шӯравиро танзи зарофатомез гирифта, аслиҳаи идеологӣ будани ҳаҷв ба гӯшаи фаромӯшӣ афтидааст. Аммо, омӯзишу таҳлилҳо ба он далолат мекунад, ки матбуоти имрӯз ҷиҳати ошкор ва танқиду мазаммати камбудиву нуқсонҳои зиндагӣ, ахлоқи зишт ва номатлуби аҳли ҷомеа бетараф нест, балки ин ҷиҳатҳо бо шаклу шеваҳои маъмуливу тоза ҳамеша мавриди инъикос қарор мегиранд.

А Д А Б И Ё Т

1.Муродов М. Ҳаҷви публитсистӣ: воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои филологӣ ва журналистика / М.Б. Муродов.-Душанбе: Дониш, 2003.- 68 с.

2.Муродов М. Аз таърихи ташаккули ҳаҷви публитсистӣ дар матбуоти даврии тоҷик: монография / М. Б. Муродов.- Душанбе: Сино, 2007.- 142 с.

3. Журналистикаи советии тоҷик: воситаи таълимӣ барои донишҷӯёни ихтисосҳои журналистика / А.Нуралиев, А.Саъдуллоев, И.Усмонов, У. Гулмуродов.- Душанбе: Ирфон, 1989. -176с.

4.Усмонов И.К. Жанрҳои публитсистика: воситаи таълимӣбарои донишҷӯёни ихтисосҳои журналистика / И.К. Усмонов.- Душанбе, 2009.- 139 с.

5.Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ/зеҳри таҳрори Назарзодаи С.- Душанбе, 2008. -Ҷ.2. - 950 с.

6.Нигоҳ – 2008- 2013.

7.Фараж – 2008 – 2014.

НОВЫЕ ФОРМЫ САТИРОПИСАНИЯ В ТАДЖИКСКОЙ ПЕРИОДИЧЕСКОЙ ПЕЧАТИ
(на примере “Нигох” и “Фараж”)

В статье на основе анализа конкретных материалов исследуются проблемы места сатиры в таджикской периодической печати, традиции и новаторство в публицистической сатире, возникновение новых форм создания сатирического произведения. Автор подробно останавливается на исследовании сатирических и юмористических текстов изданий “Нигох” и “Фараж”, определяет их жанровые особенности и на основе конкретных примеров научно доказывает традиционные и новаторские элементы в сатирических материалах этих изданий.

Ключевие слова: таджикская печать, публицистичность, сатира, юмор, реплика, анализ, особенности, форма.

NEW FORMS OF SATIRIC WORKS IN TAJIK PERIODICAL
(at the materials of "Nigoh," and "Farazh")

The Present article researches the problemsof satire’srole in Tajik press, traditions and innovation in publicistic satire, the creating of new kinds of satiricworkson the basis of an analysis of specific materials. The author investigates satirical and humorous texts at the materials of Nigokh and Farazh in detail, and determines their jenre features and at the basis of concreate samplesprovestraditional and innovative elements in thenewspaper’s satirical materials.

Key words: satire, Tajik press, traditions and innovation, satiricworks, investigate, humorous, in detail.

Сведения об авторе: ***М.Б. Муродов*** - доктор филологических наук, профессор кафедры печати Таджикского национального университета. Телефон: **(+992) 934-25-15-32**

ПРОБЛЕМЫ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ КОНВЕРГЕНТНОЙ РЕДАКЦИИ В ВУЗЕ (В РАМКАХ ЖУРНАЛИСТСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ)

Ш.Б. Муллоев, А.С. Аминов
Российско-Таджикский (Славянский) университет

Система высшего оброзования как любая из систем, склонна к переменам и инновациям, которые обусловлены различными факторами: развитием и расширением научной деятельности (как на федеральном, так и на мировом уровнях), техническим прогрессом, потребностями работодателей, запросами общества и т.д. Журналистское образование с момента его возникновения в России (начало XX века), также как и другие сферы образования, претерпевает постоянные изменения.

Последние несколько лет в среде, как журналистов-практиков, так и журналистов-теоретиков появилось и укоренилось такое понятие как «конвергентная журналистика». *Конвергентная журналистика* – это процесс слияния, интеграции информационных и коммуникативных технологий в единый информационный ресурс. Сегодня современные медиа-компании расширяют свой спектр информационных и развлекательных продуктов и используют при этом "новые" формы подачи медиапродукта: он-лайн газета, радио в интернете, веб-телевидение» [1,12]. Также многие исследователи конвергентной журналистики считают, что журналисты должны расширять спектр и своей профессиональной деятельности: сегодня они готовят содержание для Интернета, завтра – пишут телетексты, послезавтра – материал для основного СМИ. То есть когда мы говорим «конвергентность» – подразумеваем «многофункциональность».

1. Вартанова Е. Л. К чему ведет конвергенция в СМИ. М.: Аспект-Пресс, 1999. – С. 12.

Поэтому чаще всего конвергентная редакция – это не просто коллектив журналистов, которые многофункциональны в своей работе с точки зрения различных видов СМИ, обычно такая редакция имеет сайт в Интернете, который служит средством публикации текстовых, теле- и радиоматериалов.

«Конвергенция на современном этапе представляется процессом, который в ближайшие десятилетия может полностью изменить не только системы средств массовой информации и коммуникации, но и различные, связанные с ними области профессиональной деятельности, включая и сферу подготовки и переподготовки кадров; постоянное напряжение, связанное с дефицитом квалифицированных и образованных сотрудников, подготовленных к профессиональной работе в информационной сфере конвергентного характера, обуславливает и делает особенно актуальной потребность в подготовке и переподготовке журналистских кадров [2, 171].

Поскольку в средствах массовой информации всё чаще стали появляться конвергентные редакции, то на долю высшей профессиональной подготовки журналистов выпала необходимость готовить специалистов, которые были бы универсальны с точки зрения любого из видов СМИ (печать, радио, телевидение, Интернет)**.**

2.Шестеркина Л. П. Конвергентная редакция и подготовка журналиста универсального типа / Л. П. Шестеркина // Актуальные проблемы коммуникативистики в условиях глобализации информационного пространства : мат. IV Междунар. науч.-практ. конф. – Челябинск : Изд. центр ЮУрГУ, 2010. – С. 171.

Ускорению процесса модернизации высшего образования в данном направлении активно способствовало введение III Государственного образовательного стандарта, который подразумевает собой отмену традиционного деления по специализациям и широко использует принцип конвергенции при обучении журналистов.

Одной из главных особенностей обучения журналистов традиционно является наличие и работа учебных редакций: телевидения, радио и учебной газеты, так называемых медиаобразовательных проектов, где каждый студент в зависимости от выбранного им направления обучается по данному виду СМИ и участвует в выпуске данного вида СМИ (статей для газеты или теле/радиопрограмм).

С отменой специализаций в Госстандарте образования нового поколения и ориентацией на принцип конвергентности, в высшем журналистском образовании появилась необходимость создания конвергентных редакций, которые бы совмещали в себе работу каждого из студентов во всех видах СМИ, а также выпуск конвергентного продукта, который чаще всего подразумевает собой наличие сайта, содержащего не

только журналистские материалы в текстовом формате, но и в аудиовизуальном (теле- и радиосюжеты).

Внедрение какого-либо нового процесса всегда требует материальных и интеллектуальных затрат, это касается и трансформации образовательного процесса в области журналистики. Новые требования породили в обучении журналистов ряд проблем, которые мы рассмотрим на примере отделения журналистики РТСУ.

В Российско-таджикском (славянском) университете учебная конвергентная редакция как таковая пока отсутствует, что как раз таки связано с невозможностью факультета оперативной реализации необходимых проектов. Но новая программа обучения всё же подразумевает попытки освоения конвергентной журналистики, как в теории, так и на практике. Однако, пока хотя бы ряд проблем не будет решен, введение в учебный процесс полноценной конвергентной редакции невозможно. Первая и одна из самых сложных проблем – это необходимость материальных затрат. Во-первых, это выражается в потребности материальных затрат на пользование Интернет-хостингом, который нужен для создания и работы сайта конвергентной редакции. Бесплатные хостинги не позволяют загружать большое количество информации. Во-вторых, необходимость создания рабочего места редакции, которой будет требоваться не только специальное помещение (аудитория для лекций и штаб самой редакции с компьютерами), но и создание при штабе телерадиостудии для записи программ. Это проблема не только материального, но и технического характера. Так, например, в РТСУ пока еще нет учебного телевидения и учебного радио, а редакция учебной газеты размещена в небольшом кабинете с единственным компьютером. Но, как известно, государственные вузы зачастую достаточно плохо снабжаются техникой и бюджетными средствами на какие-либо нужды.

Вторая проблема – трудность к Интернет-доступу – может быть касается далеко не всех вузов в нашей стране, но в РТСУ на факультете журналистики на Интернет среди преподавателей необходимо выделить квоты, которые бы не только позволяли скачивать информацию, но и позволяли бы информацию загружать в Сеть. А студенты кафедр журналистики филологического факультета, за исключением редакции газеты «Студенческие вести» не имеют постоянного доступа в Интернет вообще.

Третья проблема заключается непосредственно в самой конвергенции, так как студенты в настоящее время делятся в процессе обучения по специализациям. С одной стороны, введение в вариативную часть государственной программы образования углубленного изучения видов СМИ – это несомненный плюс, но ресурсы вуза и количество выделенных на занятия часов не позволяют обучить каждого студента всем специализациям, по этой причине качественное освоение студентами конвергентной журналистики ставится под сомнение.

Четвертая проблема – это отсутствие в вузах специалистов, которые бы в одинаковой степени были теоретически и практически «подкованы» касательно всех видов СМИ. Так в РТСУ на кафедре Истории и теории электронных СМИ, где объединены учебные теле- и радио дисциплины в одну дисциплину, можно сказать, что никто из преподавателей телевидения и радио дисциплин не компетентны сразу в обоих видах СМИ.

Пятая проблема касается отсутствия необходимых учебных пособий и УМК по теме конвергенции в СМИ. Притом что такие пособия могут быть изданы и представлены в некоторых вузах страны, в большинстве вузов они всё-таки отсутствуют. Так в РТСУ на данный момент библиотеки, кабинеты методической литературы практически не имеют таких пособий.

Последняя проблема «вытекает» из предыдущих и относится к уровню профессионализма самих студентов при работе в конвергентной редакции, поскольку, во-первых, до тех пор, пока на факультетах не будет преподавателей, универсальных с точки зрения вида СМИ, знания студентам будут даваться не в полной мере. Во-вторых, подготовка студентов осложнена отсутствием доступной литературы по данной теме и, как мы уже говорили выше, зачастую техническими возможностями журналистской работы.

В качестве решения данных проблем и улучшения качества учебного процесса мы можем предложить следующие варианты.

1. Размещать материалы сначала не бесплатном Интернет-портале, при «раскрутке» сайта использовать платную подачу рекламы, что позволит «переехать» на платный хостинг с более широкими возможностями. Стоит оговориться, что получение даже самых небольших денежных средств при помощи работы студенческих редакций – это

трудоемкий и длительный процесс, который, полагаясь на наш опыт внедрения таких проектов, не всегда приводит к желаемому результату в отношении получения материальной прибыли.

2. Чтоб решить проблемы с отсутствием помещения и нерегулярным доступом в Интернет, можно перенести часть работы «сотрудников» учебной редакции на дом. Но есть риск того, что без присутствия преподавателя студенты будут выполнять свои задания менее качественно и оперативно, либо не будут зачастую выполнять их вообще.

3. Одним из возможных решений проблемы самой конвергенции является сокращение в вариативной части дисциплин специализаций (но в целом деление по специализациям необходимо сохранить для глубины освоения каждого вида СМИ) и введение ряда учебных дисциплин, касающихся непосредственно работы конвергентной редакции. При этом каждый из студентов будет иметь «свою» специализацию, и к тому же разбираться в работе других видов СМИ, знать специфику создания материалов каждого вида СМИ.

4. Отсутствие в вузах специалистов по конвергентной журналистике можно решить при помощи привлечения в качестве сотрудников вуза практиков из конвергентных редакций, а также в процессе повышения квалификации штатных преподавателей по данной теме (при помощи Школ журналистики, курсов повышения квалификации, лекций специалистов и так далее).

5. Проблема отсутствия в вузах необходимого количества литературы по конвергентным СМИ и пособий может решаться при помощи разработки собственных УМК по данным дисциплинам, публикациями преподавателями вуза собственных пособий и монографий по работе конвергентной редакции, а также посредством сотрудничества преподавателей факультетов журналистики различных вузов страны между собой, что позволит, не только обменятся опытом, но и ссылками на необходимую литературу.

Описанные нами в данной статье проблемы функционирования конвергентной редакции на примере отделения журналистики Российско-Таджикского (славянского) университета можно считать универсальными для многих вузов нашей страны, так как большинство из них находятся в одинаковых условиях существования и развития.

ЛИТЕРАТУРА

1. Вартанова Е. Л. К чему ведет конвергенция в СМИ. М.: Аспект-Пресс, 1999. - 186.
2. Шестеркина Л. П. Конвергентная редакция и подготовка журналиста универсального типа / Л. П. Шестеркина // Актуальные проблемы коммуникативистики в условиях глобализации информационного пространства : мат. IV Междунар. науч.-практ. конф. – Челябинск : Изд. центр ЮУрГУ, 2010. – С. 171.

ПРОБЛЕМЫ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ КОНВЕРГЕНТНОЙ РЕДАКЦИИ В ВУЗЕ (В РАМКАХ ЖУРНАЛИСТСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ)

В статье рассматриваются проблемы осуществления деятельности в высших учебных заведениях с журналистским образованием конвергентной редакции, связанные с ней области профессиональной деятельности, включая и сферу подготовки и переподготовки кадров.

Ключевые слова: образование, конвергентная журналистика, реклама, символы, ассоциативные образы, рекламное искусство, язык рекламы.

PROBLEMS OF FUNCTIONING OF CONVERGENT EDITION IN HIGH SCHOOL (IN THE FRAMEWORK OF JOURNALISTIC EDUCATION)

In the article the problems of realization of activity in higher educational establishments with the journalistic education convergent edition, related professional activities, include training and retraining.

Key words: education, convergent journalism, advertising, symbols, associative images, advertising art, the language of advertising.

Сведения об авторах: ***Муллоев Ш.Б.*** – доктор филологических наук, заведующий кафедрой печатных СМИ И PR РТСУ. Телефон: **93-500-57-50**

Аминов А.С. – кандидат филологических наук, доцент, заведующий кафедрой мировой литературы РТСУ. Телефон: **919-72-15-50**

ТАҲАВВУЛИ ЖАНРИ РЕПОРТАЖ
(*дар мисоли маводи матбуоти вилояти Сугд*)

С. Гулов, Д. Самадова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б.Ғафуров

Таҳаввулоти жанрӣ яке аз хусусиятҳои журналистикаи муосир мебошад. Агар ба жанрҳои дар даҳсолаи охир дар ВАО мавриди истифода қарордошта нигарем, мебинем, ки чӣ гуна ва ба чӣ тарз жанрҳо таҳаввул дидаанд. Дар баробари нигоҳ доштани аслҳо ва инчунин, унсурҳои ҷудогона қариб ҳамаи жанрҳо ба таҳаввулоту тагйирот дучор гардидаанд.

Яке аз чунин жанрҳо репортаж мебошад. Имрӯз мо бештар дар расонаҳо ба истилоҳи гузориш ба ҷойи репортаж дучор мешавем. Ҳарчанд истилоҳи гузориш дар нисбати жанри ҳисобот низ истифода мегардад, аммо асосан ҳангоми истифодаи истилоҳи гузориш жанри репортаж дар назар аст. Ба ин маъно профессор И. Усмонов хеле бамаврид қайд мекунад: «Калимаи репортажро дар тоҷикӣ айнан ба мазмуни гузориш, маълумкунӣ ифода кардан мумкин аст. Пас, репортёр мазмуни пурраи як воқеаро барои аудиторияи худ маълум мекунад, ҳамон тавре гузориш медиҳад, ки худ дидааст. Репортаж намои воқеа ба чашм ё аз диди репортёр аст» (4. 41).

Дар журналистика репортаж яке аз жанрҳои маъмул ва серистеъмол маҳсуб меёбад. Репортаж, аз сабаби он ки дар асоси шоҳидии журналист таҳия карда мешавад, ҳамеша арзиш ва аҳамияти ба худ хос дорад. Роҷеъ ба мафҳум, моҳият, сохтор ва хусусиятҳои жанрии репортаж аз ҷониби муҳаққиқон ва рӯзноманигорон мулоҳизаҳои ҷолиб баён гардида, ки ҳар яке дар шинохт ва истифодаи ин жанри серистеъмол заминаи мусоид фароҳам меоранд. Қариб ҳамаи муҳаққиқони журналистикаи тоҷик дар шинохти жанри репортаж назари ҳамсон доранд. Муҳаққиқон онро ба жанрҳои ахборӣ нисбат медиҳанд, ҳарчанд дар репортаж таҳлил низ мавҷуд аст. Аммо таҳлил дар репортаж барои рӯшан сохтани факт, яъне рӯйдод муҳим аст.

Профессор И. Усмонов қайд мекунад, ки репортаж ба он гурӯҳи жанрҳои хабарӣ мансуб аст, ки бо хусусияти айнии тасвири воқеаҳо фарқ мекунанд (4. 33). Ба назари А Нуралиев, репортаж таърихи воқеа мебошад, ки тасвири ҳодисаи содиршударо дар эҳсосоти бевоситаи журналист-шоҳид ва ширкаткунандаи он ба қалам медиҳад. Ҳодисаҳои аҳамияти ҷамъиятидошта асоси репортажро ташкил мекунанд (2. 97).

Муҳаққиқон А Саъдуллоев ва С Гулов репортажро жанри мутаҳаррики зинда номидаанд (3. 43). Ин муҳаққиқон зикр мекунанд, ки вай «баёнгари авзои факт ва воқеа аст. Вай лаҳазотеро тасвир намуда, ба ниҳонхонаҳои факт тарзе рӯшанӣ меандозад, ки жанри дигаре чунин қобилиятро надорад. Аз ҷумла, тафовути тасвири репортаж аз очерк он аст, ки агар дар жанрҳои бадеӣ-публитсистӣ таърихи хислату характер ба тасвир ояд, дар репортаж таърихи воқеа ва моҳияти ҷамъиятии он таҳқиқ мегардад (3. 44).

Ин андеша дар таҳқиқоти профессор Усмонов низ тақвият меёбад. «Дар репортаж на танҳо ҷузъиёти воқеа, балки муҳити воқеа, манзараи воқеа ҳам инъикос меёбад. Хонанда бояд бинад, ки дар чӣ ҷое, дар чӣ шароите воқеа ҷараён мегирад. Ин тасвир тасвири оддии бадеӣ нест, балки ин тасвирест, ки барои кушодани моҳияти масъала зарур аст» (4. 36).

Репортаж аз жанрҳоест, ки хусусияти худро дорад. Аксари муҳаққиқон дар муайян кардани ин хусусиятҳо назари ягона доранд. Аз ҷумла, профессор А. Нуралиев чунин менависад: «Хусусияти репортаж талаб мекунад, ки воқеаи тасвиршаванда дар инкишофу тараққиёт нишон дода шавад, яъне динамизми он ҳис карда шавад. Бинобар ин, забони репортаж оммафаҳм ва нисбатан мухтасар бояд бошад» (2. 101).

Профессор Муродов махсусияти репортажро ба таври мушаххас дар 8 банд муайян намудааст. Аз ҷумла, объекти репортаж, иштироки репортёр дар ҷойи воқеа, тасвири пайдарпайии воқеа, мавҷуд будани унсурҳои таҳлили образӣ, услуби нақд ва нисбатан фаъол будани шахсияти хабарнигор (1.115).

Яке аз хусусиятҳои репортаж бевосита ба ҳайси шоҳид иштирок намудани журналист дар ҷойи ҳодиса мебошад. Дигар аз талаботи репортаж ин аст, ки

журналист аз ҷойи воқеа ҷараёни онро бо маҳорат ва хосторҳои ба худаш хос ба тасвир мекашад.

Мо дар мисоли маводи матбуоти вилояти Сугд кӯшише кардем, ки то чӣ андоза риоя шудани талаботҳои жанрии репортажро ба мушоҳида гирем. Репортаже, ки дар рӯзномаи "Ҳақиқати Суғд" аз ҷониби мухбир Х. Тӯйчизода бо сарлавҳаи «Сайри харбуза» нашр шудааст, аз назари интихоби мавзӯъ хеле мувофиқ ва ҷолиб аст. Зеро таҷлили иди Харбуза аз рӯйи гуфти муаллиф дар кишвар бори аввал аст. Дар репортаж муаллиф чунин менигорад: "Ин ид барои он хотирмон шуд, ки бори аввал баргузор гардид. Албатта, чандин даҳсолаҳо пештар ҳам сайри харбуза барпо мешуд. Мардум махсусан, шаҳриён ба деҳот ба сайри харбуза мерафтанд ва дар полезҳои шиносу наздикони худ навъҳои гуногуни харбузаро чашида лаззат мебурданд» (Ҳақиқати 20. 06. 2005.) Ин ҷо ба таърих рӯй овардани муаллиф он қадар ҷоиз нест.

Ба андешаи профессор Иброҳим Усмонов, талаботи жанри репортаж дар ҷойи ҳодиса будани муаллиф ва иттилоъ додани он аз рафти ҳодиса мебошад (4. 35).

Репортажи мазкур ба баъзе аз меъёрҳои жанри гузориш ҷавобгӯ нест. Як нуқтаи тавзеҳталаб ин ҷо он аст, ки дар он танҳо аҳамиятнокии таҷлили ин ид таъкид шудаасту халос. Репортажи дигареро аз рӯзномаи мазкур метавон таҳлил кард, ки бахшида ба иди Наврӯз аст. Он зери сарлавҳаи «Наврӯз» бо қалами И.Рабиев навишта шудааст. Дар он оид ба таҷлили Наврӯз дар хоҷагии Саидхӯҷа Ӯрунхӯҷаев сухан меравад, вале таваҷҷуҳи журналист пурра ба ташрифи раиси вилояти Суғд Қосим Раҳбарович Қосимов шудааст. Дар он муаллиф чунин менигорад: "Соли ҷорӣ оғози кишту кори баҳорӣ аз ҷамъиятҳои саҳҳомии ноҳияи Б.Ғафуров ибтидо гирифт. Нахустин шуда деҳқонони бригадаи №33-и хоҷагии ба номи С.Урунхӯҷаев ба чигитпартоӣ оғоз карданд, ки ба ин муносибат бо иштироки деҳқонони кордида ҷамъомад доир гардид. Ташрифи раиси вилоят Қосим Раҳбарович Қосимов ба хоҷагии мазкур ба ҳамагон нишоти тоза бахшид". Сарлавҳа бо матн мувофиқат намекунад. Журналист метавонист рӯҳияи идонаи мардуми ин хоҷагиро тасвир кунад. Барпо гардидани ҷамъомад низ мавзӯи репортаж нест.

Дар репортажи дигар бо номи «Ба баҳор расидем, шукри зиёд!» роҷеъ ба корҳои омодагии ноҳияи Ғончӣ ба муносибати иди Наврӯз аз ҷониби Х. Раҳмонов таҳия гардидааст, чунин омадааст: «Ана дар чунин рӯзҳои бо сурури Наврузӣ моро имконият даст дод, ки бо як тан деҳқонзодаи ғончигӣ сарвари хоҷагии деҳқонии ба номи Азамат Умаралиев, фарди фурӯтану боғайрат Абдунабӣ Ҳошимов дар саҳро ҳамсуҳбат шавем. Айни вақт 50 гектар гандуми тирамоҳӣ парвариш мешавад. 800 гектар замини кишти баҳорӣ бошад, омода бо донрезӣ аст. Хоҷагӣ дорои техникаҳои зарурӣ мебошад» (Ҳақиқати.13.03. 2009).

Ҳарчанд дар мавод дар ҷойи воқеа будани худро журналист ифода намояд ҳам, аммо репортажи мазкур низ якранг ва маъмулист. Омодагӣ ба ҷашни Наврӯз фаромӯш шуда, рафти корҳои саҳроӣ нигошта шудааст.

Дар ҳафтавори хусусии "Вароруд" бошад, бештар репортажҳои тасвирӣ (фоторепортаж) ба чашм мерасанд. Репортажи тасвирии журналист Хулкар Юсупов бо номи «Школьный вальс с путёвкой в жизнь» аз таҷлили ҷашни Рӯзи хатмкунандагон дар мактабҳои миёна пешкаши муштариён шудааст. «Выпускной бал… Трогательный и веселый, романтичный и немножко грустный. Таким он обычно запоминается каждому кто навсегда расстается со школьной скамьёй. Вглядитесь по внимательнее в лица тех, кто запечатлён на этих фотографиях. Сколько счастья от того что все они теперь взрослые самостоятельные но вместе с тем столько грусти от того что уйдут юные годы. Интиҳои гузориш чунин аст: «Над стадионом звучат нежные напевы вальса. В плавном кружении по взрослевшие девушки и юноши прощаются с детством со школой. Одна пара выпускников, возможно войдёт в аудиторию престижных колледжей за рубежом, другая- она замуж пойдёт, а он в армию или в Россию, на заработки. Причём, каждый - заслуженный путёвкой в жизни при любом случае мы говорим им «в добрый путь». Муаллифи гузориш эҳсосоти хатмкунандагонро воқеӣ бо суханони пур аз эҳсос ба тасвир оварда, дили хонандаро ба ваҷд овардааст. Хонанда лаҳзаҳои хатми мактаби худро беихтиёр ба хотир меорад.

Дар репортажи Неъматулло Мирсаидов бо номи «Футболом дышит не только Европа» чоп шудааст. Чунончӣ: «В понедельник поздно вечером выйдя на улицу сделал открытие, по крайней мере для себя: у нас футбольных фанатов не меньше, чем в любой другой стране. Разумеется в процентном отношении от общего числа населения. Наблюдая за людьми которые толпами собирались у экранов

выставленных прилавок у торговцев и кафе телевизоров и активно болевших за совершенно чужие команды, подумал: а что было бы если сборная Таджикистана стала участником таких престижных турниров, как финал чемпионатов Европы или мира. Наверняка, нашлось бы много поклонников этого удивительного зрелища игры, которые, как 9 тысяч россиян, не пожалели бы средств, чтобы попасть на стадион на матч своих любимцев». Дар репортажи мазкур муаллиф мавзееро интихоб кардааст, ки ғайриодист ва дар баробари инъикоси тамошои футбол дар шаҳри Хуҷанд хонандаро ба ҳисси хештаншиносӣ талқин намудааст.

Дар нашрияи «Варорӯд» бо номи «Город надежды и любви» фоторепортажи журналист Хулкар Юсупов нашр шудааст, ки дар бораи рӯзҳои вилояти Суғд дар шаҳри Душанбе бахшида ба 80-солагии пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон нақл мекунад. Муаллиф хурсандии худро аз ин чорабинӣ чунин баён мекунад:

«…В тот вечер мы собрались с друзьями, которые вернулись из столицы полон впечатлений и восторга от того, как преобразился город Душанбе и как встречали жители столицы посланцев северного Таджикистана. В конце вечеринке, когда мы хотели разойтись, Бахтиёр Иргашев вновь запел на прощание». Репортажи мазкур низ бо 4 расм оро дода шудааст (Вароруд. 03. 11. 2008).

Ҳамин тариқ, метавон аз баррасии мавзӯи мазкур ба чунин хулоса расид:

- мазмун ва муҳтавои репортажҳое, ки дар рӯзномаҳои вилоят дарҷ гардидаанд, бештар хусусияти тавсифӣ дошта, фарогири чорабиниҳои ҳукуматӣ ва ҷамъиятӣ ҳастанд;

- репортаж дар рӯзномаҳо мавқеи назаррас дошта, ҳамчунин аз назари тасвири воқеа дар ҷолибии нигориш ва сатҳу сифати жанрӣ имтиёз дорад;

- репортажҳое, ки дар рӯзномаҳо ба нашр расидаанд, бо тасвир ва фарогирии мавзӯи муҳим ва ҷолиби ҷомеа хонданӣ ва ҷавобгӯ ба талаботи жанри мазкур ҳастанд.

А Д А Б И Ё Т

1. Муродов М. Асосҳои эҷоди журналистӣ / М Муродов.– Душанбе: Ирфон, 2014. – 256 с.
2. Нуралиев А. Жанрҳои ахбории матбуот / А Нуралиев. - Душанбе: Деваштич, 2004. -146 с.
3. Саъдуллоев А.Жанрҳои журналистикаи радио / А. Саъдуллоев, С Гулов. – Душанбе, 1997. – 48 с.
4. Усмонов И. Жанрҳои журналистика / И Усмонов.- Душанбе, 2009. – 138 с.

ЭВОЛЮЦИЯ ЖАНРА РЕПОРТАЖ

Жанровая эволюция является одним из особенностей современной журналистики. Если взглянуть на жанры, используемые в последнее десятилетие в СМИ, мы увидим как и каким образом они эволюционируют. С сохранением оригинальности, а также отдельных элементов, все жанры подверглись эволюции и изменениям. Одним из таких жанров является жанр репортажа. Авторы данной статьи опираясь на мнения признанных исследователей теории журналистики, показывают причины и факторы данных изменений и для укрепления своих мыслей приводят несколько примеров из периодических изданий Согдийской области. Причины и факторы изменений в жанре репортажа в основном зависят от стиля изложения и мастерства автора репортажа

Ключевые слова: журналистика, журналист, жанр, репортаж, СМИ, печать, автор, исследование, отражение, стилистика, перемены, причины, фактор.

THE EVOLUTION OF THE GENRE OF REPORTAGE

Genre evolution is one of the features of modern journalism. If you look at the genres used in the last decade in the media, we will see how and how they evolve. Preserving originality, as well as individual elements, all genres have evolved and changed. One such genre is the genre of reportage. The authors of this article based on the opinions of recognized researchers of the theory of journalism show the causes and factors of these changes and to strengthen their thoughts cite a few examples from periodicals Sughd region. causes and drivers of change in the genre of reportage mainly depend on the style and skill of the author of the report

Kev words: journalism, journalist, genre, report, media, print, author, research, reflection, style, change, cause, factor.

Сведения об авторах: ***С. Гулов*** - кандидат филологических наук, ТНУ. Телефон: **935-67-60-35.**
E-mail: gulsang@mail.ru
Д. Самадова - соискатель, ХГУ им.Б. Гафурова. E-mail: **dsamadova@mail.ru**

УСУЛ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ПРОБЛЕМАҲО ДАР АСАРИ БАДЕӢ

Ҷамила Раҳмонова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Ба очеркҳои ҳозира таваҷҷуҳ намуда, мушоҳида кардан мумкин аст, ки намунаи классикии тасвири хроникавии воқеаҳои таърихии рӯҳияи романтикӣ доштаро дар асарҳои ҳуҷҷатӣ дар очеркҳои алоҳидаи Ф. Муҳаммадиев, А. Сидқӣ, М. Наҷмиддинов, Шодмон Ҳаниф дучор меоем. Таҳқиқ ва баррасии ин ҷиҳатҳо «барои адабиётшиносии мо дар муайян кардани муҳтавои оғози романтикӣ»[1] барои насри мустанади мо аҳамияти калон дорад.

Аввали солҳои 60-ум Мутеулло Наҷмиддинов очерке бо номи «Якраҳа»[2] навишта буд. Очерк ба як маншаи раиси колхоз Бободӯстов ва Карима Сангинова бахшида шудааст. Очерк ончунон боҳавсала ва шавқовар иншо шудааст, ки хонанда ба идома ва анҷоми он интизор меистад. Очерк бо усули шавқоварсозии авантюристӣ оғоз меёбад: «Чанд рӯз пештар дар байни директори совхоз Бободӯстов ва сарзоотехник Карима Сангинова дар бораи як кор муноқишаи ҷиддие рӯй дод» (с. 35). Бо усули ретроспективӣ омилҳо ва сабабҳои ин муноқиша кушода мешавад.

Бободӯстов аз навъи он роҳбаронест, ки аз усулҳои куҳнаи кор истифода карда, аз навгонӣ дар фаъолияташ ҳарос дорад. Вай аз ҳолати доимии корҳо қаноатманд аст, дар марказ ва байни роҳбарони соҳаи зироаткорию чорводорӣ шиносҳои дастгир дорад. Дар оғоз ҳатто тасаввуроте пайдо мешавад, ки Бободӯстов роҳбари кордону ботаҳаммул асту Карима барин мутаххассисони ҷавон беҳуда ба ӯ эрод мегиранд. Гузашта аз ин, Бободӯстов ба сарзоотехники совхозаш бо мулоиматӣ муносибат карда, ӯро бо сулҳу салоҳ гусел карданӣ аст.

«-Ман ба ҳеҷ куҷо намеравам, ба ҳеҷ куҷо ронда ҳам наметавонед»[3]. Ин суханони Карима ба Бободӯстов аз бисёр монеаҳо дар сари роҳи роҳбари ноуҳдабаро гузошта қисса мекунанд. *Яъне, Каримаро на бо дағалӣ, на бо пул дода ба кори дигар гузаронидан, на бо дӯғу пӯписа, на бо гузоштани ҳар гуна доми фиребу найранг аз кор рондан, аз «ин зани шаттоҳ» халос шудан мумкин нест.* Пас барои Бободӯстов ва ҳамкорони ӯ (Ҳамдамов) як роҳ мемонад - бо ҳар роҳу воситае дур кардани сарзоотехник аз фаъолияти касбияш. Аввалин монеаи ихтироъкардаи раис ба чарогоҳ, ба рамаи гӯсфандон, ба пункти бордоркунии сунъӣ набурдани Карима аст. Дӯсти содиқи Бободӯстов, котиби комитети партиявии район Ҳамдамов, ба қавли худаш, бо суханҳои обдораш тухми сабру тамкинро дар дили Карима кориданӣ мешавад, таънаю маломаташ гувоҳ бар онанд, ки Бободӯстов «одами андак-мундак не», дар муносибат бо вай эҳтиёт шарт аст.

Очерк ба фикру мулоҳизаи Карима дар роҳи сӯи хона анҷом меёбад ва табиист, ки хонандаро сари сарнавишти қаҳрамон ба мулоҳиза мебарад.

Ҷиҳати хоси адабиёти бадеӣ образнокӣ аст. Он воситаи асосии ифодаи махсусияти адабиёт ва тасвири зебоӣ мебошад[4].

Адабиёт вобаста ба талаботи шароит ва вазъият мутафарриқ мешавад. Албатта, талаботи қонунмандиҳои он дар дар ин маврид ҳам чандон тағйир намеёбанд. Бо тақозои замон инъикоси ҳақиқат дигар гуна сурат мегирад. Дар ин ҳолат, муносибату баробарӣ, мувофиқату мувозинат низ каму беш, ошкорову пинҳонӣ, соддаву мураккаб зоҳир мегардад, ки дар натиҷа муаммои меъёри ҳақиқат дар суханро ба миён меорад. Нависандаи асилу соҳибтаҷриба тамоми ҷиҳатҳои моҳияти як шахс, ҳодиса, муаммо ё чизи дигарро дар як асар тарзе ҷо медиҳад, ки он маънии мавриди назарро басо нозукона ифода менамояд. Дар асри бист зери мафҳуми каломи бадеъ сухани образнок дониста шудааст, ки меъёри асосиаш аз тариқи образи бадеӣ иброз доштани ҳақиқат мебошад. Муҳаққиқони адабиёт ин ҳақиқатро ба воқеиву бадеӣ ихтисос додаанд. «Ҳақиқати бадеӣ бар пояи ҳақиқати воқеӣ бунёд меёбад, вале ин ду мафҳум як маъниро ифода менамоянд[5]. Ҳақиқати воқеӣ гуфта, ҳодисаю ҳолат, ашёву махлуқот ва амсоли онҳоро гуфтаанд, ки воқеан ҳам мавҷуд буданд ё мавҷуд хоҳанд буд. Ҳақиқати бадеӣ бошад, мундариҷаи ғоявиест, ки тавассути образ дар асар ифода меёбад. Ҳангоми таҳлили асарҳои зиёди адибони рус адабиётшиносон А. Бушмин, Ю. Озеров, Ю. Суровтсев ин ҷиҳатро таквият бахшида, ҳамзамон таъкид кардаанд, ки ҳақиқати воқеӣ низ агар аз ҷониби санъаткори бомасъулият ба тасвир ояд, аз нигоҳи таъсири эстетикӣ аз асарҳои дар зинаи ҳақиқати бадеӣ таълифшуда камӣ нахоҳад дошт[6]. Санъаткор ҳақиқати бадеиро дар заминаи ҳақиқати воқеӣ тавассути тахайюл эҷод мекунад. Ҳангоми баррасии бадеӣ муносибати нависанда ба объекти тасвир маълум мегардад ва бо ҷузъе таваҷҷуҳ

зоҳир мекунад, ё нафраташро ба чизи тасвиршуда баён медорад. Ба ёд меорем А.М. Горкийро, ки дар ин маврид тавзеҳи аҷибе дода буд: «Санъаткор ният дорад хубро аз будаш бештар тасвир намояд, то хуб хубтар шавад. Ва бадро, душману маслуккунандаи одамро низ аз будаш зиёд нишон медиҳад, то нафратро бедор кунаду иродаеро афрӯзад, ки айбу қабоҳати офаридаи зиндагии мешании ҳарису зиштро барҳам мезанад. Санъат дар зоти худ аз ду мубориза иборат аст: тарафдор ё муқобил. Санъати бетараф нест ва нахоҳад буд, зеро инсон аппарати суратгирӣ нест, воқеиятро «инъикос» наменамояд, балки ё тасдиқ мекунад ва ё тағйир медиҳад, хароб ё обод»[7].

Александр Рубашкин, ки нисфи зиёди фаъолияти хешро сарфи таҳқиқи публитсистикаи нависандагӣ кардааст, байни сухани санъаткорона ва сухани муқаррарии публисистӣ тафовути чандон зиёдеро ба мушоҳида намегирад[7]. Яъне, бо мурури вақту тағйири психологияи хонанда ё тамошобин ҳамвора бо дигаргуниҳои бемисли техникию равонӣ ва умуман коммуникатсияи муосир завқу талаби инсон ҳам тағйир меёбад, ҳини хондан ё дидан вай на тасвирҳои муҳташам, балки аслан ба муҳтавои умумӣ, тарзи тақвияти фикр ва баррасии муаммо эътибори бештар медиҳад. Маҳз аз ҳамин нигоҳ, агар нависанда воқеан ҳам шахсияти шинохтаи ҷомеа ва ба замми он эҷодкори соҳибқалам бошад, миёни навиштаҳояш (бигзор жанру услуби гуногун - публисистӣ, бадеӣ, рӯзноманигорӣ бошад) тафовути андак ба назар мерасад.

Повести Мутеулло Наҷмиддинов «Дарё маҷрои нав меҷӯяд» давоми мантиқии саргузашти Карима (фаъолияти Карима дар панорамаи васеъ) буда, аз нигоҳи принсипи муносибат ба воқеият қариб бетағйир омадааст. Албатта, нависанда аз рӯи талаботи асари бадеӣ ба сохтори он шахсҳои навро шомил карда, фаъолияти онҳоро бо тақозои персонажҳои асосӣ (Бободӯстов ва Сангинова) такмил медиҳад. Аммо воқеияти асар, андешаи он, авзои публитсистии асар ва қаҳрамони он чандон тағйир наёфтаанд. Ҳамзамон повестро ва очеркро як асар гуфтан нашояд. Ҳар кадоми онҳо вобаста ба талаботи жанр вазифаҳои худро иҷро карданд.

Дар очерки «Якраҳа» мо бо Бободӯстов, Карима ва Ҳамдамов шинос мешавем. Он ҷо маълум нест, ки Карима кист, чаро ба совхози «Кофарниҳон» омадааст, шавҳару фарзанд дорад, ё не. Ҳамин тавр, дар оғози повест хонанда бо тарҷумаи ҳоли оилавии Карима шинос мешавад. Ӯ ҷавонзани зебоест, ки духтари хурдсол - Лола ва шавҳари муҳаққиқашро танҳо гузошта, кӯҳ ба кӯҳ, чӯл ба чӯл, чарогоҳ ба чарогоҳ, рама ба рама гашта, бо чупонон ва сагҳои онҳо унс гирифта, паи зиёд кардани чорвои ҷамъият аз худгузариҳо истифода мекунад. Ҳамзамон дили нозуку ҳассос боз хосияти аҷиб дорад: бо андак сухани ноҷои шавҳар рӯзҳо қаҳрӣ мешавад, вале ба дағалӣ, ҳатто ҳақорату дашноми Бободӯстов тоқат карда, корашро то ба иҷро нарасонад, қафо намегардад.

Гуманизм табиатан иҷтимоист. Вай дар симои як кас ё гурӯҳе манфиатҳои халқ ва ҷомеаро ба таҳлил фаро мегирад. Хотираи инсон гузаштаро чун порае аз зуҳуроти неку бад ҳамеша ба намояндагони имрӯзу оянда пешкаш менамояд, аз ин рӯ, хотира яке аз намудҳои типологии қонунмандиҳои насри муосири реалистӣ маҳсуб шудааст. Реализм, ба пиндори Ю. Борев, ин тафаккури бадеӣ тавассути образи аз нигоҳи эстетикӣ ғанию рангоранг мебошад. (Борев Ю. Гуманизм советской литературы и литературный процесс XX века.- М, 1986). Тафовути асосии он аз модернизм ҳам дар ҳамин аст, образе, ки ҷузъ- ҷузъ омӯхта мешавад (ақидаи модернизм), манзараи кулли ҷаҳонро фаро намегирад, вай «инсони инсоншуда»-ро (Маркс К. Восемнадцатое брюмера Луи Бонапарта // Маркс К., Энгельс Ф. Избранные произведения. Т.Х.- М. 1966), ки «ноқили хислатҳои олии инсонист», намо намедиҳад».

Инъикоси инсони «муҳити ошно», воқеияте, ки ба ин ё он тарз ба хонандагон аз зиндагии ҳамарӯза маълумот медиҳад, дар адабиёти муосири тоҷик аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Адибони тоҷик зимни баррасии бадеии муаммоҳои инсони муосир ба он чиз низ эътибор медиҳанд, ки ин проблемаҳо дар заминаи ҳаёти муқаррарӣ, бо фаро гирифтани ҷиҳатҳои хубу бади зиндагӣ ҳаллу фасл гардад. Академик М. Шукуров дар мавриди ингуна асарҳо сухан ронда, онҳоро «дорои оҳанги публисистӣ ва равияи очеркӣ» гуфтаанд. (Таърихи адабиёти советии тоҷик. Насри солҳои 1945-1954.- Душанбе, 1980, с. 312). Чун оҳанги публисистӣ доштани асар ҳеҷ гоҳ маънии аз нигоҳи бадеият заиф будани онро талаққӣ намекунад, баръакс, агар мавзӯи асар ба замони муосир бахшида шуда бошад, тасвири воқеъгароёна авзои онро ба воқеияти мавҷуда наздик ва лаҳни гуфтори қаҳрамонро ба муосирон наздик мегардонад. Қиссаи «Дарё маҷрои нав меҷӯяд»-и Мутеулло

Наҷмиддинов (1968) ба таҳлилу таҳқиқи воқеияте нигаронида шудааст, ки муосиронро иҳота кардаю ба рушду камоли характери онон мусоидат кардааст.

Воқеияти ба тасвир кашидаи нависанда бо имтидоди худ чунон макону замонро пеш мегирад, ки дар он шахсиятҳо бо фаҳму фаросати ҳақиқӣ пеши назар меоянд, ҳатто муҳиташон ба тарзи фикру андеша онҳо мувофиқат мекунад. Ва ҷолибтар аз ҳама боз он аст, ки ремаркаҳои муаллифӣ, тасвири манзараҳо аз воқеияти баъдӣ нақл накунанд ҳам, аз рамузи сухани қаҳрамонон дарак медиҳанд, тарзи тафаккури иштирокдорони воқеаро гӯшрас менамоянд. «Мошини Бободӯстов аз домани суфакӯҳе гузашта рӯ ба фароз мерафт. Ҳамаашон ба фикру хаёли худ банд шуда буданд. Карима дар сари роҳи чарогоҳ аз паси онҳо нигарон монд. Шамол андак паст шуда, акнун барф меборид. Дар атроф хомӯшӣ, гӯё табиат бо тамоми ранг ба рангӣ ва деҳа бо одамонаш ба бистари хоб рафтаанд. Фақат мошини Бободӯстов ғурросзанон ба пеш мешитобаду Карима ғамгин ба ҷониби деҳа суст қадам мемонад. Боди сард аз шарқ шимол ва барфи тар меовард. Вай ба хонааш мерафту тасаввур мекард, ки Кофарниҳон бандаргоҳ аст, заврақи вай аз зӯри бод ба тарафи дигар шино карда, ба соҳили бегона наздик шудааст. Ана маҳалли аҳолнишин, то ба он расидан бояд бисёр бел занад. Лекин заврақро бод ба сӯи дигар мебарад. Бигзор вай азоби тагу рӯбарории мавҷҳоро бинад, аммо азоб кашад ҳам ба сангҳои соҳил рафта назанад, ба соҳили мурод рафта расад» (Одамон ва соҳилҳо, с. 26).

Дар асар рӯзгори писандидаи Сангинова мавриди баҳси адиб қарор дорад, ки тафаккури сариҳоҳии қаҳрамону тафсилҳои ноқил низ ба ниҳонхонаҳои хислати қаҳрамон иртибот пайдо кардааст.

Одатан одамони пасту разил аз ҳақиқат метарсанд. Карима бошад, дар тасвири нависанда тимсоли ҳақиқат аст. Бинобар ин, ба шакл гирифтани образи ин зани меҳнатӣ омилҳои гуногун таъсир мерасонанд. Ҳам драмаи оилавии Сангинова, ҳам андешаҳои ошиқона ва гоҳо соддалавҳонаи Ҳамзааливу Маҳмадалӣ, аз як тараф, ҳам рафтори гуногуни Бободӯстов дар ҳалли муаммо ва корҳои деҳқонию чорводорӣ бо ин ё он тарз Каримаро чун зани поку беолоиш, принсипиалию сангинирода пеши назар меоранд. Ҳатто характеристикаи Бободӯстов дар бораи ӯ аз характери «ногувор»-и Сангинова шаҳодат медиҳад.

«Ба чӯл меравам, гапи Карима. Район равам, гапи Карима. Вазорат равам, Карима, ин номро шунавам, дилам меларзад. Ҳамаи Каримаҳо дар назарам шум менамудагӣ шуда монданд. Як Карима дорем, говчӯш, як Карима дорем, пахтакор. Онҳо занҳои нағз. Кор ба ҷое расидааст, ки ҳамонҳоро бинам ҳам, табъам хира мешавад» (Одамон ва соҳилҳо, с. 24).

Мутеулло Наҷмиддинов дар симои Сангинова бисёр паҳлӯҳои характери мураккаби инсонро ба тасвир кашида, аз тариқи мунозираву муҳокимаронаҳо ва фикру андешаҳои шунавои худ ва худи Карима ҳолатҳои психологии қаҳрамонашро ошкор сохтанӣ шудааст. Яъне, лаҳзаҳои гуфтугӯи Карима бо духтараш Лола, муҳокимаҳои онҳо дар бораи зани директор, ки аксаран фақат барои бад кардани Бободӯстов оварда шудаанд, сурат мегиранд ва ба образи психологӣ будани Карима гувоҳӣ медиҳанд.

Бободӯстов тамоми чораҳоро мебинад, ки Карима дар дақиқаи «бекор» монданаш «бекор» нашинад. Ҳар фактро мулоҳиза кунад, тадбир андешад, ба чорачӯӣ вақт наёбад. Масалан, Карима бо путёвкаи ба колхози онҳо додашуда (агар ӯ наравад, ягон касе аз совхоз ба истироҳат рафтанӣ нест) ба кӯли Балатони Маҷористон рафтанист. Бободӯстов, ки барои забон кӯтоҳ кардани Карима аз ҳамаи имкониятҳо истифода мебарад, ба дасти Низом - кассири колхоз як даста пул дода мефиристад. «Каримахон ба хориҷа мераванд, ба магазинҳои ғайр аз ҷони одам ҳама чиз будагӣ медароянду, камхарҷ нашаванд» гуфтаст ӯ ба Низом. Карима ба андеша меравад. «Вай мувофиқи арзиши ин маблағ кор накардааст… Тулаган - полвон барои ёфтани ин маблағ тақрибан панҷ моҳ аз паи гӯсфандон мегардад, аммо ба Карима бекор медиҳанд». Карима сабаб ва омилҳои ин пуҳҳои бедардимиён пешаш гузоштаро таҳлил карда, ба олами андеша меравад. Ӯро панду андарзи падари бузургвораш аз ҷиноят раҳо мекунад. «Пули бе дарди миён ба мо насиб намекунад, як сӯми ҳаром даҳ сӯми ҳалоламонро кашола карда бурданаш мумкин. Нависанда ҳамроҳ бо Карима аъмоли ӯро ғоибона муҳокима мекунад. Усули нигориши ӯ аҷиб аст: «Ҳозир Карима ин пулро гирад, ба қатори қаҳрамони манфӣ медарояд, мулоҳиза меронад вай. Агар пулро нагирад, ба сурати қаҳрамони мусбат дохил мешавад, аммо баъд чӣ қадар таҳқир мебинад. Не, аз ӯ ман қаҳрамони манфӣ сохтанӣ нестам» Мудохилаи муаллиф ба тақдири Карима сабабҳои объективӣ дорад. Ӯ Каримаро аз хаёл набаровардааст, вай дар пеши назари ӯ ба камол расида ва дилсофона ба

ҷамъият хизмат расонидааст. Чунин шахс ба як-ду рӯйдод набояд олоида ба кори бад шавад, аз хаёл мегузаронад, нависанда. Дахолати ӯ ба тақдири қаҳрамон заминаи ин воқеияти асарро тақвият мебахшад.

Вақте ки Низом барои «кӯмак» ва «туҳфахарӣ» ба Карима пул медиҳад ва ӯ Ҳамзаалиев - котиби ташкилоти ҳизбиро ҷеғ зада пулро ба ӯ дода, барои боғчаи кӯдакон катча механд, нависанда бо нақл аз забони шахси сеюм рафтору кирдори Каримаро ба муҳокима мекашад. Гӯё каси дигаре байни онҳо раҳнамоӣ мекунад, ӯ чист ва ё кист, ба хонанда маълум карда намешавад, аммо аниқ аст, ки садои виҷдон ба гӯш мерасад. Ин садои ғайбӣ сухани нависанда буданаш аниқ аст, хонандаро бедарак ҳушдор медиҳад «Хуш, агар он рӯз вай ҳамон маблағро гирифта худро забонкӯтоҳ мекард, имрӯз ба Бободӯстов чӣ мегуфт? Ба ин маълумотномаи (ҳисобу китоби бардурӯғи гӯсфандон - Р. Ҷ.) бардурӯғ имзо гузошта наметавонист? Ҳеҷ як воқеа аз хотираи одам фаромӯш намешавад. Баду неки зиндагӣ абадӣ нақши худро мемонад, аз хотири одамҳо равад ҳам, дар дафтарҳо навишта мешавад» (с.22).

Ин фикр дер не, зуд, вақти ба ҳисобу китоби чорво, ба чарогоҳ рафтани директору мудири ферма, духтури ҳайвонот фош мегардад. Онҳо рахти сафар баста, бо амри Бободӯстов ба роҳ мебароянд.

- Раис «Сангинова набаромадааст, як дам сабр кардан даркор, - гуфт Маҳмадалӣ, ки дар байни онҳо чӣ гап гузашта, чӣ баҳс шуд, бехабар буд. Ин гап ба директор сахт нафорид.

- Ман манъ кардам, ба чӯл намеравад. Чӣ, шумо бе ӯ рафта наметавонад? Давраи ишқбозиатон гузаштаасту ин қадар хушомад задан барои чӣ?» (23).

Директор бо ин гапи худ чанд алами аз Карима дидааш, бахусус қиссаи пулдиҳиаш ба Каримаро ба ёд меорад. Илова ба он ин гуфтаи ӯ собит менамояд, ки барои расидан ба мақсадҳои нопоки худ, дар байни мутахассисон шармандаю беобрӯ гардондани ин «ишқи насиҳатнодида»-и Карима вай ба ҳаргуна туҳмату бухтон тайёр аст, «роҳу усул муҳим нест, муҳим натиҷа аст» мегӯяд ӯ ба такрор таҳқири рӯйрости Каримаро дар назар дошта. Дар муошират бо Маҳмадалӣ, Маллача ҷаҳони касифи ботинии раис фош карда шудааст - онҳо бо супориши раис аз назди Карима, ки «бо баррача дар дасташ дар хамгашти роҳ гӯё онҳоро мунтазир меистод» гузашта рафтанд, ин роҳи охирини ноодамгарӣ ва нотавонбинии Бободӯстов нисбати сарзоотехники совхоз буд.

Карима як рӯзи дароз асари ин таҳқирро аз дил равонда, худро таскин дода наметавонист. Ӯро на насиҳати Мария Ивановна, котибаи раис ва на панди ҳаёт таскин дода наметавонист. Асли гап дар маърифати ӯ буд. Вай чунин рафтори разилонаро таҳаммул карда наметавонист, ҷаҳони ботини вай дигар буд, ӯ ҳоло хуб ё бад будани рафторашро аниқ дарк карда наметавонист ва инро фаромӯш ҳам карда наметавонад.

Карима қобилияти таҳлилӣ дорад, вай ба дил ҳузн напарварад ҳам, зан аст, гоҳо дар дил орзуҳои занона мепарварад. Ҳама чизро партофта, аз баҳри «ихтисоси мардонааш» гузашта, хаёли ба хонааш баргаштан дорад. Мехоҳад, «ҳар рӯз се маҳал хӯрок пазад, чой дам карда, оварда пеши шавҳараш гузорад, фарши хона, дару тирезаи онро шӯяд, тоза пок кунад, ба ҷомашӯӣ ва сайқалу ҷило додани либосҳои худаш, шавҳару Лолааш машғул шавад, духтарчаашро нағз тарбия кунад, саҳариҳо шавҳарашро ба кор гуселонад, бегоҳиҳо дарро кушода пешвоз гирад, хонаашро обод кунад…» (с.29).

Аммо хаёл дигар асту амал дигар. Агар Карима аз паи амалӣ кардани рози хаёл равад, вай худро инкор мекунад, ба хиёнати шавҳараш розӣ мешавад, зеро вай дар зиндагӣ хиёнати занону шавҳаронашонро бисёр дида ва ё шунида бошад ҳам, «ин гуна қиссаҳои дуру дарози ошиқонаи шунидану диданаш дилбеҳузуркунандаро донад ҳам, вай ҳанӯз бо чашми худ, дар таҷрибаи ҳаёти оилавӣ надида буд» (30).

Муносибати атрофиён, кароҳати муошират бо мардони муҳит, хиёнати шавҳар, нодида гирифтани кору пайкори ӯ Каримаро рӯҳшикаста не, балки бошарафу дар иродатмандӣ қавӣ мегардонанд. Зиндагӣ чунон тангноҳои пурпечу хаме дорад, ки одам дар он тангноҳо монда, баъзан роҳи баромад намеёбад. Ҳақиқати зиндагиро ҳар кас ба таври худ мефаҳмад» (35).

Барои Карима, ки баъди фитнаҳои навбатии раис ҷаҳон як разилхонаро мемонад, ягона ҳақиқат ин умед аст. Ҳамон равзанае, ки ба дунёи тираи ӯ рушании андак мебахшад, ӯро аз афтодан, фано шудан ва билохир то охир мубориза бурдан қувват ва мадор мебахшад. Роҳи дигареро ӯ на фикр карда метавонад, на пеши назараш менамояд, на касе ба вай дар ин роҳ дастгир аст.

Дар ҳолатҳое, ки Карима сару калобаашро гум кард, сарҳисоби зиндагии нобасомонашро намеёбад, духтарчааш Лола мӯнису ғамгусори ӯст. Вай аз ӯ боисрор дархост мекунад, ки дадаашро ҷеғ зада биёрад, ё онҳо гапи бибиашро гирифта, ҳарду ба хонаи худашон, «ба назди дадаҷонаш раванд». Ӯ аз «Лолааш хурсанд аст», гарчи воқеаҳои нохушро ба одам мерасонад», аз он шод аст, ки ақли Лолааш даромада «ба ӯ меҳрубонӣ мекунад, ҳоли модарашро мепурсад». «Карима Лолаашро дар сари зонуаш шинонда аз сару рӯяш бӯсидаву хушҳол шуд, ки барои ҳасрат холӣ кардани дил духтарча дорад, ба ӯ ҳама гапро гуфта натавонад, ҳам, ба ҳар ҳол вай ҳам ҳолдон аст, фарзанд аст, танҳо мебуд, мемурд» (с. 310).

Нависанда Каримаро дар андешаронӣ танҳо намегузорад, ҳангоми танҳоӣ, бо Лолачааш будан, далелу фасли масъалаҳои ҷории ҳаётан муҳим, иштирок дар семинару ҷаласаҳои ҳизбию хоҷагӣ Карима ба ҳаводис аз диди диалектикӣ муносибат мекунад, омилҳои рушди ин ё он воқеаи ба ӯ вобаста бударо аз ҷиҳати субъективию объективӣ ба таҳлил мегирад. Гоҳо муаллиф аз баёни проблемаҳо ё ҳамроҳ мешавад, ё онро ба ихтиёри муҳокимаронияҳои шахсӣ вогузор карданӣ нашуда, ба шарҳу баёни публитсистӣ мегузарад. «Лектори душанбегӣ нутқашро бо фактҳои ҳаёти маҳаллӣ пурра ва пурмазмун карда, нисбат ба чор-панҷ сол пештар тараққӣ ёфтани маданияти бошандагони деҳот ва чӯпонҳои чорогоҳро қайд карда ва солҳои наздик аз ҷиҳати моддию маънавӣ зиндагонии мардум, алалхусус чӯпонҳо чӣ дараҷа тағйир меёбад, ба иштирокчиёни семинар маълумот дод…» Ингуна тасвирҳо на ба хислату характер, на ба фаъолияти пурчӯши кори Карима чизе зам намекунад.

Аммо ақидаи дигар ҳам ҳаст. Публитсистика танҳо ба қонунмандии академӣ, маорифпарварии зиёиёна мувофиқ нест. Вай пешгомтарин ғояҳоро фаро гирифта ҳамзамон идеяҳоеро дар шакли урён, аз рӯи эҳсоси шаҳрвандӣ низ талқин мекунад. Аз ин нуқтаи назар, гуфтори сирф хоси матбуотро ҳам дар асари бадеӣ пазируфтан мумкин аст. «Авзои публитсистии эҷодиёти бадеӣ на танҳо дар истифодаи проблемаҳои нақл, балки ҳаллу фасли мундариҷаи ғоявии асар ифода меёбад» (П. Карасев. Проблемы теории публицистики, с. 20). Шояд ба ҳамин сабаб муаллиф ҳангоми ёд бурдан аз ташкилоти партиявӣ онро мушкилкушои идеологӣ гуфта, тавсифҳои болохонадорро дареғ намедорад. Дар ҳамон идораҳои бонуфуз ҳам Карима хислату рафтори худро дигар намекунад. Барои вай як довар ҳаст - ҳақиқат. Аз гуфтани ҳақиқат дар ҳеҷ куҷо ҳазар намекунад. Масалан, вақти қабули ӯ ба узви ҳизб ба муроҷиати котиби аввал мегӯяд:

- Ман чӣ ҳам мегӯям «Бободӯстов қатӣ бо муросою мадоро кор мекунам»- гуфта ваъда карданам чунин маъно медиҳад, ки ихтиёрро ба дасти он кас дода монам, ки ба кадом тараф хоҳанд, кашола карда баранд…

Ин суханронии Карима чашми кормандони масъули ноҳияро кушода монд. Онҳо дар симои ҳам Бободӯстов ва ҳам худи Карима шахсиятҳои то ҳол кашфнашударо шинохтанд. Вай ҳарчи меъёри ҳақиқат талаб мекард, гуфт ва аз муҳокимаи бюро рамуз гирифта, «ба қафо баргашта аз пасаш оҳиста дарро пӯшида рафт». Нависанда бо ин ҷумла тазоди маънавии ботини қаҳрамонашро ифода карда, вале барои мутмаин шудани дигарон аз номи худ илова мекунад: «Карима бо роҳи калон шитобон мерафт. Вай гӯё бори вазнинеро аз дӯши худ дур андохта буд, худро сабук ҳис мекард». Дар чунин маврид ҳатто ғайбати мардҳо, ки бо мақсади паст задани Карима гуфта мешуданду гоҳу ногоҳ ба гӯши вай ҳам мерасид, чун таъриф садо медод. «Баробарии ҳуқуқи марду зан пештар дар гап буд. Ҳозир сад фоиз дар амал шудагӣ. Зан, ки зоотехник шуда дар чӯл, дар кӯҳу кӯтал мегардад, зан намекардагӣ кор намонд, гуфтан гиред, гапро маъқул мекард Маҳмадалӣ» (64).

Маншаи Қудрат Бободӯстов бо Карима Сангинова гӯё охир надорад. Ӯ гоҳ дар сӯҳбати мардона, гоҳ рӯёрӯ бо раис, гоҳ *арақ дар даст* дар кабинети директор намо медиҳад. Вале як чиз аниқ аст. Ӯ оқибат пирӯз хоҳад шуд, зеро Бободӯстов чун ниҳоли пири фартут ҳарчанд об хӯрад ҳам, решааш ба рӯи замин баромада, аз хок берун мондааст. Ҳатто аризаи ба Бободӯстов додаи ӯ, ки ниҳояти талош аз рӯи ихтисос буд, далел бар он аст, ки умри Бободӯстовҳо ба охир расидааст.

Аммо Бободӯстов аз пиндори Карима сахтҷонтар аст. Ӯ аз зин фаромада бошад ҳам (гапашро дар Комитети марказӣ, Вазорат, райком маъқул намекунанд), бо макру ҳиллаи тоза ба тоза бо Карима мубориза карданист. Яке аз чунин иғвоҳо ба мошини Қаҳҳор шинонда ба назди чӯпонҳо фиристодани Карима ва дар роҳ ба ӯ дастдарозӣ кардани Қаҳҳор аст. Оқибати ин найранги фалокатбор тамоми сирру асрори бюракратияи кӯҳнаро фош месозад. Образи Карима дар повест ҳамчун як шахси кордон, мутахассиси олидараҷа, зани баиффати мубориз, намунаи ахлоқи воло фақат

дар муҳориба бо қувваҳои бад, (ки дар асар миқдорашон хеле зиёд аст, нишон дода шудааст), ҳаллу фасл мегардад.

Зимнан, муносибати қаҳрамонон дар повест хонандаро ба ҳайрат меорад. Ана, чанд мисол: Бободӯстов бо таклифи зани лейтенанти калон Хосиятбону ба хонаи вай меравад, бо зани дӯсташ боданӯшӣ мекунад ва фақат, азбаски худи Хосият ҳатто шабро дар канори ӯ ба рӯз мерасонад, зани хеле баоқибат ва боирода аст. Бободӯстов барин шахси багурдаю якрав баъдтар вайро зани худ интихоб мекунад. Карима ҳам Ҳамзаалиевро ба хонааш даъват менамояд. Ба ӯ хушгапиҳо дорад, изҳори ақида мекунад, аз ҳиссиёташ пай бурдан мумкин, ки дар чунин лаҳза рафтори ӯ аз рафтори Хосият фарқе надорад. Инро баъдтар нависанда фош мегӯяд.

Карима баъди рафтани Муҳиб ба хонаи Ҳамзаалиев меравад ва барнамегардад: «Он шаб Карима мувофиқи савганди худ амал карда буд»[8] Аммо ин ҳам ҳеҷ гап не. Аҷиб аст, ки дар «дарё маҷрои нав меҷӯяд» қаҳрамони асосиро нависанда «аз об хушк мебарорад». Ҳамзаалиев баъди як шаб бо Карима будан аз баҳри ӯ мегузарад, яъне «гуноҳи азим содир намекунад». Муҳиб - номзади илм даст ба осмони пурситора бардошта, аз он, ки Карима худро ба бағали ӯ раво надидааст, дуои бад мекунад, аммо аз ин чандон хафа ҳам нест, зеро нависанда исбот кардааст, ки ӯ «бо якчанд зан шинос шуда буд, дар ҳар ҷо барои ӯ ягон зан пайдо мешуд, ки вақташро хуш гузаронад». Бо вуҷуди ин ҳама дар охир маълум мешавад, ки «як марди хушсурат» кӯчи Каримаро бо мошин ба марказ бурда истодааст. Маълум, ки мард Муҳиб ва «зани сарсафеди солхӯрда» модаркалони Лола аст. Аз ҳама аҷибаш, боварибахш набаромадани портрету характери Бободӯстов аст. Бо вуҷуди чунин мураккабиҳои рафтораш ӯ низ дар охири повест мӯъмину мусулмон шуда, аз ҳамаи кардаҳояш пушаймон гашта, молу ҳоли бедарди миён ғункардаашро чун қаландар тақсим карда, «поку беолоиш» бо замин хайру хуш мекунад. Нависанда ин лаҳзаро ҷамъбаст карда мегӯяд, ки «ба марги бисёр касон бовар намекарданд, зеро дар хаёли ҳеҷ кас набуд, ки вай ба ин осонӣ ва ба зудӣ мемурад» (с. 199). Ин гап барои он оварда шудааст, ки дар ҳаёт сахтҷон будани зарпечакҳое ба мисли Бободӯстовҳо таъкид карда шавад. Аммо, ин ҷо таъкид бояд кард, ки чун ба ҳалли дигар образҳо, хонанда ба фарҷоми Бободӯстов бовар намекунад.

«Бидонед, тиҳидастӣ балост ва бадтар ба тиҳидастӣ бемории ҷисм аст ва бадтар аз маризӣ бемории рӯҳ аст»- ин ҳадиси ҳазрати Муҳаммади пайғамбарро(С) Бободӯстов қисм-қисм дар сарнавишти хеш санҷида ва дами реҳлат корҳое мекунад, ки ҳадиси дигаре ба ёд меояд: ҳар кӣ бадӣ кард, вале қабл аз падруд бо олам ба даргоҳи худовандӣ тавба орад, авф хоҳад шуд. Бободӯстов мариз аст, омилҳои ин беморӣ зиёданд - моли мардумхӯрӣ, хиёнат ба дӯстон, раво дидани ҷабр ба тобеон, ғундоштани сарвати беҳисоб, ғарию айёшӣ. Вале дар охир хонанда ба бунёди беолоиши ӯ қариб бовар мекунад: пулҳои дар касса доштаашро ба фарзандон баробар, балки аз рӯи эҳтиёҷ тақсим карда, «Волга»-ро ба совхоз мебахшад, гӯсфандони аз чӯпонҳо ба сиёсат ҷамъовардаро ба соҳибонашон ва ҳатто ба совхоз бармегардонад. «Гиред, - гуфт ӯ- хотирҷамъ мурам». Бе ҳеҷ азоб, осуда ба ҳақдор супурдани ҷон гувоҳи ин аст, ки нависанда ҳам андак-андак ҷонибдори ӯст. Вале хонанда Бободӯстовро намебахшад, зеро дар муҳит ва воқеияте, ки ӯ мезист, «нақши аъмоли бадаш» зиёд боқист ва ягон-ягон қаҳрамононе, ки «ноолуда» мондаанд, бо нафрат бошад ҳам, Бободӯстовро ёд мекунанд.

1. Ба ҳамин тариқ повести «Дарё маҷрои нав меҷӯяд», дар асоси очерки «якраҳа» навишта шудааст ва комилан воқеаҳои дар ҳаёт мавҷударо фаро мегирад.

2. Дар повест бофтаи хаёл ва вонамуд барои ҷолибу таъсирбахш баромадани асар истифода шудаанд. Дар адабиёти тоҷик бо чунин мисолҳо дучор шудан мумкин аст («Қиссаи Зайнаббибӣ»- и Ф. Муҳаммадиев ва ғ.)

4. Эпштейн М.Н. Парадоксы новизны. О литературном развитии XIX— XX веков/ М.Н. Эпштейн. -М., 1988 – С. 380
5. Черепахов М.С. Проблемы теории публицистики/ М.С. Черепахов. – М., 1973. – С. 20.
6. Заславский Д. Избранныые произведения/ Д.Заславский. – М., 1960. -Т. 1-2. – С. 25.
7. Прохоров Е.П. Публицист и действительность/ Е.П. Прохоров. – МГУ, 1973. – С. 6.
8. Здоровега В.В. В мастерской публициста/ В.В. Здоровега. – Львов, 1969. – С. 12
9. Прохоров Е.П. Публицист и действительность/ Е.П. Прохоров. – МГУ, 1973 – С. 106
10. Усмонов И.К. Назарияи публицистика/ И.К.Усмонов. – Душанбе, 1999. – 100 с.
11. Коханова Л.А. Основы теории журналистики/ Л.А.Коханова, А.А. Калмыков– М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2009. – С.131.
12. Нуралиев А.Н. Информационные жанры печати/ А.Н.Нуралиев, Н.И.Брукер, А.А. Афсахзод. – Душанбе, 2005. – С.16.
13. Хамидов И.И. Место корпоративной прессы в современной таджикской журналистике. Автореферат диссертации на соискание ученой степени кандидата филологических наук / И.И. Хамидов.– Душанбе, 2010. – С.21
14. Мизроб С. Спортивки и нация // СССР. – 2011. – №25(146). – 23 июня.
15. Хасанова Т. СМИ и политическое противостояние в Республике Таджикистан/ Т.Хасанова. – Душанбе, 2011. – С.41.

ВЗАИМООБУСЛОВЛЕННОСТЬ ЖАНРОВОЙ СПЕЦИФИКИ И «ИНФОРМАЦИОННОЙ» НАПОЛНЕННОСТИ СТРУКТУРЫ ТЕКСТА

Автор статьи на основе классификации жанров современной таджикской журналистики определяет роль и место жанров отдельных печатных и электронных СМИ Таджикистана, выявляет особенности их применения.

Ключевые слова: жанры журналистики, таджикская журналистика, теория журналистики, журналистский текст, печатные СМИ, электронные СМИ, публицистический стиль, конвергентная журналистика.

INTERDEPENDENCE GENRE AND "INFORMATION" FULLNESS OF THE STRUCTURE OF THE TEXT

The author of the article based on the classification of genres of modern Taiik journalism defines the role and place of genres separate print and electronic media of Taiikistan, reveals the features of their application.

Kev words: magazines, Taiik journalism, theory of journalism, journalistic text, print media, electronic media, journalistic style, convergent journalism/

Сведения об авторе: ***А.А. Рахимов*** **-** доцент кафедры истории и теории журналистики и электронных СМИ Российско - Таджикского (Славянского) университета. Телефон**: 918-62-21-21.** E-mail: **rtsu ok @ mail ru**

НИГОҲЕ БА САЙРИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ МУСТАҚИЛ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД

З. Сатторова
Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров

Пайдоиш ва ташаккули матбуоти мустақил дар вилояти Суғд ба воқеоти сиёсию иҷтимоии ҷумҳурӣ дар ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта пайванди қавӣ дорад. Ҷунбишу ҳаракатҳои ҷамъиятиву сиёсӣ баробари ба миён омадани худ ҷиҳати пешбурди фаъолиятҳо таъсиси матбуоти худиро аз аввалин омилҳои таҳаввулот эътироф намуданд. Ҳатто, дар он рӯзгор бисёре аз рӯзномаҳои вилоятиву ноҳиявӣ аз нашрияи кумитаҳои ҳизби Коммунист будан даст кашида, худро нашрияҳои мардумӣ эълон карданд.

Нахустин рӯзномаи ғайриҳукуматӣ дар шимоли Тоҷикистон нашрияи «Ориён» ба шумор меравад, ки онро соли 1992 созмони вилоятии ҳизби Демократии Тоҷикистон таъсис дод. Сармуҳаррири нахустини он журналист ва шоир Қувватбеки Давлат буда, ҳамроҳ бо дигар кормандони эҷодӣ тавонист ки «Ориён»-ро ба ҳафтавори маъруф табдил диҳад. Масъалаҳои мубрами иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии вилоят дар саҳифаҳои ин рӯзнома аз манзари интиқодӣ инъикоси худро ёфтанд. Азбаски рӯзномаи «Ориён» нашрияи ҳизбӣ буд, хоҳу нохоҳ дар инъикоси масоили гуногуни ҳаёт бештар назари ҲДТ-ро инъикос мекард ва аз ормони ин ҳизб ҳимоят менамуд.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ бошад, бо қарори Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти «Ориён» боздошта шуд. Моҳи январи соли 2000 нашрияи «Ориён» дубора ба қайд гирифта шуд ва бо сардабирии Абдулмаҷиди Бобоҷониён то моҳи апрели ҳамон сол 10 шумора ба табъ расид. Баъдан, бино ба мушкилоти молиявии ҲДТ рӯзномаи «Ориён» аз фаъолият бозмонд.

Баъд аз раҳоии рӯзномаҳои «Ҳақиқати Ленинобод», «Ленинабадская правда» аз инҳисори ақидавии ҳизби Коммунист кумитаи вилоятии ҳизби Коммунисти Тоҷикистон муддате бе нашрияи чопӣ монд. Соли 1992 кумитаи вилоятии ҲКТ бо номи «Эътиқод» нашрияи ҳизбии худро интишор дод. Шумораи аввалини он 4 июли соли 1992 ба нашр расид, ки сардабири он журналист Лумониддин Камолиддинов буд. 8 октябри соли 1992 кумитаҳои шаҳриву ноҳиявии ҲКТ дар Истаравшан, Ашт, Ғончӣ, Шаҳристон ва Зафаробод бо номи «Заҳматкаш» нашрияи минтақавӣ таъсис доданд, ки ҳанӯз ҳар моҳ ва баъзан, дар ду моҳ як бор зери раҳнамоии сардабири нашрия Сайфулло Маҳкамов ба дасти чоп мерасад.

Соли 2000-ум нашрияи комиҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд бо номи «Сухани халқ» таъсис ёфт, ки то ба ҳанӯз фаъолияти босамар дорад. Дар саҳифаҳои нашрия масоили мубрами иҷтимоию иқтисодӣ ба таври барҷаста инъикос мегардад. Навиштаҳои Абдусабури Абдуваҳҳоб, Оқили Фозил, Додохони Эгамзод, Мардони Қурбон ва Моҳираи Раҳимзод беҳтарин матолиби нашрия ба шумор рафта, дар онҳо таҳлилҳои амиқ роҷеъ ба паҳлӯҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа сурат гирифтааст.

Созмони вилоятии ҳаракати Ваҳдат ва эҳёи миллии Тоҷикистон бошад, нашрияе бо номи «Шӯълаи умед» таъсис дод, ки аз соли 1997 ба ин сӯ ҳамчун моҳнома ба табъ мерасад.

Ин қофилаи нашрияҳои ҳизбӣ, ки баъди истиқрори сулҳи тоҷикон дар вилояти Суғд таъсис ёфт, заминаҳои нахустини рушди матбуоти вилояти Суғд унвон мешаванд.

Соли 1997 нахустин шумораи нашрияи адабию фарҳангии «Гулбонг» ба табъ расид, ки муассис ва сардабираш Қувватбеки Давлат мебошад. Бо сабаби мушкилоти молиявӣ то ин дам танҳо 27 шумораи ин нашрия ба дасти чоп расидаасту халос.

Гузашта аз ин, намояндагон ва кормандони ин нашрияҳои ҳизбӣ дар натиҷаи такомули ҳирфаиашон дар оянда барои худ баҳри созмон додани нашрияҳои хусусӣ заминаи устувор гузошта тавонистанд. Барои исботи ин гуфта метавон ба фаъолияти журналистии аксари онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуд, ки дар оянда соҳиби нашрияҳои пурнуфузи хусусии вилоятӣ гаштанд. Масалан, Додохони Эгамзод ба созмон додани як қатор нашрияҳо, аз қабили «Нилуфар», «Лочин», «Ноҳид», «Варзишёр», «Лаку Пак» муваффақ шуд. Муҳаррири нашрияи «Ориён» Абдулмаҷиди Бобоҷониён ба нашри нахустин рӯзномаи алтернативии ғайриҳукуматӣ бо унвони «Суғд» муваффақ гардид, ки ба унвони яке аз рӯзномаҳои бонуфуз ва ошкоргӯйи вилояти Суғд

эътироф шудааст*. Дар он журналистони варзида Наҷмиддини Шоҳинбод, Ҷӯра Юсуфӣ, Нуъмони Раҷаб, Абдулмаҷиди Бобоҷониён, Маҳмудҷон Дадобоев ва дигарон шарафмандона бо навиштаҳои публитсистӣ ва таҳлилияшон дар муддати кӯтоҳ маъруфияти бесобиқаро ба даст оварданд.

Аз моҳи январи соли 2001 бо дастгирии САҲА Оҷонсии иттилоотии «Варорӯд» ба фаъолият шурӯъ кард. Муассисони ҳафтавор Илҳом Ҷамолов, Бобоҷон Икромов, Маъруф Махкамов буда, ҳафтае ду бор бо забони русӣ варақаи иттилоотӣ ва моҳе як бор маҷмӯаи таҳлилӣ пахш мешуд.

Аз якуми январи соли 2002 ОИТ «Варорӯд» ҳафтаномаи ҳамноми худ-«Варорӯд»-ро таъсис дод, ки ба яке аз нашрияҳои пурнуфузи на танҳо вилояти Суғд, балки тамоми ҷумҳурӣ табдил ёфт. Ҳамин тариқ, аз моҳи январи соли 2002 Оҷонсии иттилоотӣ-таҳлилии «Варорӯд» (муассисонаш Илҳоми Ҷамолиён. Бобоҷон Икромов, М. Маҳкамов) тибқи лоиҳаи Илҳоми Ҷамолиён нашри ҳафтаномаи «Варорӯд»-ро бо дастгирии молиявии Созмони амният ва ҳамкории Аврупо бо забони русӣ оғоз шуд.

Ҳафтаномаи «Варорӯд» аз моҳи сентябри соли 2005 бо ду забон: русӣ ва тоҷикӣ нашр мешуд. Аз моҳи июли соли 2009 пурра ба забони тоҷикӣ нашр мешавад.

Тӯли анқариб даҳ соли мавҷудияташ кормандони эҷодии ҳафтанома борҳо ғолиби озмунҳои журналистии ватаниву хориҷӣ гардидаанд. Соли 2004 ҳафтаномаи «Варорӯд» барандаи ҷоизаи Иттифоқи журналистони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба номи Абулқосим Лоҳутӣ гардид.

Сармуҳаррири «Варорӯд» аз ибтидои таъсисаш то ин дам рӯзноманигор ва адиби маъруфи кишвар Бобоҷон Икромов мебошад. Рӯзноманигори шинохта Неъматулло Мирсаидов омири кул (директор)-и «Варорӯд» аст.

«Варорӯд» ба мактаби воқеии тарбияи журналистони асри навин табдил ёфтааст. Солҳои гуногун журналистони машҳури асри кишвар ва хориҷ аз он ба амсоли Ҳулкар Юсупов, Искандари Фирӯз, Наргис Зокирова, Алишер Махатов, Набиюллоҳ Суннатӣ, Мадина Сайфуддинова, Тилав расулзода, Анна Клюева, Искандар Рустамов, Абдурасул Ҳабибов, Шоҳин Равшан, Иқбол Тешаев, Баҳром Файзуллоев, Ҳусен Назруллоев, Ҷовид Ниёзӣ, Зайниддин Орифӣ, Наҷмиддини Шоҳинбод, Неъматулло Ҷӯраев, Таня Звонникова, Дилбар Абдумуратова, Мадина Обидова, Мунира Икромова, Дилафрӯз Ҷамолова, Анвар Олим ва дигарон дар нашрияи мазкур кору фаъолият кардаанд.

Журналистони кишварҳои ҳамсоя Ойбек Ҳамидов (Қирғизистон), Вагиф Оромбеков (Қирғизистон), Гарун Машуров (Ӯзбекистон) ва дигарон бо ҳафтанома ҳамкорӣ доштанд.

Алҳол «Варорӯд» дар қаламрави вилояти Суғд ягона нашрияи мустақили ҷамъиятӣ-сиёсӣ аст, ки бо вуҷуди мушкилоти молиявӣ ҳар ду ҳафта нашр мешавад. Роҳбарону кормандони он Илҳоми Ҷамолиён, Бобоҷон Икромов, Неъматулло Мирсаидов, Ҷӯра Юсуфӣ, Светлана Балтина, Муҳайё Қаюмова, Қурбоналӣ Маҷидӣ, Гулҷаҳон Турсунзода, Бахтиёр Валиев, веростор Ҳалим Ҳомидов, паҳнкунанда Сайфулло Юсуфов барои хушсифат ба табъ расидан ва дастраси хонандагон гардидани ҳафтанома кӯшиш ба харҷ медиҳанд.

Моҳи майи соли 2001 нашрияи мустақиле бо номи «Тоҷикони дунё» ба фаъолият шурӯъ кард, ки муассис ва муҳаррираш Акрамалӣ Ҳасанов буд. Дар аввалҳо ин нашрия ҳафтае як бор чоп мешуд. Бар асари вазъи ногувори молиявӣ «Тоҷикони дунё» моҳе як бор нашр мешуд ва ҳоло бошад ин нашрия комилан аз фаъолият бозмондааст. Дар давоми фаъолияти кӯтоҳи хеш нашрияи мазкур тавонист, ки дар инъикоси на танҳо масоили фарҳангӣ ва таҳкими ҳамкориҳои тоҷикони саросари ҷаҳон нақши муассире гузорад, балки интишори маводи таҳлиливу танқидӣ дар саҳифаҳои он нашрияро ба унвони рӯзномаи минбари озодандешӣ муаррифӣ намуд.

Ин аст, ки дар ишорат ба мақом ва ҷойгоҳи ин нашрия дар таҷассуми фазои фарҳангӣ ва ба истилоҳ рушди журналистикаи фарҳангии тоҷик корманди радиои «Замона», ки дар Ҳоланд фаъол аст, Шаҳзода Назарова матолибе навишта ҷойгоҳи онро дар асри имрӯз ба таври зайл таъкид намудааст: «Дар ҷаҳони фарроҳи рӯзноманигорӣ се муҳаррireро мешиносам, ки тамоми ҳастии худро дар хидмат ба фарҳангу адаби мардуми хеш вогузоштаанд. Аввал, сардабири маҷаллаи «Бухоро» (чопи Эрон) Алии Деҳбошӣ; дувум, собиқ сардабири рӯзномаи «Тоҷикони дунё»(чопи Ҳуҷанд) Тоҷикистон ва сеюмӣ, сардабири рӯзномаи «Бухорои шариф» Исо Раҷабов [1].

* Бо дастгирии САҲА ва Оҷонсии амрикоии рушди ШАГО аз 20 сентябри соли 2000-ум

Аз оғози соли 2001 барои наврасон ҳафтавори хусусие бо номи «Корвони умед» (муассисон Сайфулло Маҳкамов, Раҳимҷон Фозилов, Носирҷон Азизов, Ҳусейн Нарзуллоев, Бахтиёр Ӯлмасов) созмон дода шуд, ки то ба ҳол фаъолияти он ҷараён дорад.

Соли 2002 ду нашрияи нави хусусӣ дар вилоят арзи вуҷуд карданд, ки ҳарду ба забони русӣ мебошанд. Ин нашрияҳои нав «Без посредника» ва «Про...» буда, бештар хусусияти рекламавӣ ва фароғатӣ доштанд. Давоми фаъолияти хеш ин ду нашрия ба таври ройгон ба аҳолӣ тақсим шуданд.

Ҳамаи нашрияҳои ғайриҳукуматии вилояти Суғд он мушкилотеро пеши рӯ доранд, ки дигар нашрияҳои ҳамсонашон дар ҷумҳурӣ мувоҷеҳи онҳо ҳастанд. Ин мушкилот, пеш аз ҳама ба камбуди иқтисодӣ ва бунёди моддию техникии ҷаридаҳо пайванд мегирад, ки ба талаботи матбуоти муосир посухгӯ нестанд.

Тавре журналист Искандар Фирӯз менависад: «Бисёр васоити ахбори оммаи вилоят дар дастрас намудани иттилоот душворӣ мекашанд. Бо ин сабаб ва паст будани маҳорати касбии журналистон сокинони вилоят иттилоотро бештар аз ВАО-и Русия, асосан, аз РТР ва ОРТ мегиранд, ки ин иттилоот асосан, бозгӯйи манфиатҳои сиёсии худи Русия мебошанд. Маълум, ки масъалаи дастрасии иттилоот ба сокинони қисмати шимолии мамлакат ҳалли таъҷилӣ мехоҳад»[2].

Бо вуҷуди ин, ба андешаи Искандар имрӯз публитсистика ва журналистикаи ҳавзаи Суғд тавонист, ки бо муваққатан интишор шудани рӯзномаву ҳафтаномаҳо фазои ҳолии иттилоотиро пур намояд.

Соли 2011 нашрияи мустақили «Дам» бо кӯшиши журналист Ҷӯрак Юсуфӣ таъсис ёфт, ки ҳоло моҳе ду маротиба нашр мешавад. Ин рӯзнома низ дар таҷассуми фазои сиёсиву иқтисодӣ ва адабиву фарҳангии вилоят нақши муассир дорад. Дар он рӯзноманигорони шинохта Ҷӯра Юсуфӣ, Аъзами Хуҷаста ва дигарон фаъолият доранд.

Дар маҷмӯъ, бо такя бар таваҷҷуҳ ба таҳқиқи сайри таърихии рушди матбуоти мустақил дар вилояти Суғд метавон ба ин натиҷа расид, ки нахуст дар заминаи фаъолияти созмонҳои мустақили ҳизбӣ матбуоти хусусӣ ҳанӯз дар даҳсолаи охири асри гузашта шакл гирифта, баъдан боз ҳам бо ривоҷи муносибатҳои навин суръати муайяне касб намуд. Ҳарчанд қисмате аз рӯзномаҳои мустақил бар асари мушкилоти молӣ натавонистанд, ки фаъолияти бардавомеро соҳиб шаванд, аммо ташаккули матбуоти мустақил тавассути чанд рӯзнома дар ин сарзамин шакл гирифт, ки яке аз онҳо «Варорӯд» мебошад.

А Д А Б И Ё Т

1. Искандар Фирӯз. Новые независимы СМИ Таджикистане / Фирӯз Искандар // СМИ и право, 2001.- №4. -С.10.
2. Шаҳзода Назарова. Се чашма ва ё се чашми бино, ки ба мо менигарад. Акрамалӣ Ҳасанов. Номаи ёдгор / Назарова Шаҳзода. -Душанбе: Шуҷоиён, 2011. - С.203.

ИСТОРИЧЕСКИЙ ЭКСКУРС В РАЗВИТИЕ НЕЗАВИСИМОЙ ПРЕССЫ В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ

В данной статье исследовано развитие независимой прессы в Согдийской области. Автор постарался изучить развитие независимой прессы в северном Таджикистане и в самом Таджикистане.

Ключевые слова: пресса, независимые газеты, Согдийская область, публицистика, журналистика, «Вароруд», «Согд», информационный центр.

HISTORICAL BACKGROUND TO THE DEVELOPMENT OF THE INDEPENDENT PRESS IN SUGHD

This article investigated the development of the independent press in the Sughd region. The author has tried to study the development of the independent press in Northern Tajikistan in Tajikistan.

Key words: press, an independent newspaper, Sogd region, journalism, journalism, Varorud", "Sogdiana", information center.

Сведения об авторе: ***З. Сатторова*** - соискатель кафедры журналистики и теории перевода Худжандского государственного университета им.Б. Гафурова

МАКТАБИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС

И. Ашуров
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Такмили ихтисос дар ҳама давру замон ва дар ҳама кишварҳо ва дар тамоми соҳаҳо аз восилаҳои муҳимми инкишофи интеллектуалӣ ва касбӣ ба ҳисоб меравад. Маъмулан, такмили ихтисос чанд ҳолатро дар бар мегирад: такмили ихтисоси одамони маълумоти олидор, такмили ихтисоси мутахассисони ҷавон, такмили ихтисоси мутахассисони бидуни маълумоти олӣ, такмили ихтисоси ашхоси касбдигаркарда ва ғайра. Дар соҳаи журналистика ҳам ҳамин мақсаду меъёрҳо дар такмили ихтисоси эҷодкорон ба мушоҳида мерасад.

Дар шароити имрӯза чанд шакли такмили ихтисоси кормандони васоити иртиботи ҳамагонӣ ба мушоҳида мерасад:

1. Такмили ихтисоси муассисон ва муҳаррирони масъули нашрияҳо.

Ин чиз бештар дар Тоҷикистони имрӯза хислати сиёсӣ дорад. Маъмулан, онро грантдиҳандагони хориҷӣ дар дохили кишвар ва берун аз он ташкил медиҳанд ва бештари масъалаҳое, ки дар онҳо баррасӣ мешаванд, бо проблемаҳои ҳуқуқ ва озодии фаъолияти ВАО дахл менамоянд.

2. Такмили ихтисоси омӯзгорони ихтисоси журналистика. Ин хислати илмию методӣ дошта, онро ду муассиса таъйин карда метавонад. Дар иртибот ба ин муассисаҳо мавзӯъ ва мақсади ин курсҳо низ муайян карда мешаванд:

а) вазорати маориф ва илм. Дар ин ҳолат мақсади асосӣ муайян кардани мувофиқати барномаи таълимӣ ба раванди таълим, мавҷуд будан бо навиштани китобу барномаҳои дарсӣ, муайян кардани тарзи дарс, мувофиқати меъёри дарс ба фаъолияти журналистӣ аст.

б) такмили ихтисос бо дастгирии барномаи грантдиҳандагони хориҷӣ ва байналмилалӣ. Ин ҳам маъмулан, барои омӯзгорон аст ва ба барномаи таълимӣ такя мекунад. Аммо асоси мақсад дар чунин омӯзишҳо ба предметҳои маъмулии дарсӣ не, балки ба проблемаҳои заминии марбут ба ВАО - ҳуқуқи ВАО, озодии ВАО, масъалаи гендер ва ВАО, одоби ВАО ва ҳимояи он аз нигоҳи ВАО вобаста мешавад. Метавон мактаби тобистона барои муаллимони журналистикаи мактабҳои олиро мисол оварда. «Соли 2006 Барномаи ВАО-и шуъбаи тоҷикистонии Институти «Ҷамъияти кушода» Бунёди мадад дар ҳамдастӣ бо факултает ва чор шуъбаи журналистикаи мактабҳои олии Тоҷикистон нахустин мактаби тобистонаро гузарониданд. Устодони ДМТ, Донишгоҳи славянӣ, донишгоҳҳои хуҷанд ва Қӯрғонтеппа, инчунин намояндагони донишгоҳҳои Хоруғу Кӯлоб дар яке аз гӯшаҳои зебоманзари Тоҷикистон – дараи Варзоб тӯли як ҳафта дарс гузаштанд. Курси омӯзишӣ, ки беш аз 100 соатро дарбар мегирифт, бояд тадриси журналистикаро ба зинаи сифатан нав бароварда, табодули таҷрибаро дар ин самт ба роҳ мемонд.» (1. 3).

в) созмонҳои байналмилалӣ дар дохили кишвар ва берун аз он такмили ихтисоси журналистони амалкунандаро низ ташкил медиҳанд ва он бо чанд роҳ амалӣ мешавад:

- таҳсилоти тобистонаи як ё дуҳафтаӣ, ки бештар ба мавзӯҳои инъикосшаванда ва ҳуқуқу озодии ВАО вобаста мешаванд. Мехи заррини чунин мактабҳои такмили ихтисос мутахассисе мебошанд, ки аз берун даъват мешаванд;

- такмили ихтисоси гурӯҳии журналистон, ки аз рӯйи барномаи ягона барои то 8-10 нафар берун аз кишвар ташкил карда мешавад ва мақсади он шиносоӣ ва таблиғи идораи системаи ахбор дар мамлакатҳое аст, ки дар барнома муайян шудааст;

- такмили ихтисоси инфиродии журналист, ки он ба таври алоҳида барои муддатҳои гуногун, аз 2 ҳафта то 1 сол дар кишварҳои дигар таъсис дода мешавад. Барномаи он мавзӯъҳои касбӣ ва назариявиро дар бар мегирад ва сайқали касб дар воситаҳои ахбор сурат мегирад. Яке аз мақсадҳои аслии ин такмил ба вуҷуд овардани фаҳмиши нав дар матни журналистӣ аст.

г) такмили ихтисос бо роҳи ташкил додани мактабҳои гуногунмуддати инкишофи маҳорати касбӣ дар дохили кишвар аст. Ин гуна мактабҳо бо муддатҳои кӯтоҳу дароз таъсис мешаванд ва маъмулан, дар онҳо ду вазифа дар назар аст:

- такмили ихтисоси касбии журналистӣ;

- омӯзиши таҷрибаи журналистони боистеъдод.

Яке аз намунаҳои чунин таълим «Мактаби мустақили журналистика – Тоҷикистон асри 21»-и «Азия-плюс» аст, ки аз соли 2001 амал мекунад ва дар

фаъолияти он барои таълими мутахассисони ҷавон олимони соҳаи журналистика ва публитсистони бомаҳорат ҷалб карда шудаанд. Мақсади аввалиндараҷаи ин мактаб воқеан ҳам такмил додани маҳорати эҷодию касбии журналистон буд, аз ин сабаб дар барномаи он масъалаҳои марбут ба жанрҳои публитсистика, таҳрири матн, интихоби мавзӯъ, истифодаи савол дар таҳлил ва жанри мусоҳиба ҷойи хос дошт.

д) ташкили маҳфилҳо ва курсҳои кӯтоҳмуддат барои журналистон бо маҳдуд кардан дар мавзӯъ, жанр ё проблема. Масалан, соли 2013 маҳфили дурӯзаи журналистикаи сиёсӣ ва машғулияти якҳафтаинаи журналистика ва озодии виҷдон амал намуданд.

Яке аз маҳфилҳои такмили ихтисос курс-конференсияи якҳафтаинае мебошад, ки охири моҳи майи соли 2014 Фонди Ҷамъиятии «Гуфтугӯйи тамаддунҳо», Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Шӯрои воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис додаанд:

Фонди Ҷамъиятии «Гуфтугӯйи тамаддунҳо», Иттифоқи журналистони Тоҷикистон, Шӯрои Воситаҳои ахбори оммаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дастгирии Сомонаи WWW.Dialog.tj барои журналистон ва муҳаққиқони ҷавоне, ки дар мавзӯи тамаддун ва геополитикаи Осиёи Марказӣ менависанд ва таҳқиқ мекунанд, аз 26 то 31 майи соли 2014 курси омӯзишии якҳафтаина баргузор намуд (2).

Ба ин даври омӯзишӣ ҳудуди 10 нафар журналистон ва муҳаққиқони ҷавон аз идораи нашрияҳо, сомонаҳои интернетӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмӣ фаро гирифта шуданд.

Ҳадаф аз баргузории курси омӯзишӣ мусоидат намудан ба баланд бардоштани сатҳи маърифати сиёсию фарҳангии рӯзноманигорони ҷавон дар инъикоси проблемаҳои байналхалқӣ, фаҳмиш ва дарки дурусти масоили муносибатҳои сиёсию иҷтимоӣ ва фарҳангии давлатҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар шароити кунунии равандҳои ҷаҳонишавӣ ба хотири ноилгардӣ ба журналистикаи хушсифат буд.

Барои гузаронидани машғулиятҳо бо усулҳои лексияи мухтасар, суҳбат ва саволу ҷавоб, сиёсатшиносону фарҳангшиносони ватанӣ ва намояндагони сафоратҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, намояндагони созмонҳои байналмилалии мустақар дар Тоҷикистон, инчунин роҳбарони нашрияҳои пешбари ҷумҳурӣ даъват шудаанд.

Махсусияти ин маҳфил чунин буд, ки ҳар рӯз се мақом як соатӣ дарс медод: намояндаи ягон сафорат ё созмони байналмилалӣ, як сиёсатшинос, як нафар роҳбар ё масъули ВАО-и тоҷик. Як мавзӯъ аз се нуқтаи назар, се соҳа – дипломатия, сиёсатшиносӣ, журналистика баррасӣ мешуд. Дар маҳфил намояндагони САҲА, сафоратҳои Афғонистон, Россия, Қазоқистон, олимону фарҳангшиносоне чун А. Сатторзода, С. Сафаров, П. Муллоҷонов, Ф. Усмонов, Н. Мирзоев, роҳбарони ВАО А. Саттор, С. Дустов, А. Юлдошев, Н. Давлат мавзӯъҳо ва роҳҳои инъикоси мавзӯъро шарҳ доданд.

Такмили ихтисоси журналистика дар системаи омӯзиши касбӣ як омили муҳимми беҳтар кардани муҳтаво ва сурати ВАО аст, зеро касби эҷодӣ ба такмили доимӣ ва маҳорат эҳтиёҷ дорад. Махсусан, дар замони мо, ки воситаҳои ахбор рӯз ба рӯз аз нигоҳи техникӣ сифатан нав мешаванд, зарурати ба он мувофиқ гардонидани матн, такмили жанрҳо, муайян кардани проблемаҳо аз омилҳои муҳимми баланд бардоштани маҳорати касбӣ мебошанд. Ҳамчунон таззодҳои геополитикии имрӯза зарурати пайваста омӯхтани ҷараёни воқеаҳоро тақозо мекунад, ки ин аз вазифаҳои аслии такмили ихтисос маҳсуб мешавад.

А Д А Б И Ё Т

1.Олимова Рухшона. Чаро мо ба ин иқдом даст задем?/ Рухшона Олимова. // Маҷмӯаи мақолаҳо оид ба таҳсилоти журналистӣ. - Душанбе, 2008. -С. 192.
2.http://tojnews.org/kurs-konferensiyai-ibrohim-usmonov-baroi-jirnalisto-ni-javon

ШКОЛА УСОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ КВАЛИФИКАЦИИ

Автор в данной статье рассматривает тему усовершенствования квалификации журналистов и преподавателей факультетов журналистики. Автор делает акцент на то что усовершенствование квалификации специалистов сферы журналистики в системе профессионального обучения является важным фактором улучшения содержания и формы СМИ, так как творческие профессии требуют постоянного усовершенствования и мастерства. Особенно в современный период, когда методы вещания с технической точки зрения качественно видоизменяются, требуется соответствовать новым реалиям и требованиям, что и требует усовершенствования профессиональных навыков и мастерства.

Ключевые слова: журналистика, журналист, кадры СМИ, преподаватели журналистики, школа, мастерство, журналистский текст, обучение журналистов, практика, журналистская практика.

SCHOOL IMPROVEMENT SKILLS

The author of this article considers the topic of improvement of professional skills of journalists and teachers of journalism. The author focuses on the fact that the improvement of qualification of specialists in the sphere of journalism in the system of vocational training is an important factor in improving the content and form of the media as creative professions require continuous improvement and excellence. Especially in the modern period, when methods of broadcasting from a technical point of view qualitatively change required to meet the new realities and requirements that need enhancement of professional skills.

Kev words: journalism, journalist, media frames, journalism professors, school, skills, journalistic text, the training of journalists, the practice, the practice of journalism.

Сведения об авторе: ***И. Ашуров*** - соискатель кафедры международной журналистики ТНУ.
Телефон: **937-00-99-77.** E-mail: **ilhomashurov_85@mail.ru**

ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ҲУҶҶАТ ДАР ФИЛМИ МУСТАНАД

Д.Х. Бобоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Функсияҳои тарбиявӣ, ташвиқотии санъати синамои муосир дар ҷараёни ташкилдиҳии шахсияти замонавӣ, ки аз тарафи давлат ва миллати тоҷик дар назди коргарони санъати тоҷик гузошта шудааст, нақши муҳиммеро мебозад.

Реализм дар назди коргарони саҳнаи театр ва ё майдони синамо дар ҳақиқат, имкониятҳои фарохеро барои васеъ кардани ҳудуди ҷустуҷӯ, ташаккули сабкҳои нави саҳнавию синамоиро ифшо месозад. Яке аз чунин тағйирёбии сабкӣ, ки мақоми хоссаеро дар санъати намоиши синамо ишғол кардааст, ки моҳияти амиқ ва муҳимми ҷамъиятӣ-сиёсӣ дорад, шакли публитсистӣ (рҷзноманигорӣ)-и аёнро саршор аст.

Дар рӯзноманигории саҳнавӣ имконияти тартиботи ҳуҷҷатӣ (мустанадӣ) ва осори бадеӣ, ҳақиқат ва тахайюлот (бофта) дар як намуди махсусан намоёне зоҳир мегарданд. Саҳеҳӣ, муҳиммӣ ва боваринокии бисёре аз филмҳои публитсистӣ одатан, аз рӯйи дараҷаи ҳуҷҷатнокии воқеаҳои бавуқӯъомадаи саҳна ё ҳаҷм ва сифати истифодабарии новобастаи ин ё он маълумоти ҳуҷҷатӣ муайян карда мешавад. “Публитсистика номуайяниро иҷозат намедиҳад”- нависта буд дар бораи спектакли публитсистӣ П.А. Марков[1], ки ин навишта ба филми мустанад низ баъдан пайваста гаштааст.

Зоҳир шудани ҳуҷҷат дар муҳтавои спектакли саҳнавӣ ё филми мустанад аксаран аз рӯйи кӯшишҳои тамошобин, дарки донандагони (моҳир) синамоӣ, ба тарзи аниқ ва дақиқ ба тартиб даровардан, ки ин ё он ҳодиса дар ҳақиқат ба кадом намуд ба вуқӯъ омада буд, муайян карда мешавад.

Дар бисёр маворид метавон дид, ки чӣ тавр тадриҷан таваҷҷуҳи мардум ба ин ё он ҳодиса, зуҳурот, ашё, ки бо сабабе дар замони худ маълумоти ахбории худро надоштанд, ё бо гузашти замон ҷанбаҳои нави худи ҳамин ҳодиса, зуҳурот ё ҷараёни баамалоии он (протсес) ифшо гаштаанд, зиёд мешавад ва ё бо мурури замон ҷанбаҳои дигари ин ҳодиса, объект ё раванди он ифшо мегардад.

Ҳуҷҷат дар филми муосир ин натиҷаи болоравии таваҷҷуҳ ба қаҳрамонии абармардони ватанамон, фаъолияти шахсиятҳои таърихӣ, дар охир ҳуҷҷат-воқеаномаи ҳодисаҳои баамаломадаи ҳаминрӯза, дарҷи дақиқи он ҷараёни бунёдкоронаи сохтори ҷамъияти соҳибистиқлоли мо, ки дар он ҳамарӯза дар мадди аввал шаҳодати ҳаққонии қаҳрамонии асили мо нуҳуфтааст, мебошад. Аз ин ҷо тарзи тарбиявии маънавии ҳақиқат, воқеанигорӣ, ки бомаҳорат дар амалияи саҳнавӣ истифода бурда мешавад, меафзояд.

На ҳамаи намоишҳои дорои нишонаҳои таърихӣ асари (таснифотӣ) публитсистӣ, синамоӣ буда метавонанд. Дар навбати худ на ҳамаи филмҳои публитсистӣ ба таври ҳатмӣ фақат сохтори сужети табиати ҳуҷҷатидоштаи онро ва иҷозати мавзӯъро пешбинӣ менамояд. Аммо он чи ки ҳуҷҷат дар тинати драматургияи синамо ба ҳалли публитсистии саҳна кашиш дорад, табиист, зеро мақсади истифодабарии ҳуҷҷат дар филм бештар ташвиқот аст, ҳатто дар тасвири қаҳрамонҳои бадеӣ-публитсистӣ ва услубҳое, ки асоси ҷараёни ташаккули шахсияти фардии муосирро ташкил медиҳанд, дар мадди назар аст.

Бо ҳуқуқҳои баробар бо драммаи ҳаётӣ, ҳаҷвиёт, сабкҳои хурди ҳаҷвӣ, фоҷиаи классикӣ ва дигар сабкҳои драмавӣ дар саҳнаи муосир хабарнигорӣ, воқеанома (хроника), памфлет, назароти сиёсӣ низ мушоҳида карда мешаванд.

Истилоҳи “спектакли публитсистӣ” нав нест, аммо истилоҳи «синамои публитсистӣ» нав аст. Аз ин рӯ дар бисёр мавридҳо дар соҳаи таърихи синамо ва интишороти нақшҳои синамоӣ-танқидӣ метавон дид, ки ин мафҳум ҳамчун муродифи ҳисси шаҳрвандӣ истифода мешавад, дар баъзе мавридҳо ҳамчун хусусияти дарҷшавандаи рӯҳбаландкунии қаҳрамонҳои асар барои ҷудо сохтани сохтори вақтии он ва нисбат ба ин камтар ҳамчун таъиноти охиршуда (тамомият) ва пуррагии тартиботи сохтори бадеиятии филм, ки хосси намуди асари саҳнавию майдонӣ аст, мавриди истифода аст.

Ҳамаи ин суханҳоро метавон ба кинодраматургҳо, драманависон, актёрон, режиссёрон ва рассомони муосири мо мутааллиқ донист.

Ҳамчун раванди фикрӣ- бадеӣ ва мавқеияти ҷаҳонбинӣ, ки ҳамчун ҳисси шаҳрвандӣ дар эҷодиёт инъикос ёфтааст, публитсистикаи он дар мадди аввал гузошта мешавад, ки ин дар эҷодиёти офарандагони санъати театрии шӯравӣ дида мешавад. Вай ба монанди чунин намояндагон К.С. Станиславский, В. Немирович, И. Данченко ва В.Э. Мейерхолд режиссёрон ва актёрони давраи на он қадар қаблӣ ва муосирро намудор кардааст ва ҳамзамон ҳамин раванд ба филми мустанади ин кишвари собиқ таъсир расонидааст.

Ҳаҷми ин мақола, албатта, имкони ифшои пурраи сохтор ва хусусиятҳои ҳамаи намудҳои сабкҳои филми публитси стиро дода наметавонад. Мақсади мо ин аст, ки бо мақсади умумии навишта розӣ шуда бештар он асарҳои публитсистии саҳнавиро, ки дар асоси худ хусусиятҳои ҳуҷҷатӣ доранд, дида бароем.

Даъватнокӣ ва дастрасии дарки афкор дар шакли бадеӣ яке аз хусусиятҳои хоси спектакли солҳои баъдиинқилобӣ гашта буд, ки филмҳои мустанади хроникавии Кузин ва Гузелен дар Тоҷикфилм намунаи беҳтарини он ҳастанд, ки дар фонди синамои тоҷик то ба имрӯз ҳамчун як гӯшаи таърихи мардуми тоҷик нигоҳдорӣ карда мешаванд.

Тарзҳои асосии нишондиҳандаи синамои ташвиқотӣ плакат-даъватҳо ва тазоҳурот шуда буданд. Дар ин бора Г. Демосфенова менависад: “...плакат - санъати омма мардумӣ аст. Аз ҳамин сабаб шароитҳои асосӣ барои нумӯи плакати сиёсӣ дар мадди аввал тараққипарварӣ ва мардумии моҳияти фикрии он мебошад ва сониян, ин имконияти ба тарзи фарох паҳн кардани афкор аст”.[2]

Аз ин ҷо қувваи ҳаётии ин намуди тарғиботи санъатӣ дар филмҳои ҳуҷҷатӣ ва ҳатто бадеӣ низ мавриди истифода қарор гирифт. Плакат дар филмҳои солҳои аввали баъди мустақилият шаклҳои бологирии қаҳрамонӣ бурроии сатирикӣ, тинати фасоҳатии тез, ки то арши иғроқ мерасид, ба худ мегирифт, ки мо инро дар аксари филмҳои пас аз истиқлолияти тоҷик, бахусус филмҳои ҳуҷҷатии «Бист соли истиқлолият» хеле хуб мебинем ва дарк менамоем. Масалан, филми мустанади «Сомониён» дорои чунин лаҳзаҳост ва аз шоҳ, сарфи назар он ки вай ботадбир аст ва ё на, пурра шахси одил сохта намешавад ва нашояд, чунки давлати ӯ ба вай ва ба авлоди вай тааллуқ дорад, на ба халқ, сохтор монархӣ аст, на чун дар Рими қадим парлумонӣ ва ҳатто ҳамон давлати парламонии Рим ва Юнони қадимро низ соф халқӣ гуфтан хатост, чунки дар он ғуломон ва синфи поёнии ҷомеамуздурон ва ҳатто қаҳрамононе чун Спартак, ки гладиатор буд, дар ин парлумони аҳди қадим овоз надоштанд. Пас, чӣ расад доир ба давлатҳои монархӣ, ки шоҳ идора менамояд ва ӯ як шахс аст, ҳадс задан?!

Нуктаи назарӣ болоро ба назар гирифта А.В. Луначарский спектаклҳое, ки дар онҳо ба тарзи фаъол шаклҳои плакатӣ истифода мешуданд, таъкид карда менависад: “Онҳо монанданд ба плакатҳое, ки аз рӯйи хусусиятҳои доштаашон хеле фоидаоваранд. Дар плакатҳо нақшаҳоро (фигура) хеле дақиқ, камтар дағалона - бе замина менависанд. Иборат будан аз расм шарти асосии плакат нест. Вай намехоҳад ҳақиқатро бо кулли лаппишоти рангинкунандаи он, ҷилваи рангҳоро инъикос намояд. Вай орзуи рассомро, ки дар муддати тӯлонӣ дар рӯйи матоъ бо тамоми пуррагиаш дарҷ мешавад, намедиҳад. Плакати сайёр, зарбазан ва тамоюлдор (яктарафа) аст. Вай на аз карикатура, на аз таъсири фоҷиабори азҳадгузаранда дар

ҳарос мебошад”.[3] Ин андешаро метавонем ба филмҳои болои ҳамбаста гардонем, ки воқеан, чунин ҳолро дорад.

Лекин барои “зарбазан ва яктарафа” будан синамои мустанад ва ҳамчунин бадеии таърихӣ мекӯшид ва бо ин роҳ чорчӯбаҳои анъанавии аудиторияи тамошобини худро фарохтар созад. Дар ин ҳолат баъзан, нимбадеҳагӯйӣ, ки бо шавқи публитсистии фаъолияти ҳудудии дорои тарғиботи кушод ва бе миёнарав, ки ба омма, яъне бисёри тамошобинон равона мешавад, ба вуҷуд меомад. Дар намоишҳое, ки ҳам актёрони моҳир ва ҳам намояндагони гуногуни коллективҳои ҷудогона иштирок мекарданд, сараввал ҳуҷҷат ба тарзи фаъол истифода бурда мешавад, ки ин дар синамои мустанад хеле хуб ба назар расида, ифодагари диди муаллиф буда, тавассути экрани телевизион он имрӯз оммавӣ гардонида мешавад, ки филми мустанади пас аз бозсозии горбачёвии тоҷик аз ин назар холӣ нест.

А Д А Б И Ё Т

1. Марков П. Правда театра. Статья / П Марков.- М., 1965. -С 445.
2. Демосфенова Г. Плакат в годы иностранной военной интервенции и гражданской войны. - “советский политический плакат”. Сборник / Г. Демосфенова.- М., 1962. -С. 10.
3. Луначарский А.В. О театре и драматургии”. Избраные статьи в 2-х томах / А.В. Луначарский. -М., 1958. Т.1. -С138.
4. Муратов С.А. Документальный телефильм. Незаконченная биография / С.А Муратов.– М.: ВК, 2009.
5. Сагалаева Ю. Возвращение в Кучугуры / Ю.Сагалаева.- Москва. 1999.
6. Юровский А.Я. Телевидение – поиски и решения / А.Я. Юровский. 2-е издания., доп. -М., 1983.
7. Леонтьев А. Спектакль? Нет фильм А., Леонтьев, А Донатов. // Лит.газ. 1960.
8. Р. Борецкий, А. Телевидение – это искусство / Р Борецкий, А Григорьян, Л Дмитриев. //1957.
9. Нечай О.Д. Фильм у нас дома / О.Д. Нечай. -Минск, 1974.
10. Копылова Р.Д. Телевидение плюс минус кино / Р.Д Копылова // В зеркале критики. -М., 1985.

ВЛИЯНИЕ АКТУАЛЬНОЙ ДЕЙСТВИТЕЛЬНОСТИ И БЕЗОТЛАГАТЕЛЬНОСТИ ДОКУМЕНТОВ В ДОКУМЕНТАЛЬНОМ ФИЛЬМЕ

Подводя итоги документальных фильмов периода независимости на основе их сравнения с публицистическими спектаклями, автор приходит к выводу, что в этих сценических произведениях мы можем наблюдать действительность, основанную на конкретных событиях. В данной статье принята попытка разработать новую научную идею, обогащающую научную концепцию. Автор пытается на основе комплексного, историко-сравнительного и общетеоретического анализа разъяснить тему. За основу статьи взят документальный фильм «Душанбе-шахри нон» («Душанбе-город хлеба»).

Ключевые слова: влияние, актуальность, идея, исскуство.

THE IMPACT OF THE CURRENT REALITY AND URGENCY OF THE DOCUMENTS IN THE DOCUMENTARY

Summarizing documentaries of the period of independence on the basis of their comparison with journalistic performances, the author comes to the conclusion that in these stage works, we can observe the reality, based on specific events. This article attempted to develop a new scientific idea, enriching scientific concept. The author tries on the basis of a comprehensive, historical, comparative and theoretical analysis to explain the topic. The basis for this article is excerpted documentary "Dushanbe-Shahri non" ("Dushanbe-city of bread").

Key words: impact, relevance, idea, art.

Сведения об авторе: ***Д.Х. Бобоев*** **–** кандидат филологических нук, доцент кафедры телевидения и радиовещания Таджикского национального университета

КАЛИМАВУ ИФОДАҲОИ МАЪМУЛ ДАР МАТБУОТИ ТОҶИК ВА БА ВУҶУД ОВАРДАНИ АФКОРИ УМУМ

(дар мисоли рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва «Озодагон», соли 2013)

Қ. Мухторӣ
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Матбуот, интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, телевизиону радио воситаҳои асосии мухобироти одамон ҳастанд. Дар ин воситаҳо асбоби мухобирот, яъне барқарор кардани робита гуногунранг аст. Дар телевизион наворҳо, чеҳраҳо, манзараҳо, мусиқӣ, оҳангҳои гуногун, дар матбуот суратҳо ва, албатта, дар ҳамаи ин воситаҳо муҳимтарин асбоби мухобирот забон аст, зеро пайдоиши онро муҳаққиқон дар ҷараёни мухобирот (коммуникатсия) «инқилоби нахустини мухобиротӣ» шуморидаанд [ниг. ба : 4, 6].

Вақте ки мо забони воситаҳои ахборро таҳлил мекунем, маъмулан ба мавқеи корбаст, дурустию нодурустии онҳо баҳо медиҳем, аммо ин паҳлӯҳои дигаре ҳам дорад, ки аз ҳамаи мақсадҳои таҳлили забонӣ фарқ мекунад ва барои ҷомеаи инсонӣ,

барои соҳибони забон му□имтар аз ҳама аст. Истифодаи ин ё он калима, ифода аслан, зоҳиркунандаи моҳияти зиндагии одамон, проблемаҳои онҳо, мухтасар, маънии зиндагии онҳо аст.

Инро агар дар мисоли одӣ оварем, метавонем, гӯем, ки калимаи «муҳоҷират» дар матбуоти замони шӯравии тоҷик умуман, ба кор намерафт, агар равад ҳам, хеле кам буд. Албатта, принсипи муайян намудани калима ё ифодаи маъмултарин дар забони матбуот кори осон нест, зеро вақте ҳукм мекунем, ки ин ё он калимаву ибора дар матбуот серистеъмолтарин аст, ин кор мушкил аст. Бинобар ин, мо тасмим гирифтем, ки аз рӯйи калимаву ифодаҳои таркиби сарлавҳа ин корро анҷом диҳем. Имрӯз шумораи матбуоти даврӣ хеле зиёд аст. Аз ҷониби дигар, муайян намудани як калима ва ифода низ ҳамчун калимаи серистеъмолтарин ғайриимкон аст, метавонанд баробар ифодаҳои зиёде маъмул бошанд.

Ҳамин гуна ҳадаф аз таҳлили воҳидҳои забонӣ дар шохаҳои гуногуни илми забоншиносӣ, ки дар ҳамбастагии илмҳои дигар, аз ҷумла фалсафа, равоншиносӣ, сотсиология ва м. инҳо ба вуҷуд омадаанд, аз солҳои хеле пеш арзи ҳастӣ карда, самараҳои хеле хуб додаанд ва воқеан, яке аз муваффақтарин муҳаққиқон дар соҳаи забоншиносии иҷтимоӣ Ван Дейк аст, тавассути чунин тадқиқот натиҷаҳои хеле назаррас ба даст оварда, барои тақвият ёфтани тадқиқоти ҳамназир асос гузошта буд. Ӯ дар асараш «Забон, маърифат, мухобирот» [1] маҳз ба ҷиҳати иҷтимоии забони гурӯҳҳои махсуси этникӣ таваҷҷуҳ намудааст. Албатта, ин гуна тадқиқот бе мақсади муайян ба вуҷуд намеояд, ҳадафи асосии онҳо ошкор кардани рӯҳияи иҷтимоӣ, сиёсию иқтисодӣ, фарҳангии соҳибзабонон – аҳли ҷомеа аст, натиҷаи чунин тадқиқот метавонад афкори оммаро дар ин ё он масъала ошкор намояд, аз вазъи озодии сухан, рӯҳияи мардум, психологияи онҳо иттилоъ диҳад.

Бо мақсади пайгирии ин гуна хусусиятҳои забонии матбуот мо лозим донистем, як намунаи матбуоти ғайрирасмӣ - ҳафтаномаи ҷамъиятӣ-сиёсии «Озодагон» ва рӯзномаи расмии «Ҷумҳурият»-ро мавриди таҳлил қарор ди□ем.

Аз ин ду рӯзнома саҳифаҳои хабарӣ – саҳифаи дуюм интихоб гардид, зеро жанрҳои хабарӣ нисбат ба жанрҳои таҳлилию бадеӣ-публитсистӣ хусусияти иттилоотии воситаҳои ахборро бештар инъикос мекунанд. Аз ин гурӯҳи жанрҳои хабарӣ низ мо бештар хроника ва хабарро интихоб намудем.

Аз ҷониби дигар, гоҳо дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, иҷтимоии ҷомеа ҳодисаҳое ба амал меоянд, ки бо ин сабаб боиси серистеъмол гардидани калимаву ифодаҳои ба онҳо марбут дар забони матбуот мегарданд, ин гуна зуҳурот низ ба инобат гирифта шуда, ҳамчун омили сунъӣ сарфи назар карда шуд. Ба ҳама маълум аст, ки чунин зуҳурот дар кишвар ҳодисаҳои Бадахшон дар соли 2012, маъракаи интихоботии соли 2013 буда метавонанд. Ин гуна зуҳурот мавриди таҳқиқи дигаре қарор хоҳанд гирифт.

Ба ин тариқ, аз рӯйи мушоҳида ва омӯзиши мо дар хабарҳои рӯзномаи «Ҷумҳурият» калимаи маъмултарин ***Тоҷикистон*** буд: ***Тоҷикистон*** *дар намоишгоҳи "Текстиллегпром"* **[**Ҷумҳурият. - 26.09.2013]; ***Тоҷикистон*** **-** *Бутан - 12:0!* [Ҷумҳурият. - 26.09.2013]; *Намоишгоҳи бузурги кишоварзии* ***Тоҷикистон*** *дар Сочи* **[**Ҷумҳурият. - 24.09.2013]; *Рушди ҳамкориҳои* ***Тоҷикистону*** *Швейтсария* **[**Ҷумҳурият. - 11.03.2013].

Аз чунин корбасти калимаи ***Тоҷикистон*** муносибати рӯзнома равшан карда мешавад, ҳадафи асосӣ дар мардум бедор ва ҳосил кардани бовар, ба он ки Тоҷикистон кишвари мустақил аст, дар арсаи байналмилалӣ эътироф шудааст, давра ба давра дар сиёсати хориҷӣ муваффақ мешавад. Ин гуна таъкиди ҳастии Тоҷикистон бавосита низ сурат мегирад, яъне сарлавҳагузорӣ чунин сурат мегирад, ки будани мафҳуми ***Тоҷикистон*** аз ҷониби хонанда эҳсос мешавад, аммо худи калимаи ***Тоҷикистон*** корбаст намегардад:

Баррасии барномаи ҳамкориҳои иқтисодӣ бо Озарбойҷон **[**Ҷумҳурият. - 21.09.2013]; *Сарвазир дар ҷаласаи Маҷмаи умумии СММ ширкат меварзад* **[**Ҷумҳурият. - 24.09.2013]; *Паймони чорҷонибаи интиқоли нерӯи барқ* **[**Ҷумҳурият. - 19.09.2013].

Чунон ки аз сарлавҳаҳои боло мушоҳида мекунем, қолаби грамматикии сарлавҳа низ дар ин маврид нақши муҳим мебозад. Аксарияти сарлавҳаҳои боло дар қолаби ибора омада, оҳанги огози кору иқдомҳоро далолат мекунанд. Ин ҷиҳат бештар хоси воҳидҳои номинативӣ ва ҷумлаҳои унвонӣ дар забон аст.

Аз ҷониби дигар, таъкиди бавосита ба калимаи Тоҷикистон, бевосита зикр накардани он, дар замир ишора ба он маънои онро дорад, ки редаксия ба хонанда бовар дорад. Рӯзномаи «Ҷумҳурият» органи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, аз

ин рӯ партофта шудани калимаи ***Тоҷикистон*** бо он баробар аст, ки гӯянда дар ҷараёни сухан ба ҷойи номи худ ҷонишини ***ман***-ро истифода мекунад, аммо барои ҳамсуҳбат, шунаванда ё хонанда аллакай маълум аст, ки гӯянда кист. Калимаи ***Тоҷикистон*** ҳамчун темае [дар бораи *тема* ва *рема* ниг. ба : 2. 67] истифода мешавад, ки зикраш дар ҷумлаҳо, матнҳои боло рафтааст.

Агар ба сарлавҳаҳои ҳафтаномаи «Озодагон» таваҷҷуҳ кунем, баракси инро мебинем. Дар сарлавҳаҳои ин рӯзнома қолаби хабари ҷумла ҷолиби таваҷҷуҳ аст: *Аскари фирории тоҷик дар Красноярск* ***боздошт шуд*** [27.03.2013]; *Бордюжа: Роҳбарияти Тоҷикистон дар масъалаи пойгоҳ* ***қасдан кашолкорӣ мекунад*** [Озодагон. - 27.03.2013]; *Ситоди Бобоназарова 202 ҳазор имзои ҷамъшударо* ***месӯзонад*** [Озодагон. - 23.10.2013], *Данғара аз лимит зиёд барқ* ***мегирад*** [Озодагон. - 11.12.2013].

Дар ин рӯзнома аз рӯйи мушоҳидаҳои мо агарчи калимаву ифодаи мушаххасаро маъмултарин гуфтан мушкил аст, аммо рӯҳияи ба вуҷуд овардани афкори омма хусусияти негативӣ дорад. Чунон ки ин зуҳурот хоси воситаҳои электронии давлатии чӣ Тоҷикисион ва чӣ Русия нисбат ба воқеоти хориҷи кишвар аст. Дар сатрҳои равони барномаҳои иттилоотии Телевизиони Тоҷикистон, Ҷаҳоннамо, телевизиони Русия – РТР аз хабарҳои хориҷи асосан, иттилооти нохуш ба мардум пешниҳод карда шавад, ки ин дар асл аксуламали чаппа медиҳад.

Албатта, ин табиист, ки муваффақиятҳои кишварҳои дигар – кишварҳои аз мо дур, хонанда ва тамошобини тоҷикро ба рағбат намеорад, барои ӯ шавқовар нест, хабари нохуш бештар одамонро ба ташвиш ва нооромии ботинӣ меорад, аммо дар ин мавриди таносуби хушу нохуш бояд риоя карда шавад. Вақте ки рӯзнома ё телевизиону радио аз хориҷ пайваста хабари нохуш мерасонад, ё умуман, баъзе дастовардҳои дохилиро низ ба инобат нагирифта, аз норасоиҳои ҳатто ҷузъӣ хурдигирӣ мекунад, дар хонанда ва тамошобин назари нобовариро нисбат ба худ ба вуҷуд меорад.

Дар як силсилаи ниҳоят калони сарлавҳаҳо идораи рӯзномаи «Озодагон» худро бетараф, объективӣ вонамуд кардан мехоҳад ва, албатта, то андозае ба ин муваффақ ҳам мешавад. Сарлавҳаҳои зеринро хонда, хонанда воқеан, хулоса мебарорад, ки ин мавқеи шахсони чудогона, мутахассисони соҳаҳои дахлдор аст: *Бордюжа: Роҳбарияти Тоҷикистон дар масъалаи пойгоҳ қасдан кашолкорӣ мекунад* [Озодагон. - 27.03.2013]; *Алимардонов: Вазифаам нест, ки ба ҳар як сокини Фархор замин диҳам* [Озодагон. - 23.10.2013]; *Кабирӣ аз Туркия: Зарурати бозгашти то интихоботро намебинам* [Озодагон. - 5.11.2013]; *Файзинисо Воҳидова: Иттилои Вазорати дохила дурӯғ аст* [Озодагон. - 11.12.2013].

Агарчи ин ҷо мавқеи шахсони ҷудогона ё мақомоти ҷудогона нишон дода мешавад ва аксарияти хонандагон низ чунин хулоса мекунанд, аммо дар замир ҳадафи дигар ҳам ҳаст, аз ин гуна сарлавҳаҳо хулоса чунин аст: яъне *одамон, аҳли ҷомеа чунин назар доранд*.

Ин гуна муносибат моро бори дигар водор месозад, ки дар мавриди андешаи Т. Питерсон мулоҳиза намоем ва дар хотир дошта бошем, ки хоҳу ноҳоҳ: «… *назарияи масъулияти иҷтимоӣ дар шароити ҳозира воқеан ҳам аз назария беш нест. Вале дар ҳамин сатҳ ҳам вай аҳамияти муҳим дорад, зеро вай самтеро пешгӯӣ мекунад, ки бо он андешаҳои назариявӣ, ки масъалаи озодии матбуотро таҳқиқ менамоянд, равона шудаанд*» [8, с. 65].

Бинобар ин, агар чунин пиндорем, ки рӯзномаи «Ҷумҳурият» танҳо ба ситоиш ва идеалсозӣ саргарм аст, чандон саҳеҳ намебуд, агарчи, он норасоиҳои сиёсии ҳукумати Тоҷикистонро ҳеҷ гоҳ зери танқид қарор намедиҳад, аммо проблемагузорӣ дар он мавҷуд аст, ки инро тавассути маводи рӯзнома пай мебарем. Дар сарлавҳаҳои зиёде, ки бо саволгузорӣ ва истифодаи ҷонишини саволии «Чаро» сар мешаванд, ин равшан эҳсос мешавад. Сарлавҳаҳои зиёде, ки бо ин калима оғоз мешаванд, далел бар мавҷудияти проблемае мекунанд, ки рӯзнома ба хонанда пешниҳод менамояд: ***Чаро*** *дар чарогоҳҳо малах пайдо шудааст?* [Ҷумҳурият. - 20.04.2013]; ***Чаро*** *ниҳолҳо камсамаранд?* [Ҷумҳурият. - 20.04.2013]; ***Чаро*** *таваҷҷуҳ ба пахта кам шудааст? ё шаммае аз фаъолияти корхонаҳои пахтаю бофандагӣ ва содироти нах* [Ҷумҳурият. - 20.04.2013].

Як ҷиҳати масъала, ки маводи таҳлилшуда нишон медиҳанд, дар он аст, ки дар ташаккули афкори омма дар ин ё он мавриди нақши рӯзноманигорон назаррас аст. Бахусус, бояд гуфт, ки қисмати маводи рӯзнома, ки аз хабарҳо иборат аст, асосан аз ҷониби кормандони худи рӯзнома таҳия мешавад. Бинобар ин, ба вуҷуд овардани тасаввуроти мусбат ё манфӣ нисбати мавзӯъ ва масъалаи баррасишаванда аз ҷониби

рӯзноманигор – корманди рӯзнома, сурат мегирад. Маводи таҳлилии рӯзнома, ки бештар аз ҷониби мутахассисони соҳаҳои гуногун, хонандагони рӯзнома навишта мешаванд, метавонанд, ранги дигар дошта бошанд.

Аз ҷониби дигар, пайваста талқин кардани ғояи беасос ё сустпоя метавонад акси ҳадафи гузошташударо ба вуҷуд оварад, зеро хонандаи имрӯза ба туфайли дастрасии фарох ба воситаҳои гуногуни иттилоъ ҷаҳонбинии васеъ дорад, ӯ имкони муқоисаи фактҳоро ҳам пайдо мекунад, қиёс ва таҳлил намуда, сипас хулоса мебарорад.

А Д А Б И Ё Т

1. Дейк Ванн Т.А. Язык, познание, коммуникация / перевод с английского. – Благовещенск : Типографкомплекс, 2000. - 308 с.
2. Камолиддинов, Б. Наҳви забони тоҷикӣ / Камолиддинов, Б. – Душанбе, 2010 . – 270 с.
3. Основы теории коммуникации: учебно-методический комплекс. Составитель: Федотова М.Г. / Федотова М.Г. - Омск, 2005. – 58 с.
4. Основы теории коммуникации : учебник / Под ред. проф. М.А. Василика. — М.: Гардарики, 2003. — 615 с.
5. Усмонов И.К., Давронов Д. Таърихи журналистикаи тоҷик: учебник / Усмонов И.К., Давронов Д. - Душанбе: OSI Tajikistan, 2008. – 281 с.
6. Фрумкина, Р. М. Психолингвистика: учебник / Фрумкина Р.М.- М.: Academia, 2003. – 316 с.
7. Чориев Т. Вазифаҳои услубии калимаҳои русӣ-байналмилалӣ дар публитсистикаи С. Айнӣ / Чориев Т. // Ҷашнномаи Айнӣ. - Ҷ.XI. - Душанбе, 2002. - С. 171 - 180.
8. Сиберт Ф.С. Четыре теории прессы / Сиберт Ф.С., Шрам У., Питерсон Т. - М., 1998.
9. Ясавеев И. Социальные проблемы и медиа / Ясавеев И. - LAP LAMBERT Academic Publishing, 2010. – 231 с.

САМЫЕ УПОТРЕБИТЕЛЬНЫЕ СЛОВА В ТАДЖИКСКОЙ ПРЕССЕ: КАК СОЗДАЕТСЯ ОБЩЕСТВЕННОЕ МНЕНИЕ

(на примерах газет «Джумхурият» и «Озодагон», 2013г.)

Автор старается определить роль и место правительственных и неправительственных таджикских СМИ в создании общественного мнения. По мнению исследователя при передаче информации у каждой группы СМИ имеются свои субъективные и объективные отношения. Если правительственная газета «Джумхурият» старается создать оптимистическое сознание о Таджикистане, как о суверенном государстве, то общественно-политическая газета «Озодагон» старается информировать аудиторию с другой – более «нейтрализованной» позиции.

Ключевые слова: печать, общественное мнение, грамматические особенности, язык, информационные жанры, заглавие.

THE MOST COMMONLY USED WORDS IN THE TAJIK PRESS: HOW TO CREATE A PUBLIC OPINION (ON EXAMPLES OF NEWSPAPERS "JUMHURIYAT" AND "OZODAGON", 2013)

The author tries to define the role of governmental and nongovernmental Tajik media in creating public opinion. According to the researcher in the transmission of information from the media each group has its own subjective and objective attitude. If the government newspaper "Jumhuriyat" trying to create an optimistic mind about Tajikistan , as a sovereign state, the socio-political newspaper "Ozodagon" tries to inform the audience on the other - a "neutralized" position.

Key words: printing, public opinion, grammatical features, language, informative genres title.

Сведение об авторе: ***К. Мухтори*** - кандидат филологических наук, заведующий кафедрой печати Таджикского национального университета. Телефон: **935-02-04-91.** E-ail: **mkutb@mail.ru**

ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ШИНОХТИ МЕЪЁРҲОИ ОН ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ДАВРАИ ҶАНГ

М. Маҳмадова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Дар таърихи инсоният ва халқҳои алоҳида давраҳое ҳастанд, ки адабиёт наметавонад танҳо бадеиёт бошад, зеро манфиатҳое ба миён меоянд, ки аз манфиатҳои бадеӣ болотаранд. Лаҳзаи худшиносӣ ва танқид, чунонки дар ҳаёти шахсони алоҳида зарур аст, дар зиндагии халқ низ зарурате пайдо мекунад. Ин ҳолат ва ин тачриба дар таърихи халқ ва адабиёту фарҳанги мо зиёд ба назар мерасад. Дар муҳимтарин давраҳои таърихи тоҷикон қалам дар дасти шоиру нависандагон ва рӯзноманигорон ҷойи силоҳро гирифтааст. Ҳанӯз Шамси Қайси Розӣ чунин рисолати қаламро таъкид карда, онро василаи барафкандани «минбару дор» шинохта буд [12,360]. Қалам дар дасти Фирдавсии бузург ва бисёре аз шоиру нависандагон ва ходимони матбуот ҳамин гуна рисолати эҳёгарӣ дошт.

Давраи Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 низ дар таърихи халқи мо ва халқҳои дигари Иттиҳоди Шӯравии собиқ барои аҳли қалам давраи муҳим ва эҳёгарии рисолати созандагии қалам буд. Шоири ҷанговари тоҷик Ҳабиб Юсуфӣ дар яке аз аввалин шеърҳояш, ки дар оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ суруда буд, қаламро ба теғ ташбеҳ карда:

Вақти он аст,
Эй қалам!
Бурраидатар гардӣ зи теғ!
Вақти он аст,
Эй сухан!
Ғуррандатар гардӣ зи барқ!
То ба душман ҳамла орам,
Решааш бурӣ зи бех,
То расӣ, Манҳус-анчарро кунӣ бешоху барг![10,128]

Чунонки ба назар мерасад, дар давраҳои муҳимми таърих, аз ҷумла давраи Ҷанги Бузурги Ватанӣ аҳли қалам дар осорашон аз худшиносиву худогоҳӣ ва танқиди таҳлилии масъалаҳои иҷтимоӣ гурез наҷустаанд, балки ин тарзи нигориш василае будааст барои эҳёи нерӯҳои зеҳнӣ ва ҷисмонии халқ дар мубориза бар зидди душман. Бинобар ин, дар давраи ҷанг публитсистикаи баландҳиссиёту тезутунд, ки ғояҳои бузурги миллатдӯстиву ватанхоҳиро ифода менамуд, ривоҷи хос пайдо кард. Аз ин ҷиҳат таҳқиқ ва арзёбии хусусиятҳои хоси публитсистикаи ин давра дар эҳё ва иникоси масъалаи худшиносии миллӣ муҳим буда, омӯзиши ҷомеи ин мушкилот роҳҳои ташаккул ва инкишофи публитсистикаро дар як давраи муҳимми таърихи адабиёт ва рӯзноманигории мо муайян мекунад. Дар ин замина мо ба қонуниятҳои асосии назарияи публитсистика такя карда, кӯшиш намудем, ки хусусиятҳои муҳимми публитсистикаи ин давраро дар мисоли шинохти баъзе ҷиҳатҳои ҳуввияти миллӣ ва меъёрҳои он арзёбӣ намоем.

Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳисси пайванди хунӣ ва масъулият дар назди қисмати ватанро дар мардуми Шӯравӣ, аз ҷумла тоҷикон тақвият бахшид. На фақат нерӯҳои ҷисмонӣ ва маънавии замон, балки ҳофизаи таърихӣ бо сарватҳои маънавии созандааш ба мудофиаи ватан хоста шуданд. Арзишҳои таърихӣ, суннатҳои асрҳои гузашта, ғановати осори адабию таърихӣ ва фарҳангии замонҳои пеш дар мубориза бар зидди фашизм аҳамият ва тавоноии бештаре пайдо карданд. Аҳли қалам бо таваҷҷуҳ ба асли асолати Ватан будани он ба тарҳи ин қазия мепардозанд, ки ба идомати таърихӣ, суботи шаън ва эътибори ҳуввияти онҳо мусоидат карда тавонад.

Давраи ҷанг дар назди аҳли қалам ба тақозои «ҳаракати мушаххаси замони таърихӣ» (Георгий Ломидзе) вазифаҳои хос гузошт [3,229], ки на фақат моҳияти публитсистии осори таълифшударо муайян кард, балки мавқеияти инсонӣ ва миллии муаллифони ин гуна осорро низ мушаххас намуд. Аз ин мавқеъ таваҷҷуҳи хос ба масъалаҳои таърих, худшиносии миллӣ ва таърихназарии интиқодӣ хусусияти осори публитсистии ин давраро муайян менамояд. Хусусиятҳои публитсистӣ ҷузъи муҳимми омили шаклдиҳандаи сохториву мундариҷавии осори ин давр мебошанд [7,137].

Таърихро дар ин давраи тақдирсоз аҳли қалам ба хидмати замон кашиданд. Дар аввалин рӯзҳои ҷанг диққати онҳо ба таърихи гузашта нигаронида шуд. Ба қавли нависандаи рус А. Толстой «гӯё солҳои дури аз ёд рафта аз тумани асрҳо берун омада, муборизаи қаҳрамононаи рӯзҳои мо бо он зӯр ва бисёр чизҳое, ки ба назар номуайян менамуд, равшан ва муҳим гардид»[1,541]. Аҳли қалам ва мудофеони Ватан роҳи таърихии халқро ба озодӣ, саодати умум ва мустақилияти мамлакат вобаста диданд. Гузаштаи таърихӣ бо рӯзҳои пурфоҷиаи ҷанг бо торҳои зиёди ҳиссӣ, пайванд гардид. Дарки решаҳои амиқ ва пурвусъати ҳиссӣ, шинохти сарнавишти пурифтихори гузаштагон маҳаки асосӣ ва муҳимми диди публитсистии аҳли қалам қарор гирифт.

Дар осори публитсистии ин давра ҳофизаи таърихӣ намуна ва даъват ба мубориза ва ғалаба бар фашизм буд. Ёди гузаштагони далеру ба ном сарчашмаи нерӯи маънавӣ,

худшиносӣ ва ватанхоҳӣ гардид. Ҳеҷ гоҳ мавзӯи шинохти ҳуввияти инсонӣ ва миллӣ, таърихиву ватанхоҳӣ дар адабиёт, аз ҷумла дар публитсистика чунин муҳим ва арзишманд нагардида буд. Рӯҳи мубориз ва созандаи таърих, беш аз ҳама дар публитсистикаи ин давра назаррас буд.

Як нигоҳи иҷтимоӣ ба рӯзномаву маҷаллоти солҳои 1941-1945 собит мекунад, ки дар қатори осори фаврии аз рӯзгори ҷанговарон ва воқеияти замони ҷанг навишташуда, осори дар бораи қаҳрамониҳои гузаштагон эҷодгардида низ мавқеи муҳим дорад. Ин ҳолат равиши асосии фаъолияти матбуоти шуравии он рӯзгор ва Тоҷикистонро равшан таҷассум мекунад.

Ҳанӯз ду моҳ пештар аз оғози ҳуҷуми аҳдшиканонаи Германия ба хоки Шуравӣ рӯзномаи «Правда» навишта буд: «Тоҷикон аз замони Фирдавсӣ, Ҳофиз ва Саъдӣ традитсияҳои мадании худашонро давом дода истодаанд. Тоҷикон бо Эрониён ҳамхалқ буда, маданияти шакли махсусдоштаи худашон ва уклади ҳаётии худашонро аз ҳазорҳо машаққатноктарин санҷишҳо, аз оташи ҷангҳо ва ҳуҷумҳои хонавайронкунанда, аз зулму асорати асрӣ гузаронданд. Ин халқи ифтихорманд ва озодихоҳ азобу кулфати сахтро дида, сарашро хам накард, дар байни бегонагони гуногунтоифа маҳв шуда нарафт балки, баръакс рӯҳан худро мустаҳкам намуд ва характери миллии оҳанинро пухта карда парваронд. Дар шароити советии мо «тоҷикон, ки бо гузаштаи худашон шаънушарафноканд, ояндаи бузург доранд» [5].

Чунонки мебинем, андешаҳои қадршиносии таърихӣ, эътирофи ҳуввияти миллӣ ва фарҳангии халққои ҷудогона, аз ҷумла тоҷикон дар сатҳи олии мамлакат ба шаклгирии ормони созандаи худшиносии миллӣ ва башардӯстӣ ва таносуби он бо воқеияти рӯзмараро ташкил дода, яке аз омилҳои такондиҳандаи таваҷҷуҳи аҳли қалам ба масъалаи худшиносии миллӣ гардид.

Дар нахустин рӯзҳои ҷанг, яъне 24-уми июли соли 1941, дар намоиши зиддиҷангии сокинони пойтахти кишвар шаҳри Сталинобод (Душанбеи имрӯза) Абулқосим Лоҳути суханронӣ карда, пеш аз ҳама ба ҳуввияти миллӣ ва собиқаи «бемислу монанди» тоҷикон ишора ва андешаҳои публитсистиашро оид ба ахлоқи ғайриинсонии «сагони девонаи фашистӣ» ва тавоноии маънавии мардуми шӯравӣ баён дошт [8].

Дар муроҷиатномаи «Овози нависандагони Тоҷикистон», ки зери он А. Лоҳутӣ, С. Айнӣ, А. Деҳотӣ, М. Турсунзода, М. Раҳимӣ, Ҳ. Юсуфӣ, М. Миршакар, Ҷ. Икромӣ, С. Ҷавҳаризода ва дигарон имзо гузоштаанд, бо таваҷҷуҳ ба асли асолати Ватан будани он ба давоми таърихӣ ва суботи шаъну эътибори ҳуввияти миллӣ таъкид шудааст.

Дар ҳамин замина аҳли қалам тавонистанд, ки ҳуввияти тоҷикиро аз аъмоқи таърих ва тамаддуни миллӣ ва хулқу хуйи мардум берун кашанд ва онро дар бархӯрд бо фарҳанги истилогар арзёбӣ кунанд. Ҳамин диди амиқ ва хирадмандонаи публитсистӣ боис мешавад, то нависандагоне, ки ба мавзӯи тарихӣ муроҷиат кардаанд, амалан ба кашфи ҳуввияти тоҷикӣ ва шинохти меъёрҳои мумтози худшиносӣ даст ёбанд.

Барои эҳёи нерӯи худшиносии халқ дар як вақт ҳам ба нашр ва тафсири осори илмӣ ва ватанхоҳии гузаштагон, ҳам таълифи мақолаву очеркҳои илмӣ ва таърихию адабӣ иқдом шуд. Дар ин замина таваҷҷуҳи бештаре ба осори адабие, ки ҷанбаи публитсистӣ дорад, равона карда шуд. Таваҷҷуҳи бештар ба осори шоироне чун Фирдавсӣ ва Саъдӣ ҳамин гуна замина дошт. Ш. Ҳусейнзода аввал, мақолаи публитсистии «Фирдавсӣ ва мудофиаи Ватан»[10] сипас, китоби «Суханҳои ватанпарварӣ ва ҷанговарӣ»-ро [11,11] бо табсираи публитсистӣ аз тариқи нашриёт чоп кард, ки ҳарду ҳам муҳити амиқи худшиносӣ ва публитсистӣ доштанд.

Дар мақолаи аввал муаллиф дар матни фаъолияти Фирдавсӣ ва «Шоҳнома»- и ӯ корномаи ҳастии миллатро менамояд, ки гӯйӣ дар маркази ҷаҳон истодааст ва ҳар рӯзи умраш бо маҷмӯае аз мушкилот рӯбарӯ будааст. Муаллиф дар заминаи сарнавишти Фирдавсӣ ормонҳои миллатсозӣ ӯ хостааст ба хонанда- муборизони озодии Ватан дарси худшиносӣ ва худогоҳиву худҷӯйӣ диҳад. Ин донишманд бо баёни сареҳи публитсистӣ дар заминаи достонҳои «Шоҳнома» амалан, ба кашфи ҳуввияти миллӣ ва шинохти ҳадду марзи он даст ёфта, зиндагии гузаштагони мо, таърих, ифтихорот, суннатҳои дилбастанӣ, имтиёзоти рафтору ахлоқи ононро бозгӯ мекунад. Вай дар мисоли сарнавишти қаҳрамонони Фирдавсӣ моҳияти мафҳуми номро тафсир карда, онро василаи бақои ҳаёти пойдор ва шуҷоату некӣ, меҳрварзиву саховати инсон таъбир мекунад. Ба ифодаи ӯ ном ёд аст, хотира аст, қазовати таърих аст. Соҳибони номи баланд чун қаҳрамонони «Шоҳнома» дар ҳофизаи ҷомеа ҳамеша мондагоранд.

Ш. Хусейнзода бо ҳамин андешаҳои публитсистӣ ҳофизаи таърихии ҳаммиллатонашро бедор карда, онҳоро ба тааммуқ дар сари байтҳои зерини Фирдавсӣ фаро мехонад:

Нигоҳ кун ба-дин лашкари номдор,
Чавонони шоистаи корзор.
Зи баҳри бару буму фарзанди хеш,
Зану кӯдаки хурду пайванди хеш
-Ҳама сар ба сар тан ба куштан диҳем,
Аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем [10].

Муаллиф ин рӯҳи «ватанпарварии Фирдавсӣ»-ро бузургтарин мисол ва сармашқи кор дар роҳи мудофиаи Ватани азиз медонад.

Дар китоби «Суханҳои ватанпарварӣ ва ҷанговарӣ», ки ашъор ва ҳикматҳои ватанхоҳии Саъдиро гирд овардааст, Ш. Ҳусейнзода муқаддимае ҳам навиштааст, ки андешаҳои публитсистии ӯро дар боби ҳудшиносии миллӣ дар бар мегирад. Аз ҷумла, ӯ менависад: «Дар рӯзҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба муқобили ғоратгарони фашистии Германия, дар қатори халқҳои советӣ тоҷикон ҳам анъанаҳои қаҳрамонии бобоён ва гузаштагони худашонро, ки дар роҳи озодӣ ва хушбахтии халқ ҷонбозиҳо карда буданд, аз нав бедор менамоянд» [11,3]. Ш. Ҳусейнзода дар ин замина соли 1942 мақолаи «Саъдӣ ватанпарвари бузург»-ро низ ба чоп расонид, ки бо сухани публитсистии пурҳиссиёт меъёрҳои шинохти асолати ҳуввияти миллӣ ва ватанхоҳиро дар мисоли осори Саъдӣ ба хонанда менамояд.

Дар ҳамин замина, китобҳои «Алмосҳои мардонагӣ», «Порчаҳо аз «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ» (бо сарсухан ва таҳияи Абулқосим Лоҳутӣ), асари С. Айнӣ «Шайх Муслиҳиддин Саъдии Шерозӣ» (1942), Мухтасари «Бӯстон»-и Саъдӣ (1945) ва ғайра низ чоп шуд, ки дар таъбир ва тавсири моҳияти баъзе масъалаҳои худшиносии миллӣ қадами устувор буданд. Ба ифодаи саҳеҳтаре адабиёти гузашта, бахусус осори ватанхоҳонаи он муаррифии асли ҳуввияти миллати мо буданд, ки дар парвариши ҳисси худшиносӣ ва ибратпазирии мардум дар замони ҷанг бетаъсир набуд.

Ҳамчунон ки И. Бехер мегӯяд, «жанрҳо ба по мехезанд ва сухан гуфтан мехоҳанд» [6,365]. Ба ин далел, жанрҳо аз аввалин рӯзҳои ҷанг сар карда, ба тақозои талаботи зиндагӣ ба вуҷуд омаданд. Шояд, дар он рӯзҳои имтиҳони бузург кам касе дар бораи қонуниятҳои собити жанрҳои адабӣ, рӯзноманигорӣ, бахусус публитсистӣ фикр мекард. Аҳли қалам, ҳатто ба таҷрибаи «адабиёти дифоӣ»-и охири солҳои сиюм, ки бештар тамоюли шиорзанӣ дошт, такя накарданд. Дар шеър, наср ва публитсистикаи ин давра илова ба зинда кардани ҳофизаи таърихӣ ва ибратгирӣ аз сарнавишти пурифтихори миллат, таъкиди ҳуввияти миллӣ, хусусиятҳои хос ва сабақомӯзи афрод ҷойгоҳи хос ишғол мекунад.

Мирсаид Миршакар дар яке аз нахустин шеърҳояш, ки 2-уми декабри соли 1942 дар рӯзномаи «Тоҷикистони сурх» чоп шуда, аз фазилати модари тоҷик ва масъулияти худшиносиву башардӯстии ӯ ёд мекунад. Мисраи «Модари тоҷикат манам, фарзанд» ҷанбаи амиқ ва таъсиргузори публитсистӣ дошта, шеърро ба монологи худҷӯйиву худшиносӣ табдил додааст.

Номаи манзуми «Мактуб» низ ба тақозои вақт ва воқеияти пурфоҷиаи замони ҷанг аз тарафи сокинони шаҳри Уротеппа (имрӯза Истаравшан) навишта шуда, ҳисси ифтихор ва ризоияти онҳоро аз қаҳрамони фарзанди ин шаҳр Муҳаммадӣ Иброҳимов ифода мекунад. Корномаи ин «Нури чашми халқи тоҷик қаҳрамони сафшикан» ҳамчун эътирофи ҳуввияти миллӣ таъйид шуда, оҳанги пурҳаяҷони публитсистии нома ҳисси худшиносӣ ва ватанхоҳии хонандаро тақвият мебахшад.

Ёдкарди ҷанг, илова ба он ки фоҷиаҳои сарнавишти миллат ва озору алами рӯзгорони сипаришударо дар ҳофизаи таърихии он зинда медорад, ҳамчунон афзоишҳои мусбат ва созанда низ дорад, ки дастоварди зеҳнӣ ва ахлоқӣ буда, моро намегузорад аз канораш бетарафона бигзарем [4,10]. Хидмати шоирону нависандагон умуман, аҳли қалам дар ин замина ба наҳве суннати меросбарӣ буд, ки заминаҳои ахлоқӣ ва таърихии худшиносии миллиро дар рӯзгори ҷанг муҳайё кард ва тақвият бахшид.

Илми таърих ба воқеият, амалу кирдор ва натиҷаи он баҳо медиҳад. Ҳамчунин илм «ба ҳақиқати аснод» гувоҳӣ дода, ба абадият шаҳодатнома медиҳад. Дар ин равиш танҳо сухан метавонанд нақш ва ҷойгоҳи адабиётро дар ҳофизаи миллат бегазанд созад ва «ба таърих роҳхат» диҳанд [4,246].

Устод Айнӣ аз нахустин нависандогоне буд, ки тавонист дарси таърихро дар рӯзҳои сахти Ҷанги Бузурги Ватанӣ ибратбахш донад. Айнӣ миёни таърихи гузаштаи тоҷикон ва Ҷанги Бузурги Ватанӣ варосати (переемственност) комил ва судмандро дарёфт. Дар осори нахустин солҳои ҷанг таълифкардаи ӯ, пеш аз ҳама ҳамон қаҳрамононе бо зиндагиномаашон мавқеъ пайдо мекунанд, ки бо хусусиятҳои миллии инсонӣ, тафаккур ва суннатҳои маънавии меросӣ фарқ доранд. Ин

қаҳрамони созанда, пеш аз ҳама шахсияти ватанхоҳ ва ҷанговари далеру ҷонфидо аст.

С. Айнӣ дар осори публитсистии дар давраи ҷанг эҷодкардааш, пеш аз ҳама ҳадафи бедор кардани ҳисси худшиносӣ ва худогоҳии ҳамватанонро доштааст. Бинобар ин, ҳам шеърҳо ва мақолаҳои публитсистие, ки ӯ дар рӯзҳои аввали ҷанг навишт, хусусияти таблиғӣ ва меросбарӣ доштанд.

Ҳар он чизе ки С. Айнӣ дар он рӯзҳо навишт, ҳамзамон хусусияти даврӣ ва публитсистӣ дошт ва бо фаъолияти рӯзмарраи матбуот алоқаманд буд. Навиштаҳои устод Айнӣ андеша, маънавият, ақидаи сиёсиву иҷтимоӣ ва завқу фаросати мардумро ба сӯйи ҳифзи ҳуввияту асолати милливу нажодӣ, ҳиммату бузургӣ ва шаъни таърихӣ раҳнамоӣ мекард. Бинобар ин фаъолияти ӯ аз аввалин рӯзҳои ҷанг фаврӣ, ҳадафмандона ва огоҳона будааст. Дар ин замина метавон ёдрас кард, ки мақолаи публитсистии ӯ «Илҳомгоҳи фикрҳои олӣ ва бошишгоҳи озодидӯстон» як навъ посух ва ҳамовозӣ ба мақолаи «Қасами халқҳои Закавказия» мебошад, ки нахуст дар рӯзномаи «Правда» (8-уми сентябри соли 1942) ва баъд тарҷумаи тоҷикии он дар «Тоҷикистони сурх» (10-уми сентябри соли 1942) нашр гардидааст. Мақолаи С. Айнӣ ҳафт рӯз баъд аз нашри тоҷикии он «қасам», яъне 17-уми сентябри соли 1942 дар рӯзномаи зикршуда чоп шуд ва ҳадафаш зинда кардани ёди таърихӣ ва таъкид ба ваҳосати худшиносӣ буд.

Диди суннатӣ ва таърихии устод Айнӣ ӯро вомедорад, ки рӯйдодҳои замони ҷангро дар оинаи таърих бо чашми халқ нигарад ва хулосаҳояш ҳамчун ҷамъбасти таҷрибаи миллат садо диҳад, ки моҳияти амиқи худшиносӣ доранд. Бинобар ин, устод Айнӣ дар офаридаҳояш асосан, ба воқеаҳои гузаштаи таърихии халқи тоҷик мифу асотир, афсонаву ривоятҳо, шахсиятҳои таърихӣ (Муқаннаъ, Темурмалик, фарзандони бузурги халқҳои Кавказ) ва чеҳраҳои афсонавӣ (Рустам, Деви ҳафтсар) диққат медиҳад.

Ҳамчунон ки Ҷ. Бақозода таъйид кардааст, «дар адабиёти давраиҷангии тоҷик устод Айнӣ ягона адибест, ки барои нишон додани заминаҳои миллии характер, баланд бардоштани эҳсоси олии ватанхоҳӣ нисбат ба истилогарон нафрату адоват бедор кардан ба ғановати бадеиву маънавии халқи тоҷик муроҷиат кардааст [2,39].

Воқеан ҳам, дар навиштаҳои публитсистии С. Айнӣ воқеаҳои таърихӣ, афсонаву ривоятҳо, хулоса ҳофизаи таърихии миллат ба рӯйдодҳои муҳимми замон тобеъ шуда, пеш аз ҳама масъалаи ҳуввияти миллӣ ва меъёрҳои фарқкунандаи онро ба миён гузоштаанд. Мерос барои С. Айнӣ дар ин равиш марбут мешавад ба дарёфти хусусиятҳои хоси асолати миллӣ ва моҳияти ахлоқии он. Таълифи очеркҳои таърихии «Исёни Муқаннаъ» ва «Қаҳрамони халқи тоҷик – Темурмалик» дар тақвияти чунин нияти эҷодии нависанда нақши муҳим бозидаанд.

Ҳадафи аслии С. Айнӣ аз таълифи ин асарҳо таърихро ба хидмати имрӯз кашидан ва ба ин васила ҳисси худшиносӣ ва худогоҳии афроди миллатро тақвият бахшидан буд. Устод С. Айнӣ дар мисоли сарнавишти таърихии Муқаннаъ ва Темурмалик на фақат масъалаи асолат будани Ватанро ба миён гузошт, балки дар ин замина тавонист, зиндагии таърихии миллат, ифтихорот ва суннатҳои неки ахлоқии онро ҳамчун дарси таърих ба муосиронаш бинамояд.

Ҳамин тариқ, дар заминаи он чи гуфта шуд, метавон хулоса кард, ки осори публитсистии ин давра садои рӯҳи қаҳрамонони таърих ифодагари ҷанбаҳои созандаи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ буда, дар ҷомеаи ҷангзадаи он рӯзгор ва имрӯзу оянда низ арзиши маърифатбахшӣ ва нақши созандагӣ доштанду доранд. Осори публитсистии ин давра бо бозҷустҳои таърихӣ барои эҳё ва амиқбурди худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ заминагузор буданд.

А Д А Б И Ё Т

1. Алексей Толстой. Четверть века советской литературы. Соч. в десяти томах / Т. Алексей - М.:Тослитиздат, 1961.- Т.10. -650 с.
2. Бақозода Ҷ. Нависанда ва идеали замон / Ҷ. Бақозода - Душанбе: Адиб, 1987. – 254 с.
3.Георгий Ломидзе. В поисках действенного слова / Л.Георгий //Дружба народов, 1986, № 6.
4. Золотусский З. Пропуст в истории / З.Золотусский -Москв, 1967. - 413 с.
5. Мукофоти сазовор // Правда, 1941, 24 апрел.
6.Топер П. Иқтибос баргирифта аз китоби:. Ради жизни на земле / П. Топер -Москва: Советский писатель, 1985. – 450 с.
7. На промедление право нет. Беседа с Павлом Боцу //Дружба народов, 1986, № 6.
8. Овози пурзӯри халқи Советӣ// Тоҷикистони сурх, 1941, 24-уми июн.
9. Ҳабиб Юсуфӣ. Роҳи нотамом /Ю.Ҳабиб.-Душанбе:,1973. – 258 с.
10.Ҳусейнзода Ш. Фирдавсӣ ва мудофиаи Ватан / Ш.Ҳусейнзода // Тоҷикистони сурх, 1942, 18-уми сентябр.

11. Ҳусейнзода Ш. Суханҳои ватанпарварӣ ва ҷанговарӣ / Ш.Ҳусейнзода -Сталинобод: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1942.
12.Шамсиддин Муҳаммад Қайси Розӣ. Ал-мӿъҷам. – Душанбе: Адиб, 1991. -463 с.

НАЦИОНАЛЬНОЕ САМОЗНАНИЕ И ПРИЗНАНИЕ ЕГО КРИТЕРИЙ В ПУБЛИЦИСТИКЕ ВОЕННОГО ПЕРИОДА

В статье рассматриваются проблемы признания критерий национального самосознания в годы Великой отечественной войны. Автор определяет прессу первого периода войны и отмечает что Великая отечественная война стала причиной того, что многие литераторы восприняли жанр публицистики и в своих произведениях стали освещать социальные темы военного времени и войны против фашистской Германии и таким образом внесли свой вклад в дело укрепления национального самосознания в жанре публицистики.

Ключевые слова: публицистика, самосознание, война, история, патриотизм, любовь и преданность Родине, исторические ценности

NATIONAL SELF-AWARENESS AND RECOGNITION ITS PRINCIPLES IN PUBLICITY OF WAR PERIOD

The Present article researched problems of national self-awareness principles in Tajik publicity of war period.

The author takes under consideration Tajik press in war period and resolute, that the course of writers turn towards to publicity and discussing social problems of that time, fighting against German fascists, on the other side consolidation of problems of national self-awareness in the public relations were the Great Patriotic War.

Key words: publicity, self-awareness, war, history, patriotism, significant custom.

Сведение об автора: ***М. Махмадова*** - соискатель кафедры печати ТНУ. Телефон: **(+992) 918-62-18-18**

РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚӢ – ВАСИЛАИ МУҲИММИ КОМЁБӢ

Х.У. Раҳимҷонов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Барои ба комёбиҳо ноил гардидани журналист омилҳои гуногун метавонанд мусоидат кунанд. Ба гунаи ин омилҳо риояи талаботи касбӣ, аз ҷумла мувофиқи принсипҳои журналистика амал намудан дохил мешавад. Риояи меъёрҳои ахлоқи касбӣ низ барои журналист яке аз омилҳои муҳимтарини комёбӣ аст.

“Ахлоқ ҳамчун меъёри касбии гурӯҳи одамон дар ҷамъият, меъёри рафтори шахс дар ҷомеа метавонад хислати навишташуда – қонунишуда дошта бошад ва метавонад навишта нашуда бошад, яъне қонунан вазифадор карда нашуда бошад.

Масалан, қонуни матбуот метавонад зикр намояд, ки таҳқири шахс манъ аст. Ин ҷо меъёри ахлоқӣ хислати қонунӣ пайдо мекунад ва ба ин васила масъулияти журналист афзуда мешавад. Аммо ҳеҷ қонуне намегӯяд, ки журналист пеш аз суҳбат бо мусоҳибаш, масалан, олиме бояд бо эҷоди ӯ шинос бошад” (5. 71).

Ҳамин як мисоли мушаххаси муҳаққиқи соҳа, профессор Усмонов, ба назари мо, моҳият ва зарурати баррасии мавзӯи мавриди назарро бозгӯ мекунад.

Воқеан, ахлоқи рӯзноманигорӣ ин ҳамон мафҳумест, ки журналист бояд ҳеҷ гоҳ фаромӯш накунад: фаъолияти ӯ фарогири доираи хеле васеи хонандаву шунавандаю бинанда аст. Бо назардошти ин, ба роҳ мондани фаъолият василаи ҳифзи шаъну шарафи шахсӣ ва касбӣ хоҳад буд. Ба таври мушаххас, агар муносибат бо жанри мусоҳибаро, ки имрӯзҳо дар журналистика ба жанри хеле серистеъмол табдил ёфтааст ва ифодагари дараҷаи касбияти журналист низ ҳаст, мавриди баррасӣ қарор диҳем, боз ҳам ба сарсухани профессор И. Усмонов ба маҷмӯаи мусоҳибаҳои Султони Ҳамад рӯй меорем:

“Мусоҳиба дар ҳамаи мавзӯъҳо навишта шуда, чунон умумияте касб кард, ки гоҳе ҷойи мақола ё тақриз ва гоҳе ҳам ҷойи очеркро мегирад. Ба назари журналистон менамояд, ки аз номи шахси якум нақл кардан фақат хоси мусоҳиба аст, зеро иштирокчӣ, шоҳид маҳз ҳамин ноқил буда метавонад. Албатта, дар бисёр ҳолатҳо ин ақида дуруст аст. Аммо мешавад, ки ҳамин шахси шоҳид бештар дурӯғ гӯяд, воқеаро нодуруст маънидод кунад, интерпретатсияаш боғараз бошад. Барои он ки чунин ҳолат ба амал наояд, аввалин талабот ба журналисти мусоҳибанавис ин аст, ки ӯ бояд мавзӯъро нағз донад ва ҳамсуҳбаташро нағз шиносад ва ба ӯ чунон саволҳое дода тавонад, ки барои ёфтани ҳақиқат ёрӣ расонанд.

Ин ҳолат нишони эҳтироми худ аст. Маҳз худро эҳтиром кардан ба нигоранда имконият медиҳад, ки мавзӯъ дошта бошад ва ин мавзӯъро мусалсал дунболагирӣ кунад, худаш фаҳмад ва ба дигарон низ ҳақиқатро фаҳмонда тавонад” (7. 3).

Воқеан, чунин як масъалаи мубрам имрӯз пайгири фаъолияти рӯзноманигорон аст. “Ҷавонҳо гумон мекунанд, ки осонтарин жанр мусоҳиба аст; ҳар чӣ хостӣ

мепурсӣ ва ҳар чӣ гуфтанд, менависӣ. Ҳамин фаҳмиши ғалат шогирдонро ва ба василаи онҳо воситаи ахборро ба роҳи нодуруст мебарад” (7. 4).

Маълум аст, ки дар меҳвари суханони профессор И. Усмонов масъалаи меъёрҳои ахлоқӣ қарор дорад. Собит гардидааст, ки маҳз риояи меъёрҳои ахлоқӣ василаи ба роҳи дуруст рафтан ва комёб гардидан буда метавонад.

Ин гуна ҳолатҳо-надониста пурсидан ва ё надониста гуфтан зиёд ба назар мерасанд. Ҳарчанд мегӯянд, ки пурсидан айб нест, вақте намедонӣ, вале дар мавриди таҳияи матлаби журналистӣ, махсусан дар мусоҳиба надониста гуфтан таҳқири худ ва надониста пурсидан, чӣ хостани худро надонистан айб аст.

Вобаста ба мавзӯъ, доир ба моҳият ва аҳамияти омӯзиши факту далелҳо, собит намудани эътимоднокии онҳо, ки аз муҳимтарин талаботи ахлоқист, иқтибос аз як навиштае дар маҷаллаи “Элита” доир ба машҳуртарин журналисти нимаи дуюми садаи бисти тоҷик Отахон Латифӣ бамаврид аст:

“Ман даҳҳо маводи ӯро, аз мақолаҳои таҳлилӣ то лавҳаҳои пуртаъсири хурдакакро дар ёд дорам. Солҳои зиёд сипарӣ шуданд. Иттиҳоди Шӯравӣ барҳам хӯрд. Аммо аксар маводи ӯ имрӯз ҳам аҳамияти худро гум накардаанд. Ӯ на танҳо далелҳоро меомӯхт, балки онҳоро таҳқиқ мекард. Худам борҳо шоҳид будам, ки ӯ барои як хабар чи қадар муддати тӯлонӣ мавод ҷамъ меовард. Тааҷҷуб мекардам, ки ба ин чӣ зарурат бошад?

Аммо вақте очерки «Сарбанд»-и ӯ дар «Правда» чоп шуд, дидам, ки ӯ чи гуна зарурати ворид кардани тағйиротро ба лоиҳаи сохтмони НБО–и Роғун қотеона исбот кардааст. Шурӯъ аз охири солҳои 60 –ум масъалаи сохтмони нерӯгоҳҳои бузургро ӯ дар зарфи 20 сол таҳқиқ намуда, як силсила мақолаҳо ба чоп расонид”.

Таҳқиқи далелҳо, омӯзиши онҳо, санҷиши мувофиқат бо сарчашмаҳои муътамад боиси комёбии муаллиф мегардад. Чунин амал имкон медиҳад, ки матлаби ба нашррасида хонандаи худро пайдо кунад ва эътимодро ба навиштаҳои баъдинаи журналист ба вуҷуд орад. Одамон ба сухани ҳақ бовар доранд ва расонандаи онро эҳтиром мекунанд. Сазовори эҳтиром ва боварии мардум гардидан худ нишони комёбист, зеро фаъолияти журналист маҳз ба ҳамин самт равона гардидааст.

Тавре муҳаққиқ Г.В. Лазутина таъкид мекунад: “Одамон аз ту ҳақиқатро интизоранд. Ин ҳақиқат дар моварои ҳаёт, миёни муносибатҳои инсонӣ ниҳон аст ва ту дар ҷустуҷӯйи он танҳоӣ. Касе ба ту мушаххасан роҳи онро намегӯяд, ҳеҷ кас масъулиятро баробари ту бар дӯш намегирад.

Ҳар қадами ту ин қарори шахсӣ ва интихоби худи туст. Дар ин иқдомот танҳо як ёвар дорӣ – садои ботин, ки дар лаҳзаҳои зарурӣ хостаи қалбатро изҳор медорад”(2. 3).

Аз суханони муҳаққиқи соҳа Г. Лазутина ба чунин натиҷа расидан мумкин аст, ки пешаи журналистӣ дар асоси меъёрҳои ахлоқӣ пойбарҷост ва беҳуда нест, ки фаъолияти рӯзноманигориро, пеш аз ҳама фаъолияти ахлоқӣ донистаанд, зеро маҳз хулқи азалӣ – ахлоқ чун садои ботин зуҳур намуда, барои ифшои сухани ҳақ, инъикоси воқеият мусоидат мекунад.

Боиси таваҷҷуҳ аст, ки ҳама шахсиятҳои сиёсиву ҷамъиятӣ ва соҳибназарони дигар ҳангоме дар бораи ин ё он нашрия изҳори назар мекунанд, пеш аз ҳама ба ҳамин чиҳати мазмуну муҳтавои он – то куҷо риоя гардидани меъёрҳои ахлоқӣ диққат медиҳанд.

Масалан, ҳафтаномаи «Тоҷикистон» ба муносибати нашри ҳазорумин шумора сухани табрикии шахсиятҳоро дар саҳифаҳои худ ҷой додааст. Аксари соҳибназарон ҷиддият, инъикоси воқеъбинона, ба ҳангома дода нашудан, бо риояи усулҳои меҳварии журналистика – воқеият, рӯзмаррагӣ, бетарафӣ, ахбор ва факту рақамҳои санҷидашуда бо сарчашмаҳои муътамад, дур будан аз таҳқир ва сахтгӯйӣ амал намудани нашрияро сабаби муваффақияти он донистаанд.

Дар ин шумораи махсус суханони мудири кафедраи журналистикаи байналхалқии факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон С. Гулов боиси диққат аст, зеро муҳтавои ин суханон метавонанд барои дигарон дастуре бошанд:

“…Дар саҳифаҳои ин нашрия қадру эътибори сухани журналист эҳсос мешавад, журналист дар баробари суханаш масъулият ҳис мекунад. Дар баробари фаврият таҳлили амиқ, масъалагузории дуруст, ҷасорати касбии аҳли қаламаш хонандаро ба нашрия қарин сохтааст”.

Дар шумораҳои ҷашнӣ баён гардидани нуктаи назари шахсиятҳо рамзӣ буда метавонад; агар сухани хубе, тавсифе ҷой дошта бошад, пас ин ба он маъност, ки онҳо рӯзномаро дар ҳамин шакл дидан мехоҳанд.

Ба назари мо, дар замони муосир чунин роҳҳо, ки як навъ назарпурсӣ низ мебошанд, барои нашрияҳое, ки худ ва аудиторияи худро эҳтиром мекунанд, муҳим аст, зеро он барои боз ҳам амиқтар муайян кардани мавқеъ, дуруст ба роҳ мондани нақшаҳои минбаъда мусоидат мекунад. Ҷолиби диққат аст, ки дар шумораи ҷашнӣ ҳарчанд ба таври мушаххас доир ба камбудиҳо сухан гуфта намешавад, вале ҳолатҳое ҳам ба мушоҳида мешавад, ки устодони сухан нозукона, рамзӣ ба ин ҷиҳат ишора мекунанд ва таманниёти онҳоро чун намои минбаъдаи нашрия пазируфтан мумкин аст.

Ахлоқи касбӣ боз аз он ҷиҳат муҳим аст, ки “таҷрибаи рушди озодии баён дар ҷаҳон, муҳиммияти риояи одоби нигорандагиро дар баробари омилҳои фаъолияти журналистӣ исбот кардааст. Меъёрҳои ахлоқии журналистӣ ба омилҳои иҷтимоӣ – эҷодии озодии сухан мутаалиқ ҳастанд. Меъёрҳои ахлоқӣ рафтори журналистро мутобиқи стандартҳои муайяни касбӣ ба низом дароварда, имконияти ба вуҷуд омадани ҳолатҳои нақзи ҳуқуқ ва манфиатҳои ҷониби дигар(аудитория, шаҳрванд, ташкилот)-ро пешгирӣ мекунанд.

Риояи меъёрҳои ахлоқӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби журналистон дар шароити дигаргунсозиҳои демократӣ ба амнияти фаъолияти касбии онҳо ва пурсамар иҷро намудани рисолати воситаҳои ахбори омма ва журналист дар ҷомеа мусоидат менамояд” (4. 53-55).

“Масъулияти журналист ҳангоми риояи меъёрҳои ахлоқӣ ба “пирамидаи сеошёна” монанд аст, ки дар ошёнаи аввал қарзи касбӣ, масъулият, шараф ва қарзу манзалат ҷойгиранд. Дар ошёнаи дуюм бошад, принсипҳои этикии истеҳсолӣ, ки дар он талабот ба рафтори журналист инъикос мегардад, ошёнаи якум манъкунӣ ва майли низоми рафтори журналист ё меъёрҳои касбии ахлоқии журналистро дар бар мегирад” (1. 73).

Ин дараҷаи меъёрҳои ахлоқӣ воқеан, бозгӯкунандаи моҳияти масъулияти иҷтимоии журналист аст, ин ҳолат пайвастагии андеша, афкор ва амалро ифода мекунад, ки масъалаи мубрам аст.

Маълум аст, ки “ҳангоми вайрон кардани ин пирамида журналист обрӯ ва мақому манзалати худро аз даст медиҳад” (3. 64).

Ба назари мо, «Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон» ки ҳақиқатнигорӣ, воқеиятнигорӣ, адолат, гуногунандешӣ, эҳтироми ҳуқуқи инсонро усули (принсипи) фаъолияти ВАО ва журналистон медонад ва сареҳияти ахбор, ҳифзи манбаи ахбор, фарқ гузоштан миёни ақида, далел ва гумону тахмин, эҳтироми фарҳанги дигарон, эҳтироми ҳаёти шахсӣ, ҳифзи шаъну шараф ва эътибори шахс, худдорӣ аз пешдоварӣ, роҳ надодан ба табъиз, ҷудо будани эҷодиёт аз тиҷорату реклама, ислоҳи хато, роҳ надодан ба асардуздӣ, шеваҳои дурусти ҷамъ овардани мавод, худдорӣ аз гузоришҳои барангезанда, ҳамраъйии касбиро таъкид мекунад, на маҳдуд кардани озодии журналист, балки василае барои ба муваффақият даст ёфтани журналист аст.

Барои тақвияти ин натиҷагирӣ як шарҳи профессор И. Усмоновро зикр мекунем: “Сареҳияти ахбор. ВАО ва журналист бояд назару андешаҳои гуногунро беғаразона ва бидуни таҳриф ба нашр расонанд. Дар матолиб бояд тавозуни назарҳо риоя гардад. Сарлавҳа ва акс бояд маънои матн ва гузоришро ифода кунанд.

Таҳриф накардани факт. Ин унсури хеле муҳим аст, зеро факте, ки дар ҳодиса ё воқеа ба амал омадааст, бояд дуруст инъикос шавад, то ки худи хонанда моҳияти онро дарк карда тавонад. Аммо роҳҳои гуногуни таҳрифи воқеият мавҷуд аст, ки бояд аз истифодаи онҳо журналист ва журналистика худдорӣ кунанд: а) пурра истифода набурдани ҳақоиқу арқом ё воқеае, ки шуда гузашт; б) ба таври интихобӣ истифода бурдани ҳақоиқу арқом ё воқеаи мадди назар; в) бо дигар кардани ҷой ва ҳолатҳо вайрон кардани муҳтавои ҷараёни воқеа; г) истифодаи номҳо ва арқоми шубҳанок, тахминҳо ва ҳақоиқи истифоданашуда; ғ) шарҳи худхоҳонае, ки ба амал омадааст, яъне хулосаи журналист на ба ҳақоиқу арқом, балки ба хостаи худи ӯ асос меёбад.

Яке аз омилҳои сареҳияти ахбор ба масъалаи истифодаи сарлавҳа ва акс дахл дорад. Талаб он аст, ки сарлавҳа ва акс бояд ба мазмуни матн мувофиқат кунанд. Мутаассифона, дар ҳамин бобат камбудиҳои зиёде ба амал меоянд. Бисёре аз рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо сарлавҳа ва аксро ба таври дилхоҳи худ истифода мебаранд. Мақсад фаҳмо аст. Бо истифодаи сарлавҳаҳои пурдабдаба ва аксҳои мухталиф аз як тараф таваҷҷуҳро ҷалб кардан мехоҳанд, аз тарафи дигар, муносибати редаксияро ба ин матн ва ба ин воқеа баён карданӣ мешаванд. Барои ҳамин хусусияти валваладорӣ пайдо кардани ҳам сарлавҳа ва ҳам акс аз имкон берун нест” (6. 18-20).

Дар шароити имрӯзаи имконияти озоди фаъолият ҳеҷ як амал пинҳон наемонад, агар дар лаҳзаи аввали рӯй додани воқеа ба таҳрифи факт роҳ дода шуда бошад, он баъдан маълум мегардад. Аз ин ҷост, ки ин талаботи ахлоқӣ барои ҳифзи мавқеъ, мақоми журналисти касбӣ мусоидат мекунад.

Дар мавриди сарлавҳа ва акс низ чунин гуфтан имкон дорад; ҳангома, валвала ҳеҷ вақт хонандаи воқеӣ надошт ва нахоҳад дошт, аз ин рӯ агар боре бо ин гунаи сарлавҳа ва аксҳо диққати хонандаро ҷалб кардан мумкин бошад, воқеият нишон медиҳад, ки пайваста ин амалро давом додан имкон надорад, зеро эътимод аз миён меравад ва дар ҳолати мавҷуд набудани боварӣ ба маводи ВАО он мавқеи худро аз даст медиҳад ва хавфи аз байн рафтани воситаи ахбор ба вуҷуд меояд.

Аслан, бидуни ба даст овардани эътимод мавқеъ пайдо намудан имкон надорад, вале агар дар давраи аввал дар асоси меъёрҳо амал намуда, баъдан аз онҳо сарфи назар карда шуда бошад, пас, маълум аст, ки ин мавқеъ нест хоҳад шуд.

Пас аз баррасии мавзӯъ бо назардошти ин ва дигар мисолҳо мо ба чунин натиҷа расидем, ки ахлоқ, пеш аз ҳама донистани мавқеъ, эҳтироми худ аст. Дар журналистика моҳияти он дар қадру эътибори сухани журналист ифода меёбад. Эҳсос гардидани қадри сухан нишони эътирофи маҳорати шахсият, нахустомили комёбии ӯст. Дар замони муосир баррасии ин мавзӯъ зарур аст, зеро “риояи меъёр ва принсипҳои этикаи касбии журналист аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти журналистӣ ба ҳисоб мераванд. Бахусус, дар шароити имрӯзаи ҷаҳонишавӣ, боло рафтани нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳама кишварҳо, пайдоиши имкониятҳои нав дар дастрасӣ ба иттилоъ, марзнописандии иттилоъ ва монанди ин дар баробари меъёрҳои ҳуқуқиву касбӣ ин меъёрҳо хеле муҳим арзёбӣ мешаванд” (3. 3).

Дарвоқеъ, принсипҳои ахлоқӣ ба инсон имконият медиҳанд, ки дар ҳама ҳолатҳо қарори дуруст барорад, тарзе рафтор намояд, ки он муносиби ҳол бошад.

Талаботи ахлоқӣ ҳамчун яке аз муназзимони асосии рафтор ба устувории ҳулқи инсонӣ мадад мерасонад ва устувории ҳулқи азалӣ раҳнамои беҳтарини инсон барои дарёфти роҳи ҳаёти солим аст. Беҳуда нест, ки баҳадафрасии меъёрҳои ахлоқӣ низ дар таъсири бевосита ба вичдон ошкортар мегардад, тавассути баёни ин меъёрҳо он нукта таъкид мегардад, ки журналист бояд он гунае рафтор кунад, ки дигарон барои муҳокимаи ӯ асосе надошта бошанд.

Этика ва меъёрҳои мушаххас муайян мекунанд, ки чӣ гуна инсон метавонад дар вазъиятҳои гуногуну ҳассос худро идора намояд. Идораи худ, ҳифзи мустақилияти шахсиву касбӣ дар чунин шароит василаи муваффақият аст.

А Д А Б И Ё Т

1. Лазутина Г.В. Технология и методика журналисткого творчество / Г.В. Лазутина. – М., 1988.
2. Лазутина Г.В. Профессиональная этика журналиста / Г.В. Лазутина– М., 2000.- 208 с.
3. Журналистикаи байналхалқӣ (маҷмӯаи мақолаҳо), қисми VI. – Душанбе, 2014.- 144 с.
4. Замони муосир ва журналистика. – Душанбе, 2011.- 166 с.
5. Усмонов И. Назарияи публисистика / И. Усмонов.– Душанбе, 1999.
6. Усмонов И. Шарҳи “Меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон” / Усмонов И. – Душанбе, 2011. – 64 с.
7. Ҳамад С. Дар суҳбати соҳибдилон / С. Ҳамад. – Душанбе, 2007.
8. Тоҷикистон № 1000, 2013, 28 феврал.
9. Элита, 2011, март – апрел.

СОБЛЮДЕНИЕ ПРОФЕССИОНАЛЬНОЙ ЭТИКИ – СРЕДСТВО ДОСТИЖЕНИЯ УСПЕХА В ЖУРНАЛИСТИКЕ

В статье автор с приведением цитат из произведений исследователей сферы журналистики И. Усманова, Г. Лазутина и других источников – журнал «Элита», газета «Таджикистан» утверждает что, соблюдение профессиональных этических норм является важным фактором успеха журналиста.

Ключевые слова: журналистика, журналист, СМИ, профессиональная этика, свобода, профессиональная ответственность, фактор, нравственные принципы, успех, выполнение нравственные требований, независимость.

PROFESSIONAL ETHICS IS A MEANS OF ACHIEVING SUCCESS IN JOURNALISM

The author of the article quotes from books researchers of journalism such as I. Usmanov, G. Lazutina and other sources such as magazine "Elite", the weekly "Tajikistan" and it wants to prove once again that adherence of professional ethics in journalism is an important factor in moving career of journalism.

Key words: journalism; journalist; mass media; professional ethics; liberty; professional responsibility; factor; moral principles; success; the fulfilled moral requirements; independence.

сведения об авторе: ***Х.У. Рахимджонов*** **–** аспирант факультета журналистики ТНУ. Телефон: **934-89-26-56.** E-mail: **khushdil_09@list.ru**

МАСЪАЛАИ ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ УСТОД АЙНӢ

Э.А.Хушвахтов
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бидуни шакку тардид метавон гуфт, ки дар осори ҳеҷ як адиби тоҷик ба андозаи осори устод Айнӣ масоили миллӣ, худшиносию худогоҳӣ, ғаму дард, шодию нишот, шебу фароз, хулоса, бурду бохти миллати тоҷик матраҳ нагардидааст. Устод Айнӣ аз аввалин лаҳзаҳои фаъолияти адабӣ, илмӣ ва сиёсиаш ба ғаму дарди ин миллати ҷафокаш шарик буд ва гуфтан метавон, дарду сӯзи ин миллат ӯро аз по дарафтонд.

Масъалаи худшиносии миллӣ аз муҳимтарин мавзӯоти осори устод Айнӣ буда, дар аксари навиштаҳои ӯ гоҳе кушоду рӯшан ва гоҳе ба тариқи рамзу дигар воситаҳои тасвири бадеӣ аз он сухан рафтааст. Худи нависанда дар як мақолааш бо номи «Тақдири як халқ» ба ин маънӣ ишора дорад: «дар муддати ҳаёти худ ман китобҳои зиёде навиштаам ва ҳамаи онҳо бо як мавзӯъ бахшида шуда, аз як мавод фароҳам омадаанд. Ҳамаи ин китобҳо дар бораи тоҷикон ва Тоҷикистон, дар бораи кӯҳистони ман, дар бораи кишвари азизам, ки дар замонҳои гузашта урдуҳои сершумори аҷнабиён поймол карданд, дар бораи фарзандони он сарзамин мебошад, ки дар қарни 8-уми эраи мо ба худ номи тоҷикро гирифт»[1].

Мавзӯи худшиносӣ ва худогоҳии миллӣ, ки дар даврони Шӯравӣ мавриди назорати сахт қарор гирифта буд ва нависандагон имкон надоштанд, ки аз ҳадди эътидол фарохтар по бигзоранд, дар навиштаҳои Айнӣ аз ибтидои фаъолияти ӯ нақши босазо касб кардааст.

Мавзӯи Айнӣ ва худшиносии миллӣ танҳо баъд аз бозсозӣ (1985) мавриди таваҷҷуҳи айнишиносон қарор гирифт. Аз ҷумла, дар навиштаҳои М.Шукуров[2], С.Табаров[3], А.Маҳмадаминов[4], М.А.Абдуллоҳ[5] И.Усмонов[6], М.Имомов[7] дар ин масъала сухан рафтааст, аммо аз рӯйи мизони арзишҳои миллии ҷомеаи соҳибихтиёри тоҷикон паҳлӯҳои гуногуни он ба омӯзиш аз таҷдиди назар ниёз дорад.

Тавре ки ишора рафт, андешаҳои миллии адиб аз аввалин давраҳои фаъолияташ шурӯъ мешавад. Яъне, аз замоне ки тавассути асарҳои Аҳмади Дониш ва рӯзномаву китобҳои ҷадид аз аҳволи замон бохабар мегардад ва бар нафъи халқиятҳо мекӯшад. Нахустин иқдоми ҷадиди адибро дар роҳи манфиатҳои миллӣ ҳамоно дар роҳи таъсиси мактаби ҷадид ва саводнок кардани мардум метавон донист. Ин амал Айнӣ ва ҳамсафонашро ба пешиниён як қадам муқаддамтар мегузорад. Махдуми Дониш иллати ҷомеаи аморати Бухороро ифшо намуд ва зарурати ҷомеаи навро пешгӯйӣ кард, вале амалан кореро анҷом дода натавонист. Айнӣ аҳамияти маърифатӣ ва амалии фаъолияти Донишро дар «Ёддоштҳо» тавассути образи Мулло Амон баён кардааст, ки комилан мувофиқ меояд[8].

Мавзӯи худогоҳии миллӣ дар ҳарду самти фаъолияти эҷодии Айнӣ ҷараён ёфтааст: ҳам дар самти таҳқиқи илмӣ ва ҳам дар осори бадеӣ. Фаъолияти илмии Айниро метавон ба чаҳор риштаи таҳқиқ ҷудо кард: таҳқиқи илмӣ –адабӣ, таҳқиқи илмӣ таърихӣ, таҳқиқи илмӣ оид ба забон ва таҳқиқи илмӣ оид ба санъат[9]. Фаъолияти эҷодии адабии ӯ низ танҳо бо осори бадеӣ маҳдуд намешавад. Илова ба роману повест, ҳикояву лавҳа, очерку мақолоти публитсистии зиёде перомуни мавзӯъҳои мухталифи ҳаёти рӯзмарра иншо карда, ки дар бештари онҳо бевосита ва ё бавосита аз мавзӯи худшиносии миллӣ сухан рафтааст.

Дар ҳама асарҳои Айнӣ ҳам илмӣ ва ҳам адабиаш манфиатҳои миллати тоҷик дар радифи аввал меистод. Агар дар асарҳои дар арафаи инқилоб ва дар солҳои аввали инқилоб иншокардаи адиб манфиати тамоми муслимин (аз ҷумла тоҷикон) дар назар бошад, баъд аз иғвои пантуркистон Айнӣ бевосита бо зикри номи тоҷик манфиатҳои ӯро ҳимоя кардааст. Агар дар «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ҳаёти мазлумона ва хору зоронаи муслимини Бухоро, аз ҷумла тоҷикон дар зери зулми ин аморати насли Чингиз тасвир шуда бошад, дар «Таърихи инқилоби Бухоро» муборизаи ин мардуми мазлум баҳри озодӣ ва зулми дуҷониба: амирони манғит ва ҳукумати мустабидаи рус инъикос ёфтааст. Ҳамчунин, дар ин асар саҳми рӯшанфикрони Бухоро дар пирӯзии инқилоб ба таври возеҳ нишон дода шудааст. «Ҷаллодони Бухоро»-ро метавон «Фоҷианомаи ҷадидон-равшангарони Бухоро» номид, зеро дар он фоҷиаи кушта шудани равшанфикрон ва сабабҳои куштору қотилони онҳо ба пуррагӣ акс ёфтааст.

Муборизаи Айнӣ барои барқарор кардани ҳуввияти миллии тоҷикон ба бедор кардани ҳисси худшиносии миллӣ дар онҳо камтар аз майдони ҷанг набуд, зеро «қариб аз ҳар як асари илмии вай (ҳамчунин, асарҳои бадеии ӯ) аз «Намунаи

адабиёти тоҷик» сар карда, то рисолаи «Мирзо Абдулқодири Бедил» сарнавишти сангине насиб гаштааст. Ба пантуркистону нигилистон доиман ба осори илмии ӯ дар мубориза буданд ва Айнӣ тани танҳо ба муқобили ин гуна қувваи азими харобкор истодагарӣ кардааст»[10].

Гӯшаи дигари андешаҳои миллии адиб дар асарҳои доир ба таърих иншокардаи ӯ таҷассум ёфтаанд. Илова ба китобҳои «Таърихи амирони манғитияи Бухоро» ва «Таърихи инқилоби Бухоро» асарҳое, монанди «Исёни Муқаннаъ», «Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик», «Тирози ҷаҳон» аз ҷумлаи, чунин асарҳои муаллифанд. Дар ин гуна асарҳо адиб таърихи пурифтихор ва дар айни замон пуршӯру шари тоҷик ва муборизаи ӯро алорағми аҷнабиёни ғоратгар нишон медиҳад. Айнӣ бо эҷоди ин қабил асарҳо собит сохт, ки тоҷик тарсу нест, озодманишу озодичӯ аст. Турку муғуле, ки дар ватани ӯ ҷой гирифтаанд, ҳарчанд шоҳу султон буданд, вале аз лиҳози забону фарҳанг ва мазҳабу тамаддун тобеи мардуми тоҷик буданд. Саҳифаҳои пурифтихор ва тираи мардуми тоҷик ҳам дар асарҳои илмӣ ва ҳам дар осори илмии ӯ нақши босазои худро ёфтаанд. Айнӣ қариб дар ҳамаи асарҳои таърихӣ ва китобҳои таълимиаш, ҳангоме ки сухан аз худогоҳии миллӣ ва давлати намунавӣ меравад, ёд аз аввалин давлати тоҷикон-Сомониён мекунад.

Масъалаи дигаре, ки то кунун забоншиносон ва дигар донишмандон атрофи он баҳсу талош доранд, масъалаи умумият ва тафовутҳои забони тоҷикӣ ва форсӣ аст. Бидуни ҳеҷ шубҳа метавон гуфт, ки ин масъала соли 1928 дар мақолаи «Дар атрофи забони форсӣ ва тоҷикӣ»-и устод ҳал гардидааст. Бояд гуфт, ки Айнӣ дар мақолаи мазкур ин масъаларо ба пуррагӣ ҳал намудааст. Хулоса, забоне, ки имрӯз мо такомул мекунем ва китобу мақола менависем, аз тарафи ин мутафаккири бузург такмил ёфта, сайқалу суфта гардидааст.

Хуллас, устод Айнӣ нахустин нависандаи миллии мардуми тоҷик аст. Тору пуди осори устод Айниро манфиатҳои миллии тоҷикон ташкил додаанд. Ба ибораи дигар, дар ҷаҳонбинии С.Айнӣ нахустин падидаҳои миллии озодихоҳӣ эҳсос мешавад ва дар асарҳои марҳилаи аввал ба ин мазмун дучор омадан мумкин аст. Инқилоб арзишҳои маънавии ҷомеаро дигар карда, пеши замон масъалаҳои зиёди миллиро гузошт ва андешаҳои миллии С.Айнӣ нисбати онҳо мушаххас гардид. Тамоми фаъолияти нависанда дар замони инқилоб ва баъди он дифои манфиатҳои миллии тоҷикон буд. Дар солҳои минбаъда низ орзуву омоли мардуми тоҷик аз назари С.Айнӣ дур намондааст. Чунин ҷанбаи қавии осори С.Айнӣ аст, ки имрӯз навиштаҳои устод дар худшиносии миллӣ, бунёди давлати соҳибихтиёр, истиқлолияти кишвар арзишу аҳамияти бештар пайдо намудааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Абдуллоҳ М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ. М Абдуллоҳ //Садои Шарқ, 1996. -№5-8.-С.59-62.
2. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо: маънавиёт, забон ва эҳёи миллии тоҷикон / М Шакурӣ. Душанбе: Оли Сомон, 1997.
3. Табаров С. Масоили ифтихори миллӣ ва байналмилалӣ аз биниши Садриддин Айнӣ / С Табаров //Ҷустуҷӯҳои адабӣ. Китоби 3. Душанбе: ДДМТ, 1999.
4. Маҳмадаминов А.С. Адабиётшиносӣ ва худогоҳии миллӣ / А.С. Маҳмадаминов.- Душанбе: Сино, 1998.
5. Абдуллоҳ М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ / М. Абдуллоҳ. //Садои Шарқ, 1996. -№5-8. –С.90-96.
6. Усмонов И. Тоҷикон / И. Усмонов.- Душанбе, 2001.
7. Имомов М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ / М. Имомов. -Душанбе: Адиб, 2007.
8. Айнӣ С. Куллиёт/ С. Айнӣ. -Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – Ҷ.7. -С.356.
9. Имомов М. Сужет ва тасвир дар насри Садриддин Айнӣ / М. Имомов. -Душанбе: Адиб, 2007. – С.109.
10. Абдуллоҳ М. Устод Айнӣ ва худогоҳии миллӣ / М. Абдуллоҳ // Садои Шарқ, 1996. -№5-8. -С.59-62.

ПРОБЛЕМА НАЦИОНАЛЬНОГО МЕНТАЛИТЕТА В ПУБЛИЦИСТИКЕ САДРИДДИНА АЙНИ

Менталитет представляет собой исторически переработанные архетипические представления, через призму которых происходит восприятие основных аспектов реальности: пространства, времени, искусства, политики, экономики, культуры, цивилизации, религии. Таджикский народ в течение нескольких веков был под властью чужеземных завоевателей и лишён политической власти. Это не могло не отразиться на менталитете. В таджикской литературе в изучение данной проблемы огромный вклад внёс основоположник таджикской советской литературы Садриддин Айни. В своих произведениях С.Айни не только мастерски описывал историю своего народа или прославлял его героическое прошлое, но и одновременно открыл путь к самосознанию и самовыражению народа. Статья посвящена изучению темы национального самосознания таджикского народа в публицистике Садриддина Айни.

Ключевые слова: менталитет, национальный менталитет, таджикский народ, истинные носители национального менталитета.

THE PROBLEM OF NATIONAL MENTALITY IN JOURNALISM SADRIDDIN AINI

Mentality is a historically processed archetypal view through the prism of which is the perception of the fundamental aspects of reality: space, time, art, politics, Economics, culture, civilization, religion. Tajik people for several centuries was ruled by foreign invaders and deprived of political power. This could not be reflected in the mentality. In Tajik literature in the study of this problem is a huge contribution made by the founder of the Tajik Soviet literature Sadriddin Aini. In his works, S. Aini not only masterfully described the history of his people, or glorify his heroic past, but at the same time opened the way to the consciousness and expression of the people. The article is devoted to exploring the topic of national identity of the Tajik people in journalism Sadriddin Aini.

Key words: mentality, national mentality, the Tajik people, the true bearers of the national mentality.

Сведения об авторе: ***Э.А. Хушвахтов*** - аспирант кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. Телефон: **938-53-79-79**

РОМАНТИКАИ ИДЕАЛӢ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР АСАРИ БАДЕӢ

Ҷамила Раҳмонова
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Инсон ба ҳама чиз масъул аст, ба ҳамаи он чи ки худаш карда ва ба ҳамаи он чи ки дар муҳит рух менамояд. Масъулияти ӯ баҳри танҳо муосирон нест, балки вай ба сарнавишти ҳар касу ҳар чизе масъул аст, ки ба ҷомеа, муҳит ва шахси ҷудогона нафъ меорад. Шарт нест, ки шахси тасвирмекардаи нависанда симои намоён бошад, барои эҷоди вай танҳо ҳамин басандааст, ки образи офаридааш манфур нест (гоҳо ҳатто шахсияти манфур ҳам нафъе меорад), ба атрофиён рӯҳу илҳоме мебахшад.

Ин суханон ба хотири повести романтикии «Ширмоҳ» гуфта шудаанд, ки аз рӯзи ба чоп расиданаш чун як суруди ишқ байни хонандагон маъруфият пайдо кардааст. Қиссаи «Ширмоҳ» аз чанд ҷиҳат ҷолиб менамояд. Албатта, бадеият дар ин қисса хеле зиёд аст – бигирем тасвири манзараҳои Чорбоғро. Нависанда ба зебоиҳои табиат ончунон шефта ва дилбохта аст, ки ҳар пораи кӯҳ, дара, ҳомун, дарёву чашма ва пораҳои табиати кӯҳистон ба мисли мусаввараи ба қалами рассоми соҳир кашидашуда айният пайдо мекунад.

Баъдан, нависанда бисёр мушоҳидакор аст, ҳар тағйироти ҷузъӣ аз назари ӯ пинҳон наемонад. Солисан оне ки нақл аз забони ӯ меравад (Мирзо) ба зоти худ зебописанд аст. Ҳамин ҳис ӯро дар кӯҳистони аксаран сарду ба тақдири бошандагонаш бепарво нигоҳ медорад.

Чуноне ишора рафт, қисса аз рӯзи дар «Чорбоғак омада хайма задани ман» (Мирзо- Р.Ҷ.) оғоз ёфтааст, Мирзо духтур аст, донишгоҳро хуб хатм карда ва ба идеалҳои савганди Гиппократ содиқ аст. Аҳд кардааст, ки ҳамчун духтур ва ҳамчун инсон «тамоми умр ба одамон некӣ кунад» ва «ба ивази корҳои неки худ аз дигарон некӣ» бинад. «Дар Чорбоғак хайма зада, фикр мекардам, ки аз рӯзҳои оғози тобистон то нимаи аввали тирамоҳ дар ин ҷо бароҳат кор мекунам, аз оби ширини чашмаҳои он менӯшам, аз ҳавои тозааш бо фароғат нафас мекашам, дар марғзорони доманаҳои кӯҳӣ ғел зада куллаҳои барфпӯшро тамошо карда, ба сайру саёҳат баромада, хуб дам мегирам» (с. 108). Аммо ба сари Мирзо ҳодисаҳое фурӯ мерезанд, ки ҳаргиз ӯ интизорашон набуд.

Чорбоғак чор боғ дорад, бошандагонаш бошад, аз се оила иборатанд. Мирзо онҳоро бо ҳавсалаи тамом муаррифӣ мекунад. Ба онҳо худи ӯро акои Маҳмадалӣ шинос кардааст. Мирзо бо маслиҳат ҳафтод-ҳаштод метр дуртар аз боғчаи Сангак, дар майдончаи фаррохи хушманзара хайма задааст.

Дар Чорбоғак бародарон Сангаку Зардак зиндагонӣ мекарданд. Сангак «Марди миёнақади ҷуссанок буд, ришаш натарошида, мӯйлаб дошт. Манаҳаш борик, рӯяш дароз, садояш ҷеғи хурӯсро ба хотир меовард, борику нофорам» («Ширмоҳ», - Душанбе, 2002. с.2. Минбаъд ба ҳамин китоб ишора мешавад. Р. Ҷ.). Бегоҳӣ Сангак аз ҳама дер омаду аввал ба назди бошандагони нав рафт.

- Шумо хаймаатонро дар Миёнадеҳ мезадед, беҳтар буд. Онҷо серодам, дар инҷо зиқ мешавед, - гуфт ӯ хурӯс барин қайғоз зада.

Сангак - шавҳари Ширмоҳ, ҷангалбон аст. Вай одатан чормағзорро посбонӣ мекунад. Сангак як ака дорад, ки Зардак ном дошта, посбони тахтапулҳои чарогоҳ будааст.

Сангак ҳамсояи наздиктарини Мирзо аст. Хаймаи Муродбобою Зардак аз хаймаи Мирзо дур воқеанд, аммо овозрас, бо имою ишора ба ҳам муошират карда метавонанд.

Зиндагӣ дар кӯҳистон бисёр оддист,- аз субҳи солеҳ бархостан, кору бори хона ва зиндагиро анҷом додан ва боз хобидан иборат аст. Зиндагиро дар кӯҳистон кӯдакон рангин мекунанд. Мирзою акаи Мадалӣ низ зиндагии якранг медоштанд, агар кӯдакон намебуданд. Кӯдакон буданд, ки дар як муддати кӯтоҳ онҳоро бо шароити зист ва будубоши Чорбоғак шинос карданд. Оғози асар ҳам ба кунҷковии кӯдакон вобаста аст. Нони Мирзою Мадалӣ тамом мешаваду пурсуҷӯ бо кӯдакон маълумот медиҳад, ки дар наздикии хаймаи онҳо зани Сангак метавонад, (агар Сангак хоҳад) ба онҳо нон пухта диҳад. Аммо зани ӯ шавҳарашро бад мебинад ва гумон аст, ки ба занаш иҷозати нонпазӣ диҳад. Ин воқеа боиси фикру мулоҳизаи Мирзо мегардад. «Аз ростӣ гӯям, ба ту Мирзо, аз дасти ин гуна зан нон хӯрдан савоб аст»- чаро Мадалӣ чунин гуфт? Ин ва саволу ҷавоб бо кӯдакон ҳисси кунҷковии Мирзоро зиёд мекунад. Бар илова, ба ёди ӯ гапи Сангак мерасад, ки дар рӯзи аввали ба Чорбоғак омадан «Хаймаатонро аз ин ҷо дуртар мезадед, беҳтар буд» гуфта буд.

Оғози ретроспективӣ ба нависанда имкон додаст, ки сабаби авҷ гирифтани воқеаҳои асарро хеле оддӣ ва табиӣ мураттаб созад: Хуррам - писари Сангак барои шунидани консерти радио ба хаймаи Мирзо меояд, Мирзо дар омади гап ба ӯ дар бораи нон гап мекушояд ва ба воситаи ӯ донистан мехоҳад, ки модараш ба онҳо нон пухта медиҳад ё не. Бар илова, баъди чанде аз Хуррам мешунавад, ки «модараш нонро пухта, ба вай гуфтааст, ки худам рафта биёрам». Албатта, чунин хабар аз ин далолат мекард, ки элак баҳонаю дидор ғанимат, - занак ҳеҷ гуна дарди сар надоштааст. Ин ҷо аз хаёли Мирзо фикре мегузарад, ки ба зоти худ ғалат аст: «Маро надида, ё дар атрофи ман тор метанад ё ин ки дарде дораду шифо металабад». Изофа ба ин «ба ман ақл нею дил раҳнамоӣ кард, ки ба хонаи Ширмоҳ равам» мегӯяд. Ин фикр низ солим нест ва бар илова сухани ғайбии ӯро мешунавем: «Албатта, шавҳараш дар хона нест, пайгаҳ хилват аст». Чунин фикр кардан дар бораи зане, ки ҳанӯз номашро аз забони худаш нашунидааст, камоли беақлист барои Мирзо. Дертар баъди он ки мо аз иродаи нодурусти Мирзо огоҳӣ меёбем, суханони ӯ ба гӯш мерасанд, ки аз вуҷуди марди ҳушёр дарак медиҳад: «Мардҳо аҷоиб хислате доранд, аз панҷсад метр бӯи висоли зан ба димоғашон занад, саманди ҳавою ҳавасро ба ҳамон тараф ронда мераванд» аз фикр мегузаронад Мирзо ва чунин андеша ба хонанда ҳушдор медиҳад, ки ба Мирзо чун ба инсони комил, чун ба табибе, ки дар сар на танҳо ҳавою ҳавас, балки беҳбуди одамонро доранд, оқибатро андешида қадам мегузоранд, бовар кардан мумкин аст.

Вале аввалин вохӯрӣ ба дили хонанда нисбати Мирзо боз шубҳаеро ҷо мекунад. Ӯ Хуррамро дар хайма посбони ратсия гузошта худ ба хаймаи Ширмоҳ меравад. «… Ширмоҳ, Ширмоҳ, ё тавба, ё тавба, зан ҳам ин гуна зебо мешудааст! Ман дар Душанбе зиста, шаҳр ба шаҳр, деҳа ба деҳа гашта, ин гуна чеҳраи зеборо дар умрам надида будам. Рӯяш ба нони ширмол мемонад, пайкараш сар то по дилкаш, солиму бардам. Зан ҳам ин қадар зебо мешудааст».

Мирзо дар сурати Ширмоҳ афсонаро аз қиссаҳои бофтаи халқӣ, достонеро аз достонҳои хаёлии ҳусну малоҳати париҳо ба ёд меорад ва худ ба худ хитоб мекунад: «на, на, дар ҳеҷ афсона чунин зебоӣ тасвир нашудааст».

- Чӣ ном дорӣ, духтур?- пурсид ба рӯи ман хандида. Аммо он чӣ хандае буд. Ин хандаи чеҳраи ӯ ба мисле буд, ки барқ шабҳангом торикистони осмонро то замин равшан мекунад. Саволаш муқаррарӣ, аммо садояш мусиқивор оҳанг дошт, бошира буд. Бовар кунед, агар ӯ диктори оинаи нилгун мебуд, танҳо барои овози ӯро шунидан шумо дар пеши телевизор менишастед» (с. 41).

Мирзо аз саволи Ширмоҳ масту махмур ба таърифу тавсифи Ширмоҳ мепардозад, аммо вай аз таърифҳои ӯ заррае тағйир наёфта, ҳатто маъюсона фикр карда мемонад.

«- Гап дар ҳусни зан не. Дар хушоҳангии садояш ҳам не. Гап дар хулқи зан. Дар талхию ширинии сухани зан. Ту инро бояд донӣ. Сухани зан ширину хулқаш бад бошад, ин ҳам хуб не. Хулқи ман, гумон аст, ки ба ту форад» (Ҳамон ҷо) ба ин гап Ширмоҳ донистан хост, ки духтур номи ӯро аз кӣ шунидааст. Мирзо аз Хуррам донистани номи ӯро пинҳон дошта, боз ба тавсифи Ширмоҳ мегузарад, ки ин аломати дилбандии ӯ ба Ширмоҳ аст: «- Дар ту чор хосият, нишонаҳои хубиро дидам: рӯят, мӯят, хандаат, овозат, номат муҷассамаи ин хубиҳост.»

Нависанда аз аввали қисса ҷаҳони маънавии Мирзоро андаке шубҳанок тасвир карда, ба ин шавқи хонандаро ба мутолиаи асар зиёд мекунад.

Дар муҳити адабии тоҷик Мутеулло Наҷмиддиновро ба ҳайси нависандаи воқеанигор ва публисисти шинохта эътироф кардаанд, ки ҳақиқат дорад. Зуҳури

қисса бори дигар таваҷҷуҳи касро ба рӯҳи публисистӣ доштани он равона менамояд. Сарнавишти Ширмоҳ, ки асарро унвон бахшидааст, хеле пурпечиҳо дорад.

Ӯ назар ба тасвири адиб аз асорати рӯҳӣ раҳо ёфта, ба ҷамъияти мутамаддин ба шаҳр меояд, овози хушашро на танҳо сангу кӯҳҳо, балки ҳазорон ҳаводорони санъат мешунаванд. Нависанда дар ҳукми худ қатъист - зебоӣ моли ҷамъият аст ва онро шиддати эҳсосоти одамони бадкешу худбин ва кӯҳҳои осмонбӯс пинҳон дошта наметавонад. Фақат ба як чиз розӣ шудан мумкин нест. Дар нашрҳои аввалӣ адиб Туробовро бешарҳу эзоҳ маҳкум карда, худи Ширмоҳро дар хонаи худаш ба меҳмонон муаррифӣ мекунад. Чунин натиҷа аз чанд ҷиҳат мантиқист. Аввалан, ин гувоҳи он аст, ки Мирзо бо вуҷуди дар баъзе мавридҳо хеле баланд шудани ҳуруҷи эҳсосот Ширмоҳро на маъшуқа, балки чун як зани ба ёрию мадад мӯҳтоҷ дӯст дошта будааст ва исботаш он аст, ки ӯ имрӯз ҳамроҳи зани Мирзо чун дугона ва мӯниси якдигар муносибат мекунад. Дар хати сужа аслан хонанда суруди Ширмоҳро мешунавад, худи ӯро гӯё мебинад, ба воқеӣ будани нақл боварӣ ҳосил мекунад. Дуруст аст, ки дар таҳрири нав, нависанда фақат бо нақли саргузашти ӯ маҳдуд мешавад. «Ба БАМ рафт. Ба Эрон, Афғонистон, ба РДГ ва Франсия рафта омад.» мегӯяд. Пайдост, ки муаллиф шӯҳрати духтари соҳибистеъдоди кӯҳистонро боз ҳам беш карданӣ ва нақли Мирзоро бо санадҳои нав тақвият доданист, аммо ин танҳо масоҳати паҳншавии овозаи шӯҳрати Ширмоҳро афзуда, таъсири эмотсионалии ин образи хеле ҷозибро мекоҳонад.

Ширмоҳ- ин рӯҳи кӯҳистон аст. Дар он мавзеъ ҳама чиз зебост, ҳам шаҳҳои урёну ҳам дараҳои махмалгун, ҳам парвози уқобону ҳам чарои рамаи гӯсфандон, ҳама чиз дар кӯҳистон ба мисли Тоҷикистон тару тоза, хушбӯю муаттар аст. Шояд ҳамин олами эҳсосот ва ҳусни табиии Ширмоҳ Мирзоро ба дунёи андешаҳои мубҳам бурда бошад, ӯро дар баъзе мавридҳо аз худ беҳуд карда, ғайри марому мақсади худ «Ба сари ман хаёли ба ӯ ҳамхонагӣ меояд» гуфта бошад.

Ин асар хусусияти очеркӣ дошта, зоҳиран ба кору зиндагии чӯпонон бахшида шудааст. Ҳамзамон дар он тасвири мавзеъ, маҳал ва ному насаби чӯпонон айнан ба чашм мерасад. Ҳол он ки повест ба тадқиқи тақдири як зани санъатдӯсти тоҷик бахшида шудааст. Мутеулло Наҷмиддинов мазмуну мундариҷаи асарашро ба ҳамин ҷиҳати масъала иртибот дода, кӯшидааст, ки фаъолияти шахсҳои дигари сужаро баҳри такмилбахшӣ истифода намояд. Сангак аз рашк баъди хонадорӣ кӯҳ ба кӯҳ, дара ба дара гашта, Ширмоҳро аз чашми номаҳрамои руст карданӣ мешавад. Зардак, ки аз барор нагирифтани ишқаш ҳамеша дар тобу таб аст, пайт меҷӯяд, то аз Ширмоҳ ба зӯрӣ бошад ҳам, «ниқор» гирад. «Зардак дар ишқи ман месӯзад. Сангак дуд мекунад. Лекин аз хушомади Зардак Сангак хабар надорад. Вай мехоҳад, ки ман ба ком зани ин, ба ном зани вай бошам. Ягон рӯз дар набудани Сангак вай ба сари ман меояд»- мегӯяд Ширмоҳ (с. 213).

Образи марказӣ дар повест Ширмоҳ аст, аммо симои ӯ бе Шарифаю Шокарим хира мемонад. Ширмоҳ ягон бор аз ин оилаи аҷиб, аз чунин тарзи зиндагии ибратбахши ҷавонон ҳарф намезанад. Шояд ӯ аз онҳо дарак ҳам надорад, аммо хонанда, бегумон, тарзи ҳаёти онҳоро бо ҳаёти Ширмоҳу Сангак муқоиса менамояд. Часпу талоши онҳо барои бахти оилавӣ дар ибтидо чунон аст, ки мо онро дар оғози хонадоршавии Сангаку Ширмоҳ мебинем. Аммо азбаски маърифат ва заминаҳои иҷтимоии ин образҳо якранг нестанд, тақдири минбаъдаи онҳо ба тарзу тариқи гуногун сурат мегиранд.

Аз персонажҳои манфӣ Туробов бо доираи ҳамфикронаш Сангаку Зардак дар хотир мемонад. Нависанда ба ин тоифа қаҳрамонони интихобкардааш нафрати бепоён дорад, дар ҳаққи онҳо суханҳои зишт нагӯяд ҳам, онҳоро чунон тасвир менамояд, ки хонанда нафраташон хонад, ҳатто аз номашон парҳез намояд.

Як ҷиҳати мусбати повест он аст, ки нависанда нисбати одамони номаъқулаш ҳукм намебарорад. Рафтори онҳоро, чи аз забони дигарон ва чи бо ремаркаҳояш маломат намекунад, ҳасуд, рашки беасос, муғамбирӣ, худҳоҳӣ барин хислатҳои бади онҳоро иштирокчиёни дигари воқеаҳои асар низ пай мебаранд, вале ба он эътибор намедиҳанд, бо ахлоқи ҳамида, бо далели он, ки панҷ ангушт баробар нест, ба ҳастии чунин ашхос розӣ мешаванд, фақат парҳезкориашон аз нопокӣ, ба дунёи маънавиашон ишорат мекунад. Дар ин замина шахсияти Мадалӣ хеле таъсирбахш баромадааст.

Хонандаро, аз як тараф, хоксории ӯ шефта намояд, аз тарафи дигар, дилгармӣ, кордӯстӣ, муомилаи беқилу қоли ӯ бо чӯпонону дигар бошандагони кӯҳсор мот менамояд. Дар тасвири Мутеулло Наҷмиддинов акои Мадалӣ як марди фурӯтан, одамдӯст ва муниси ҷавонон, камгапи пухтакор намоён мешавад. Ба саволҳои

паиҳами Мирзо аз боби издивоҷи духтараш Шарифа ва чӯпон Шокарим ӯ хеле мухтасар, вале мушаххас ҷавоб медиҳад. «Столҳоро ороста, стулҳоро қатор гузошта, тӯйро бо иштироки марду зан ба тарзи нав гузарондем. Қиссаи зану шавҳарии духтару домоди ман ҳамин». Акои Мадалӣ ҳам доғ буд, ки хости худро кунад. Шарифаро ба писари бухгалтер диҳад, аммо вай ба дарди дили ҷавонон доғ не, дармон шуданро авло донист ва Шокарими аскарбачаро домод интихоб намуд. Акнун бошад, аз бахти баланди фарзандонаш меболад, вале фақат хоксорӣ ӯро ба гуфтани суханҳои таърифӣ нигоҳ медорад. «Зиндагиашон бад не, дере нагузашта наберадор мешавем, тӯй мекунем» мегӯяд акои Мадалӣ.

Миёни муаммоҳои адабиёту санъат дар муносибат бо ҳаёт ва таъсири мутақобилаи онҳо проблемаи тасвири инсон (дар паҳнои ҳаёт - зиндагии рӯзмарра, мубориза, маишат, ҷаҳонфаҳмӣ ва ғайра) ҷои махсус дорад. Ин падида аз масъалаҳои асосии дарки бадеии ҳаёт буда, солҳо, балки асрҳо боз афкори эстетикӣ ба омӯзиши он машғул мебошад.

Вобаста ба вазъияти таърихиву сиёсӣ ва иҷтимоӣ назару муносибат ба он тағйир ёбад ҳам, таваҷҷӯҳ ба он кам намешавад, чун сухан аз боби маърифати моҳияти инсон, нақши вай дар зиндагӣ, қобилияти ӯ роҷеъ ба дигар сохтани рӯзгор, бунёдгарӣ ва такмилдиҳии ӯ ҷаҳонро меравад. Ҳамзамон бо ҳунару адабиёт инсон чун таҷаммӯи муносибатҳои ҷамъиятӣ чӣ тавр ба тасвир мегардаду нишонаҳои замонро дар чорчӯбаи сарнавишту фаъолияти шахс чигуна инъикос мекунанд, мавзӯест доманадору баҳснок. Таҳқиқи бадеии инсон дар тадқиқотҳои олимони тоҷик назаррас аст. Дар ин миён М. Шукуров, С. Табаров, А. Сайфуллоев, Ю Акбаров, Х. Отахонова, Ҷ. Бақозода, Х. Шарифов, А. Набиев, Р. Мусулмониён М. Раҷабов ва дигарон дар мисоли эҷодиёти С. Айнӣ, С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Раҳим Ҷалил, Сорбон, Кӯҳзод, Абдулҳамиди Самад, Саттор Турсун, Кароматулло Мирзоев ва амсоли онон ба қимати ҳаётии образҳо, арзиши пояҳои иҷтимоии инсон ва нақши он дар зиндагӣ суханҳои гаронбаҳое гуфта, ба натиҷаҳои хуби илмӣ соҳиб шудаанд.

Назар ба мутолиоти эшон, шояд масъалаи нақшу мақоми шахс дар раванди эҷодиёти таърихӣ, иштироки бошууронааш дар ин масир ҳеҷ гоҳ мисли солҳои охири асри XX ба ин андоза актуалӣ набудааст.

Вақте адиб аз паи созмони образи бадеии инсони воқеъбин мешавад, ҳатман ҳолати рӯҳии ӯ, авзои замониву кайфиати инсонро ба тасвир мегирад, то ки имкониятҳои бошууртарин мавҷуди рӯи заминро кашф карда бошад. Ҳарчанд ки на ҳар як образ дорои характери нотакрору барҷаста мебошад, номуайянии хислат, карахтии рӯҳӣ, бенизомии авзоъ, ҷустуҷӯҳои беҳудаи сужаи асар низ мавзӯи тадқиқ шуда метавонанд.

Мутеулло Наҷмиддиновро саропо нависандаи воқеанавис гӯем, хато намешавад. Вай хоҳ образи сирф бадеӣ офариданӣ шавад (Карима), хоҳ рамзи кӯҳистони нотакрори Кӯҳистонро дар симои Ширмоҳ, Мадалӣ пеши назар оварданӣ шавад ва ё дар тасвири образи бузургтарин намояндагони фарҳанги аҳди шӯравӣ талош варзад, аз воқияти иҳотакардаи худ берун набаромадааст, гоҳ асарҳои беллетристӣ эҷод кунад («Дарё маҷрои нав меҷӯяд», «Ширмоҳ»), гоҳ инсонро дар паҳнои фарохи майдони кор ба тасвир бигирад, хонанда одамони «шиноси ношиноси» ӯро бо рамзу нишонӣ муайян мекунанд.

Повести «Пайраҳаи шинос» аз ин гуфтаҳо истисно нест. Вай асосан барои бачаҳо навишта шудааст, мисли дарси табиатшиносӣ ва ҷуғрофия аст, ба бачаҳо доир ба зебоии табиат, сирру асрори боғдорӣ, обдорӣ ва ва зебоии кӯҳу талу теппаҳо, ҷӯю руду чашмаҳои кӯҳистон маълумот медиҳад. Шахсҳои асар Шаҳрию Шавкат ва Зафар Ҷалол одамони шинохтаанд. Онҳо қисман дар қиссаи ҳуҷҷатии «Бозгашт» ва бисёр эсссеҳои ба табиат бахшидаи нависанда қиссагӯӣ мекунанд, бо ривоятҳои ҷолиб шавқу рағбати хонандагонро ба табиати фусункори Тоҷикистон зиёд мегардонанд.

Повест аз он оғоз меёбад, ки Зафар Ҷалол вақти таътили мактаббачагон ба деҳаи Барзгарон, ба ҳавлии модаркалон рафта, бо табиати нодир, бо обу ҳавои тоза, бо муносибати ғайриоддии бошандагони он шинос мешаванд. Аз рӯи маълумоти муаллиф одамон ҷойҳои ноободро ободу обшор карда, дар тобистон шароиту ҳавои боби истироҳатӣ ба вуҷуд овардаанд. Худи табиат ҳам ба ин мусоидат кардааст. «Чашмаи боло оби дар зимистон ширгарму дар тобистон сард дорад; аз ду тарнови пуштиҳами обашон ба ду тараф ҷоришаванда одамон аз саҳарӣ дар сатилу кӯзаҳо ва чалакҳо ба ҳар сӯи деҳа: ба боғҳо ва саҳро об мебаранд. Аз оби Чашмаи боло ҳатто мардумони деҳаҳои ҳамсоя кашонда мебаранд» (Се повест, с. 397) Шавкату Шаҳрӣ ба умеди аз чӯи калон об бастан ва бо ин баҳона дар он оббозӣ кардан сатилу

чалакҳоро бардошта, барои об мераванд ва хостори дар ҷӯи калон оббозӣ карданро мекунанд. Вале як мард оббозии онҳоро манъ карда, бачаҳоро аз ҷӯи калон меронад. Ҳамин боис мешавад, ки дар бораи бибикалон ва кору бори ӯ, дар бораи «Дарёи хурӯшон- Душанбинка» мавзӯи баҳс кушоянду сари мавзӯи асосӣ (Муқим) биоянд. Шавкату Шаҳрӣ аз рафтори модаркалонаш дар ҳайратанд. Вай бо вуҷуди он ки аз ҳаштод гузаштааст «рӯзи дароз як дам ором нагирифта меҷунбаду меҷунбад… Зардолуҳои ба тагаш рехтаро якто- якто ба сабат чида, ба офтобрӯя, ба рӯи бурё ё рӯи ҳулбаи хушк тунук мекунад, ки хушконида гирад… Себҳои дар шамолрехта ва бодрезакшударо ҳам, инчунин шафтолуи аз тарҳурӣ зиёдатиро дукафону секафон карда мехушконад» (с. 39, 81). Шаҳрию Шавкат ҳаракатҳои модаркалонро мушоҳида карда, аз як тараф, рафтори ӯро маъқул накунанд, аз сӯи дигар, ба чаққонию кордонии вай қоил шуда, мисли ӯ шудан мехоҳанд». Боғи модаркалон дар ҷои як шӯртеппа бунёд шудааст ва имрӯзи сабзу хуррами онро дида, бачаҳо бовар намекунанд, ки бо қувваи «дастони лоғару камҷони модаркалон чунин боғ қомат рост карда бошад Шавкату Шаҳрӣ дар аввал ҷонибдори ақидаи ҳамсояҳои беандешаашон буданд, ки бибикалон «боғашро фурӯхта, пулашро ба духтаронашон тақсим карда диҳаду худаш бо яке аз онҳо ҳамроҳ зиндагӣ кунад». (399) Вале баъди чанд рӯзи буду бош аз ин ақидаашон мегарданд. Нависанда то ба ин ақида устувор гаштани Шавкату Шаҳриро бо корҳои гуногун машғул дошта, аз маҳсули меҳнаташон чошт бардоштанро омӯзонда, ба фикри солим овардааст.

Шавкату Шаҳрӣ дар бораи обу оббозӣ, «Душанбинкаи хурӯшон» пур гап мезананд, маълум, ки онҳо оббозиро ёд кардаанд. Худи Зафар Ҷалол тобистонҳо албатта як маротиба ба ағбаҳои Зиддиву Анзоб, Хоҷаобигарм, Файзободу Ғарму Тавилдара сафар мекард. Бинобар ин ба хоҳиши Шавкату Шаҳрӣ тарафдор шуда, азм кард, ки онҳоро ба соҳили дарёчаи паси кӯҳи Сурхӣ барад. Дар ҷараёни омодагӣ ба ин сафар Шавкату Шаҳрӣ бо проблемаҳои боғдорӣ, обдорӣ, тут, кирмак ва мева шинос мешаванд ва ин проблемаҳо онҳоро бо номи Муқим-амак шинос мекунад. Муқим-амакро Зафар Ҷалол хуб мешинохт ва барои кадом як кораш дар ҷавонӣ ӯро бисёр бад медид.

Нависанда аз сайри дарёчаи Сусмору кӯҳи Сурай, қасди вохӯрӣ бо Муқим ва оилаи ӯ дорад. Вай мехоҳад то кадом андоза зебо ва нотакрор будани табиати кӯҳистон ва ба душвориҳо тобовар будани онҳоро фаҳмонад. Ӯ бо Муқим баъди солиёни зиёде вохӯрдааст. Дар миён чи корҳое аз сари ҳарду гузаштаанд. Зафари Ҷалол он чи паси сар карда буд, ба хотир меорад. Ва ба вуҷуди он ки вай одами хондагӣ, одамшинос ва ҷаҳонгашта аст, тағйиротҳои рӯйдодаро таҳаммул карда наметавонад «Гӯё ки маслиҳат карда бошанд, баробар Муқимро таъриф мекарданд. Рост аст, ки Зафар Ҷалол зиндагии чандин соли охири Муқимро нағз намедонад. Аммо гузаштаи ӯро медонад, ки ӯ бачаи бадхӯй буд ва баъдҳо ҷавони ношоиста шуда буд» (Раззоқи олам, с.411).

Бунёди ҳамаи иншоотҳои Тоҷикистон бо душвориҳои зиёди иҷтимоию иқтисодӣ вобаста аст, бахусус сохтмони Фарҳод-ГЭС, ки бунёдаш ба солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ рост омада буд. Мутаасифона, бо Муқим хотираи нек надорад, лекин дар ин ҷо, тасодуфро бинед, ки бо муаммои қариб ҳар соат рӯ ба рӯ шудан рост меояд, ё аз хусуси ӯ гап мезананд, ё худи вай бо Зафар Ҷалол ба муколама медарояд.

Инро нависанда барои тезутунд гардидани воқеаи муқаррарӣ ва афзун намудани таваҷҷӯҳи Шавкату Шаҳрӣ раво додаст. Ана, ҳоло Муқим аз корҳои кардааш дар ин биёбон ҳарф зада, бо чӣ азобҳо сангҳои бузургро бераҳа карда об бароварда, боғу харбузазор бунёд карданашро ба ёд оварда мегӯяд:

- Қад-қади ҷӯи он тарафи полиз се сол пеш сад бех себ шинонда будам. Ҳу ана, ба он тараф нигаред, анҷиру себҳои нағз, тагҷоӣ, кирм намезанад. Аввал аз себҳои ман канда хӯрда, мазаи харбузаи маро чашида, сонӣ раветон, додар,- таклиф кард бо фурӯтанӣ ва бо як навъ хушомад, ки гунаҳкорон барои узри гуноҳ бо ин гуна забон сухан мекунанд (с. 415).

Зафар Ҷалол одами бадкина нест, махсусан ҳоло, ки ҳамаи воқеаҳо дар ҳузури фарзандони ӯ рух дода истодааст. Аммо хотираҳо ӯро ба соли чилу ду-чилу се пас мебаранд. Ӯ бо Муқим қариб шабу рӯз муноқиша мекард. Муқим на парвои дарахти ҷавон дорад на пир, баробар ҳамаро саросар мебурад, ҳезум мекунад, ӯро пашораш намебарад, ки дар боғчаҳо кӯдакон аз сардӣ ба дод омадаанд, дар сохтмон низ симои манфури ӯро дида наметавонад.

Аммо ӯ танҳо нест, ҳамроҳаш фарзандонаш Шавкату Шаҳрӣ ҳастанд ва ӯ наметавонад ва ҳуқуқи маънавӣ ҳам надорад, ки дар ҳузури онҳо як марди бо

фарзандонаш якум бор вохӯрда аз бадии вай бозгӯ кунад. Бинобар ин мавзӯӣ сӯҳбатро тадриҷан тағйир дода, аз тариқи рамзу киноятҳои сабук мақсадашро фаҳмонданӣ мешавад. Азбаски дар Сурхию Сусмор доимо гап ба тарафи обу дарахтшинонӣ тоб мехӯрд, Зафар Ҷалол ноилоҷ афсонаи қиссаи «Як дарахт»-ро мебофад ва таваҷҷӯҳи духтару писарашро ба дарахтшинонӣ ҷалб мекунад. Ингуна қиссаҳо дар китобҳои дарсӣ ва хрестоматияҳо бисёранд. Ба ин сабаб Шавкату Шаҳрӣ қиссаро бо шавқ гӯш мекунанд. Дар биёбоне ҷавоне аз гармии офтоб ва шамоли гарм халосӣ ҷуста, дарахте шинонд. Дарахт бузург шуд. Вале марде таърифу тавсифи марди дарахтшинондаро шунида хост, ки он тавсифҳо ба унвони вай бошад. Бо ин мақсад маро пули бисёре дода, он дарахтро хари два ҳамадам дар сояи ӯ дам мегирад. *Сайёҳон акнун аз назди дарахти харидаи ӯ мегузаштанд*. Рӯзе аз рӯзҳо мурғон ба шохи дарахт ғун шуданд. Яке аз онҳо ба унвони соҳиби дарахт таърифу тавсиф равона кард.

Мард, ки дар сояи дарахт дам мегирифт ва забони мурғонро медонист, дар ҷавоб ба тавсифи онҳо гуфт:

- Кори ман сазовори аҳсан нест. Ман дар умри худ як дарахт ҳам насабзонидам. Фақат харидану буридану сӯзондан буд кори ман (с. 425).

Шавкату Шаҳрӣ медонистанд, ки падарашон муаллими табиатшиносӣ будааст. Аммо панди ин ҳикоятро чандон нафаҳмиданд.

Нависанда Зафар Ҷалолро ба хонанда ва ҳамроҳони ӯ дар сафар Шавкату Шаҳрӣ бисёр нозук ошно мекунад. Вай пай ҷуста қиссаи Сафар ва Муродро фикр карда баромад, вале нагуфт, ки яке аз онҳо Муқим асту дигар худи Зафар Ҷалол. Онҳо аз хурдӣ бо ҳам ҷӯра буданд. Сафар дар сайри кӯҳдоман борҳо Муродро санҷида ва сахт мутамаин гашта буд, ки вай бачаи ниҳоят мумсик ва бахил аст. Агар Сафар аз гуруснагӣ мурад ҳам, ӯ нонашро ду тақсим намекунад. Мурод ин ҳамон Муқим аст, аз байн вақти зиёд гузашта бошад ҳам, вай ислоҳ нашудааст, зеро букриро фақат хоки гӯр рост карда метавонад.

Шавкату Шаҳрӣ аз нақли падарашон ким-кадом маъниеро дарёфта бошанд ҳам, ҳанӯз ба иқрори Зафар Ҷалол бо шубҳа менигаранд. Онгоҳ Зафар Ҷалол қиссаи намакро («Бозёфти ғайричашмдошт») ба онҳо ҳикоя мекунад.

Шавкату Шаҳрӣ бачагони ҳушёранд. Онҳо дар суханронии Зафар Ҷалол ким-чи хел муносибати ғайриоддии ӯро бо Муқим эҳсос мекунанд. Вале мехоҳанд маълумоташонро дар он бобат васеъ кунанд. Бо ҳамин мақсад аз муносибатҳои дигари Сафару Мурод пурсон мешаванд. Дар нақли бозёфти онҳо хислату характери инфиродии онҳо кушода мешавад. Сафар кони намак меёбад ва Муродро даъват мекунад, ки ӯ ҳам омада аз он истифода барад.

«Ҳар чизе, ки ёфта бошӣ, баробарӣ»,- гуфт ӯ бидуни ҳеҷ андеша. Ӯ «бо ангушт гирифта ба нӯги забонаш расонду ҳайрон монд. Баъд дузону нишаста, ба ҳар ҷое рост ояд, теша зада хокро чукур кофтан гирифт» (с. 430).

Мурод, гарчи нисбат ба Сафар тинҷ аст, дар хонаашон ҳама чиз дорад, хасис ва бахили модарзод аст. Намакро, ки доди табиат аст, аз худ мекунад, ба Сафар қасам дода, ҷои ёфтаашро пинҳон доштанӣ мешавад. «Дар рӯзҳое, ки бачаҳои чордаҳ-понздаҳсола бо билети комсомолӣ қасам хӯрда, худро ба таги танки душман мепартофтанд, душманро пеш рафтан намегузоштанд, Мурод бо ин китобчаи маънияш ба ӯ тамоман нофаҳмо қасам хӯрда ва Сафарро ҳам маҷбур месохт, ки мисли ӯ савганд хӯрда аз кучо намак ёфтанашро аз одамҳо пинҳон дорад» (443).

Сафар бо овардани афсонашоҳи душоха ва сартарош ба Мурод фаҳмонданӣ шуд, ки «девор сӯрох дорад, сӯрох муш, муш гӯш». Аммо одами якрав, ки ба хасисию бухлу кина камол ёфтааст, Муродро қонеъ карда натавонист. Мурод дар ин қиссаи дуру дароз минати худро на танҳо ба Сафар ифшо кард, балки тамоми деҳа донист, ки Мурод ҷавони худогоҳу худпараст буда, барои манфиати худ ба ҳаргуна бадгуҳарӣ қодир аст.

Ҳадафи нависанда аз қиссаи басо тӯлонии намак адаб омӯхтан ба ҷавонон аст. Албатта, дар зиндагии кӯдакону наврасони солҳои 40-ум ва ҷавононии солҳои духазорум тафовутҳои зиёде ба мушоҳида мерасад. Аммо ҷавонмардӣ, ростқавлӣ, некхоҳӣ ва олиҳиммативӣ аз анъанаҳоест, ки кӯҳнашавӣ надоранд. Бо ин васила Мутеулло Наҷмиддинов эстафетаи ахлоқии Фазлиддин Муҳаммадиевро давом дода, ба наврасону ҷавонон одоби муошират ва рафтори муносиб дар байни ҷомеаро меомӯзонад.

Қиссаи дигари Зафар Ҷалол дар фош кардани дунёи маънавӣ ва ҳирси чизпарастии Бозори гурба (падари Мурод), ба дарахтбурӣ ва захира кардани ҳезуми зиёд дар анборҳои пинҳонии падару писар мебошад.

Дар муқоиса бо рафтору муносибати Бозор- гурбаю Мурод нависанда симои Сафарро обу тоб медиҳад. Масалан, Бозор-гурбаю Мурод аз гиряи тифл ҳузур мекунанд. Сафар, «гиряи кӯдакро бад медид», дар куҷое овози гиряро шунавад, кофта, ёфта, ӯро ором кардан мехост. «Дигар ин ки садои қасаррас зада афтидани дарахт ӯро ба даҳшат меовард», дар ҳоле, ки Муроду Бозор аз буридани дарахт ҳаловат мебурданд, Вақте ки ин дафъа нописандона буридани дарахтонро дид, тоқат накард, наздашон рафт.

«-Ҳа монда нашаветон, амак. Дарахти колхоз соҳиб надорад-а? Якто-якто буридан мегиретон,- киноя кард ӯ.

Бозор-гурба шайъ овард, «ҳақи ҳалол» будани «як тан дарахтро» мисол овард, «ғами хонагиҳоро хӯрда» ба Фарҳод-ГЭС рафтанашро гуфт.

- Ту, писар, инсофро кофта нагард, инсоф, адолат, ҳақиқат гуфтагӣ гапҳоро Гитлер помол кард, ин чизҳоро фақат ман нишон медиҳам» (с. 491).

Бозор-гурба суханони ояндаи Сафарро шунидан замон ба ӯ наздик шуда, як тарсакӣ ба рӯи Сафар фаровард. Сафар бо таҳаммул зарби тарсакиро бардошта, ҷасурона гуфт: «ҳамаи дарахтони зардолуи ин маҳалро ту буридай, қандакро ҳам ту буридай, тути боғи худатро ҳам буридай, ту ҷаллоди дарахт. Ту аз Гитлер бадтар! (Ҳамон ҷо)

Он рӯз Сафар аз Бозор-гурба сахт шаллоқ хӯрд. Мурод ҳамаи он лаҳзаҳое, ки падараш Сафарро истинтоқ мекард, хомӯш буд.

Ба болокории он модараш ҳам тарафи ӯро нагирифт, вай медонист, ки то мулки колхоз шудан қандак азони онҳо буд, баъд ба колхоз гузашт. Инро модараш нагуфт, балки ба оташи алами Сафар равған рехт.

«…Хуҷаинӣ карда пеши онҳо намерафтӣ, шатта намехӯрдӣ, бачаи бекас бошӣ, ҳар чизро баҳона карда мезананд, сари хамро шамшер намебурад. Саратро хам карда гаштан гир!» (Ҳамон ҷо)

Ин ва бисёр воқеаҳои дигар, ки аз забони модараш шунида буд, нафрати Сафарро нисбати Бозор ва Мурод рӯз аз рӯз афзун мекард, вале Мурод, гӯё ҳеҷ воқеа рӯй надода бошад, бепарво буда, пашораш намебурд. Ин аҳвол Сафарро водор карда буд, ки хилват карда, аз анборҳои ҳезуми Бозор–гурба дошта, ба раис хабар диҳад. Гарчӣ медонист, ки хабаркашӣ кори бад аст, илоҷи дигари аз дарахтбурӣ мононданди Бозорро намерафт.

Ин гапҳоро ба фарзандонаш гуфта, Зафар Ҷалол исбот карданӣ мешуд, ки дарахтбурӣ ба фарзандкушӣ баробар аст. Ва азбаски Мурод дар ин корҳо бисёр фаъол будааст, Сафар ӯро бад дида мондааст. Шавкату Шаҳрӣ медонистанд, ки падараш ин наклҳоро бе сабаб нагуфтааст, вале исбот карда наметавонистанд, ки ин нақл ва нақлҳои дигар ба Муқим дахл дорад. Аммо нафаҳмиданд, ки сабаби ин қадар одами меҳнаткаш, одамдӯст, боандешаю ба мулоҳиза шудани Муқим-ота чӣ будааст. Дар фаслҳои «Шикори моҳӣ ва муборизаи моҳӣ бо мор», «ғами ояндаро хӯрдан даркор» ва «Шаби даври гулхан», «кабоби моҳӣ» ин маънӣ бо далелҳои ибратбахш нишон дода шудааст. Аз ҷумла, вақти моҳидорӣ Зафар Ҷалол бо моддаи заҳрдор, аз тарафи Мурод кушта шудани моҳиҳоро чунон бомаҳорат нақл кард, ки Шавкату Шаҳрӣ яқин Муқим-амак будани Муродро донистанд, вале ҳайрати онҳо аз он буд, ки чаро падараш сабаби ислоҳ шудани Муродро намегӯяд. Як вақт дар бозгашт онҳо сӯҳбати падарашонро бо Муқим-амак шуниданд. Яқин карданд, ки худи ҳаёт адаби Муқим- амакро дода, ӯро ба накӯкорӣ даъват кардааст.

Дар повести «Пайраҳаи шинос» рамзу киноя бисёр аст, вале онҳо дар ҷои муносиб, бо мақсад истифода шудаанд. Нависанда қаҳрамони худро бо меҳнат, бо дӯст доштан ва эҳтиром кардани табиати диёр даъват карда, ҳисси ватандӯстиро дар вуҷуди онҳо бо даъват, суханҳои мутантан, хитоба не, балки бо кор, бо фаъолияти ҳаррӯза бедор кардааст. Шавкату Шаҳрӣ ба пирони солхӯрда, ба заҳмати онҳо эҳтироми бузург доранд, гузаштаи онҳоро таҳаммул мекунанд, ба ин рӯзашон эътибор дода, гузаштаи тираи онҳоро фаромӯш мекунанд. Ҳамзамон онҳо панди падарро ёд доранд, ки инсон дар зиндагӣ бояд якрӯ бошад, аз кирдори ғажд пушаймон шуда, ба кори хайр даст задан хуб аст, вале агар аз ибтидо бо некӯкорӣ машғул бошӣ, боз ҳам хубтар мешавад. Ин пандро повести «Пайраҳаи сабз» хуб таълим медиҳад.

Хулоса, ду асари аз нигоҳи мавзӯъ мутафарриқи М. Наҷмиддинов аз як бобат ҳикоят мекунанд.

1. Онҳо аз муҳаббати беандозаи ба табиати диёр ва нозу неъматҳои он нақл карда, хонандаро ба некукорӣ даъват менамоянд.

2. Дар ҳарду асар ному насаби баъзе персонажҳо тағйир дода шудааст. Ин прием дар публисистикаи бадеӣ қабул аст. Ширмоҳ (аз повести Ширмоҳ) ва Сафару Мурод (аз «ПАйраҳаи шинос») ифодакунандаи идеяҳои нависанда- тавсифи зебоӣ, меҳру муҳаббат ба табиати диёр мебошанд. Вале агар Ширмоҳ ва Сафар баёнгари эҳсосонаи амиқи эҷодкор шуда бошанд. Муқим ва Зардак ба ҳамон андоза тимсоли кароҳат гаштаанд.

3. Дар ҳарду асар барҷастатарин образ ин симои ноқили қиссаҳост. Ӯ бо дахолати мустаҳкам сарнавишти шахсҳояшро тағйир додан мехоҳад, ақидаҳои одамони муҳити зистро бо оҳанги публитсистӣ тавзеҳ дода, майли хонандаро ба тақдири онҳо афзун мегардонад.

АДАБИЁТ

1. Шукуров М. Паҳлӯҳои тадқиқи бадеӣ. – Душанбе, 1976
2. Шукуров М. Таърихи адабиёти советии тоҷик. – Душанбе, 1984
3. Сайфуллоев А. Мактаби Айнӣ. _ Душанбе, 1978
4. Акбаров Ю. Ҷустуҷӯҳои эҷодӣ ва ахлоқӣ. – Душанбе, 1990
5. Амонов А. Ҳақиқати бадеӣ ва ҳақиқати зиндагӣ. – Садои Шарқ, 1973, №7
6. Шарифов Х. Маърифат ва ҳунари эҷод дар адабиёти шӯравии тоҷик. – Садои шарқ, 1995, № 5-8
7. Набиев А. Тасвири олами ботинии инсон, нависанда ва замон. – Душанбе, 1987;
8. Мусулмонқулов Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ. – Душанбе, 1988 ва диг.

РОМАНТИКА ИДЕАЛА И ЕГО ОТОБРАЖЕНИЕ В ХУДОЖЕСТВЕННОМ ПРОИЗВЕДЕНИИ

В данной статье автором рассмотрены и проанализированы художественные и публицистические особенности повести «Ширмох» Мутеулло Наджмиддинова и дана оценка мастерству писателя в типизации развернутых событий. Согласно социально-нравственной концепции Мутеулло Наджмиддинова, исходящей из его художественно-публицистических произведений, человек ответственен за все содеянное им, за все, что происходит в среде его обитания. Его ответственность распространяется не только на современников, но на всех и вся, которые приносят пользу обществу, окружающей среде и отдельным людям.

Ключевые слова: романтика идеала, художественные и публицистические особенности, социально-нравственная концепция Мутеулло Наджмиддинова.

ROMANTIC IDEAL AND ITS APPEARANCE IN FICTION

In this article, the author reviewed fiction and nonfiction features the story "Shirkah" Mutuelle Naimiddinov and assess the skill of the writer in typing deployed event. According to social-moral concept Motello Naimiddinov coming from his journalistic works, the person responsible for all he has done, for all that is happening in the environment. His responsibility extends not only to his contemporaries, but all and all that benefit society, the environment and individuals.

Key words: romantic ideal, artistic and journalistic features, social-moral concept of Mutella Najmiddinov.

Сведения об авторе: ***Джамиля Рахмонова*** – кандидат филорлогических наук, проректор по воспитательной работе Таджикского национального университета

РИОЯИ ОДОБИ ЖУРНАЛИСТӢ ДАР САҲИФАИ АНГЛИСЗАБОНИ СОМОНАИ «АЗИЯ ПЛЮС»

Ф. Мирзоева
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Вобаста ба рушди ҷомеа ва пайдоиши расонаҳои хабарии гуногун дар фазои иттилоотии кишвар ҳар як рӯзноманигорро зарурате пеш меояд, ки дар рафти фаъолияти касбии хеш ба одитарин меъёрҳои ахлоқии касбии рӯзноманигорӣ арҷ гузорад.

Дар раванди рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки табақаҳои гуногуни ҷомеа дар рафти омӯзишҳои ҳуқуқӣ аз ҳуқуқҳои худ бархурдор мегарданд, ҳар шаҳрванд метавонад оид ба ҳар як навишта ва ё баёни журналистон эрод гирифта, барои ҳимояи шаъну шарафи худ ба мақомоти судӣ мурочиат барад, зеро ин ҳуқуқи конститутсионии ӯст. Тавре муҳаққиқи тоҷик Иброҳим Усмонов одоби журналистиро чунин шарҳ медиҳад: «Одоби журналистӣ маҷмӯи хислатҳое мебошад, ки аз як тараф, хоси касби журналистиро ташкил медиҳад, аз тарафи дигар онҳо бо хусусиятҳои хоси ҳар шахс пурра шуда, комплекси симои эҷодии нигорандаро ба вуҷуд меорад. Мо метавонем гӯем, ки бисёр меъёрҳои ахлоқӣ, риоя шудан ё нашудани онҳо аз тарафи нигоранда ба ақлу фаҳм, ҷаҳонбинӣ ва одоби худи журналист, масъулиятшиносии вай вобаста буда, назорати он аз тарафи ҷомеа, муҳити иҷтимоӣ ба амал меояд» [1].

Як падидаи басо номатлубе, ки имрӯзҳо ба назар мерасад, ҳангоми баён истифода кардани ҳар гуна алфози қабеҳ, ки хоси васоити ахбори мо нест ва истифода намудани он боиси костагии ахлоқи ҷомеа мегардад, мебошад. Имрӯз дар

расонаҳои дохилии мо аксаран маводҳое нашр карда мешаванд, ки аз этикаи журналистӣ фарсахҳо дур буда, барои ҷалб намудани аудиторияи худ мавзӯъҳои берун аз ахлоқро нашр мекунанд. Бояд зикр намуд, ки имрӯз расонаҳои мо хусусияти тиҷоратиро касб намудаанд. Хабарнигорон барои ба фурӯш рафтани матлабҳояшон сарлавҳаҳое мегузоранд, ки ба одоби касбӣ ҷавобгӯ нестанд. Масалан, мақолае бо номи «Не интелегентно об интеллегенсии», ки 30 юми майи соли равон дар сомонаи русии «Азия Плюс» нашр шуда буд. Баъди чанд муддат вокунишҳо нисбати ин мақола дар саҳифаи англисзабонаш навишта шуданд. Мақолаи мазкур ба қалами Олга Тутубалина тааллуқ дошта, дар мавриди ба ватан бар гаштани Бозор Собир ва дигар зиёиёни кишвар буд. Олга Тутубалина дар лиди мақолааш порчаеро дар бораи зиёиён аз забони доҳии даври Иттиҳоди Шӯравӣ Владимир Ленин овардааст:

«Зиёӣ ин мағзи сари миллат не, балки гӯҳари миллат аст». Чунин гуфтааст, доҳии давр Владимир Ленин. Баъди ба ватан бар гаштани шоир Бозор Собир ман низ ин гуфтаи Ленинро маъқул донистам»[2].

Баъди нашр шудани ин мақола сару садоҳои зиёде дар кишвар ба миён омада буд. Аввалҳои моҳи июн наздик ба 10 зиёии кишвар ҷамъ омада, Олга Тутубалинаро барои туҳмату таҳқири зиёиён ба суд дода буданд ва аз суд ба маблағи 200 000 сомонӣ барои зарари маънавӣ талаб карда буданд. Ҳама он вокунишҳое, ки дар саҳифаи русии ин сомона ба табъ мерасиданд, дар саҳифаи англисиаш низ тарҷума мешуданд.

Бояд қайд намуд, ки мақолаи мазкур дар саҳифаи «Пурхонандатаринҳо» («Most readable») дохил гардида, онро то рӯзи 19 уми ноябр, соати 18:11 21335 нафар мутолиа намудаанд. Ҳарчанд аз нашр шудани ин мақола шаш моҳ сипарӣ гардида бошад ҳам, вале ҳамоно вокунишҳо дар хусуси ин мақола идома доранд. Гарчанде бархе ин рӯзноманигорро ҷонибдорӣ кардаанд, вале аксаран ӯро барои суханҳои берун аз одоби журналистӣ гуфтааш мазаммат намудаанд. Тавре дар ин хусус дар меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон, банди ҳафтуми он омадааст:

«Паст задани шаъну шараф ва эътибори шахс бо алфози қабеҳ, калимаю ибораҳои таҳқиромез ва аксу тасвири номуносиб, ҳамчунин туҳмат ва ситоиши нобарҷо хилофи одоби касбии журналист аст». Муаллифи мақола дидаву дониста этикаи рӯзноманигориро вайрон намудааст. Новобаста он ки ӯ ин калимаи дағал ва таҳқиромезро аз забони шахси дигар оварда бошад ҳам, ин ба он далолат медиҳад, ки муаллиф ба ақидаи ӯ розӣ аст. Яъне фикри доҳиро ҳамфикри худ хондааст.

Ё мегирем матлаби дигар, ки дар рубрикаи «Society» (иҷтимоъ) рӯзи 27-уми октябри соли равон соати 10:47 бо чунин сарлавҳа нашр шудааст:

«Муллоро барои зӯроварии дорои хусусияти шаҳвонидошта ва қаллобӣ айбдор мекунанд» (Mullah stands trial for sexual misconduct and fraud). Мавзӯи мазкур дар жанри хабари васеъ навишта шуда, номи муаллифаш оварда нашудааст.

Хабари мазкур дар бораи Асадулло Иброҳимов, ки дар байни мардум ҳамчун «табиб барои муолиҷаи безуриётӣ» маъруф гардидааст, навишта шудааст. Номбурда нисбати беморони худ ҳаракатҳои шаҳвонидоштаро анҷом додааст, ки мувофиқи КҶҶТ ӯро ба муҳлати 7 соли зиндон маҳкум намудаанд. Тавре дар хабар чунин омадааст:

"Навори видеоӣ, ки ҳамагӣ панҷ дақиқа сабт гардидааст, нишон медиҳад, ки Иброҳимов Асадулло бо мизоҷзани худ гӯё ӯро «муолиҷа» дорад. Дар навор ҷисми мардонае занро ба оғӯш гирифта, ӯро меҳрубонӣ мекунаду мебӯсад ва …»[3].

Дар ин маврид дар банди панҷуми меъёрҳои ахлоқии фаъолияти журналистӣ дар Тоҷикистон омадааст:

«ВАО ва журналист бояд иффат ва фарҳанги миллиро ҳангоми инъикоси ҳама гуна матолиб пос доранд. Аз тарғиби фисқу фуҷур, ки боиси косташавии иффати миллӣ мегардад, худдорӣ кунанд. Дар нигоштаҳо ба фарҳанги ғайр эҳтиромро риоя кунанд. ВАО ва журналист аз паст задани қавму миллат, дину мазҳаб ва нажод худдорӣ намуда, ҷаҳонбинӣ ва суннату анъанаҳои дигаронро эҳтиром мекунанд».

Нигорандаи ин хабар чунин беибо ва бешармона нигоштааст, ки маъно ва ҳисси миллии тоҷикиро тамоман аз ёд бурдааст. Фикр мекунам, барои нигорандаи ин матлаб фарқе надорад, ки ин маводро кӣ мехонад, барояш тамоман муҳим нест. Метавон гуфт, ки ин хабар саропо фаҳш буда, ягон зарра одоби сухан ва этикаи журналистӣ дар он риоя нагардидааст. Аз сарлавҳааш шурӯъ карда, то ба охир суханҳои берун аз одоб дар он навишта шудааст. Агар нигорандаи ин маводро журналист нею фасодкунандаи ҷамъият номем, сазовортар мебуд, зеро журналисте, ки инро навиштааст, гарчанде номаш маълум нест, дар ин ҷо, на ин ки рисолати

касбиашро ба ҷо овардааст, балки фаҳшгӯӣ намудаасту халос. Магар ба тафсил рӯйи чоп овардани ишқварзии ин ду гумроҳ аз рӯйи одоб аст? Хабари мазкурро то санаи 14-уми ноябр соати 16: 07 ҳамагӣ 2425 нафар мутолиа намудаанд, ки дар саҳифаи «Пурхонандатаринҳо» -и сомонаи мазкур «Most readable» дохил гардидааст. Бояд қайд намуд, ки ин ҳодиса сару садоҳои зиёдеро дар ВАО ва шабакаҳои иҷтимоӣ ба миён андохта буд ва мавзӯи асосии расонаҳо гашт.

Бояд зикр сохт, ки хабарҳои криминалӣ аз қабили куштор, ғоратгарӣ, дуздӣ дар ин саҳифаи сомона хеле зиёд ба мушоҳида мерасанд. Қариб ҳар рӯз чунин хабарҳоро во хӯрдан мумкин аст. Масалан, рӯзи 18 ноябр соати 10:14 хабар бо сарлавҳаи «The bodies of two Tajik nationals killed in Chelyabinsk transported to Tajikistan»**.** «Ду нафар тоҷике, ки дар шаҳри Челябинск кушта шудаанд, ба Тоҷикистон интиқол ёфтанд» **нашр гардидааст.** Дар хабар чунин омадааст: «Чунон, ки сафорати Тоҷикистон дар Маскав санаи 13-уми ноябр иттилоъ додааст, ду нафар муҳоҷири тоҷик, ки дар шаҳри Челябинск кору фаъолият мекардаанд, кушта шудаанд. Кушташудагон яке бо номи Абдуманнон Сангинбоев ва дигаре Сайриддин Мутрифов, ҳарду сокини деҳаи Моғиёни ноҳияи Панҷакент будаанд, ки ҷисми бечони онҳоро аз шаҳри Кайгородово пайдо намудаанд» [3].

Хулоса, аз мушоҳидаҳо бармеояд, ки саҳифаи англисии «Азия Плюс» ба хотири серхонанда шудани оҷонсиаш маводҳое пахш мекунад, ки хусусияти ҳангомавӣ доранд. Гоҳо, сарлавҳаҳо барои ҷалб кардани хонандагонаш ба таври ҳангомавӣ гузошта шудаанд. Дар бархе аз хабарҳо бошад, сарлавҳаҳо бо матн мувофиқат намекунанд. Хабарнигорони саҳифаҳои англисии ин сомона бештар ба мавзӯъҳое даст мезананд, ки хусусияти ҳангомавӣ доранд. Мавзӯъҳои криминалӣ, аз қабили куштор, ғоратгарӣ, дуздӣ рӯз ба рӯз дар саҳифаи ин сомона дар ҳоли афзоишанд. Дар як рӯз қариб як ё дуто чунин хабарҳоро дар ин саҳифа дидан мумкин аст, ки фикр мекунам хондани пайвастаи чунин мавзӯъҳо дар шуури хонанда бетаъсир нахоҳад буд.

А Д А Б И Ё Т

1. Усмонов И. Назарияи публитсистика / И Усмонов. -Душанбе -1999.-С.71.
2. http://news.tj/ru/blog/neintelligentno-ob-intelligentsii
3. www.asia-plus.tj/en/news/mullah-stands-trial-sexual-misconduct-and-fraud
4. http://news.tj/en/news/bodies-two-tajik-nationals-killed-chelyabinsk-transported-tajikistan

СОБЛЮДЕНИЕ ЖУРНАЛИСТСКОЙ ЭТИКИ НА АНГЛОЯЗЫЧНОЙ СТРАНИЦЕ САЙТА АЗИИ ПЛЮС

Статья посвящена изучению соблюдения журналистской этики на страницах англоязычного сайта Азии Плюс.

Ключевые слова: журналистская этика, англоязычный сайт, Азия Плюс, журналистика, информация, сенсация, профессиональная этика, заголовок, социальные сети, гражданское общество.

ADHERENCE TO JOURNALISTIC ETHICS ON THE ENGLISH PAGE THE ASIA-PLUS WEBSITE

The article is devoted to the study of adherence to journalistic ethics on the English pages of the website Asia Plus.

Kev words: iournalism ethics. English site, Asia Plus, journalism, information, sensation, professional ethics, header, social networks, civil society..

Сведения об авторе: ***Ф. Мирзоева*** **-** аспирантка кафедры международной журналистики Таджикского национального университета. E mail: **Farzonabonu1988@mail.ru.** Телефон**: 93-548-00-88**

ФИЛМИ БАДЕӢ ВА ИСТИФОДАИ ҲУҶҶАТ

Д.Х. Бобоев
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

Бисёре аз киносенариянависони ҷавони тоҷик кӯшиши ҷиддие барои истифодаи ҳуҷҷат дар сохтори асарҳои синамоӣ мекарданд. Онҳо эҳтимолияти публитсистии онро дарк карда, илова бар ин аз маҳдуд кардани бадеияти он ҳаросе надоштанд. Масалан, чунонки А. Аҳроров дар бораи кори Б. Содиқов дар филми «Имоми Аъзам” навишта буд: “киносенарист дар ҳақиқат, илми худро дар асоси масолеҳи ҳуҷҷатии аслӣ ва дар асоси масолеҳи бойгониҳои шахсии худаш ҷамъоварӣ карда, сохта буд. Вай ҷасурона дар филмнома матнҳои ҳуҷҷатҳои гуногунасл ва гуногунмаъноро дохил кард”...

Дар филмҳои аз рӯйи асарҳои гуногун бардоштаи Бақо Содиқов «Имоми Аъзам» ва «Тундбод» бардошташуда хатҳои публитсистӣ бо раванди рафторҳо дар услуби воқеӣ қувватдор карда шуда буд, ки чунин шароит ба актёрон ва режиссёрон имкони сохтани якчанд тасвирҳои ғайримуқаррарӣ ва бадеиро медод.

С. Раҳимов дар бораи «Имоми Аъзам» навишта буд, ки “филми Б. Содиқов ягон хусусиятҳои сохтори бадеиро доро набуд”[1] ва каме қаблтар: “ тарзи гузориши киносенарияи Б. Содиқов «Имоми Аъзам» боз андозае (“Тундбод” — Б.Д.) метавонист ҳамчун як филми бадеии кул қабул карда шавад”[2]. Дар мавриди аввала, ки ба худи филм дахл дорад, бо С. Раҳимов розӣ шудан мумкин аст: аз рӯйи сабк ин филм дар ҳақиқат, на он қадар хуб аст, он зиёдтар ҳамчун филми мустанад пешкаши бинанда мегардад, ин дар ҳолест, ки он филми бадеӣ аст. Лекин перомуни ҳуҷҷатии он андеша намоед, филм тамоман дигаргун аст: дар он гӯё “омезиши сабкҳо”, ки шакли осори саҳнавии публитсистиро, ки дар ин филми бадеӣ хусусиятҳои чунин силсилаи эҷодиётӣ зоҳир аст, маънидод мекард, иттифоқ ёфта буданд.

Дар байни инҳо мутолиаи зиндадилонаи (оптимистическии) фоҷиа, ки ба намуди намоён дар эзоҳи бағазабоваранда(бонафратона) баён гардидааст, дар хотимаи филми “Имоми Аъзам“ ба тамошобини дар толор ва назди телевизоннишаста овози муаззини масҷид равона карда шуда буд.

Ашк дар чашмони бинанда вобаста ба фоҷиабор будани ҳодисаи “Гирдбод”, ки аз рӯйи асари Ч. Айтматов “Зеркунда” бардошта шудааст, амиқӣ ва ҳаҷмияти иҷроиш ва режиссёрии тасвир ҳалқа мезад. Вале ин маҳз ҳамон равонии публитсистие буд, ки ноумедиро не, балки “хоҳиши фаъолеро барои муборизаи оянда; нобоварии дилсардонаро не, балки ғайрату хашму сабукрӯҳиро” пайандозӣ менамуд, даъват кардан мебошад, ки гурӯҳи одамони мисли як қабилаи гуногуннажод барои он кӯшиш мекунанд ва ҳатто дар баъзе ҳолатҳо ба муқобили табиат мубориза мекунанд, бинандаро ба воқеаву ҳодисаҳои табиат, ки ҳамарӯза инсонро пайгирӣ менамояд, омехта менамояд ва табиату инсонро ахиран як менамояд.

Хусусияти таъсирбахши чунин спектаклҳои қаҳрамонии публитсистӣ рангу боли таъкидёфтаи тазоднокии саҳна аст, вақте ки қаҳрамонон яке паси дигар дар зери садои мусиқии рақсии замонавӣ, ки даҳшатбор аст, маргу зиндагиро пешвоз мегиранд, чун як ҷузъи табиат фавт мекунанд ва дар баробари ин зиндагӣ мекунанд, асоси филми Бақо Содиқов мебошад.

Фавқуллодагии намоёни қисмати аввали филм бо содагии фоҷиаовари анҷоми он (ҳисобкунии машҳур бо ангуштон миқдори дарҳаётбудагонро дар назди рӯди кӯҳӣ) рӯ ба рӯ шуда, тамошобинро бо ҷавоби ҳиссиётии хеле пуртаъсир тасхир мекард.

«Тундбод» дар навбати худ бисёр баҳоҳои манфиро ба худ ба вуҷуд овард. Наттоқони на он қадар пухтакоре тарзи гузоришро дар умум ба ҳисоб гирифта, муаллиф ва режиссёрро, барои он ки дар филм мақсади олӣ “фалсафаи филм вуҷуд надорад” маломат мекарданд. Лекин ин ғоя аз тарафи худи гузорандаи филм мухтасар ифода гардида буд: “Кино ва намоишии «Тундбод» дорои ғояи ягона: тайёрии шаҳрвандони миллатҳои гуногун, бахусус Тоҷикистон барои муҳофизати миллати худ, сохтори инсонӣ, тайёрии одамони ҷаҳон новобаста ба қурбониҳо, барои ғалаба аз болои бадиҳои зиндагӣ, ки гоҳо табиат ва гоҳи дигар одамони бади табиат офарида, дар муҳорибаи ногузири одам бо табиат буд.

Дар умум филмро фазои муборизаи бошиддат ва оштинопазир, ки ҳамаи қисматҳои пурихтилофи онро мубориза барои тозагии тафаҳҳуми муборизи инсон барои зистан бар зидди ҳамаи он чизҳое, ки барои сохтори ин идрок халалрасон буд, дар мадди аввал мегузошт. Агар худи Бақо Содиқов ҳам ин гуногунии услубро қабул медошт, вай фикри муттаҳид кардани онҳоро дар як услуб –синамои саҳнавии муҳорибавӣ барои зиндагӣ медонист. Ихтилофоти сабкии филмҳо аз тарафи Бақо Содиқов бо шарофати қарордоди он дар мавзӯи дутарафаи умумӣ дар ғояи бузург аз рӯйи маъно ва ҷамъбасти он муттаҳид карда шуда буд.

Бинобар ин, метавон дид, ки тафовути назаррасе байни намоишҳои тарғибу ташвиқотии то ҷанги дохилӣ ва ҳангоми он сохташуда ва филмҳои анъанаҳои ин сабкро давомдиҳанда дар охирҳои солҳои 1992-юм ва аввалҳои солҳои 2010-ум ба вуҷуд омадаанд, донист.

Хотимаи музаффариятноки ҷанги дохилӣ хусусиятҳои наверо дар санъат ба вуҷуд овард, ки барои ташаккули сабкҳои публитсистии синамоӣ дар мадди аввал

тавсифгари ҳодисаҳои воқеӣ шуда буд. Баъзан, дар атрофи ҳуҷҷатҳои пурмазмун ва хусусиятҳои хосдошта, ки дар муҷазбаёнии сохтор, эҳсосоти олӣ ва дигар элементҳои сохтори публитсистӣ дарҷ шудааст, пайдо шуданд.

Тадриҷан сохтори сужети чунин эҷодҳо озодтар шуданд, тарзи гуфтор, амалро, ки дар нумӯи худ барои дарккунонии тамошобин гӯё дар зери на он қадар "кунҷи тези ҳамла" равона гардида буд, ба худ мегирифт. Бештар дар синамо иғроқҳои аёнӣ на танҳо дар эҷодиёти ҳаҷвӣ, балки дар баъзе филмҳои қаҳрамонӣ низ мавриди истифода қарор мегирифт.

Элементҳои конструктивӣ бо элементҳои футуристии тарзи ба расмиятдарории саҳнаи филм ҷойи худро ба андоми сохтори одии бадеии намоиш во гузоштанд. Синамо кӯшиш мекард, ки ҳар чи қадар фаҳмотар ва дақиқтар моҳияти асосии ғоя, мазмунро дар асоси кофтуковҳои ҳуҷҷатӣ ба бинанда нишон диҳад. Он монеаи сунъии шартиро, ки байни тамошобин ва саҳнаи синамо (парда, майдончаи аксаран беҳаракати саҳна ва ғайраҳо) вуҷуд дорад, аз байн бибарад.

Ниҳоятан хусусияти хоси муҳимми вақт якҷояшавии принсипҳои иҷроиши нақшҳо дар саҳна, элементҳои "мактабҳои азсаргузаронӣ" бо олитарин дастовардҳои сабкии шартан тарғиботии синамо ба ҳисоб меравад.

Ҳамчун гуногунии сабкӣ ва жанрӣ синамои публитсистӣ на он қадар ба мафҳуми муассири саҳнавии филм ё услуби ҳуҷҷатӣ баробарқимат аст. Услубҳои публитсистии он дар имкониятҳо ва тавсифи бадеии муқаддасоти ҷамъиятии ҳуҷҷатӣ, масолеҳи воқеӣ баён мегардад. Ҳақиқатан, чунин тавсиф на ҳамеша имконпазир аст, чунки далелҳои ҳуҷҷатие вуҷуд доранд, ки бо моҳияти доштаи худ тафаккури инсонро дар давраи муайяни зиндагонӣ дар ҷомеа худ аз худ барандаи маънои аслӣ мебошанд ва ба шарҳу эзоҳи иловагӣ муҳтоҷие надоранд.

Ҷаҳони муосири даҳшатҳои фашизм, Хиросимаро азсаргузаронида хеле хуб медонад, ки чунин далелҳо хотираи таърихӣ мебошанд. Бисёре аз ҳуҷҷатҳо ва ҳақиқатҳо дар филмҳои публитсистӣ дорои "табиати такроршаванда" мебошанд, ки метавонанд якчанд намуди тафсироти гуногунеро, баъзан ҳатто бараксро дошта бошанд. Масалан, аз рӯйи нуқтаи назари системаҳои сиёсии гуногун , вобаста ба ин дорои маъноҳо ва мазмунҳои гуногун мегарданд.

Вобаста ба ин ба системаи К.С. Станиславский ҳамчун ба мактаби аслии санъати саҳнавӣ, ҳамчун асоси илмии санъати актёрӣ барои сохтори спектаклҳои хеле латиф ва бофасоҳат, лекин бо характерҳои психологӣ ва қаҳрамонҳои эҳсосии муассир рағбат зиёд шуд, синамои тамоми давлатҳои собиқи ИҶСШ аз ин назар баҳрабардор шуда, ҳатто Михаил Ром ин назарро пазируфтааст.

А Д А Б И Ё Т

1. Аҳроров А. Таджикское кино / А. Аҳроров.- Душанбе, 1971. -С. 162.
2. Раҳимов С. Ахбор, Академияи улуми Тоҷикистон. -Д., 2004. -С.51.
3. Муратов С.А. Документальный телефильм. Незаконченная биография / С.А Муратов.– М.: ВК, 2009.
4. Юровский А.Я. Телевидение – поиски и решения. 2-е издания., доп.,/ А.Я. Юровский. -М., 1983.
5. Леонтьев А. Спектакль? Нет фильм / А.,Леонтьев, А. Донатов // Лит.газ., 1960.
6. Борецкий Р., Григорьян А., Дмитриев Л. Телевидение – это искусство, 1957.

ДОКУМЕНТАЛЬНЫЕ ИЗОБРАЗИТЕЛЬНЫЕ КИНОФИЛЬМЫ

Статья рассказывает об анализе конкретных документальных фильмов, которые, в свою очередь, нашли отражение в публицистических стилях документального изобразительного кинофильма. Они способны расширить художественные образы традиционных публицистических фильмов. При анализе фильмов "Пете" и "Чоре" автором доказывается положение о том, что в этих кинофильмах зритель может наблюдать за характером жителей горных селений. Также предложены гипотеза и оригинальные суждения по заявленной тематике.

Ключевые слова: изобразительность, исскуство, документальное кино, публицистика.

DOCUMENTARY OF FINE MOVIES

The article talks about the analysis of the specific documentary films, which, in turn, reflected in journalistic styles fine documentary film. They are able to expand the artistic images of traditional journalistic films. When analyzing films "Peter" and "Core" the author proves the point that in these movies, the viewer can observe the character of the inhabitants of mountain villages. Also the hypothesis and original thoughts on the theme.

Key words: visual, art, documentary, journalism.

Сведения об авторе: ***Д.Х. Бобоев*** – кандидат филологических наук, доцент кафедры телевидения и радиовещания таджикского национального университета

МУНДАРИҶА – СОДЕРЖАНИЕ

З А Б О Н Ш И Н О С Ӣ

ВОҲИДҲОИ ФРАЗЕОЛОГИИ ШОИРОНА ДАР ОСОРИ ШОИРОНИ ҒАЗАЛСАРОИ АСРҲОИ XII-XIV
М. Саломов 3

КОРБУРДИ ВОСИТАҲОИ АЛОҚАИ ҶУМЛАИ ПАЙРАВИ МАҚСАД ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ
В. Абдулазизов 9

ВИДЫ ПУБЛИЦИСТИЧЕСКИХ ТЕКСТОВ И ЭТИКЕТНЫЕ СИТУАЦИИ В НИХ
М.Р. Джураева 12

НАЗАРЕ БА МУНОСИБОТИ ЗАБОНҲОИ ЭРОНИИ ҶАНУБИ ШАРҚӢ БО ЛАҲҶАҲОИ БАДАХШОНИИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ
А. Мирбобоев 15

ОМИЛҲОИ АСОСИИ ТАШАККУЛ ВА ТАКОМУЛИ ТАРКИБИ ЛУҒАВИИ ШЕВАҲО
Сахидод Хоркашев 19

БАЪЗЕ ВИЖАГИҲОИ УСЛУБИ РАСМӢ – КОРГУЗОРӢ
Ш.М. Бобомуродов 29

СПОСОБЫ АДАПТАЦИИ РУССКИХ ЗАИМСТВОВАНИЙ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
Ф.А. Собирова 33

ПАРНЫЕ СИНОНИМЫ В СОСТАВЕ ГЛАГОЛОВ В РУССКОМИ ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
М.З. Даминова 34

СОПОСТАВИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ЗООМОРФИЗМОВ В РАЗНОСИСТЕМНЫХ ЯЗЫКАХ
М.А. Абдусатторова 38

РЕАЛИЗАЦИЯ ЭВФЕМИСТИЧЕСКОГО ПОТЕНЦИАЛА. ЭВФЕМИЗМЫ СТЕРТЫЕ И ИСТИННЫЕ
М.А. Назирова, М.М. Хакимова 41

ФУНКЦИОНИРОВАНИЕ СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫХ С ВРЕМЕННОЙ СЕМАНТИКОЙ В СТРУКТУРЕ ТЕМПОРАЛЬНЫХ СЛОВОСОЧЕТАНИЙ
М.А. Абдувахидова 44

НОВАЯ ТЕХНОЛОГИЯ ПРИ ИЗУЧЕНИИ ИНОСТРАННОГО ЯЗЫКА
Ф. Ашурова 47

МЕЖДОМЕТИЯ, ВЫРАЖАЮЩИЕ ВОЛЕИЗЪЯВЛЕНИЕ В ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКЕ
Ирода Турды-Аханова 50

ТАШАККУЛИ МАҶОЗ ДАР АСОСИ ТАБУ, ВУЛГАРИЗМ ВА ЭВФЕМИЗМҲО
С. Абороров 53

МЕСТОИМЁННЫЕ НАРЕЧИЯ В ОПРЕДЕЛЕНИИ ПРОСТРАНСТВЕННО-ВРЕМЁННОЙ КООРДИНАЦИИ В ШУГНАНСКОМ ЯЗЫКЕ
Д. Диловаршоев 56

КАЛИМАҲОИ СОХТА ВА МУРАККАБ АЗ РЕШАИ ВОЖАҲОИ СОМАТИКӢ ДАР АШЪОРИ КАМОЛИ ХУҶАНДӢ
М. Собирова 58

ТАҲЛИЛИ СИҒАИ АМРӢ ДАР ЗАБОНҲОИ ТОҶИКӢ ВА ФАРОНСАВӢ
С. Хуҷамқулов 61

ПЕРЕХОД МЕСТОИМЕНИЙ В ИМЕНА СУЩЕСТВИТЕЛЬНЫЕ
О.П. Шарипова, Э. Киматбии ***66***

ИСМҲОИ СОХТА ДАР АШЪОРИ ХОҶАИ ШЕРОЗ
М. Калонова ***68***

ПАЙВАНДАКҲОИ ТАРКИБИИ ХИЛОФӢ ДАР «ЁДДОШТҲО»-И С. АЙНӢ
А. Сабзаева ***71***

КОРБУРДИ НОМВОЖАИ (ТОПОНИМ) - И ЮМГОН ДАР ҚАСОИДИ НОСИРИ ХУСРАВ
С. Холиқназарова ***74***

БАЪЗЕ ҶИҲАТҲОИ ИСТИФОДАИ СИНОНИМҲО ДАР ЭҶОДИЁТИ БОЗОР СОБИР
Шаҳлои Абдуализодаи Тоҳириён ***78***

БАРРАСИИ БАРХЕ АЗ ВОЖАВУ ИСТИЛОҲОТИ СОҲАИ КИШОВАРЗӢ ДАР ГӮЙИШИ ТОҶИКОНИ МАСТЧОҲ
Г. Шарифова ***83***

ТИПОЛОГИЯ ОЦЕНОЧНЫХ КАТЕГОРИЙ Ря И Тя В ФУНКЦИОНАЛЬНЫХ СФЕРАХ ИХ УПОТРЕБЛЕНИЯ
С.Н. Ёрова ***87***

МЕЖДОМЕТИЯ В НЕМЕЦКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
З.И. Замонов ***89***

ТАЛМЕҲОТИ МАЪНАВИИ ҚУРЪОНӢ ДАР ШЕЪРИ НОСИРИ ХУСРАВ
Ҷ. Беҳронов ***91***

РОЛЬ СТИЛИСТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ В ОРГАНИЗАЦИИ ТЕКСТА
М.В. Зикриёева ***96***

ЛЕКСИКО-СЕМАНТИЧЕСКАЯ ГРУППА СЛОВ СО ЗНАЧЕНИЕМ *ХЛЕБ/НОН* В РУССКОМ И ТАДЖИКСКОМ ЯЗЫКАХ
З. Дж. Мирзоева ***98***

СУХАН АЗ БОБИ МАЪНИШИНОСӢ (*С. Анварӣ ва Х. Табаров. Ҳоҷӣ Ҳусайн ва арзиши сухан. – Душанбе: Адиб, 2013, 128с.)*
Д.Т. Муҳиддинова ***101***

О ВИДАХ СИНТАКСИЧЕСКОЙ СВЯЗИ МЕЖДУ ПРЕДЛОЖЕНИЯМИ ТЕКСТА
М.В. Зикриёева ***107***

А Д А Б И Ё Т Ш И Н О С Ӣ

МАҲОРАТИ МУКОЛАМАОФАРИИ СОТИМ УЛУҒЗОДА
Сироҷиддини Эмомалӣ ***111***

«МАКТУБОТ»-И ҶОМӢ
У. Тоиров, С. Дурманова ***117***

ТАВСИФИ ЗИНДАГӢ ДАР АШЪОРИ УБАЙДИ РАҶАБ
Ф. Ҳусейнзода ***126***

ДОИР БА ҲАЁТ ВА ФАЪОЛИЯТИ АДИБИ ТУРКИЯ НОЗИМ ҲИКМАТ
Г.А. Шарифова ***131***

ТАҲҚИҚИ «аЛ-ФЕҲРИСТ» ДАР АВРУПО
М.А. Раҳмонов ***134***

ЭВОЛЮЦИЯ ЖАНРА ПОВЕСТИ В ТАДЖИКСКОЙ ЛИТЕРАТУРЕ
Х.А. Хашимова ***138***

СУВАР (ОБРАЗҲО)-И МАРКАЗӢ ДАР ҒАЗАЛИЁТИ НАЗИРӢ
О.Ш. Саидҷаъфаров ***143***

ИБТИКОРОТИ АМИР ХУСРАВ ДАР САНЪАТИ ИҲОМ
Р. Тағоймуродов ***146***

НАЗАРЕ БА ЗАМИНАИ ПАЙДОИШИ РОМАНИ ҲИНДӢ
М.А. Нурова ***150***

СИМО ВА ШАХСИЯТИ СӮФӢ ДАР ДЕВОНИ ШАМС
Ҳоҷи Ҳусайн Мӯсозода ***153***

ДУЗАБОНӢ ДАР ЭҶОДИЁТИ МАВЛОНО ҶАЛОЛУДДИНИ РУМӢ
Д.Б. Каримова ***158***

ОИДИ ТАЪРИХ ВА ВИЖАГИҲОИ «АРБАИН»-ҲОИ МАНСУРИ АРАБИИ МУТАФАККИРОНИ ЭРОНИТАБОР
Ф.А. Камолов ***164***

КОРБУРДИ ВОЖАИ “ВАТАН” ДАР АШЪОРИ МАЛИКУШШУАРО БАҲОР
Н. Камбаров ***167***

СОХТОРИ ҲИКОЯҲОИ СУДҲА АРОРА
З. Пакаева ***169***

НАҚШИ ШОИРОН ДАР ИРТИҚОИ ФАРҲАНГИ ПОСДОШТИ МУҲИТИ ЗИСТ
Алиризо Иброҳимободӣ ***176***

БОЗТОБИ ЛАҲЗАҲОИ РӮЗГОРИ ЗУЛОЛИИ ХОНСОРӢ ДАР ОСОРАШ
Я. Сармаст ***179***

«КАЛИЛА ВА ДИМНА» -ДОСТОННОМАИ ТАБОБАТИ РӮҲ АЗ РАҲГУЗАРИ ХУРОФОТСИТЕЗӢ
Марям Маҷидӣ ***181***

КАЛИМУЛЛОҲ АЗ НАЗАРИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»
Мармар Носирипур ***186***

СУННАТИ ТАБИАТГАРОИИ ШЕЪРИ ФОРСИИ ТОҶИКӢ ДАР АШЪОРИ ШУҒНИЗАБОН
Л. Давлатбеков ***190***

«ТАЪРИХИ БАЙҲАҚӢ»ДАР МАНЗАЛАТИ ТАЪРИХӢ
Муҳаммадҳасани Санъатӣ ***195***

АСАРПАЗИРИИ ШЕЪРИ ХОҚОНӢ АЗ ЭҶОДИЁТИ ШОИРОНИ АРАБ
М.Б. Шарифова ***202***

САРЧАШМАШИНОСИИ МАФОҲИМИ НАЗАРИИ СӮФӢ ВА ОРИФ
Ҳоҷи Ҳусайн Мӯсозода ***207***

МӮСО АЗ МАНЗАРИ ТАВРОТИ АСРИ ҲОЗИР ДАР ТАҚОБУЛ БО ҚУРЪОН
Мармар Носирпур ***212***

МУРУРЕ БАР АҲВОЛ ВА МАВЗӮОТИ ШЕЪРИ УСТОД ЛОИҚ ШЕРАЛӢ
Алиризо Иброҳимободӣ ***215***

ТАСВИРИ МУҲОҶИРАТ ДАР ПОВЕСТИ САЙФ РАҲИМЗОДИ АФАРДӢ «РЕШАҲО»
Н.А. Самадова ***218***

РОБИТАИ ЭҶОДИИ УСМОН МУХТОРИ ҒАЗНАВӢ БО ШОИРОНИ ҲАМАСРИ ХЕШ
Ш. Давруқов ***221***

НАҚШИ ЧЕҲРАҲОИ АСОСӢ ДАР ДОСТОНИ «САЛОМОН ВА АБСОЛ»-И АБДУРРАҲМОНИ ҶОМӢ
С.Б. Маҳкамов ***226***

АНЪАНА ВА НАВОВАРИ ДАР МАВЗУЪ ВА МУНДАРИҶАИ ҒАЗАЛИЁТИ АМИР ХУСРАВ
Рустам Тағоймуродов ***231***

Ж У Р Н А Л И С Т И К А

ШАКЛҲОИ ТОЗАИ ҲАҶВНИГОРӢ ДАР МАТБУОТИ ДАВРИИ ТОҶИК ***(дар мисоли «Нигоҳ» ва “Фараж”)***
М.Муродов ***238***

ПРОБЛЕМЫ ФУНКЦИОНИРОВАНИЯ КОНВЕРГЕНТНОЙ РЕДАКЦИИ В ВУЗЕ (В РАМКАХ ЖУРНАЛИСТСКОГО ОБРАЗОВАНИЯ)
Ш.Б. Муллоев, А.С. Аминов ***246***

ТАҲАВВУЛИ ЖАНРИ РЕПОРТАЖ (*дар мисоли маводи матбуоти вилояти Сугд*)
С. Гулов, Д. Самадова ***249***

УСУЛ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ПРОБЛЕМАҲО ДАР АСАРИ БАДЕӢ
Ҷамила Раҳмонова ***252***

ОБРАЗ ВА ТАСВИРҲОИ БАДЕӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКА ***(дар мисоли эссе ва сафарномаҳои Абдулҳамид Самад)***
Н.А. Кӯчарова ***258***

ОСОБЕННОСТИ ОТРАЖЕНИЯ ИСТОРИЧЕСКИХ СОБЫТИЙ В РАДИОФИЛЬМАХ
С. Ходжазод ***262***

ВЗАИМООБУСЛОВЛЕННОСТЬ ЖАНРОВОЙ СПЕЦИФИКИ И «ИНФОРМАЦИОННОЙ» НАПОЛНЕННОСТИ СТРУКТУРЫ ТЕКСТА
А.А. Рахимов ***264***

НИГОҲЕ БА САЙРИ ТАЪРИХИИ ТАШАККУЛИ МАТБУОТИ МУСТАҚИЛ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД
З. Сатторова ***270***

МАКТАБИ ТАКМИЛИ ИХТИСОС
И. Ашуров ***273***

ТАРЗИ ИСТИФОДАИ ҲУҶҶАТ ДАР ФИЛМИ МУСТАНАД
Д.Х. Бобоев ***275***

КАЛИМАВУ ИФОДАҲОИ МАЪМУЛ ДАР МАТБУОТИ ТОҶИК ВА БА ВУҶУД ОВАРДАНИ АФКОРИ УМУМ ***(дар мисоли рӯзномаи «Ҷумҳурият» ва «Озодагон», соли 2013)***
Қ. Мухторӣ ***277***

ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ВА ШИНОХТИ МЕЪЁРҲОИ ОН ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ ДАВРАИ ҶАНГ
М. Маҳмадова ***280***

РИОЯИ МЕЪЁРҲОИ АХЛОҚӢ – ВАСИЛАИ МУҲИММИ КОМЁБӢ
Х.У. Раҳимҷонов ***285***

МАСЪАЛАИ ҲУВВИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ПУБЛИТСИСТИКАИ УСТОД АЙНӢ
Э.А.Хушвахтов ***289***

РОМАНТИКАИ ИДЕАЛӢ ВА ИНЪИКОСИ ОН ДАР АСАРИ БАДЕӢ
Ҷамила Раҳмонова ***291***

РИОЯИ ОДОБИ ЖУРНАЛИСТӢ ДАР САҲИФАИ АНГЛИСЗАБОНИ СОМОНАИ «АЗИЯ ПЛЮС»
Ф. Мирзоева ***298***

ФИЛМИ БАДЕӢ ВА ИСТИФОДАИ ҲУҶҶАТ
Д.Х. Бобоев ***300***

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В научном журнале «Вестник Таджикского национального университета» печатаются статьи, содержащие результаты научных исследований по естественным, гуманитарным и экономическим наукам.

При направлении статьи в редколлегию авторам необходимо соблюдать следующие правила:

Размер статьи не должен превышать 10 страниц компьютерного текста, включая текст, таблицы, библиографию, рисунки и тексты аннотаций на таджикском, русском и английском языках.

Статья должна быть подготовлена в системе Microsoft Word. Одновременно с распечаткой статьи сдается электронная версия статьи. Рукопись должна быть отпечатана на компьютере (гарнитура Times New Roman Tj 14, формат А4, интервал одинарный, поля: верхнее - 3см, нижнее – 2,5см, левое – 3см, правое – 2см;), все листы статьи должны быть пронумерованы.

Сверху страницы по центру листа указывается название статьи, ниже через один интервал инициалы и фамилии автора (авторов). Ниже название организации, адрес, e-mail. Далее через строку следует основной текст. В конце статьи после списка литературы приводятся аннотации на русском и английском языках и ключевые слова (8 - 10 слов).

Список литературы приводится в общем порядке после основного текста статьи. Авторы должны соблюдать правила составления списка использованной литературы. Он должен содержать 5-6 наименований литературы.

Научные статьи, представленные в редакцию журнала, должны иметь экспертное заключение, авторскую справку (для статей серии естественных наук) и отзыв специалистов о возможности опубликования.

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения статьи.

Статьи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Муҳаррири масъул: **М. Ибодова**
Муҳаррирон: **Ш. Абдуллоева**, **Н.Расулова,**
М.Манонова

Ответственный редактор: **М. Ибодова**
Редакторы: **Ш. Абдуллоева, Н.Расулова,**
М.Манонова

ДМТ, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17, бинои асосӣ, утоқи 37
ТНУ, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17, главный корпус, каб. 37
Телефон: 227-74-41 **E-mail: vestnik-tnu@mail.ru**
Сайт ТНУ: tnu.tj